ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 32+891.550 (66.3+83.3 Тоҷ)

**САФАРЗОДА ЭҲСОН**

# МАСЪАЛАҲОИ СИЁСӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ САДРИДДИН АЙНӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ
аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ

**Мушовири илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, академик
Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ

ДУШАНБЕ – 2026

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА**......................................................................................4-16

**БОБИ 1. НИГОҲЕ БА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ ПУБЛИТСИСТИКАИ СИЁСИИ ТОҶИК**.............................................17-115

1.1. Заминаҳои пайдоиши публитсистикаи сиёсӣ дар адабиёти тоҷик..........17-66

1.2. Публитсистикаи сиёсии тоҷик дар ибтидои асри XX...............................66-80

1.3. Нақши матбуот дар ташаккул ва рушди публитсистикаи сиёсии тоҷик.......................................................................................................80-115

**БОБИ 2. УСТОД АЙНӢ – АСОСГУЗОРИ ПУБЛИТСИСТИКАИ СИЁСИИ НАВИНИ ТОҶИК** ......................................................................116-162

2.1. Мавқеи сиёсии муаллиф дар асарҳои насрию назмӣ............................116-147

2.2. Воқеияти замон дар асарҳои бадеӣ .......................................................147-162

**БОБИ 3. УСТОД АЙНӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ МИЛЛАТ ВА ЗАБОНУ АЛИФБО** .........................................................................163-239

3.1. Мафҳуми «тоҷик» ва масъалаҳои забону алифбо аз нигоҳи устод Айнӣ..........................................................................................163-214

3.2. Худшиносии миллӣ, сиёсат ва мамолики Шарқ дар публитсистикаи С. Айнӣ...........................................................................................214-239

**БОБИ 4. БАРРАСИИ МАСОИЛИ СИЁСИИ ЗАМОН ДАР ОСОРИ ТАЪРИХӢ** ......................................................................240-331

4.1. «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»: омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва натиҷагирӣ..........................................................................240-256

4.2. Ҷанбаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»........................................................................256-258

4.3. Нақши «Таърихи инқилоби Бухоро» дар бедории фикрӣ ва ҳувияти миллӣ.....................................................................................285-331

**БОБИ 5. СОХТОР, ХУСУСИЯТҲОИ ЖАНРӢ ВА УСЛУБИИ ПУБЛИТСИСТИКАИ СИЁСИИ УСТОД АЙНӢ** .................................332-371
5.1. Сохтор, хусусиятҳои жанрӣ ва услубии мақола ва асарҳои бадеии устод Айнӣ.........................................................................................333-347
5.2. Адабиёт, публитсистика ва сиёсат: тафовут, ҳамоҳангӣ, таносуби бадеият ва воқеият.....................................................................................347-358
5.3. Вижагиҳои шинохти муаллиф дар публитсистика...............................358-371

**ХУЛОСА**.........................................................................................372-381
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ**.........................................................................................382-384
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**…………………………………………….......385-416

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Дар ҷомеаи муосир сиёсат ва иттилоот ба ҳам тавъаманд. Тамоми амали сиёсӣ, аз қабули қарорҳои давлатӣ то баромадҳои расонаӣ, дар заминаи иртиботи ҷамъиятӣ сурат мегирад. Яке аз шаклҳои муҳимтарини ин иртибот, ки ҳамзамон, функсияи иттилоотӣ, таҳлилӣ ва таблиғотӣ дорад, публитсистикаи сиёсӣ мебошад. Публитсистика ҳамчун соҳаи эҷоди иҷтимоӣ ҳанӯз аз асрҳои XVIII-XIX дар Аврупо ба шакли васеъ рушд карда бошад ҳам, вале дар асри XX ва ибтидои асри XXI маҳз публитсистикаи сиёсӣ ба яке аз муҳимтарин василаи ташаккули афкори ҷамъиятӣ, ташвиқу таблиғ, танқиди иҷтимоӣ ва таъсиррасонӣ ба шуур ва рафтори сиёсӣ табдил ёфтааст.

Публитсистика, бахусус, публитсистикаи сиёсӣ василаи муассири тарбияи маърифати шаҳрвандӣ, ташаккули ҷаҳонбинии сиёсӣ ва идоракунии равандҳои иҷтимоӣ мебошад. Маҳз дар чунин шароит омӯзиши публитсистикаи сиёсӣ ва таҳлили нақши он дар низоми муосири иртиботи ҷамъиятӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Аз ҷониби дигар, рушди технологияҳои иртиботӣ ва фароҳам омадани дастрасии васеъ ба шабакаҳои иҷтимоӣ муҳити нави публитсистиро ба вуҷуд овардааст. Имрӯз мубоҳисаҳои сиёсӣ дар баробари расонаҳои анъанавӣ дар фазои рақамӣ бештар сурат мегиранд. Ин тағйирот талаб менамояд, ки нақши публитсистикаи сиёсӣ дар вазъияти нави иттилоотӣ бознигарӣ шавад. Маҳз дар ин замина, омӯзиши василаҳои таъсиррасонии публитсистикаи сиёсӣ ба афкори ҷамъиятӣ, ташаккули парадигмаҳои нави иттилоотӣ, тарзи ба роҳ мондани муколамаи сиёсӣ ва таҳлили хусусиятҳои забони публитсистии сиёсӣ аҳаммияти назариявии ин таҳқиқотро муайян месозад.

Дар баробари ин, публитсистикаи сиёсӣ дар ҷомеаҳои муосир нақши муҳимми танзимкунандаи иҷтимоиро иҷро мекунад. Маводди публитсистӣ дар қолаби жанрҳое чун мақола, сафарнома, табсира, мусоҳиба, очерк, фелетон, памфлет ва ғайра ифодагари вазъи иҷтимоию сиёсии замон мебошанд. Омӯзиш ва таҳқиқи ин мавод имкон фароҳам меорад, ки қонунмандиҳои ташаккули

публитсистикаи сиёсӣ муайян гардида, хусусиятҳои жанрӣ ва услубии онҳо ба таври илмӣ таҳлил шаванд.

Омӯзишу баррасии публитсистикаи сиёсӣ дар осори устод Айнӣ яке аз мавзуъҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ ва публитсистикашиносии тоҷик маҳсуб ёфта, дар ин бобат ҳарчанд аз ҷониби муҳаққиқон аз оғози нимаи дуюми асри бистум асару мақолаҳои зиёди илмӣ таълиф шуда бошад ҳам, ба таҳқиқи ҷанбаи сиёсии осори устод Айнӣ кам таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Аз ин рӯ, ҳадаф аз таҳқиқу баррасии диссертатсионӣ масъалаҳои сиёсӣ дар осори публитсистии устод Айнӣ мебошад. Публитсистикаи сиёсӣ бо илмҳои дигари ҷамъиятшиносӣ, чун таърих ва сиёсатшиносӣ алоқамандии наздик дорад. Аз ин рӯ, онҳое, ки ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ мекунанд, аз назария ва амалияи илмҳои мазкур истифода менамоянд, зеро публитсистикаи сиёсӣ дар доираи илмҳои сиёсатшиносӣ, ҷамъиятшиносӣ ва таърих низ омӯхта мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониҳо бо аҳли зиё бештар ба рушди адабиёту ҳунар таваҷҷуҳ намуда, дар назди эҷодкорон вазифаҳои муҳим гузошта, онҳоро ба эҷоди асарҳои мондагори манфиатовари ҷомеа ҳидоят менамоянд. Рисолаҳои таърихию илмии Пешвои миллат, аз ҷумла, «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» ва «Уфуқҳои истиқлол», ба хазинаи асарҳои беҳтарини публитсистӣ, махсусан, публитсистикаи сиёсӣ дохил мешаванд. Таваҷҷуҳ ба он ки адибон бештар ба таҳияи мақолаҳои публитсистӣ ва очеркҳои проблемавӣ даст зада, мардумро аз рӯйдодҳои кишвар, дастовардҳои диёри азизамон, масъалаҳои рӯз ва хатарҳои даҳшатбори замонаи ноором огоҳ созанд, дар меҳвари суханрониҳо қарор дорад.

Масоили таърихи пайдоиш ва ташаккули ин намуди эҷод муҳим арзёбӣ мешавад. Теъдоди асарҳои публитсистӣ вобаста ба талаботи замон ва вазъи сиёсӣ аз оғози асри гузашта дар адабиёти тоҷик якбора рӯ ба афзоиш ниҳода, бори аввал дар рисола заминаҳои пайдоиш, ташаккул, хусусиятҳои жанрӣ ва услубию сохтории он мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шуд.

Масъалаи чӣ будани публитсистика дар нимаи дуюми садаи XX дар алоқамандӣ бо назари адабиётшиносӣ шуруъ гардидааст. Аз ҷумла, доир ба кадом навъи эҷод мансуб донистани публитсистика назари муҳаққиқон мухтасар буда, ба тавсифи публитсистикаи сиёсӣ камтар таваҷҷуҳ шудааст ва назарҳо баҳснок аст. Таҳқиқи ин мавзуъ ба назари мо аз чанд ҷиҳат муҳим аст.

Якум, вақте публитсистикаи сиёсӣ ва заминаҳои пайдоишу рушди он дар Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор мегирад, пеш аз ҳама, ном ва осори устод Садриддин Айнӣ дар сархати он ҷой дода мешавад. Қаблан баъзе унсурҳои публитсистикаи сиёсӣ дар осори бархе аз шоиру нависандагони тоҷик ба мушоҳида расад ҳам, публитсистикаи сирф сиёсӣ ба маънои имрӯзаи он дар адабиёти тоҷик дар оғози асри бистум арзи вуҷуд кард ва дар осори публитсистии устод Айнӣ бармало гардид. Дуюм, таърихи таълифи асарҳои дорои хусусияти публитсистикаи сиёсидоштаро маҳз аз мақолаҳои публитсистии устод Айнӣ дар оғози солҳои бистуми асри гузашта шуруъ кардан мумкин аст.

Сеюм, хусусиятҳои жанрии публитсистикаи сиёсӣ бори аввал маҳз дар мақолаҳои устод Айнӣ ба мушоҳида расиданд. Чорум, интихоби ин мавзуъ ба эътибор ва мавқеи Қаҳрамони Тоҷикистон устод Айнӣ иртиботи қавӣ дошта, симои ин шахсияти таърихиро дар равзанаи дигар бозтоб менамояд. Мусаллам аст, ки мақолаҳои публитсистӣ ба эҷоди асарҳои калонҳаҷми насрии устод Айнӣ сабабгор шуда, обрӯю эътибори ӯро ҳамчун сардафтари адабиёти навини тоҷик такмил бахшидаанд.

Бинобар ин, мавзуи ин таҳқиқ дар заминаи асарҳои бадеӣ, публитсистӣ, таърихӣ ва илмии устод Айнӣ сурат гирифта, самти таҳқиқ ба инъикоси масъалаҳои сиёсӣ, ҳувияти миллӣ, худшиносию худогоҳӣ ва хештаншиносӣ ихтисос дода шудааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мавзуи публитсистикаи сиёсӣ дар таҳқиқоти илмии кишварҳои гуногун мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор гирифтааст. Дар ҳавзаи илмии Россия, истилоҳи «публитсистика» аз асри XIX маъмул буда, решаи он ба осори муҳаққиқон ва нависандагони маорифпарвар

(Гертсен [90], Белинский [79], Чернишевский [259]) мерасад. Дар замони Шуравӣ публитсистика ҳамчун воситаи тарғиби идеологияи давлатӣ ва муборизаи сиёсӣ таҳким ёфт. Олимон, ба монанди С. В. Образтсов [181], А. А. Тертичний [221], Е. П. Прохоров [188] асосҳои назариявии публитсистикаи сиёсиро ҳамчун соҳаи вижаи адабиётшиносӣ ва журналистика таҳия намуданд.

Аз охири асри XX ба инҷониб, дар илмҳои муосир публитсистика бештар аз дидгоҳи сиёсӣ ва иртиботи иҷтимоӣ таҳлил мешавад. Дар ин самт, тадқиқоти М. М. Бахтин [74] оид ба «жанрҳои сухан», Т. А. Ван Дейк [298] оид ба таҳлили нутқи сиёсӣ ва Ю. Хабермас [247] дар бораи «иртиботи амалӣ» таъсири бузург гузоштаанд.

Дар фазои пасошуравӣ публитсистикаи сиёсӣ ҳамчун воситаи асосии таъсир ба афкори ҷамъиятӣ мавриди таваҷҷуҳи зиёд қарор гирифтааст. Як қатор корҳои илмӣ ба ин мавзуъ бахшида шудаанд. Аз ҷумла, Г. П. Поспелов [187], Н. А. Одинтсов [183], С. Г. Корконосенко [134], З. В. Сенук [309] нақши публитсистика дар ташаккули фарҳанги сиёсӣ, Л. С. Павлюк [307] хусусиятҳои забонӣ ва семантикии публитсистикаи сиёсӣ, А. В. Шаврова [295] публитсистикаи сиёсиро ҳамчун қисми анъанаи риторикии Россия баррасӣ намудаанд. Аз ин таҳқиқот бармеояд, ки публитсистикаи сиёсӣ дар Россия ва кишварҳои дигар, ҳамзамон, функсияи иттилоотӣ, таҳлилӣ ва таблиғотиро иҷро мекунад.

Дар муҳити илмии кишварҳои Ғарб (ИМА, Олмон, Бритониё, мамлакатҳои Скандинавия) омӯзиши публитсистикаи сиёсӣ бештар дар доираи сиёсатшиносӣ ва иртиботи сиёсӣ (political communication) сурат мегирад. Масалан, Simon Lübke «Authenticity in Political Communication» [297] ба таҳлили «аслият» дар публитсистикаи сиёсӣ таваҷҷуҳ намудааст. Sebastian Sturm «Political Communication and Voter Choice» [296] таъсири публитсистика ва таблиғоти сиёсиро ба интихоби шаҳрвандон нишон додааст. Liudmila Voronova «Gendering in Political Journalism» [299] ҷанбаи гендерӣ дар журналистикаи сиёсиро таҳлил кардааст. Benedikt Hügelmann «Political Influencers?» [292] робитаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва публитсистикаи сиёсӣ,

инчунин, Antonis Skamnakis «Politics, Media and Journalism in Greece» [291] муносибати ВАО ва қудрати сиёсиро аз нигоҳи публитсистӣ таҳқиқ кардаанд.

Дар илми тоҷик низ солҳои охир ба мавзуи мазкур таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир шуда, асару мақолаҳои илмӣ таълиф гардидаанд. Дар ин замина, аз муҳаққиқон И. Усмонов [234], А. Саъдуллоев [214], М. Имомзода [130], М. Абдуллозода [51], М. Муродӣ [164], А. Азимов [61] ва дигарон метавон ёдовар шуд, ки дар таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва таърихии публитсистикаи тоҷик пажуҳишҳо анҷом додаанд. Пажуҳишҳои ин муҳаққиқон дар омӯзиш ва таҳлили адабиёт ва публитсистикаи тоҷик судманд мебошанд.

Гарчанде перомуни осори устод Айнӣ пажуҳишҳои гуногун анҷом ёфтаанд, таҳқиқи мукаммали онҳо маҳз аз дидгоҳи публитсистикаи сиёсӣ ҳанӯз ба таври ҷиддӣ ва фарогир сурат нагирифтааст. Аз ин ҷост, ки дар замони муосир омӯзиши публитсистикаи сиёсӣ аҳаммияти муҳим пайдо намуда, пажуҳишҳо дар ин самт тадриҷан густариш меёбанд. Таҳқиқи публитсистикаи сиёсӣ дар Тоҷикистон, махсусан, дар асоси осори устод Айнӣ метавонад ба таҳкими ҳувияти сиёсӣ ва миллии ҷомеа мусоидат намояд. Аз ин рӯ, баррасӣ ва таҳлили осори публитсистии устод Айнӣ аз нигоҳи илмӣ дар чанд самти асосӣ сурат мегирад:

Якум, асарҳои публитсистии устод Айнӣ ба масъалаҳои муҳимми сиёсии давр бахшида шуда, дар онҳо масъалаҳои худшиносӣ, ҳувияти миллӣ ва шинохти асолати миллат мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ин осор воқеияти иҷтимоию сиёсӣ, зиндагии сангин дар давраи Аморати Бухоро ва сиёсати даврони Шуравиро бозгӯ менамоянд.

Дуюм, баррасии масоили сиёсии замон, аз ҷумла, масъалаи забони тоҷикӣ ва номи тоҷик дар матбуоти солҳои 20-30-юми асри XX. Дар шароити ҳассос ва хатарзо устод Айнӣ бо таълифи мақолаву асарҳои пурмазмун тавонист дар ҳифзи арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ нақши бориз гузорад.

Сеюм, осори адабии устод Айнӣ, ки дорои мазмуни қавии иҷтимоӣ мебошанд, тавассути қаҳрамонҳои худ сиёсати зулмонӣ ва тафаккури куҳнаро

танқид намуда, ғояҳои равшангароӣ, илмомӯзӣ ва пешрафти ҷомеаро тарғиб мекунанд.

Чорум, осори назмии устод Айнӣ, ки дар онҳо масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ мавқеи меҳварӣ доранд, ҳамчун намунаҳои назми публитсистӣ воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии замонро инъикос менамоянд.

Панҷум, асарҳои илмии Садриддин Айнӣ, ки дар онҳо симоҳои илму адаби тоҷик дар тӯли таърих баррасӣ шудааст, аҳаммияти бориз доранд. Дар ин асарҳо нақши мутафаккирону донишмандони гузашта барҷаста инъикос ёфта, шинохти хотираи таърихӣ ва арзёбии мероси фикрии онҳо ҳамчун омили муҳимми таҳкими худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ маънидод мегардад.

Дар маҷмуъ, омӯзиши публитсистикаи сиёсӣ дар шароити муосир аҳаммияти бузург дошта, дар шинохти амиқи асолати миллӣ, таҳкими ҳувияти миллӣ ва дарки равандҳои сиёсии замон нақши муассир мебозад. Ҳамзамон, чунин таҳқиқ дар муборизаҳои иттилоотӣ ва ҳифзи арзишҳои миллии ҷомеаи тоҷик аҳаммияти хос дорад.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи кори диссертатсионӣ ба барномаҳои таълимӣ ва илмии самтҳои журналистика, сиёсатшиносӣ, адабиёт ва таърих иртиботи амиқ дорад. Таҳқиқ як фасли корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 маҳсуб меёбад. Инчунин, кори диссертатсионии мазкур аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №263 «Дар бораи стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030» мувофиқат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади таҳқиқ омӯзиш ва баррасии масъалаҳои сиёсӣ дар осори публитсистӣ, бадеӣ, илмӣ ва таърихии устод Айнӣ мебошад. Дар заминаи таҳқиқи осори публитсистии устод Айнӣ метавон дар баробари бузургтарин шахсияти илмӣ, адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистон будан, ҳамчунин, ақидаи асосгузори публитсистикаи муосири тоҷик будани устодро ба исбот расонд.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои ноил гардидан ба мақсади асосии таҳқиқ ҳалли вазифаҳои зерин ба миён гузошта шуд:

- мушаххас намудани заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиш, ташаккул ва давраҳои рушди публитсистикаи сиёсии тоҷик;
- муайян намудани махсусиятҳои публитсистикаи сиёсии тоҷик дар ибтидои асри XX;
- баррасии нақши матбуоти даврӣ дар ташаккули публитсистикаи сиёсии тоҷик;
- мушаххас намудани нақши устод Айнӣ дар ташаккули публитсистикаи сиёсӣ;
- баррасии мавқеи сиёсии устод Айнӣ дар осори бадеии дорои оҳанги публитсистӣ;
- муайян намудани муносибати устод Айнӣ ба воқеиятҳои замон;
- баррасии осори публитсистию таърихӣ ва бадеӣ;
- арзёбии нақши публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ дар ташаккули афкори миллӣ, худшиносию худогоҳӣ ва бузургдошти арзишҳои миллӣ;
- таҳлили афкори сиёсӣ ва иҷтимоии устод Айнӣ дар марҳалаҳои гуногуни эҷодӣ;
- муайян намудани дидгоҳи устод Айнӣ оид ба масъалаҳои миллӣ ва маънавии тоҷикон;
- таҳқиқи осори таърихию бадеии устод Айнӣ ва муайян намудани онҳо;
- мушаххас намудани хусусиятҳои сохторию жанрӣ ва услубии публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ.

**Объекти таҳқиқ.** Ба сифати объекти таҳқиқ асарҳои бадеӣ, публитсистӣ, таърихӣ ва илмии устод Айнӣ интихоб гардид.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқ**. Омӯзиши заминаҳои таърихии ташаккули публитсистикаи сиёсӣ ва муайян намудани мавқеи масъалаҳои сиёсӣ дар осори публитсистии Садриддин Айнӣ мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ.** Дар таҳқиқоти мазкур ба адабиёти назариявии олимону донишмандони тоҷику рус такя карда шудааст. Аз ҷумла, асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, таҳқиқоти олимони русу тоҷик В. Бартолд, С. Брагинский, Х. Мирзозода, С. Табаров, М. Шукуров, А. Маниёзов, М. Имомзода, А. Раҳмонзода, Х. Асозода, А. Кучарзода, А. Маҳмадаминов, И. Усмонов, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, М. Абдуллозода, М. Муродӣ, А. Азимов, Ш. Муллоев, П. Гулмуродзода, Б. Ҳошимзода ва дигарон асос ва роҳнамо буданд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Мавзуи мазкур дар таҳқиқоти олимони тоҷику хориҷӣ ишора шуда бошад ҳам, ба таври алоҳида мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Дар диссертатсия бори аввал андеша ва масъалаҳои сиёсӣ дар осори устод Айнӣ, мавқеъ, шинохт ва ҳифзи манфиатҳои миллат дар публитсистикаи устод Айнӣ мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор мегирад. Ҳамчунин, дар пажуҳиш ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии публитсистика, нақш ва мавқеи жанрҳои публитсистика дар инъикоси мавзуъ низ таваҷҷуҳ шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Заминаҳои ташаккули публитсистика, аз ҷумла, публитсистикаи сиёсӣ дар адабиёти тоҷик ба асри X рост меояд. Дар баъзе осори назмию насрии адибони замон масъалаҳои иҷтимоию сиёсии замон ба таври гуногун баён гардида, таҳқиқи онҳо дар шинохти ин навъи эҷод саҳифаҳои навро ба вуҷуд меорад.

2. Дар асри XX публитсистика аллакай ҳамчун соҳаи мустақили эҷод таъсиргузор гардид. Осори публитсистӣ ба мақсади таъсир ба афкори ҷомеа

эҷод мешуданд. Бо пайдоиш ва рушди матбуот мақому вазифаҳои публитсистика боз ҳам тақвият ёфт ва ба ташаккули публитсистикаи сиёсӣ замина фароҳам овард.

3. Дар адабиёт, публитсистика ва илми садаи XX тоҷик Садриддин Айнӣ аз асосгузорон шинохта шуда, бо фаъолияти иҷтимоии худ публитсистикаи тоҷикро ба марҳалаи нав ворид намуд. Аз ин рӯ, ҳар гоҳ сухан аз публитсистикаи тоҷик, бахусус, публитсистикаи сиёсӣ равад, номи устод Айнӣ дар меҳвар қарор мегирад.

4. Публитсистикаи сиёсии С. Айнӣ дорои сохтори муназзаму мантиқии афкор буда, ифодагари ҷаҳонбинии фарохи ӯст, ки аз андешаҳои равшангароӣ то ташаккули ғояи миллӣ устувор гардидааст. Ин осор баёнгари воқеияти сиёсию иҷтимоӣ ва маънавии замон аст.

5. Яке аз масъалаҳои меҳварии публитсистикаи сиёсӣ бедории сиёсӣ, боло бурдани маърифат ва худшиносии миллӣ мебошад. Ҳамин мақсад дар тамоми осори устод Айнӣ муназзам пайгирӣ гардида, тавассути тасвири воқеияти таърихӣ ва бозкушоии мушкилоти маънавии ҷомеа баён шудааст. Осори устод Айнӣ ба афкори ҷомеа таъсири амиқ гузошта, ҳамчун заминаи таърихии ташаккули андешаи сиёсии миллати тоҷик баромад ва матбуот ҳамчун восита ва фазои мубориза сиёсӣ хидмат кардааст.

6. Услуби баён ва тасвири устод Айнӣ ифодагари меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ буда, ба ташаккули идеологияи давлатӣ оид ба арзишҳои миллӣ такон бахшидааст. Осори устод Айнӣ дорои мазмунҳои миллию умумибашарӣ буда, шахсияти хушахлоқ ва инсондӯст будани муаллифро нишон медиҳанд. Дар осори ӯ ғояҳои ваҳдати миллӣ ва озодии инсон ҷойгоҳи хос дошта, онҳо ҳамчун мактаби тафаккури миллӣ арзёбӣ гардидаанд.

7. Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоии публитсистикаи устод Айнӣ дорои арзиши баланди омӯзишӣ низ мебошанд, зеро онҳо ҳамчун намоди таҳлил ва бозтоби воқеияти ҷомеа дар шароити гузариши таърихӣ хидмат кардаанд. Дар публитсистикаи С. Айнӣ раванди иҷтимоии замон бо иштироки шахсиятҳо, табақаҳо ва зиддиятҳои замон тасвир мегардад. Маҳз ҳамин тарзи баррасӣ

имкон дода, ки воқеият дар осори Айнӣ бо тамоми печидагиву мураккабиаш дар робита бо сарнавишти инсон ва ҷомеа инъикос ёбад.

8. Дар шароити муосир, ки масъалаи ҳифзи арзишҳои миллӣ ва асолати давлатдорӣ аҳаммияти хос пайдо кардааст, публитсистикаи устод Айнӣ дар шинохти равандҳои сиёсии замон равзанаҳои навро боз намуда, дар таҳкими ғояи давлатдорӣ, адолати иҷтимоӣ ва худшиносии миллӣ мусоидат мекунад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ.** Натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшуда донишҳои назариявиро дар фаҳмиши публитсистикаи сиёсӣ афзуда, метавонад самтҳои нави пажуҳишро дар шинохти публитсистикаи сиёсии муосир ба вуҷуд оварад. Таҳқиқи мазкур муносибат ва мавқеи муҳаққиқро ба масоили уфуқҳои нави публитсистикашиносӣ муайян менамояд.

Аҳамияти амалии таҳқиқ бо доираи васеи имкониятҳои татбиқи натиҷаҳои он муайян мегардад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд аз ҷониби олимон, муҳаққиқони ҷавон ва донишҷӯёни факултетҳои журналистика, филология ва сотсиология ҳамчун заминаи илмӣ-методӣ барои анҷом додани таҳқиқоти минбаъда истифода шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд аз ҷониби кормандони эҷодии воситаҳои ахбори омма ва мутахассисони соҳаи сиёсати иттилоотӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи таҳлилӣ ва касбии публитсистикаи сиёсӣ, такмили воситаҳо ва механизмҳои сиёсати иттилоотии давлатӣ мавриди истифода қарор гиранд. Дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва маводи таълимию методӣ оид ба журналистика ва публитсистика низ аз натиҷаҳои ин таҳқиқ метавон кор гирифт. Инчунин, натиҷаи таҳқиқ барои мутахассисони соҳаи иртиботи омма, сиёсатшиносон, хизматчиёни давлатӣ ва марказҳои таҳқиқотӣ ҳамчун манбаи илмӣ-таҳлилӣ ҷиҳати омӯзиши механизмҳои таъсири публитсистика ба афкори ҷамъиятӣ ва ташаккули рӯзномаи миллӣ судманд буда метавонанд.

Маводи диссертатсияро, ҳамчунин, ҳангоми таҳияи монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, таҳияи лексияҳо ва машғулиятҳои амалӣ аз рӯйи фанҳои «Таърихи публитсистикаи тоҷик», «Публитсистика ва адабиёт»,

«Публитсистикаи сиёсӣ», «Назарияи публитсистика» ва дигар фанҳои ба ин самт алоқаманд истифода кардан мумкин аст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Масъалаҳои сиёсӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ» ба шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мувофиқат менамояд. Дар доираи муқаррароти **бандҳои 7, 9 ва 11-и «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ** масъалаҳои зерин мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд:

- заминаҳои таърихӣ ва марҳалаҳои ташаккули публитсистикаи сиёсӣ дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик;

- нақши матбуоти даврӣ дар ташаккул ва рушди публитсистикаи сиёсӣ;

- нақши публитсистикаи сиёсӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани сатҳи худогоҳии иҷтимоию сиёсии ҷомеа;

- бозтоби воқеиятҳои замон дар публитсистикаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ ва робитаи он бо сарнавишти ҷомеа;

- баррасии масъалаҳои забон ва адабиёт, худшиносии миллӣ ва масъалаҳои сиёсӣ дар публитсистикаи сиёсӣ;

- инъикоси масъалаҳои муҳими сиёсӣ ва иҷтимоии замон дар асарҳои публитсистӣ ва аҳаммияти онҳо дар равандҳои тағйирёбии ҷомеа;

- хусусиятҳои сохторӣ, жанрӣ ва услубии публитсистикаи сиёсӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Диссертант дар таҳқиқи мавзуъ, таҳлили маводди ҷамъоварда, таълифи мақолаҳои илмӣ ва диссертатсия мустақилият дошта, дар раванди корҳои таҳқиқотӣ бо мушовири илмӣ машваратҳои илмӣ намудааст. Монография ва мақолаҳои илмии унвонҷӯ натиҷаи пажуҳишҳои ӯ буда, дар шакли маърӯзаҳои илмӣ низ дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ дар шакли маърӯза дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалии илмӣ-назариявии зерин мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

а) байналмилалӣ:

- конференсияи байналмилалии «Дипломатияи об ва омилҳои фарогирии он дар бозтоби ВАО-и кишварҳои Осиёи Марказӣ» дар мавзуи «Нигоҳе ба публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ дар мисоли повести «Ҷаллодони Бухоро» (Душанбе, Осорхонаи миллии Тоҷикистон, 14 апрели соли 2021);

- конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Нақши Абуали ибни Сино дар ташаккули илм ва фарҳанги башарият» дар мавзуи «Нақши Садриддини Айнӣ дар муаррифии Абуалӣ ибни Сино» (Душанбе, ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 11 ноябри соли 2025);

- конференсияи байналмилалии илмӣ-амали «Просветительские идеи Ахмади Дониша как фундамент формирования просветительство ва Центральной Азии» на тема «Взгляд Садриддина Айни на дипломатические мысли Ахмада Дониша» (Дипломатическая академия и Посольство Республики Таджикистан в Российская Федерация, 12 ноября 2025 года);

- конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Муоширати бисёрфарҳангӣ, нақши забонҳо, адабиёт ва илм дар рушди ҷомеаи муосир» дар мавзуи «Нақши Садриддини Айнӣ дар инкишофи забони адабии муосири тоҷик ва худшиносии миллӣ» (Душанбе, ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 20 ноябри соли 2025).

б) ҷумҳуриявӣ:

- конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Васоити электронии ахбор дар шароити вусъатёбии муборизаҳои иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ» дар мавзуи «Масъалаҳои миллӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ дар осори бадеӣ ва публитсистии устод Айнӣ» (Душанбе, ДМТ, 2 октябри соли 2024);

- конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии «Таъсири интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоидат ба таърихи васоити ахбори омма ва омӯзиш дар замони муосир» дар мавзуи «Устод Айнӣ – асосгузори публитсистикаи сиёсии нави тоҷик» (Кӯлоб, ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, 3 майи соли 2025);

- конференсияи ҷумҳуриявии «Нақши Иҷлосияи тақдирсози миллат ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими Истиқлоли давлатӣ» дар

мавзуи «Пешвои миллат ва рушди давлатдории миллӣ» (Душанбе, 15 ноябри соли 2024).

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суратҷаласаи №10 аз 22.04.2026) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои асосии кори диссертатсионӣ дар 2 монография, 27 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 15 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, 13 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 416 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

# БОБИ 1
# НИГОҲЕ БА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ ПУБЛИТСИСТИКАИ СИЁСИИ ТОҶИК

Осори бадеӣ ва илмии бисёре аз классикони адабиёти тоҷик хусусияти публитсистӣ доранд. Осори хаттии даврони Сосониро пажуҳишгарон аз зумраи эҷоди публитсистӣ донистаанд. Дар осори олимон, муаррихон ва адибони асрҳои IX-XI ва асрҳои миёна услуби публитсистӣ бартарӣ пайдо кардааст. Асарҳои ин давра аз он ҷиҳат қобили таваҷҷуҳанд, ки бо забони фаҳмову сода таълиф гардида, бештар хусусияти тавзеҳӣ, тарғиботӣ, насиҳатию саёҳатӣ дошта, ба нақлу ривоятҳои халқӣ монанданд. Бинобар ин, зарур аст, ки заминаҳо ва омилҳои ташаккули публитсистикаи тоҷик дар адабиёти зиёда аз ҳазорсолаи тоҷику форс мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки публитсистикаи имрӯзаи тоҷик, махсусан, публитсистикаи сиёсӣ дар заминаи хушку холӣ ба вуҷуд наомадааст ва намунаҳои аввалини он ба ҳаракати маорифпарварӣ дар асри XIX ҳамбаста буда, солҳои бистуми асри XX рушду такомул ёфтааст.

## 1.1. Заминаҳои пайдоиши публитсистикаи сиёсӣ дар адабиёти тоҷик

Мусаллам аст, ки дар адабиёти тоҷик вазъи иҷтимоии замон ба таври амиқ ва ҳамаҷониба баррасӣ гардидааст. Дар осори адабӣ метавон омилҳои таъсиргузор ба афкори оммаро равшан эҳсос намуда, нақши онҳоро дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва шуури ҷомеа мушоҳида кард. Адибон, муаррихон ва донишмандони тоҷик дар асарҳои хеш дар мавриди рӯйдодҳои таърихӣ ва вазъи иҷтимоӣ андешаву мулоҳизаҳои худро баён кардаанд, ки маҳз ин порчаву қисматҳои осори онҳо метавонад намунаҳои аввалини иҷтимоъгароӣ ва заминаи пайдоиши публитсистика дар адабиёти тоҷик бошад. Чунин намунаҳоро дар асарҳои бисёре аз шоиру нависандагони асрҳои XI-XIX-и тоҷик, аз ҷумла, Носири Хусрав, Убайди Зоконӣ, Низомулмулк, Аҳмади Дониш

метавон мушоҳида кард. Ин ҷо нахуст ба таври намуна «Сафарнома»-и Носири Хусравро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор хоҳем дод.

Носири Хусрави Қубодиёнӣ (солҳои 1004-1088) аз зумраи адибон ва олимони шинохта аст, ки осори илмию бадеӣ, ақидаҳои маорифпарварӣ ва инсонгароёнаи ӯ дар тамоми ҷаҳони Шарқу Ғарб мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар мавриди баёни ҳақиқати иҷтимоӣ ва ҳатто афкори сиёсии худ дар асарҳои насрӣ ва ашъори хеш боҷуръатона рафтор кардааст. Бо ин хусусият, осори Носири Хусрав аз адибони классики тоҷику форс фарқи куллӣ дорад. Ба андешаи Абулҳусайни Зарринкуб, «Носири Хусрав, ки бо хушунат ва маноъати хоссе ҷаҳонхорон ва динфурӯшони Хуросонро дар зери тозиёнаи интиқод мекӯфт, ирзои хотири ононро ваҷҳаи ҳиммат қарор намедод» [116 с. 49].

Дар ҳақиқат, афкори миллатпарастӣ, ватандорӣ, шинохти қадру қимати мардум дар назди Носири Хусрав манзалати баланд дошт ва дар ин бобат ӯ бе ягон рӯю риё, ошкоро сухан кардааст.

Носири Хусрав асарҳои зиёди насрӣ навиштааст, ки дар онҳо ба ин ё он андоза оҳангҳои публитсистӣ мушоҳида мешаванд. Ин ҷо мо фақат яке аз асарҳои муҳимми ӯ – «Сафарнома»-ро, ки ба забони тоҷикӣ таълиф намудааст ва дар он омолу афкор ва андешаҳои иҷтимоии шоир бештар ва равшантар инъикос ёфтаанд, мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

Муҳаққиқи тоҷик Мурод Муродӣ менависад, ки ҳарчанд Носири Хусрав адиби ориф аст, «...дар руҳияи публитсистӣ танқид намудани масъалаҳои иҷтимоӣ низ мавқеи намоён дорад. Ин ҷиҳатро дар кулли осори ӯ – «Зодулмусофирин», «Ҷомеъулҳикматайн», «Хонулихвон», «Кушоишу раҳоиш», «Ваҷҳи дин», «Сафарнома», «Равшаннома», «Саодатнома» метавон мушоҳида кард. Аммо миёни ин асарҳо «Сафарнома» мавқеи хоса дорад. Ин асар на танҳо саропо воқеияти мушаххаси замонро дар бар мегирад, балки дар адабиёти тоҷик аз аввалин асари қолаби публитсистика (сафарнома) иншогардида ба ҳисоб меравад» [168, с. 6].

Жанри асар сафарнома аст. Дар он сафари ҳафтсолаи Носири Хусрав ба Шому Мисру Араб дар солҳои 437-444 ҳ. тасвир ёфтааст. Муҳтаво ва мақсади сафар аз он иборат аст, ки бедодиҳои золимони турки ғазнавӣ ва абгору нопадид шудани қасри орзуҳои ба дил парварида, нолаву фиғони мардуми зери пои аспони ғосибон афтода, даҳри абри сиёҳ фарогирифта ӯро водор мекунад, ки… баҳри ёфтани риштаи адлу адолат ва хушгувориву хушбахтиҳои олами инсон ба сафар бароядъ.

Баъди мушоҳидаи вазъи ноҳинҷори осиёимиёнагии асри нуздаҳум ва аввали асри бистум, маорифпарварони ватандӯсти тоҷик низ баҳри дарёфти ҳақиқат ва раҳоӣ аз вазъи ногувори иҷтимоӣ ба сафари ҳаҷ ва Туркияву Аврупо мерафтанд. Адабиётшиноси тоҷик Х. Асозода дар ин хусус зикр намудааст: «Дар он замон (аввали асри бистум – С. Э.) ҳам ягона роҳи фирори рӯшанфикрон аз муҳити фасоди аморати Бухоро нияти зиёрати хонаи Худо кардан буд. Дар замонаш Носири Хусрави Қубодиёнӣ ҳам аз муҳити Балх бо ҳамин баҳона худро халос намудааст» [71, с. 25].

Аммо ин маънои онро надорад, ки ҳамаи онҳо бо мақсади раҳоӣ аз шиканҷаи даврон роҳи гурезро пеш гирифта бошанд. Носири Хусрав низ аз азобу шиканҷа ва гирифториҳои ҳақиқии зиндагӣ худро ба канор нагирифтааст. Ин аст, ки нахуст роҳи сафарро пеш гирифта, сипас ҳама чизи хуберо, ки аснои сафар мушоҳида кард, барои таҷриба, ҳамчун оинаи ҷаҳоннамо пеши чашми дигарон гузошт, то ба мансабдоронашон дарси ибрат шавад.

«Сафарнома» яке аз асарҳои муҳимтарини мутафаккир ба ҳисоб рафта, ба забонҳои зиёд тарҷума шудааст. Ба таъкиди Маликушшуаро Баҳор низ «Сафарнома»-и Носири Хусрав латифтарин осори насрии ӯст» [75, с. 305].

Агар гӯем, ки сафарноманависӣ ба ин шаклу услуб маҳз аз Носири Хусрав шуруъ шудааст, хато намекунем. Аксари «Сафарнома»-ҳову «Саёҳатнома»-ҳо, ки дар таърихи адабиёти форсӣ беш аз 300 адад будани онҳо таъкид шудааст, ҷанбаи маорифпарварӣ ва навгароӣ доштанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даврони Шуравӣ то имрӯз ба фаъолияти эҷодии Носири Хусрав таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, чандин маротиба

осори мутафаккир ба нашр расида, доир ба он корҳои зиёди таҳқиқотӣ низ анҷом дода шудаанд.

«Сафарнома» аз он нукта шуруъ шудааст, ки ҳадафи асосии сафари ба миёномадаро ифода кардааст: «Аз хоби дӯшин бедор шудам, акнун бояд, ки аз хоби чиҳилсола низ бедор шавам» [267, с. 8]. Ин ҷо ҳадафи асосӣ ба таври файласуфона ифода гардидааст. Яъне, мутафаккир маънои зиндагии чил соли пеш аз сафарро хоби руҳонӣ тасаввур кардааст ва ниҳоят бедор шуда, ба сафар баромадааст. Ҳамин тавр, ҳар як сухани Носири Хусрав ҳамчун шоири мутафаккир, файласуф, олими дин маънои амиқ дорад. Маълум мешавад, аз он рӯзе, ки шоир нияти сафари ҳаҷ кард, тафаккуру фаҳмиш ва ҷаҳонбинии ӯ дигар шуд, ба олами дигар роҳ ёфт. Баъдтар хоҳем дид, ки ин дунёи нав мушоҳидаву мулоҳизаву пешниҳодҳои манфиатовар оид ба тартиби нави мамлакатдорӣ, ободонӣ, кӯшиш барои рафоҳияти зиндагӣ аст. Вобаста ба ин, Носири Хусрав номаълум ба сиёсат ва интиқоди ҳаёти иҷтимоӣ даст задааст, ки онро метавон ҳамчун назари публитсистии шоир шинохт.

Махсусияти давраи мазкури зиндагии шоир низ ба қавли муҳаққиқон, ба эҷодиёти ӯ бетаъсир намондааст, яъне, «шояд ба сабаби фишори бештари сиёсӣ аз ватан берун рафта бошад» [267, с. 11]. Шояд яке аз сабабҳо дар ҳамин омил нуҳуфта бошад. Дар бораи сабабҳои ба сафар баромадани Носири Хусрав дар адабиёти илмӣ фарзияҳои гуногун низ мавҷуданд. Ба ҳар ҳол, дар ин давра «баробари мавзуи фаъолияти пурсамари сиёсиву мазҳабӣ ва фалсафии худ, масъалаи ҷудоӣ аз ёру диёр (ба ибораи худаш – «аз насли Каёниён гусастам») ва мазаммати амирону шоирони дарбории Хуросон мавқеи марказӣ доранд» [267, с. 11]. Носири Хусрав ба ҳамкасбони худ – аҳли эҷоду ҳунар назари беғаразона дорад, дар осори ӯ кам воқеъ гардидааст, ки монанди шоирони дигар ба мавзуи шахсияту ҳусну қубҳи санъаткорон ва аҳли илму адабу фарҳанги замон дахолат карда ё эрод гирифта бошад. Ҳар андешаеро, ки баён доштааст, ба дарку фаҳмиш ва дидгоҳи ӯ рабт дорад. Ин яке аз бартариҳои осори Носири Хусрав ба шумор меравад. Ҳарчанд «ба Юмгон ӯ зи шарри дев ниҳон» шудааст,

аммо ҷойе нагуфтааст, ки ин дев кист ва маҳз дар ин ҷо, дар охири умр ба кори пурмаҳсули эҷодӣ дар соҳаи фалсафа, дин ва адабиёти бадеӣ машғул шуд.

Муҳаққиқон, аз ҷумла, донишманди эронӣ Дониши Сиёқӣ дар бораи маҳз як асари сафарномавӣ ва дар тасвири сафар бетафовут будани Носири Хусрав зикр кардааст, ки ӯ ҳангоми эҷоди «Сафарнома» ба ягон зиёдаравӣ роҳ надодааст ва бо тарзи баёни бетафовут оид ба пешравиҳои ҷомеаҳои дигар ба ҳокимони Хуросону Осиёи Миёна дарси ибрат нишон додааст, яъне, дар ин давра Носири Хусрав алҳол як марди муътадил буд. Ин махсусияти «Сафарнома» аз назари бисёр муҳаққиқон пинҳон намондааст. Пеш аз ҳама, олими эрони Сиёқӣ, ки нусхаи беҳтарини асари зикршударо омода кардааст, ба ин масъала бо таваҷҷуҳи бештар назар дӯхтааст. «Сафарнома» сухани боз аст ва дар парда дар он андешаву ҳадафи рамзомез вуҷуд надорад, муаллиф ба падидаҳои фарҳангӣ, ҳодисоти замон (иҷтимоӣ, иқтисодӣ) бархӯрди воқеъбинона дорад, чизи хубро хуб мегӯяд, бадро – бад. Масалан, агар ҷойе бинад, ки ҳукумати шиа кори хуб анҷом додааст, онро таъриф мекунад, агар ҷойе шииъиён амали нохубе анҷом диҳанд, онро мазаммат менамояд. Ҳангоми тасвири шаҳри Табарияи Шом, ки дар канори он қабри яке аз бузургон будааст, чунин омадааст: «Ва гӯри Аби Ҳурайра он ҷост, беруни шаҳр дар ҷониби қибла, аммо касе он ҷо ба зиёрат натавонад рафтан, ки мардумони он ҷо шиа бошанд ва касе он ҷо ба зиёрат равад, кӯдакони он ҷо ғавғову ғалаба бар сари он кас баранд ва заҳмат диҳанду санг андозанд, аз ин сабаб ман натавонистам зиёрати он кардан» [248, с. 60]. Чӣ тавре мушоҳида мешавад, ҳарчанд таваҷҷуҳи Носири Хусрав ба мазҳаби шиа бештар буд, аммо ин ҷо аз гуфтани ҳақиқат рӯй нагардондааст. Ба қавли нависанда ҳукуматдорони қарматии Байрайн (Баҳрайн) баробарӣ ва адолати иҷтимоиро ҷорӣ карда буданд, аммо муаллиф баробари ин, боварҳои сода ва таассуби мардуми шиаи ин ҷоро аз нигоҳи танқидӣ баҳо додааст.

Бо вуҷуди он ки дар кишвари Араб ва Ҳиҷоз Носири Хусрав бо як қатор некиву саховатмандиҳо нисбат ба хеш рӯ ба рӯ мешавад, баъзе рафтору кирдори номатлуби арабони бадавӣ ва биёбоннишинро низ зикр мекунад ва

сабаби инро аз дурӣ аз шаҳрҳои фарҳангӣ ва таълиму тарбия донистааст. Баъзе қабилаҳои араб, ки дар биёбонҳо зиндагӣ мекарданд, ба корвонҳо ва мусофирони роҳгузар ҳамла намуда, молу ашёи онҳоро ғорат мекарданд. Аз ин рӯ, ҳокимони шаҳрҳо барои таъмини амнияти мусофирон шахси маъруфу бонуфузеро ба сифати роҳбалад ё кафил ҳамроҳи онҳо мефиристоданд. Муаллиф нақл мекунад, ки танҳо бо мусоидати чунин роҳбалад тавонистааст аз ҳуҷуми қабилаҳо эмин монад. Ҳамчунин, аз зиндагии бисёр сода ва вазъи ногувори баъзе қавмҳои бодиянишин ёдовар шуда, сабаби ақибмондагии онҳоро дур мондан аз илму маърифат ва муҳити фарҳангӣ медонад. Носири Хусрав он чизҳоеро, ки бо чашми хеш дидааст, нақл кардааст. Дар ҳақиқат, дар баъзе ҷойҳо умуман нон намехӯрдаанд, зеро ғалларо намедонистанд ва хӯрокашон гӯшти сусмор будааст. Носири Хусрав ба ҷуз китоб сармояе надошт, аммо қавме, ки дар роҳ бо онҳо вохӯрд, мардуме буданд аз донишу китоб дур. «Ва ман бад-ин Фалҷ чаҳор моҳ бимондам, ба ҳолате, ки аз он саъбтар набошад. Ва ҳеч чиз аз дунявӣ бо ман набуд, илло ду сала китоб. Аз таҳлилу таҳқиқ бармеояд, ки Носири Хусрав дар ин асараш заррае тарғиби ин ё он мазҳаб ва ҳатто динеро ҳадаф қарор надодааст.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар мавриди сиёсат ва ҷомеа мутафаккири тоҷик ба он таваҷҷуҳ кардааст, шаҳри Адлу Амн аст. Ин масъала дар осори Абуалӣ ибни Сино низ инъикоси худро ёфтааст. Аз назари Ибни Сино Мадинаи Одила яке аз қисматҳои муҳимми фалсафаи сиёсати мудун (шаҳрҳо) мебошад. Дар ин қисмати фалсафаи амалӣ Ибни Сино андешаҳояшро оид ба сабабҳои пайдоиш ва моҳияти ҷомеа, сохтори сиёсии он ва ҳокимияти сиёсӣ баён кардааст.

Назарияи Мадинаи Одила дар фалсафаи Абуалӣ ибни Сино хуб кор карда шудааст. Мувофиқи андешаи Ибни Сино, шарти асосии ҳаёт ва пешрафти ҷомеа амали фоидабахш ва мубодилаи натиҷаи кор мебошад. Дар ҷомеа ҳама бояд кор кунанд ва аз натиҷаи кори якдигар баҳравар шаванд. «Дар Мадинаи Одила набояд касе бекор ва бе ҷойи муқаррар вуҷуд дошта бошад. Ҳар касе бояд фоидае ба ҷомеа расонида бошад» [60, с. 304]. Ибни Сино дар ин маврид

пайрави назарияи афлотунӣ-арастуӣ буда, намунаи шаҳри адолатпарварро дар мавҷудияти аҳли чунин табақа ва тоифаҳо медонад: 1) мудаббирон – подшоҳон, дарбориён, сарлашкарон; 2) ҳунармандон – пешоварон ва деҳқонон; 3) посбонон – лашкариён ва нигаҳбонони тартиботи ҷамъиятӣ. Ба қавли Ибни Сино, «касе зарур аст, ки қонун ва адолатро муқаррар кунад ва чунин кас бояд тавассути сухан имконияти мурочиат ба мардумро дошта бошад ва мардумро барои риояи қонун ухдадор кунад… дар акси ҳол дар байни онҳо нифоқ ба вуҷуд хоҳад омад ва ҳар касе он чизро адолат мешуморад, ки барояш фоидабахш аст» [54, с. 304-305]. Ҳоло ҳам чунин аст: одамон аксар вақт ҳамон чизро ҳақиқат ва қонунӣ меҳисобанд, ки ба нафъи худашон аст. Аз ин рӯ, будани роҳбари сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ҳама гуна ҷомеа зарур мебошад.

Чӣ гуна будани ҳокимияти сиёсӣ ва асосҳои ҳуқуқии онро Ибни Сино таҳлил карда, ба хулосаи зер омадааст, ки дар шароити онҳо ҳокимияти сиёсии халифат манфиатовар аст. Ҳамин тавр, дар масъалаи ҳокимияти сиёсӣ Ибни Сино пайрави Абуҳанифа буд. Муҳимтарин шарти сарвари Мадинаи Одила на насаб, балки фазилатҳои шахсии кас мебошад.

Ин масъала дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав низ ба таври барҷаста ва бо намунаҳо шарҳу баён ёфтааст. Вобаста ба ин, Носири Хусрав ғояи муҳимми сиёсиеро баррасӣ намудааст, ки он зуҳури амалии адолат дар низоми идории шаҳрҳои Адл ва Амн мебошад. Дар мавриди пешниҳоди шаҳрҳои Адл ва Амн Носири Хусрав аз файласуфони тоҷик, чун Абуалӣ ибни Сино, Форобӣ, Низомулмулк, Абуҳомиди Ғаззолӣ ва шоирони классики достонсаро илҳом гирифта, аз пешниҳодҳои назариявии онҳо ба амалия гузаштааст ва шаҳр (мамлакат)-и боадолатро дар мисоли аёнӣ нишон додааст. Аз ин ҷиҳат, ӯ аз намунаи риояи адолат дар шаҳрҳои афсонавӣ ва ривоятӣ як қадам пеш гузоштааст.

Аз ин рӯ, наметавон гуфт, ки «Сафарнома» асари сирф ҷуғрофӣ ва тасвири як саёҳат, балки яке аз асарҳои публитсистии тарғиботию ташвиқотӣ ва фаҳмондадиҳии сиёсию иҷтимоӣ мебошад.

Дар ҳақиқат, ҳадаф аз тасвири пешрафтҳои илмиву техникӣ ва фарҳангии баъзе мамлакатҳои Шарқ дар асар нишон додани таҷрибаи пешқадам ва истифодаи огоҳмандонаи онҳо мебошад. Аз назари касе пинҳон нест, ки дар он давра, баъди заволи ҳукумати Сомониён (асрҳои XI-XII) вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии давлатҳои Мовароуннаҳр ва тамоми Хуросон бад шуд.

Дар «Сафарнома» Носири Хусрав зимни тасвири воқеоти сафар ва мушоҳидаҳои ҷолиб ва хонданӣ, амалияи иҷтимоӣ, ҷустуҷӯи идеал ва модели иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад. Нависанда ба масъалаҳое диққат додааст, ки барои инсоният ҳаётан заруранд, чун фарҳанги меъморӣ ва биносозӣ, зироаткорӣ, ободонӣ, обёрӣ, интихоби масолеҳи сохтмону дигар дастовардҳои ҳунарӣ ва техника. Дар бораи сарварӣ, давлатдорӣ, сиёсати одилонаи андоз, молия, қарз, сиёсати таъмини маоши хидматчиён аз тарафи давлат мушоҳидаву хулосаҳои муҳиммеро ироа кардааст, ки чунин афкор минбаъд дар навиштаҳои маорифпарварони асрҳои XIX-XX-и тоҷик идома ёфтаанд. Маорифпарварони асрҳои зикршуда, аз ҷумла, Аҳмади Дониш вуҷуд надоштани чунин сиёсатро дар ҳукуматдории Аморати Бухоро танқид кардааст.

Носири Хусрав назарияҳои маълуми пешгузаштагон ва ҳамзамонон, аз ҷумла, Ибни Синоро дар амалия ва воқеият нишон дода, барои ин аз миқдори зиёди далелу арқом, шарҳу эзоҳот истифода намудааст. Яъне, нависанда зимни сафар ба дидори шаҳрҳои Адлу Амн расида, онҳоро барои ҳамшаҳриёни худ аз Хуросону Мовароуннаҳр ҳамчун намуна нишон додааст. Дар баробари ин, ғояи роҳбарияти дуруст ва идоракунии оқилонаи давлат дар «Сафарнома» равшан инъикос ёфтааст. Ин масъала нав набошад ҳам, дар асарҳои файласуфон ва шоирони классики ҷаҳон чун «подшоҳи одил» ёдовар шуда, Носири Хусрав ғояи номбурдаро бо мисолҳои воқеӣ нишон додааст. Аз ҷумла, ба сиёсати давлатдории танҳо чор минтақаи Шарқ таваҷҷуҳ намуда, маконҳои амну осударо ном бурдааст. Ҳамаи ин подшоҳон дар замони Носири Хусрав ҳукмронӣ кардаанд ва нависанда кору аъмолашонро шоҳид будааст. Ҳатто боре хоҳиш кардааст, ки ӯро ба маҷлиси султон роҳ диҳанд, то идораи ӯро бо чашми худ бинад. Аз ин бори дигар ба хулоса омадан мумкин аст, ки Носири Хусрав

бештар чизи дидаашро тасвир кардааст ва нигориши ӯ воқеъгароёна мебошад. Аз ҷумла, аз тарзи давлатдории Мустансир – султони Миср бештар ба ваҷд омада, бисёр саҳифаҳои асараш тасвири давлатдорӣ ва ободиҳои ин мамлакат мебошанд. Дар тасвири султон ва самимияту хоксории ӯ таваҷҷуҳи нависанда ошкор аст: «Марде ҷавон, тамомҳайкал, поксурат… Бар астаре нишаста буд, зину лагоме бетакаллуф, чунон ки ҳеч зару сим бар он набудӣ» [255, с. 98]. Дар соате, ки халиҷи мазкур фатҳ мешавад, султон даст ба хайру саховат мекушояд, пеш аз ҳама, дасти дармондагонро мегирад: «Ва аввали киштӣ, ки дар Халиҷ афканда бошад, ҷамоате ахрасонро, ки ба порсӣ гунгу лол мегӯянд, дар он киштӣ нишонда бошанд, магар онро ба фол дошта будаанд ва он рӯз султон эшонро садоқот фармояд» [248, с. 99]. Адолати султони Миср ба андозае буда, ки вақте ҷаддаш (бобояш) масҷидеро аз ҳокимони пешинаи Миср мехарад ва баъдтар соҳибони он бозпас омада, бо баҳонаи он ки шумо масҷид харидаед, на манора, манори онро вайрон карданӣ мешаванд, султони мусулмон боз «панҷ ҳазор динор ба эшон додааст ва манораро ҳам бихарида» [248, с. 101]. Мақсадаш вайрон нашудани ҷойи ободе будааст, бинобар ин, талаби бебунёди соҳибони онро ҳам қонеъ намудааст. Подшоҳи гелакӣ низ аз ҷумлаи подшоҳони он чор мулки амн буд.

Масъалаи подшоҳи одил яке аз мавзуъҳои муҳимми «Сафарнома» буда, он на ба тарзи ривоят чун дар асарҳои панду насиҳатии адибони дигар, балки ба таври воқеӣ бозтоб шудааст. Чунончи, ҳикоятҳои овардаи Низомулмулк дар «Сиёсатнома» агар аксаран хусусияти ривоятӣ дошта бошанд, ҳодисаҳои тасвиркардаи Носири Хусрав воқеӣ мебошанд. Дар он шоҳи одилро аз чанд ҷанба мавриди баррасӣ қарор додаст, ки яке аз он усули ғайримуқаррарӣ менамояд. Султони шаҳри Лаҳсо (дар қисмати шарқии нимҷазираи Араб) «марде буд шариф ва он мардумро аз мусулмонӣ боздошта буд ва гуфта: «Намозу рӯза аз шумо баргирифтам… Валекин бар Муҳаммади Мустафо (с) ва пайғамбарии ӯ муқирранд» [248, с. 142]. Ҳарчанд рафтори он подшоҳ аҷиб бошад ҳам, Носири Хусрав ҳамчун донишманди дин ӯро мазаммат накардааст ва танҳо кирдорҳои мусбаташро зикр намудааст, аз ҷумла, аз мардуми одӣ

андоз намеситондааст, барои онҳое, ки қарздор шаванд, ёрии пулӣ мерасондааст.

Ягона кирдоре, ки ҳайратовар ва ба назари дирӯзиёну имрӯзиён гуноҳ менамояд, ба намозу рӯза даъват накардани ӯ будааст. Аммо «агар касе намоз хонад, ӯро боз надоранд, вале худ накунанд» [248, с. 144]. Яъне, касе ба афроди намозхон кордор набуд ва касе ба бенамоз ҳам намегуфт, ки чаро чунинӣ. Амали дигари ноҳинҷор байни ин мардум ҳаммом нарафтани онҳо буд. Ба андешаи муаллиф, мардум тамоми умр гармобаро надидаанд ва намедонанд, ки бо оби равон чи гуна бояд бадани худро пок кард. Носири Хусрав ва бародараш низ давоми ин муддат аз гармоба ва оби равон маҳрум буданд, чун ба Басра мерасанд, «аз бараҳнагиву оҷизӣ ба девонагон монанда будем ва се моҳ буд, ки мӯйи сар боз накарда будем» [248, с. 147]. Хушбахтона, вазири он ҷо «марде аҳл ва адибу фозилу некуманзар ва мутавозеъ дидам ва мутадаййину хушсухан» [248, с. 148]. Ӯ кумакҳои зиёд ба шоир мекунад, ки дар натиҷа ҳоли онҳо хуш ва саломатиашон беҳ мегардад. Дар ин муддати сафари дурудароз ва душвор, махсусан, дар биёбони Арабистон, Носири Хусрав ягон бор аз вазъи саломатиаш ёдовар нашудааст. Маълум мешавад, ки ӯ он вақт дар айни бардамиву солимӣ будааст, вагарна баъди сафари душвор боз пойи пиёда чанд қисмати роҳро тай кардааст.

Дар давлатдорӣ бисёр қоидаву қонунҳое ҳастанд, ки агар онҳо риоя нашаванд, тавозуни давлат вайрон мешавад. Яке аз муҳимтарини онҳо, масъалаи молия ва нигаҳдории мақомоти давлатӣ мебошад. Маълум аст, ки дар давлатҳои асримиёнагӣ дар Осиёи Миёна, аз ҷумла, дар Аморати Бухоро подшоҳон хидматгорони давлатиро бо маош пурра таъмин намекарданд ва бори заҳмати онҳо ба дӯши халқи бечора буд. Дар ин бобат китоби «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва асарҳои Садриддин Айнӣ гувоҳ буда метавонанд. Дар Аморати Бухоро то рӯзҳои охири давлатдории амирони манғитӣ барои лашкариён ва ходимони давлатӣ маоши муайян аз хазинаи давлат дода намешуд, ба истиснои ҳадияи замин ва мулкҳо ба ивази хизматашон. Таъмини маоши ходимони давлатӣ аксар бар дӯши авом буда, баръакс, бегу ҳокимон ба

амирон аз андозу анҷоми ҷамъовардаашон аз мардум ҳадияҳо мефиристоданд. Дар «Сафарнома» Носири Хусрав ба ҳалли ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир кардааст. Аз ҷумла, дар ҷомеаи тасвиркардаи Носири Хусрав дар Миср давлат ба лашкариён ва дигар ходимон аз хазина маош медод, то ба моли кас тамаъ накунад ва бар мардум ҷабр нашавад. Ҷойи дигар дар тарзи амали давлатдории султонҳои Миср овардааст, ки онҳо чӣ тавр маоши лашкариён ва хизматгорон, харҷи меҳмонони хориҷиро аз ҳисоби хазинаи давлат медоданд, то ба мардум ҷабр нашавад: Лашкари султон аз ҳисоби хазина таъмин гардида, ҳар як сарбоз мувофиқи мартабаи худ маоши муайян мегирифт. Ин тартиб аҳолӣ ва амалдорони маҳаллиро аз талабу фишори сипоҳиён эмин нигоҳ медошт. Ҳамчунин, дар дарбор намояндагони табақаҳои гуногун, аз ҷумла шоҳзодагону маликзодагон, фарзандони ҳокимони кишварҳои дигар, аҳли фазлу адаб, шоиpону фақеҳон ҳузур дошта, ҳар кадом аз хазина маблағи муайян дарёфт мекарданд. Музди бузургзодагон аз панҷсад динор кам набуд. Маълум мешавад, ки ҳам андозситонандагон ва ҳам хазинадорон дар кори худ аз рӯйи инсоф ва адолат рафтор мекардаанд, андозро бе каму кост ба хазина равон карда, аз он дар асоси қоидаву талабот сарф менамудаанд. Дар натиҷа, авом аз подшоҳ чизи пинҳон надоштанд ва ҳама дороияшон ошкору намоён буд. Ба қавли муаллифи сарсухани китоб, инҳо «нуқтаҳои барои замони муосир хеле ҷолиб мебошанд. Аз ҷумла, ба мардум ҷабр накардан ва аз мардум чизеро пинҳон надоштан (шаффофият) нуктаҳои муҳимми давлат ва ҷомеаи мардумӣ (ба истилоҳ – демократӣ) мебошанд» [267, с. 31]. Ҳатто баъзе хароҷоти зимни давлатдорӣ ба миён омада ба гардани халқ бор карда намешавад. Дар мавриди таъмини хароҷоти масҷидҳо низ овардааст, ки дар Миср он бар гардани халқ нест, ҳамчунин, қозии мусулмонон аз хазинаи давлат маош мегирад. Дар чунин ҷамъият порахӯрию ришва ва ғараз аз байн хоҳад рафт, ки ин орзуи мардуми Хуросонзамин ва Носири Хусрав низ буд. Ба андешаи шоир, подшоҳ бояд халқпарвар ва ҳамеша дар ғами мардум бошад. Дар ин маврид, мисол аз султони Миср овардааст, ки замоне дар Макка шароит вазнин буд, ба фуқаро чунин маслиҳат ироа кардааст: «Ҳуҷҷоҷро имсол маслаҳат нест, ки сафари

Ҳиҷоз кунанд, ки имсол он ҷо қаҳту тангӣ аст ва халқ бисёр мурдааст» [248, с. 110]. Дар ҳамон соли душвор сию панҷ ҳазор мардуми дармонда аз Ҳиҷоз рӯ ба Миср оварданд, ки султон онҳоро бо либосу хурока таъмин намуд. Оқибати адолати подшоҳ аст, ки мардум низ дасткушод, ғарибпарвар ва меҳмоннавоз будаанд. Ин аст назари сиёсии Носири Хусрав ба мамлакати амну боадолат. Носири Хусрав аз амнияту осудаҳолии мардуми Миср ёдовар шуда, таъкид мекунад, ки дар солҳои хушксолӣ як бозаргон захираи ғаллаи худро барои шаш сол таъмин кардани аҳолӣ кофӣ донистааст. Ин ҳолат, аз як тараф, фаровонии неъмат ва иқтидори иқтисодии кишвар ва аз ҷониби дигар, адолати султон, амнияти мардум ва набудани зулму ситамро нишон медиҳад. Аз ин рӯ, муҳаққиқон давраи тасвиркардаи ӯро яке аз замонҳои нисбатан орому муътадили таърихи Миср арзёбӣ кардаанд.

Ҳақиқатнигории Носири Хусрав дар «Сафарнома» намунаи беҳтарини мавқеи беғаразона, дурӣ аз ифротгароӣ ва сиёсати маҳдуди мазҳабӣ мебошад. Бинобар ин, омӯхтанро барои ҳамеша дар зиндагонӣ муҳим ҳисобидааст. Ҳодисаеро ёдовар шудааст, ки зимни сафар дар Домғон устодеро вохӯрд, ки ба шогирдон илмҳои гуногун меомӯзонд ва худро шогирди Абуалӣ ибни Сино медонист, аммо вақте дархости аз Носири Хусрав донистани илмеро изҳор намуд, Носири Хусрав дар ҳайрат афтид: «Ман чизе сипоҳиёна донам ва ҳавас дорам, ки чизе аз ҳисоб бихонам», – гуфт. Аҷаб доштам ва берун омадам ва гуфтам: «Чун чизе надонад, чӣ ба дигаре омӯзад?!» [248, с. 42].

Иҷтимоиёт ва сиёсат таваҷҷуҳи Носири Хусравро бештар ҷалб намудааст. Ӯ дар ин маврид бо мисолу намунаҳо ҳадс мезанад: «Ва дар ин шаҳри Ахлот ба се забон сухан гӯянд: тозиву порсӣ ва арманӣ. Ва занни ман он буд, ки Ахлот бад-ин сабаб номи он шаҳр ниҳодаанд. Ва муомилаи он ҷо ба пул бошад. Ва ратли эшон сесад дирам бошад» [248, с. 45]. Маълум мешавад, дар он шаҳр мардумони гуногунзабону гуногунмазҳаб бо амну осоиш зиндагӣ доштаанд ва барои онҳое, ки ба ин ҷо корашон меафтад, дар масъалаи пулу муомилот низ маълумот пешниҳод кардааст.

Адолату оромӣ ба мардум осоишу молу манол меоварад. Ин аст, ки «ба шаҳри Битлис расидем, ба дарае дарниҳода буд. Он ҷо асал харидем сад ман ба як динор баромада буд, ба он ҳисоб, ки ба мо бифурӯхтанд» [248, с. 45]. Яъне, баробари осоиш арзонӣ ҳам ба даст омадааст. Ё ин ки ҷойи дигар тасвир мекунад, ки Арзан шаҳре ободон ва неку бо оби равон буд ва бозорҳое нек ва дар он ҷо буд, ки ҳама чиз бо нархи арзон мефурӯхтанд. Сабаби гӯшзад кардани нарху наво аз ҷониби муаллиф он аст, ки дар он солу замон бо чунин нархҳо дар Хуросон наметавонист маводди ғизоиро дарёфт кунад.

Ҳамчунин, дар мамлакатҳое, ки адлу ободӣ ва бениёзӣ ҳукмрон аст, ҳам давлат ва ҳам мардум дасти афтодагон ва зоирон мегиранд ва ба онҳо хидмат мекунанд. Носири Хусрав ин ҳолатро дар Байтулмуқаддас шоҳид гаштааст.

Яке аз махсусиятҳои асари Носири Хусрав, тавре ки зикр шуд, баёни шаҳру деҳоти обод ва мамлакатҳои адлу амн мебошад. Дар тасвири шаҳри Қазвин овардааст: «Қазвинро шаҳри неку дидам, боруе ҳасин ва кунгура бар онҳо ниҳода ва бозорҳое хуб, магар он ки об дар вай андак буд ва мунҳасир ба корезҳо дар зери замин» [248, с. 42]. Яъне, шаҳрест боҳашамат ва тараққиёт чунон аст, ки бо сабаби камии об зери замин корезҳо бунёд кардаанд.

Ба санъати бинокорӣ ва меъморӣ саҳифаҳои зиёди китоб бахшида шудаанд. Ба ҳунари меъморӣ таваҷҷуҳи зиёд шуда, нависанда ваҷду эҳтироми худро пинҳон надоштааст. Тавре ки мушоҳида мешавад, дар он замон дар мамлакатҳои исломӣ ҳам чун дар ёдгориҳои аз замони румиҳо ва юнониҳо боқимонда дар иморатҳои бузург, аз ҷумла, мадрасаву масҷидҳо санг фаровон истифода мешудааст. Чунин маълумоти муҳим маҳз аз «Сафарнома»-и Носири Хусрав барои мо дастрас мегардад. Дар бораи шаҳри дигаре бо номи Маъарратун-Нуъмон низ ба ободонии он ва аз санг зиёд истифода шуданаш ишора шудааст. Раиси ин шаҳр Абулъалои Маъаррӣ инсони донишманд, хоксор ва раъиятпарвар аст, ки аз ҳусни сиёсати фуқаропарварии ӯ дарак медиҳад: «Неъмати бисёр дошт ва бандагону коргузорони фаровон ва худ ҳама шаҳр ӯро чун бандагон буданд ва худ тариқи зуҳд пеш гирифта буд, гилеме пӯшидаву дар хонае нишаста, ним ман нони ҷавини худро ротиба карда ва ҷуз он ҳеч

нахӯрад» [248, с. 51]. Чунин роҳбарони хоксор танҳо дар кишварҳои амн ва боадолат метавонанд бошанд ва инро Носири Хусрав ҳамчун намуна барои ҳокимони мамлакати худ овардааст. Носири Хусрав аз саховатмандӣ ва ғамхорӣ нисбат ба ниёзмандон ёдовар шуда, менависад, ки дар Миср даромади вақфҳо ба фақирону мусофирон тақсим мегардид. Ҳамчунин, подшоҳ аз мардум, ҳунармандон ва тоҷирон молро ройгон намегирифт, балки арзиши маҳсулоти барои дарбор омодашударо пурра мепардохт. Андоз низ тавассути шахси муайян дар вақти муқарраргардида ҷамъоварӣ ва ба хазина супурда мешуд. Аз ин рӯ, мардум бо майлу рағбат барои давлат кор мекарданд ва мисли баъзе кишварҳои дигар зери фишору маҷбурии амалдорони давлатӣ қарор намегирифтанд. Риояи адолат ба он овардааст, ки ҳунармандон кори подшоҳро аз таҳти дил иҷро мекунанд, зеро медонанд, ҳаққашонро хоҳанд гирифт ва ҳамчунин, бар амонат хиёнат карда нахоҳад шуд, яъне, ҳар он чи ба сифати андоз гирифта мешавад, ба хазинаи давлат пурра пардохт мешавад. Чунончи, маълум аст, ки дар Миср дарёи асосии Нил ҳар сол ба мадду ҷазр гирифтор мешавад ва зиндагии мардум аз он вобаста аст. Носири Хусрав мушоҳида кардааст, ки ҳар гоҳ оби Нил ба дараҷаи даркорӣ баланд шавад, танҳо дар он вақт аз мардум андози муайяншуда гирифта мешавад, вагарна андоз гирифта нахоҳад шуд: «Ва то ҳаҷдаҳ газ боло наравад, хироҷи султон бар раъият нанҳанд» [248, с. 87]. Дар мамлакатҳои боадолат имрӯз ҳам чунин қоида роиҷ аст. Аммо дар Миср ҳамон вақт агар ба заминҳои мардум зиён расад, товони онро давлат медодааст. Маълум мешавад, дар даврони обхезӣ то чаҳор моҳ замини кишти одамон зери об мемондааст, ҷуброни он аз тарафи давлат бо гузашт кардани хироҷи солона таъмин карда, барои минбаъд тозаву хушк кардани замин аз тарафи давлат кумаки молӣ мешудааст. Дар баробари ин, одамон барои ин муддат хӯрокворӣ захира мекардаанд, то танқисӣ накашанд.

Ободӣ натиҷаи заҳмат ва саъйю талоши ҳунари мардуми ҳар диёр аст. Далели инро Носири Хусрав аз мушоҳидаи яке аз ин шаҳрҳо овардааст: «Ва бад-ин шаҳри Тиннис бӯқаламун бофанд, ки дар ҳамаи олам ҷойи дигар набошад, он ҷомае рангин аст, ки ба ҳар вақте аз рӯз ба лавне дигар намояд. Ва

ба мағрибу машриқ аз ҷома аз Тиннис баранд. Ва шунидам, ки султони Рум кас фиристода буд ва аз султони Миср дархоста буд, ки сад шаҳр аз мулки вай бистонад ва Тиннис бар вай бидиҳад. Султон қабул накарда» [248, с. 84].

Истифодаи сангҳои калон, азамату мустаҳкамии иморатҳои Шому Миср нависандаро ба ҳайрат овардааст, дар ҳоле ки дар Хуросону Мовароуннаҳр иморат асосан аз хоку гил бардошта мешуд ва умри дароз надошт. Имрӯз ҳам истифодаи чунин сангҳои бузург, ки вазни ҳар яке ҳафт ҳазор ман бошад ва дар онҳо наққошиҳои зебо кардан қобили қабули ақл нест, вуҷуд дорад. Аммо бозмондаҳои истифодаи чунин сангҳо имрӯз ҳам дар Шому Анатолу дида мешавад. Боиси тааҷҷуб аст, дар он ҷойҳое, ки сангҳои хорову дигар намуди масолеҳи сохтмонӣ ба назар намерасанд, чунон иморатҳои бузурги сангӣ сохтаанд, ки кас ба ҳайрат меафтад ва намунааш аҳромҳои Миср мебошад. Ҳамаи ин рушди илми бинокорӣ ва меъмориро дар он замонҳо исбот мекунад. Ҳадафи Носири Хусрав низ ин аст, ки чунин пешравиҳоро дар мамлакатҳое, ки амнанд, нишон диҳад. «Ва андар навоҳии Шом понсад ҳазор сутун ё сарсутун ва таҳсутун беш афтодааст, ки ҳеч офарида надонад, ки он чӣ будааст ё аз куҷо овардаанд» [248, с. 55]. Чунин тааҷҷуби Носири Хусравро ҳангоми бозгашт дар яке аз шаҳрҳои даштӣ – Асйут низ пай мебарем. То солҳои наздик аксар донишмандон макони истифодаи сангҳои азимро танҳо Мисру Анатолу ва Амрикои Марказӣ медонистанд, аммо маълум мешавад, истифодаи санг дар шаҳру қалъаҳои Шарқи мусулмоннишин низ расм будааст. Чӣ гуна истифода намудани сангҳои гуногуни сахт нависандаро ба андеша водор кардааст ва ӯ ба кордонию ҳунари устоҳо офарин хондааст. Дар Байтулмуқаддас истифодаи сангҳои азимро дида, ба кордонии мардуми ин ҷо қоил шудааст.

Тасвири шаҳрсозию ободкориҳо, ки ба публитсистикаи сиёсӣ тааллуқ дорад, дар «Сафарнома» ҷойгоҳи муҳим дорад. Ӯ шаҳри Табарияро, ки дар соҳили дарёст, ободу шукуфон дидааст: «Ва оби он дарё хушу бомазза аст… ва мардуми он шаҳр ва вилоёте, ки бар канори он дарёст, ҳама об аз ин дарё хӯранд» [255, с. 48]. Аҷоибот дар он аст, ки ҳарчанд пасобҳо ва обҳои чиркин ба ин дарё мерезанд, оби он ҳамеша ширин будааст. Дар Қайсория низ аз

назораи ободиҳо изҳори хушнудӣ кардааст, ки бо оби равону нахлистону дарахтони норинҷу турунҷ ва боруе ҳасину даре оҳанин ва чашмаҳои оби равон дар шаҳр мавҷуд мебошад. Дар тасвири обидаҳои Байтулмуқаддас овардааст: «Даргоҳе азим неку… мунаққаш карда ҳама ба миноҳои мулавван, ки дар гаҷ дарнишондаанд, бар нақше, ки хостаанд, чунонки чашм аз дидани он хира монад» [248, с. 65]. Дар мавриди шаҳрҳои Миср, одамони он, шоҳонаш, ободиҳояш, ки он ҷо бештар вақти худро гузарондааст, маълумоти кофӣ ва боварибахш додааст. Иморатҳои шаҳри Қоҳира чунон мустаҳкам будаанд, ки ба сохтани истеҳкомҳо эҳтиёҷ намондааст. Дар ин шаҳр аз ҳама имкониятҳо истифода карда, шароити хуби зиндагӣ фароҳам овардаанд. Нависанда гоҳе ҳусни таваҷҷуҳ ва шавқу ҳаваси худро аз дидаҳояш ба таври руҷӯи лирикӣ ифода кардааст. Дар ин ҷумлаи кӯтоҳ, ки шеваи баён ба таври руҷӯъ сурат мегирад, бо ҳаяҷон нидо кардааст: «Худоё, дар он рӯз паноҳи бандагон ту бошу афви он. Омин ё рабб-ал-оламин!» [248, с. 63]. Дар чунин порчаҳо назари нависанда аз манзараи дидааш ё ҳодиса бевосита аз забони ӯ ифода ёфтааст. Баъди сафари чормоҳа дар биёбони Араб Носири Хусрав бо як аҳволи вазнин ба Басра, ки дар қисмати шимоли шарқи Арабистон ҷой гирифтааст, расида, аз вазири он ҷо дастгирӣ ва ғамхорӣ дида, аз қарзу балоҳои дигар халосӣ ёфта, шукргузорӣ намудааст. Носири Хусрав ҳар куҷое некӣ бинад, изҳори сипос кардааст ва дар ҳаққи накукорон дуои хайр намудааст.

Носири Хусрав аз мушкилоту воқеиятҳои талхи зиндагӣ канораҷӯӣ накарда, ҳамчун шахсияти мубориз барои беҳбудии ҳаёти инсонҳо талош намудааст. Ӯ ақлу хирад, дурандешӣ ва меҳнати созандаро воситаи раҳоии мардум аз ранҷу андӯҳ медонист. Мутафаккир ба тарбияи маънавию ахлоқии инсон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, бо андешаҳои ҳакимонаи худ барои аз байн бурдани хислатҳои нописанд ва такмили рафтору кирдори одамон кӯшидааст.

Шоир аз рӯйи зарурат гоҳе ба нақлу ривоятҳои мардумӣ низ рӯй овардааст, аммо онро аз дидгоҳи илмӣ ва интиқодӣ мулоҳиза намудааст.

Хусусияти иқлими бисёр минтақаҳои Шому Фаластину Арабистон аз қадим сахту хушк ва ба зиндагӣ номувофиқ буд. Аммо мардум бо заҳмат шароитро ба зиндагӣ ва рафоҳият мувофиқ гардонда буданд ва имрӯз ҳам чунин аст. Дар ин бора Носири Хусрав мушоҳидаҳояшро дақиқ овардааст: «Дар ҳамаи сароҳо ҳавзҳои об бошад аз оби борон... Ва гармобаҳо ва ҳарчи бошад, ҳама аз оби борон бошад» [248, с. 70]. Ҳатто нигоҳдории об дар ҳавзҳо ба тартиби муайян аст, он чун минтақаҳои мо беҳуда ҷорӣ намешавад ва ба зери замин намеравад, идома додааст. Медонем, ки дар ҳамаи шаҳрҳои қадимаи мо чун Самарқанду Бухорову Панҷакенту Хуҷанду Конибодом ва ғайра ҳавзҳо буданд ва ҳоло ҳам ҳастанд ва мардум аз он об мехӯрданд. Аммо ҳавзҳои мо ба дараҷаи даркорӣ ҳифз намегаштанд, дар натиҷа гоҳо сабабгори пайдоиши бемориҳо дар шаҳри Бухоро шудаанд. Аммо ҳавзҳои Шому Фаластин ҳарчанд сарчашмаашон оби борон будааст, покиза будаанд. Чунин ҳолат дар Фаластин низ мушоҳида шудааст. Яъне, дар баъзе аз қисматҳои мамлакат ҳатто болои ҳавзҳоро пӯшида нигоҳ доштаанд, то талаф ва олуда нашавад.

Дар мавриди подшоҳони Миср Носири Хусрав аз ҳама хушбин аст ва он мамлакатро ҳамчун намунаи мамлакати обод, мардумонашро шод ва подшоҳонашро боадолат овардааст. Ҳатто вақте ки халифаи Бағдод ал-Муъизз Лидин-ил-Лоҳ ба пойтахти он Қоҳира лашкар кашид ва он давлати ғайриисломиро ба тоат даровард, фармон дод, ки «ҳеч кас аз лашкари вай ба шаҳр дарнаравад ва ба хонаи кас фуруд наёяд» [248, с. 92]. Азбаски ба пойтахти онҳо надаромад, онро «Қоҳира» номид, яъне, «қаҳркардашуда»; маконеро, ки дар берунтари шаҳр он ҷо фуруд омад ва дар он дашт шаҳре нав бунёд кард, онро «Миср» номид. Шаҳре бунёд кард, ки «назири он кам бошад… ва девори кӯшк аз санги тарошида сохтаанд, ки гӯӣ аз як пора санг тарошидаанд» [255, с. 93]. Дар хусуси вазир низ гуфтааст: «Вазир шахсе бошад, ки ба зуҳду вараъ ва амонату сидқ ва илму ақл аз ҳама мустасно бошад» [248, с. 93]. Яъне, дар Миср ходимони давлат аз ҳама неъматҳо бениёз мебошанд ва ба мардум зулм намекунанд. Авом низ дар ин мамлакат ростқавлу амин ва дурусткоранд: «Аҳли бозори Миср ҳар чӣ фурӯшанд, рост гӯянд ва агар касе ба муштарӣ дурӯғ гӯяд,

ӯро бар уштуре нишонанд ва занге ба дасти ӯ диҳанд ва мунодӣ мекунад, ки: «Ман хилоф кардам, маломат мебинам ва ҳар кӣ дурӯғ гӯяд, сазои ӯ маломат бошад». Дар бозори он ҷо аз баққолу аттор ва пилавар ҳар чӣ фурӯшанд, бордони он аз худ бидиҳанд, агар зуҷоҷ бошад ва агар суфолу агар коғаз, филҷумла эҳтиёҷ набошад, ки харидор бордон бардорад» [248, с. 105]. Агар масъалаи мазкурро бо бозорҳои ҳамонвақтаи Хуросону Осиёи Миёна қиёс намоем, албатта, дар мо чунин набуд. Дар мо бозор асосан ҷойи фиребгарону муғамбирон будааст. Тибқи мулоҳизаи С. Ҷонбобоев, «рисолати аслии «Сафарнома» на ташвиқу тарғиби сиёсиву мазҳаби алоҳида, балки равшангарӣ ва равшаннамоӣ аст, ба ибораи дигар – рисолати он донишсозӣ аст ва донишандӯзӣ дар заминаи фарҳанги сиёсати идораи ҷомеа ва давлат» [267, с. 19].

Албатта, Носири Хусрав танҳо мушоҳидакор ва ноқили бетараф нест, баъзан аз рӯйи шароит ба кори дину мазҳаб низ шуғл варзидааст. Чунончи, ӯро гоҳо подшоҳон ва мардуми ягон маҳал барои олим ва донишманд буданаш ба кори ташвиқ ва тадрис низ ҷалб кардаанд. Дар Айзоб, ки байни Миср ва халиҷ ҷой гирифтааст, мардуми он ҷо он вақт, ки ӯро диданд, даъват карданд, ки барояшон хатибӣ кунад. Н. Хусрав ин даъватро пазируфта, як муддат хатибӣ кардааст. Маълум мешавад, дар ин мамлакат (Миср) олимон ва донишмандон эътибори баланд доштаанд. Масалан, ҳангоми душвориҳои сафар яке аз тавонгарони мисрӣ ба Носири Хусрав кумаки молӣ кардааст: «Ва ин фасл бад-он навиштам, то хонандагон бидонанд, ки мардумро бар мардум эътимод аст ва карам ҳар ҷой бошад ва ҷавонмардон ҳамеша будаанд ва бошанд» [248, с. 121]. Ҳамчунин, вақте ки вазири шаҳри Басра Носири Хусравро аз азоби роҳ ва қарз халос мекунад, ба ӯ миннатдорӣ изҳор намуда, таъкид менамояд, ки инсон бояд ҳамеша ба ояндаи нек умедвор бошад. Ҳангоми гузар аз биёбони Арабистон, ки чаҳор моҳ кашол ёфт, Носири Хусрав уқубати зиёд кашид. Дар байни яке аз қабилаҳои араб, ки аз илму фарҳанг дур монда буд ва ба намоз ҳатто бо силоҳ меомаданд, дониши ӯ кор дод, ба вай наққошии меҳроби масҷидро супориш доданд ва аз ин кор сад ман хурмо ба донишманд расид, зеро, чӣ тавре ки дар

боло зикр шуд, дар ин ҷо «дар он чаҳор моҳ ҳаргиз панҷ ман гандум ба як ҷо надидам». Илова кардааст, ки: «Пас аз он арабон китобҳои ман ба шутур ниҳоданд ва бародарамро бар шутур нишонданд ва ман пиёда бирафтам» [248, с. 141]. Акнун худ қазоват кунед, азоби роҳ ва мардонагию иродаи мустаҳками Носири Хусравро, ки чунин сафари пурхатар ва пуртаҳлукаро интихоб кардааст.

Ниҳоят, Носири Хусрав таъкид менамояд, ки дар баёни саргузашти худ ҳақиқатнигориро риоя карда, тамоми мушоҳидаҳояшро воқеъбинона тасвир намудааст. Ҳамзамон, аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки агар дар маълумоти аз дигарон шунидааш нодурустие ҷой дошта бошад, онро нуқсони муаллиф надонанд ва мавриди сарзаниш қарор надиҳанд.

Бояд қайд кард, ки танҳо хусусиятҳои услуби публитсистӣ дар осори Носири Хусрав дида намешавад, балки дар ин давра, асрҳои миёна ва баъдан асарҳои зиёди насрӣ эҷод гардиданд, ки дар онҳо далоилу арқом ва воқеаҳои иҷтимоӣ мавқеи меҳварӣ доранд. Аз ҷумла, асарҳои алоҳидаи насрии Абуалӣ Ибни Сино, Убайди Зоконӣ, Низомулмулк, Кошифӣ, Мирхонд, Унсурулмаолии Кайковус, Саъдии Шерозӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Аҳмади Дониш ва ғайраро номбар кардан мумкин аст. Аммо дар ин байн асари зикршудаи Носири Хусрав, ки дар жанри саёҳатнома навишта шудааст, тамоми махсусиятҳои услуби публитсистӣ, аз ҷумла, публитсистикаи сиёсиро фаро гирифтааст. Хушбахтона, осори мазкур ба забони тоҷикии форсӣ навишта шуда, боиси ифтихори ҳар тоҷикистонӣ мебошад.

Публитсистикаи тоҷик дар дарозои таърих марҳалаҳои ҷиддиро тай намудааст ва маҳз адибон аввалин заминагузорони публитсистикаи тоҷик мебошанд. Дар ин миён Убайди Зоконӣ яке аз шоирон ва ҳаҷвнигорони адабиёти классикии тоҷику форс аст, ки мавзуъҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро дар либоси танзу зарофат пешниҳоди хонандагон карда, дар ташаккул ва такомули публитсистикаи иҷтимоию сиёсии тоҷик хидмати арзанда кардааст. Дар адабиёти тоҷику форс ӯ бештар бо осори ҳаҷвии хеш шинохта шудааст. Ҳаҷвиёти адиб дар асарҳояш, ба монанди «Ахлоқ-ул-ашроф», «Даҳ фасл»,

«Рисолаи дилкушо», «Сад панд», «Муш ва гурба» ва «Ришнома» гирд оварда шуда, бо хусусиятҳои худ дар адабиёти тоҷик аз дигар осори шоирону нависандагон фарқ мекунанд.

Осори Убайди Зокониро аз нигоҳи забоншиносию адабиётшиносӣ ва публитсистӣ, инчунин, ақидаҳои иҷтимоию фалсафии ӯро муҳаққиқону адабиётшиносони хориҷиву тоҷик, аз қабили Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Убайдуллои Афандӣ, Эдвард Браун, Фарта, Бобоҷон Ғафуров, Иосиф Брагинский, Аббос Иқбол, Воҳид Асрорӣ, Муҳаммадвафо Бақоев, Муллоҷони Шаҳристонӣ, Маъруф Раҷабов, Холиқ Мирзозода, Иброҳим Усмонов, Мурод Муродӣ ва дигарон то як андоза мавриди таҳқиқ қарор додаанд, аммо андешаҳои сиёсии адиб ба таври зарурӣ таҳлилу пажуҳиш нагардидааст.

Муҳаққиқ И. Усмонов ба ин назар аст, ки «иддае аз осори Убайди Зокониро аз сабаби мавҷуд будани калимаҳои номатлуб наметавон нашр кард. Бо ин сабаб, ин навъ ашъори ӯ дуртар аз назари таҳқиқ мондаанд. Камтар кӯшиш шудааст, ки ҳадафи сиёсии Зоконӣ аз он навиштаҳо, мақсади эҷодии ӯ аз истифодаи ин навъ калимаҳо равшан шавад. Муҳаққиқ ба он назар аст, ки омӯхтан ва тадқиқи сареҳ рӯйи ин мавзуъ барои ошкор кардани ақоиди сиёсии Убайди Зоконӣ мусоидат менамояд» [228, с. 10-11].

Зиндагӣ ва осори Убайди Зоконӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Бо вуҷуди ин, баррасии ҳамаи мақолаҳои марбут ба ин мавзуъ зарур нест, зеро дар аксари онҳо андешаҳои яксон бо тарзу шеваҳои гуногун баён шудаанд.

Дар китоби «Таърихи адабиёти тоҷик» зиндагинома, мундариҷа ва то андозае сабку услуби навиштаҳои Убайди Зоконӣ ба таври илмӣ ва мушаххас баён шудааст. «Дар асарҳои ӯ тарзи баёни бадеӣ, илмӣ-муҳокимавӣ, публитсистӣ мушоҳида мешавад» [158, с. 205]. Ҳамзамон бо ин, ба андешаи И. Усмонов, Фарта аз аввалин фарангиён будааст, ки осори ҳаҷвии Убайди Зокониро, ки дарбаргирандаи «Ахлоқ-ул-ашроф», «Ришнома», «Сад панд», «Тарҷеъбанд», «Тазминот ва қитъаот», «Рубоиёт», «Рисолаи дилкушо»,

«Рисолаи таърифот», «Муллодупиёза», «Мушу гурба» ва «Сангтарош» аст, бо забони форсӣ ва франсавӣ дар асри гузашта ба табъ расонида буд.

Муҳаққиқ М. Муродӣ бо такя ба И. Брагинский дар китоби «Публитсистикаи тоҷик» қайд мекунад, ки «дар назми классикии форсӣ ҷиҳати танқиди ҷомеаи замони худ ва тартиботи сиёсӣ ҳеҷ кас ба пояи Убайди Зоконӣ нарасидааст. Хусусияти хоссаи назми классикӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор доштани қаҳрамони мусбат, ҳатто идеалӣ ва идеаликунонидашуда буд. Унсурҳои алоҳидаи танз ва заҳрхандаҳои нишондор аллакай дар ашъори классикони асрҳои 10-12 вуҷуд дошт, аммо танҳо Убайди Зоконӣ ҳаҷви иҷтимоиро ба қуллаи баланд расонд» [165, с. 26]. Аз ин ҷост, ки давраи ташаккули назми иҷтимоӣ ва публитсистикаи сиёсӣ ба эҷодиёти ин адиби номвар рост меояд. Дар осораш ба таври фарогир бо истифода аз аносири ҳунарӣ падидаҳои номатлуби замон танқиду мазаммат шудааст. Дар ин замина, ба таври алоҳида ҳар як асари У. Зокониро дар муқоиса таҳлилу таҳқиқ менамоем.

Рисолаи «Ахлоқ-ул-ашроф» аз асарҳои мондагори ӯст, ки дар қолаби жанрҳои публитсистии имрӯза офарида шудааст.

Дарвоқеъ, таълифоти барҷастаи Убайди Зоконӣ асари мазкур ба ҳисоб рафта, онро соли 1340 дар танқиди ахлоқу одоби бузургон ва ашрофзодагони замони худ дар сабку равияи китобҳои машҳури ахлоқӣ нигоштааст. Услуби баёни он оҳанги киноя ва тамасхурро дошта, амалҳои номатлуби ашрофзодагону мансабдорони замони худро ба риштаи танқиду тамасхур ва танз кашидааст.

Дар муқаддима овардааст, ки ҳадаф аз навиштани асар таъриф ва тавсифи ахлоқи гузаштагону ҳамзамонон, рафтору кирдори дуруст ва нодуруст мебошад. Маълум мешавад, ки кори дунё бар ду асос, қоида, мазҳаб, ахлоқ будааст: ахлоқи қудаморо мардуми имрӯз «мансух», яъне, нодуруст меноманд ва ахлоқи имрӯзро «мухтор», яъне, соҳибихтиёр ва дуруст. Аз қиёси ин ду равия ахлоқи ашроф ҳосил шудааст, ки барои имрӯзиён афзал маҳсуб меёбад. Ҳафт боби рисола ба ҳафт масъалаи алоҳидаи ахлоқӣ: ҳикмат, шуҷоат, иффат,

адолат, саховат, ҳилм, ҳаёву вафо ва раҳмату шафқат бахшида шудаанд. Аз лаҳни сухан ва талхгӯиҳои муаллиф равшан мегардад, ки ӯ ҷонибдори мазҳаби «мансух» (қудамо) буда, аз мазҳаби имрӯзаи «мухтор» афсӯс мехӯрад.

Аз мазмун ва шеваи баёни асар бармеояд, ки «Ахлоқ-ул-ашроф» бештар хусусияти публитсистӣ дошта, унсурҳои бадеии он ба ҳадаф ва услуби асосии муаллиф тобеъ гардидаанд. Тарзи баёни Убайди Зоконӣ чунон мураккабу рамзомез аст, ки муайян кардани мавқеи воқеии нависанда ҳатто барои муҳаққиқон низ осон нест. Муаллиф дар асар ҳам андешаҳои гузаштагон ва ҳам афкори ҳамзамонони худро мавриди танқид қарор додааст.

Яке аз махсусиятҳои муҳим ва ҷолиби осори Убайди Зоконӣ, ки танзу талхгӯй аст, дар ин асари ҷиддии ӯ низ равшан ба назар мерасад. Дар қисмати хулосаи ҳар як боб, ки ба як мавзуи ахлоқӣ бахшида шудааст, бо танз як ҷумлаи таъсирбахш овардааст: «Алҳақ, зиҳӣ бузургони соҳибтавфиқ, ки он чи чандин ҳазор сол бо вуҷуди тасфия (поксозӣ)-и ақлу руҳ маҳҷуб (пӯшида) монд, бе заҳмате бар эшон кашф шуд» [122, с. 267].

Дар мавриди шуҷоат агар мазҳаби мансух (пешиниён) бар асоси илму дониш, мантиқ ва таҷрибаи зиндагӣ бошад, дар ин мавзуъ, назари аҳли мухтор дигар аст: «Кадом далел равшантар аз ин ки ҳар ҷол арӯсӣ ё самоъе ва ҷамъияте бошад, муштамил бар лут (таомҳои лазиз) ва ҳезону ҷангиёну масхарагон (хуллас, аҳли ношудон)-ро он ҷо талаб кунанд ва ҳар ҷо ки тиру найза бояд хӯрд, аблаҳеро ёд диҳанд, ки «ту мардӣ ва паҳлавонӣ ва лашкаршиканию гурди диловарӣ» ва ӯро баробари теғҳо бидоранд» [122, с. 268]. У. Зоконӣ аҳли замонро мазаммат менамояд, ки ҳангоми ҳифзи Ватан аксари онҳое, ки лофи ватандӯстӣ мезананд, ба намоишкорӣ шуруъ мекунанд ва онҳоеро, ки гӯё гӯлу гаранганд, ба муҳориба мефиристанд. Бо ин нависанда мефаҳмонад, ки ҳимояи марзу бум ҷойи далерону шуҷоон аст, на ҷойи «аблаҳон». Аз ин рӯ, бояд ҳимояи ватан аз ҷониби ватандӯстони далер сурат гирад. Ин аст, ки мавсуф дар ин ҳолат ин вазъро чунин ҷамъбаст мекунад: «Эй ёрон, маош ва суннати ин бузургон (яъне, ҳамзамонони мазҳаби мухтор) ғанимат донед! Мискин падарони мо, ки умре дар залолат ба сар бурданд ва фаҳми эшон бад-ин маънӣ

мунтақил (мутаваҷчеҳ) нагашт» [122, с. 268]. Ин ҷо ҳам фикр бо оҳанги танз баён шудааст.

Дарвоқеъ, «ҷанбаи публитсистии асар – муроҷиат ба воқеаҳои аслии зиндагӣ хислати асосии он мебошад... Мақсади асосии муаллиф баёни ҳамон тезисҳо, фикрҳо ва назариёте аст, ки барои асоснок кардани онҳо ба воқеаҳои ҳаётӣ ва ё баъзан хаёлӣ пардохтааст. Ин ҷиҳат боз як бор хислат ва равияи публитсистии асарро возеъ месозад» [228, с. 21].

Дар мавриди иффат (покдоманӣ) мисолҳои равшан оварда шудааст. Агар дар мазҳаби мансух одамон даст гирифтани моли мардум, чашм аз дидани номаҳрам ва шунидани ғайбат мепӯшидаанд, ҳоло, дар мазҳаби имрӯз ин корҳо хато, ҳатто аҳмақона дониста шудааст. Тибқи таълимоти мазҳаби мансух, пояи давлатдорӣ, фармондеҳӣ ва идораи ҷомеа бар сиёсату нигоҳ доштани ҳайбати ҳоким асос меёфтааст. Аз ин рӯ, подшоҳ бояд бо нишон додани қудрат, сахтгирӣ ва муҷозоти зердастон дар дили мардум тарс ба вуҷуд меовард, зеро ба андешаи пайравони ин мазҳаб, раъият танҳо дар сурати тарсидан ба фармони ҳоким итоат мекардааст. Яке аз вижагиҳои осори У. Зоконӣ ба тарзи киноя ва тамасхур баён намудани мушкилоти замон аст. Ин тарзи муносибат ба камбудию нуқсонҳои ҷомеа, аз як тараф, адибро аз ҳолати ногувор раҳонад, аз ҷониби дигар, ба ҳадафрасу таконбахшу таъсиргузор инъикос гардидани масоили мавриди назар мусоидат намудааст.

Дар масъалаи ҳаёву вафо ва шафқат низ агар нек нигарем, чунин менамояд, ки бисёр вақт қавли ҳамзамонон (аҳли мухтор) дуруст мебарояд. «Мард бояд, ки тавонад пеши мардумон ва дӯстон хушомаду дурӯғ ва сухани бариё гӯяд... Ҳар чӣ бар мизоҷи мардум рост ояд, он дар лафз орад...» [122, с. 278]. Аз ин масоил дар замони мо низ баъзан чунин бардошту хулоса бароварда мешавад. Зеро баъзан мушкилот ва камбиҳое вуҷуд доранд, ки барои барҳам додани онҳо қарнҳо зарур аст. Аз ин рӯ, асарҳои У. Зоконӣ дар замони муосир аҳаммияти бештар касб кардааст.

Муҳаққиқ М. Муродӣ қайд мекунад, ки «ҳарчанд дар осори манзуму мансури Убайди Зоконӣ ҳаҷв нақши муҳим дорад, аммо дар байни чунин осор

мавқеъ ва мақоми «Ахлоқ-ул-ашроф» болотар аст. Ин асар аз ҷиҳати хусусияти баҳсӣ доштанаш то андозае ба «Мунозира бо Худо»-и Носири Хусрав наздикӣ дорад. Ҳам дар «Ахлоқ-ул-ашроф» ва ҳам дар «Мунозира бо Худо» зиддиятҳои ақидавӣ ошкор мегардад. Вале дар асари Носири Хусрав бештар моҳияти иҷтимоӣ-сиёсӣ дар мадди назар аст. Дар «Ахлоқ-ул-ашроф» бошад, саросар ахлоқи замони адиб масхара ва мазаммат мешавад» [165, с. 29].

Донишманди тоҷик И. Усмонов таъкид менамояд, ки «Ахлоқ-ул-ашроф» як памфлети маҷмуӣ аст, ё ба ибораи дигар, маҷмуи памфлетҳо мебошад. Лекин «ин маҷмуаи чунин памфлетҳое мебошанд, ки рӯйи як мавзуи ягона навишта шудааст. Ин мавзуи ягона ахлоқ аст. Ҳадафи памфлети мазкур масхара ва ҳаҷв кардани ахлоқи ривоҷёфтаи асри Убайди Зоконӣ аст. Маҷмуъ будани «Ахлоқ-ул-ашроф» ба он асос аст, ки ҳар як қисмати он як мавзуи хурдтареро, ки қисми таркибии мавзуи ахлоқ аст, дарбар мегирад» [228, с. 34].

Дар асари шавқангез ва пур аз танзи Убайни Зоконӣ «Рисолаи дилкушо» низ ба масоили иҷтимоӣ ва сиёсии давр дахл карда шудааст. «Рисолаи дилкушо» аз асарҳои насрии Убайди Зоконӣ буда, бо ду забон – арабӣ ва тоҷикӣ навишта шудааст. Ин рисола аз ҳикояҳои хурд-хурд иборат буда, ба латифаҳои халқӣ монанд аст. Дар ин асар ҳам монанди асарҳои дигараш, Убайди Зоконӣ ахлоқу одоби табақаҳои ҳокими ҷамъият ва хулқу атвори онҳоро шадидан зери танқид гирифтааст.

Убайди Зоконӣ ҳикоятҳо, ба истилоҳи имрӯза латифаҳоеро овардааст, ки бештар оҳанги ҳаҷв дошта, дар навбати худ мушкилоти рӯзгор, камбудиҳои иҷтимоӣ ва ҳаёти сиёсиро ифода кардаанд. Барои мисол, касеро маслиҳат медиҳанд, ки пир шудӣ, ҳаҷ рав. Сабаб меорад, ки харҷи сафар надорам. Маслиҳат медиҳанд: «Хонаатро бифурӯшу ҳазина (сарф) кун. Гуфт: Чун бозгардам. Куҷо сукунат кунам? Ва агар бознагардам ва муҷовири хонаи Каъба монам, Худоям намегӯяд: «Эй аблаҳи нодон, аз чӣ рӯ хонаи худ бифурӯхтӣ ва дар хонаи ман манзил гузидӣ?!» [123, с. 280].

Дар ҳикояҳои дигар дурӯғгӯӣ, баднафсӣ барин хислатҳои манфии гурӯҳи одамон фош ва ба масхара кашида шудааст. Дар ин ҳикоя чун доми фиреб

истифода шудани баъзе амалҳои намоишкорона инъикос ёфтааст: «Сӯфиеро гуфтанд: - Хирқаи хеш бифурӯш. Гуфт: - Агар сайёд доми худ фурӯшад, ба чӣ шикор кунад?» [123, с. 289]. Тавре мебинем, ин ҷо ҳақиқати рӯзгор бо оҳанги танз таҷассум ёфтааст. Ба ин монанд, рафторҳои инсонҳо аз вазъи ҷомеа вобаста аст. Чуноне ки дар латифаи дигар аз касе мепурсанд, ки «чунӣ?» Гуфт: «На чунон ки Худои таоло хоҳад ва чунон ки шайтон хоҳад ва на он гуна, ки худ хоҳам». Дар интиҳои гуфтугузор сухани мард дуруст мебарояд, ки «Худои таоло хоҳад, ки обиде бошам ва чунон наям ва шайтонам кофире хоҳад ва ончунон наям ва худ хоҳам, ки шоду соҳибрӯзӣ ва тавонгар бошам, чунон низ нестам» [123, с. 293]. Ҳолати мазкур имрӯз ҳам баъзан ба мушоҳида мерасад, ки иддае аз одамон аз ночорӣ ба ҳолатҳои ногувор меафтанд ва бешак, ба ҳамаи ин вазъи ногувори иҷтимоӣ ва сиёсии ҳамон кишвар низ сабабгор аст. Дар ин латифа ҳақиқати талхи замони адиб бо ҳаҷву зарофати нозук ошкор карда шудааст.

Хабаркашӣ ҳамчун яке аз хислатҳои бади инсонӣ низ бештар вақт аз вазъи иҷтимоӣ ва зиндагии мардум ба вуҷуд меояд. Чунин ҳолатро нависанда дар латифае тасвир кардааст, ки хеле ҷолибу хонданӣ ва муассир мебошад. Нафаре дар масҷид хуфта буд, тифоқо марде дар канораш ба намоз истод. Ҳангоми дуо чунин ҳарфҳоро ба забон овард: «Парвардигоро, ман намоз мекунам ва ин мард хуфтааст». Ба ин ҳарфи намозхон марди хуфта ҷавоб додааст: «Ҳай фалон, аз худ шафоат кун, вале аз мо суханчинӣ макун» [123, с. 294]. Ин ҷо ба ҳадафи намоишкорӣ ба ҷо овардани намоз ва дигар фарзҳои динӣ аз ҷониби бисёр мусулмонон, ки дар ҳама замонҳо ва имрӯз ҳам мавҷуд аст, танқид шудааст. Бояд қайд кард, ки қаҳрамонони ҳикоёту латифаҳои нависанда шахсони ҳозирҷавоб, закиву ҷасуранд. Воқеиятро бо суханони урён ва пуробурангу намакин зуд баён мекунанд.

Дар симои Қазвинӣ, Туфайлӣ, Ҷуҳо барин қаҳрамонон баъзе хислатҳои содадилӣ, аммо нишонраси мардуми одӣ намоён мегардад, ки бо кору гуфтор хислату атвори нохушоянди руҳониён, зоҳидон, шайху подшоҳон, норасоиҳои

ҷомеаро масхараву фош мекарданд: «Туфайлиро пурсиданд: Иштиҳо дорӣ? Гуфт: Мани бечора дар ҷаҳон ҳамин матоъ дорам» [123, с. 299].

Дар ҳикояти дигар муносибати нодурусти ҷомеа ба илму дониш воқеъбинона танқид шудааст. Падар фарзандашро ба омӯхтани ҳунарҳои зуддаромад ташвиқ намуда, таҳсил дар мадрасаро сабаби факру бадбахтӣ мешуморад  [123, с. 306]. Ин масъала имрӯз низ ба назар мерасад: баъзе волидон фарзандонро бештар ба корҳои сердаромад равона карда, онҳоро аз таҳсил ва донишандӯзӣ дур месозанд.

Дар мавриди сиёсати замон ва таассуботи динӣ низ оҳанги ҳаҷву зарофат дар ҳикоёти хурди нависанда мушоҳида мешаванд. Чунончӣ: «Шахсе аз хатибе суол кард, ки «ва-с-самои зотал-ҳубук» (осмон зоти устувор ва некӯ бунёдшуда) чӣ маънӣ дорад? Гуфт: Ҳама кас донад, ки «само» замин бошад ва зот ҳам аз ин чизаке бошад, ҳубук на ман донаму на ту ва на он ки ин гуфтааст» [123, с. 313].

Зулму ситами арбобони замон дар ин ҳикоя бо ҳунари баланди нигорандагӣ инъикос гардидааст, ки деҳқони молу мулкашро аз дастдодае ба дари хоҷаи бузург рафта, хабар медиҳад, ки гӯед, Худо омадааст. Вақте байни ӯ ва хоҷаи бузург дар ин бора, ки чаро ӯ худро Худо номидааст, суолу ҷавоб мешавад, деҳқони бечора нотарсона мегӯяд: «Пеш ман деҳхудою боғхудою хонахудо будам. Наввоб (хизматгорон)-и ту деҳу боғу хона аз ман ба зулм бистаданд, Худо монд» [123, с. 314].

Ё ҳикояи дигар, ки дар китобҳои дарсии мактабӣ ҳам ҷой дода шудааст, онест, ки писари дарвеше ҷанозаеро дида, аз падар мепурсад, ки ӯро куҷо мебаранд? Ҷавоб медиҳад, ки «Ба ҷое, ки на хӯрданӣ бошаду на пӯшиданӣ, на нону на об, на ҳезуму на оташ, на зар, на сим, на бурё, на гилем. Гуфт: Бобо, магар ба хонаи мо мебарандаш?» [123, с. 331]. Мардуми авом, одӣ дар он замон чунин вазъе доштанд ва нависандаи ҳақиқатнигор онро бо қалами ҳаҷву ришханд ва танзу зарофат тасвир намудааст.

Рисолаи «Таърифот» машҳур ба «Даҳ фасл» дар шакли луғатнома навишта шуда, аз ҷиҳати шаклу мазмун ва баррасии мавзуъ дар адабиёти тоҷик назир

надорад. Он дар баробари ҷанбаи қавии бадеӣ доштан, аз аҳаммияти баланди сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва ахлоқӣ бархурдор мебошад. Зеро дар асари мазкур мушкилоти замон, ки имрӯз низ дар ҷомеа ба мушоҳида мерасанд ва ба тарзи нав идома доранд, моҳирона тасвир шудаанд. Махсусияти луғатҳо аз он иборат аст, ки бо оҳанги танзу киноя таълиф гардида, ҳадафи шоир ва мутафаккири бузургро хуб ифода кардаанд. Дар оғоз бо забони содаву бетакаллуф изҳор намудааст: «Бар раъйи албоб (донишмандон) мубарҳан (равшан) аст, ки аҳли истеъдодро аз қисми адабиёт ва луғот чора нест» [123, с. 338]. Бо мақсади ба хонанда ба таври содатар тавзеҳ бахшидани мавзуъ луғотро ба даҳ мавзуъ ҷудо карда, дар охир «Таърифоти Муллодупиёза» илова шудааст, ки аз мавзуъ берун буда, шарҳи калимаҳои гуногунмавзуъро дар бар мегирад. Масалан, боби аввал «Дар дунё ва мо фиҳӣ» (он чӣ дар вай аст) ном дошта, чунин як луғоти аҷиб, хонданӣ ва шавқоварро дар бар мегирад, ки аҳаммияти баланди иҷтимоӣ ва ахлоқӣ доранд: «*Ад-дунё* – он чӣ ҳеч офарида дар он наёсояд» [123, с. 338]. Ин ҷо маҳорат ва далерию ҷасорати нависанда равшан ба мушоҳида мерасад, ки аз ҳокимони давр наҳаросида, дар фош намудани норасоиҳои ҷомеа ва хислати афроду намояндагони алоҳидаи қишрҳои ҷомеа чунин суханонро баён намудааст. Ҳадаф аз ин суханони намакини муҷаз он аст, ки дар ҷомеа бо айби (гуноҳ)-и амалдорону мансабдорон мардуми заҳматкаш осудаву хотирҷамъ зиндагӣ ба сар намебарад. Ба ҳамин минвол, пайиҳам луғоти мантиқан ба ҳам алоқаманд ва идомабахши мавзуъ оварда шудаанд: «*Ал-оқил* – он ки ба дунё ва аҳли вай напардозад; *Ал-мард* – он ки сухан ба риё нагӯяд; *Ал-фикр* – он чӣ мардумро бефоида бемор кунад; *Ад-донишманд* – он ки ақли маош надорад; *Ал-ҷоҳил* – давлатёр; Ал-хасис – молдор; *Ан-номурод* – толиби илм»... Фасли дувум «Дар туркон ва асҳоби эшон» ном дошта, аҳаммияти муҳимми сиёсӣ дорад. Дар он махсусиятҳои лашкари ғоратгари туркон ифода ёфта, аз ҷумла, омадааст: «*Ал-яъҷуҷу ва-л-маъҷуҷ* – қавми туркон, ки ба вилояте мутаваҷҷеҳ шаванд; *Ал-қаҳт* – натиҷаи эшон; *Ат-толон* – санъати эшон». Дар фаслҳои бахшида ба қозӣ, шайхҳо ва шарикони онҳо омадааст: *Ал-қозӣ* – он ки ҳама ӯро нафрин кунанд; *Ноибулқозӣ* – он ки имон надорад; *Ал-биҳишт* – он чӣ набинанд; *Аш-*

*шоир* – томеъ (тамаъкор)-и худписанд; *Аш-шайх* – иблис»... Дар фаслҳои дигар низ оид ба нафарони соҳиби ҳар касбу кор ва одатҳои гуногуни мардум ҳамин гуна шарҳҳои муҳим ва дорои аҳаммияти тарбиявӣ ва ахлоқӣ ба назар мерасанд: «*Ал-имом* – намозфурӯш, *Ал-аттор* (майда-чуйдафурӯш) – он кӣ ҳамаро бемор хоҳад, *Ал-қаллоб - заргар, Ал-даллол* – ҳаромии бозор, *Ал-гӯштигир* – танбал, *Аш-шароб* – мояи ошӯб, *Аш-шаҳват* – хонабарандози марду зан, *Ад-донишманд* – хӯрҷини масоил, *Ал-фотиҳа* – олати гадоӣ, *Ал-хоб* – айши бенавоён»... [125, с. 340-347].

Ҳадафи асосии Убайди Зоконӣ фош намудани мушкилоту камбудӣ ва норасоиҳои ҷомеа, хислату рафтори як гурӯҳ мардуми касбу кори гуногун будааст, ки ба мардумфиребӣ, озори дигарон ва нооромии ҷомеа машғуланд. Хусусан, парда бардоштан аз рӯйи кирдорҳои нописандидаи намояндагони аҳли дин дар ин луғатнома бо муҷазбаёнӣ ва тарзу шеваи интиқодии зарофатомез ба таври дақиқу воқеӣ сурат гирифтааст. Аксар ин норасоию мушкилот дар ҷомеаи имрӯза ҳам мушоҳида мешаванд, ки омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи осори У. Зоконӣ дар решакан намудани амалҳои номатлуб мусоидат менамоянд. Аз ин рӯ, асарҳои мазкур барои замони имрӯза низ аҳаммияти баланди тарбиявӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ дошта, чун оина мушкилоти рӯзро бозгӯ кардаанд.

Дар рисолаи дигари худ «Сад панд» Убайди Зоконӣ бо тақлид ба пандномаҳои қадим ҳазлро бо ҷиддият омезиш дода, асари ҳаҷвию иҷтимоӣ таълиф кардааст, ки бисёр омӯзандаву муфид мебошад. Дар муқаддима ҳатто дар бораи шахсияти худ зикр кардааст: «Ҳарчанд ки дар илм появу дар ҳунар моя надорад» [166, с. 349]. Бо вуҷуди чунин як хоксориву фурутанӣ маълум мегардад, ки Убайди Зоконӣ пеш аз навиштани ин рисола тарҷумаи форсии ҳидояти Афлотун ба Арасту дар китоби Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, пандномаи подшоҳ Анӯшервони ибни Қубод ва ғайраро мутолиа карда, аз онҳо илҳом бардоштааст. Фарқияти асари Убайди Зоконӣ аз он иборат аст, ки он ба тариқи ҳаҷву зарофат навишта шудааст. Мақолҳои «Бар мутаккабирону худписандон салом макунед!», «Гирди дари подшоҳон магардед ва атои эшон ба лиқои

дарбонони эшон бахшед», «Ҳоҷат ба гадозодагон ва ғуломбачагон ва рустоиаслон арза макунед», «Аз навкисагон вом наситонед» бо ҷиддият ва дар мақолҳои «То тавонед, сухани ҳақ магӯед, то бар дилҳо гарон нашавед ва мардум бесабаб аз шумо наранҷанд» андешаҳо тавассути танз гуфта шудааст.

Дар «Сад панд» оҳанги гуфтори кинояомез бартарӣ дошта, мушкилоти замон, амалу рафтари инсонҳои касбу кори гуногун, ки дар ҷомеа фаъолият доштаанд ва шоир онҳоро бевосита дидаву мушоҳида кардаву ҳадафмандона баён намудааст. Дар зимн, авзои сиёсии замон гоҳо намегузошт, ки камбудиву мушкилотро бепардаву рӯйрост инъикос кунад, аз ин рӯ, кӯшиш намудааст, тавассути ҳазлу мутоиба андешаҳояшро пешниҳоди хонанда кунад.

Дар «Ришнома» ҳадафи Убайди Зоконӣ танқиди зоҳирпарастӣ, худнамоӣ, намоишкорӣ аст, ки дар он замон равнақ ёфта буд ва имрӯз ҳам ба мушоҳида мерасад. Ҳатто намозро низ баъзе одамон ба амали намоишкорона табдил додаанд ва ин амалро шоир зери тозиёнаи танқид кашидааст. Убайди Зоконӣ одати риёкоронаи риш гузоштанро низ ҳаҷв кардаву онро нишони бехирадӣ донистааст: «Мисраъ: Ҳар киро риш бузург аст, хирад кӯтоҳ бувад». Барои далели қавл ҳикояте меорад, ки то ба имрӯз ба шаклҳои гуногун машҳур аст. Дар ҳикояти ҳаҷвӣ Иблис дар симои шайх зоҳир шуда, ришро ҳамчун неъмати биҳиштӣ ба мардум тақсим мекунад. Кӯҳистониён қисми зиёди онро мегиранд, ба муғулон миқдори камтар ва ба хитоиён танҳо чанд тори мӯй мерасад. Ба воситаи чунин тасвири муболиғаомез муаллиф хусусиятҳои зоҳирии қавмҳои гуногунро ба таври ҳазлу тамасхур шарҳ медиҳад. Интиқоди нависанда дар ниҳояти ҷасорат сурат гирифта, зери мазаммат ва танз қарор додани зоҳирпарастии қавму халқиятҳои алоҳидаро бо санъати баланди ҳунарӣ бозтоби бадеӣ додааст.

Дар назари аввал, асарҳои зикршудаи Убайди Зоконӣ танҳо ҳаҷву мутоибаи дилпазирро дар бар гиранд ҳам, аммо амиқ ва бо нигоҳи таҳқиқ нигарем, бо истифода аз ҳаҷв танқиди рафтору кирдори ҳамзамонон, воқеаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ниҳон аст. Ин тарзи муносибат ба адиб имкон додааст, ки вазъи иҷтимоиву сиёсии замони хешро бозтоб намояд. Услуби ҳаҷв танҳо барои

ифодаи асли мақсад хидмат кардааст. Аз ин рӯ, асарҳои мазкури адиб боз як намунаи муҳимми публитсистикаи ҳаҷвии сиёсӣ низ ба ҳисоб меравand, ки дар баррасии масоили умдаи замони худ саҳми босазо гузоштаанд.

«Мушу гурба» дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ мавқеи хос дорад. Он асарест, ки аз ҷиҳати шаклу мазмун ва сабк дар адабиёту публитсистикаи тоҷик навоварона мебошад. Убайди Зоконӣ аввалин адибест, ки қиссаро дар қолаби қасида эҷод кардааст. Он ҳамагӣ аз 94 байт иборат буда, дар қолаби маснавӣ таълиф гардидааст. Мазмуну муҳтавои рисола аслан дар қолаби ҳазлу мутоиба оварда шудааст ва қаҳрамонҳои асар ашхоси воқеӣ ба ҳисоб меравand. Муҳаққиқ М. Муродӣ бар ин андеша аст: «Муш ва гурба» «як навъ асари публитсистии дар қолаби жанри памфлет эҷодгардида буда, мазмуни умумии он дар асл давоми «Ахлоқ-ул-ашроф» аст, зеро он ишораҳои ошкорои дар мазҳаби мухтори «Ахлоқ-ул-ашроф» тасвирёфтаро дар тавбакориҳои тохтагии гурба ва ришваовариҳои мушон тақвият мегирад ва баъзе қисматҳои «Ахлоқ-ул-ашроф»-ро ба ёд меорад» [165, с. 36-37].

Яъне, тарзи баррасии масъалаҳои замон бо истифода аз амалҳои муш ва гурба – ду қаҳрамон, ки хислатҳои мардумони давраи муайянро дар қолаби ҳаҷву мутоиба ба риштаи тасвир кашидааст, аз як тараф, аз маҳорати баланди адиб шаҳодат диҳад, аз ҷониби дигар, амалҳои номатлуб, кирдорҳои бад ва камбудиҳои замони хешро нишон додааст.

Ба ин мазмун, донишманди тоҷик И. Усмонов дар китоби «Назаре ба ҳаҷвиёти Убайди Зоконӣ» менависад: «Баҳсҳое, ки дар бораи «Муш ва гурба» ё дар атрофи ин асар сурат гирифтаанд, чизи дигареро ҳам барои мо равшан месозанд: «Мушу гурба» асари сирф адабӣ не, балки асари адабии равиши публитсистӣ дошта ё шояд асари соф публитсистӣ бошад» [228, с. 41].

Ин маснавии ҳаҷвӣ дорои рамзҳои вижаи бадеӣ буда, тамсилист. Шоир ба василаи тасвири қабоҳату разолати мушу гурба амалҳои ғаразҷӯёнаю манфиатхоҳонаи ҳокимони вилоятҳои алоҳидаи замони худро зери тозиёнаи танқид қарор додааст.

Хулоса, зимни таҳлилу таҳқиқ ва пажуҳиши асарҳои адиб ва ҳаҷвнигори адабиёти классикии тоҷику форс Убайди Зоконӣ маълум гардид, ки онҳо ҷанбаи қавии публитсистӣ дошта, аз як сӯ, мушкилоти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии замонро бозгӯ кардаанд, аз сӯйи дигар, маҳорати баланд ва истеъдоди нотакрори ӯро мушаххас менамоянд. Бинобар ин, омӯзиши ҳамаҷонибаи осори адиб ба мо имкон медиҳад, ки ба ташаккули публитсистикаи сиёсӣ дар адабиёти тоҷик шинос шавем ва вобаста ба вазъи замон камбудиву нуқсонҳоро дарку маърифат кунем.

Дар адабиёту публитсистикаи тоҷик асарҳое таълиф гардидаанд, ки бо гузашти солҳову асрҳо аҳаммияти иҷтимоию сиёсию худро гум накардаанд ва имрӯз низ ҳамчун минбари афкори ҷомеа маҳсуб ёфта, мунтазам аз ҷониби муҳаққиқон мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода мешаванд. Зеро бозтоби масоили замон дар онҳо бартарӣ касб кардаву ба ҳаёту зиндагии мардум иртиботманд мебошанд. Яке аз ин гуна асарҳои мондагору омӯзанда «Сиёсатнома»-и Абуалӣ Ҳасан ибни Алии Тӯсист, ки дар таърих бо номи Низомулмулк шинохта гаштааст, маҳсуб меёбад. Абуалӣ Ҳасан соли 1018 дар хонаводаи деҳқон дар деҳаи Навғони вилояти Родкони Тӯс таваллуд шудааст. Мавсуф баъди таълими мактаби ибтидоӣ дар зодгоҳаш ва баъди омӯзиш дар Нишопуру Марв дар хидмати ҳокимони маҳаллӣ ба ҳайси дабир ба кор даромада, то ба мансаби вазири салтанати Салҷуқиён (1037-1193) расидааст. Дар замони ҳукумати Алпарслон ва писараш Маликшоҳ соҳиби обрӯю нуфуз ва эътибори баланд гардид. Аммо низоъҳои дохилӣ, душмании бадхоҳон сабаб гардид, ки ин вазири донишманд, ки дар равнақи иҷтимоӣ ва иқтисодии давлати Салҷуқиён саҳми зиёд гузошта буд, соли 1092 аз дасти онҳо ба қатл расонида шуд.

Низомулмулк яке аз мутафаккирони машҳури тоҷику форс ба ҳисоб рафта, ҳамчун вазири донишманди дарбори Салҷуқиён дар корҳои сиёсӣ ва раванди низоми давлатдорӣ хидмат кардааст. Дар баробари иҷрои корҳои давлатдорӣ асари машҳури «Сиёсатнома»-ро эҷод кард. Китоби мазкур дар ҳаёти

ичтимоию сиёсӣ ва адабию фарҳангии миллати тоҷику форс таъсири бузург гузоштааст.

Бояд қайд кард, ки бори нахуст «Сиёсатнома» дар Тоҷикистон аз ҷониби адабиётшинос Алиқул Девонақулов соли 1989 ба хатти сирилик баргардон ва чоп шуд. Дар ин хусус, муҳаққиқ С. Айниддин чунин андеша дорад: «А. Девонақулов ҳангоми таҳияи матни «Сиёсатнома» 17 фаслро ихтисор карда, фаслҳои 27 («Андар заҳмат накардани бандагон ҷуз вақти хидмат ва тартиби кори эшон») ва 28 («Андар тартиби ғуломони сарой»)-ро зери унвони «Андар заҳмат накардани бандагон ҷуз вақти хидмат ва тартиби кори инон дар парвариш» дохили ҳам овардааст. Иловатан, таҳиякунанда ба иштибоҳҳое ҳангоми баргардонии матн аз хати форсӣ ба кириллии тоҷикӣ роҳ додааст. Масалан, дар боби севум «Андар мазолим нишастани подшоҳ ва адлу сирати неку варзидан» Низомулмулк аз муносиботи Яъқуби Лайси Саффорӣ бо халифаи Аббосӣ ва номаҳои онҳо ба ҳамдигар ёд карда, аз қавли Яъқуб ба халифа менависад, ки «Аз пой нанишинам, то сари ту ба Маҳдия нафиристам ва хонадони туро вайрон накунам». Алиқул Девонақулов вожаи «Маҳдия»-ро «ҳадя» хондааст, ки иштибоҳ аст. Маҳдия шаҳрест дар шимоли Африқо, дар сарзамини имрӯзи Тунис, ки пойтахти Фотимиён буд ва рақиби хулафои Бағдод ба шумор мерафт. А. Девонақулов боби чиҳилуми «Сиёсатнома»-ро «Андар амири ҷарас ва чӯбдорони даргоҳ» баргардон кардааст, дар сурате ки он «Дар амири ҳарас ва чӯбдорон ва асбоби сиёсат» унвон дорад» [315, с. 46-47].

Ба қавли ховаршиноси машҳури фаронсавӣ Ш. Шеффер, «Сиёсатнома» иншоаш мушобиҳати тамом дорад бо тарзи баёне, ки феълан дар мамолики Эрон мутадовил аст» [279, с. 11]. Дар зимн, пажуҳишгари эронӣ Забеҳуллоҳ Сафо менависад: «Каломи нависанда ба дараҷае равон аст, ки ҳанӯз баъд аз гузашти садҳо сол тароват ва тозагии худро аз даст надода» [112, с. 206].

Ин асари арзишмандро вазир бо дастури Маликшоҳ, ки мехост дар бораи тартиб, тарз, қоида ва қонунҳои давлатдорӣ рисолае дар даст дошта бошад, навишт. Асар бо супориши Маликшоҳ таълиф шудааст. Ӯ дар охири давраи ҳукмронии худ аз донишмандону фозилони дарбор хост, ки доир ба усул,

тартиб ва қонунҳои давлатдорӣ рисолае таҳия намоянд. Низомулмулк соли 484 ҳиҷрии қамарӣ (1091 мелодӣ) асарро дар 39 фасл навишта, ба шоҳ пешниҳод кард. Пас аз писанди Маликшоҳ, муаллиф чанд боби дигар ба он илова намуда, соли 485 ҳиҷрӣ (1092 мелодӣ) китобро ба анҷом расонд ва барои китобат ба котиби дарбор Муҳаммади Мағрибӣ супорид. Дар заминаи «Сиёсатнома» (таҳиянамудаи М. Қазвинӣ ва А. Ҳоҷиев) Садриддини Айниддин, устоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мақолаи пурмуҳтавои таҳлилӣ иншо кардааст. Мавсуф дар мақолаи хеш «Сиёсатнома»-ро дастури идории давлатдорӣ, сарчашмаи муҳимми таърихӣ ва адабӣ маънидод карда, зикр мекунад: «Низомулмулк «Сиёсатнома»-ро дар 39 фасл бо забони модариаш, яъне, забони тоҷикӣ-форсӣ таълиф намудааст. Пас аз 13 соли қатли Низомулмулк «Сиёсатнома» бо афзудани 11 фасли нав бо дасти котибе пурра гардид, ки ин нусхаи комил то ба рӯзгори мо расидааст» [315, с. 46]. Дар робита бо ин, мутарҷими «Сиёсатнома» ба забони русӣ Б. Н. Заходер таъкид мекунад, ки «бобҳои 2-39, 42-43, 48-50 мансуб ба қалами Низомулмулк буда, аммо муқаддима, бобҳои 1, 40, 41, 44, 45, 46 ва 47 ба қалами дигар муаллифон марбут аст» [117, с. 311].

Дар асоси пажуҳиши муҳаққиқон бармеояд, ки китоби мазкур ҳам аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво ва ҳам аз нигоҳи низоми давлатдории замон асари муфиду судманд маҳсуб ёфта, дар он барои ҳар як давлат доштани низоми дурусти роҳбарӣ, адолати иҷтимоӣ ва тақвияти неруҳои ҳарбӣ муҳим арзёбӣ шудааст. Аз ин ҷост, ки имрӯз ҳам асари мазкур таваҷҷуҳи пажуҳишгаронро ба худ ҷалб кардааст. Дар «Сиёсатнома» «Низомулмулк ба тамаркузи дастгоҳи идории давлат, лашкар ва хадамоти гуногуни давлатӣ даъват мекунад» [125, с. 242].

Минбаъд «Сиёсатнома» барои хонадони Салҷуқиён барои барқарор кардани адл, тарзи дурусти давлатдорӣ, амалу рафтори нек, нақши арбобони давлатӣ, ободии мамлакат, дастгирии раъият, ҷавонмардӣ, ҳимматбаландӣ ва амсоли инҳо ҳамчун роҳнамо хидмат кард. Ҳар як боби «Сиёсатнома» бо ҳикоятҳои ҷолибу дилчасп ҷамъбаст карда шудаанд ва онҳо хусусияти насри

ривоятиро доро мебошанд. Ин ҳикояҳо ҳамчун василаи пандомӯзу муассир дар масъалаи адли подшоҳону амирзодагон хидмат кардаанд. Забони асар чун анъанаи насру назми давраи Сомониён равону муъҷаз, фаҳмо ва сода аст. Дар ин маврид, метавон гуфт, ки дар қиёс бо насри асри XIX, аз ҷумла, осори Аҳмади Дониш он хеле фаҳмову равон мебошад.

Сиёсатмадор ва адибу донишманд дар «Сиёсатнома» дар оғози ҳар як бахш мақолҳоро истифода кардааст, ки омӯзандаву муфид аст. Аз ҷумла, аз мақол чун «Мулк бо куфр бипояду бо зулм напояд» оварда, сипас чанд ҳикояти машҳурро нақл карда, тавассути он подшоҳонро ба рафтори неку адлу ободкорӣ даъват кардааст. Албатта, баъзе ҳикояҳо ба ҳақиқат рост намеоянд, маҳсули бофтаи мардум мебошанд, аммо моҳияту ғояи онҳо аҳаммияти баланди тарбиявӣ доранд. Чунончи, нависанда меорад: «Ва бар ҳақиқат, худованди олам бидонад, ки андар он рӯзи бузург ҷавоби ин халоиқ, ки зери фармони ӯянд, аз ӯ бихоҳанд пурсид ва агар ба касе ҳаволат кунанд, нахоҳанд шунид. Чун чунин аст, бояд ки муҳимми ин мулк ба ҳеч кас бознагузорад ва аз кори халоиқ ғофил набошад. Ва чандон ки тавонад пинҳону аён аҳволи эшон мепурсад ва дастҳои кӯтоҳ дароз накунад ва зулми золимон аз эшон боздорад» [180, с. 16]. Ба таъкиди муҳаққиқ М. Муродӣ, «Ҳадафи муаллиф аз таълифи «Сиёсатнома» танҳо насиҳату панд набуда, балки нишон додани тарзи дурусту солим ва одилонаи идораи давлат аст. Дастурот ва афкоре, ки Низомулмулк талқин мекунад, бофтаи сирф тахайюлӣ нестанд, балки андешаҳоеанд, ки аз таҷрибаи давлатдории халқу қавмҳои гуногун ҳосил гардида, дар мизони ақлу хирад санҷида шудаанд [165, с. 23].

Бояд қайд кард, ки бахшҳои китоб ба тартиби муайян тархрезӣ гардида, муаллиф зина ба зина раванди давлатдориро барои як ҷомеаи дар ҳамон замон пешрафтаву комил нишон додааст, ки дар асоси воқеият эҷод шудаанд. Тарзи пешниҳоди андешаҳояш низ мушаххас ва барои идораи як давлати адолатпарвар мутобиқ мебошанд. Ба гунаи мисол, метавон аз бахши «Андар мазолим нишастани подшоҳ ва адлу сирати неку варзидан» ёдовар шуд: «Чора набошад подшохро аз он ки дар ҳафтае ду рӯз ба мазолим бинишинад ва дод аз

бедодгар биситонаду инсоф бидиҳад ва сухани раият бишнавад бевосита. Ва чанд қисса, ки муҳимтар бувад, бояд ки арза кунад ва дар ҳар як мисоле диҳад» [180, с. 17]. Донишманди тоҷик Иброҳим Усмонов дар китоби «Рисолаи давлатдорӣ» таъкид менамояд, ки ҳоким ҳангоми баррасии арзу шикояти шахси ҷабрдида бояд худро ба ҷойи ӯ гузошта, бо эҳсоси масъулияту адолат қарор қабул намояд, дар ин сурат ҳукми ӯ дуруст ва одилона хоҳад буд. Профессор М. Муродӣ дар мисоли низоми давлатдории мо, ду андешаи болоро бо ҳам чунин ташбеҳ медиҳад: «Дар низоми давлатдории имрӯзаи мо барои мансабдорон махсус рӯзҳои қабули шаҳрвандон муқаррар шудааст, ки дурустии ин ҷанбаи дастурро («Сиёсатнома» дар назар аст - Э. С.) тақвият мебахшад» [165, с. 24].

Муаллиф дар асар дар муқоиса ба ҳукмронии сулолаҳое, ки пештар давлатдорӣ кардаанд, мавриди таҳлил қарор додааст ва идораи давлатдории онҳоро дар рифоҳи мардум мушаххас кардааст. Ин паҳлуи асар муайян менамояд, ки он дар заминаи хушку холӣ ба вуҷуд наомадааст, балки таҷрибаву омӯзиш ва баррасиву таҳлилҳои муаллифро дарбар мегирад. Ба ин маънӣ, дар ҳикояте нависанда аз рафтори ҷавонмардонаи Исмоили Сомонӣ ёдовар шудааст. Вақте Амри Лайси Саффории асир ба ӯ пешниҳоди хазинаи худ мекунад, Исмоил мефаҳмад, ки ӯ бо ин роҳ варо фиреб доданист, қабул намекунад. Ба таъбири донишманди тоҷик М. Муродӣ, дар корҳои идораи давлат Низомулмулк, асосан, тарафдори давлатдории сулолаи Сомониён (875-999) мебошад, зеро ба назари ӯ он тартибот аз санҷиши рӯзгор гузаштааст.

Маълум аст, ки дар асар симои Нозмулмулк ҳамчун шахсияти донишманду кордон ва огоҳ аз масоили давлатдорӣ зуҳур кардааст. Аз ин ҷост, ки маслиҳату машварат ва пешниҳодоте, ки бораи идораи давлат дар китоб овардааст, дархури замон будааст. Бо вуҷуди ин, баъзе ҳикоят ва панду насиҳатҳояш шоҳони замонашро хуш намеомад ва тибқи он амал намекарданд. Маълум мегардад, ки муаллиф гарчи яке аз мансабдорони замон будааст, бо вуҷуди ин, худ иқрор мешавад, ки дар гуфтани сухан бо шоҳони давр ба мушкилӣ дучор меомадааст ва ҳатто барои нарасидани як хабари нохуше дар мавриди хеш ба султон ночор «сӣ ҳазор динор» харҷ кардааст.

Аз ин ҷост, ки дар раванди давлатдорӣ ва дигар фаъолиятҳо машваратро дар корҳои авлотар меҳисобад. Маҳз маслиҳату машварат метавонад адолати иҷтимоиро дар ҷомеа пойдор бигардонад.  Дар баробари он ки нақши вазирро дар фаъолияти бомароми давлат баланд медонад, истиқлоли фикрӣ ва мавқеи подшоҳро дар раванди давлатдорӣ муҳим мешуморад. Муҳаққиқ И. Усмонов низ ин гуфтаро тасдиқ мекунад: «Бояд роҳбар ба дидори одамони донишманд ва аҳли фазл ҳамеша ташна бошад, сухани онҳоро гӯш кунад, зеро онҳо садоқат ба адл доранд» [237, с. 19].

Дар мавриди амалдорон ба подшоҳон насиҳати хуб ва пурманфиат намудааст. Ошкоро изҳор медорад, ки амалдорон пеш аз вақт андозро аз мардум талаб накунанд, ки ба зиёни онҳост. Чунин ҳолат гоҳо дар замони имрӯза низ ба мушоҳида мерасад, ки бо зарурате аз корхонаҳо андози нимсола ё солонаро пешакӣ дархост менамоянд. Низомулмулк ин амалро дар кори давлатдорӣ нодуруст ҳисобидаасту баҳри исботи фикр чандин ҳикояти омӯзандаву хонданӣ овардааст, ки аз як тараф, фаъолияти масъулинро дар ин самт мушаххас намоянд, аз ҷониби дигар, тақвиятбахши афкорӣ омма ва роҳнамои аҳли ҷомеа гаштаанд.

Дар мавриди дарди худро ифшо накардан байни донишмандон фикри ягона ҳаст, ки беҳтар ба касе чизе набояд гуфт. Дар ин маврид Низомулмулк мавқеи дигар доштаву аз забони дарвеше чунин нигоштааст: «Ҳар киро дарде бошад, бо ҳама кас бибояд гуфтан. Шояд ки аз камтар касе биёбад дармони онро» [180, с. 49].

Чунин масъалагузорӣ дар адабиёти тоҷику форс анъанавӣ буда, минбаъд такмил ёфтаву дар асарҳои «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ ба таври шоиста корбаст шудааст. Яъне, асарҳое, ки дар адабиёту публитсистика ба вуҷуд омадаанд, бо гузашати солҳо дар осори адибону донишмандони дигар бо шаклу шеваи нав густариш ёфтаанд.

Муасаллам аст, ки низоми давлатдорӣ ба худ вижагиҳои хос дошта, роҳбарият бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошад ва ҳамеша аз кору фаъолияти зердастон бохабар бошад. Ин тарзи муносибатро нахуст Низомулмулк таъкид

намудааст ва ин амалро омили пойдориву устувории кишвар донистааст. Аз ҷумла, Низомулмулк навиштааст: «Ҳар касеро шуғли бузург фармояд, бояд ки бар сари ӯ касеро мушарраф кунад» [180, с. 32] ва фоидаи онро дар ин донистааст, ки одами ба мансаби баланд расида «норостӣ ва хиёнат» зоҳир накунад. Ин андешаашро чунин ҷамъбаст кардааст, ки ба воқеияти замон мувофиқат мекунад: «Подшоҳони одил ҳамеша дар ҳаққи заифон андешаҳо доштаанд ва дар муҳиммоти мамлакат дар ҳар ду-се муқаттаонро таҷассус бояд кард, то эшон нисбат ба аҳволи раоё баднафсӣ накунанд ва вилоят ободону маъмур монад» [180, с. 40]. Дар ин маврид, дар фасли бахшида ба соҳибхаборон низ аз зарурати доштани одамони худӣ дар байни аъёну ашроф ва мансабдорон сухан ба миён гузошта, аз он афсӯс мехурад, ки Салҷуқиён ба ин масъала таваҷҷуҳи камтар доштаанд.

Яке аз хислатҳои шоистаи подшоҳону ҳокимон, ки перомуни он дар адабиёти классики тоҷику форс асарҳои зиёде офарида шудааст, ҷавонмардиву накукорӣ мебошад. Ин масъала низ аз нигоҳи Низомулмулк дур намондааст ва амалҳои некро ситоиш кардааст.

Дар мавриди алқоб (ному лақабҳо) хуб гуфтааст: «Ва маҳалли маъруфу маҷҳул яке бошад чун лақаби олиме ё имоме, чунон ки Муиниддин номе буд олим ва фозил ва шогирди турке низ дошт, лақаби ӯ «Муиниддин», ки дар илми шариат дасте надошт, балки дар хондан ва набиштан низ оҷиз буд ва лақаби ҳар ду чун яке буда бошад, пас, фарқ чун бувад миёни олиму ҷоҳил?.. Ва ҳамеша лақаб азиз будааст» [180, с. 120-121].

Дар давлатдорӣ кордониву тақсими дурусти вазифаҳо муҳим арзёбӣ гардидааст. Таъкид мешавад, ки вогузоштани чандин амал ба як нафар ва бекор гузоштани дигарон боиси номуназзамӣ ва афзоиши мардуми маҳруму бекор мегардад. Аз ин рӯ, вазири оқил бояд ҳар корро ба шахси сазовору соҳибтаҷриба супорад, то давлат аз заволу парокандагӣ эмин монад.

Ҳамчунин, дар асар парокандагиву мазҳабпарастии пайравони дини ислом мавриди таҳлил қарор гирифтааст ва нифоқу парокандагии мусулмонҳоро маҳз гуногунмазҳабӣ донистааст, ки натиҷаи он нооромӣ, куштор ва ноободии

кишварҳо, аз ҷумла, дар давлати Сомониён гаштааст. Аз наҳзатҳои монанди қарматиёну шиаву алавиёну хуррамдинону ботиниён ва ҷанҷолҳо ва фасодҳои онҳо бо таассуф сухан рондааст.

Низомулмулк хотиррасон мекард, ки ба кори идораи давлат донишмандон, одамони кордону бомаҳорат, вафодору босадоқат ҷалб карда шаванд. Маҳз бо саъйи ӯ дар шаҳрҳои калони мамлакат мактабу мадрасаҳо кушода шуданд. Вазир ба муносибати шоҳ бо дарбориён таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудааст. Ба ин мазмун, чандин аср баъд Аҳмади Дониш низ қайд мекунад, ки дар дарбор ҳар гуна ашхос, аз ҷумла, хабаркашу ғайбатчӣ ва кинавар ҳастанд, бинобар ин, шоҳро зарур аст, ки ҳар як хабарро дуруст таҳқиқ карда, сипас чора андешад, вагарна пушаймон хоҳад шуд. Дар ҳикояҳои дигар Низомулмулк ба аҳволи мардуми одӣ, қаҳрамонони халқӣ таваҷҷуҳ кардааст, ҳарчанд намояндаи ҳукумат буд, баъзан ҳис мешавад, ки ба мухолифони давлат низ бо назари нек нигаристааст.

Дар мавриди адолати подшоҳон ҳикояте овардааст, ки омӯзанда мебошад: «Омили шаҳри Хамс ба Умари Абдулазиз набишт, ки девори шаҳри Хамс хароб шудааст. Онро иморат бояд кардан. Ҷавоб набишт, ки шаҳри Ҳамс аз адл девор бояд кард. Роҳҳо аз зулму хавф пок кун, ки ҳоҷат нест ба гилу хишт ва сангу гаҷ» [180, с. 178].

Муаллиф дар асар аз воситаҳои ҳунарии адабӣ, зарбулмасалу мақол ва таъбирҳои халқӣ бамаврид корбаст намудааст. Ин тарзи навишт ба муаллиф имкон додааст, ки аз як тараф, нигоштаҳояш муассиру ҷолиб шаванд, аз ҷониби дигар, андешаву пешниҳодот ва ҳикоятҳояшро такмил бахшидаанд. Ба гунаи мисол: «Ҳар кӣ ба ном фирефта шавад, ба нон андар-монад ва ҳар кӣ ба нон хиёнат кунад, ба ҷома дармонад» (саҳ. 27); «Ғафлат давлатро бибарад» (саҳ. 30); «Майдон холисту хасм ғофил» (саҳ. 30); «Ғафлати амиру хиёнати вазир подшоҳӣ бибарад» (саҳ.32); «Кирдори мард аз сирри мард огоҳӣ диҳад» (саҳ. 32); «Чокару бандаи шоиста беҳтар аз фарзандон бошанд» (дар мавриди он ки Сомониён қадри хизматҳои ғуломашон Алптегинро надонистанд ва ӯ душман шуд) (саҳ. 100); «Мамлакат ба мардон тавон доштан ва мардро ба зар» (саҳ.

134) аз ҷумлаи он ривояту масалҳоест, ки дар асар ба мушоҳида мерасанд. Истифодаи зарбулмасалу мақол ва андарз аз вижагиҳои асари мазкур мебошад.

Академик Бобоҷон Ғафуров доир ба ҳимояти халқи заҳматкаш, ки дар асари «Сиёсатнома» зикр шудааст, дуруст қайд кардааст: «Гарчанде баъзе чорабиниҳои ӯ худсарии сипаҳсолорону феодалонро то дараҷае маҳдуд карда ва баробари ин дар бораи таъсиси мадрасаҳо ғамхорие зоҳир намуда бошад ҳам, вале ҳамаи инро маҳз барои мустаҳкам намудани пояи салтанати Салҷуқиён ва пур кардани хазинаи давлатӣ кардааст» [97, с. 241]. Ба ин маънӣ, Низомулмулк ҳамчун мансабдори давлатӣ ва донишманди тавоно аз сидқи дил вазифаашро иҷро карда, дар роҳи амалӣ гардидани адлу инсоф ва адолати иҷтимоӣ дар замони хеш ва бо таълифи асари мондагораш «Сиёсатнома» имрӯз низ нақши бузург гузоштааст.

Бояд гуфт, ки «Сиёсатнома», пеш аз ҳама, асари сиёсӣ маҳсуб ёфта, дар шакли насиҳат ва маслиҳат ба шоҳони замон ва оянда бо мақсади раҳнамоии онҳо ҷиҳати фаъолияти муназзаму дурусти давлатдорӣ навишта шудааст. Асари мазкур аҳаммияти баланди иҷтимоӣ, сиёсӣ, таърихӣ ва адабиро дорост.

Хулоса, китоби «Сиёсатнома»-и Низомулмулк ҳамчун асари сиёсӣ, ки бо услуби адабиву публитсистӣ иншо гардидааст ва як навъ ҷанбаи тарбиявӣ дошта, ба таври маслиҳату машварат ва роҳнамоӣ барои шоҳони замонаш таълиф гардидааст. Дар баробари ин, он вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии як давраи муайяни таърихиро бозгӯ мекунад ва мавзуъҳое, ки дар он мавриди таҳлилу баррасӣ ва омӯзиш қарор дода шудааст, баргирифта аз ҳаётанд ва ба низоми сиёсии як давлати мушаххас – Салчуқиён нигаронида шудааст ва имрӯз истифода аз баъзе андешаву пешниҳодоти он аз манфиат холӣ нест. Ба ин мазмун, китоби мавриди назар ба воқеияти замон иртиботманд буда, дар ташаккули публитсистикаи сиёсӣ мусоидат намудааст.

Нависанда, шоир, олим, файласуф ва арбоби давлатӣ Аҳмади Дониш (солҳои 1827-1897), пеш аз ҳама, бо асари «Наводиру-л-вақоеъ»[1] машҳур аст.

[1] Асари мазкури Аҳмади Дониш то ин замон борҳо бо номи «Наводир-ул-вақоеъ» ба табъ расидааст. Соли 2017 китоб дар ду ҷилд бо номи «Наводиру-л-вақоеъ» нашр шуд. Аз ин рӯ, дар таҳқиқи мазкур номи баъдии асар истифода шудааст.

Ба андешаи муҳаққиқ М. Муродӣ, «Аҳмади Дониш дар тамаддуни тоҷикӣ ҳамчун нависандаи маъруф, мутафаккири барҷаста, шоир, саромади ҷараёни маорифпарварии Осиёи Марказӣ ва бунёдгузори равияи маорифпарварии адабиёти тоҷик шинохта шудааст» [165, с. 41]. «Наводиру-л-вақоеъ» асари асосӣ ва мондагори мавсуф аст, ки аҳаммияти баланди иҷтимоӣ, сиёсӣ, таърихӣ, адабӣ, ахлоқӣ дорад. Аҳмади Дониш онро баъди ба даст овардани таҷрибаи ҳаматарафаи зиндагӣ, ҳаёти сиёсӣ, сафарҳо, донишу маърифат дар охирҳои фаъолияти илмию эҷодии фарохи хеш таълиф кардааст. Ҳадафи асосии асар насиҳат ва раҳнамоӣ ба подшоҳон, амирон, мансабдорон, фарзандон, насли нав, умуман, тамоми қишрҳои ҷомеа мебошад. Асар тахминан дар давоми солҳои 1868-1873 навишта шуда, баъди соли 1875 аз ҷониби муаллиф чанд дафъаи дигар таҳриру такмил ёфтааст.

«Наводиру-л-вақоеъ» дар насри тоҷик мавқеи хос дорад. То ба он замон чунин як асари насрии дорои аҳаммияти баланди сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ ба вуҷуд наомадааст. Аз ҳама муҳимтар, бо муҳиммияти сиёсии хеш асар дар адабиёти тоҷик назир надорад. Ҳақ ба ҷониби нависандаи маъруф С. Улуғзода аст, ки навиштааст: «Агар холис таърихи адабиёти тоҷикро гирем, дар ин боб ҳам вай (Аҳмади Дониш) хидмати бузурге дорад. Услуби насрнависии реалистиву соданависӣ, ки дар адабиёти асри 19 тоҷик пайдо шуд, аз Аҳмад Махдум сар мешавад. Дар ин маъно номи вайро ба сардафтари адабиёти «давраи нав»-и тоҷикӣ гузоштан мумкин аст» [226, с. 8]. Ба таъкиди доктори илми филология Ҷ. Назриев, «дар он давраҳо на ҳама имкони пайдову мутолаа кардани «Наводиру-л-вақоеъ»-ро доштанд. Ҳатто худи устод Айнӣ, ки Аҳмади Донишро хуб мешинохту сифати ин асарро зиёд шунидаву ташнаи мутолааи он буд, танҳо баъди се-чаҳор соли риҳлати Аҳмади Дониш имкон пайдо кардааст, ки бо наводири ин асари беназир аз наздик ошно шавад» [178, с. 10].

Аз донишмандони тоҷик нахустин шахсе, ки ба «Наводиру-л-вақоеъ» таваҷҷуҳ намуда, дар бораи аҳаммияти он сухан ба миён гузоштааст, устод Садриддин Айнӣ мебошад. Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» зикр мекунад, ки «одамони ба илму адабиёт дахлдор медонистанд, ки Аҳмад Махдум «Наводиру-

л-ваҷоеъ» ном асари калоне дорад, аммо нусхаи он дар дасти ҳеҷ кадом аз одамон маълум набуд. Фақат ин китобро касоне медонистанд, ки бо муаллифи он рафтуомад доштанду онро дар дасти ӯ дида буданду дар маҷлисҳои дӯстона аз мундариҷоти он ба сад гуна тағйиру табдил порчаҳо нақл мекарданд» [39, с. 547]. Ӯ дар мавриди бардошти нахустини худ чунин таъкиди ҷолиби диққат кардааст: «Ҷоҳои ба ман таъсирбахши «Наводиру-л-вақоеъ» он ҷоҳо буданд, ки ман он ҳодисаҳоро дар зиндагӣ дида будаму аз он аҳвол дилтанг мешудам, аммо ҳеч гоҳ ислоҳ кардану ислоҳ шудани он аҳвол дар хотирам намегузашт» [39, с. 548]. Яъне, он вақт устод Айнӣ ҳамчун хонанда асари мазкурро мутолиа карда, тасвири ҳаёти воқеиро дар он дарёфтааст, аммо чӣ тавр дигаргун сохтани ҷомеаи мазкурро намедонистааст, дурусттараш ин фикр ба сараш ҳам наомадааст. Хуллас, дар он замон – охири асри нуздаҳ дарки ҷомеашиносии Аҳмади Дониш ба дараҷаи баланд тараққӣ карда, ӯ асари мазкурро дар услуби публитсистӣ иншо намудааст. Ба навиштаи устод Айнӣ, Аҳмади Дониш ҳангоми дар қайди ҳаёт буданаш нусхаи дастнависи «Наводиру-л-вақоеъ»-ро ба Сиддиқхони Ҳашмат тақдим кардааст. Пас аз вафоти муаллиф Шарифҷон Махдуми Садри Зиё китобро ба таври махфӣ аз ӯ ба орият гирифта, нусхабардории онро ба Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим месупорад. Баъди анҷоми нусхабардорӣ устод Айнӣ бо хоҳиши Садри Зиё ҳамроҳи Мунзим нусхаи навро бо дастнависи аслии муаллиф муқоиса намуда, хатоҳои дар ҷараёни китобат роҳёфтаро ислоҳ мекунад.

Яке аз норасоиҳои ҷиддиро дар сохти мавҷудаи даврони зиндагиаш Аҳмади Дониш дар ифротгароӣ ва таассуб дидааст, ки имрӯз ҳам ин мавзуъ гарм аст. Яъне, пеш аз ҳама, аҳли мансабдорони рӯҳонӣ аз илми дин фақат ҳамонро медонанд, ки намоишкорӣ ва беҳудагӯиро касби асосӣ қарор додаанд ва агар нек нигарем, имрӯз ҳам ин ҳолат ҷой дорад ва он монеи ҳама гуна пешрафт мегашту мегардад. Ин аст, ки аҳаммияти публитсистии «Наводиру-л-вақоеъ» то ба ҳол аз байн нарафтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки асарҳои публитсистии мондагор ва бо устодии баланд навишташуда ҳеч гоҳ аҳаммияти сиёсӣ ва иҷтимоии худро аз даст нахоҳанд дод. Дар натиҷа муаллиф ба хулоса

меояд, ки «ба сабаби фурӯгузошти аркони дин ва майли уламо ба мудоҳанату зоҳирбинӣ ва инҳирофи табъи ҳукком ба зулму ҷавр заъфи дин то ба куҷо расида!» [108, с. 50]. Алҳол Аҳмади Дониш танҳо дар масъалаи дину мазҳаб ва фарҳанг қафо мондани сарварони ҷомеаро зикр карда бошад, сипас ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ низ таваҷҷуҳ намудааст.

Яке аз мавзуъҳои муҳим дар «Наводиру-л-вақоеъ» дастгирии ҳоҷатмандон аст, ки дар ин маврид Аҳмади Дониш додани нафақа ба камбизоатонро яке аз рукнҳои ибодат донистааст. Ба қавли ӯ, танҳо онҳое, ки ба ибодат машғуланд, аз додани хайр озоданд.

Дар саҳифаҳои алоҳидаи асар унсурҳои публитсистию илмӣ возеҳ мушоҳида мешавад, чунончи дар мавриди офариниши олам меорад: «Машҳуртар таърихи ҳунуд ва Хито ва Фурс аст» [108, с. 144].

Ба масъалаи сафар кардан ва ҷаҳон дидан таваҷҷуҳи хоса намуда, аҳаммияти онро дар фарох гаштани дониш зикр кардааст:

*То ба дуккону хона дар гаравӣ,*
*Ҳаргиз, эй хом, одамӣ нашавӣ.*
*Бирав, андар ҷаҳон тафарруҷ кун,*
*Пеш аз он рӯз, к-аз ҷаҳон биравӣ* [108, с. 187].

Дар маснавие низ, ки ба васфи маросими хонадоршавии духтари императори Россия бахшидааст, мисраъҳои публитсистӣ мушоҳида мешаванд:

*...Шаҳи адл дар мулк ноибхудост,*
*Шаҳонро ба ҷуз адл миллат куҷост,*
*Зи шоҳон ҳамин адл пурсанду бас,*
*На аз дину тоат, на аз дастрас.*
*Ҷаҳонро ба ҷуз аз адл натвон гирифт,*
*Амирии бо зулм бошад шигифт* [108, с. 290].

Сафари семоҳа ба Россия ва ошноӣ бо ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, саноатӣ ва фарҳангии Петербург ҷаҳонбинӣ ва доираи назари Аҳмади Донишро васеъ намуд. Ӯ пас аз боздид аз корхонаҳо, осорхонаҳо, китобхонаҳо ва ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ба хулоса омад, ки Бухоро аз пешрафтҳои замон ақиб

монда, мардуми он дар муҳити ғафлату ҷаҳолат қарор доранд ва низоми давлатдории амирӣ номукаммалу бесарусомон аст.

«Наводиру-л-ваҳоеъ» аз бисту се боб иборат буда, бо сабкҳои илмӣ, фалсафӣ ва публитсистӣ таълиф шудааст. Услуби публитсистӣ, махсусан, дар бобҳои ҳафтуму ҳаштум, ки таассуроти сафарии муаллифро фаро мегиранд ва боби понздаҳум – «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» бештар ба назар мерасад. Аҳмади Дониш ҳангоми баррасӣ ва танқиди масъалаҳои иҷтимоӣ андешаҳои худро самимонаю ошкоро баён карда, барои фош намудани камбудиҳо аз ҳаҷви тезутунд низ истифода мебарад.

Аҳмади Дониш дар маросиму маъракаҳои мардуми рус низ мардуми аз тақдир норизоро мушоҳида кардааст: «Ва ҳамчунин дар раставу бозор ва тамошохонаҳо ҳеч тане осудаву беғам ба назар дарнаёмад» [115, с. 298]. Яъне, тараққии илму дониш ва тарзи зиндагии мардуми рус маънои онро надорад, ки дар он ҷо ҳама чиз тибқи табъи одамон бошад. Он ҷо ҳам одамони норизо аз тақдири худ мавҷуданд. Аҳмади Дониш ин ҳолатро алҳол танҳо дар рӯҳияи мардуми дорои рус мушоҳида кардааст, агар имкони вазъи мардуми одии русро мавриди назар қарор додан мебуд, мушкилоти зиёде барояш аён мегардид. Худи ҳамин ҳолат ҳам аз чашми таҳқиқгароёнаи муаллиф дур намондааст.

Бо вуҷуди асари публитсистӣ будан, дар «Наводиру-л-ваҳоеъ» оҳанги бадеият, ҳатто ҷо-ҷо насри мусаҷҷаъ ба назар мерасад.

Муттаассифона, аҳли Бухоро ҳолати мавҷудаи давлати Россияро тасаввур карда наметавонистанд. Дар мавриди пешрафти санъат ва ҳарбии давлатҳои пешрафта уламои Бухоро умуман хабаре надоштанд, онҳо бар он буданд: «Ҳарифон ба ҳар муқаддима аз ин тақрир инкоре мекарданд ва эътирозеболиғ меоварданд, ки «ғайр аз асокири давлати мо дар ҷаҳон аскаре мебошад, ё мисли адавоти арбу таъни мо дар дигар ҷой асбобе омода бувад?!» [108, с. 192].

Аҳмади Дониш барои расидан ё аққалан қадаме наздик шудан ба пешрафти иқтисодӣ рафъи мушкилоти мавҷудаи Бухороро зарур дониста, дар ин бобат масъалагузориҳо намудааст. Зарурати омӯзиши пешаву ҳунар ва саноати зарурироро дар кишвар иброз доштааст.

Аҳмади Дониш ҳарчанд донишманди бузурги замони худ буд ва инро намояндагони рус ҳам дарк карданд, як фиристода, вакили давлати қафомондаи Бухоро маҳсуб мешуд ва дар ҳалли мушкилоти мазкур аз дасти ӯ коре намеомад. Бинобар ин, таъкид ва роҳнамоии намояндаи рус ба сарварони давлати Бухоро равона шудааст.

Таъкид бояд намуд, ки муҳиммияти «Наводиру-л-вақоеъ» ҳамчун асари насиҳатӣ ва роҳнамо будани он аст. Дар фаслҳои аввал муаллиф бештар ба фарзанди худ мурочиат кардааст. Аз ҷумла, таъкид кардааст: «Ва ҳатталимкон бо султон тақарруб маҷӯед» [108, с. 473]. Ин масъаларо ба фарзанд борҳо таъкид кардааст ва сабаби онро шарҳ додааст: «Ва нони ҷавин хӯрдану дар хона нишастан беҳ, ки дар хизмати амир истодан ва камари зарин бастан» [108, с. 535]. Ин маънои онро дорад, ки дар мавриди бо подшоҳон ҳамнишин нашудан Аҳмади Дониш ба таҷрибаи бади хеш такя намудааст. Маълум аст, ки мавсуф чанд соле бо амирони Бухоро рафтуомад ва ҳамсафарию ҳамнишинӣ карда, хислат, кордории онҳоро хуб дарк кардааст. Онҳо якрав, танбал, гапнорав ва кунду карахт ҳастанд, ки танҳо маишат, хӯрду хоб ва манфиати шахсии хешро медонанд ва ба ободонӣ ва тараққии мамлакат таваҷҷуҳе надоранд. Ҷавобан ба ин, худи амир ҳам панду насиҳат ва раҳнамоии одамони доноро қабул ва хуш надорад. Ин аст, ки амир Музаффар баъди шиносоӣ ба матлаб ва аризаҳои Аҳмади Дониш гуфтааст, ки мо фалониро ба Россия вакил карда фиристодем, натиҷа он гардид, ки ӯ оқибат моро насиҳатгар шуд, дигар нахоҳам фиристод. Бо вуҷуди ин, Аҳмади Дониш асари бузург ва мондагори худ – «Наводиру-л-вақоеъ»-ро навишта, аз худ мероси арзандае боқӣ гузоштааст, ки барои ояндагон ва имрӯз ҳам аҳаммияти муҳимро дорост.

Аҳмади Дониш таъкид кардааст, ки мулоҳиза ва пешниҳодҳои ӯ аз мушоҳида ва омӯзиши китобу донишҳои замон ҳосил шудааст: «Ва моро дар ин илм, ки бештари халқ аз он ғофиланд, на аз он аст, ки аз мобайни авроқ ва муҷаллад ба ҳам расида бувад, ё аз кисаи дигаронduздида, балки аз бисёрии тафаккур ва ғавр дар ҳақиқати умур, ки он чиз чаро ин чунин аст ва аз чӣ инчунин шуда ва чист, ки ин чунин нашуда» [109, с. 486]. Зарурати омӯзиши

дониш ва пешниҳоди онро ба дигарон муҳим ва шарти асосии ислоҳи вазъ ва расидан ба пешрафт донista, изҳори таассуф кардааст, ки на ҳама онро дарк мекунанд ва истифода менамоянд. Аҳмади Дониш ба ин ҳолат созиш карда натавонад ҳам, роҳи насиҳат ва фаҳмондадиҳиро ба кор бурда, умедвор шудааст, ки рӯзе мерасад мардум зарурати омӯзиши донишро дарк хоҳанд кард. Аммо худ бо доштани донишу маърифати баланд ҳеҷ ба даст овардани мансаб ва бо ин роҳ даст ёфтан ба зиндагии боҳашамматро ба шаъни худ дуруст наҳисобидааст: «Тавон гуфт, ки қазову раёсат ҳеч кори ҳалол ва мубоҳ надорад ғайр аз ҳароми маҳз ва шубаҳот… Ва нафси ман ба шавкати қозӣ ва савлати раис ҳеч аз ҷой наҷунбид ва майл наёвард» [109, с. 534]. Вобаста ба он, ки кори давлатмандон оқибат ба сустӣ кашида мешавад ва рӯзе мерасад, ки онҳо ҳокимияти хешро аз даст медиҳанд, муаллиф ба хулоса омадааст, ки бинои зулм ва ноҳаққӣ ҳеч гоҳ абадӣ нест. Ба андешаи муаллиф, фарзандони соҳибони ҷоҳу давлат аксаран кам ва баъзан аз ҷиҳати ҷисмонию ақлонӣ носолим ба дунё меоянд, зеро онҳо дар зиндагии хонаводагӣ оромию фориғболии кофӣ надоранд, аммо мардуми камбизоат, бо вуҷуди шароити вазнини зиндагӣ, аз чунин фароғат бештар бархӯрдоранд.

Аз ин рӯ, Аҳмади Дониш барои ҳама қишри ҷомеа меъёри давлат ва фароғатро пешниҳод кардааст, ки бо истифода аз он метавон зиндагиро ба роҳат ба роҳ монд. Ба хулоса омадааст, ки «пас меъёри давлат он бувад, ки шахсро маконе бувад насеҳу босафо аз шаҳру саҳро муштамил ба имороти муносибати мизоҷи ӯ ва ваҷҳи маош дар уҳдаи касе дорад, ки пайваст бояду шояд бад-ӯ мерасонад аз маъкулу малбуси ӯ» [109, с. 579].

Насиҳат ва роҳнамоиҳои Аҳмади Дониш ҳам ба фарзандон ва ҳам ба толибилмону аҳли илму фарҳанг зарурӣ буда, имрӯз ҳам аҳаммияти худро гум накардаанд ва метавон аз онҳо босамар истифода намуд: Муаллиф таъкид мекунад, ки инсон набояд дар назди пайравони динҳои дигар миллату дини худро таҳқир намояд ва дар ҳузури донишмандон андешаҳои аз назари шариат ва ақл носанҷидаро баён кунад, зеро чунин рафтор боиси шармандагӣ мегардад. Агар сухани ӯ асоснок бошаду мухолиф онро дарк карда натавонад, барои

фаҳмонидани масъала набояд беҳуда заҳмат кашад. Ба андешаи муаллиф, таълиму тарбияи шахси танбалу донишногаро натиҷаи дилхоҳ намедиҳад, зеро ҳатто устоди ҳунарманд низ наметавонад аз маводи номувофиқ чизи арзишманд офарад  Ҳамчунин, тавозуъ, хоксорӣ ва дурӣ аз танпарварӣ аз сифатҳои неки инсон дониста мешаванд. Шахси шикампарасту роҳатталаб на танҳо ба мақсадҳои худ намерасад, балки пурхӯрӣ боиси бемориҳои гуногун ва зарари ҷисмонӣ мегардад.

Адолат дар таълимоти муаллиф яке аз асосҳои муҳимми давлатдорӣ ва муҳимтарин меъёри фаъолияти роҳбар ба шумор меравад. Ӯ барои таъмини адолати подшоҳон даҳ шарт пешниҳод карда, дар шарти аввал таъкид менамояд, ки ҳоким ҳангоми баррасии масъалаи мардум бояд худро ба ҷойи онҳо гузорад. Ӯ набояд нисбат ба дигарон ҳукмеро раво бинад, ки татбиқи онро нисбат ба худ намеписандад. Дар акси ҳол, чунин рафтор хиёнат ба адолат ва ҳуқуқи мардум маҳсуб мешавад.

Муҳим ин фикрест, ки инсон ҳар чизеро, ки ба худ написандад, ба дигарон низ набояд раво донад. Ин маънӣ дар асарҳои мутафаккирони гузаштаи тоҷик низ борҳо изҳор шудааст. Аҳмади Дониш илова кардааст: «Се касанд, ки Худои таоло дар рӯзи қиёмат бар эшон нанигарад: аввал султони ҷобир, дувум пири фосиқ, сеюм гадои мутакаббир» [109, с. 633]. Ин ҷо зери ибораи «гадои мутаккаббир» Аҳмади Дониш ашхосеро дар назар дорад, ки барои як луқма нон мансабдоронро тавсиф мекунанд. Аҳмади Дониш мағрурӣ ва худписандиро аз хислатҳои номатлуби аҳли илму адаб дониста, подшоҳонро ҳушдор медиҳад, ки шахсони мутакаббирро ба корҳои давлатӣ ҷалб накунанд. Зеро рафтори ношоистаи амалдорон боиси норозигии мардум гардида, нафрати онҳо дар ниҳоят ба ҳоким равона мешавад. Ҳамчунин, мутафаккир тавсия медиҳад, ки подшоҳ аз уламои тамаъкору хушомадгӯ дурӣ ҷӯяд, зеро чунин ашхос барои ба даст овардани молу манфиат ҳақиқатро пинҳон карда, бо наздик шудан ба дарбори ҳокимон боиси заъфи дину ахлоқи ҷомеа мегарданд. Умуман, бо сабаби эҳтиёҷ ба касе бо хоҳишу зорӣ муроҷиат карданро кори нодуруст ва шармовар ҳисобидааст. Яке аз шартҳои муҳимми дигари адли подшоҳро он

донистааст, ки одамони нолоиқро вазифа надиҳад, то дар ҳаққи халқ бадӣ кунанду мардум онро аз подшоҳ донанд: «Шарти нуҳум, он ки аз таҷассуси хиёнати нуввоб ва зулми уммол ғофил набошад ва гургсиратони золимро бар раоёи мазлум мусаллат накунад ва чун зулми хиёнати яке аз эшон зоҳир бошад, ӯро ба муохаза ва уқубат ибрати дигарон гардонад» [109, с. 639]. Чӣ тавре ки мебинем, ба ҷазо расонидани мансабдорони золимро зарур шуморидааст, то ба дигарон ибрат шавад ва мардум бидонанд, ки золим ҳеч гоҳ аз ҷазо нахоҳад гурехт. Бинобар ин, таъкид медорад, роҳбари давлатро зарур аст, ки аз ҳолу корбарии ҳар як дастнишондааш ғофил набошад, то ба хиёнат даст назананд. Аҳмади Дониш ба подшоҳон тарзи дурусти тақсими вазифа ва мансабҳоро маслиҳат дода, таъмини маоши хидматчиёни давлатиро аз хазина яке аз шартҳои муҳимми идоракунии одилона медонад. Ба андешаи ӯ, агар мансабдорон, аз ҷумла раис, қозӣ, нозири бозор ва дигар кормандони давлатӣ, маоши муайян гиранд, аз дастдарозӣ ба молу мулки мардум худдорӣ мекунанд ва хазинаи давлат низ аз зарар эмин мемонад.

Мутафаккир ҳамчунин таъсиси хазинаи махсусро барои дастгирии шахсони муҳтоҷ ва дармонда зарур мешуморад. Ба назари ӯ, ниёзмандон бояд аз ин хазина бо шарти муайян қарз гиранд ва онро дар муҳлати муқарраршуда баргардонанд. Давлат инчунин вазифадор аст, ки шахсони нотавону бенаворо дар ҷойи муайян ҷамъ оварда, хароҷоти зиндагии онҳоро аз байтулмол таъмин намояд, то онҳо барои дарёфти мадад мардумро нороҳат насозанд. Аз ин андешаҳо бармеояд, ки Аҳмади Дониш ғамхорӣ нисбат ба камбизоатону муҳтоҷонро аз вазифаҳои муҳимми давлат медонад.

Ба андешаи ӯ, подшоҳ бояд оқил, доно ва дурандеш бошад, табиату нияти тобеонро хуб бишиносад, аммо нагузорад, ки атрофиён аз хислату рафтори ӯ огоҳ шуда, бо тамаллуқ ва хушомадгӯӣ фиребаш диҳанд. Ҳоким бояд аз машварати донишмандон истифода барад ва натиҷаи онро ба манфиати мардум равона созад.

Аҳмади Дониш амири Сомониён Исмоилро намунаи подшоҳи одилу меҳрубон муаррифӣ кардааст. Ӯ ҳифз шудани себҳои дарахте дар вақти

гузаштани лашкари сершумори амирро нишонаи тартибот ва адолати давлатдорӣ медонад. Ин воқеа нишон медиҳад, ки адолат на танҳо ҳуқуқу моликияти мардумро ҳифз мекунад, балки сабаби пирӯзӣ ва пойдории давлат низ мегардад. Мутафаккир ҳамчунин таъкид менамояд, ки подшоҳ бояд сухани ростро, ҳарчанд талху нохуш бошад, бипазирад, зеро ҳақиқат танҳо дар сурати ошкоро ва ҷасурона баён шудан метавонад ба шунаванда таъсир расонад.

Бо вуҷуди насиҳату раҳнамоӣ ва зарурати фаҳмидани хислати инсонҳо, гуногун будани атвори одамонро таъкид намуда, изҳор доштааст, ки замири инсон як муаммои душвор аст, ки фаҳмиданаш осон нест. Яъне, мураккабии тинати инсон, гуногунии он сабаби ба вуҷуд омадани фикру мулоҳиза, фаҳмиш, ниҳоят ин қадар мазҳабу динҳо гардида, инсонҳоро аз ҳамдигар дур намудааст.

Аҳмади Дониш дар асари дигари маъруфаш «Рисола (ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития)» низ дар мавриди вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии даврони амирони манғитӣ афкор ва мулоҳизаҳои муҳим арзёбӣ кардааст. Ба андешаи муҳаққиқ М. Муродӣ, «Ин асарҳо («Наводиру-л-вақоеъ» ва «Рисолаи таърихӣ» дар назар аст, - С. Э.) баробари баҳси масъалаҳои фалсафавиву иҷтимоӣ, илмӣ ва ахлоқиро дар бар гирифтан, ифодагари воқеияти ҳоли вақту замони муайянанд. Мундариҷаи онҳоро метавон як навъ бозгӯи авзои сиёсии нимаи дуюми асри Х1Х-и кишварҳои Осиёи Миёна номид» [165, с. 44].

Дар умум, муаллиф аксари подшоҳони манғитиро аз ҷиҳати зулму тааддӣ ба ҳам монанд дониста, махсусан сиёсати амир Ҳайдар ва амир Насруллоҳро ғайриодилона арзёбӣ кардааст. Ба андешаи ӯ, амир Ҳайдар бо мақсади ҳифзи ҳокимияти худ ашхоси бонуфуз ва сарварони қабилаҳоро аз вазифа дур намуда, мансабҳои давлатиро ба шахсони камтаҷриба супурдааст. Ин сиёсат, ҳарчанд дар зоҳир барои таҳкими давлат мусоид менамуд, дар ниҳоят боиси заиф гардидани низоми идоракунӣ шуд. Дар замони амир Насруллоҳ низ набудани шахсони кордону соҳибтаҷриба сабаб гардид, ки идораи баъзе вилоятҳо ба дасти душманон гузарад. Яке аз саҳифаҳои таассуфовар ҳуҷуми асокири рус ва ба истиқболи ҷанг баромадани лашкари ислом мебошад: «Эй, турфа сахт

замони аҷибе буд, уламо ба фарзияти ҷиҳод нафир мекашиданду намедонистанд, ки ин ғазо куҷо фарз шуд ва сабаби вуҷуби он чӣ буд ва ғазо ба чӣ асбоб тавон кард?» [107, с. 133].

Дар хусуси «Наводиру-л-вақоеъ» профессор Х. Асозода навиштааст: «...ҳама тағйироти сифатӣ дар шаклу мундариҷаи адабиёт, пеш аз ҳама, ба падидаи сар даровардани нишонаҳои ҷомеаҳои сармоядорӣ вобастагӣ дошт» [71, с. 3]. Ин мулоҳизаи муҳаққиқи тоҷик то андозае ангезаи сиёсӣ дорад, пайдоиши андешаҳои адабию иҷтимоии як халқро ба ҷаҳони сармоядорӣ пурра вобаста кардан дуруст нест, зеро аз Носири Хусрав шурӯъ карда, то Аҳмади Дониш, асосан, дар натиҷаи мулоҳиза, дарк ва муқоисаи ҷомеаи худӣ ба хулосаҳои иҷтимоии пешқадам расидаанд.

Дар мавриди «Рисола» бошад, профессор М. Муродӣ менависад, ки «дар ин асар Аҳмади Дониш чун мунавварфикри айём сохти сиёсиву иҷтимоии замонашро ниҳоят тезутунд мавриди танқид қарор медиҳад, лаҳзаҳои ҷудогонаи ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоии амирони Бухоро: Шоҳмурод, Ҳайдар ва хислатҳои разилонаи Музаффар ва Абдулаҳадро инъикос ва тасвир менамояд [170, с. 44].

Аҳмади Дониш мутафаккири бузурги тоҷик, шоир ва нависандаи ҳақгӯй ва ҳақҷӯй буд. «Наводиру-л-вақоеъ»-и дар адабиёти тоҷик, умуман, Осиёи Миёна асари бебаҳоест, ки дар он ба таври ошкор норасоиҳои иҷтимоӣ ва сиёсии давр фош карда шудааст. Алиқул Девонқулов дар пешгуфтори нашри пешини китоб таъкид менамояд, ки «асар... масъалаҳои тарбияи инсон, муайян кардани мавқеи маърифат дар такомули фарди ҷамъиятӣ, танқиди ҳаёти феодалӣ, мазаммати зулму истибдод, васфи адлу адолат, тарзи нави идораи давлат, таассуроти сафарҳои Россия ва чанде ҳикояҳои фалсафию реалистиро дарбар мегирад [101, с. 5]. Аҳаммияти дигари асар аз он иборат аст, ки дар ҳама масъалаҳо донишманд роҳи ҳалли мушкилотро низ нишон додааст. «Наводиру-л-вақоеъ»-ро, бешак, намунаи аввалини публитсистикаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ метавон номид. Зеро маҳз ин асар барои ба вуҷуд омадани нахустин мақолаҳои публитсистӣ дар рӯзномаю маҷаллаҳои оғози асри бистум, публитсистикаи

сиёсии адибон ва журналистони баъдиинқилобии тоҷик, пеш аз ҳама, Садриддин Айнӣ заминаи асосӣ гузошт.

Натиҷагирӣ аз фасли мазкур нишон медиҳад, ки публитсистикаи сиёсӣ дар адабиёти тоҷик решаҳои амиқи таърихӣ дошта, дар осори мутафаккирону адибони асрҳои гуногун – аз Носири Хусрав то Аҳмади Дониш тадриҷан ташаккул ёфтааст. Онҳо тавассути танқиди иҷтимоӣ, баррасии масъалаҳои давлатдорӣ, адолат ва шуури ҷамъиятӣ заминаи назариявию амалии ин соҳаи эҷодро гузоштаанд. Дар ин раванд, «Сафарнома»-и Носири Хусрав, осори ҳаҷвии Убайди Зоконӣ, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ҳамчун намунаи барҷаста бо воқеънигорӣ, рӯҳияи интиқодӣ ва пешниҳоди ҷомеаи намунавии адолатпарвар нақши меҳварӣ мебозад.

Ҳамин тавр, ҷанбаи сиёсӣ ва вижагиҳои осори таҳлилшуда дар фасли якум моро ба он хулоса меорад, ки онҳо на дар шакли тасвири содаю маъмулӣ, балки ҳамчун низоми андешаи интиқодӣ ва ислоҳталабона баррасӣ мешаванд. Агар Н. Хусрав тавассути мушоҳида ва муқоисаи ҷомеаҳо сиёсати ҳокимонро баррасӣ кунад, У. Зоконӣ тавассути ҳаҷв фасоди табақаи ҳоким, риёкорӣ ва беадолатии иҷтимоиро бо забони рамзу киноя фош намудааст. Низомулмулк дар «Сиёсатнома», баръакс, як низоми мукаммали давлатдориро ба миён гузошта, ҳокимияти адолатпешаро намуна нишон медиҳад. Аҳмади Дониш дар заминаи воқеияти Аморати Бухоро ба таҳлили интиқодии сохтори давлатдорӣ пардохта, зарурати ислоҳоти сиёсӣ, маорифпарварӣ ва низоми мукаммали идоракуниро баррасӣ мекунад. Дар маҷмуъ, осори мутафаккирони тоҷик – Н. Хусрав, У. Зоконӣ, Низомулмулк, А. Дониш дорои хусусиятҳои муҳимми публитсистикаи сиёсӣ, интиқодию муқоисавӣ буда, бо пешниҳодоти худ ба афкори ҷомеа таъсиргузор мебошад.

## 1.2. Публитсистикаи сиёсии тоҷик дар ибтидои асри XX

Ташаккули публитсистикаи муосири тоҷик, хусусан, публитсистикаи сиёсиро муҳаққиқону пажуҳишгарон ба пайдоиши аввалин матбуоти тоҷикии

«Бухорои шариф» алоқаманд медонанд. Пажуҳишгарон С. Айнӣ, А. Фитрат, А. Муҳиддинов, Мирзо Сироҷи Ҳаким, А. Шакурӣ, Садри Зиё, Ҳоҷӣ Муин, Т. Зеҳнӣ, А. Мунзим, А. Алиев, С. Ализода, Мирзо Ҷалол Юсуфзодаро ба сифати публитсистони замони муосир шинохтаанд. Дар ин замина, пажуҳишҳое аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик, аз қабили И. Усмонов, А. Саъдуллоев, М. Абдуллозода, М. Муродӣ, А. Набавӣ, В. Самад, П. Гулмуродзода, Н. Ғаффоров, А. Азимов, О. Салимзода анҷом пазируфтааст. Муҳаққиқ Мурод Муродӣ дар китоби «Публитсистикаи тоҷик» номи 26 нафар саромади публитсистикаи муосирро дарҷ намудааст.

Дар китоби мазкур ташаккули публитсистикаи сиёсӣ дар заминаи омӯзишу таҳқиқи осори публитсистон муайяну мушаххас карда шудааст. Зимни таҳқиқ, бештар ба ташаккули публитсистикаи сиёсӣ дар осори чанде аз маорифпарварони тоҷик диққат дода, он навиштаҳое мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки асосан, дар саҳифаҳои «Бухорои шариф» нашр шудаанд. Дар ин робита, С. Корконосенко дар китоби «Политическая журналистика» таъкид менамояд, ки «робитаи матбуот дар инъикоси ҳаёти сиёсӣ зоҳир мегардад» [134].

Маълум аст, ки «Бухорои шариф» нахустин рӯзнома ба забони тоҷикӣ аст ва маҳз дар ҳамин нашрия публитсистикаи тоҷик ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ, публитсистикаи сиёсии тоҷик низ дар ҳамин рӯзнома инкишоф ёфтааст ва маводу матолибе, ки аз ҷониби саромадони публитсистикаи тоҷик таълиф гардидаанд, ҷанбаи сиёсӣ дошта, бевосита, вазъи замон ва мушкилоти сиёсиву иҷтимоиву иқтисодиро бозгӯ мекунанд. Дар зимн, як идда асарҳои публитсистони тоҷик нахуст дар рӯзномаи мазкур нашр гардида, баъдан дар шакли китоби алоҳида чоп ва дастраси хонандагон шудаанд. Омӯзишу таҳқиқ ва таҳлили рӯзномаи фавқуззикр нишон медиҳад, ки дар аксари шумораҳои рӯзномаи аввалини тоҷикӣ – «Бухорои шариф» (соли 1912) дар саҳифаи аввал ба эълоне вохӯрдан мумкин аст, ки аз чопи сафарномаи Мирзо Сироҷи Ҳаким бо номи «Туҳафи аҳли Бухоро» хабар медиҳад. Бояд гуфт, ки Мирзо Сироҷ корманди масъули рӯзномаи мазкур буда, баъди сафари як қатор мамлакатҳои

Шарқ ва Ғарб асари мазкурро эҷод кардааст. Ба қавли муҳаққиқ Х. Асозода, «Сафарномаи Мирзо Сироҷ («Туҳафи аҳли Бухоро» дар назар аст – С. Э.) дар пайравӣ бо саёҳатномаҳои аврупоӣ эҷод шудааст… Мақсади Мирзо Сироҷ дар сафарнома он будааст, ки ба воситаи инъикоси дидаву шунидаҳояш таваҷҷуҳи амир ва мардуми Аморати Бухорои шарифро ба сӯйи пешрафтҳои кишварҳои саёҳаткардааш ва сабабу иллатҳои ақибмондагии мусулмонон ҷалб намояд» [71, с. 36]. Дар зимн, ба андешаи мо, ин асар, пеш аз ҳама, дар пайравии «Сафарнома»-и Носири Хусрав ва «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш эҷод шудааст.

Ба таъбири муҳаққиқ М. Муродӣ, «Туҳафи аҳли Бухоро» бо равияи публитсистӣ иншо гардида, диду назар ва андешаҳои як нафар равшанфикри ҷонсӯзу ватанхоҳро ифода мекунад» [165, с. 69].

Маорифпарварони тоҷик дар он давра бо нашрияҳои «Тӯрон», «Самарқанд», «Оина», «Сироҷ-ул-ахбор» ҳамкорӣ намуда бошанд ҳам, аксари навиштаҳои онҳо дар саҳифаҳои «Бухорои шариф» ба табъ расидаанд. Аз ин ҷост, ки рӯзномаи «Бухорои шариф» бо мақолаҳои зиёди сиёсӣ ва ашъори дорои афкори сиёсиву иҷтимоидоштааш дар таърихи адабиёт ва журналистикаи тоҷик нақши бориз гузоштааст. Дар шумораи нахустини нашрия (11 марти соли 1912) мақолаи «Ғояи омол» ба нашр расидааст, ки дар он дар баробари ҳадаф ва саривақтӣ будани чопи нашрия доир ба хусусияти танқидӣ доштани он махсус таъкид гардидааст: «Тараққии инсоният беш аз ҳама бо «интиқоди саҳеҳа» метавонад буд» [356]. Ҳамчунин, дар ҳамин шумора мақолаи калони дигари муҳимми сиёсӣ бо номи «Баъзе фавоиди рӯзнома» ҷой дода шудааст, ки ба қаламӣ Мирзо Сироҷи Ҳаким тааллуқ дорад. Таъкид шудааст, ки рӯзнома дар баробари дигар масъалаҳо ба «корҳои тиҷоратӣ ва сиёсӣ, яъне, умуроти мамлакатдорӣ ва ҳукуматӣ» [330] таваҷҷуҳ менамояд. Дар рӯзнома вобаста ба мавзуъҳои сиёсӣ маводу матолиб ба нашр расидааст ва дар ин бобат, ҳарфи машҳури Мирзо Сироҷ шаҳодат медиҳад: «Дар тамоми олам шаҳре нест, ки ҷарида нахонад. Уқалои онҳо мегӯянд: ҷаридаи ҳар миллат забони гӯёи ҳамон миллат аст ва миллате, ки ҷарида надорад, гӯё забон надорад ва ҳоли одами

безабон ҳам ба ҳама кас маълум аст» [330]. Маънии мазкур дар рӯзномаи «Бухорои шариф» борҳо дарҷ гардидааст. Ин маънӣ дар мақолаи «Сухани гуфтанӣ» ба ин шакл оварда шудааст: «Аз ҷумлаи фавоиди он (рӯзнома дар назар аст – *Э. С.*) яке ин аст, ки ҷаридаи ҳар миллате забони гӯёи ҳамон миллат аст…» [331]. Маълум мегардад, ки мавзую муҳтавои нашрия фарогиру доманадор буда, ҳамаи масъалаҳои замонро дар бар гирифтааст. Муаллифон рӯзномаро манбаи иттилоърасонӣ, василаи муҳимми бедории иҷтимоӣ ва ташаккули шуури миллӣ муаррифӣ мекарданд. Ба назари онҳо, матбуот метавонад андешаҳои иҷтимоиро муттаҳид намуда, мардумро аз вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии замон огоҳ созад. Аз ин рӯ, тавассути нашрия кӯшиш карда мешуд, ки дар миёни ҷомеа фарҳанги мутолиа, худогоҳӣ ва иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ тақвият бахшида шавад. Дар ин бора муҳаққиқ Абдухолиқи Набавӣ зикр мекунад, ки «зуҳури нашру табъ, матбуот, бахусус, фарҳанги рӯзноманигорӣ хоси замони рӯшангарӣ, даврони ба Дунёи Нав ворид шудани Шарқи мусулмонӣ, аз ҷумла, Осиёи Марказӣ, замони дар ҷомеа бедор шудани афкори таҳлилӣ ва назар ба аҳволи худ, яъне, худшинохтагӣ будааст... » [175, с. 5]. Хоҳиши худшиносӣ, дарки вазъи ногувори кишвар, таҳлили мушкилоти ҷомеа ва ҷустуҷӯи роҳҳои рафъи онҳо барои пешрафти Ватан ба бедории фикрии мардум мусоидат намуд. Дар ин раванд рӯзнома яке аз омилҳои асосии ташаккули тафаккури таҳлилӣ, моҳиятшиносӣ ва сабабҷӯии аҳли ҷомеа ба шумор мерафт.

Дар меҳвари фаъолияти рӯзнома ривоҷ бахшидани илму маориф, ислоҳоти таълиму тарбия, мактабу мадраса қарор дошт ва дар ин миён мутасаддиёни рӯзнома бо ду ташаббуси муҳим баромад карданд: таъсиси ҷамъияти «Нашри маориф» ва ҷамъияти хайрия; ҳар ду ба рушди маориф нигаронида шуда бошанд ҳам, дар он замон аҳаммияти сиёсӣ доштанд. Муҳаррири рӯзнома Мирзо Ҷалол Юсуфзода рушди маориф, тиҷорат, иқтисод, зироат ва саноатро яке аз қисматҳои асосии ватандӯстӣ ва миллатпарварӣ донистааст.

Мирзо Ҷалол Юсуфзода яке аз публитсистону рӯзноманигорони Озарбойҷон буд, ки ба Бухоро даъват ва ба ҳайси муҳаррири рӯзномаи

«Бухорои шариф» таъйин гардид. Ба таъкиди Олим Салимзода-муҳаққиқи ҳаёт ва фаъолияти публитсистии Мирзо Ҷалол Юсуфзода «Муҳаррир ва публитсисти «Бухорои шариф» Мирзо Ҷалол Юсуфзода дар силсиламақолаҳояш, ки аз дусад номгӯй зиёд аст, ба суолҳое ҷавоб гуфт ва таваҷҷуҳи хонандагонро ба масъалаҳое ҷалб намуд, ки ба маснади тараққихоҳон, дармонбахши дардҳо, ифшогари розу ниёзҳо, таъриху ҷуғрофия, сиёсати давлатҳо ва ёри мушфиқ будани рӯзнома эътимод ҳосил шуд» [207, с. 14].

Бояд қайд кард, ки вобаста ба номи ин публитсист ду тарзи навиштро муҳаққиқон истифода кардаанд – Мирзо Ҷалол Юсуфзода ва Мирзоҷалол Юсуфзода. Азбаски дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ба тарзи Мирзо Ҷалол Юсуфзода корбаст гардидааст, мо низ ҳамин шакли номро мавриди истифода қарор додем.

Маҳз бо ташаббуси М. Юсуфзода доираи паҳншавии рӯзномаи мазкур васеъ гардида, ба Эрону Афғонистон, Россияву Ҳиндустон, Қафқозу Туркия ва мамлакатҳои дигари мусулмонӣ паҳн мегардид. Маълум мегардад, ки М. Юсуфзода аз илмҳои замон бархӯрдор будааст, бо рӯзномаҳо ҳамкорӣ доштааст, аз адабиёти тоҷику форс огоҳ ва вазъи иҷтимоии замонро хуб медонистааст. Ин нуктаро метавон ба андешаи муҳаққиқ М. Муродӣ, ки мегӯяд, М. Юсуфзода «қабл аз омадан ба Бухоро дар маҷаллаи ҳаҷвии «Мулло Насриддин», ки дар Қафқоз интишор мешуд, масъули бахши форсӣ будааст. Мирзо Ҷалол ба адабиёти тоҷику форс дилбастагии беҳад дошт ва ба шарофати ӯ аз осори намояндагони адабиёти классикии мо дар ин маҷалла намунаҳо интишор мегардид» [165, с. 75], тасдиқ намуд.

Муаллифону қаламкашоне, ки дар рӯзномаи «Бухорои шариф» фаъолият мекарданд, дар нигоштаҳои хеш масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замонро ифода кардаанд. Аз ҷумла, Мирзо Ҷалол Юсуфзода дар мақолаи «Назофат»-и Мирзо чунин сатрҳои адибонаю пурэҳсос мавҷуданд: «Касифтар аз мо, мусулмонон алъон дар тамоми ҷаҳон миллате нест! Дастамон, суратамон, либосамон, хона ва ҳаволимон мухтасар сар то поямон олудаи касофат ва чирк ҳастем! Аммо

онҳо, ки дар шариъаташон ин қадарҳо таъкиди назофат нест, дар сояи илм ва фан манфиъати назофат ва таҳоратро фаҳмида, сар то по руҳу райҳон гардидаанд» [358].

Бешубҳа, таъсиси рӯзномаи «Бухорои шариф» далели равшани рушди худшиносии миллӣ маҳсуб меёбад. Дар ин замина, фаъолиятҳои ҷадидон, равшанфикрону маорифпарварон дар пайдоиш ва ташаккули афкори сиёсиву миллӣ дар Мовароуннаҳру Туркистон нақши муҳим бозид. Яке аз нуктаҳои муҳимме, ки ба сиёсат дахл дошта, аз худшиносии мардуми Осиёи Марказӣ дарак медиҳад, қишри пешқадам акнун фарқи байни «бегонаҳо» ва «аҷнабиён»-ро медонистанд, дарк мекарданд, ки хориҷиён ба ин хок ба нияти истеъмор омадаанд. Аз ҷумла, дар «Бухорои шариф» ин маънӣ нозук ва пардапӯшона изҳор шудааст. Маҳз бо мақсади раҳоӣ аз дастнигарии «бегонагон» муаллифони шеър ва мақолаҳои публитсистии рӯзнома ба танқиди ақибмондагӣ, танбалӣ даст зада, таҳсили илм, равнақи тиҷорату саноат ва иқтисодро тарғиб намудаанд. Дар ҳақиқат, мо бори нахуст шарораҳои ғояи худшиносии миллии тоҷиконро дар публитсистикаи рӯзномаи ягонаи ҷадидии тоҷикии «Бухорои шариф» мушоҳида мекунем. Дар шеъру мақолаҳои зиёд аз таърихи пуршараф ва гузаштагон ёд шудааст, аммо дар баробари ин, таъкид мегардад, ки танҳо бо ифтихори хушку холӣ наметавон пеш рафт, балки бояд саъю кӯшиш намуд ва «падари хеш гашт». Муаллифони рӯзнома ба замони нав бовар доштанд ва онро давраи эҳёи миллат мешумориданд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки худшиносии миллии тоҷикон маҳз аз оғози асри бистум шуруъ шуда, ташаккул ёфта, то ба имрӯз давом дорад. Хулосаи муҳимми муаллифони «Бухорои шариф» ин аст: танҳо бо рушди илму маориф, иқтисод, саноат ва тиҷорат хушбахтии миллатро таъмин кардан имконпазир мебошад.

Мақолаи «Чӣ бояд кард?»-и Мирзо Сироҷи Ҳаким [342] яке аз навиштаҳои аввалин дар мавзуи иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Муаллиф бо ҷуръати баланд сухан ронда, ба хулосаҳои илмие омадааст, ки то ба он вақт дар илму адабиёти тоҷик ба назар намерасад: «Мулоҳиза бифармоед: ҳар соле чандин миллионҳо пунба ва пашм ба ҳамсоягон мефурӯшем. Ин миллионҳоро чӣ мекунем? Ҳамин

миллионҳоро ба даҳяки пунба ва пашме, ки фурӯхтаем, дода тани худро мепӯшонем… Агар мо пунбаи худро метавонистем қумош бофем, албатта, сарвати мо даҳ муқобил мешуд» [342]. Масъалагузориҳое, ки дар он замон шуда буд, имрӯз низ муҳиммияти худро аз даст надодаанд ва қобили мулоҳизаву истифода мебошанд.

Ба қавли Н. Ғаффоров, «Таҳлили мақолаҳои рӯзнома нишон медиҳад, ки ҷадидон дар пайи ғояҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш аз дастовардҳои техникаи ҳозиразамон ва тиҷорат дар мамлакатҳои хориҷа бохабар буданд ва оид ба рушди иқтисодии мамлакат бо пешниҳодҳои аниқ баромад мекарданд» [96, с. 125].

Муаллифони «Бухорои шариф» медонистанд, ки баъзе қонунҳои нави иқтисод, сарват, тиҷорат ва сармояро дар асоси сиёсати замон ва шариат ва урфу одати мардумӣ бояд ба роҳ монд. Ин аст, ки Мирзо Ҷалол дар силсиламақолаи худ «Мулоҳиза» (оғозаш аз 20 марти соли 1912) нахуст дар мавриди фарқи ҳаром ва ҳалол сухан ба миён гузоштааст; доду ситод – шаръ ҳалол аст, аммо рибо – ҳаром: «Доду ситод асоси иҷтимоъ ва маданияти одамизод аст, иҷтимоъ ва маданият ҳам иборат аз муовинати ҳамдигар аст» [357]. Яке аз ҳадафҳои асосии рӯзномаи «Бухорои шариф» тарғиби бародарӣ ва баробарии одамон аст. Ин маънӣ дар рӯзномаи мазкур тавассути роҳҳои гуногун (ин ҷо аз ҷиҳати динӣ) тарғиб ва ташвиқ шудааст. Нишонаҳои баробариро чунин ифода кардаанд. Масъалагузориҳои мазкур омили пешрафти ҷомеа гашта метавонанд ва аҳаммияти сиёсиву тарбиявӣ доранд.

Мирзо Ҷалол дар шарҳи масъала бо таассуф менависад, ки мусулмонии мо ба забон аст. Баъзеамон аз бонки рус қарзгириро чун рибо ҳаром мешуморем, аммо агар як бародари муслим ба сад сӯм муҳтоҷ гашта, қарз пурсад, ба ӯ ин маблағро доданӣ мешавем, ба шарте ки агар дар як сол баргардонда натавонад, се-чаҳор баробар даромад диҳад ва бо ин ба хонаву молу замини ӯ талабгор мешавем: «Ағлаби мо муртакиби рибои ноинсофона мешавем, яъне, даҳ сӯм ба як нафари муҳтоҷ дода, баъд аз даҳ моҳ бист сӯм аз ӯ мегирем. Ҳоло магар беҳтар нест, як ширкати миллия дуруст намуда ба заифон ва ағниё бо мурочиаи

қалила дастгирӣ намоем. Ҳам тиҷорати мо пеш афтода муҳтоҷи аҷониб набошем, ҳам бечизҳои мо бо рибои газоф додан аз ҳасту нести худ нагузаронанд?!» [357]. Чӣ тавре ки мушоҳида мешавад, ин ҷо ба ғайр аз нишон додани роҳи ҳалли масъала ватандӯстии муаллиф зоҳир мегардад, ки намехоҳад муҳтоҷи аҷнабиён (ин ҷо бонки қарзии рус - «Ширкати иона» («Кредитный банк») дар назар дошта шудааст) бошад. Ҳамин тариқ, дар рӯзномаи мазкур масъалаҳои иқтисодии аморат, эҳтимол, бори нахуст ба таври ҷиддӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Аз мутолиаи сармақолаи «Аҳаммияти зироат» (муаллиф «М.Р.») ва як қатор мақолаҳои дигар, махсусан, дар мавриди пахтакорӣ, пиллапарварӣ аён мегардад, ки кормандон ва мухбирони рӯзнома на танҳо масъалаҳои иҷтимоӣ, диниву фарҳанг, тиббу таърихро дуруст дарк мекунанд ва дар ин бобат қаламфарсоӣ менамоянд, балки иқтисодро низ хуб медонанд ва дар ин бобат пешниҳодҳо ироа мекунанд. Зикр мешавад, ки маодин дорем, хориҷиҳо омада пайдо мекунанд, аммо худамон азбаски мутахассису муҳандис надорем, наметавонем онҳоро кашф кардаву истеҳсолашро ба роҳ монем. Дар бораи зироат ва деҳқонӣ бештар истода қайд мекунад, ки дар хориҷа оид ба ин ихтисосҳо мактабҳо кушодаанд. Муаллиф барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ истифодаи тухмии хушсифат, нуриҳои минералӣ, доруворӣ ва олоти пешрафтаи кишоварзиро зарур мешуморад. Ӯ мардумро ба раҳоӣ аз танбаливу бепарвоӣ ва меҳнати судманд ба манфиати худу ҷомеа даъват менамояд. Зимни муқоисаи шароити зиндагии мардуми Шарқу Аврупо таъкид мекунад, ки аврупоиён меҳнату истироҳати худро дуруст ба роҳ мондаанд. Аммо деҳқонони мо бо вуҷуди заҳмати сангин ва пайваста, аз сабаби нодуруст ба роҳ мондани кор ва истифода набурдани воситаҳои пешрафта, ҳосили кам ба даст оварда, бештар дар ҳолати фақру муҳтоҷӣ қарор мегиранд.

Мавзуъҳое, ки дар мақолаи «Масъалаи пахтаи Туркистон» матраҳ гардидааст, саривақтиву муҳим мебошанд. Дар асоси баҳсҳои тиҷоратӣ бо Амрико ҳукумати Россия аз баҳори соли 1912 ба масъалаи пахтакорӣ дар Туркистон таваҷҷуҳ кард. Муаллиф бар он ақида аст, ки агар дастгирӣ шавад,

пахтаи Туркистон корхонаҳои Россияро бо ашёи хом таъмин хоҳад кард. Муаллиф танбалӣ, маҳдудандешӣ ва қаноат кардани мардумро ба касбу тиҷорати меросии ниёгон интиқод намуда, ҳушдор медиҳад, ки идомаи чунин муносибат метавонад боиси аз даст рафтани молу мулк ва заминҳо гардад. Дар ҳоле ки хориҷиён бо ҷидду ҷаҳд ва фаъолияти пайваста соҳиби сарват мешаванд, мардуми маҳаллӣ аз пешрафт бозмонда, тарзи зиндагии кухна ва беамалии худро беҳтарин мешуморанд. Аз пулдорон даъват менамояд, ки ширкатҳо ташкил карда, корро ба таври нав ба роҳ монанд. Дар бораи кӯшиш ва чорабиниҳои ҳукумати Россия дар ин маврид хабарҳои зиёди муҳим пешниҳод шудаанд. Чунончи, зикр шудааст, ки Россия бо ҳадафҳои сиёсӣ муҳоҷир намудани шумораи ҳарчи бештари русҳоро ба кишвари Туркистон ният дорад. То чӣ андоза ба деҳқонҳои муҳоҷири рус супоридани заминҳои киштбоби Туркистонро аз он фаҳмидан мумкин аст, ки дар яке аз хабарҳо аз шумораи 23 апрели соли 1912 омадааст: «Комисиюне, ки ба амри ғубурнотур ташкил шуда буд, қарор гузоштааст, ки ҷойҳои хубро дар канори ҷӯй ба қимати арзон ба русҳо бидиҳад ва шарт гузоштаанд, ки русҳо ҳаққи фурӯши арозӣ ба мусулмонон надошта бошанд. Мусулмонон аз ин қарори комисиюн хеле норозӣ ҳастанд» [328]. Тибқи пажуҳиши Н. Ғаффоров, дар маҳаллаҳои муҳоҷирони рус «дар оғози асри XX тахминан 60 ҳазор шаҳрванди рус, аз он ҷумла, ҳарбиёни рус зиндагӣ мекарданд… Дар ҳудуди Осиёи Миёна қисмҳои зиёди ҳарбиёни рус (қариб 8 ҳазор нафар) ҷойгир карда шуда буданд» [96, с. 20]. Ин аз торафт васеъ шудани доираи таъсироти амалдорони Россияи подшоҳӣ дар ин мамлакат гувоҳӣ медод.

Ҳадафи асосии мақолаҳои публитсистии иқтисодие, ки дар рӯзномаи «Бухорои шариф» нашр гардидаанд, аз он иборат аст, ки миллату давлатро ба роҳи тараққиёт раҳнамун созад. Ҳамин тавр, аҳаммияти рӯзномаи «Бухорои шариф» дар худшиносии халқи тоҷик бузург аст.

Мавзуи Ватан бори аввал дар таърихи миллати тоҷик ба пуррагӣ дар маводу матолиби публитсистӣ ва ашъоре, ки дар саҳифаҳои рӯзномаи «Бухорои шариф» чоп шудаанд, инъикос ёфтааст. «Дар мақолаҳои чопкардааш дар

рӯзномаи «Бухорои шариф» Мирзо Ҷалол Юсуфзода яке аз аввалинҳо шуда, дар таърихи матбуоти тоҷик барои асосноккунии афкори пешқадами хеш мафҳумҳое чун «миллат», «қавм» ва «ватан»-ро истифода бурд» [51, с. 101]. Мақолаҳои публитсистии ватандӯстӣ ва миллатпарварӣ дар ин рӯзнома бо намунаҳои ашъори ватандӯстона зиёд ҷой дода шудаанд ва ҳамдигарро пурра мекунанд. Аз ҷумла, таассуроти Мирзо Ҷалол Юсуфзода аз роҳи сафар бо номи «То Бодкуба» [359] дар мавриди тарбияи ватандорӣ ва нигоҳдории манфиату обрӯи мамлакат саҳми намоён мегузорад. Ҳадафи муаллиф аз тасвири он ки мардуми бумии Ишқобод беҳавсалагию танбалӣ карда, кори савдоро ба дасти дигарон супоридаанд, ба кору пайкор даъват намудани мардумони Туркистону Бухоро аст.

Яке аз маорифпарварони тоҷик, ки бо нигоштаҳои хеш тавонистааст ба афкори омма таъсири амиқ расонад, Абдурауф Фитрат мебошад. Мавсуф аз аввалин нафаронест, ки диду нигоҳи пешқадам ва бо таълифи асарҳои муҳимми публитсистӣ вазъи сиёсию иҷтимоии замонро бозгӯ кардааст. Асарҳои «Мунозара» (1909), «Сайҳа» (1911) ва «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» (1912) сирф публитсистӣ буда, marому мақсади муаллифро дар хусуси ислоҳоти замон инъикос менамоянд. Ба таъбири профессор М. Муродӣ, «ҳангоми таҳсил дар Туркия Фитрат ба нашрияҳои даврии «Бухорои шариф» ва «Самарқанд» ҳамкорӣ намуда, ба онҳо шеъру мақолаҳо мефиристонд. Дар чунин нигоштаҳояш ӯ аз хусуси ғафлату ҷаҳолати аҳли илму мамлакат ва ҷалби онҳо ба маърифат ибрози назар менамуд» [165, с. 88].

Дар адабиёти тоҷик, махсусан, дар таҳқиқоти С. Табаров [228] масъалаи робитаи Фитрат бо ҷараёни пантуркизм то як андоза ба таври интиқодӣ баррасӣ шудааст. Ба андешаи муҳаққиқ, гарчанде Фитрат бо осори худ дар ташаккули худшиносӣ ва эҳсоси ватандӯстии ҷомеа саҳми назаррас гузоштааст, аммо дар марҳалаи муайяни зиндагию фаъолият зери таъсири муҳити фикрию сиёсӣ ба ҷараёни пантуркизм ҷалб шудааст. Ба андешаи ин муҳаққиқ, ин давраи фаъолияти Фитрат бо ишғоли мансабҳои давлатӣ дар Бухоро рост меояд, ки мавсуф дар ин муддат ба баъзе хатоҳои сиёсӣ роҳ медиҳад. Бо вуҷуди ин, С.

Табаров ба таври куллӣ фаъолияти Фитратро якранг арзёбӣ накарда, қайд мекунад, ки ӯ, пеш аз ҳама, ҳамчун адиб ва мутафаккири ислоҳталаб дар рушди адабиёти нави тоҷик саҳм гузоштааст.

Ба ин маънӣ, аз муаллифони фаъоли рӯзномаи «Бухорои шариф» буд. Мақолаи Абдурауф Фитрат дар шумораи 20 июли соли 1912 бо номи «Истиқбол» [347] «яке аз таълифҳои муҳимми проблемӣ ба шумор меравад» [175, с. 107] мебошад. Мақолаи мазкур чун дигар навиштаҳои муаллиф бо забони содаву равон таҳия гашта, масъалаҳои муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳадаф ва аҳаммияти мақолаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки аз омодагии инсон ба оянда, саъю кӯшиши доимӣ, мубориза ба танбалӣ, ривоҷи сатҳи донишу маърифат, беҳтар кардани зиндагӣ нақл мекунад. Нахуст мафҳуми «истиқбол»-ро шарҳ медиҳад ва мегӯяд, ки дар мавриди назари мо он маънои «пешомад»-ро дорад. Аммо баҳс дар ин бобат аст, ки ин пешомадро худамон месозем ё фақат аз боло муайян мекунанд? Фитрат нахуст ин маъниро шарҳ медиҳад. Таъкид мекунад, ки агар ба умеди «пешомад» нигоҳ карда шинем, қадри инсонии худро аз даст медиҳем, чунонки ҳоло чунин ҳолат рӯй додааст: «Мулло имсол ба кунҷи ҳуҷраи тангу рутубатдор бо камоли гуруснагӣ менишинад то соли оянда ба неъмати мударрисӣ ва дабдабаи муфтигарӣ бирасад. Шайх лаззатҳои инҷаҳониро пушти по зада гӯшаи танҳоӣ мегузинад то дар ҷаҳони оянда ба сояи тӯбӣ нишинад. Ҳоким моли раъияти бечораро бештар ба хазинаи подшоҳ месупорад то фардо вазираш намоянд. Подшоҳ сесад ҳазор сарбози худро дар як рӯз лагадкӯби саворони душман менамояд, то рӯзи дигар хутбаи фалон шаҳрро ба номаш хонанд. Худи шумо имрӯз аз тамошои шаҳр ва гулгашти саҳро чашм пӯшида ба кори худ машғулед, то деги фардотон биҷӯшад» [347]. Яъне, дар мақолаи мазкур А. Фитрат мафҳуми ояндаро ҳамчун натиҷаи амалу талоши худи инсон маънидод карда, андешаи интизор будан ба тақдирро шадидан маҳкум кардааст. Пешрафти ҷомеа танҳо дар сурате имконпазир аст, ки инсон аз танбалию хурофот даст кашида, бо дониш, маърифат ва меҳнати пайваста ояндаи худро равшан созад. Муаллиф ба хулосае меояд, ки пешрафту

шукуфоии ҳар миллат ба дурбинӣ, ояндабинӣ ва талош барои фардои беҳтар вобаста аст. Миллате, ки бо вуҷуди дорои имконият будан дар фикри ояндаи худ нест, тадриҷан дороиҳояшро аз даст медиҳад. Баръакс, миллате, ки имконияти маҳдуд дорад, вале бо нақшаву ҳадафҳои созанда барои оянда мекӯшад, метавонад ба комёбӣ ва неъматҳои фаровон ноил гардад.

Андешаи муҳимми А. Фитрат ҳамчун донишманди маъруфи давр ин аст, ки ӯ фикри истиқбол (ояндангарӣ) доштанро зарууртар аз ҳама донистааст. Изҳор доштааст, ки агар фикри оянда дошта бошед, соҳиби ҳама чиз мешавед. Ин аст сабаби «Истиқбол» гузоштани унвони мақола. Сипас чунин вазифагузорӣ мекунад: «Корҳое, ки алъон ба дасти худи мо мавҷуд аст, ҳаминҳост: 1 - муассисоти илмия (яъне, мактабҳо ва мадрасаҳо); 2 - тиҷорат; 3 - зироат; 4 - санъат» [347]. Фитрат дар бобати роҳҳои рушди чор соҳаи зикршуда андешаҳояшро баён карда, онҳоро аз ислоҳи кори маориф, таълиму тарбия вобаста медонад. Барои ин ташкили мактабҳои махсуси таълими зироат, санъат ва тиҷоратро зарур медонад, ки ин фикрҳо минбаъд аз тарафи равшанфикрони дигар дастгирӣ шуданд. Вагарна ба ақидаи ӯ, дар солҳои наздиктарин ин замину хок ва маъданҳои мо ба дасти дигарон хоҳанд афтид. Ин масъалаҳоро Абдурауф Фитрат барои он мегуфт, ки аллакай садҳо, ҳазорҳо деҳқонони рус ба кишвари Туркистон омада, заминҳои он ҷоро ба муддати сад сол ба иҷора гирифта, наҳрҳо кофта, пахтаву гандум мекоштанд, ки дар ин бора дар рӯзномаи «Бухорои шариф» матолиби зиёд ба чоп расидааст.

Мақола ва ашъори дар «Бухорои шариф» чопшуда намунаи аввалини осори публитсистӣ дар журналистикаи тоҷик мебошанд. Онҳо дар замонаш вазифаи сиёсии худро хуб ба ҷо оварданд. Баъд аз он намунаҳои жанри публитсистӣ дар маҷаллаҳои «Оина» (1914), «Шуълаи инқилоб» (1919) шакли ҳақиқии худро пайдо карданд.

Мусаллам аст, ки бо чунин шева навиштани масъалаҳои замон, аз як тараф, вазъи номуносибро бозгӯ намояд, аз ҷониби дигар, аҳли ҷомеаро барои тағйир ёфтан ва тағйир додан таҳрик мебахшад. Чунин услуби нигориш дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» низ ба мушоҳида мерасад. Мудир-муҳаррири он Саидризо

Ализода, ки бо «Оина» ҳамкорӣ дошт, бо сабку услуби мазкур шинос буда, дар мақолаҳои худ дар соли 1919 аз он зиёд истифода кардааст. Муаллифи мазкур дар мақолаи «Моро ислоҳи мадорис ва макотиб лозим аст», ки ҳанӯз соли 1913 дар маҷаллаи «Оина» ба нашр расидааст, бо эҳсоси баланд нигоштааст: «Эй бародарони туркистонӣ! Эй ҳамватанони азиз! Ғафлат то кай? Ҷаҳолат то чанд?! [316, с. 75]. Дар ин маврид, муҳаққиқ Комиссаров қайд кардааст, ки «истифодаи зиёди порчаҳои публитсистӣ, таърихӣ бадеияти асарро метавонад коҳонад; аммо дар шароити он замон ба нависандагон дар роҳи кашфи усулҳои нав барои инъикоси ҳақиқат кумаки калон расонад» [133, с. 47].

Ба ин маънӣ, метавон зикр намуд, ки истифодаи чунин услуби нигориш матолибро хонданӣ менамояд ва дар ислоҳи мактабу маориф, ки заминаи асосии пешрафти давлат мебошад, муҳимтарин рисолати маорифпарварон будааст. Муҳаққиқ Н. Ғаффоров таъкид мекунад, ки «Саидризо Ализода чораи аз ғафлат наҷот ёфтан ва ба шоҳроҳи тамаддуни умумибашарӣ дохил шуданро танҳо дар ислоҳи мактабу маориф ва бунёд намудани пояҳои навини таълиму тадрис медидааст [96, с. 52].

Аз баррасиии мақолаҳои рӯзномаи «Бухорои шариф» маълум гардид, ки имконияти жанрҳои публитсистӣ дар инъикоси масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва рушди миллӣ хеле калон аст. Фарқият ва бартарии матолиби рӯзномаи мавриди назар дар он аст, ки дар он публитсистика бо бадеият тавъам гаштааст. Аслан «публитсистика фарогири ҳама чиз аст, ягон соҳаи фаъолияти инсон нест, ки ба он бетараф бошад. Дар олами публитсистика тамоми ҷаҳон мегунҷад» [51, с. 14]. Муҳаққиқи тоҷик М. Абдуллозода зимни баррасии масъалаи публитсистика ва ҳувияти миллии тоҷикон дар охири асри XIX ва аввали қарни XX дар мавриди аҳаммияти омӯзиши масъалаи мазкур дар давраи имрӯза дуруст қайд кардааст: «Ҳоло ҷомеаи мо ба омӯзиши илмӣ ва дарки ҷанбаҳои гуногуни мушкилоти ҳувияти миллии тоҷикон, аз он ҷумла, дар соҳаи публитсистика беҳад ниёз дорад» [51, с. 4]. Ин масъала, бешак, ба худшиносӣ ва ватанхоҳӣ, рушди иқтисод ва пешрафти миллат зич алоқаманд аст.

Оғози асри бистум давраи ташаккули публитсистика ба ҳисоб меравад. Шоирону нависандагон ва маорифпарварон маҳз дар ин давра ба он рӯй оварданд. «Дар ҳамин давра адабиёт ранги публитсистӣ ба худ гирифта, ҷиҳатҳои тасвирӣ не, балки нақши онро ба ҷойи аввал гузошт» [71, с. 129]. Бинобар ин, ба ақидаи муҳаққиқ Х. Асозода, «вақте ки чеҳраҳои адабии ин давраро таҳти баррасии адабиётшиносӣ қарор медиҳем, мебинем, ки дар осори онҳо маводди тозаву асили бадеӣ камтар ба назар мерасад, балки ононро сарнавишташон, рӯзгорашон, саёҳатҳояшон, афкору ақоидашон беҳтару равшантар муаррифӣ менамоянд» [71, с. 129]. Дар осори адибони оғози асри бистум ҷанбаи публитсистӣ назар ба тасвири бадеӣ мавқеи баландтар касб кард.Таҳлили осори публитсистии ҷадидон нишон медиҳад, ки онҳо мардумро ба бедории миллӣ, ислоҳоти ҷомеа ва татбиқи амалии он даъват намуда, монеаҳои пешрафти Бухорою Туркистонро ошкоро танқид мекарданд. Онҳо бо муқоисаи вазъи кишвар бо давлатҳои пешрафтаи Шарқу Ғарб мекӯшиданд, ки қафомонии Ватанро ба хонандагон нишон диҳанд. Дар назм низ чунин ҳолат ба назар мерасад. Адибон дар ин давра ба зимма вазифаи муҳимро доштанд: расондани воқеоти муҳимми аср ба мардум. Ба қавли М. Абдуллозода, «Ҳама он чизе, ки шахс, миллат, давлат, ҷомеаро ба ҳаяҷон меорад, дар журналистика инъикос меёбад» [51, с. 14].

Ба қавли муҳаққиқон, аз ҷумла, М. Абдуллозода, Н. Ғаффоров, услуби публитсистӣ асоси адабиёти ҷадидиро ташкил дода, онҳо аз ин услуб дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва нашрияҳои худ истифода мебурданд. Тамоми адабиёти насрӣ ва назмии ҷадидонро метавон миллӣ номид, зеро ғояи асосӣ ва марказии ин адабиёт даъват ба бедории иҷтимоӣ ва худшиносии миллӣ буд.

Дар баробари Мирзо Сироҷи Ҳаким, Мирзоҷалол Юсуфзода, Абдурауф Фитрат, инчунин, Мирзо Абдувоҳид Мунзим, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Саидризо Ализода, Садриддин Айнӣ, Абдуқодир Муҳиддинов, Аббос Алиев, Собит Манофзода, Чинор Имомов, Ширинйшоҳ Шоҳтемур, Абдуқаюми Қурбӣ, Ҳамид Бақозода, Ҳоҷӣ Мӯин Шукруллоев, Тӯрақул Зеҳнӣ, Обид Исматӣ, Алӣ

Исмоилзода, Лутфулло Обидҳуҷаев, Маъруф Расулӣ, Раҳим Ҳошим, Бадриддин Азизӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Ҳасан Маҳмадхонов (Ирфон), Пайрав Сулаймонӣ ва Муҳаммадҷон Раҳимӣ ҳамчун публитсистони асрҳои XIX-XX дар тарбияи насли наврас, худшиносию худогоҳӣ, шинохти давлату миллат саҳми шоиста гузоштаанд. Ба ибораи дигар, рӯзномаи «Бухорои шариф» ҳамчун минбари муҳимми ҷадидони тоҷик дар бедории афкори ҷомеа, рушди андешаи миллӣ ва таҳкими худшиносиву худогоҳии тоҷикон нақши назаррас гузоштааст.

Аз таҳлилу таҳқиқ ва баррасии маводу матолиби публитсистони мавриди назар бармеояд, ки дар меҳвари нигоштаҳои онҳо масъалаҳои умдаи замон қарор дошта, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ таҳлилу арзёбӣ шудааст. Дар зимн, нигоштаҳои онҳо заминаро барои инқилоби маданӣ дар ҷомеа ба вуҷуд овардаанд, ба афкори мардум таъсири муҳим гузоштаанд ва мушкилоти як давраи муайянро бозгӯ кардаанд. Масъалагузориҳое, ки дар навиштаҳояшон зикр шудааст, тадриҷан роҳи ҳали худро ёфта, аз муассирии маводу матолиби публитсистӣ шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, дар заминаи омӯзишу таҳқиқи нигоштаҳои публитсистон ва маорифпарварон Мирзо Сироҷи Ҳаким, Мирзо Ҷалол Юсуфзода, Абдурауфи Фитрат маълум мегардад, ки онҳо рисолати хешро ба хубӣ иҷро кардаанд, масъалаҳои худшиносии миллиро матраҳ намудаву ташаккул бахшидаанд ва дар дигаргунии вазъи сиёсию иҷтимоии замон нақши бориз гузоштаанд.

## 1.3. Нақши матбуот дар ташаккул ва рушди публитсистикаи сиёсии тоҷик

Сардафтари адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ дар адабиёт пеш аз ҳама чун насрнавис машҳур гаштааст. Дар назм ва публитсистика низ хизматҳои устод беназир аст. Пас аз Инқилоби Октябр аз охири соли 1919 ба фаъолияти эҷодии устод Айнӣ шакли нави наср – публитсистика илова шуд. Дар мавриди сабаб ва заминаҳои ба публитсистика рӯй овардани устод Айнӣ, умуман, ҷой ва нақши публитсистика дар эҷодиёти мавсуф муҳаққиқони тоҷик,

пеш аз ҳама, М. Шакурӣ, Х. Асозода, И. Усмонов, М. Имомзода, А. Маҳмадаминов, А. Кӯчарзода, М. Муродӣ, М. Абдуллозода, А. Азимов ва дигарон андешаҳои ҷолиб баён кардаанд. Ин ҷо тасмим гирифтем, ки баъзе хусусиятҳои эҷодиёти ин давраинаи устодро, ки заминае барои гузаштан ба публитсистика шудаанд, мавриди назар қарор диҳем. Нахуст, аз рӯзҳои аввали инқилоб ва умуман, дар сохту мазмуни шеър дар эҷодиёти устод Айнӣ тағйироти куллӣ ба амал омад. Шеърҳои ӯ акнун оҳанги инқилобӣ пайдо карданд. Муҳаққиқон ашъори инқилобии устод Айниро дар ин давра «публитсистӣ» [51, с. 81] номидаанд. Дар бораи он ки то ба он вақт устод Айнӣ асарҳои насрӣ навиштааст ё не, ҳатто мактубҳои ӯ чизе гуфта наметавонад ва навишта бошад ҳам, дар даст нест. Аммо аниқ аст, ки фаъолияти насрнависӣ, пеш аз ҳам, публитсистии устод Айнӣ аз кор дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» (солҳои 1919-1921) шуруъ шудааст. Сабаби асосии чунин навоварӣ дар фаъолияти эҷодии устод Айнӣ, ки то ба он вақт танҳо ҳамчун шоир ном баровардa буд, шароити тамоман нави сиёсиву иҷтимоӣ мебошад, ки зиндагии мардум, аз он ҷумла, адиби ҳассосро дигар кард ва ба маҷрои нав ворид сохт. Баъдан, чуноне ки маълум аст, дар ин давра ба маҷаллаи «Шуълаи инқилоб», ки ягона нашрияи форсизабон ба ҳисоб мерафт, мақоланависи донишманд ва ҷаҳонбиниаш васеъ лозим шуд ва дар ин бобат дар нашрия чандин бор эълон ҳам баромадааст. Ҳамчунин, дар охири соли 1919 ба маҷалла хавфи баста шудан таҳдид кард. Албатта, ин ҳолат зиёиёни пешқадами тоҷикро бетараф гузошта натавонист ва устод Айнӣ ба он ҳамовоз гашт. Пешниҳоди нашрия ба устод Айнӣ мақбул афтод ва ӯ ба зудӣ дар охири соли 1919 ҳамчун муҳаррири нашрия баробари муҳаррир Саидризо Ализода ба навиштани мақолаҳои сиёсӣ шуруъ намуд. Дар бораи шумораи аниқи мақолаҳои устод Айнӣ дар «Шуълаи инқилоб» алҳол далели ягона вуҷуд надорад. Муҳаққиқон онро хеле зиёд арзёбӣ кардаанд. Дар ин маврид илова бояд кард, ки бисёр мақолаҳои публитсистии маҷаллаи мазкур беимзо чоп шудаанд.

Мақолаҳои сиёсӣ ва оммавии устод Айнӣ дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» дасти ӯро барои навиштани наср рост карданд. Онҳо заминаи эҷоди

як қатор асарҳои насрӣ, монанди повестҳои «Ҷаллодони Бухоро» ва «Одина» гаштанд. Хулоса, яке аз сабабҳои рӯ овардани устод Айнӣ ба сабку услуби публитсистӣ маҳз фаъолият дар нашрияи «Шуълаи инқилоб» мебошад. Дар навбати худ, мақолаҳои публитсистӣ устод Айниро ба таълифи асарҳои нисбатан калони насрӣ, аз он ҷумла, ҳикояву қиссаҳо водор намуданд.

Чӣ тавре ки маълум аст, пас аз Инқилоби Октябр (соли 1917) вазъи иҷтимоию сиёсии кишвари Туркистон ва Аморати Бухоро ба тағйироти куллӣ рӯ ба рӯ гашт. Дар афкору омоли маорифпарварон ва зиёиёни тоҷик низ дигаргуниҳо ба амал омаданд. Пеш аз ҳама, ин дигаргунӣ дар ашъору мақолаҳои шоирону журналистон ифода ёфт. Агар то ба он вақт маорифпарварон танҳо тарафдори дигаргуниҳои иҷтимоӣ буданд, акнун онҳо рӯ ба сиёсат оварданд.

Дар баробари афкору омоли маорифпарварӣ адабиёт низ бори аввал ба сиёсат сару кор гирифт ва инъикоси масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ дар он ҷоннок шуд.

Албатта, устод Айнӣ, ки норасоиҳои даврони амирӣ ва ҳукумати подшоҳии Россияро дар ҷисму ҷони худ эҳсос намуда буд, рӯзгори пурмашаққати мардумро аз ҳама беҳтар медонист, дар сафи пеши муборизон ҷой гирифта, бо қалами худ алайҳи сохти пешина қиём кард. Дар ин бобат ба ӯ таҷрибаи зиндагӣ, сафарҳо, муносибату муомила бо одамони касбу кори гуногун, мушоҳидакорӣ кумак расонданд. Дар асарҳои устод, аз он ҷумла, ашъори инқилобӣ ва нахустин мақолаҳои публитсистиаш мароми мубориза равшан инъикос ёфтанд.

Дар он давраи душвор нашрияи аввалини тоҷикӣ – маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» бо ташаббуси яке аз нахустин журналистони тоҷик, маорифпарвари бузург Саидризо Ализода аз моҳи феврали соли 1919 то декабри соли 1921 нашр мегардид. Хусусияти сиёсии маҷалларо нашрияи шуъбаи ноҳиявии ҳизби коммунист буданаш нишон медод. Садриддин Айнӣ баъди ба маҷалла ба кор гузаштан дар таҷрибаи эҷодии худ бори аввал бевосита ба фаъолияти журналистӣ пардохт, ҳамчун шореҳи сиёсӣ ва иҷтимоиву адабӣ ба кор шуруъ

намуда, ба теъдоди зиёд мақолаву хабару гузориш ва шеърҳо навишта, бо имзоҳои гуногун нашр намуд. Чӣ тавре ки ишора шуд, оид ба теъдоди мақолаҳои дар ин нашрия ба чоп расондаи устод Айнӣ фикрҳо гуногунанд, аммо равшан он аст, ки онҳо хеле зиёд буданд. Чунончи, «аз он 94 мақолаи солҳои бист навиштаи устод Айнӣ 67 мақолаи солҳои 1919-1921 дар нахустин маҷаллаи тоҷикии «Шуълаи инқилоб» ба чоп расидаанд» [281, с. 45-46]. Зеро устод дар ҳар шумораи маҷалла ду-се ададӣ мақолаи сиёсию иҷтимоӣ, сармақола ба чоп мерасонд, ки маҳз онҳо минбаъд заминаи ба вуҷуд омадани асарҳои барҷастаи насрии ӯ гардиданд. Бояд гуфт, ки пеш аз ин ҳам Садриддин Айнӣ бо «Шуълаи инқилоб» ҳамкорӣ дошта, бо имзои «С. Айнӣ, аз муҳоҷирони Бухоро» чанд шеър чоп намудааст. Ашъори мазкури дар давраи аввал дар «Шуълаи инқилоб» ба нашр расондаи устод Айнӣ аҳаммияти иҷтимоӣ ва то андозае сиёсӣ доранд. Манзумаи «Самарқанду Бухоро» аз ҷумлаи онҳост, ки моҳи июли соли 1919 дар «Шуълаи инқилоб» нашр шудааст ва ба зери он «С. Айнӣ, яке аз муҳоҷирони Бухоро» имзо гузошта шудааст. Дар ҳақиқат, шеъри мазкур публитсистӣ аст. Ҳамчунин, дар маҷаллаи мазкур дар солҳои гуногун шеърҳои «Марши раҳovард», «Асари дарди шаби танҳоӣ (парешон)», «Марши ҳуррият» чоп шудаанд.

Ҳамин тавр, ашъори аз аввали соли 1918 навиштаи устод Айнӣ, ки бо хусусиятҳои инқилобӣ, даъватии худ аз шеърҳои то ба ин вақт навиштаи ӯ фарқ мекунанд, ба мақолаву асарҳои насрии ӯ таъсири босамар расонданд. Ба ифодаи образнок сухани оташбори мавзуни устод Айнӣ дар ин давра ба насри ӯ сироят кард. Чӣ тавре ки худ иқрор шудааст, андешаҳои ӯ акнун дар қолаби наср ифода мешуданд. Дар баробари ин, яке аз хусусиятҳои мақолаҳои публитсистӣ ва ҳикояву қиссаҳои аввалини устод Айнӣ аз он иборат аст, ки дар онҳо чун ашъори инқилобиаш аз санъати бадеӣ, тасвиру тавсифҳо, сухани муаллиф, руҷуъҳои гуногун, мурочиат ва даъват фаровон истифода шудааст. Ин аст, ки саҳми устод Айниро дар ташаккули яке аз жанрҳои асосии публитсистию бадеии журналистика – очерк муҳаққиқ М. Муродӣ баланд арзёбӣ кардааст: «Ташаккул ва таҳаввули жанри очерк ба пайдоиши матбуот ва инкишофи он

сахт марбут аст… Асари устод Айнӣ «Амирони манғитии Бухоро («Таърихи силсилаи манғитие, ки дар Бухоро ҳукм рондаанд») аз нахустин нигоштаҳои публитсистиест, ки таҳти унвони очерк дар 9 шумораи соли 1920 ва 18 шумораи соли 1921 «Шуълаи инқилоб» ба табъ расид» [161, с. 186]. Ҳамчунин, дар маҷаллаи мазкур намунаҳои дигари асарҳои насрии устод Айнӣ чун очерк, ҳикоя дарҷ гардидаанд. Аз он ҷумла, дар се шумораи соли 1920 «Шуълаи инқилоб» навиштаи устод Айнӣ пас аз сафари аввалинаш баъди инқилоб ба Бухоро бо номи «Мактуб аз Бухорои сурх» ба табъ расидааст. Навиштаҳои мазкури устод Айниро очерки сафарӣ метавон номид. Ба қавли муҳаққиқ М. Муродӣ, «сафарнома дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик таърихи дерина дорад». Мавсуф намунаҳои онро дар мисоли «Сафарнома»-и Носири Хусрав ва «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷ мавриди назар қарор дода, барҳақ зикр кардааст, ки «аммо онҳоро очерки сафарӣ номидан дуруст нест». Зеро «нигорандаи сафарнома нисбатан озодтар аст, мавзуи муайянро думболагирӣ намекунад, балки ҳарчӣ дидааст ва ё аз касе шунидааст, бо шеваи нақл рӯйи коғаз меорад. Муаллифи очерки сафарӣ бошад, аз чизҳои дидааш лаҳзаҳоеро интихоб мекунад, ки ба мавзуъ ва ғояи тараннум мекардааш мувофиқ бошанд» [161, с. 199]. Ҳамин тавр, Айнии шоир ба наср рӯй оварда, дар ин бобат ба комёбиҳои намоён ноил гардид ва намунаҳои аввалини жанрҳои нави насри тоҷикро ба вуҷуд овард. Яке аз онҳо ҳикояи нахустини устод Айнӣ мебошад, ки дар яке аз шумораҳои соли 1921 «Шуълаи инқилоб» нашр шуда, номи «Анҷоми кори як шайхи ҳиллагар (дар Бухорои сурх)»-ро дорад. Дар он бадеият, хусусияти жанри ҳикоя пурра риоя нашавад ҳам, гуфтан мумкин аст, ки навиштаи мазкур то андозае барои пайдоиши асарҳои бадеӣ ва публитсистии баъдинаи устод Айнӣ замина гузошт.

Муҳаққиқ Х. Асозода ҳафт сарчашмаи ба наср рӯй овардани устод Айниро муайян кардааст. Аз ҷумла, дар байни ин сарчашмаҳо «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, сафарномаҳои дар оғози асри 20 бамиёномада, мақолаҳои публитсистии ӯро низ зикр карда, чунин ибрози ақида кардааст: «Сарчашмаи панҷум он буд, ки дар асари ба вуқӯъ пайвастани Инқилоби Октябр ба

навиштани мақолаҳои публитсистӣ мепардозад… 76 мақолае, ки Садриддин Айнӣ дар солҳои 1918-1920 навиштааст, барои баъдтар ба насри калонтар даст задани ӯ мусоидат кардаанд» [71, с. 240]. Гуфтан мумкин аст, ки яке аз сабабҳои асосии дар навиштаҳои баъдинаи насри бадеии устод Айнӣ мушоҳида гаштани услуби публитсистӣ маҳз ҳамин мақолаҳои ӯ буда метавонанд. Мақолаҳои сершумори публитсистӣ, сафарнома, ду асари насри бадеӣ, ки дар боло зикр шуд, қадамҳои нахустини устод Айнӣ дар ҷодаи наср буда, минбаъд мавсуф асарҳои бузурги таърихию адабӣ ва адабиётшиносиву ёддоштии худро навишта, дар равнақи адабиёти навини тоҷик, хоса, дар наср, пайдоиши жанрҳои нави он хизмати босазо кард. Аз ин рӯ, маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» барои ташаккули ҳунари нависандагии Садриддин Айнӣ заминаи асосӣ ба ҳисоб меравад.

Яке аз фарқиятҳои назарраси «Шуълаи инқилоб» аз нашрияҳои собиқи тоҷикӣ аз он иборат аст, ки дар он мақолаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ҳар шумора чоп шудаанд. Ҳамчунин, фарқи мақолаҳои сиёсии «Шуълаи инқилоб» аз нашрияҳои дигар, ҳатто аз баъзе нашрияҳои имрӯза аз он иборат аст, ки онҳо таҳлилӣ мебошанд. Ҳар як ҷамъомади сиёсӣ, воқеоти сиёсию иҷтимоию иқтисодии минтақа, ҷаҳон ва мамлакат аз тарафи мухбири махсуси нашрия таҳлил ва нуқтаи назари муаллиф изҳор гаштааст. Бештари ин мақолаву сармақолаҳо ба қалами муҳаррир Саидризо Ализода ва аз моҳи декабри соли 1919 ба Садриддин Айнӣ тааллуқ доранд. Ин аст, ки дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» шаклҳои гуногуни публитсистика чун муроҷиат, хитоба, руҷуъҳои лирикию публитсистӣ ва сиёсӣ фаровон истифода шудаанд.

Маълум аст, ки дар садаи XX то Инқилоби Октябри соли 1917 маорифпарварони тоҷик ба таври ошкоро ба сиёсат сару кор намегирифтанд. Зеро афкор ва фаъолияти маорифпарварии онҳо дар доираи ислоҳоти соҳаи маориф ва маданият маҳдуд мегашт. Аз ин рӯ, бо итминон бояд таъкид кард, ки «Шуълаи инқилоб» нахустин нашрияест, ки муаллифони он масъалаҳои сиёсиро ба миён гузошта, мавриди таҳлил қарор додаанд. Нависандагону шоирон ва журналистон дар баробари сиёсати дохилӣ, ба сиёсати хориҷӣ низ

рӯй овvarданд. Ин аст, ки қисмати калони мақолаҳои сиёсии «Шуълаи инқилоб» ба сиёсати байналмилалӣ марбут мебошад. Муаллифони аксари мақолаҳои сиёсӣ ва публитсистии «Шуълаи инқилоб» кормандони худи рӯзнома, аз ҷумла, устод Айнӣ мебошад. Мақолаҳои сиёсии устод Айнӣ бо оҳангнокӣ, бадеият, тасвирҳои обдори худ фарқ мекунанд. Маҳз ин боиси баланд гардидани таъсирбахшии мақолаҳо, минбаъд ба асарҳои калонтарини насрӣ рӯй овардани устод гаштааст.

Дигаргуниҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба шаклу мазмуни шеърҳо низ таъсири масарратбахш расондааст. Дар гӯшаи «Адабиёт»-и нашрия асосан ашъори инқилобӣ ба табъ мерасид. Навовариҳо дар шаклу мазмуни шеър ҳарчанд аз «Бухорои шариф» (1912) шуруъ шудааст, дар «Шуълаи инқилоб» ба он мазмуни сиёсию инқилобӣ илова шуд.

Воқеан, муҳаққиқ Раҳим Ҳошим назми инқилобии тоҷикро ба се давра ҷудо карда, марҳалаи аввалро солҳои 1918-1919 номидааст, ки ба нашри маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» рост меояд: «Марҳилаи аввали ин туғён бо «Суруди озодӣ»-и устод Айнӣ сар шуд. Айнӣ дар ин давра шеърҳои ба шарафи Инқилоби Октябр навиштаи худро нашр кард. Ин шеърҳо аз аввалин ва аз беҳтарин шеърҳои ба Револютсияи Октябр бахшидашуда дар назми инқилобии тоҷик мебошад… Ҳамин тавр, як силсила шеърҳо солҳои 1919-1921 дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» чопшудаи шоирони тоҷик бо ҳамин рӯҳи инқилобӣ саршор буданд» [161, с. 86]. Ба қавли мавсуф, давраи дувуми туғёни инқилобӣ ба соли 1920 – арафаи инқилоби Бухоро рост омада, намунаи ашъори Мунзим, Ҳамдӣ ва дигарон ба он дохил мешавад. Бо ҳодисаи таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон (1924) марҳилаи сеюми ашъори инқилобӣ шуруъ шуда, сарвари намоёни он Абулқосим Лоҳутӣ буд [161, с. 86-87]. Аммо аксарияти муҳаққиқони тоҷик таъкид кардаанд, ки шеъри инқилобию сиёсии тоҷикӣ аз асарҳои устод Айнӣ дар соли 1918 оғоз ёфтааст. Сипас устод Айнӣ баъди фаъолияти пурмуҳтаво дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» қалами худро дар соҳаи насри бадеӣ рост карда, баъди таълифи мақолаҳои публитсистию сиёсӣ ба эҷоди аввалин намунаҳои насри адабиёти навини тоҷик шуруъ намуд. Ин

раванд нишон медиҳад, ки назми инқилобии тоҷик падидаи адабӣ набуда, бозтоби бевоситаи таҳаввулоти сиёсию иҷтимоии замони худ ба ҳисоб мерафт. Дар меҳвари ин ҳаракат устод Айнӣ қарор дошта, эҷодиёти ӯ на танҳо оғози назми инқилобӣ, балки заминаи ташаккули адабиёти нави тоҷикро фароҳам овард.

Маълум аст, ки то Инқилоби Октябр ва барқароршавии давлати Шуравӣ Садриддин Айнӣ ҳамчун шоир маълум буд. Муҳаққиқон дар ашъори мавсуф низ осори танқиди замона, публитсистика ва рӯйдодҳои воқеии даҳшатноки замони Аморати Бухороро дарёфта, мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додаанд.

Аммо дар асл устод Айнӣ танҳо баъд аз воқеоти инқилобии сарнавиштсози солҳои 1917-1918 ба таълифи асарҳои хурду калони насрӣ, пеш аз ҳама, мақолаҳо машғул шуд. Махсусияти мақолаҳои ӯ аз он иборат аст, ки онҳо публитсистӣ буда, оҳанги сиёсӣ ва иҷтимоӣ доштанд. Дар натиҷа устод Айнӣ ҳамчун яке аз саромадони журналистика, публитсистикаи сиёсӣ ва асарҳои илмӣ маълуму машҳур гардид. Ба қавли муҳаққиқон, «яке аз омилҳои ба публитсистика майл кардани С. Айнӣ дахолати фаъолонаи ӯ ба ҳаёт аст» [164, с. 42]. Яъне, дар ин давра устод Айнӣ аз ҷӯшу хурӯши ҳаёт ва дигаргуниҳои мусбат дар ҳаёти мардуми одӣ худро дур гирифта натавонист.

Ду соли баъди инқилоб ва солҳои аввали бистуми асри гузашта барои устод Айнӣ давраи сермаҳсултарин буд. Мавсуф дар ин давра ҳамчун сиёсатмадор ва публитсисти оташинсухан баромад кард. Сабаб дар он аст, ки агар дар он вақт устод Айнӣ хомӯш меистод, аз сиёст дур мебуд, тақдири халқи тоҷик ба бадбахтӣ меанҷомид. Ҳарчанд мақолаҳои дар ин давра навиштаи устод Айниро шартан ба забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, таърихи миллат, матбуот, алифбо, забони адабӣ, маориф ва ғайра ҷудо намудан мумкин аст, аммо онҳо, пеш аз ҳама, ранги сиёсӣ доранд ва дар ҳалли тақдири халқи тоҷик саҳм гузоштанд.

Дар бораи вазъи иҷтимоию сиёсии Туркистон ва Бухоро дар охири соли 1917 ва аввали 1918 муҳаққиқ М. Шакурӣ зикр кардааст, ки акнун «инқилоби иҷтимоӣ аз моҳияти маънавии маорифпарварӣ коста, ҷанбаи иҷтимоиву сиёсии

онро қувват дод» [272, с. 65]. Яъне, дар адабиёт инъикоси масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ҷоннок гардида, бори аввал адабиёт ба сиёсат сару кор гирифт. Ҳарчанд оид ба чопи нашрияҳо ва китобҳои дарсӣ дар Туркистони Россия имконияти фаровон ба миён омад, аммо тоҷикон аз он бенасиб монданд, равшанфикрону маорифпарварони тоҷик ночор дар атрофи нашрияҳои зиёди ӯзбекӣ ҷамъ омада, ҳатто чопи онҳоро ба зимма гирифта, дар дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ҳар ду миллат нақши намоён гузоштанд. Ҳамин тавр, фаолияти равшанфикрони тоҷик дар солҳои бистум идомаи марому мақсади маорифпарварони насли калонсол буда, танҳо равиши он тағйир ёфт ва маорифпарварӣ бори аввал ба сиёсат даст зад. Намунаи боризи он нашри ҳамон маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» аст, ки дар ҳақиқат, хусусияти иҷтимоиву сиёсӣ дошт.

Муҳаққиқи тоҷик Мурод Муродӣ дуруст таъкид кардааст: «Тамоми осори бадеиву публитсистӣ ва ҳатто илмии С. Айниро воқеиёти реалии замон ва ҳақиқати ҳол ташкил медиҳад, зеро манбаи асосии эҷоди устод ҳаёт аст» [169, с. 86]. Бо мақсади тавзеҳ бахшидани нуктаи мазкур, бояд зикр кард, ки осори журналистӣ ва бадеии устод Айнӣ дар он солҳо дар асоси воқеоти давр иншо шуда, дар мақолаҳо услуби публитсистӣ риоя шуда, дар асарҳои бадеӣ порчаҳои публитсистию таърихӣ зиёд мушоҳида мешаванд. Бинобар ин, байни осори сирф публитсистӣ ва адабии устод оид ба тасвири публитсистии ҳаёт садди аниқ гузоштан имкон надорад. Хуллас, воқеоти таърихии охири асри нуздаҳ ва чоряки якуми асри бистум дар асарҳои давраи аввали эҷодиёти устод Айнӣ хуб инъикос ёфтаанд. Чунин асарҳо, хоҳ таърихӣ бошанд, хоҳ саргузаштӣ аз маҷрои публитсистика об хӯрдаанд. Ин воқеаҳо дар пеши назари устод ба амал омада, муаллиф ба онҳо назари худро баён кардааст.

Беҳтар мебуд нахуст аз осори бадеии устод шуруъ кунем, ки дар ҳамин давраи пурталотум навишта шуда, дар онҳо услуби публитсистикаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Зеро ӯ «дар ин давра баробари мақолаҳои зиёди публитсистӣ… асарҳои нисбатан калонҳаҷмеро доир ба масъалаҳои муҳимми замон таълиф кард ва ба ин васила, ба маромномаи

таърихии худ асос гузошт» [169, с. 86]. Дар ҳақиқат, бо таълифи чунин як силсила осори бадеиву публитсистӣ омолу нияти эҷодии устод Айнӣ ба равиши муайян даромад, ки то охири фаъолияташ идома ёфт. Яке аз чунин асарҳои нахустини насри бадеии Садриддин Айнӣ «Ҷаллодони Бухоро» буда, дар адабиёти навини тоҷик гардиши куллӣ ба миён овард. Худи нависанда дар оғози муқаддимаи асари «Ҷаллодони Бухоро» навиштааст: «Ман навиштани ин повестро, пештарак аз револютсияи Бухоро сар карда, дар моҳи сентябри ҳамон сол (1920 – *Э. С.*) ба поён расонда, дар ҳамон вақтҳо ба Нашриёти давлатии Республикаи Советии Халқии Бухоро супурда бошам ҳам, чоп нашуд» [15, с. 103]. Хушбахтона, дастнависи он дар дасти устод Айнӣ монда будааст ва онро маҷаллаи ӯзбекии «Инқилоб» хоҳиш карда гирифта, дар соли 1922 дар шакли кӯтоҳ дар чанд шумора ба забони ӯзбекӣ чоп намуд. Азбаски нашрияи мазкур дар байни аҳолӣ зиёд паҳн намешуд, ба қавли нависанда, «он вақт ин асар дар байни оммаи меҳнаткашон дуруст нашр наёфта монда буд» [15, с. 103]. Ҳамин тавр ҳам аст: қиссаи баъдинаи устод Айнӣ бо номи «Одина», ки дар рӯзномаи «Овози тоҷик» дар соли 1924 ва дар соли 1927 ба шакли китоб чоп шуд, дар байни мардум, пеш аз ҳама, аҳли зиё маҳбубияти бузург пайдо кард. Шакли пурра ва тоҷикии «Ҷаллодони Бухоро» бошад, ҳамчун китоби алоҳида соли 1936 бо иловаҳо аз чоп баромад. Имрӯз, вақте ки повести «Ҷаллодони Бухоро»-ро бодиққат мутолиа мекунем, маълум мегардад, ки он аз аҳаммияти баланди бадеӣ бархурдор буда, намунаи асари публитсистӣ низ буда метавонад. Дар масъалаи бадеияти асар метавон гуфт, ки он дар идомаи анъанаи насри шифоҳии тоҷик эҷод шудааст. Дар ин бобат, адабиётшиносони тоҷик корҳои зиёди илмӣ навишта бошанд ҳам, масъалаи аҳаммияти публитсистикаи сиёсии асари мазкур ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Дар назари аввал он пурра асари бадеист, зеро то андозае дар устухонбандӣ, услуби тасвир пайравӣ ба анъанаи насри шифоҳии тоҷик – «Чор дарвеш», «Самаки айёр», «Ҳазору як шаб» ва ғайра мебошад. Дар навбати аввал дар ин услуби ҳикоят андар ҳикоят дида мешавад. Дар «Ҷаллодони Бухоро» воқеаҳои асар дар як шаб идома ёфта, гурӯҳи ҷаллодони арки амир баъд аз анҷоми кор дар фосилаи байни ба ароба

бор кардани мақтулон байни ҳам суҳбат ороста, чанд нафарашон ҳодисаҳои ба сарашон омадаро нақл мекунанд. Услуби мазкур аз хусусиятҳои асосии асарҳои шифоҳии дар боло зикршуда мебошад. Дар «Ҷаллодони Бухоро» низ яке аз ҷаллодон воқеаҳои аҷиби мушоҳидакардаи худро нақл мекунад, дигаре вобаста ба он воқеаи дигарро хотиррасон мекунад. Ҳамчунин, дар хатти сюжет чандин гардишҳо ба амал омадаанд. Чунончӣ:

«– Ту, албатта, аз зиндон халос шудани худатро ба шарофати назри ба он шайх бастагиат гумон кардаӣ? – гуфт Қурбон-девона ба Маҷид.

– Албатта! – гуфт Маҷид дар ҷавоб.

– Лекин назр бастани ту дар роҳи халосӣ аз зиндон, худи доруи мушкушаки табиби ҳиндустонӣ барин таъсир кардааст-дия, – гуфт Рӯзӣ-сарносӣ.

– Доруи мушкушакат чист? – гуфта Ҳамро-гавбоз боз аз Рӯзӣ-сарносӣ пурсид» [15, с. 163].

Ба хонандагони тоҷик услуби мазкур аз рӯйи асарҳои шифоҳӣ, ба монанди «Чор дарвеш» хуб маълум аст. Устод Айнӣ чунин асарҳоро дӯст медошт, гаштаву баргашта мехонд, аз онҳо забон ва услуби тасвирро меомӯхт. Маҳз ба ин сабаб баъдҳо бори аввал «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифиро, ки ба услуби мазкури шавқовар эҷод шудааст, ба хатти имрӯзаи тоҷикӣ таҳия карда ба чоп ҳозир намуд, ки борҳо дар Тоҷикистон ба нашр расидааст. Бо вуҷуди ин, дар «Ҷаллодони Бухоро» назар ба асарҳои шифоҳии халқи тоҷик хусусиятҳои хосе дида мешавад, ки ба мавзуи баҳси ҳозираи мо дахл дорад. Ин, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки дар асарҳои шифоҳии зикршудаи халқӣ баъди нақли шавқангез кам хулоса бароварда мешавад, хулосаро худи хонанда ё гӯшкунанда мебарорад. Аммо дар «Ҷаллодони Бухоро» нависанда баъди ҳар як нақли изтиробангез, ки аз фош кардани рафтору кирдори ҳукуматдорон иборат аст, хулосаи худро баровардааст, ё аз забони қаҳрамонон ифода ёфтааст. Чӣ тавре ки дар боло ишора шуд, то ба навиштани «Ҷаллодони Бухоро» устод Айнӣ дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ҳамчун публитсисти моҳир сабзида буд. Маҳз ба ин сабаб дар асарҳои бадеии устод Айнӣ хусусиятҳои воқеанигорӣ ва

публитсистика зиёд мушоҳида мешавад. Аз ҳама бештар дар байни асарҳои бадеии устод дар повести «Одина», ки онро баъди ду соли «Ҷаллодони Бухоро» эҷод кард, пораҳои публитсистӣ, аз ҷумла, публитсистикаи сиёсӣ зиёд мушоҳида мешавад. Аммо агар дар «Одина» қисматҳои публитсистикаи сиёсӣ, иҷтимоӣ дар бобҳои алоҳида, бо сарлавҳаҳои махсус омада бошанд, дар «Ҷаллодони Бухоро» он дар дохили тасвири бадеӣ ҷой гирифтааст.

Яке аз ин махсусиятҳои аввалини публитсистии асар аз он иборат аст, ки санаҳои анҷоми воқеаҳо аниқ оварда шудаанд, ки одатан дар асари бадеӣ чунин нест. Чунончи, ҷумлаи аввали асар хусусияти аниқи замонӣ дорад: «*Дар моҳи марти соли 1918* дар арки Бухоро барои ҷаллодон машғулият зиёд шуда буд» [15, с. 105]. Яъне, нависанда таъкид кардан мехоҳад, ки ин воқеае, ки дар асар тасвир мешавад, дар санаи аниқ рӯй додааст ва хусусияти воқеӣ дорад. Ҳамчунин, «*Азбаски аз 2-юми март то 5-уми март* дар беруни шаҳр бо қувваҳои шуришгар ҷанг давом дошт…» [15, с. 105]; «Дар рӯзҳои панҷум, шашум, ҳафтум ва ҳаштуми март бандӣ чунон бисёр шуд» [15, с. 107]; «9-уми март обхонаҳо, канахонаҳо, ҳавличаҳо ва таҳхонаҳо бо бандиён пур шуд…» [15, с. 110]; сарлавҳаи «Арки амир дар шаби 9-уми март» [15, с. 113] ва намунаҳои дигар аз он дарак медиҳанд, ки нависанда роҳи ҳақиқатнигорӣ ва реализмро пеш гирифта, хонандагонро ба дурустии воқеаҳо бовар кунондан мехоҳад. Ин яке аз услубҳои публитсистикаи бадеӣ ба ҳисоб меравад.

Дар баробари тасвири шавқовар дар асар далелҳои бераҳмии ҳукуматдорон баён шуда, ҳисси нафрати нависандаро ба сохти мавҷудаи амир нишон медиҳад: «Мувофиқи ин «усул» барои куштани як нафар бандӣ ду-се нафар ҷаллод 45 дақиқа ё як соат сарф карданашон лозим буд» [15, с. 107]. Нависанда мавзуи мазкурро то охири асар идома дода, оид ба усулҳои нави одамкушии аморат мулоҳизаҳои қаҳрамонони асар – ҷаллодонро меорад, ки ниҳояташ хеле фоҷиаовар аст. Маълум мешавад, ин амал ҳатто ба дили ҷаллодон задааст ва онҳо умедворанд, ки амир ва муқаррабонаш, ки барои ғорати мардум усулу мошинҳо ихтироъ кардаанд, ягон рӯз мошини одамкушӣ ҳам хоҳанд сохт: «…дар дилам омад, ки агар амир барои одамкушӣ ягон машина месозонд, мо ин

қадар монда намешудем» [15, с. 180]. Таҳлили амиқи сохти давлатдории амирӣ аз тарафи шоҳидони аслии замон, ки устод Айнӣ низ аз ҷумлаи онҳо буд, қаҳрамонони асарро ба чунин хулосаи то андозае сиёсӣ меорад: «-Машинасозӣ ин қадар, ки осон будааст, чаро амир барои тороҷ кардани мардум ягон машина намесозонад? - гуфт Қурбон-девона, - дар он вақт ба ин қадар қозиҳо, раисҳо, амлокдорҳо, миршабҳо ва амалдорони дигар мухтоҷ нашуда, ба воситаи ҳамон машина мардумро тороҷ кардан мегирифт» [15, с. 181]. Ин ҷо назари сиёсии нависанда, танқиди корсоз ба решаи сохти давлатдории амирӣ, ки ба зулм асос ёфтааст, равона шудааст.

Ниҳоят, таъкиди Ҳамро-гавбоз оид ба ҳодисаҳои мазкур баҳои сиёсии як нафар одами одиро ба воқеаҳои замон нишон медиҳад. Чи тавре ки маълум аст, сиёсатмадори машҳур В. Ленин коргарон ва аҳли ҷомеаро дар дасти ҳукуматдорон абзол («винтик») номида буд. Ташбеҳи мазкур дар хулосаи нависанда, ки аз забони ин қаҳрамон омадааст, то андозае ба ифодаи мазкур монанд аст: «Қозиҳо, раисҳо, амлокдорҳо, миршабҳо ва амалдорони дигар, ки ту онҳоро як чизи зиёдатӣ шумурдӣ, бар болои онҳо муллоҳо, эшонҳо, арбобҳо, оқсақолҳо ва ҳатто мо барин ҷаллодҳо – ҳамаашон дар як ҷой машинаи мардумтороҷкунӣ буда, ҳар кадоми инҳо як қисми он машинаанд» [15, с. 181]. Албатта, он вақт устод Айнӣ асарҳои сарвари болшевикони русро нахонда буд, аммо мувофиқати андешаи мазкур бо истилоҳи «винтик» аз дараҷаи баланди фаҳмиши сиёсии қаҳрамонон (ин ҷо худи устод Айнӣ) дарак медиҳад.

Махсусияти дигари асари «Ҷаллодони Бухоро», ки аз публитсистикаи сиёсӣ бархӯрдор будани онро ошкор месозад, назари муаллиф ба сохти амирӣ мебошад. Дар асар нафрати нависанда бисёр вақт аз забони қаҳрамонон омадааст.

Нависанда дар тасвири шаби мазкур аз воситаҳои бадеие истифода мебарад, ки нафрати ӯро ба сохти амирӣ бевосита нишон медиҳад: «…ин кушишхона, ки дар зери пардаи ғафси торикии шаб пинҳон монда буд, дар ҳақиқат мазор буд, аммо мазори мурдагоне буд, ки ҷасади онҳоро ба ҷойи хоки сиёҳ шаби сиёҳ аз назар пинҳон карда буд; ин бинои хароби куҳнаи зулмобод,

ки сарои подшоҳӣ меномидандаш, дар ҳақиқат як ваҳшатсарои даҳшатафзо буд» [15, с. 113]. Ҳамин тавр, ба андешаи нависандаи бузург он солу он рӯзҳо ҳавои Бухоро гуворо набуд, ҷаҳлу фалокат, куштору азият ба табиат ҳам таъсири худро расондааст. Ин аст, ки аз забони қаҳрамон чунин тасвири зебо омадааст: «Бинобар ин, ба боми мадраса баромада ёзидем. Болои боми баланди мадрасаи Кӯкалтош бад набуд. Дар он ҷо боди форами саҳроҳои васеи киштзор, бе он ки ба бӯи бади кӯча ва паскӯчаҳои танги Бухоро олуда шавад, рост ба димоғи мо мевазид» [15, с. 143-144]. Пай бурдан мумкин аст, ки ҳамаи ин ба дили гӯё санги ҷаллодони бераҳм ҳам задааст, онҳо медонанд, ки қисмати бештари ба марг маҳкумшудагон бегуноҳанд. Нависандаи сатрҳои мазкур – устод Айнӣ низ шояд аз дасти чунин ҷаллодон ҷабр дида, 75 ҷӯб хӯрда буд. Аммо ҳадафи устод Айнӣ он аст, ки нишон диҳад, то чӣ андоза ҷаллод барин махлуқҳо дил доранд, аммо дар сирати ҳокимон заррае раҳму шафқат дида намешавад.

Масъалаи муҳимми дигари сиёсие, ки дар асар то андозае равшан гардидааст, тавтеабозиҳои ҳукумати амирӣ бо маслиҳати намояндагони давлати подшоҳии рус аст, ки то он вақт (1918) дар Когон (Бухорои нав) фаъолият мекарданд. Равшан аст, ки воқеаҳо баъд аз фармони амир дар бораи ислоҳот дар аввали моҳи март ба амал омадаанд. Амир ва муқаррабонаш тарафдори ислоҳот набуданд. Чӣ онҳоро водор кард, ки ба ин кор даст зананд? Маълум мегардад, ки сабаби ба ислоҳоти ноҳоҳам даст задани амир маслиҳати гумоштагони давлати Россия будааст, то бо ин роҳ ҳам аз инқилобчиёни худ раҳо ёбад ва ҳам дами инқилобиёни маҳаллиро паст занад. Аз тарҷумаи ҳоли устод Айнӣ ва асарҳои дигараш медонем, худи ӯ ба фармони мазкури амир дар бораи ислоҳот бовар накарда, ба намоиши шукрона набаромад, бо вуҷуди ин, ӯро низ дар он рӯз аз ҳуҷраи мадраса бароварда, зада-зада ба арки амир бурданд ва ҷазои сахт доданд. Аз забони яке аз иғвогарон омадааст: «– Эй бародарони мусулмон! – мегуфт, – барои нигоҳдории дини ислом ба ғазо ҳозир шавед. Ҷадидони муртад бо кофирони дигар ҳамроҳ шуда, мехоҳанд, ки ҳуррият кунанд» [15, с. 152-153].

Ин аст, ки нависанда аз забони қаҳрамон ҳушдор медиҳад, ки ба гапи ҳар кас бовар накунанд ва худро ба бало гирифтор накунанд: «Ба Регистон рафта будам, ки пештарини он касоне, ки пагоҳонӣ дар зери ялави ҳурриятталабон «зинда бод ҳуррият!» гуфта меомаданд, ҳоло дар ин ҷо ба гарданашон фӯта андохта «во шариато!» гуфта гаштаанд» [15, с. 159]. Вобаста ба ин, аҳаммияти сиёсӣ ва иҷтимоии асари «Ҷаллодони Бухоро» имрӯз, бо гузашти як аср ҳам кам нашудааст. Зеро машинае, ки дар бораи он қаҳрамони асар муҳокима ба миён мегузоранд, ҳамон машинаи давлатҳои мустабида аст, ки аз болои фуқурои худ зулм мекунанд. Аз ин рӯ, асар бо сатрҳое ҷамъбаст мегардад, ки маънии сиёсӣ ва дар ояндаи наздик барбод рафтани ҳукумати амириро доранд. Сюжети асар маҳз заминаҳои бавуҷудоии ин дигаргунии сиёсиро ифода кардааст: «-Дар ин миён ин қадар «во, шариато! во, дино!...»-гӯиҳо барои ба ин машина оташ дода ӯро тафсондан аст, – гуфта Рӯзӣ-сарносӣ сухани Ҳамро-гавбозро пурра кард.

-Дуруст! – гуфта Ҳамроҳ-гавбоз сухани Рӯзӣ-сарносиро тасдиқ кард ва илова намуд:

-Лекин агар аҳвол ҳамин тавр рафтан гирад, бояд ин машинаро саломат нигоҳ доштан мумкин нашавад, фардо бояд ин машина худ аз худ вайрон шуда равад, - гуфт» [15, с. 182].

Ҳамин тавр, повести «Ҷаллодони Бухоро» дар баробари нахустин асари бадеии устод Айнӣ будан аз хусусияти барҷастаи публитсистикаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ бархӯрдор аст. Онро асосан аз андешаронии қаҳрамонони асар, ки гурӯҳи ҷаллодони амир мебошанд, пай бурдан мумкин аст. Нависанда бо мақсади боварибахш тасвир намудани воқеаҳо андешаҳои мазкурро аз забони қаҳрамонон – шоҳидони воқеа овардааст. Чӣ тавре мушоҳида кардем, дар баробари ин, «Ҷаллодони Бухоро», пеш аз ҳама, аз идомаи анъанаи достонсароии халқи тоҷик иборат аст. Бо вуҷуди ин, мутаассифона, оид ба аҳаммияти сиёсии асари мазкур дар адабиётшиносии тоҷик таҳқиқот анҷом дода нашудаанд.

Дар солҳои аввали баъди инқилоб ба вуҷуд омадани маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» воқеаи фараҳбахши фарҳангӣ ва сиёсӣ буд. Тавре ишора шуд, муҳиммияти асосии «Шуълаи инқилоб» ва фарқи он аз нашрияҳои собиқи тоҷикӣ дар он аст, ки дар ҳар шумораи маҷалла як мақолаеро ёфтан мумкин аст, ки руҳияи сиёсӣ дорад. Ҳамаи онҳо таҳлилӣ ва танқидӣ мебошанд.

Бояд гуфт, ки забон ва услуби «Шуълаи инқилоб» назар ба нашрияҳои минбаъдаи «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Дониш ва омӯзгор», «Раҳбари дониш» пуробурангу фаҳмо, равону сода ва таъсирбахш ба назар мерасад, дар ин бобат он ба нашрияҳои пешазинқилобии «Бухорои шариф» ва «Оина» наздик аст.

Хушбахтона, «Шуълаи инқилоб» баъди каме хомӯш мондан сари вақт сарпарастони худро ёфт, ки дар байни онҳо Садриддин Айнӣ ҳам буд. Мавсуф аз 8 декабри соли 1919 бо нашрия ҳамкориро шуруъ намуда, бо тамоми қувваю дониш ва ҷаҳонбинии хеш ба таълифи мақолаҳо, шеъру хитобаҳо ва аввалин асарҳои насрӣ камар баст. Аз ин ҷиҳат, фаъолияти рӯзноманигорӣ ва публитсистии устод Айнӣ барои худи ӯ ва ҳам барои халқи тоҷик манфиати бузург дошт: аз як тараф, ӯ ҳамчун нависанда ва публитсисти оташинсухан маълуму маъруф гардид, аз тарафи дигар, нахустин ва беҳтарин асарҳои насрии адабиёти навини тоҷик ба миён омаданд.

Аз ҳама муҳим, «Шуълаи инқилоб» нахустин нашрияест, ки масъалаҳои сиёсиро ба миён гузошт ва мавриди таҳлил қарор дод. Зеро то Инқилоби Октябр маорифпарварон ба сиёсат дахолат намекарданд; афкор ва усули фаъолияти маорифпарварон ва ҷадидон дар доираи ислоҳи маориф ва маданият маҳдуд мегашт. Баъд аз инқилоб ва дигаргун шудани сохти давлатдорӣ журналистони тоҷик дар баробари сиёсати дохилӣ, бори аввал ба сиёсати байналмилалӣ низ рӯй оварданд. Аз ҷумла, қисмати калони мақолаҳои сиёсии «Шуълаи инқилоб» ба сиёсати байналмилалӣ оид мебошад. Боиси таъкид аст, ки аксари мақолаҳои сиёсӣ ва байналмилалии маҷалла бозгирифта ё тарҷумаи маводди рӯзномаҳои дигар ва телеграф набуда, навиштаи худи кормандони рӯзнома аст. Маҳз ин боиси баланд гардидани обрӯю эътибори маҷалла дар

назди хонандагон гардидааст. Фарқияти дигари «Шуълаи инқилоб» аз он иборат аст, ки гузоришҳо аз ҷаласаҳои ҳукумативу ҳизбӣ дар асоси таҳлилҳо ва назари муаллифон навишта шудаанд. Масалан, дар баъзе гузориш аз ҷаласаҳои шуроҳо ва ҳизб мавҷудияти гурӯҳбозиҳо дар дохили ҳизбу ҳукумат ошкор кунонида, баҳои корманди нашрия ба он баён гаштааст.

Мақолаҳои сиёсию публитсистии маҷалла бо калимаву ибораҳои пуробуранг, ифодаҳои шоирона, сабку услуби бадеӣ ва бо истифодаи мақолу зарбулмасалҳо эҷод шудаанд. Чунончӣ: «Аз он замоне, ки пардаи зулмонии истибдод дарида, обрӯи мустабидони рӯсиёҳ ба рӯйи хоки сиёҳ рехта шуд, хуршеди ҳуррият ва озодӣ аз уфуқи инқилоб бе шитоб печутоб сар бар зада, осмони иттиҳоду якрангиро аз нури пурсури худ равшан ва мунаввар сохт» [3].

Дар маҷалла бори аввал сафарнома, ба услуби имрӯза «репортаж» ба нашр расидааст. Дар силсиламақолаҳои С. Айнӣ ва С. Ализода баъди сафари кориашон ба Бухоро ба фаъолияти идораҳои давлатии Ҷумҳурии навташкили Бухоро баҳои сиёсӣ дода шудааст. Зикр мешавад, ки дар ҳама идора ва муассисаҳои давлатии Бухоро бо вуҷуди камиқтидориашон интизоми қавӣ ҷорист, агар мушкиле пайдо шавад, ба зудӣ аз пайи рафъа мешаванд. Танҳо устод Айнӣ баъзе норасоиҳоро дар ҳифзи сиҳат мушоҳида кардааст, ҳамчунин, осори ҷанги гузашта то ба ҳол пурра рафъ нагаштааст. С. Ализода бо роҳбарони Ҳукумати Бухоро вохӯрда, муайян кардааст, ки чорабиниҳои ҳукумат оид ба таъмири ёдгориҳои таърихии шаҳр, ки асосан дар натиҷаи ҳуҷуми аскарони сурх зарар дидаанд, натиҷаи хуб дода истодаанд. Ғайр аз ин, дар он рӯзҳо Ҳукумати Бухоро барои баровардани пули худ кӯшиш ба харҷ медод. Вобаста ба ин, хабар дода мешавад, ки ба ин мақсад, ба қарибӣ аз Москва чаҳор дастгоҳи чопи сангӣ оварданд, муаллиф шоҳиди он гаштааст, ки устоҳо машғули насби онҳоянд. Албатта, чорабиниҳои зикршуда ба нафъи устувории давлати навтаъсиси то андозае мустақили Бухоро буда метавонистанд. Аммо чӣ тавре ки медонем, ин дер давом накард. Давлати коммунистии Россия Бухорои ниммустақилро ба хоки худ мулҳақ намуд ва баъди тақсимоти ҳудудию миллии анҷомдодааш мустақилияти онро пурра аз байн бурд.

С. Ализода дар бораи вазъи таълиму тарбияи аҳолии тоҷик сухан нагуфтааст. Аммо аз он ки қайд кардааст, мактабҳои ин ҷо ба ӯзбекӣ ва русианд ва дар онҳо эронибачаҳо таҳсил карда наметавонанд, маълум мешавад, ки ҳоли тоҷикон дар ин маврид бад аст. Сафари Бухоро барои ҳар ду муаллиф манфиатовар буд, ба ривоҷи фаъолияти сиёсӣ ва ҷамъиятии устод Айнӣ ва С. Ализода мусодат кард.

Муҳаққиқон мақолаҳои публитсистии устод Айниро ба ду қисмат: ифодакунандаи масъалаҳои дохилии мамлакат ва масъалаҳои байналхалқӣ ҷудо кардаанд. Аммо ба пиндори мо, агар мақолаҳои «Шуълаи инқилоб» ва «Меҳнаткашлар товуши» дар назар дошта шуда бошанд, беҳтар мебуд онҳоро ба мақолаҳои инъикоскунандаи ҳаёти ҷомеа ва байналхалқӣ ҷудо кунем. Дар мақолаҳои намуди аввал устод Айнӣ халқро барои мудофиаи ватан, муҳофизати дастовардҳои инқилоб, ба хизмати аскарӣ даъват кардааст. Албатта, дар чунин мақолаҳо нависанда гоҳо ба ибрози норасоиҳо низ даст задааст: «Лекин он «бародарон»-е, ки аз номи ранҷбарон ва аз номи фирқаи иштирокиюн бар сари кор омада буданд, аксаран ба программаи иштирокиюн амал намекарданд. Бинобар ин, мусодираҳои бемавқеъ, ҳаҷазҳои бемаврид ва амсолаш бисёр воқеъ шуд» [38, с. 1]. Ҳамин тавр, маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» бисёр вақт камбудиҳои кори ҳукуматдорон ва коммунистони солҳои аввали инқилобро нотарсона ва берӯю риё танқид кардааст, ки ин анъана имрӯз ҳам дар фаъолияти баъзе журналистони тоҷик мушоҳида мешавад.

Даъват ба мубориза ва инқилоби ошкоро аз мардуми Бухоро, баъдтар дастгирӣ ва ҳамроҳ шудани мардуми маҳаллӣ ба сафи аскарони шуравӣ ва ниҳоят, бо силоҳ мубориза бар зиди босмачиён низ дар мақолаҳои устод ба назар мерасанд, ки аз инкишофи афкори сиёсии Айнӣ дарак медиҳанд. Устод Айнӣ муборизаро бо роҳи тасвири хислати шайхону судхӯрон дар асарҳои оҳанги ҳаҷвидоштааш низ идома додааст. Яке аз аввалин чунин як асар «Анҷоми кори як шайхи ҳилагар» ном дошта, дар асоси воқеаи ҳаётӣ эҷод шудааст. Он аввалин фелетон, ё асари бадеии устод буда, худ онро ҳикоя номидааст. Дар он образи шайхи ҳилагар тасвир ёфтааст, ки барои аз даст

надодани моли ҷамъкардааш коғази рӯйхати онҳоро фурӯ бурда, шикамаш ба дард даромад ва худ бо корд шикамашро бурида нобуд шуд. Оқибати кори ӯ ба тақдири Қорӣ Ишкамба аз асари баъдинаи устод «Марги судхӯр», ки аз шунидани хабари мусодираи сарваташ дилкаф шуда мурд, монанд аст.

Дар асарҳои публитсистии устод минбаъд мавзуъҳои дигар – даъват ба хизмати аскарӣ, меҳнати самарабахш, вазифагузориҳои навбатӣ дар ҷойи аввал истоданд. Ҳамзамон, дар бисёр мақолаҳо, ки ба иқтисодиёт бахшида шудаанд, низ даъвату вазифагузориҳо ба назар мерасанд: «Бояд деҳқонон аҳаммияти мавқеъ ва маҳалро дар назар гирифта, ба ғайрати фавқулода ба кор шурӯъ намоянд» [6, с. 1]. Чӣ тавре ки мушоҳида мешавад, услуби мақолаҳои мазкур сирф публитсистикаи иҷтимоист.

Мавзуи дигари муҳимми публитсистикаи ондавраи устод Айнӣ маориф ва маданият мебошад. Яке аз мақолаҳои муҳим дар ин мавзуъ «Танвири афкор» аст, ки дар он дар бораи таҳсили ҷавонон сухан меравад. Дар он оид ба аҳаммияти матбуот дар тараққии афкори умум андешаҳои ҷолиб ва барои хонандаи тоҷик тамоман нав ироа гаштаанд. Дигар мақолаи муҳим дар ин мавзуъ «Акнун навбати қалам аст» мебошад, ки дар он андешаҳои ҷолиб ифода ёфтаанд ва ин мақола то ҳол аҳаммияти ҷамъиятии худро гум накардааст. Худ хотирнишин мекунад, ки қалам иборат аз хондан, навиштан, хонондан, мусоҳибаҳои адабӣ кардан, ба ҳар гуна адабиёт ривоҷ додан, рӯзномаҳои муваққата ва рисолаҳои фавқулода таъмим ва нашр кардан аст.

Дар мақолаҳояш оид ба ҳаёти иҷтимоӣ, мактабу маориф устод Айнӣ баробари пешрафти кор норасоиҳо ва мушкилоти ҳар соҳаро низ ошкор карда, бароиислоҳашон роҳ нишон додааст. Дар онҳо муаллиф ҳамеша ба фактҳои воқеӣ такя намудааст, аз ин рӯ, хусусияти муҳимми публитсистикаи солҳои бистуми устод воқеӣ будани онҳост.

Дар қисмати дуюми мақолаҳо, ки ба ҳаёти байналхалқӣ бахшида шудаанд, устод Айнӣ ба вазъи байналхалқӣ дар тамоми мамлакатҳои Шарқ, қисман ба Ғарб низ назар дӯхта, ҳангоми таҳлили онҳо масъалаҳои мазкури мавриди назарро бо воқеияти давлати Шуравӣ муқоиса намудааст. Аз чунин мақолаҳо

дармеёбем, ки ҷаҳонбинии устод Айнӣ баъди мутолиаи матбуоти хориҷа ва шуравӣ, шиносоӣ ва ҳамкорӣ ба инқилобиёни ҳақиқӣ хеле васеъ шуда, дар бораи воқеоти байналмилалӣ андешаҳои муҳимму қобили қабул баён карда, хулосаҳои зарурӣ баровардa метавонад: «Нависанда акнун Шарқро ба беморе ва мустамликадоронро ба ворисони беинсофу ҷашмгурусна шабоҳат додааст» [148, с. 113].

Дар асарҳои калонтараш, аз ҷумла, «Таърихи мухтасари ҳаракати инқилобӣ дар Бухоро», ки дар матбуот низ ба нашр расидааст, устод Айнӣ масъалаҳои мавриди назарро на танҳо ба таври нақл, балки бо услуби публитсистӣ тасвир намудааст. Ҳамчун шоҳиди воқеаҳо зикр мекунад, ки муллоҳо ва уламо бо истифодаи имтиёзҳояшон ҳатто ҳуҷраҳои мадрасаҳоро хусусӣ гардонида, онро ҳамчун объекти тиҷорат истифода бурданд, ҳол он ки дар як замон чунин набудааст. Ин аст, ки «як нуктаи муҳимме, ки ба тамоми асарҳои таърихии С. Айнӣ дахл дорад ва онҳоро аз асарҳои таърихии пештара фарқ мекунонад, ба таври объективӣ тасвир шудани ҳақиқатҳои таърихӣ мебошад» [148, с. 130]. Устод Айнӣ он чизеро, ки дидааст ва он чизеро, ки дар адабиёти илмӣ ва таърихӣ хондааст, бо зикри далелҳо тасвир намудааст. Дар ин асрҳо мавқеи ҷамъиятӣ ва инсонии нависанда бисёр равшан аст. Ҳамин тавр, хусусияти ҷолиби таваҷҷуҳи публитсистикаи устод Айнӣ хақиқатнигорист. «Беистисно, тамоми мақолаҳои С. Айнӣ дар асоси фактҳои воқеӣ навишта шудаанд» [148, с. 135]. Баробари ин, мақолаҳои мазкур, ки аксарияташон дар мавзуи сиёсиву иҷтимоӣ мебошанд, бо забони сода, ба хонандаи ҳама давру замон фаҳмо навишта шуда, дар онҳо тамоми нафосати забони тоҷикии адабӣ ва шифоҳӣ нигоҳ дошта шудаанд, аз мақолу зарбулмасалҳо ва санъатҳои бадеии гуногун чун руҷую нидоҳо фаровон истифода шудаанд.

Ба қавли Х. Асозода, бо кӯшиши С. Айнӣ ва ҳамқаламонаш дар солҳои аввали бистуми асри гузашта «публитсистика ба таври ниҳоӣ ба сифати жанр таъид гардид» [71, с. 237]. Ба андешаи мо, публитсистика бештар соҳаи эҷод ва навъи фаъолияти адабӣ-журналистӣ аст, на жанри алоҳида. Дар доираи публитсистика жанрҳои гуногун, аз қабили мақола, очерк, эссе, памфлет,

фелетон ва дигар шаклҳои ифодаи фикри иҷтимоӣ ҷой мегиранд. Аз ин рӯ, саҳми устод Айнӣ ва ҳамқаламонаш дар солҳои аввали асри XX, пеш аз ҳама, дар он зоҳир гардид, ки публитсистика ҳамчун самти мустақили фаъолияти эҷодии иҷтимоӣ-адабӣ дар матбуоти тоҷик ташаккул ва ба минбари муҳимми баёни андешаҳои сиёсиву иҷтимоӣ табдил ёфт.

Дар солҳои 1918-1920 баъди дигаргуниҳои сиёсӣ фаъолияти иҷтимоию сиёсии равшанфикрону маорифпарварони тоҷик, аз ҷумла, Садриддин Айнӣ хеле вусъат ёфта, устод ин равиши навро дар фаъолияти маорифпарварӣ «танвири афкор» номид. Иборaи мазкур ҳанӯз дар «Бухорои шариф» мавриди истифода қарор гирифта бошад ҳам, устод Айнӣ онро дар «Шуълаи инқилоб» ҳамчун истилоҳи расмӣ кор фармуд. «Танвири афкор» номи дувумин мақолаи ӯ дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» аст, ки 7 декабри соли 1919 чоп шудааст ва маромномаи ӯро барои солҳои баъд баён месозад» [272, с. 236]. Боиси таъкид аст, ки дар арафаи солҳои бистум таҳти истилоҳи мазкур устод Айнӣ асосан фаъолияти эҷодию равшаннамоиро дар назар дошт. Баъди инқилоб истилоҳи мазкур мазмуни фарохтар гирифта, сиёсатро низ дар бар гирифт. Агар имрӯз дақиқ таҳқиқ карда бароем, мақолаҳои публитсистии Садриддин Айнӣ беш аз ҳама дар «Шуълаи инқилоб» ва «Овози тоҷик» ба табъ расидаанд.

Ҳамин тавр, «Шуълаи инқилоб» ҳамчун нашрияи ҳизби коммунист аз уҳдаи инъикоси масъалаҳои сиёсӣ баромада тавонист ва вазифаи худро дар худшиносии миллӣ, ба вуҷуд овардани афкори миллӣ ва сиёсӣ то андозае ба ҷо овард. Он чиз боиси таваҷҷуҳ аст, ки дар ҳар шумораи маҷалла қариб 30-40 дарсадро масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ишғол кардааст. Қалами як зумра журналистони аввалини тоҷик, аз ҷумла, Садриддин Айнӣ дар таълифи мақолаҳои публитсистию сиёсӣ маҳз дар ҳамин маҷалла рост шуд, ҳамчунин, барои ба вуҷуд омадани аввалин намунаҳои насри адабиёти навини тоҷик сабаб гашт.

Баъди хомӯш гардидани аввалин шуълаи матбуот ва адабиёти навини тоҷик – маҷаллаи «Шуълаи инқилоб», ки бо заҳматҳои фарзандони фарзонаи миллат Саидризо Ализода ва Садриддин Айнӣ як солу ҳашт моҳ нурафшонӣ

мекард, танҳо пас аз ду солу ҳашт моҳ бо кӯшиши як зумра маърифатпарварони тоҷик дар арафаи таъсиси вилояти мухтори Тоҷикистон (баъд – ҷумҳурии мухтор) дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон рӯзномаи нав «Овози тоҷик» 24 августи соли 1924 ба нашр шуруъ кард. «Овози тоҷик» ҳамчун «ношири афкори кумитаи фирқаи вилоятӣ ва қумитаи иҷроияи вилояти Самарқанд» ба қайд гирифта шуд. Боиси таъкид аст, ки дар эътибор пайдо кардани рӯзномаи мазкур саҳми Садриддин Айнӣ бузург аст. Дар шумораи аввалин ба чоп додани мақолаи ӯ «Қавми тоҷик ва рӯзнома», исботи он ки рӯзнома барои тоҷикон чизи нав нест ва дар замони бедорию худшиносӣ он бояд ташаккул дода шавад, воқеаи фараҳбахш буд. Дар маромномаи «Овози тоҷик» «сиёсӣ, иҷтимоӣ» будани он дар ҷойи аввал таъкид гардидааст: «ҷаридаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабӣ аст, ки ҳозир ҳафтае як бор нашр мешавад». Аз ин рӯ, қариб дар тамоми шумораҳои дастраси рӯзнома дар саҳифаҳои аввал мақолаҳо ва шеърҳои хусусияти сиёсӣ ва ҷамъиятидошта ҷой дода шудааст.

Албатта, иқрор бояд шуд, ки сатҳи забон ва услуби рӯзномаву маҷаллаҳои баъди соли 1924 таъсисёфта аз нашрияҳои қаблӣ чун «Шуълаи инқилоб» поён буд. Сабаб дар он аст, ки вобаста ба вазифаҳои бамиёнгузоштаи сиёсӣ оид ба босаводгардонии мардум, содагардонӣ ва ба забони халқ наздик кардани забони матбуот ва китоб таваҷҷуҳ ба покизагии забон кам шуд. Дар ин бора М. Шакурӣ зикр кардааст: «Агар забони маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» (Самарқанд, 1919-1921) бо рӯзномаи «Овози тоҷик» (аз 1924) ва ё «Бедории тоҷик» (Душанбе, 1925) муқоиса шавад, бештар аз ҳама ин чиз ба назар мерасад, ки дар забони ин ду рӯзнома унсурҳои гуфтугӯи авомона ва беқоидагӣ бо суръат афзоиш ёфта ва забон оҳиста-оҳиста аз форсии адабии ҳазорсола дур шудааст» [272, с. 198].

Ҳамчунин, баъди тақсимоти нодурусти ҳудудӣ паҳнои истифодаи забони тоҷик танг гашта, байни адабиёти классикӣ ва адабиёти замони нав хало ба вуҷуд омад. Рӯзномаи «Овози тоҷик» ҳам аз рӯзҳои аввал дар масъалаи иштибоҳҳои тақсими ҳудуди миллатҳои Осиёи Марказӣ, ноадолатӣ нисбат ба халқи тоҷик ва ҳимояи манфиатҳои он мақолаҳои таъсирбахши публитсистӣ,

таҳлилӣ, дорои пешниҳодҳо ба чоп расондааст, ки то ҳол аҳаммияти худро гум накардаанд. Муаллифони мақолаҳо кормандони ҳизбӣ, давлатӣ, соҳаи маориф мебошанд; дар ин бора аз маҳалҳо ҳам мактубҳо расиданд. Дар навбати аввал масъалаҳои аз ҳудуди асосии вилояти мухтори тоҷик ҷудо мондани як минтақаи калони тоҷикнишин – Хуҷанд, ба баҳонаи набудани китоби дарсӣ ба забони ғайр таълим додани фарзандони халқи тоҷик ба миён бардошта шуд. Яке аз аввалинҳо шуда, дар ин бора узви Президиуми кумитаи иҷроияи марказӣ Хӯҷабоев дар саҳифаҳои рӯзнома баромад кард. Дар мақолаи ӯ бо номи «Дар бораи тақсими ҳудуди миллатҳои Осиёи Васатӣ» омадааст, ки ташкили давлати тоҷикон ба як қатор кишварҳои ҳамсоя «таъсири бузург хоҳад бахшид. Зеро миллат ва иқтисоди ин мамлакатҳо ба вилояти мухтори тоҷик, ки дар оянда ташкил хоҳад ёфт, бисёр монанд мебошад. Миллатҳои ин мамлакатҳо ҳам тақрибан бо ҳамин забони тоҷикӣ гуфтугӯ мекунанд» [349, с. 2]. Муаллиф дар бораи баргардондани «қариб ним миллион» гурезаи тоҷик, ба забони модарии эшон кушодани мактабҳо, чопи китоб ва адабиёт, аҳаммияти шаҳрҳои асосии дар ҳудуди Ӯзбекистон монда, барои тоҷикон изҳори назар кардааст ва бо ин дар баланд бардоштани ҳисси миллӣ ва худшиносии мардум, ки дар он замон хеле дар сатҳи поён буд, саҳми намоён гузоштааст.

Мақолаи дигари муҳим дар ин мавзуъ «Боз дар атрофи масъалаи тоҷикӣ» мебошад, ки аз торафт баланд шудани сатҳи худшиносии миллӣ дар байни равшанфикрону муаллимон дарак медиҳад. Дар оғоз омадааст, ки дар моҳи августи соли 1924 рӯзномаи «Туркистон» мақолаи нафареро чоп карда буд, ки дар он муаллиф аҳолии шаҳри Самарқандро тоҷик номида, талаб карда буд, барои онҳо мактабҳои тоҷикӣ кушода шавад. Аммо Н. Бектош ба таври эътироз мақола нависонда ин фикрро рад кард. Боиси таъкид аст, ки мубоҳисаҳо оид ба «масъалаи тоҷик» асосан аз рӯзномаҳои ӯзбекии «Зарафшон» ва «Туркистон» моҳи сентябри соли 1923 шуруъ шуда, ин рӯзномаҳо «саҳифаҳои худро барои тарафдорони ҳар ду ҷониб пешниҳод карда буданд». Ин масъала («мушкилоти тоҷик» аз мақолаи А. Сатторӣ ном журналисти на он қадар машҳур дар ин рӯзномаҳо шурӯъ шуда, бо мақолаи калони С. Айнӣ дар рӯзномаи «Зарафшон»

(моҳи ноябри соли 1923) «давраи тезутунди мубориза барои ҳуқуқҳои миллӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар фронти рӯзномавию публитсистӣ идома ёфт» [323, с. 5]. Ҳамин тавр, Исмоилзода дар «Туркистон» ба ақидаҳои пантуркистонаи Бектош ҷавоби дандоншикан дод. Бо назардошти аҳаммияти ҷавоби мазкур, «Овози тоҷик» ин ҷавобро бознашр намуд. Бояд гуфт, ки навиштаи Исмоилзода оҳанги танз дошта, «фалсафафурӯшиҳои пуч»-и Бектошро фош карда, ӯро бо ҳарфи худаш мулзам намудааст: «Рафиқ Бектош мегӯяд: «Тоҷикони шаҳрӣ аз ҳафтсола то ҳафтодсола ҳамагӣ забони ӯзбеконро ба мисли забони модарии дувумашон медонанд» [323, с. 5]. Зеро Бектош, ки мегуфт, дар Самарқанд тоҷик нест, бо ин суханаш иқрор буд, ки забони модарии онҳо тоҷикист. Исмоилзода хулоса мекунад: «Ҳар миллат забони худро чӣ қадар дӯст дорад, миллати тоҷик ҳам ҳамон қадар забони модариашро дӯст медорад» [323, с. 5]. Аз мушоҳидаи хеш нақл мекунад, ки ҳатто дар Тошканд ва Фарғона тоҷикон ба рӯзномаи «Овози тоҷик» муҳаббат доранд, онро дасти ба даст мехонанд, дар Намангон дидааст, ки яке аз ходимони масъули тоҷик ин рӯзномаро ҳафт маротиба гашта-гашта хонд. Дар мавриди чӣ гуна интихоб намудани забони адабии тоҷик бошад, Исмоилзода ихтиёрро ба дасти худи тоҷикон додааст, ин корро на бояд бегонагон ҳал кунанд. Муттаассифона, ин кор – масъалаи забони адабии тоҷик дар солҳои баъд ба дасти шарқшиносони бегона афтид то замоне, ки устод Айнӣ ҳалли масъаларо ба зиммаи хеш гирифт.

Моҷарои бардоштаи Бектош дар рӯзномаи «Зарафшон» корманди маориф Муҳаммад Ҳасаниро низ бетараф нагузошт. Ӯ мудири маорифи шаҳри Хуҷанд буда, моҳи декабри соли 1924 ҷонишини вазири маорифи Тоҷикистон, аввали солҳои сиюм муддате вазири маорифи ҷумҳурӣ таъин гардидааст. Мавсуф дар мақолаи «Аҳолии Хуҷанд ва Ӯротеппа аксаран тоҷиканд» зикр мекунад, ки Бектош барин одамон, ки аз вазъи воқеии Хуҷанд бехабаранд, аз номи мардум ҳарф мезананд. Бектош фақат 25 дарсади Хуҷандро тоҷик номидааст. Дар ҷавоби ӯ Ҳасанӣ ҳамчун корманди давлатӣ дар саҳифаи рӯзнома ҷадвали махсуси омориро чоп кардааст, ки 97% тоҷик будани аҳолии шаҳрҳои Хуҷанд ва Ӯротеппаро нишон медиҳад. Аз он муаллиф хулоса мекунад, ки «Бародар

Бектош аҳволи ин тоҷиконро надида ва дидан нахоста аз болои ин бечорагон гап мезанад ва иддао мекунад, ки дар фалон ҷой тоҷик нест» [351, с. 4]. Ҳамин тавр, агар фикрҳои ғаразноки Бектошро Исмоилзода бо танз ва таҳлилҳои мантиқӣ рад карда бошад, Муҳаммад Ҳасанӣ бо далелҳои расмӣ ҷавоби сазовор додааст.

Муаллифи мазкур, корманди масъули маориф М. Ҳасании Хуҷандӣ боз ба ин масъала рӯй оварда, дар шумораи №14, 1924, 26 декабр бо номи «Тақсими ҳудуди миллатҳоро комилан ба ҷо овардан лозим аст» дар саҳифаи аввали рӯзнома мақола чоп кардааст. Мақола идомаи андешаи муаллиф дар шумораи №8, 21 октябр дар бораи пурра тоҷик будани аҳолии Хуҷанд ва Конибодом буда, аз номи онҳо даъват ба амал оварда шудааст, ки роҳи ягонаи ислоҳи вазъ ва ҳифзи ҳуқуқҳои тоҷикон ба ҷумҳурияти Тоҷикистон ҳамроҳ кардани ин минтақаҳо мебошад. Дар охир шиори «Нест бод ҳокимияти як миллат ба миллати дигар!» ба миён гузошта шудааст [351, с. 1].

Баъдтар Н. Бектош дар мактубаш ба рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» «иштибоҳ»-ро иқрор шуда, давраи солҳои 1925-1927-ро «сиёҳтарин варақаи зиндагии адабӣ»-и худ номида, дар бораи масъалаи мавриди назар иқрор шудааст: «Ин ҳамон давраест, ки ман на ин ки тоҷик будани худамро инкор кардам, балки дар Самарқанд ва амсоли он шаҳрҳои Ӯзбекистон мавҷуд набудани тоҷикро даъво мекардам ва мақолаҳо менавиштам». Нарзулло Бектош ба гуноҳаш – хиёнат ба миллат, дер иқрор шуд, аммо пештар аз он, ба қавли Ҷ. Икромӣ дар охири соли 1929 – оғози соли 1930 сардори комитети илмии «Тоҷикшиносӣ»-и назди Назорати маорифи Тоҷикистон таъин гардид [128, с. 190].

Оид ба норасоии китобҳои дарсӣ, ки яке аз сабабҳои асосии аз таҳсил дур мондани тоҷикон гардидааст, дар мактуби Баҳром ном хонанда «Барои тоҷикон китоб ва рисолаҳои мактабӣ лозим аст» масъалагузорӣ шудааст. Зикр мешавад, ки ҷамъи китобҳо барои хонандагони тоҷик: алифбои форсӣ, «Соли нахустин», «Мифтоҳи таълим» ҳатто барои ду мактаби Самарқанд басанда нест. Хуб мебуд, аз тарафи муаллимони мактабҳои усули савтия аз фанҳои алифбо,

қироат, ҳисоб, ҷуғрофия ва ғайра китоби дарсӣ навишта шаванд, ҳамчунин, барои муаллимон рисолаҳои раҳнамо «Фанни тарбия», «Усули таълим» навишта чоп кардан лозим аст [317, с. 3]. Мурочиати хонандаи дорулфунуни ҳизбии осиёимиёнагӣ А. Полвонзода бо чунин ҳарфҳо шуруъ мешавад: «Бародарон, ба дараҷае мо худро гум карда будем, ки дар ин муддат ҳатто забони модариамон – тоҷикиро монда, ба забони ғайр, яъне, ӯзбекӣ бачагонамонро дар мактабҳо хонондем» [337, с. 2]. Муаллиф вазъи ба сари худ омадаро нақл карда, даъват менамояд. Муаллиф вазъи ба сари сокинони як деҳаи тоҷикнишини наздики Боғишамолро мисол меорад, ки дар Боғишамол кӯдакон форсӣ мехонанд, аммо тоҷиконро маҷбуран ба забони ӯзбекӣ таълим медиҳанд.

Хабари «Синфи тоҷикҳо» низ аз бедории шуури миллии ҳамватанон дарак медиҳад. Дар он омадааст: «Як сол боз дар дорулфунуни коммунистҳои Осиёи Васатӣ синфи ибтидоии тоҷикон давом мекунад. Синфи мазкур 15 январи соли 1924 ба ташаббуси рафиқ Нисор Муҳаммад ташкил шудааст… Акнун… тоҷикон якбора аз хоби ғафлат бедор шуда, аз паи гирифтани ҳуқуқашон бархостанд» [340, с. 1-2]. Ҳалимзода ном хонанда навиштааст, ки мактабҳои русӣ ва ӯзбекии шаҳри кухнаи Самарқанд камбудӣ надоранд, аммо барои фарзандони тоҷики Самарқанд мушкилот мавҷуд аст.

Аз шумораҳои аввал рӯзномаи «Овози тоҷик» ба иқдоми неке даст задааст. Омадааст, ки «аз ҳамин рақам таърихи миллати тоҷикро ба тариқи мубоҳиса дарҷ мекунем» ва дар ҳамин ҷо мақолаҳои муҳимми «Дар бораи тақсими ҳудуди миллатҳо»-и Хоҷибоев ва «Тоҷикҳо»-и Абдулмуъмин Ситорӣ, ки давомдор аст, дарҷ шудааст. Мактуби хонанда Асадуллоҳ Кошонӣ бо сабаби муҳиммият дар саҳифаи аввал ҷой дода, дар он омадааст, ки мо, форсизабонон аз сабаби набудани рӯзнома ба забони туркӣ ва русӣ мехондем, орзу мекардем, ки эй, кош зудтар ба забони тоҷикӣ (форсӣ) ҷаридае чоп шавад. Изҳор доштааст, ки илм ва дониш аз се чиз ҳосил мешавад: «гӯш, чашм, забон, ки мешунавад, мебинад ва мегӯяд. Пас, ҷарида барои сайқал додани ин се чашмаи вуҷуди инсонӣ муҳимтарин ҷавҳар аст, ки ҷаҳолатро аз дилҳои афрод шуста,

тоза месозад. «Рӯзнома забони миллат аст, ҷарида оинаи ҷаҳоннамост, рӯзнома муниси бекасон ва додраси мазлумон аст. Ҷарида мояи ҳушёрӣ ва боиси пойдории халқ аст. Зинда бод маориф ва матбуот!» [324, с. 1-2].

Дар шуморае ду мақолаи хонандагон оид ба забони таҳсил дар таълимгоҳҳо ба чоп расидааст: Абдулҳамидзода дар мақолаи «Мулоҳиза дар таъини ҳудуди Тоҷикистон бояд кард» масъалаи таъмини ҳуқуқи сиёсӣ ва иҷтимоии тоҷиконро ба миён гузошта, тарзи ҳалли онро зери суол гузоштааст: «Оё ин тақсими ҳудудҳо бо музокиранома ва машварати афкори оммаи ҳайати вукалои ҳар як мавзеъ ба вуқуъ омада бошад? Мо ба фикри худ мебинем, ки хусуси таъини ҳудуди тоҷикон андак нуқсонпазир ва ҳуқуқи баъзе аз тоҷикон зоеънамост» [312, с. 1-2]. Сипас аз вазъи тоҷикони Хуҷанд ва Конибодом сухан меронад, ки «ҳуқуқ ва ҳайсияти онҳо аз чӣ сабаб ба назари эътибор гирифта нашуд». Чаро ба онҳо ба забони ӯзбекӣ таълим дода мешавад ва агар ба онҳо китоби тоҷикӣ лозим шавад, онро аз куҷо гиранд? «Оё аз Тоҷикистон? Нахоҳад дод». Зеро округи Хуҷанд дар ҳайати Ӯзбекистон аст. Зикр мешавад, ки «6 моҳи январ тамоми вакилҳои ранҷбарон ва ташкилотҳои меҳнаткашон бо тамомии фирқаи иштирокиюни музофоти Конибодом раиси қумитаи инқилобии Ӯзбекистон рафиқ Файзулло Хоҷаро истиқбол намуд, дар Конибодом дар талаботи ҳуқуқи мазкура арзаҳои бисёр намуданд ва ваъдаҳои хуб шуданд» [312, с. 4]. Дар ин саҳифа, ҳамчунин, мақолаи Темур Абдулҷабборзода «Макотиби ибтидоии мо бояд ба забони модарӣ шавад» дарҷ шудааст; сухан дар бораи он меравад, ки «аксарияти аҳолии шаҳри Самарқанд тоҷиканд, вале дар тамоми макотиби ибтидоӣ дарсҳо ба забони ӯзбекӣ меравад. Лекин кӯдакони хурдсоли мактаб, ки як ҳарф ҳам ба забони ӯзбекӣ сухан гуфтан наметавонанд, чаро ки онҳо ба даруни оилаи худ суханҳои ӯзбекиро ҳеҷ нашунидаанд» [313, с. 4]. Таҷрибаҳои чандинсола собит месозад, ки бояд ба ҳар кӯдаки хурдсол ба забони модарии худаш таълим дода шавад. Бо мақсади тақвияти фикр аз як шиори ҳизб истифода карда, дархост намудааст, ки «макотиби мо низ бояд ба забони модарӣ давом кунад» [313, с. 4].

Мақолаи С. Айнӣ «Дар бораи адабиёт ва китобҳои мактабии Тоҷикистон» идомабахши мавзуи мазкур мебошад. Дар он омадааст: «Аз Маскав, аз Нашриёти марказии Шарқ як дӯсти ман ба ман навишта: «Дар ин ҷо шуъбачаҳои нашриёти ӯзбек, тоҷик ва туркман ҳаст. Барои чоп кардан ба соли 1925 ба ӯзбекҳо 125, тоҷикҳо 25 ва туркманҳо 40 варақаи чоп ҳақ додаанд. Кори ӯзбекон ба пеш рафтан аст, аммо аз тоҷик ва туркман ин ҷо одами коркун нест. Барои тоҷикон танҳо як алифбо аз тарафи бародар Лоҳутӣ тартиб шудааст. Дар ин бораи дӯсти ман аз ман мепурсад: «Оё дар Самарқанд барои тоҷикон чизе тартиб ёфтааст? Ё ки дуруст таълифёфта чизе ҳаст? Чизҳои барои тоҷикон тартибёфта ё ки тартибёбандаро хаёли дар Масков табъ кардан ҳаст, ё не?..» [9, с. 2]. Ба қавли муаллиф, ӯ дар ин бобат ҷавоби кофӣ дода натавонист. Бо вуҷуди ин, менависад: «Агар дар соли бисту панҷум 25 варақаи чоп китоби мактабӣ ва мутолиа барои тоҷикон дар Москов табъ ёбад, хеле эҳтиёҷи маънавии Тоҷикистонро таъмин мекунад». Ба андешаи ӯ, вазифаи асосӣ истифода аз ҳақи хеш мебошад, ҳамчунин, «Соли нахустин»-и С. Ализода бори сеюм барои Тоҷикистон чоп мешавад, мавсуф се ҷузъ китоби табииёт ва ҳисобро аз русӣ тарҷума карда истодааст. Устод Айнӣ масъалаи нашриёти Тоҷикистонро ба миён гузошта, пешниҳод мекунад, ки ҳангоми чопи ҳар китоб иштироки мутахассисе, ки забон, шеваҳои забони тоҷикиро медонад, зарур аст [9, с. 2].

Чӣ тавре ки мушоҳида шуд, С.Айнӣ бо рӯзномаи «Овози тоҷик» новобаста ба муносибати мураккаби ӯ бо муҳаррир Қурбӣ алоқамандии хуб дошт. Аз ин рӯ, дар яке аз шумораҳо мақолаи «Ҷавоб ба мунаққиди беном»-и ӯ чоп шудааст, ки яке аз намунаҳои аввалини накди адабӣ мебошад. Дар он устод Айнӣ ба баъзе танқидҳои ғаразноки муаллифи беном ҷавобҳои муфассал навиштааст. Дар эзоҳи идораи нашрия омадааст, ки сабаби чоп кардани ҷавоби устод Айнӣ дар он аст, ки хонанда «нисбат ба қадимтарин ходими матбуот ва маориф ва маҷоҳидтарин роҳи инқилоб ва таҷаддуд» [10, с. 4] баъзе «тавҳинот» кардааст. Чунин эзоҳ баёнгари эҳтироми баланди идораи рӯзнома ба устод Айнӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки дар «Овози тоҷик» дар солҳои аввал (1924-1928) ба истисноӣ қиссаи устод Айнӣ «Одина» ва чанд асари очеркмонанди хурду калон, асари дигари насри бадеӣ чоп нашудааст.

Мақолаҳои публитсистии устод, ки дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ба нашр расидаанд, «моҳиятан ҳама ба худшиносии миллӣ ва бедории заҳматкашон нигаронида шудаанд» [61, с. 17]. Дар «Овози тоҷик» оҳанг, мавзуъ ва мундариҷаи асарҳои публитсистии устод Айнӣ то андозае тағйир ёфт. Агар дар «Шуълаи инқилоб» мавзуи муборизаи сиёсӣ дар ҷойи аввал бошад, минбаъд масъалаи тарбияи инсони таҳсилкарда, мутамаддин пеш гузошта шуд. Баъд аз ин, «мақолаҳои публитсистие, ки устод Айнӣ дар саҳифаҳои «Овози тоҷик» чоп кардаанд, ба масъулиятшиносии аҳли ҳунар, мактабу маориф, фарҳанг, коргар ва деҳқонони хокпӯш бахшида шудаанд. Устод Айнӣ ба халқи худ худогоҳӣ ва худшиносиро талқин менамуд. Аз повести «Одина» сар карда, то мақолаҳои охирон, ки дар саҳифаҳои рӯзнома чоп мешуданд, калимаи «тоҷик» ҳатман таъкид меёфт» [61, с. 21]. Дар бисёр мақолаҳои публитсистии он даврон, ҳатто унвони нашрияҳо истилоҳи тоҷик такрор шудааст, ки як падидаи ҷолиб мебошад.

Дар мақолаи дигари дар «Овози тоҷик» ба нашррасида оҳанги публитсистии он ба сиёсат омехтааст: «Дар ин мақола мо дар бораи ташкилоти тоҷикон ва маорифи тоҷикон фикр медавонем, мурод аз ин тоҷикон ҳамон тоҷиконеанд, ки дар дохили Ӯзбекистон мондаанд, зеро кори тоҷикони Тоҷикистонро худи Ҳукумати Тоҷикистон дуруст хоҳад кард ва ҳоҷат ба фикрдавонии амсоли мо нест» [11]. Ҳамин тавр, чӣ хеле ки муҳаққиқон қайд кардаанд, «солҳои бистум, махсусан, баъд аз интишори рӯзномаи «Овози тоҷик» фаъолияти публитсистии устод Айнӣ дар ин давра назаррас гардид. Зиёда аз он публитсистикаи ин давраи устод Айнӣ ҳам аз ҷиҳати услуб ва приёмҳои адабӣ, биниши эстетикӣ ба ҳаёт ва замон таҳаввули бузургро аз сар гузаронд» [272, с. 31]. Ба андешаи мо, услуби нави мазкур, ки аз мақолаҳои публитсистии матбуот шурӯъ шуда буданд, дар асарҳои бадеии минбаъдаи устод идомаи худро ёфтанд ва дар онҳо шакли нави руҷӯъҳои таърихию

публитсистӣ ба миён омад, ки намунаи онҳоро дар асарҳои калони муаллиф метавон дид.

Ҳамин тариқ, асарҳои илмӣ, адабӣ ва педагогии Садриддин Айнӣ, ки дар давраи инқилоб таълиф шудаанд, хусусияти равшани публитсистӣ дорнад. Омили дигар фаъолияти намояндагони мактаби маорифпарварӣ, пеш аз ҳама, Аҳмади Дониш будааст. «Адибони маорифпарвари охирҳои асри 19 дар баробари тарғиби илму маърифат ва танқиди нуқсонҳои таълиму тадрис ба дигар масъалаҳои муҳимми иҷтимоию сиёсӣ ҳам дахл намуда, қабеҳтарин ҷиҳатҳои тартиботи ҳукмронии замони худро фош ва мазаммат мекарданд» [156, с. 54]. Устод Айнӣ дар баъзе асарҳо ва мақолаҳои публитсистии худ на танҳо аз мазмуни асарҳои Аҳмади Дониш баҳравар шудааст, балки шаклу услуб, алалхусус, тарзи ифода ва воситаҳои бадеии онҳоро низ пайравӣ намудааст» [148, с. 73]. Омили сеюмро дар бобати пайдоиши публитсистикаи Айнӣ муҳаққиқ А. Маниёзов матбуоти даврӣ донистааст. Дар ҳақиқат, бисёр адибони тоҷик, аз ҷумла, С. Айнӣ, дар матбуоти нахустини пешқадами тоҷикӣ ширкати фаъолона надошта бошанд ҳам, маҳз аз мутолиаи онҳо бо намунаи мақолаҳои публитсистӣ шинос шуданд. Танҳо баъди Инқилоби Октябр устод Айнӣ як навъ ба фаъолияти журналистӣ шуруъ намуда, мақолаҳои публитсистӣ, асарҳои илмию адабӣ, ашъори инқилобиашро дар рӯзномаю маҷаллаҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ чоп намуд. Ҳамаи ин асарҳо хусусияти таблиғотию ташвиқотӣ ва фаҳмондадиҳӣ доштанд. Бинобар ин, муҳаққиқонро лозим меояд, ки маҳз аз ин нуқтаи асар публитсистикаи устод Айниро мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Дар баробари ин, омӯзиши публитсистикаи С. Айнӣ «барои донистани таърихи пайдоиш ва инкишофи жанри публитсистикаи адабиётамон ва ҳам барои тадқиқ намудани такомули услуби худи нависанда ҳоло аҳаммияти ниҳоятдараҷа калон дорад» [148, с. 77]. Барои ин «публитсистикаи адабиётамон» мегӯем, ки осори мазкури устод ба иловаи хусусияти журналистии худ аз манбаи адабиёти бадеӣ зиёд об хӯрдааст ва ба эҷоди асарҳои бадеии нависанда замина гузоштааст. Ин аст, ки ин мақолаҳои публитсистӣ ва илмӣ ҳам аз аҳаммияти илмӣ ва ҳам забоншиносию

адабиётшиносӣ бархурдоранд. Аз мазмуни андешаи мазкур бармеояд, ки дар мақолаҳои устод Айнӣ симои ӯ ҳамчун таърихшинос, донандаи фолклору анъанаҳои мардумӣ, таблиғгари фаъол ва суханвари барҷаста таҷассум ёфта, аз дониши фарох ва ҷаҳонбинии сиёсиву иҷтимоии ӯ шаҳодат медиҳад.

Яке аз махсусиятҳои фаъолияти публитсистии устод Айнӣ дар он буд, ки дар солҳои пуртазоди бистуму сиюми асри гузашта ӯ сари танҳо тавонист бо рақибони идеологӣ ва мафкуравиаш, ки алайҳи манфиатҳои миллати тоҷик кор мекарданд, мубориза барад. Ӯ дар бисёр масъалаҳо, аз ҷумла, хат, имло, номи забони тоҷикӣ, ки масъалаҳои муҳимми сиёсӣ низ маҳсуб меёфтанд, ҳатто бо шарқшиносони машҳури ҳамонвақтаи рус ва ғарб дар баҳс шуда, хушбахтона, ғалаба карда, гапи худро гузаронид. Аз ин рӯ, «дар ин мубориза қалами устод Айнӣ аз ҳама буро буда, дар ҳалли масъалаи тоҷикон ва тақдири забони онҳо саҳми асосӣ гузошт. Зеро шарқшиносони рус ба тақдири ояндаи миллати тоҷик на он қадар рағбати калон доштанд. Онҳоро асосан пешинаи ин халқ, ёдгориҳо, боигариҳои таърихию сарватҳои табиии ин ҷо машғул медошт» [210, с. 179]. Дар ин маврид бояд гуфт, ки дар ҳақиқат, бисёр шарқшиносони рус ва ғарб монанди устод Айнӣ дурандеш набуданд, онҳо ҳамон рӯз ва манфиати ҳамонрӯзаи худро афзал мешумориданд. Устод Айнӣ забони русӣ ва забонҳои дигари ғарбиро надонад ҳам, бо кумаки шогирдони забондонаш аз мағзи ҳарфҳои онҳо хулосаи даркорӣ бароварда, зуд дар ҷояш ба онҳо ҷавоб менавишт. Баъзе аз ин шарқшиносон, аз ҷумла, И. Брагинский аз насиҳат ва раҳнамоиҳои устод Айнӣ хулоса бароварда, баъзе иштибоҳҳояшро дарк ва ислоҳ намуданд.

Дар мисоли асарҳои публитсистии устод Айнӣ дар нашрияҳои «Шуълаи инқилоб» ва «Овози тоҷик» публитсистикаи сиёсии тоҷик пурра шакл гирифт ва аз он вақт навъи мазкури эҷод ба ҳаёти фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар ворид гардида, то ба имрӯз рушду такомул меёбад. Бинобар ин, хизматҳои бузурги Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ дар ин бобат фаромӯшнашаванда маҳсуб ёфтаанд.

Омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Садриддин Айнӣ дар замони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ифтихор ва намунаи ибрат мебошад. Зеро мавсуф дар ҳама давраҳо ва сохти давлатӣ ба нафъи миллату давлат ва заҳматкаши одӣ кор карданро рисолати азалии худ донистааст. Зиндагии устод Айнӣ ба замони хеле мураккаб, таҳаввулоту воқеаҳои инқилобии ибтидои қарни XX рост меояд. Табиист, ки чунин як шахсият дар нисбат ба ин воқеаҳо бетараф набуд ва аз иштирокдорони фаъоли кишвари хеш маҳсуб меёфт ва андешаҳои сиёсиаш низ тавъам бо рӯйдодҳои замон рушду такомул ёфтааст. Ба таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «...устод Садриддин Айнӣ роҳи осони зиндагӣ ва эҷодро интихоб накард» [196, с. 275] ва бо тақозои манфиатҳои миллии замон ба арсаи сиёсат ва иҷтимоигароӣ ворид гардид. Ҳарчанд устод Айнӣ борҳо сиёсатмадор будани худро рад кардааст: «...зотан, фақир аз сиёсиёт мутанаффир будам» [47, с. 180]. Дар ин маврид муҳаққиқ М. Шакурӣ дуруст дарёфтааст: «Маорифпарварии Айнӣ ҳам гоҳ маҷбуран, гоҳ ихтиёран ва сидқан фаъолияти инқилобӣ ва сиёсӣ буд» [273, с. 37]. Аз ҷумла, ӯ ҳанӯз моҳи феврали соли 1918 чӣ будани сиёсатро маърифат карда буд ва хулосаҳои дуруст ҳам бароварда метавонист. Ба ин маънӣ, дар «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» афкори ҷиддии сиёсӣ ва иҷтимоияшро изҳор доштааст.

Равиши кору фаъолияти устод Айнӣ дар мавриди сиёсат аз ҷадидон ва равшанфикрони дигар фарқ мекард. Ӯ дар ҳама замон ва шароит бо дурандешӣ ва мусолиҳаву дониши васеи худ роҳу равиши дурусти кори эҷодиро пайдо намуда, барои ҳимояи манфиатҳои халқи азизи хеш бо силоҳи қалам мубориза бурд. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштаанд: «Ӯ тимсоли зиёии пешқадаме мебошад, ки тамоми умр ва фаъолияти серҷабҳаашро сарфи хизмат ба миллати хеш кардааст» [196, с. 285]. Бинобар ин, ҳарчанд ба сиёсат бевосита сару кор нагирифтааст ва узви ягон ҳизбу созмон набуд, иштибоҳу хатоҳои гурӯҳҳои сиёсӣ – ҷадидон, ҳатто вакилони давлати подшоҳии русро таҳти танқид ва маломат қарор додааст.

Яке аз роҳҳои омӯзиши замина ва рушди андешаҳои сиёсии устод Айнӣ дар робита ба марҳалаҳои эҷодии мавсуф баррасӣ намудани онҳо мебошад. Зеро ташаккули ҷаҳонбинии сиёсӣ ва иҷтимоии ӯ ба марҳалаҳои фаъолияти эҷодиаш тавъам мебошад.

Дар роҳи инъикоси мақсаду мароми хеш, устод Айнӣ машаққатҳои зиёди маънавӣ ва ҷисмониро пушти сар намудааст. Даврабандии фаъолияти эҷодии устод Садриддин Айнӣ яке аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносии тоҷик буда, дар ин маврид муҳаққиқони тоҷик С. Табаров, М. Шакурӣ, И. Брагинский, А. Маниёзов, И. Усмонов, Х. Асозода, М. Имомзода, А. Кӯчарзода, А. Маҳмадаминов, А. Раҳмонзода, М. Абдуллозода, М. Муродӣ ва дигарон изҳори ақида кардаанд. Чӣ тавре ки маълум аст, фаъолияти эҷодии устод Айнӣ аз таълифи шеър оғоз ёфтааст. Дар ин давра ӯ таассуроти хешро аз ҳаёти душвори мардуми одӣ дар қолаби шеър баён сохтааст.

«Шоирони ибтидои асри XX, аз ҷумла, Айнӣ шеърро ба зиндагии воқеӣ наздик намуданд ва дар ашъори эшон бештар аз талаботи рӯзмарра сухан ба миён омадааст» [130, с. 31]. Яъне, то оғози асри бистум устод Айнӣ дар шеърнависӣ қаламфарсоӣ намуда, ҳамчун шоир дар байни хосу ом шуҳрат пайдо кард. Ҳамчунин, дар марҳалаи ниҳоии ин давра фаъолияти устод Айнӣ ба маорифпарварӣ ва кори мактабу маориф алоқаманд гашта, дар ду даҳсолаи аввали ин қарн чанд китоби таълимӣ навишт, ки то ба имрӯз аҳаммияти худро гум накардаанд. Бо вуҷуди ин, ҳар як ҳодисаи муҳимми ҷамъиятӣ, сиёсӣ: ҳам воқеаҳои ҳаётиву рӯзгор ва ҳам ҳодисаҳои замон дар ин давра ба тафаккури бадеии устод Айнӣ таъсир расонида, аз табъи нозуки ӯ, пеш аз ҳама, дар шакли шеър таровиш ёфтааст. Чунончи, аз фоҷиаи мудҳиши шиаву суннӣ, ки 22 сентябри соли 1910 ба амал омад, устод Айнӣ, тавре ки дар «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» зикр кардааст, хеле ба риққат омада, баъди баёни сабабҳои фоҷиа қайд намудааст, ки «таассуроти худро дар ин фоҷиа зикр карда будам» [47, с. 62]:

*То ба кай бошем дар кунҷи ҷаҳолат мустақим?*

*То ба кай бошем дар фикри залолат устувор?..*

*Худкушӣ аз баҳри чӣ? Аз бегонагон дорем шарм!*

*Дӯстозорӣ чаро? Аз душманон орем ор!* [42, с. 98].

Ё ин ки дар аввали соли 1913 аз баста шудани рӯзномаҳои «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» чунин овардааст: «Оҳ... Таассуроти худро аз баста шудани ҷаридаҳо он вақт дар силки назм кашида будам» [47, с. 93]. Ва аз барқароршавии рӯзномаҳо изҳори умедворӣ кардааст:

*Боз о, ки мушавваш нашаванд ин ҳама мардум,*

*Боз о, ки парешон нашаванд ин ҳама инсон* [42, с. 94].

Дар миёнаҳои давраи аввали фаъолият, чанд сол қабл аз баста шудани мактабҳо ва ҷаридаҳои пешқадам дар соли 1910 равшанфикрони Бухоро бо номи «Тарбияи атфол» «ҷамъияти махфӣ» таъсис дода буданд, ки фаъолияташ асосан аз ташкили мактабҳои усули нав ва фиристодани ҷавонони боистеъдод барои таҳсил ба мамлакатҳои дигар иборат буд. Устод Айнӣ дар «Таърихи инқилоби Бухоро» зикр менамояд, ки ҳарчанд фаъолияти ҷамъият расман илмӣ муаррифӣ шуда, дахолат накардани он ба сиёсат дар низомнома таъкид гардида буд, аъзои он мардумро ба ислоҳоти ҳамаҷонибаи ҷомеа даъват мекарданд. Устод Айнӣ бо ин ҷамъият ҳамкории наздик дошт ва он яке аз фаъолиятҳои аввалини махфии мавсуф ба ҳисоб меравад.

Устод Айнӣ ҳамқадами замон буд. Ӯ ҳам дар замони сохти амирӣ ва ҳам даврони Шуравӣ зиндагӣ намуда, ба воқеаҳои муҳимми замони хеш аз нуқтаи назари манфиати халқу миллат баҳогузорӣ карддааст. Фаъолияти корӣ ва эҷодии ӯ пеш аз инқилоб асосан ба мактабу маориф ва равшангароӣ иртибот дошт. Мавсуф дар вақташ «мударриси забардаст буд. Китоберо низ бо номи «Заруриёти динийа» таълиф карда буд. Вале дар тамоми асарҳояш бо таассубу ҷаҳолат мубориза мебурд» [196, с. 280]. Яъне, «мавзуи тарғиби илму дониш аз мавзуъҳои суннатии адабиёти форсу тоҷик аст» [130, с. 37].

Фаъолияти сиёсӣ ва иҷтимоии устод Айнӣ пас аз инқилоби февралии соли 1917, баъди 75 чӯб хӯрдан аз одамони амир ва муҳоҷират ба Самарқанд дар хидмати сохти нав идома ёфт. Аз ҳамон вақт заминаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии эҷодиёти устод Айнӣ ташаккул ёфта, ӯ то ба охири умр ба он содиқ монд. Ба

ибораи дигар, «мазмунҳои худогоҳию худшиносӣ ҳанӯз аз ибтидои фаъолияти нависанда шуруъ мешавад…» [130, с. 7].

Баъд аз инқилобҳои февралӣ ва октябрии соли 1917 фаъолияти эҷодии устод Айнӣ густурдатар гардида, мавзуъҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба сутуни мустаҳками эҷодиёти ӯ табдил ёфт. Дар ин маврид, пеш аз ҳама, ашъори инқилобӣ ва мақолаҳои сиёсиаш нақши бузург мебозанд. Аз ҷумла, «Марши ҳуррият»-и устод Айнӣ тафаккури халқи ҷафокашида ва аз равандҳои муҳимми ҳаёти сиёсӣ дар канормондаи моро бедор карда, дар замони инқилоб ба ташаккули худшиносии миллӣ асос гузошт» [196, с. 277-278]. Он ҳам бо мазмун, ҳам оҳанг ва ҳам муҳиммияти хеш дар адабиёти тоҷик таҳаввулот ба вуҷуд овард ва аз рӯзи аввал аз ҷониби мардуми одӣ хуш пазируфта шуд.

Дар бораи аҳаммияти мақолаҳои устод Айнӣ, ки дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» нашр шудаанд, китобу нигоштаҳои зиёди илмию таҳқиқотӣ ба анҷом расидаанд. Бо тақозои замон ва мувофиқ ба талаботи давр Айнии шоир рӯзноманигорони оташинсухан гардид. Баҳои сазовор ва воқеӣ ба мақолаҳои публитсистии С. Айнӣ аз ҷониби Пешвои миллат баён гардидааст: «Мақолаҳои оташбори публитсистии ӯ (*С. Айнӣ дар назар аст. – С. Э.*), ки солҳои 1919-1921 дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» чоп шуда, ҳуқуқи халқи тоҷикро ба забон, мероси фарҳангӣ, мактабу маорифи миллӣ, матбуоти тоҷикӣ, давлату давлатдорӣ ҳимоя карда, халқро ба омӯзиш ва маърифати сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ташвиқ менамуданд, имрӯз низ ба аҳаммияти бузурги таърихӣ моликанд» [204, с. 278]. Дар ин мақолаҳо устод Айнӣ бори аввал ба мафҳуми Ватан таваҷҷуҳ намуда, онро ба маънои нави сиёсиаш шарҳу тавзеҳ додааст: «Ҳар одаме, ки дуруст фикр мекунад, медонад, ки Ватан модари ӯст, Ватан хеш ва табори ӯст, Ватан шараф ва номуси ӯст, Ватан ҳама чизи ӯ ва ҳаёти ӯст» [47, с. 288].

Устод Айнӣ дар ин давра аҳаммияти мактаб ва маорифро дар рушди ҷомеа чун дар даврони пеш аз инқилоб аввалиндараҷа шуморидааст. Яъне, фаъолияти маорифпарварии устод Айнӣ такмил ёфтааст. Дар ин бора андешаҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳим арзёбӣ мешаванд: «... ҳанӯз соли

1920 ба хотири пешрафти мардум, бедории тафаккури ҷомеа ва хушиносиву худогоҳии наслҳо навишта буд: «Агар мо шараф хоҳем, агар мо номус хоҳем, агар мо иззату обрӯй хоҳем, агар мо ҳуқуқ хоҳем, ба ибораи кӯтоҳ – агар мо ҳаёт хоҳем, моро лозим аст, ки ҳарчи пештар ва бештар ба шоҳроҳи маориф қадам гузорем» [130, с. 286].

Дар даҳсолаи аввали даврони Шуравӣ дар радифи маорифпарварӣ ва равшангароӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти устод Айнӣ худшиносии миллии тоҷикон гардид. Дар ин бобат силоҳи асосии ӯ қалам буд. Устод Айнӣ бо мақолаҳои публитсистию асарҳои бадеии хеш рисолати бузурги таърихиро адо намуд. Ба ин мазмун, Пешвои миллат саҳми адабиётро бузург арзёбӣ кардааст: «... шоирону нависандагон бояд ба муҳимтарин воқеаҳо ва рӯйдодҳои тақдирсози ҳаёти кишвар... ҳамовоз гашта, онҳоро дар асарҳои худ ҳақиқатнигорона тасвир намоянд» [130, с. 285].

Ҳимоя ва исботи ҳаққи мавҷудияти халқи тоҷик дар як давраи нобасомони таърих барои устод Айнӣ вазифаи муҳимтарин ба ҳисоб мерафт. Мавсуф то метавонист, бо силоҳи қалам ҳатто ҳаёташро ба хатар гузошта, дар ин росто мубориза бурд. Таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» (соли 1926) худ қаҳрамонист ва далели ин гуфтаҳост. Ба қавли Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «Намунаи адабиёти тоҷик» мисоли барҷастаи таъсир расондани адабиёт ба равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замон мебошад» [130, с. 284].

Аз таҳлили боби мазкур ба ин хулоса расидем, ки публитсистикаи сиёсӣ дар адабиёти тоҷик падидаи тасодуфӣ нест ва он решаҳои амиқи таърихӣ дошта, аз осори мутафаккирону адибони классикии тоҷику форс сарчашма мегирад. Махсусан, дар асарҳои дорои мазмуни иҷтимоӣ ва сафарномавӣ воқеияти замон, масъалаҳои адолати иҷтимоӣ, давлатдорӣ, сиёсӣ ва зиндагии мардум бо руҳи интиқодӣ ва воқеъбинона инъикос ёфта, тадриҷан заминаи ташаккули публитсистикаи сиёсию иҷтимоиро дар адабиёти тоҷик фароҳам овардаанд.

# БОБИ 2
# УСТОД АЙНӢ – АСОСГУЗОРИ ПУБЛИТСИСТИКАИ СИЁСИИ НАВИНИ ТОҶИК

Устод Айнӣ баъди ташкили Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба осиёби сиёсат ворид гардид. Дар бораи то чӣ андоза бо сиёсат дахолат кардани адиб муҳаққиқони адабиёти тоҷик кам ҳам бошад, баъзе пажуҳишҳоро анҷом додаанд. Дар ин маврид, кӯшишҳои муҳаққиқ Х. Асозода то андозае назаррас аст. Ба қавли ӯ, «падидаи сиёсат ва сабабҳои таъсири он дар афкори адибон мавзуи муҳимме ба шумор меравад ва он дар шинохти шахсияти адибе равшаниҳо андохта, муносибати ӯро ба воқеияти зиндагии ҷомеа сармезада муайян месозад» [70, с. 39].

Яке аз нишонаҳои асосии ба сиёсат шарик шудани устод Айниро метавон аз корбурд ва муайян кардани мавқеи калимаи «тоҷик» дар солҳои бисту сӣ дарёфт. Маълум аст, ки дар ин бобат устод Айнӣ саҳми намоён гузошт, зеро «мафҳуми калимаи «тоҷик» дар навиштаҳои устод Айнӣ ба куллӣ маънии сиёсӣ пайдо мекунад» [70, с. 52]. Дар асарҳои устод калимаи мазкур мавқеи асосӣ пайдо карда, минбаъд сарахбор ва сарлавҳаи ҳуҷҷату китобу нашрияҳои давлатӣ гардид.

## 2.1. Мавқеи сиёсии муаллиф дар асарҳои насрию назмӣ

Дар адабиёт ва публитсистика масоиле мавҷуданд, ки таҳлил ва пажуҳиши онҳо нақши адибону публитсистонро дар ҳифз ва ҳимояи манфиатҳои миллат ва таҳкими ҳувияти миллӣ ба таври дақиқ нишон медиҳанд. Ин масъалаҳо собит месозанд, ки эҷодкор наметавонад аз сиёсати замон ва фаъолияти иҷтимоии ҷомеа дар канор бошад. Дар ин замина, нақши Садриддин Айнӣ хеле бориз буда, ӯ дар аксари осори худ ба масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии давр таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст. Дар яке аз асарҳои публитсистии аввалини худ «Таърихи инқилоби Бухоро» устод Айнӣ истилоҳи «тоҷик»-ро зиёд истифода

намудааст. Аз ҷумла, дар ин бобат халқи асосии Бухоро ва атрофи онро борҳо бавоситаю бевосита тоҷик номидааст. Масалан, таъкид гардидааст: «Ба сабаби тотор будани муаллим ва ба забони тоторӣ будани китобҳои дарсӣ тоҷикбачаҳои бухорӣ аз таълим дуруст истифода бурда наметавонистанд» [37, с. 34]. Рисолати сиёсию иҷтимоии устод Айнӣ дар ин давра исботи мавҷудияти халқи тоҷик дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, шаҳрҳои қадимаи Самарқанду Бухоро буд. Ҳамчунин, махсус таъкид кардааст, ки 6 апрели соли 1917 қозикалони Бухоро фармони ислоҳотро, ки ба забони тоҷикӣ навишта шудааст, назди ҷамъомадагон қироат кард: «Қозикалон фармони ба забони форсӣ навишташударо ба овози баланд хонд» [37, с. 34]. Ин ҳарфҳо ҷанбаи сиёсӣ низ дорад, яъне, забони расмии давлати Бухоро забони форсӣ (тоҷикӣ) буд ва ҳеҷ кас наметавонад дар Бухоро будани тоҷикон ва забони тоҷикиро инкор намояд.

Дар асари дигари публитсистии устод Айнӣ «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» низ оҳангҳои ватанхоҳӣ, миллатдӯстӣ, исботи мавҷудияти халқе бо номи тоҷик дар Мовароуннаҳр зиёд садо додаанд. Ҳатто дар руҷуъҳои лирикӣ, даъват ва муроҷиатҳои «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» низ оҳангҳои эътирозӣ ва сиёсӣ дида мешаванд: «Эй боди сабо, ин ҳама овардаи туст!» [26, с. 75], яъне, он ҷабру зулме, ки амир аз он ёдовар мешавад, аз ҷониби худаш даҳчанд зиёд аст. Дар ин асар, чун дар аксар намунаҳои публитсистикаи солҳои бистум, хитобаву муроҷиат зиёд истифода шудааст. Чунончи, дар асари мазкури «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», ки низ таърихию публитсистист, ба ин монанд нидоҳо ба чашм мерасанд: «Не, не! Хунрезӣ лозими зоти ин сулола аст!» [26, с. 79]. Чун дар фасли алоҳида масъалаҳои сиёсӣ дар осори таърихии устод Айнӣ баррасӣ мешавад, инҷо дар хусуси ин ду асар суханро ба дарозо намебарем.

Ба қавли муҳаққиқ Х. Асозода, «дар шинохти устод Айнӣ сиёсат падидаест, ки вақте кас ба он мепайвандад, дар ҷараёни амалӣ шудани он сиёсати худро ба миён меорад, то рукнҳое аз сиёсати асосиро тағйир бидиҳад ё онро ба куллӣ инкор карда, аз пайи ҷорӣ намудани сиёсати худ бишавад» [70, с. 44-45]. Ин муҳаққиқ бар он аст, ки «падидаи сиёсат дар ҷони С. Айнӣ дарди

бедавое буд, ки аз он халос шудани шахсе, ки ба дараҷаи мударрисӣ расидааст, ғайриимкон буд» [70, с. 47]. Дар ҳақиқат, бо вуҷуди он ки устод Айнӣ дар кӯраи сиёсати давлати Шуравӣ пухта расида буд, аз он ҷабри зиёд ҳам дид.

Профессор Х. Асосзода ба ин андеша аст, ки сиёсатмадории устод боз дар он буд, ки ӯ ба ҳар ҳодисаи таърихии рӯзгори миллат ба воситаи асари алоҳидае баҳо медод ва миллаташро табрик мегуфт [70]. Муҳаққиқ бар он аст, ки С. Айнӣ «Одина»-ро ба муносибати ташкили Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон (1924) ва романи «Дохунда»-ро ҳамчун тухфа ба ташкили Ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон (1929) навиштааст [70, с. 56]. Яъне, устод ин асарҳоро ба муносибати воқеаҳои муҳимми сиёсии Тоҷикистон навишта, инро худ таъкид ҳам кардааст.

Устод Айнӣ пас аз навиштани «Намунаи адабиёти тоҷик», сипас, барои иҷрои фаъолиятҳои зиёди равшаннамоиву эҷодӣ ба тухмату сиёҳкуниҳо гирифтор шуд, аммо хушбахтона, ба ҳукми тасодуф ва кумаки онҳое, ки қадрдонаш буданд, бо азобе раҳо ёфт. Дар ин бобат ин ҷиҳат низ муҳим буд, ки ба қавли Х. Асозода «шахси эҷодӣ, зиёии воқеӣ, олими нуктасанҷ ҳеч гоҳ ба сиёсати дурӯягӣ бояд дода нашавад. Устод Айнӣ ҳамин навъ адиб, олим ва зиёӣ буд. Аз дастархоне, ки нон мехӯрд, болояш пой намегузошт» [70, с. 65]. «Дар маркази сиёсати эҷодкории С. Айнӣ танҳо манфиати миллат, манзалати миллат, ормонҳои миллат қарор мегирад» [70, с. 75].

Дар охири даҳсолаи сиюми асри бист ва солҳои Ҷанги дувуми ҷаҳон устод Айнӣ бо рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» ҳамкории наздик дошт. Дар саҳифаҳои он матолибе ба нашр расиданд, ки моҳияти публитсистӣ доранд. Очеркҳои «Канали Тӯқсанкорез», «Канали Марғедар», «Ду ҳашар», «Обёрӣ» ва достони «Ҷанги одаму об» аз ҷумлаи онҳо буда, заҳмати бунёдгаронаи мардуми тоҷикро инъикосу тараннум кардаанд» [164, с. 52-53]. Дар ин маврид профессор М. Муродӣ зикр кардааст: «Устод С. Айнӣ то охири умр дар баробари эҷоди бадеӣ аз дахолатпазирии публитсистӣ дар канор набудааст… Публитсистикаи баъд аз ҶБВ-и устод як андоза моҳияти сиёсӣ дошта, масъалаҳои барқароркунии хоҷагии мамлакат, тарбияи ходимони адабиёту санъат ва амсоли онро дар бар

мегирад… Бо вуҷуди ин, публитсистикаи С. Айниро як мавзуъ ва як ҳадаф ба ҳам мепайвандад. Дар маркази публитсистикаи ӯ масъалаи тоҷикон қарор дорад» [164, с. 54-55].

Ин ҳам қобили қайд аст, ки «нигоштаҳои публитсистии ӯ танҳо маҳсули дидаву шунида набуда, як навъ дарки бошууронаи воқеа, рӯйдод ва ҳодисоти замон аст» [163, с. 61]. Ҳамчунин, «ӯ бо ин усул доир ба мавзуъ панорамаи васеъро ба вуҷуд оварда, ба нигоштааш неруи фикри иҷтимоӣ мебахшад» [163, с. 62].

Дар ин давра асарҳои бадеии калонҳаҷми устод Айнӣ ба табъ расиданд, ки дар онҳо низ баррасии масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ҷойи аввал гузошта шудаанд. Дар ин бобат муҳаққиқ М. Муродӣ навиштааст: «Маълум аст, ки «Ёддоштҳо» асари тарҷумаҳоливу саргузаштӣ буда, ба қавли соҳибаш «рӯзҳои ҳаракат ба муқобили сохти амирӣ, воқеаҳои саргузаштӣ ва рӯйдодҳои инқилобии дар байни инқилоби феврал ва октябри соли 1917 дар Самарқанд ба вуқуъ омадаро инъикос мекунад ва аз ҷиҳати хусусият асари публитсистиро ба хотир меорад» [156, с. 80]. Дар ҳақиқат, чунин аст. Баъд аз мақолаҳои сершумори публитсистӣ ва романи «Ҷаллодони Бухоро» дар солҳои бистум, ки дар нашрияҳои асосии ҷумҳурӣ ба табъ расиданд, маҳз асари бузурги ӯ «Ёддоштҳо» аст, ки аз хусусияти публитсистӣ бештар баҳраманд шудааст.

Ҳарчанд замона нооpом буд, устод Айнӣ тавонист асарҳояшро дар рӯҳи инсонпарварӣ офарад. Ба қавли академик М. Шакурӣ, дар адабиёти тоҷикии солҳои бисту сӣ ва чиҳилу панҷоҳ Садриддин Айнӣ ягона насрнависе буд, ки асарҳояш дорои ҷамъбастҳои ҷиддии фалсафӣ мебошанд. Махсусияти асарҳои публитсистии даврон аз он иборат буд, ки адибон дар асоси омӯзиши рӯйдодҳои замон бо истифодаи мушоҳидаҳои бевоситаашон аз ҳаёт гоҳ ба тасвири худи воқеият мепардохтанд ва гоҳе хостаҳои хешро ба воқеият илова карда, фикру мулоҳизаҳояшонро баён мекарданд.

Солҳои чилуму панҷоҳум асарҳое монанди «Ёддоштҳо»-и Айнӣ ба вуҷуд омаданд, ки ба қавли муҳаққиқон дар он тасвири ҳуҷҷатӣ ва илмии воқеаҳо, ашё ва одамон, нақли воқеаҳои дар саргузашти шахсиятҳо таърихӣ

мушоҳидагашта, ҳикоятҳои достонии бо фактҳо ва одамон ороёфта ба назар мерасад. Дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ як давраи калони гузаштаи халқи тоҷик ба асоси санаду ҳуҷҷат ва истифодаи баъзе ашхос бо ному насаби худ мавриди тасвири нозукбинонаи муаллиф қарор гирифтааст» [214, с. 89].

Дар ду даҳсолаи аввали асри бист, яъне, пеш аз Инқилоби Октябр устод Айнӣ дар тамоми ашъор ва асарҳои насриаш тарафдори ислоҳоти осоишта буд. Ин масъаларо Х. Асозода дуруст шарҳ додааст: «Тамоми мавзуъ ва масъалаҳое, ки дар тӯли тақрибан бист соли аввали қарни бисти милодӣ ба вуқӯъ меоянду дар шоҳидии Садриддин Айнӣ сурат мегиранд, ба масъалаи ислоҳот даровардан ба сохтори амирӣ иртибот доранд» [70, с. 44]. Баъди Инқилоби Октябр назари устод Айнӣ ба ин масъала тағйир ёфт.

Баъд аз воқеоти куштори моҳи марти соли 1918 аз тарафи амир, устод Айнӣ дар шеъру мақолаҳояш то андозае маорифпарвари сиёсӣ шуд. Ӯ акнун дар мақолааш «Қарори таърихии як иҷтимои фавқулодда», ки мазмуни эълонияи сиёсии навиштаи худаш мебошад, мардуми Бухороро ба инқилоби сиёсӣ даъват кардааст: «Касоне, ки аз наздик ба ҷузъиёти умури идораи ҳукумати Бухоро бо диққат назар андохтаанд, аҳволи таърихии сад соли охирии ҳукуматро ба мулоҳизаи дуруст муҳокима кардаанд, ақаллан фаҷоее, ки дар зарфи сесолаи инқилоб дар Бухоро рӯй додааст, дид ё худ шунидаанд, аз аҳволи илмӣ ва аҳлоқии мадориси Бухоро хабардоранд, билкуллия аз ин ҳукумат даст шуста, аз ислоҳ ёфтанаш маъс мешаванд» [70, с. 44]. Ин ҷо ду масъала – маориф ва сиёсат бо ҳам тавъам мавриди назар қарор дода шудааст. Яъне, акнун С. Айнӣ бо роҳи нишон додани норасоиҳои иҷтимоӣ ва маорифи кишвар гузаронидани инқилобро роҳи ягона шуморидааст. Чӣ тавре ки донишманд А. Маниёзов қайд кардааст: «Пас, муаллиф қатлу куштор ва ваҳшигариҳоеро, ки дар солҳои реаксияи ҳукумати амирӣ дар Бухоро рӯй додаанд, хотиррасон намуда, мегӯяд, ки фақат ба воситаи револютсия ин ҳама бедод, зулм ва истибдодро хотима додан ва ба озодӣ ноил гардидан мумкин аст» [148, с. 91].

Ҳарчанд сиёсати даврон дар солҳои бистум маорифпарварӣ ва ҷунбиши ҷадидияро маҳкум кард, маорифпарварони тоҷик чун устод Айнӣ бо роҳу

равиши худ корашонро идома доданд. Ин давраро устод «танвири афкор» номидааст. Бо вуҷуди ин, «як хусусияти тозаи маорифпарварии ӯ ин буд, ки ҳамеша каму беш ранги сиёсӣ дошт» [270, с. 37]. Дар натиҷаи чунин фаъолияти босамари сиёсӣ ва иҷтимоӣ устод Айнӣ вазифаҳоеро иҷро намуд, ки дар таърихи халқи тоҷик метавон онҳоро бо хатти заррин навишт. Пеш аз ҳама, «собит кардани мавҷудияти тоҷикон амалан бар зиммаи устод Айнӣ монд» [270, с. 41]. Устод дар ин муборизаи сиёсӣ бо силоҳи равшангарӣ ширкат варзид ва ин муборизаро роҳбарӣ кард. Хуллас, бо силоҳи равшангарӣ кореро анҷом дод, ки аз дасти ҳар гуна сиёсатмадор намебаромад. Силоҳи мазкури устод дар ин муборизаи шадид публитсистика буд. М. Шакурӣ дар фаъолияти равшангароии устод асосан ба мақолаҳои публитсистии ӯ такя намуда, шумораи онҳоро дар давоми даҳ сол (аз соли 1919 то соли 1930) 94 адад донистааст. Аз ҷилдҳои 9 ва 11-и «Куллиёт»-и Айнӣ маълум мешавад, ки ӯ дар даҳаи сиюми асри бист ҳамагӣ 19 мақола, солҳои 1941-1945 12 мақола, солҳои пас аз ҷанг 21 мақола чоп кардааст. Аз ин бармеояд, ки мақолаҳои боқимонда (67 мақола) дар солҳои 1919-1921 дар «Шуълаи инқилоб» чоп шудаанд. Пас, давраи тиллоии фаъолияти публитсистии устод Айнӣ маҳз ҳамин давра, замоне ки аввалин намунаҳои жанри публитсистӣ ва чунин мақолаҳои устод эҷод мешуданд, ба ҳисоб меравад. Метавон аксари ин мақолаҳоро сиёсӣ номид. Устод Айнӣ дар ин давра бо эҷоди публитсистикаи иҷтимоиву сиёсӣ мубаллиғи барҷаста гардид. Баробари сиёсиву иҷтимоӣ будан, мақолаҳои мазкур оҳанги илмӣ низ доранд ва қисме аз онҳоро метавон публитсистикаи илмӣ номид. Ҳарчанд ҷанбаи сиёсиву тарғиботӣ хавфи онро дошт, ки мубаллиғони он ба доираи танги сиёсат ворид шаванд, аммо дар ин бобат донишу заковати устод Айнӣ кор дод, ӯ «маорифпарвариву равшангариро аз роҳи сиёсии синфиву табақотӣ берун карда» [270, с. 48] тавонист. Сабаб он аст, ки устод Айнӣ фаҳмиш ва ҷаҳонбинии васеъ ва амиқ дошт, ҳодисаву корҳои надидаву нашунидаашро низ метавонист аз дуриҳо дарк кунад ё пешгӯӣ намояд.

Хизмати дувуми устод Айнӣ дар роҳи худшиносӣ ва пирӯзии сиёсии миллати тоҷик дар солҳои бистуми қарни бист эҷоди «Намунаи адабиёти

тоҷик» (соли 1926) аст. Албатта, аксари адабиётшиносон аҳаммияти илмию адабию фарҳангии ин асари бузургро таъкид намудаанд. Аммо дурусттар он аст, ки пеш аз ҳама, аз ҷанбаи иҷтимову сиёсии он ҳарф ба миён гузорем. Яъне, «Намунаи адабиёти тоҷик» барои миллати тоҷик, дар навбати аввал, аҳаммияти сиёсиву иҷтимоӣ дорад. Дар ин маврид, дар асарҳои таҳқиқотии М. Шакурӣ маълумоту таъкидҳои зиёд ба чашм мерасанд. Қайд кардааст, ки «аз «Намунаи адабиёти тоҷик» сар карда адабиётпажуҳии навини тоҷикӣ раҳнамуни ҳувиятҷӯӣ ва василае барои ҳувиятшиносии миллӣ гардид» [270, с. 117]. Чунон ба назар мерасид, ки ҳадаф аз навиштани ин китоб аз тарафи устод Айнӣ иҷрои кори илмӣ буд, аммо чӣ тавре ки дида шуд, дар ин маврид ҳам мақсуди илмӣ тобеи вазифаи иҷтимоӣ гардид. «Намунаи адабиёти тоҷик» кореро анҷом дод, ки як гурӯҳи калони сиёсатмадорон аз уҳдаи иҷрои он намебаромаданд. Танҳо аз охири солҳои сиюми асри гузашта ва баъд таваҷҷуҳ ба ҷанбаи синфии асарҳо камтар шуд. Дар ин давра устод Айнӣ асаре бо номи «Алишери Навоӣ» (1941) эҷод кард, ки аз шодмонии устод аз вазъи баамаломадаи сиёсиву иҷтимоӣ дарак медод. Дар он бори аввал ба намояндагони илму фарҳанге мурочиат шуд, ки намояндаи синфи ҳукмрон, вазири подшоҳ маҳсуб меёфт. Қайд кардааст, ки Ҷомӣ «ҳатто дар корҳои сиёсӣ ҳам яке аз соҳибмашваратони содиқи Навоӣ ва ёридиҳандаи ӯ буд… Фикрҳоеро, ки дар бораи осоиши халқ ва ободии мамлакат дошт, ба воситаи Навоӣ ба вуҷуд меоваронид… Дар бештарини масъалаҳои сиёсӣ фикрҳои Ҷомӣ ва Навоӣ аз як ҷо мебаромаданд» [24, с. 300-301].

Дар тамоми замону маконҳо ҳалли тақдири миллат аз масъалаи аввалиндараҷаи сиёсӣ ба ҳисоб мерафт ва меравад. Аз ин рӯ, «давлате бо номи Тоҷикистон (соли 1924) таъсис шуд ва бо мубориазаҳои устод Айниву ҳаммаслакони дигари ҷонсупораш ниҳоят ҷумҳурии мустақил таъсис ёфт» [138, с. 36]. Дар ҳақиқат, исботи мавҷудияти як миллат дар тамоми ҷаҳон яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Илова ба ин, дар он шароите, ки Давлати Шуравӣ қарор дошт, дар ин мавзуъ ҳарф задан кори осон набуд. Зеро «дар замони шуравӣ ранги миллӣ додан ба идеалҳову ҳадафҳои маорифпарварӣ

хавфи азим дошт» [275, с. 45]. Муҳаққиқ Қ. Шарифзода аз номи академик М. Шакурӣ овардааст: «Домулло Айнӣ вақте ба таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» пардохтанд, бинобар зарурати сиёсии масъала, дидаву дониста, истилоҳи «забони тоҷикӣ»-ро истифода бурданд» [278, с. 172]. Ба забон овардани худи калимаи «тоҷик» дар солҳои бистуми асри гузашта ба масъалаи сиёсӣ табдил ёфта буд ва устод Айнӣ тавонист калимаи мазкурро дар номи китобаш гузорад. Муҳаққиқ А. Набавӣ низ дар мақолаи хеш «Баҳсҳои илмӣ ва мафкуравӣ оид ба забони тоҷикӣ дар солҳои 20-ум» дуруст менависад: «Дар айни ин дигаргуниҳои воқеан инқилобӣ масъалаи забон ва вобаста ба он, умуман бунёди фарҳанги нави пролетарӣ ба сифати яке аз вазифаҳои сиёсӣ ба миён гузошта шуд» [228, с. 9].

Афкор ва хулосаи М. Шакурӣ дар бораи баланд будани рӯҳияи маънавиёт, равшангарой ва маорифпарварӣ назар ба унсури сиёсӣ дар байни эҷодкорон ва зиёиёни тоҷик аз нимаи дувуми асри 19 (асосан, дар мисоли Аҳмади Дониш) аз аҳаммияти калон бархӯрдор аст. Аммо мушоҳида мешавад, ки афкори мазкури М. Шакурӣ аз ҷониби муҳаққиқони дигари тоҷик пайгирӣ нашудааст. Ҳол он ки хулосаи мазкур аҳаммияти баланди ҷомеашиносӣ дорад ва аз ҳувияти хоси миллии тоҷикон дарак медиҳад. Яъне, мардуми тоҷик аз тағйироти инқилобӣ дида, ислоҳоти маънавӣ ва маърифатпарвариро бештар пайравӣ кардаанд, ки нишонаҳои он бештар аз ҳама дар публитсистикаи сиёсӣ ва иҷтимоии С. Айнӣ мушоҳида мешавад. Дар мавриди сабаби ин махсусияти халқи тоҷик, аз ҷумла, М. Шакурӣ овардааст: «Тоҷикон аз даврони Зардушту Авасто дар қаламрави маънавият зистаанд…, пархоши озодихоҳии онҳо дар бисёр мавридҳо ранги фарҳангиву маънавӣ ва диниву мазҳабӣ гирифтааст. Маорифпарварии поёни садаи нуздаҳ ва оғози садаи бист як ҷилва аз ҳамин ҳақиқати таърихист… Сарварони ин мубориза на бо илми сиёсат, балки бо илму адаб, бо назарияҳои адабӣ ва таърихӣ роҳи пархошгаронро равшан карданд» [273, с. 182]. Аз ин гуфтаҳо метавон ба хулоса омад, ки тоҷикон аз қадим бештар ба маънавият пардохтаанд, на ба сиёсат ва дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоӣ ба роҳи зӯрӣ. Ин аст, ки дар адабиёт ва журналистикаи тоҷик дар оғози асри бист намунаҳои

мақолаҳои сиёсӣ ва публитсистӣ хеле зиёданд, аммо махсусияти онҳо аз он иборат аст, ки бевосита ба сиёсат рӯй наовардаанд, дурусттараш, ба сиёсат сару кор нагирифтаанд.

Аммо ин маънои онро надорад, ки устод Айнӣ ва пайравони ӯ тамоман аз сиёсат худро дур гирифта бошанд. Фақат метавон гуфт, ки онҳо бевосита ба сиёсат напардохтаанд, балки тавассути забони публитсистика ва бадеият ҳадафи сиёсиро пеш гузоштаанд. Ин кӯшиши онҳо, аз ҷумла, саъю ҳаракати устод Айнӣ самараи нек ба бор овард.

Гузашта аз ин, устод Айнӣ оҳиста-оҳиста ба назарияи таърихи иҷтимоии тоҷикон рӯй овард. Дар ин бора ба эҷоди асарҳои махсус имкон наёфта бошад ҳам, Бобоҷон Ғафуровро ба ин кор роҳнамоӣ намуд. Яъне, устод Айнӣ «моҳиятан барои пайрезии назарияи таърихи иҷтимоии тоҷикон низ замина омода кард» [273, с. 182]. Ин қадами дувуми устод Айнӣ буд дар роҳи худшиносии миллӣ ва сиёсӣ. Орзуи устод Айниро дар ин маврид Бобоҷон Ғафуров бо таълифи асарҳои «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» (соли 1947) ва «Тоҷикон» (соли 1972) амалӣ кунонд.

Ду очерки устод Айнӣ «Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик», ки дар солҳои ҶБВ навишта шудаанд, дар бобати баланд бардоштани руҳи миллии халқи тоҷик саҳми намоён бозиданд. Аз ҷумла, «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» бо мақсади даъват кардани халқи тоҷик ва халқҳои дигари шуравӣ ба мудофиаи Ватан эҷод шудааст, дар он порчаҳои публитсистӣ омехта бо ифодаҳои бадеӣ, руҷуъҳо, нидоҳо ба назар мерасанд. Дар ин асар тасвири бадеӣ нисбат ба асарҳои дигари публитсистии адиб равшантар намудор мешавад. Очерки мазкур бо оҳанги ватандӯстона, ҳисси баланди меҳру муҳаббати диёр ва қаҳрамонӣ эҷод шудааст. Аз ин рӯ, асари мазкурро Х. Асозода як асари бадеӣ номида бошад ҳам, илова кардааст, ки онро асари публитсистӣ ҳам метавон номид.

Асарҳои адабиётшиносии устод Айнӣ низ дорои хусусиятҳои ватандӯстӣ, миллатшиносӣ мебошанд. Аз ҷумла, дар мақолаи «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ» (1940) ба масъалаи миллатшиносӣ ва баланд бардоштани руҳи миллӣ

таваҷҷуҳ намудааст. Дилпурона ва бо оҳанги ифтихор зикр мекунад: «Аммо худи Саъдӣ на ин ки аз шоири форс-тоҷик будан наметарсад, балки «беибо ва нотарсона» худро тоҷик мешуморад» [24, с. 28].

Баъди ҷанг ҷанбаҳои иҷтимоиву сиёсии осори устод Айнӣ боз ҳам тақвият ёфта, дар публитсистикаи ӯ масъалаҳои барқарорсозии хоҷагии мамлакат ва тарбияи кадрҳои соҳаи адабиёту санъат мавқеи муҳим пайдо карданд.

Дар умум, мавқеи сиёсии устод Айнӣ дар асарҳои бадеӣ ва рисолаҳои таърихӣ, илмию адабиётшиносии ӯ ба тарзи намоён инъикос ёфтаанд. Зеро устод аз имконияти бавуҷудомадаи эҷодӣ дар ҳаёти фарҳангии мардуми шуравӣ истифода намуда, ба эҷоди асарҳои калони публитсистӣ ва рисолаҳои таърихию илмӣ ва адабиётшиносӣ, очеркҳо шурӯъ намуд, ки ҳамаи онҳо ба инъикоси ҳаёти халқи тоҷик дар замони гузашта ва имрӯза, муқоисаи он, муҳофизати Ватани муқаддас, ободонии кишвар ва меҳнати босамар ба нафъи халқу давлат бахшида шудаанд. Ҷанбаи сиёсии асарҳои мазкур пурқувват мебошанд.

Муҳаққиқон аксар вақт таъкид медоранд, ки порчаҳои публитсистӣ асосан дар асари бадеии насрӣ ба кор мераванд. Дар шеър метавонад афкори сиёсӣ ва иҷтимоӣ истифода шавад, аммо ба шакли порчаҳои алоҳида кам ба назар мерасад. Аммо шоири маъруф Э. Межелайтис дар қайдҳои бадеӣ – монологии худ овардааст, ки чунин навъи сухан дар назм ҳам ҷой дошта метавонад. Баъди чунин мулоҳизаронӣ ба хулоса омадааст: «Барои публитсистика, барои илм мантиқ зарур аст. Аммо чунин мантиқ оё ба лирика чизе дода метавонад? Зарур аст ё не? Оё он ба бунёди кайфияти шоирӣ мусоидат мекунад, барои расондани афкори шоирӣ ба хонанда кумак мерасонад? То имрӯз афкори мантиқӣ шарти ҳатмии шеър буд» [153, с. 281]. Шоир бар он аст, ки дар шеър низ мантиқ, воқеият, ҳақиқат, хуллас, нишонаҳои публитсистика мавқеи муҳим доранд. Намунаи чунин ашъор, ки дар онҳо далелҳои таърихӣ, пораҳо ва суханҳои публитсистӣ истифода шудаанд, дар осори Маяковский зиёд ба назар мерасанд. Чунин шеърҳо бисёр шоирони даврони шуравиро ба илҳом оварда бошад ҳам,

дар пайравӣ ба ӯ касе чунин комёбӣ ба даст наовардааст. Аз шоирони тоҷик А. Лоҳутӣ ва Ҳ. Юсуфӣ намунаҳои ашъори хуби публитсистӣ сароидаанд.

Ин анъана дар адабиёти тоҷик хеле пештар – аз замони нашри рӯзномаи «Бухорои шариф» (соли 1912) шуруъ шуда, дар ашъори инқилобии устод Айнӣ ба авҷи аълои худ расид.

Пеш аз ҳама, таъкид бояд кард, ки ташаббускорони «Бухорои шариф» – Мирзо Ҷалол Юсуфзода ва Мирзо Сироҷи Ҳаким ба шеъру адаб алоқаи қавӣ доштанд ва худ шеър менавиштанд. Вақте саҳифаҳои рӯзномаро варақ мезанем, мушоҳида мекунем, ки аксари шеърҳо ба қалами ин ду шахс тааллуқ доранд. Ба суоли чаро масъулони «Бухорои шариф» ба шеър рӯй оварданд, бояд посух дод, ки аввалан, маълум аст, ки шеър аз жанри асосии адабиёти тоҷик буд ва мебошад ва «Бухорои шариф» низ идомагари анъанаҳо буда, бе ифодаи афкори сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар қолаби назм наметавонист амал кунад. Дувум, дар иҷрои танвири афкор, ки «Бухорои шариф» вазифаи асосии худ медонист, шеър воситаи муассиртарин буд. Агар ба мазмуну шакли ашъори нашрия таваҷҷуҳ намоем, навоварӣ ва тағйирот дар шеър маҳз аз ашъори ин ду нафар шурӯъ шудааст. Қобили мулоҳиза аст, ки дар тамоми ашъори дар ин рӯзнома чопшуда шеъри суннатӣ ё анъанавӣ қариб ба назар нарасид; албатта, дар шакл монандиҳо ҷой доранд – чун ғазал, таркиббанд, маснавӣ ва ғайра, аммо мавзуъ ва мазмуни шеърҳо нав аст. Шеър дар иҷрои ҳадафи рӯзнома кумак расондааст. Тағйироти ҷомеа ва талаби замон водор намудааст, ки шеър шаклу мазмуни нав пайдо кунад.

Ногуфта намонад, ки дар пайдоиш ва ташаккули шеъри навини тоҷик дар оғози асри бистум таъсири афкори маорифпарварӣ дар ҷойи аввал меистад. Яъне, афкори маорифпарварӣ ба ғайр аз мақолаҳои публитсистӣ ба шеър низ роҳ ёфт ва қувваи таъсиру ҷозибаи он дар ин навъи адабӣ хеле бештар ифода ёфт. Маорифпарварон ва равшанфикрон дар оғози асри бист аз табақаи пешқадамтарин ба ҳисоб мерафтанд. Аз ин рӯ, муҳаққиқ М. Шакурӣ маорифпарварони он давраро «соҳибдилони сарбаланд ва хидматгузорони фидокори миллат» [275, с. 124] номидааст, ки комилан дуруст мебошад.

Сабаби таваҷҷуҳи бештари эҷодкорон ба шеър, ба фикри мо, таъсирбахшии бештари сухани манзум ба хонанда аст. Зеро мақоми шеъру шоирӣ дар адабиёти форсу тоҷик ҳамеша авлавият дошт. Шеър яке аз омилҳои муайянкунанда ва шаклдиҳандаи маънавиёти мардуми мо будааст. Дар ин бобат, андешаи М. Шакурӣ қобили зикр аст, ки «шеър, аз як сӯ, чун яке аз ҷузъиёти одии зиндагии рӯзмарра ҳар лаҳза таъсире мерасонид, барои муайян шудани қарордоди шахс мусоидат мекард, раъйи ӯро устуворӣ мебахшид ё тағйир медод» [270, с. 59-60].

Зарур аст, ки баъзе мавзуъ ва махсусиятҳои ашъори публитсистии «Бухорои шариф»-ро мавриди баррасӣ қарор диҳем. Дар Бухорои ондавра ва дар тамоми Шарқи форсизабон ғояи қаноат ва шукр, сабр ва беамалӣ нисбат ба қазоёи ҷомеа, сархам будан, аз пеши худ амал накардан асоси зиндагиро ташкил медод. Маҳз «Бухорои шариф» буд, ки аввалин бор ин ғояи зарароварро шикаст, нодуруст ҳисобид ва алайҳи он ба мубориза бархост. Аслан тамоми матолиби рӯзнома баёнгари ин афкор аст, аммо дар шеър ин масъала назаррас ва таъсирноктар ба гӯш мерасад.

Дар нахустин порчаҳои шеърӣ – рубоиҳои Мирзо Ҷалол, ки дар «Бухорои шариф» чоп шудаанд, ҳадафи аслӣ, дар умум, дигаргун кардани мазмуну мундариҷа ва усули зиёдагӣ, аз ҷумла, ашъор мебошад. Шеъри мазкур аз рӯйи шаклу мазмун ба рубоиҳои Ибни Сино ва Умари Хайём монандӣ доранд:

*Ислом, ки чашми ақлро бино кард,*
*Бар меҳру муваддат ҳамаро эҳдо кард.*
*Он кас, ки раҳи бародарӣ (ро) гум кард,*
*Худ ҷойи саломат аз куҷо пайдо кард?* [321].

Агар ҳадафи ашъори классикон танҳо аз танқиди замона, қафомонии афкор, диндорони кундфаҳм иборат, яъне, ба шахсони алоҳида нигаронида шуда бошад, шеъри Мирзо Ҷалол иҷтимоист, сабаби ин ҳолатро меҷӯяд. Дар он аз манфиати афкори исломӣ сухан рафта, риоя нашудани нишондодҳои дини мубини ислом ва аҳлию бародариро фаромӯш кардани мардум сухан меравад. Дар ҷамъбаст зарурати сулҳу салоҳ, иттифоқ ва мутафаққии мардум барои

ободии рӯзгор баён гаштааст. Ҳамин тавр, ҳарчанд шакл, мазмуни рубоӣ бо ашъори классикони номбурда монандӣ дорад, тавофут дар ҳадаф ва ишораи муаллиф дида мешавад. Дар он оҳанги баён тезутунд, ҳадаф аниқ буда, муаллиф ба гунаҳгори асосии ин вазъ ишора намудааст.

Дар шеъри дувуми Мирзо Ҷалол, ки дар шумораи минбаъда бо номи «Намунаи адаб» нашр шудааст, мақсад равшан мебошад: чӣ бояд кард то миллати исломро аз хоби ғафлат бедор кард?

*Бедории бахти мо надорад оғоз,*

*Обе, ки зи ҷӯ рафт, намегардад боз?* [321].

Шеъри мазкур аз аҳаммияти баланди иҷтимоӣ бархӯрдор аст. Халқ чунон ба ғафлат одат кардааст, ки онро ҷузъи зиндагӣ мешуморад. Ин аст, ки дар ҳолати мадҳушию бепарвоӣ буданро «бистари ноз» меҳисобад. Ин ҳоло ҳам яке аз дардҳои мардуми Шарқ аст. Чунон ба назар мерасад, ки мо танҳо истифодабарандаи кашфиёти ғарбиёнем ва ҳамин тавр мемонем. Маҳз ба ин сабаб баъди чанд даҳсола Муҳаммад Иқбол аз дарди миллати мусулмон ба дод омада гуфта буд: «Аз хоби гарон хез!» Чӣ тавре ки мушоҳида шуд, мазмуни «хоби гарон»-и халқи мусулмон дар шеъри мазкури Мирзо Ҷалол бо истилоҳи «хоби ғафлат» ифода шудааст. Дар анҷом Мирзо Ҷалол баҳри исботи фикри хеш чун анъана аз «пирамарди Шероз» - Ҳофизи Шерозӣ мадад меҷӯяд, ки: «Ту хуфта ба маҳди ноз шабҳои дароз, Оё дорӣ хабар зи бедории ғайр».

Яке аз махсусиятҳои асосии шеърҳои тазминии «Бухорои шариф» аз он иборат аст, ки дар пайравӣ ба бузургони классик эҷод шудаанд. Чунин ба назар мерасад, ки муаллифон барои ифодаи ақидаи хеш аз шоирони пешин дасти мадад хостаанд. Аммо ин пайравӣ эҷодкорона ва то андозае хӯрдагирона аст. Зеро дархост ва орзую омоли ҷадидони аввали асри XX на танҳо аз афкори классикон, балки аз маорифпарварони охири асри XIX фарқ мекард. Дар масъалаи сохтор ва сабки баён он чизе, ки пеш аз ҳама, ба назар мерасад, озодии шакли баён мебошад. Чунин хусусият аз шеърҳои Мирзо Ҷалол шуруъ ёфта, минбаъд дар ашъори ӯ барҷаста ба назар мерасанд. Муаллиф дар шакли маснавӣ ва ғазал низ тағйирот ворид кардааст.

Ин ҳақиқат бебаҳс аст, ки Мирзо Ҷалол бо як силсила ашъори хеш ба шеъри суннатии тоҷик тағйирот ворид кард. Ӯ бо истифода аз мазмунҳои шеъри шоирони пешин дарди имрӯзаро баён сохт. Бо пешниҳодҳои аниқ даво ҷуст. Сабабҳои қафомонӣ, ноободӣ, муҳтоҷӣ, бемории ҷомеаву инсонҳоро нишон дод.

Хусусияти арзандаи ашъори мутафаккирони тоҷик дар оғози асри бистум, аз ҷумла, муаллифони «Бухорои шариф» дар он аст, ки онҳо бо истифодаи шакл ва мазмуни ашъори гузаштагон мақсаду ҳадафҳои нави маорифпарваронаро осон, равшан ва фаҳмо ифода кардаанд ва каломи мавзунро ба дараҷаи шеъри иҷтимоӣ расондаанд.

Ҳамин тавр, адибони маорифпарвари оғози асри бистум ба осори классикон ба таври танқидӣ менигаристанд. Инро дар ашъори матбӯъ ва номатбӯи онҳо мушоҳида кардан мумкин аст, ки ин мавзуи баҳси алоҳида аст. Ба қавли муҳаққиқ М. Абдуллозода, инъикоси аксари масъалаҳо «хусусияти пӯшида ва ошкори сиёсӣ пайдо мекарданд. Аз ин рӯ, адабиёти куҳна (назм, наср, китобҳои дарсии мактаби куҳна ва мадрасаҳо) ҳам аз ҷиҳати жанрӣ ва ҳам мазмун акнун ба талаботи замони нав ҷавоб намедоданд, бо ғоя ва назари нав ба сохтори иҷтимоии ҷомеа мувофиқ набуданд» [51, с. 75]. Ҷолиб он аст, ки шоирони даврон на танҳо ба мазмун, балки ба шакли шеърҳои пешиниён навоварӣ ворид карданд. Масалан, бисёр шеърҳо ҳарчанд мушобеҳ ба ашъори пешиниёнанд, талаботи жанрии асарҳо пурра риоя нашудааст. Бо ин муаллифони «Бухорои шариф» нишон доданианд, ки пойбанди анъанаҳо нестанд, озодона менависанд ва ашъорашон монанди афкорашон нав аст. Ин гӯё бар ашъори ошиқона, тасаввуф, ирфонии пешиниён як нақди адабӣ буд. Ҳатто дар тазкираи дар ҳамон давр (соли 1913) таълифгашта омадааст, ки С. Айнӣ «ҳоло аз навиштани ашъори ошиқона даст кашидааст» [272, с. 43].

Таъсири силсилаи шеърҳои «Бухорои шариф» оид ба вазифаҳои нави адиб ва шеър дар ташаккули адабиёти навини тоҷик хеле назаррас аст. Пеш аз ҳама, ба қавли муҳаққиқон бо таъсири он мавзуъ, сабку услуби нав ва ҷараёни реализм дар адабиёти тоҷик пайдо ва рушд ёфт. Бо ин дар оғози асри бистум

дар адабиёти ҷадидӣ озодии шакл ва сабки шеър ба зуҳур омад. Аксари шоирони он давр дар садади қолабшиканӣ буданд. Баҳсу мунозира оид ба вазифаи шеър ба ташаккули роҳу усул ва шаклҳои нав оварда расонд. Дар натиҷа арзишҳои адабӣ ва зебошинохтӣ дигаргун шуданд ва хусусияти шеъру адаби тоҷик дар ду даҳсолаи аввали асри бистум тағйир ёфт. Барои дарки дурусти ашъори мазкур навиштаҳои публитсистии рӯномаи мазкур ва худи ҳамин муаллифонро мутолиа ва таҳлил намудан ба манфиати кор аст. Зеро мақолаҳои публитсистӣ ва ашъори муаллифони асосии рӯзнома ба ҳам тавъам буда, идомаи якдигаранд.

Ҳамин тавр, на танҳо дар публитсистикаи бадеӣ, балки дар назм низ ашъори ватандӯстӣ ҷойи асосиро ишғол кардааст. Дар ин росто, бори аввал дар ашъори «Бухорои шариф» мафҳуми Ватан, миллат низ то андозае мушаххас гардидааст. Дар ашъори классикон тобеият ба дину имон, давлат дар ҷойи аввал меистод. Аммо мавзуи Ватан бори аввал дар «Бухорои шариф» дақиқу мушаххас гашт. Муаллифони ашъори ватанпарастӣ зери ин мафҳум ҳудуди муайян, аз ҷумла, Аморати Бухоро, Варорӯдро дар назар доранд.

Бояд қайд кард, ки бори аввал мафҳуми Ватан, маънии «Ватан- модар» дар ашъори Абдурауфи Фитрат соли 1909 дар «Сайҳа», шеърҳои «Хиттаи Бухор» ва «Ватани ман» ба чашм расидааст. Баъд он дар навиштаву ашъори муаллифони «Бухорои шариф» идома ёфт. Аз ин маълум мегардад, ки истилоҳҳои мазкур дар ашъори маорифпарварони тоҷик дар оғози асри бистум ба кор рафт ва ин ҳам яке аз хусусиятҳои навигариҳои ашъори онҳо мебошад.

Намунаи барҷастаи ашъори навоварона «Фарёд…!» ном шеъри Абдурауфи Фитрат мебошад. Дар ҳақиқат, ашъор ва осори ин маорифпарвар ва донишманди маъруф дар ташаккули адабиёти тоҷики асри бистум хизмати бузург кард. Хусусан, шеъри мазкури А. Фитрат намунаи олии ашъори то ба ин вақт дар рӯзнома чопшуда ва як навъ ҷамъбасти онҳост. Афкори ҷадидӣ он вақт асосан ба тариқи наср – публитсистика баён мегашт. Аммо ба қавли муҳаққиқон, дар ин бобат назм низ ҷойгоҳи хос касб кардааст. Зеро дар адабиёти чандинҳазорсолаи тоҷик назм таъсири бештар дошт. Яке аз чунин

ашхос маъруф нависанда ва шоир А. Фитрат буд. Мавсуф ҳамчун яке аз намояндагони ҳаракати маорифпарварӣ ва ҷадидия фаъолияти хешро бо шеърнависӣ шуруъ намудааст. Намунаи ашъораш бо номи «Сайҳа» дар Истанбул (1910) ба нашр расидааст. Шеърҳои ин маҷмуа дар адабиёт, афкор ва ҷаҳонбинии зиёиёни Бухоро дар даҳаи дуюми асри бист инқилобе афканд. Имрӯз вақте ки шеърҳои дар «Бухорои шариф» чопшударо бо диққат мутолиа менамоем, таъсири бевоситаи шеърҳои Фитратро мушоҳида мекунем. Шеъри «Фарёд…!» ва як мақолаи публитсистии мавсуф маҳз дар ҳамин рӯзнома ба чоп расидааст. Абдурауф Фитрат ҳанӯз ду сол пеш аз нашри рӯзномаи «Бухорои шариф» шеърҳое бо мазмуни инқилобӣ ва дорои афкори тараққихоҳона менавишт, ки баъдан ба мавзуи асосии ашъори рӯзномаи номбурда табдил ёфт.

Абдурауфи Фитрат то охири умр ба забони тоҷикӣ ба ин шаклу мазмун дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо шеърҳо ба нашр расондааст, аммо ҳамаи онҳо то ба имрӯз пурра дастрас нестанд.

«Фарёд…!» таркиббандест, ки аз 4 банд (қитъа) иборат буда, дар ду шумораи рӯзномаи «Бухорои шариф» (№94, 29 июн ва №96, 3 июли соли 1912) ду бандӣ чоп шудааст. Банди аввал бо байти:

*Фарёд, ки зору нотавонем,*
*Беруҳтарини мардумонем…*

шуруъ мешавад. Агар дар қисмати аввал қафомонии вазъи иҷтимоии имрӯза баён шавад, банди дувум ба комёбиҳои давраи пешин муроҷиат мекунад:

*Мо олими рӯзгор будем,*
*Мо фозили номдор будем*.

Дар бандҳои сеюму чорум натиҷаи қафомонӣ ва роҳи раҳоӣ аз он нишон дода шудааст:

*…Вақт аст, ки баъди ин нахобӣ.*
*Бархезиву бо камоли шуриш*
*Бар ғафлати худ кунӣ хитобе:*
*Эй панҷаи беамони ғафлат!*
*Моро зи чӣ рӯ хароб кардӣ?!*

Дар замони ғафлат, зулму истибдод ва пурзӯр будани қуввахои иртиҷоӣ бо чунин ҳарфҳо мардумро ба инқилоб (ақалан маданӣ) даъват кардан душвор буд.

Хуллас, мавзуи асосии порчаҳои адабӣ, пеш аз ҳама, шеър дар рӯзномаи «Бухорои шариф» танқиди ғафлат ва даъват ба маърифат мебошад. Дар шеърҳои мазкур омадааст, ки илму дониш на танҳо барои зиндагии ухравӣ, балки барои ҳаёти имрӯзӣ зарур аст. Вобаста ба ин, пешниҳод мешавад, ки шакл ва усули таълим дигар карда шавад, ба тадриси илмҳои дунявӣ, ки воситаи рушду нумуи мамлакат мегарданд, таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардад. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки дар «Бухорои шариф» бори аввал даъват ба дигаргун кардани низоми маориф ба чашм мерасад. Агар ин афкор дар хабару мақолаҳои проблемавӣ, публитсистӣ зиёд ироа гардад, дар шеър низ мавриди ҳаллу фасл қарор гирифта, дарунмояи ашъори мазкурро ташкил додааст.

Ҳарчанд устод Айнӣ дар саҳифаҳои рӯзномаи «Бухорои шариф» ширкат надошт, аллакай ҳамчун шоир маъруф гашта буд. Мавсуф ба майдони адабиёт бо шеър қадам гузошт, шеъри ӯ лирикӣ ва ҳасбиҳолӣ буд. Аммо дар ашъори устод низ муҳаққиқони тоҷик замина ва унсурҳои публитсистикаро хуб мушоҳида кардаанд. Ҳатто дар шеърҳои ҳасбиҳолӣ ва лирикаи ишқии ӯ монанди «Гули сурх» (1895), ғазалҳои «Шаби дӯшина…», «Беҳуҷраву бекӯяму беҷомаву дастор» низ андешаҳои иҷтимоӣ ба назар мерасанд. Сипас баъди шиносоӣ бо осори сарвари маорифпарварони тоҷик Аҳмади Дониш дар фаҳмиши устод Айнӣ нахуст ақидаҳои маорифпарварӣ, баъдан пас аз шиносоӣ бо ҷадидон муддати даҳ сол ғояҳои навпардозӣ равнақ ёфтанд, ки дар баъзе маврид муҳаққиқ А. Маниёзов масъалаи мазкурро аз нуқтаи назари танқидӣ баррасӣ карда, андеша дорад, ки устод Айнӣ хуб мебуд аз аввал ба роҳи инқилоб мепайваст. Ашъори маорифпарварии устод Айнӣ баробари шеъру суруд ва маршҳои инқилобиаш аҳаммияти баланди иҷтимоӣ доранд. Муҳаққиқи дигари осори устод М. Шакурӣ дар симои Айнӣ ҳеҷ гоҳ инқилобгарои сиёсиро дидан намехоҳад ва он чизе, ки дар воқеият ҳаст, яъне, маорифпарвар ва равшангари бузург будани устод Айниро падидаи бузурги таърихӣ медонад. Бинобар ин, баҳои аз ҳама дуруст, маҷмуӣ, мухтасару

пурмазмунро ба фаъолияти ҷамъиятиву сиёсӣ, эҷодиву илмиву бадеии устод Садриддин Айнӣ муҳаққиқи тоҷик М. Шакурӣ додааст. Ӯ устодро «падари миллат» ва «равшангари бузург» [273] номидааст.

Заминаҳои фаҳмиши сиёсии халқи тоҷик дар даврони нав аз маорифпарварӣ шуруъ ёфтааст, ки онро муҳаққиқи номбурда ба ду давра тақсим намудааст: давраи аввал – охири асри нуздаҳ ва дувум – аввали асри бистум. Фаъолияти ҷамъиятиву сиёсӣ ва равшангароии маорифпарварони тоҷик, аз ҷумла, устод Айнӣ маҳз дар ҳамин ду давра ба вуҷуд омада, ташаккул ёфтааст. Ба қавли ӯ, устод Айнӣ нахустин публитсисти тоҷик, маорифпарвари намоён буд, мақолаҳои сиёсӣ ва публитсистии ӯ аз тамоми осори публитсистии муаллифони дигари тоҷик бештар аст, аммо ӯ ҳеҷ гоҳ сиёсатмадор набуд, нашуд ва ба ягон ҳизбу созмон номнавис нагардид. Ин яке аз махсусиятҳои асосии шахсияти ӯ ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд дар кори сиёсӣ бевосита ширкат наварзид, замоне ки дар аввалин давлати мустақили Бухоро ӯро мансабе пешниҳод карданд, қабул нанамуд, бо силоҳи худ – қалам ва дониши фарохаш дар пешрӯи миллату давлат хизматеро анҷом дод, ки ягон сиёсатмадори касбии он замон ба ҷо наовардааст. Ин аст, ки мақолаҳои сершумори мавсуфро публитсистикаи сиёсӣ меномем. Дар бораи сабаби бевосита ба сиёсат напайвастани Айнӣ ин айнишиноси номӣ дуруст зикр кардааст, ки «равшангари асил то имкон ҳаст, берун аз сиёсат меистад» [273, с. 31].

Шоирони тоҷик ба мавзуи байналмилалӣ, хусусан, ба авзои Шарқ, ки ба ҷанги давлатҳои Ғарбӣ гирифтор шуда буд, зиёд таваҷҷуҳ намудаанд. Ба андешаи зиёиён ва равшанфикрони тоҷик Инқилоби Октябр ба халқҳои Шарқ низ таъсир хоҳад расонд. Аз ин рӯ, ба тарафдории болшевикон, ки инқилобро дар тамоми ҷаҳон ҳатмӣ мешумориданд, овоз баланд карда, хоҳони он буданд, ки халқҳои Шарқ, аз ҷумла, форсизабонони ҷаҳон ҳам аз зулму истисмор озод хоҳанд шуд. Манзумаи «Самарқанду Бухоро»-и устод Айнӣ моҳи июли соли 1919 дар «Шуълаи инқилоб» дарҷ шудааст; онро муҳаққиқ М. Абдуллозода «публитсистӣ» [51, с. 81] номидааст. Дар он руҳияи маҳзунонаи шоир, ки дар натиҷаи дурии маҷбурӣ аз зодгоҳу ёру рафиқон ба вуҷуд омадааст, ифода

ёфтааст. Манзума аз тарафи муҳаққиқон мавриди назар қарор дода шудааст. Чун шоирони гузашта устод Айнӣ низ аз гузаштаи пурифтихор ва шоҳони он давра ёдовар шуда, баъдан ба тасвири имрӯза мегузарад.

Садриддин Айнӣ ба шароити нави иҷтимоӣ ва фарҳангии Самарқанд зуд ошно гардид. Дар маҷлису ҷамъомадҳо ширкат варзида, мувофиқи талаботи давру замон шеърҳо эҷод мекард. Аз ҷумла, барои гурӯҳи Ҳилоли Аҳмари Самарқанд, ки ба Афғонистон сафари корӣ дошт, суруде эҷод кард. Шеъри мазкурро «Шуълаи инқилоб» бо номи «Марши раҳовард» чоп кардааст. Он аз ҷиҳати шакл сурудро мемонад:

*Аз хоки Тӯрон омадем, дорем аз Тӯрон салом,*

*Дар мулки Афғон омадем, дорем аз Тӯрон салом* [1].

Яке аз асарҳои машҳури устод «Марши ҳуррият» аст, ки ба қавли Х. Асозода, «дар ҳавои нусхаи русии «Марселеза» суруда шуда, дар он ҳама чиз нав буд: ҳам мавзуъ, ҳам ғоя, ҳам вазн, ҳам қофия» [71, с. 237]. Он «саропо аз хитобу даъватҳои инқилобӣ иборат аст» [272, с. 145]:

*Эй ситамдидагон, эй асирон!*

*Вақти озодии мо расид.*

*Муждагонӣ диҳед, эй фақирон!*

*Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид…*

*Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон!* [5].

«Марши ҳуррият» аз тарафи устод ду маротиба таҳрир шудааст. Сабаби ин бо талаботи замон мувофиқ намудани баъзе калимаву мафҳумҳои он буд. Ба ҳар сурат, шеъри мазкур дар он давру замон чун суруди меҳнаткашон машҳур гашт. Дар мисоли шеъри мазкур гуфтан мумкин аст: «Шеъри нав дар адабиёти маорифпарварии тоҷикони Мовароуннаҳр оқибат ба ғояи инқилобӣ расид ва баландтарин нуқтаи инкишофи шеъри нави маорифпарварии тоҷикӣ шеъри инқилобист. Ба ақидаи мо, шеъри машҳури Садриддин Айнӣ «Суруди озодӣ» (ё «Марши ҳуррият»)-ро баландтарин ва охирин дастоварди шеъри нави маорифпарварии тоҷикӣ метавон ба ҳисоб гирифт» [269, с. 145].

Аҳаммияти «Марши ҳуррият» ва асарҳои дигари публитсистии дар «Шуълаи инқилоб» ба чоп расондаи устод Айнӣ дар суханронии Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни кишвар (20 марти соли 2001) таъкид гардидааст.: «Марши ҳуррият»-и устод Айнӣ тафаккури халқи ҷафокашидаи моро бедор карда, дар замони инқилоб ба ташаккули худшиносии миллӣ асос гузошт. Мақолаҳои оташбори публитсистии ӯ, ки дар солҳои 1919-1921 дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» чоп шуда, ҳуқуқи халқи тоҷикро ба забон, мероси фарҳангӣ, мактабу маорифи миллӣ, матбуоти тоҷикӣ, давлату давлатдорӣ ҳимоя карда, халқро ба омӯзиш ва маълумоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ташвиқ мекарданд, имрӯз ҳам ба аҳаммияти бузурги таърихӣ моликанд» [338].

Ба қавли М. Шакурӣ, бо «Суруди озодӣ» марҳалаи якуми рушди шеъри нав дар адабиёти форсии тоҷикӣ поён ёфт. «Суруди озодӣ»-ро оғозгоҳи давраи дувуми шеъри нави тоҷикӣ низ метавон номид. Ба биниши мо, «Суруди озодӣ» дар ҳудуди ду давра, дар ҳудуди давраи якуму дувуми ташаккули шеъри нави тоҷикӣ қарор ёфтааст: як давраро ба поён расонида, давраи дигарро оғоз додааст» [272, с. 148].

Дар «Шуълаи инқилоб», ҳамчунин, шеъри «Инқилоб офтобро монад»-и устод Айнӣ ба чоп расидааст; он ду ҳадаф дорад: аввал ба Инқилоби Октябр бахшида шудааст, дувум табрику таҳнияти маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» аст:

*Инқилоб офтобро монад,*
*Ё ки тӯфони обро монад.*
*Нашри анвор мекунад ба ҷаҳон,*
*Инқилоб офтобро монад...* [3].

Дар ин шеър муаллиф нашри «Шуълаи инқилоб»-ро ба ҳодисаҳои сиёсию иҷтимоии давр вобаста намудааст. Шеъри мазкур дар байни хонандагон эътибори баланд пайдо кард. Дар он назари неки Садриддин Айнӣ ба маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ифода ёфтааст. Таъсиси маҷалларо устод Айнӣ фоли нек шуморид ва замоне, ки хавфи бастанаш дар тирамоҳи соли 1919 ба миён омад, бо тамоми қувва баҳри эҳёи он хизмат кард, «шуълаафшонии найи килк»-ашро

ба кор даровард ва то рӯзи охирини нашри маҷалла қалами ӯ саҳифаҳои нашрияи мазкурро оро дод.

Шеъри «Ба шарафи Инқилоби Октябр» низ бо оҳанг, нақорот, сохт ва мазмуни худ аз шеърҳои беҳтарини устод Айнӣ ба ҳисоб рафта, чунин оғоз меёбад:

*Эй машъали рахшони адолат зи куҷоӣ?*
*К-имрӯз ба моӣ!*
*Торикии бедод зи гетӣ бизудоӣ!*
*Моно, ки зиёӣ!*
*Аз талъатат имрӯз баробар шуда бо ҳам,*
*Ҳар зодаи Одам,*
*Аз байни баннӣ навъи башар ишқфизоӣ,*
*Ту меҳргиёӣ!..* [2].

Шеъри «Инқилоб»-и устод Айнӣ, ки ба муносибати солгарди Инқилоби Октябр эҷод шудааст:

*Буд чанде ба ғам мубтало шайху шоб,*
*Шайх дар таҳлука, шоб дар печутоб...*
*Ҳайратам даррабуд, к-ин чӣ ошӯб буд?*
*Омад аз ҳашт сӯ инчунинам ҷавоб:*
*Инқилоб! Инқилоб! Инқилоб! Инқилоб!*
*Инқилоб! Инқилоб! Инқилоб! Инқилоб!*

Дар шеъри мазкур чун ашъори дигари инқилобӣ санъати такрор ба кор рафта, ҳусни асар ва таъсирбахшии онро афзун намудааст. Муҳаққиқони тоҷик оғози эҷоди инқилобномаҳоро барҳақ ба устод Садриддин Айнӣ рабт додаанд. Қитъаи зерини «Ахгари Инқилоб» бошад, ҳамон тавре ки мегӯянд, инқилобномаҳои устод Айниро ҳусни итмом бахшидааст ва он дар маҷаллаи баъдинаи «Дониш ва омӯзгор» (1926, №1) ба табъ расидааст:

*Аз ахгари инқилоби мо сӯхт,*
*Дунёи ситамгарон чу хошок,*
*Афсӯс маҳӯр, ки сӯхт олам,*

*Баргӯй, ки «Хас каму ҷаҳон пок!»* [29, с. 19].

Бояд гуфт, ки навоварии Садриддин Айнӣ дар шеър асосан дар ашъори инқилобии ӯ мушоҳида мешавад. Дар чунин ашъор мавсуф аз шаклу услуби нав кор гирифтааст. Дар онҳо мурочиат, шиор, даъват ва хитобаҳо ҷойи асосиро ишғол мекунанд. Аммо хитобаҳои устод Айнӣ хушку берӯҳ ва танҳо аз калимаву истилоҳҳои сиёсӣ иборат нестанд. Онҳо пуробуранг буда, бо образҳои бадеӣ ороиш ёфтаанд. Дар натиҷа таъсирбахшӣ, мутантанӣ, қувваи инқилобии асар бештар гаштааст. Ин аст, ки шеърҳои мазкур дар байни хонандагон машҳур гашта, онҳоро чун суруд дар ҷамъомадҳо таараннум мекарданд, бисёр ҳофизон ба онҳо оҳанг бастанд.

Дар ин миён, теъдоди бисёр андаке аз шоиронро метавон ном бурд, ки ба таври пароканда мазмунҳои иҷтимоиро дар ашъори худ мунъакис мекарданд ва гароиш ба баёни мушкилоти зиндагии мардум дар осори худ доштанд. Онҳо асосан дар шакл ва ворид кардани калимаҳои нав навигарӣ карданд, ки он навоварӣ маҳсуб намешавад. «Дар тағйири мазмун ва муҳтавои шеър дар ибтидои асри 20 С. Айнӣ аз ҳама пешгом буд. Маҳз С. Айнӣ буд, ки дар ин марҳала бо такя ба анъанаҳои гузаштагон шеърҳои «Дар фоҷиаи шиа ва суннӣ» (1910), «Нидо ба ҷавонон» (1914), «Заминро бояд нафурӯшед!» (1916) ва «Қиссаи кирмак ва парвона» (1917)-ро ҷасурона сароид ва дар қолабҳои шеъри суннати тоҷик рӯҳи тоза дамид» [148].

Аз дигар навовариҳои шеъри ибтидои асри XX тоҷик пардохтан ба мавзуъҳои минтақаӣ ва байналмилалӣ буд, ки дар шеъри классикӣ собиқа надошт. Дар бораи ғазали мавсуф «Инқилоби сурх» Х. Асозода зикр кардааст: «То омадани Лоҳутӣ ба Тоҷикистон мо намунаи шеъри сиёсӣ ва иҷтимоии дорои мазмуни воҳид, ки тарғибгари андешаи сиёсии мактаби хосе бошад, надоштем» [71, с. 26]. Муҳаққиқ дуруст гуфтааст: «Ашъори даҳаи сӣ... моҳияти комилан тарғиботӣ ва публитсистӣ касб карда буд» [71, с. 48].

Шоири литвонӣ Э. Межелайтис дар бораи ҳадди байни публитсистикаи бадеӣ ва лирикаи ҳақиқӣ (соф) мулоҳизаҳои зиёд баён кардааст ва онҳо имрӯз ҳам қимати худро аз даст надодааанд: «Шеъри публитсистӣ дар шакли тоза

буда наметавонад! Ин мафҳуми бофта мебошад. Танҳо шеър ё ғайришеър буда метавонад (зидишеър – антишеър, гапи дигар аст). Барои шеъри ҳақиқӣ воситаҳои гуногун даркор шуда метавонанд, аз ҷумла воситаи публитсистика. Аммо ин маънои дигар дорад. Онҳоро набояд омехта кард. Публитсистикаи соф шакли рӯзномавӣ буд ва мемонад… Забони публитсистика ҳам образнок ва бо шеърият буда метавонад. Публитсисти хуб воситаҳои ифодаи бадеиро устокорона истифода мебарад. Дар умум, публитсистика кори соф ақлонӣ, сахт мантиқист. Он жанр аст. Шеър ба адабиёти бадеӣ оид мебошад, махсусияти он дар ҳамин аст. Дар ин ҷо чизеро наметавон иваз кард. Чунин буд, чунин мемонад» [53, с. 310]. Шоири шаҳир ҳақиқатҳои шеъри лирикӣ ва публитсистиро ин ҷо хеле хуб баён кардааст ва хулосааш он аст, ки байни ашъори хоҳ публитсистӣ, хоҳ соф лирикӣ танҳо шеъри ҳақиқӣ боқӣ хоҳад монд.

Ҳамин тавр, мазмунҳои публитсистӣ дар ашъори шоирони тоҷик аз Абдурауфи Фитрат, Мирзо Ҷалол, Мирзо Сироҷ, Садриддин Айнӣ шурӯъ шуда, дар онҳо мавзуъҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳасбиҳолӣ, таърихӣ ҷойи асосиро ишғол мекунанд. Шеъри публитсистии сиёсӣ барои ба вуҷуд омадани аввалин сурудҳои миллӣ, инқилобӣ мусоидат карда, боиси тарбияи ватандӯстӣ ва ободонии кишвар гаштаанд.

Услуби публитсистикаи бадеӣ дар асарҳои насрии Садриддин Айнӣ – «Одина», «Ғуломон», «Дохунда», «Ёддоштҳо» баръало ба назар мерасанд. Вазифаи асосии онҳо ифода кардани мавқеи сиёсии устод Айнӣ мебошанд.

Повести «Одина»-и устод Айнӣ бо номи «Саргузашти як тоҷики камбағал. Аз хотираи истибдод» нахуст ба таври нокомил солҳои 1924-1925 дар 13 шумораи рӯзномаи «Овози тоҷик» чоп шуд. Сипас соли 1927 бо 23 боб, соли 1931 бо 28 боб, аз соли 1935 ва минбаъд дар ҳаҷми 30 боб дар шакли китоб ба табъ расидааст. Ин асар дар ҷилди якуми «Куллиёт», ки соли 1958 нашр шудааст, ҷой дода шуда, ахиран, дар ҷилди 4-уми «Куллиёт» [45], ки соли 2021 ба табъ расидааст, дар қатори дигар осори нависанда – «Ҷаллодони Бухоро»,

«Аҳмади Девбанд», «Мактаби куҳна» ва «Моҳрӯй»-и нависанда ба нашр расидааст.

Фарқи асосии повести «Одина» аз асарҳои дигари насрии устод дар мавриди истифодаи унсурҳои публитсистӣ аз он иборат аст, ки дар он порчаҳои публитсистӣ ба шакли алоҳида, ҳатто дар бобҳои махсус оварда шудаанд. Муҳаққиқон чунин навъи истифодаи порчаҳои махсуси ҷудо аз сюжети асарро дар адабиёт «руҷӯъҳои лирикӣ» номгузорӣ карда, як навъи онро «руҷӯъҳои лирикии публитсистӣ» номидаанд. Чунин навъи руҷуъҳои публитсистӣ дар повести «Одина» аз қисми дувуми асар шуруъ шуда, қисматҳои «Зовуди пахта», «Одина дар зовуд», «Корпартоӣ», «Ҳамдардон», «Феврал-марти соли 1917»-ро фаро гирифтаанд ва бо суруди инқилобии «Марши ҳуррият» ба охир мерасанд. Дар ин асар нахуст хонанда бо заводи пахта, тарз ва шароити кор шинос мешавад.

Аз шарҳи повароқи қисми дуввум бармеояд, ки устод Айнӣ солҳои 1915-1916 дар заводи пахта коргар будааст ва нақли қисса бардоште аз он рӯзҳост.

Қисмати асосии порчаҳои публитсистӣ ба воқеаҳои аввалини сиёсӣ дар Осиёи Миёна, аз қабили корпартоӣ, шиорпартоӣ, баҳсҳои лафзӣ ва ниҳоят, шурӯи муборизаи мусаллаҳона бахшида шудааст.

Баланд гаштани дарк ва шуури ҷамъиятии Одина ва ба ҳаёти ҷамъиятӣ дохил шудани ӯ аз мардикорӣ шуруъ мешавад. Вақте ки қаҳрамони асар ба завод ба кор меояд, нависанда боби «Зовуди пахта»-ро таҳия намудааст. Ин фасли асар ба таври публитсистӣ аз номи муаллиф нақл шудааст: «Дар Андиҷон ба наздикии роҳи оҳан дар майдони фарохе як иморати бисёр бузургеро мебинед. Дару девори ин бино он қадар баланду назаррабо бошад ҳам, бо мӯриҳои сар ба фалак кашидааш, ки нафаси қиромези онҳо рӯи ҳаворо чун абри сиёҳ фурӯ мегирад, аз як фарсах роҳ диққати бинандагонро ба тарафи худ мекашад» [17, с. 124]. Дар ин ҷо ибораи «абри сиёҳ» аз назар ва муносибати муаллиф ба вазъи мавҷудаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ дарак медиҳад. Сабк ва услуби ин порча то андозае ба репортажҳои имрӯза монанд аст. «Агар шумо зовудро тамошо кардан мехоҳед, марҳамат карда аз ҳамин дари хурдакак, ки «дари

партоваш» меноманд, ба дарун дароед» [17, с. 124]; «Акнун биёед, биравем ба мошинахона…» [17, с. 127] ва ғайра – бо чунин ҷумлаҳо устод Айнӣ даруну беруни завод, тарзи кори он, шароити вазнини коргаронро ба хонанда шинос менамояд.

Бо мақсади ифодаи муносибати худ ба ҳолати кору зиндагии коргарон, муаллиф аз усули муроҷиат ба хонанда низ истифода кардааст: «Пас фарзанди инсон бо ин ҳолати парешон чаро ин ҷо нишастааст? Ҷавоби ин саволро ҳам бояд худатон ёбед» [17, с. 130]. Муроҷиат ба он дараҷа воқеӣ ва қобили қабули хонанда аст, ки дар он факту рақамҳои аниқ оварда мешаванд: «Агар шумо дар мавсими кори солҳои 1915-16 ба ин зовуд меомадед, дар охири сафи ин меҳнатрӯзиён як ҷавони 17-18-соларо медидед…» [17, с. 129]. Аз ин таъкид бармеояд, ки солҳои зикршуда баробари устод Айнӣ ҷавонони деҳотӣ, монанди Одина дар завод буданд. Яъне, ҳадафи нависанда ба хонанда нишон додани тарзи кори заводи пахта, фароғату истироҳати хӯҷаинҳо ва машаққати коргарони он мебошад. Яке аз талаботи публитсистика муроҷиат ба хонанда ва ба вуҷуд овардани афкори умум дар бораи ин ё он масъалаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Ва порчаҳои публитсистии «Одина» вазифаи мазкурро хуб иҷро кардаанд: «Ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки аз дидани ин манзара сарсарӣ нагузаред!» [17, с. 125].

Дар баробари ин, нависанда бо хонанда ҳамсуҳбат мешавад ва аз ӯ дахолати фаъолонаро талаб мекунад: «Акнун мулоҳиза намоед: монанди шумо як фарзанди одам, дар даруни ин хонае, ки шумо як дақиқа тоби истодан надоред, чӣ гуна рӯзе дувоздаҳ соат истода кор мекунад?.. Зеро агар накунад, аз гуруснагӣ мемурад. Дар ин болохонаи пурчангу ғубор аз ин зиёда истодан аз ҳикмат нест. Марҳамат кунед! Зудтар ба як зинаи дарунӣ, ки ба ошёнаи зерин пайваста аст, поён шавед, дар ин ҷо чиҳо мебинед?» [17, с. 125].

Дар повести «Одина» таърихи зиндагии ашхоси алоҳида пайванд бо ҳаёти иҷтимоӣ тасвир ёфтааст. Ҳаёти ҷамъиятӣ дар он солҳо хеле пурошӯб ва муташанниҷ буд ва нависанда дар тасвири он аз порчаҳои публитсистӣ фаровон истифода кардааст. Баъзе бобҳо чунин ба назар мерасанд, ки гӯё бо рафти

сюжети асар алоқаманд нестанд, аммо дар асл барои дарки маъною ҳадафи сиёсии нависанда кумак расондаанд: «Соли 1915 ҳосилоти пахта аз ҳад зиёд шуда буд. Бо вуҷуди ин, саноати бофандагии Россия ба муносибати ҷанги умумӣ аз хориҷ пахта дароварда наметавонист ва инчунин, пахта ғайр аз бофандагӣ ба асбоби ҷанг ҳам сарф мешуд, бозори пахта аз одат берун гарм шуда рафт» [17, с. 132]. Тавассути ин порчаи публитсистӣ нависанда хостааст, хонандаро барои дарки воқеаҳои баъдинаи сиёсии асар омода созад. Аз ҷумла, қисмати «Ҳамдардон» ба воситаи порчаи публитсистӣ ташаккул ёфтани шуури мардумро нишон медиҳад: «Аммо дар солҳои охирӣ аҳвол дигаргун шудан гирифт: нахустин коргарони европагӣ, ки ба ҷамъиятҳои махфии револютсионӣ аъзо буданд, ба ташвиқот сар карданд, бо шиори «Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо як шавед!» ҳамаи мардикоронро ба бародарӣ чеғ заданд» [17, с. 136]. Назари сиёсӣ ва баҳои устод Айнӣ ба воқеоти инқилобӣ аллакай мушоҳида мешавад. Порчаҳои мазкур рӯҳияи сиёсии хонандаро ташаккул медиҳанд. Ин хусусият дар фасли «Феврал-марти соли 1917» боз барҷастатар аён мегардад. Устод Айнӣ вобаста ба ҳаводиси муҳимми он замон бо сухани оташини публитсистӣ чунин таъкид медорад: «Аз аввалҳои моҳи феврали соли 1917 сар карда, нолиданҳо аз ҳукумати подшоҳӣ, аз таххонаҳо, аз хонаҳои зеризаминӣ ба майдонҳои кушода баромадан гирифт. Хиёнатҳои аҳли дарбор, гурусначашмӣ ва ҳаннотии аҳли бозор, хусусан бо тиру дору, яъне, бо ҷони одам савдогарӣ кардани идораҳои ҳарбӣ ва вазири ҷанг ҳар ҷо ошкоро гуфтугузор меёфт. Бозиҳои мурдоркоронаи Распутин аз чашми ҳар гуна коргарони бесавод ва деҳқонҳои пасмонда ҳам қудсият – покии подшоҳро афтонда буд» [17, с. 141]. Услуби хос ва барҷастаи публитсистика дар ин руҷӯъҳо баръало мушоҳида мешавад. Ҳамчунин, он аз қалами равон ва эҳсоси баланди муаллиф дарак медиҳад.

Албатта, Садриддин Айнӣ дар асл сиёсатшинос набуд. Аммо ҳамчун шоҳиди вазъу рӯйдодҳои замон ҳамчун сиёсатмадор баромад кардааст. Дар идомаи ин фасл шеър ҷой дода шудааст, ки аз ҳунари шоирии устод дарак медиҳад ва дар он аз санъати такрори малеҳ босамар истифода шудааст.

Хусусияти назаррас ва аҳаммияти бузургу таъсирбахшии руҷӯъҳои публитсистию таърихӣ дар ҳамин аст. М. Шакурӣ таъкид менамояд: «Мулоҳизаҳои ҳаяҷономези публитсистӣ… барои амиқтар намудор кардани моҳияти рӯйдодҳо ёрмандӣ мекунанд. Мабдаи фаъолонаи публитсистӣ рӯҳи граждании асарро баланд мебардорад» [355, с. 135]. Хуллас, рӯҳи ватандӯстию шаҳрвандӣ дар аксар руҷӯи публитсистии «Одина», пеш аз ҳама, дар мисоли боло ба дараҷаи олӣ расидааст. Чунин порчаҳои публитсистии аҳаммияти сиёсидошта, мутаассифона, дар адабиёт кам дида мешаванд.

Повести «Одина» асари бадеӣ унвон шавад ҳам, дар он ҷанбаи субъективизм ва публитсистикаи сиёсӣ пурқувват аст ва ин ҳолат аз боби дувуми асар шурӯъ мешавад. Аз ин рӯ, андешаи он ки гӯё образи Одина ташаккул наёфтааст ва ё асар бештар ҷанбаи тасвирӣ дорад, ба ҳақиқат рост намеояд. Аз мутолиаи асар маълум мегардад, ки устод Айнӣ ба публитсистика ва инъикоси ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ дода шуда, баъзан гӯё нақли сюжети асар – тасвири саргузашти Одинаро фаромӯш мекунад. Нависанда дар тасвири ҳодисаву воқеаҳо тамошобин набуда, балки ба онҳо баҳо медиҳад ва хонандаро низ аз паи хулосаҳои худ мебарад. Дар ин порча бошад, ҳатто ҳукми қатъии сиёсӣ баровардааст, ки намунаи он дар адабиёт кам вомехӯрад: «4 марти соли 1917 (ба ҳисоби куҳна буд) чархҳои завод бо губчак-гарданаҳои хӯрдашуда, бо дандонаҳои судашуда ва бо тасмаҳои фарсудаи худ монанди идораҳои ҳукумати подшоҳӣ базӯр мегаштанд» [17, с. 141-142]. С. Айнӣ чархҳои куҳнаи заводро ба ҳукумати фарсуда монанд кардааст ва ин кор ҳадафи муайяни сиёсӣ дошта, ба воқеаҳои оянда – инқилоби сиёсӣ ишора мекунад. Ин аст, ки пасон ҳодисаи нохуши бо коргарон рӯйдодаро нақл карда истода, оқибати онро нишон медиҳад: коргарон ҷасадҳои порашударо ба майдон бароварда, ба митинг сар карданд. Баъди тасвири ошӯби коргарон нависанда аз услуби публитсистикаи сиёсӣ кор гирифтааст: «Дар ҳақиқат ҳам хабари бекор шудани подшоҳ, ки сабаби кушода шудани дари саодат ба рӯи коргарон аст, шоёни табрик буд, ки ин хабар митинги нафрату норозигиро ба намоиши шодӣ бадал карда, маҷлиси мотамро маҳфили тӯй ва суруд гардонид» [17, с. 143]. Сабку

услуби чунин порчаҳо, ҳамчунин, ифодаҳои «дари саодат», «шоёни табрик», «маҷлиси мотам», «маҳфили тӯй ва суруд», «гарданаҳои хӯрдашуда бо дандонаҳои судашуда», «намоиши шодӣ»… публитсистии омехта бо шеърият буда, назари нависандаро ба воқеаҳо, эҳсоси баланди сиёсӣ ва иҷтимоии ӯро нишон медиҳанд. Устод Айнӣ ҳодисаи рӯйдодаи муҳим – инқилоби февралиро дар охири фасл оварда, суруди «Марши ҳуррият»-ро шояд барои нишон додани эҳсосоти худ ва ранҷбарон ба он илова кардааст. Шеъри мазкур бо порчаҳои публитсистии зиёд аз шиору хитоба ва даъвату мурочиат саршор буда, аҳаммияти сиёсӣ ва иҷтимоии асарро баланд бардоштаанд.

Дар қисми сеюми асар низ баробари идомаи нақли саргузашти Одина порчаҳои публитсистии сиёсӣ ягон-ягон ба назар мерасад. Аз ҷумла, оварда шудааст: «Муздуроне, ки ба заводҳо кор карда, ба намоиши Револютсияи феврал ҳамроҳӣ намуда, вазъи револютсиониро шунида буданд, имрӯз ба яқин донистанд, ки аҳли зулм ва бедод, арбоби истибдод аз кадом дину миллате, ки бошанд, ҷуз тороҷ кардани зердастони худ кори дигаре надоштанд. Дину шариат асбоби мардумкушӣ ва силоҳи яғмогарии онҳо будааст. Наҷот аз ин маҳлака «як шудани пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо» будаасту бас» [45, с. 150]. Дар порчаи мазкур афкори муаллиф ва қаҳрамонони асар баробар ифода ёфтаанд. Баъди Инқилоби Октябри соли 1917, ки ҳодисаи муҳимми таърихӣ маҳсуб меёбад, дар қисми чоруми асар порчаҳои публитсистӣ ва таърихӣ бештар ба чашм мерасанд. Онҳо, асосан, аз тарафи муаллиф тасвир шудаанд, зеро баррасии ин масъалаҳои муҳим донишу ҷаҳонбинии бештари сиёсӣ мехоҳад: «Роҳбар ва доҳии ягонаи коргарон рафиқ Ленин бо дониш ва таҷрибаҳои худ ин воқеаҳоро пеш аз вуқуъаш медонист, бинобар ин, ӯ Револютсияи февралро на мақсади охирӣ, балки дарвозаи револютсияи бузурги иҷтимоӣ дониста, ба револютсияи дувум ҳозирӣ медид, фикрҳои коргарон, аскарон ва деҳқонони фақирро, ки дар вазъияти Ҳукумати муваққатӣ ва тартиби иҷтимоии он замон ҳеч розӣ набуданд, ба як нуқта – ба нуқтаи «Ҳамаи ҳокимият ба Советҳо!» ғун мекард. Ин буд, ки дар 25 моҳи октябр (ба ҳисоби нав 7 ноябр)-и соли 1917 ин револютсия ба вуқуъ омада, ба номи Револютсияи

Октябр дар саҳифаҳои таърих навишта шуд» [17, с. 189]. Ин гуна ҳодисаи муҳимми таърихиро танҳо муаллиф метавонист баён кунад, зеро коргарону деҳқонони шарики Одина ба воқеоти баамаломада, ҳадафи асосии он ҳоло хуб балад набуданд. Онҳо танҳо мулоҳизаҳои сода баён мекарданд ва шиорҳое чун «– Молодетс, зинда бош Ленин! – гуфта фиристод сиёсидон» [17, с. 193] меандохтанд.

Фасли «Соли 1918» пурра публитсистикаи сиёсӣ аст. Дар сарлавҳа омадани ибораи «Соли 1918»-ро муҳаққиқ Е. Журбин чунин мешуморад, ки «муаллиф ҳатто дар сарлавҳа мақсади худро баён кардааст» [111, с. 132]. Ин фасл чунин шуруъ мешавад: «Соли 1918 барои меҳнаткашони Туркистон бисёр бад омад. Соли 1917 дар Осиёи Миёна беборишӣ ва хушксолӣ шуда, қаҳтӣ рӯй дода буд. Дар охири имсол захираҳои ҳама кас тамом шуд, дар гӯша, бешаҳо агар чизе хӯрданӣ ёфт мешуд, ҳаннотон ғундошта, ба анбор ҷой мекарданд» [17, с. 196].

Дар фасли «Кӯҳистони Бухоро» нависанда вазъияти кӯҳистони Бухороро баъд аз воқеаҳои инқилобии Россия ва Туркистон нақл карда, зикр менамояд, ки новобаста ба режими сахти амир фақирони Бухоро ба мубориза бархостанд. Зеро онҳо даҳшатҳои зиёди дар замони сулолаи манғитӣ ба сарашон омадаро дар ёд доранд. Устод Айнӣ ёдовар шудааст: «Кӯҳистони Бухоро, ки ба дасти амирон афтиданд боз рӯйи беҳбудиро надидааст, дар соли 1918 бисёртар ба тангӣ афтода буд: беборишӣ ва хушксолии соли 1917 дар он ҷо ҳам қаҳтию гуруснагӣ оварда буд. Фақирони Кӯҳистон, ки дар солҳои фаровонӣ барои ёфтани пули ноне ба Туркистон мӯҳтоҷ буданд, дар ин сол эҳтиёҷмандии онҳо зиёдтар шуда буд» [17, с. 199]. Ба таърих рӯй овардани устод Айнӣ бесабаб нест. Инро М. Шакурӣ чунин шарҳ додааст: «Ба диққати тамом тадқиқ кардани шаклҳои хоси тафаккури таърихӣ ва ҳофизаи таърихии халқи тоҷик дар давраи Инқилоби Октябр, ба сифати як омили фаъоли пешбурди ҷамъият зоҳир намудани қувваи ҳофизаи таърихӣ аз ҷумлаи муҳимтарин хусусиятҳои бадеии осори Айнӣ буд» [354, с. 139]. Ба аҳаммияти боби мазкур муҳаққиқ Л. Н. Демидчик низ ишора намуда, зикр кардааст, ки боби «Кӯҳистони Бухоро»

«сабабҳои пӯсидани сохти феодалиро нишон додааст» [104, с. 47]. Дар ин қисмат вазифаи нависанда хонандаро ба ҳақиқати сохти амирӣ ва зарурати амалисозии инқилоби сиёсӣ рӯ ба рӯ кардан мебошад.

Факт ва далелҳои воқеӣ ва таърихии дар бобҳои дар боло зикршуда – «Соли 1918» ва «Кӯҳистони Бухоро» гувоҳӣ медиҳанд, ки ҷанбаи публитсистӣ ва сиёсии асар хеле мустаҳкам буда, нависанда бо мақсади иҷрои ҳадафи хеш аз имкониятҳои публитсистикаи сиёсӣ хуб истифода намудааст. Ба ин монанд, лавҳаҳоро аз таърихи халқҳои дигар дар адабиёти халқҳои ҳамсоя мисол овардан мумкин аст. Чунончи, дар «Дони ором»-и Шолохов чунин як лавҳаи таърихӣ мушоҳида мешавад, ки ба порчаҳои иқтибосшуда аз арафа ва даврони инқилобии ҳаёти халқ дар «Одина» монанд аст: «Станитсаҳо, хуторҳо дар Дон беодам монданд, гӯё ин ки тамоми аҳли сарзамини Дон дар айни долу зарби ҳосилғундорӣ ба саҳро ба дарав баромада бошанд» [281, с. 408].

Устод Айнӣ дар бобҳои оянда низ услуби публитсистиро идома дода, дар онҳо азобу машаққатҳои халқи тоҷикро баъди инқилоб ҳам ба тасвир кашидааст. Қайд мекунад, ки танҳо баъди тақсимоти миллии соли 1924 халқ то андозае қомати худро рост кард. Ҳоло Одина, Гулбибӣ, Шариф, Шоҳмирзо ва Бибиоишаҳои дигар дар ҷамъияти нав зиндагӣ доранд. «Мумкин аст, ки дар миёни қавми тоҷик Арбоб камолҳо, мулло Хокироҳҳо ва мулло Мардихудоҳо бошанд ва зимнан бар зарари мардуми тоҷик кор кунанд. Лекин хотирҷамъ ҳастем, ки халқи меҳнатдӯсти сар аз чанбари зулм берункашидаи тоҷик дигар худро ба доми найранги онҳо нахоҳанд гирифтор кард ва вуҷуди нопоки ҳар гуна хоинро метавонад аз дунё нест ва нобуд намояд» [17, с. 246].

Устод Айнӣ дар порчаҳои публитсистӣ мақсаду ҳадафҳои хешро тибқи талаботи замон ба таври возеҳ тасвир намудааст. Дар асл, солҳои 20-30-юми асри бист Давлати Шуравӣ талаб мекард, ки эҷодкорон пешсафи ҷомеа бошанд, афкори сиёсии ҷомеаро ба вуҷуд оранд ва мардумро ба роҳи рост ва дуруст ҳидоят намоянд. Нависандагон дар шароити муборизаҳои ғоявии давр тамошобин ё бетараф буда наметавонистанд. Дар ин роҳ ба мушкилот, хатоиҳо ҳам роҳ медоданд ва баъзеашон сари худро бохтанд. Эҷодкорон бо фаъолияти

хеш стратегия ва тактикаи ҳизб ва давлати навини шуравиро ифода карда, ғояҳои ҳизби коммунистро тарғиб менамуданд. Ҳамин тавр, порчаҳои публитсистии асари мазкури устод Айнӣ низ аз чунин рангубори сиёсӣ ва иҷтимоӣ орӣ набуд.

Дар асарҳои насрии устод Айнӣ, махсусан, дар порчаҳои публитсистии онҳо ҷанбаи субъективизм равшан ба назар мерасад. Дар онҳо хайрхоҳона муносибат кардани нависанда нисбат ба халқи меҳнаткаш, бадбинӣ ба ҷомеаи сармоядорӣ, муллоҳо ва ҳокимони давр ба назар мерасад. Чунончи, мақсади фасли «Зовуди пахта» муқоиса кардани синфҳои сармоядорӣ ва коргарон ва нишон додани ба ҳам зид будани онҳо мебошад. Дар он нисбат ба синфи коргар ифодаҳои коргарони моҳир, рангҳои парида, чашмони дарунрафта, биниҳои теғкашида, дастҳои қубла зада, кафида ва хуншоршуда, пойҳо обила карда ва ҷароҳат пайдо карда ва либосҳои дарида, сиёҳбахтон истифода шудааст. Дар бисёр порчаҳои публитсистию таърихии асар нафрати нависанда нисбат ба корфармоён бараъло эҳсос мешавад. Ӯ ҳадафу мақсадашро ошкоро ва рӯирост баён сохтааст. Яъне, дар руҷӯъҳои публитсистию таърихӣ «бадбинии нависандаро ба симои сохти куҳнаи тасвиркардааш пай бурдан мумкин аст» [84, с. 87]. Аз ҷумла, дар фасли «Феврал-марти соли 1917» зимни инъикоси вазъи кунунии ҷомеа ва корхонаҳои саноатӣ ифодаҳои хиёнатҳои аҳли дарбор, гуруснаҷашмӣ ва ҳаннотии аҳли бозор.., ба ҷони одамон савдогарӣ кардани идораҳои ҳарбӣ, бозиҳои мурдоркорона, гарданаҳои хӯрдашуда, бо дандонаҳои судашуда бо тасмаҳои фарсудаи худ монанди идораҳои ҳукумати подшоҳӣ, монархисти сиёҳдил ба кор бурда шудаанд, ки назари манфии нависандаро ба давлати пешин ва синфи ҳоким ифода кардааст. Аён мегардад, ки мақсади нависанда ҳаққонӣ тасвир намудани ҳаёти воқеӣ – ғалабаи адолат мебошад.

Солҳои сиюми асри бистум бисёр олимону нависандагон ва тарҷумону саёҳони рус, аз қабили Е. Э. Бертелс, Л. Славин, Э. Хасревин, М. Шевердин, Б. Лапин, Б. Афанасев ва дигарон дар мактубу қайдҳо ва мақолаву китобҳояшон аҳаммияту нақши «Одина»-ро дар адабиёти шуравӣ хотиррасон карданд. Бояд гуфт, ки баробари тақризҳои мусбат дар он солҳо нисбат ба эҷодиёти устод Айнӣ афкори душманона ва ғаразнок низ баён мешуданд. Ҳатто аввалҳо

минбаъд олими машҳур И. Брагинский тезиси Бектошро дастгирӣ карда, иброз доштааст: «Одина одами мубориз не, балки нафари қурбони зулм мебошад, ӯ субъекти нақл не, балки объекти он аст; ӯ амал намекунад, балки ҳодисаҳои бисёреро аз сар мегузаронад» [82, с. 135]. Аз ин хулосабарорӣ маълум мешавад, ки муҳаққиқ повести «Одина»-ро бадиққат нахондааст. Зеро дар он баробари нақли сюжети аҷиб порчаҳои муҳимми сиёсию публитсистӣ ҷой дода шудаанд, ки назари нависандаро бо воқеоти сиёсӣ ва иҷтимоии давр ифода кардаанд.

Саҳми муҳаққиқ С. Табаров дар таҳқиқу пажуҳиши эҷодиёти устод Айнӣ назаррас аст. Номбурда мазмуну мундариҷаи повести «Одина»-ро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, қайд менамояд, ки дар асар «аввалин бор мавзуи ҳаёти халқи меҳнаткаш ва муборизаи он бар зидди синфҳои истисморкунанда тасвир ёфтааст» [344, с. 28]. Муҳаққиқ М. Шакурӣ бори аввал порчаҳои дорои маълумоти таърихӣ ва хусусияти руҷуи лирикидоштаро дар ин асар ҷудо карда, зикр мекунад, ки онҳо ба «мақолаи мублитсистӣ» монанданд. «Оҳанги публитсистӣ муҳимтарин василаи зоҳир кардани рӯҳи инқилобии замон аст» [344, с. 28],-ба хулоса омадааст ӯ.

Ҳамин тавр, порчаҳои публитсистию таърихию сиёсии «Одина» аҳаммияти таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ғоявӣ ва бадеӣ доранд. Нахуст, онҳо дорои факту далелҳои таърихӣ, солу моҳи аниқ чун «инқилоби феврал», «Инқилоби Октябр», «соли 1918» буда, аз ҷанбаи таърихӣ бархӯрдоранд. Дигар, аҳаммияти иҷтимоии баланд доранд ва дар онҳо вазъи ҷомеаи замон ва макони муайян дуруст ва муфассал баён шудааст. Сеюм, бори аввал назари сиёсии устод Айниро ба воқеоти баамаломадаи иҷтимоӣ инъикос кардаанд. Илова ба ин, руҷӯъҳои публитсистии ин асар аз шеърияти олӣ, эҳсосу ҳаяҷон, самимият, оҳангнокӣ саршоранд, ки таъсирбахшии онҳоро баланд бардоштаанд.

## 2.2. Воқеияти замон дар асарҳои бадеӣ

Вазифаҳои асосии сиёсии солҳои бистум – исботи мавҷудияти халқи тоҷик ва ташкили ҷумҳурии мустақили тоҷикон маҳсуб меёфт, ки то андозае иҷро гардиданд. Дар ин бобат саҳми Қаҳрамони Тоҷикистон устод Айнӣ бузургу мондагор аст. Сипас дар солҳои сиюм адиби намоён ба эҷоди асарҳои бузурги

насрӣ шуруъ кард. Минбаъд мавқеи иҷтимоию сиёсии устод Айнӣ дар роману қисса ва повестҳои ӯ инъикос гардиданд. Яке аз чунин асарҳои бузургҳаҷм романи «Ғуломон» мебошад. Асари мазкур, ки тақдири се насл одамон аст, ба се марҳалаи фаъолияти эҷодии устод Айнӣ ишора мекунад. Одамони насли аввал ба андозае сода буданд, ки се нафар роҳзани туркман бо роҳи фиреб 20 нафари онҳоро даст баста, ба ғуломӣ доданд: «Бинобар ин, чор нафари дастаро, ки ҳамагӣ ҳафт нафар буд, барои дидбонӣ фиристода, се нафари боқимонда ба кор даромада, тахминан 20 нафар одамро ба даст оварда буданд» [5, с. 26]. То ҳамин андоза насли аввали мардуми деҳоти шимоли Афғонистон ва Эрон нодон ва сода будаанд, ки бо дасти худ хешро баста, ба ғуломӣ ба дасти туркманон месупоридаанд. Ҳодисае, ки ғоратгарону одамрабоён мардуми маҳаллиро супориш медиҳанд, дасти ҳамдигарро бибанданд, низ боиси таассуф аст, ки дар ин роман ёдрас шудааст. Фоҷиаи мазкурро устод Айнӣ ба замони тӯлгирии гӯсфандони қарокӯлӣ монанд кардааст, ки барраи навзодро аз модараш ҷудо карда, ба куштан медоданд, то аз пашмаш баҳра ёбанд: «Ин фоҷиа ба сари фарзандони одам… рӯй дода истода буд» [46, с. 37]. Сипас насли дувуми ин ғуломон роҳи халосиро дар гурез дарёфтанд, ки ин ҳам як роҳи муборизаи иҷтимоӣ бар зидди беадолатӣ мебошад. Бисёрашон дар ин роҳ ҳалок шуда, қисми камашон зинда монда, аз онҳо насли сеюм ба миён омад, ки тадриҷан фаҳмиши сиёсиашон шакл гирифта буд. Монанд ба ин, дарки сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва ҳатто иқтисодии нависанда низ рӯ ба ташаккул ниҳод. Яке аз аломатҳои он тасвири ҷаҳони сармоядорӣ, манфиати заводу коргоҳҳо, муттаҳидшавии қувваи коргарӣ ва ташаккули сармоя мебошад.

Дар «Ғуломон» баробари фаҳмиши иқтисодӣ, ки ин масъала дар асар зиёд тасвир ёфтааст, афкори сиёсии одамон низ ташаккул меёфт: «– Амлокдор ин гуна корҳоро, – гуфт як деҳқони дигар, – аз барои нигоҳ доштани ҳаққи подшоҳӣ намекунад, балки барои он мекунад, ки ягон баҳона ёфта, ба гардани деҳқон борро боз ҳам зиёдатар бор кунад» [46, с. 161]. Ин ҳарфҳо аз пайдоиши мафкураи сиёсии қаҳрамонон дарак медиҳад. Бо вуҷуди ин, дар миёни насли дувуми ғуломон нофаҳмӣ ва кундии фаҳмиши сиёсӣ ба назар мерасид. Аз ин

рӯ, нафари пешқадами онҳо ҳам ба суолҳое, монанди чаро яке кор мекунаду шикамаш сер нест, дигаре коре намекунаду «тамоми деҳаро соҳиб шудааст», ё чаро ҷадидони ҳурриятхоҳ мусулмонон ва кофиронро баробар карданианд, ҷавоб дода наметавонад: «Шокир, ки ин суханҳои Қулмуродро шунид, сурх шуда, дар шашдари ҳайрат монд ва чӣ ҷавоб гуфтанро надониста, сари худро хам кард» [56, с. 242]. Рисола (ҷамъият, ба монанди иттифоқи касаба) доштани саисҳо ва бо ин роҳ ҳуқуқи худро то андозае ҳимоя карда тавонистани онҳо ба пешрафти ҷомеа кумак карда метавонад: «Агар ҳамин вақт амлокдорат, қозият, ё Ҳоҷӣ-Латифи девонбегият… ба яке аз моён ягон даҳан гап зада бинанд-чӣ? Мо даррав ҳамагӣ қаҳр карда меравем. Дар он вақт ҳамаи аспу аробаҳошон беодам мемонад» [46, с. 250]. Ин ҳам як роҳи мубориза ва ҳимояи манфиатҳои худ буд. Баъдҳо дар даврони барқарории Ҳукумати шуроии Бухоро (соли 1920) ташкили ба ин монанд иттифоқҳои касабаи ҳар як касбу корро дар Бухоро устод Айнӣ дар як очерки сафариаш амали мусбат ҳисобидааст.

Устод Айнӣ дар ин асар ҳисси баланди инсонпарварӣ ва баланд шудани афкори сиёсиашро ба намоиш гузоштааст: «Лекин гургии онҳо то вақти гӯсфандвор хобидани мардум аст. Агар мардум монанди бабре, ки аз хоби дароз гурусна монда мехезад, ба по хезад, дар он вақт ҳоли онҳо аз ҳоли саги дайду ҳам бадтар мешавад» [46, с. 292]. Ин ҷо масъалаи муборизаи сиёсӣ дар либоси бадеӣ инъикос ёфтааст. Ҳамчунин: «Гӯсфанди ҳозира бошад, одамони ҳукуматро гург мешуморад, барои дастбагиребон шудан бо ӯ зӯраш нарасад ҳам, аз ӯ мегурезад, аз дунболи ӯ намеравад ва ба вай итоат намекунад» [5, с. 309]. Ин ва дигар порчаҳои асар аз рушду таҳаввулоти мафкураи одамони одӣ – насли дувуми ғуломони пешин дар арафаи инқилоб шаҳодат медиҳад.

Дар ин асар ба баъзе нофаҳмиҳо ва кӯтоҳназарии амалҳои ҳукуматдорон дар солҳои аввали баъди инқилоб низ ишора шудааст: «Агар ба шаҳри Бухоро равед, мебинед, ки нимаи мардуми шаҳр коммунист шудаанд» [46, с. 328]. Ин ҳодисаро устод Айнӣ бо чашми худ дар ҳамон сафари соли 1920 дар Бухоро дида, дар очерки зикршуда, ки дар «Шуълаи инқилоб» чоп шуда буд, масъалаи тоза кардани сафҳои коммунистонро ба миён гузошт. Дар «Ғуломон» бошад,

омадааст: «Гурехтани нозири ҳарбия – Орифов ба тарафи душман ва исёни раиси Комитети Иҷроияи Марказӣ Усмонхӯҷа Ҷумҳурияти Шуроии Халқии Бухороро заиф накард» [46, с. 383]. Нависанда бар он аст, ки чунин ҳодисаҳо, бо вуҷуди баъзе зиёнҳояшон ба кушода шудани чашми давлат ва пухта расидани фаҳмиши сиёсии кадрҳои роҳбарикунандаро кумак расонданд.

Вақте аз насли сеюми ғуломони пешина сухан меравад, дар соли 1923 ташаккули афкори сиёсии муаллиф ва қаҳрамонҳо баръало ба чашм мерасад. Муаллиф ба чунин руҷуъ рӯй овардааст: «Дар он рӯзҳо дар он сахро танҳо он гуна ҳайвонҳои ваҳшӣ ҷамъ шуда мегаштанд, ки онҳо аз ҷамъияти инсонӣ ронда шуда буданд» [46, с. 415]. Ин ҷо нависанда «ҳайвонҳои ваҳшӣ» гуфта, боқимондаҳои замони куҳан – босмачиёнро дар назар дорад. Дар баробари ин, нофаҳмиҳо ва камтаҷрибагии намояндагони ҳизб ва ҳукумат ҳам аз забони худашон зикр шудааст: «Дар ҳақиқат, ҳоло ҳеҷ кадоми мо ба дараҷае, ки фирқаамон мехоҳад, ҳушёрии синфӣ пайдо накардаем. Мо ба муборизаи синфӣ акнун қадам монда истодаем» [46, с. 475]. Дар натиҷа намояндагони ҳукумати нав баъзан иштибоҳ мекунанд, ба суолҳои мардум ҷавоб дода наметавонанд, намояндагони бойҳо ва мансабдорони куҳна аз нав сар боло мекарданд ва баъзан ба корҳои ҷамъиятӣ рӯирост халал мерасониданд. Масъалаҳоеро, чун «ба колхуз даромадагонро ношуста ҷаноза нохонда мегӯронидаанд; барои колхузчиён мурдашӯй даркор намешудааст» душманон дастак карда, шӯру қиём мебардоштанд ва пеши роҳи сохти колхозиро мегирифтанд.

Романи «Ғуломон» дар нимаи аввали солҳои сиюм навишта шуда буд. Дар арафаи ин солҳо (нимаи дуюми солҳои бистум) ҳуҷумҳои сиёсӣ ва иттиҳомот бар зидди устод Айнӣ шуруъ шуда, ба қатори айбҳои дигар гуноҳи аз оилаи мударрис ва муллозода будани ҳамсараш ва хеши наздики Вадуд Маҳмудӣ барин касон бо ӯ нисбат дода шуда буд. Дар натиҷа устод Айнӣ худро аз Вадуд Маҳмудӣ, ки он солҳо (1934) бори дувум ба ҳабс гирифта шуда буд, дур гирифта, исбот мекард, ки ҳарчанд ҳамсараш бародари ӯст, бо Вадуд қаробати ғоявӣ ва рафтуомад надорад. Ин аст, ки дар романи мазкур, зимни тасвири муфассали муҳаббати фаъоли комсомол ва сохти нав Ҳасан Эргаш бо духтари

Ӯрунбой чунин як ҳодиса тасвир ёфтааст. Аз ҷумла, ҳарфҳои сахти Ҳасан ба дӯстдоштааш мавқеи муаллиф низ мебошанд: «Ба мазор падару модарат раванд, душманҳои синфӣ раванд» [46, с. 544]; «Зеро ту, – гуфт Ҳасан бо ҷиддият, – кулакдухтар ва мешанкаӣ»; «Алоқаатро бо падару модарат бояд ҳамешагӣ биканӣ, онҳоро тамоман фаромӯш кунӣ…, дар пеши коллектив сирҳои падару модаратро кушода медиҳӣ» [46, с. 545]. Ҳарчанд ин ҳарфҳо нисбат ба хешовандони наздиктарини инсон хеле сахту сангин садо медиҳанд, нависанда илоҷ наёфтааст, зеро вазъи мафкуравӣ ва муборизаи ғоявии замон аз ӯ баёни чунин як ҳарфҳоро талаб кардааст.

Яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсие, ки устод Айнӣ нисбати он фикрашро рӯирост баён намудааст, кордорӣ ва рафтори ваколатдорони давлати подшоҳии рус дар Бухоро мебошад. Дар арафаи инқилоб маълум шуд, ки дар бобати ташаккули андешаҳои созандаи халқҳои Осиёи Миёна нерую хиради фарҳангии тоторҳое, ки рӯ ба ин ҷо меоварданд, нақш бозида метавонад. Нависанда рафтори ҳукумати подшоҳии русро, ки аз омадани тоторҳо ва мусулмонҳои табааи худ ба ин кишвар пешгирӣ мекард, дар романи «Ғуломон» ба таври бадеӣ ёдрас кардааст. Яъне, давлати рус рушди фаҳмиши фарҳангии халқҳои осиёимиёнагиро намехост. Худи ҳамин муҳокимаи дахолати сиёсати давлати бегона ба кори дигарон далели ба сиёсат таваҷҷуҳ намудани нависанда буда метавонад. Аз ин пештар, ҳанӯз дар моҳи феврали соли 1918 низ устод дар асари «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» чунин кордории сиёсии вакилони давлати русро мавриди таҳлил қарор дода буд: «Вукалои рус дар он аҳд турфа сиёсате доштанд… Хусусан, мухолатати тотору туркистониро дар хондану хонондан аслан иҷоза намедоданд. Дар ин хусус, махсус ба Туркистон қонуне вазъ карда буданд; муаллимӣ кардани тотор ба аҳли Туркистон ба қуввати ин қонун мамнуъ буд» [46, с. 49]. Ҳамин тавр, дар ин асар баробари ҷиҳатҳои тараққипарваронаи таъсири давлати рус ба Аморати Бухоро тарафҳои ношоями ин давлат ҳам ошкор ва фош карда шудааст. Ин масъала борҳо мавриди таваҷҷуҳи устод Айнӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, таъкид кардааст: «Тахти Бухоро бо номи соҳиби машруъ, аммо ҳақиқатан ба коми давлати рус буд» [47,

с. 61]. Ё ин ки аз мавқеи сафоратхонаи рус дар Бухоро, ки ҳам мансабдорони аморатро гӯл мезананд ва ҳам тараққихоҳонро, борҳо ёдовар шудааст: «Ваъдаи муовинати элчихона дурӯғи сирф ва риёи маҳз аст» [47, с. 72]. Хуллас, муносибати давлати подшоҳии рус ва намояндаи он дар Бухоро ба давлату мардуми ин кишвар бисёр вақт муаммо ва нофаҳмо буд. Чунончӣ, дар асари номбурда дар ин маврид чунин овардааст: «Зотан, ҳаракоти маъмурони рус бо ҳукумати Бухоро муаммои сарбаста буд. Эшон ҳар қадар, ки ба шиддат дар талаби ислоҳот меомаданд, ҳамон қадар сусттару сокиттар, бе натиҷа корро хитом медоданд» [47, с. 116]. Махсусан, дар воқеоти мудҳиши ҷадиду қадим, намоиши шукрона, ҳабсу куштори ислоҳотхоҳон дар Бухорои арафаи инқилобҳои соли 1917 мавқеи вакилони давлати рус номаълум ва бисёр вақт ба тарафдории қувваҳои ҳоким буд. Устод Айнӣ борҳо ба ин масъала рӯй оварда, асрори сиёсати давлати подшоҳии Россияро нисбат ба воқеаҳои Аморати Бухоро фош намудааст.

Дар повести «Ятим», ки соли 1940 навишта шудааст, низ устод Айнӣ ба воқеаҳои таърихию сиёсии инқилоби Бухоро ишора кардааст. Аз ҷумла, дар як руҷуи сиёсӣ омадааст: «Дар воқеаҳои Колесов ҷадидон рули авантюртистӣ, хоинӣ ва дурӯягиро бозӣ карданд, аз як тараф, «мо револютсионер» гуфта, роҳбарии ҳаракати оммаро ба дасти худ гирифтанӣ шуданд ва аз тарафи дигар, бо амир роҳи муросо ва оштиро пеш гирифта, роҳи ҳаракати ривулютсиунии оммаро бастанд» [49, с. 309]. Ин ҳодиса, ки моҳҳои феврал-марти соли 1918 рӯй дода буд, бо кӯшиши маслиҳати ҷадидҳо ва таҷаддудхоҳони Бухоро ба амал омада, шикасти аввалини асокири инқилобии русро ба Бухоро нишон дод. Воқеаи мазкур дар нақли Абдуллоҳхӯҷа, ки прототипи як нафар шахси инқилобӣ аст, низ васеъ шарҳ ёфтааст: «Кумитаи Марказии коммунистони Бухоро дар зери роҳбарии фирқаи коммунистии Россия ҳаракатҳои инқилобии дар муқобили амирро роҳбарӣ мекунад: ҳама норозиён, хусусан, меҳнаткашонро ба як ҷо ҷамъ карда, ба муқобили амир бармехезонад» [49, с. 244-426].

Дар повести «Ятим» устод Айнӣ фақру бенавоии қаҳрамони асарро на ҳамчун мушкили шахсӣ, балки онро натиҷаи сохтори нодурусти давлатдорӣ арзёбӣ мекунад. Ба ибораи дигар, С. Айнӣ ба таври ғайримустақим сиёсати иҷтимоии нодурусти амирро танқид кардааст. Яъне, бархурди нодуруст бо ятимро ҳамчун нишонаи беадолатии сохтори ҷомеа муаррифӣ мекунад, ки решаи сиёсӣ дорад.

Ба таври мушаххас метавон гуфт, ки асари «Ятим»-и С. Айнӣ сарфи назар аз шакли бадеӣ ва иҷтимоӣ доштан, дорои ҷанбаҳои сиёсӣ мебошад. Дар он тавассути сарнавишти як қаҳрамон беадолатии сохтори иҷтимоӣ, нобаробарии синфӣ ва бетаваҷҷуҳии ҳокимият ба табақаҳои осебпазир мавриди танқид қарор гирифтааст. Муаллиф ба ин васила нишон медиҳад, ки мушкилоти иҷтимоӣ решаи сиёсӣ дошта, ҳалли онҳо танҳо дар доираи ислоҳоти низоми давлатдорӣ имконпазир аст.

Устод Айнӣ дар романи «Дохунда» ҳангоми тасвири бадеии табиат – сармои сахти охири зимистон онро ба сиёсат ва вазъи ҷанг қиёс кардааст, ки анҷоми он нек хоҳад буд: «Лекин лашкари сафеди Дутову Колчак аз Сибирия, Деникину Врангел аз марказ ва ҷануби Россия бо чӣ гуна ваҳшигарӣ ва харобкорӣ, ки гурехта бошанд, ин ҳам бо ҳамон гуна вайронкорӣ мегурехт» [45, с. 83]. Тасвири бадеиии абрҳои сиёҳ ва парокандашавии онҳо ба ҳолати парешону нохушоянди мардикороне, ки ба шаҳрҳои марказӣ барои дарёфти қути лоямут, ба умеди зиндагии хуш мерафтанд, мувофиқ омадааст. Ҷойи дигар ҳодисаи наздик шудани инқилоб дар қисмати Шарқи Бухоро, махсусан, ҳудуди Тоҷикистони ҷанубии имрӯзаро муаллиф бо нишоту шодӣ ба тасвири бадеӣ кашидааст: «Абрҳои сиёҳ ҳам қадре пора шуда, рӯшноие ба уфуқи Тоҷикистон пайдо гардида буд» [45, с. 306]. Дар он рӯзҳо, ки ҳаво хеле сиёҳ гашта буд, амири Бухоро аз ҳудуди мамлакат гурехта, ба он тарафи дарёи Ому мегузашт. Бинобар ин, муаллиф инро ба дигаргун шудани вазъи обу ҳаво низ вобаста кардааст: «Баъд аз ним соат амир бо наздикони худ ба киштӣ даромад; агарчи ҳанӯз порчаҳои абри сиёҳ дар ҳаво ҷалвон мекарданд, лекин фазои кӯҳистони тоҷик хеле рӯшноӣ пайдо карда буд» [45, с. 308].

Ҳамчунин, дар мавриди Анварпошо сухан ба миён гузошта, дар хусуси ба ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон тааллуқ доштани майдони фаъолияти вайронкоронаи ӯ ишора шудааст: «Лекин ин сардори номӣ, ки дар саргузашти моҷароҷӯёнаи (авантюраи) худ сафҳоро шикаста ва хусусан, дар ҷанги ҷаҳон куртаки Гинденбургро хӯрда буд, наметавонист бо панҷ ҳазор ҳамроҳони хунхори худ ба якчанд даҳ нафар аскарони сурх, ки намояндагони пролетарҳои ҷаҳон ва ҳомии ҳуқуқи онон буданд, ғалаба намояд ва ин шаҳри Душанберо, ки дар оянда маркази Ҷумҳурияти Тоҷикистон шуданист, ғасб кунад» [45, с. 365-366]. Дар ин ҷо ифтихори муаллиф аз кишвари соҳибистиқлоли худ мушоҳида мешавад.

Аз муколамаи зерини ҳангоми тафтиш ва мусодираи амволи қозикалони охирини Бухоро баамаломада аз ҳисси маҳалгароӣ дур будани устод Айнӣ низ мушоҳида шудааст: «Котиб рӯйхатро сарсарӣ аз чашм гузаронида: – Ин кӯлобӣ хеле чизҳо захира карда будааст, - гуфта тааҷҷуб намуд. Касе: – Ин кор ба кӯлобӣ будани вай ҳеч дахл надорад, чунончи, ман кӯлобиям, лекин то ба ҳол шикамам аз нон сер нашудааст, - гуфта ба вай муқобилат намуд» [45, с. 279]. Ин ҷо ҳадаф ва таваҷҷуҳи муаллиф ба сухани нафари дувум равона шудааст.

Дар романи «Дохунда» муҳити зиндагии қаҳрамонҳо дар доираи як низоми худкома ва истибдодӣ тасвир мешавад. Ин асар дар муқоиса бо дигар осори ӯ на танҳо танқиди сохтори иҷтимоӣ, балки раванди сиёсишавии шахсиятро нишон медиҳад. яъне, қаҳрамон дар ҷараёни воқеаҳо аз як субъекти иҷтимоии тобеъ ба як шахсияти дорои худогоҳии сиёсӣ табдил меёбад. Ба ибораи дигар, дар «Дохунда» на танҳо воқеияти сиёсӣ инъикос шудааст, балки он тавассути образу сюжет тафсир ёфтааст. Ҳамин хусусият «Дохунда»-ро аз дигар осори С. Айнӣ ҷудо карда, онро ба намунаи барҷастаи публитсистикаи сиёсӣ табдил медиҳад, ки дар он идеяи тағйири ҷомеа на бо сухану шиор, балки тавассути таҳлили бадеии раванди сиёсишавии инсон ифода ёфтааст.

Андешаҳои сиёсии С. Айнӣ дар романи «Дохунда» зиёд ба назар мерасанд: «Шахси Дохунда аз миён рафт, лекин шахсияти вай дар миёни омма ва камбағалони тоҷик пойдор аст ва инчунин фирқаи мо пойдор аст, ки ҳазорҳо ин

гуна шахсҳоро хоҳад расонид» [45, с. 409]. Чунин андешаҳои сиёсӣ дар қисматҳои охири роман ба чашм мерасанд: «Рафиқон! Албатта, шумо хоҳед пурсид, ки Тоҷикистон як мамлакати хароби пасмонда ва толондида буд; ба болои ин ҳукумат солҳои аввал фақирии мардумро дар назар гирифта, молиёт ва андозро бахшид, дар солҳои охирӣ молиёт андохта шуда бошад ҳам, маблағи аз ин роҳ даромадшуда назар ба хароҷотҳое, ки ту шумурда гузаштӣ, ба ҳисоби ҳеч аст» [45, с. 459].

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки матнҳои публитсистӣ дар асари бадеӣ корбаст гардида, аз ҷиҳати мавзуъ ба сиёсат, таърих ё масъалаҳои иҷтимоӣ бахшида шудаанд. Дар баробари ин, ҳар яке махсусиятҳои сохторӣ ва жанрии худро доранд, ки аз мавзуи асар вобастаанд: сиёсат, иҷтимоиёт, таърих, ё тасвири табиат. Баъзеи ин порча ё руҷуъҳои публитсистӣ чунон мустақил ва аз рафти сюжет ҷудоанд, ки ба таври алоҳида мазмуни баландро ифода мекунанд.

Воқеан, чунин таҷриба дар адабиёти ҷаҳон нав нест. Ҳатто дар романи «Ҷанг ва сулҳ»-и нависандаи маъруф Л. Толстой, ки асосан асари сюжетдор аст, низ чунин порчаҳои публитсистии дорои хусусияти сиёсӣ ба чашм мерасанд: «Лашкари сиюпанҷҳазораи рус, таҳти сарварии Кутузов аз тарафи лашкари садҳазораи фаронсавӣ таҳти сарварии Бонопарт таъқиб гардида, ба муносибати душманонаи сокинони маҳаллӣ рӯ ба рӯ гашта, ба умеди иттифоқчиёни худ дигар нашуда, норасоии хӯрокворӣро эҳсос карда, аз рӯи шароити айнии ҷанг амал намуда, саросема ба поён, ҷониби Дунай ақибнишинӣ кард… 28-уми октябр лашкари Кутузов бори нахуст ба тарафи чапи Дунай гузашта, бори аввал байни худ ва қувваи асосии фаронсавиҳо Дунайро гузошт. Дар санаи 30-юм ба дивизияи дар тарафи чапи Дунай истодаи Морте ҳуҷум карда, ӯро шикаст дод. Дар ин муҳориба бори аввал ғанимат ба даст омад: парчам, тӯб ва ду генерали душман…» [223, с. 338-339].

Чунин ҳолат – мавҷуд будани порчаҳои алоҳидаи аз сюжет берун, баъзан боиси номуайянӣ дар масъалаи мушаххасан кардани жанри асари бадеӣ мегардад.

Маълум аст, ки публитсистикаи матбуотӣ жанрҳои зиёд дорад, чун ахборӣ (хабар, мусоҳиба, ҳисобот, репортаж); таҳлилӣ (мақола, шарҳ, таҳқиқоти журналистӣ, номаи кушод, хулосаи матбуот, тақриз) ва ғайра. Дар публитсистикаи бадеӣ – лавҳа, очерк, фелетон, памфлет, пародия, экпиграмма, афсона ва ҳикояи публитсистӣ шаклҳои алоҳида мебошанд, ки дар онҳо образнокӣ, эҳсос, санъатҳои бадеӣ, образофарӣ, портрет дар ҷойи аввал буда, ҳуҷҷатнигорӣ дар ҷойи дуюм меистад. Бо вуҷуди ин, вақтҳои охир дар мавриди муайян кардани жанрҳои публитсистика, шаклҳои бадеии публитсистӣ ва омехтаи онҳо баҳсҳо ба вуҷуд омадааст. Бояд дар назар дошт, ки агар асари бадеӣ асосан аз қаҳрамонҳои ғайривоқеӣ, ҳодисаҳои рӯйнадода нақл кунад, публитсистика ба далелҳои воқеӣ такя мекунад. Ин аст фарқияти онҳо. Дар ҳолати дар асари бадеӣ омезиш ёфтани ҳар ду ин услуб порчаҳои алоҳидаи хос бо сабку услуб ва мазмуни нав ба миён меояд, ки ҷузъи композитсияи асари бадеӣ маҳсуб меёбанд. Порчаҳо ва руҷуъҳои публитсистии «Одина» низ аз ҷумлаи онҳоянд. Шинохти онҳо назар ба намудҳои дигари сухани муаллиф осонтар аст. Он танҳо дар қолаби наср меғунҷад, аз ҷиҳати шакл мақолаи алоҳидаи публитсистӣ ё таърихиро мемонад. Онро бемалол аз матни асари бадеӣ ҷудо карда метавон ҳамчун мақолаи алоҳида истифода намуд. Масалан, устод Айнӣ дар фаслҳои алоҳидаи повести «Одина» дар бораи инқилобҳои соли 1917, вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии замони тасвири воқеаҳо маълумоти публитсистӣ овардааст.

Порчаҳои публитсистӣ як навъ мурочиат ба хонанда мебошанд. Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» ҳангоми тасвири ҳирси аҳли бозор дар роҳи сарватғундорӣ ду воқеаеро меорад, ки яке аз мушоҳидаҳои худаш буда, дуюмӣ нақл аз «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш аст. Сабаби ба тарзи муфассал баён кардани ин ду воқеаро худи устод баъди нақли онҳо дар қавсайн чунин меорад, ки як навъ мурочиат ба хонанда мебошад: «Ду воқеаеро, ки дар як мавзуъ бошанд, дар як ҷо ба тарзи ҳикоя овардан, хусусан, ки дувумӣ аз нахустин аз ҷиҳати бадеият паст бошад, кори бисёр бад аст. Аммо ман дар ин ҷо ба нақли аҳволи «баққоли Аҳмади Дониш» ва «баққоли худ» ин кори бадро

кардам, ки хонандагон бо андоза карда дидани тасвири аҳволи ин ду баққол қувваи қалами Аҳмади Донишро ба хубӣ равшан дарёбанд» [39, с. 558]. Устод Айнӣ ин рафтори худро хоксорона «кори бад» мегӯяд, аммо он усули беҳтарини ифодаи афкор дар порчаи публитсистӣ ба ҳисоб меравад. Ҳадаф аз ин муроҷиат ба хонанда дар мавриди овардани ду воқеаи қариб ба ҳам монанд аз он иборат аст, ки устод Айнӣ мехоҳад диққати хонандаро ба ҳунари қалами Аҳмади Дониш, таъсирбахшии забони тасвири ӯ ҷалб созад. Ҳамин тавр, дар «Ёддоштҳо» ва «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам»-и устод Айнӣ порчаҳо ва ҷумлаҳои кӯтоҳи сухани муаллиф – муроҷиат ба хонанда, борҳо мушоҳида мешаванд, ки дар он муаллиф сабаби нақли ин ё он қисса ё дар кадом асараш ба ин мавзуъ руҷуъ карданаш ишора шудааст.

Дар яке аз чунин руҷуъҳо баъди нақл дар бораи намояндагони пешқадами замон чун Махдуми Гав ҷумлае овардааст: «Агар он фарзандони пуристеъдоди халқ дар замони советӣ мебуданд, ҳар кадом қаҳрамони халқ, қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, адиб ва адабиётшиноси гузаро, мутафаккир ва файласуфи ҷаҳонӣ, ходими пурманфиати ҷамоат, ихттироъгари рӯи дунё ва монанди инҳо мегардиданд» [39, с. 559]. Ин ҷо орзую омол ва ҳадафи сиёсию иҷтимоии муаллиф ифода шудааст.

Маълум шуд, ки порчаҳои публитсистӣ асосан дар асарҳои бадеии хусусияти таърихию публитсистидошта бештар мушоҳида мешаванд. Зеро мавзую мундариҷаи онҳо инро талаб мекунад. Ҳарчанд ки повести «Одина»-и устод Айнӣ ва романи «Ҳайҷо»-и У. Кӯҳзод асарҳои сирф бадеианд, аммо замони тасвири воқеаҳо, мавзуи асарҳо талаб мекунад, ки дар онҳо ҳамчун асарҳои таърихию ҳуҷҷатӣ порчаҳои публитсистӣ ҷой дода шаванд. Тавассути онҳо нависандагон назари худро ба мавзуи тасвиркардаашон инъикос кардаанд.

Аммо ин маънои онро надорад, ки порчаҳои публитсистӣ танҳо дар асарҳои адабии хусусияти таърихидошта вомехӯранд. Таҳқиқот нишон дод, ки порчаҳои публитсистӣ ва хусусияти сиёсидошта дар асарҳои бадеии эссемонанд ҳам, мушоҳида мешаванд. Чунончи, «Этюдҳои лирикӣ»-и шоири литвонӣ Э. Межелайтис аз тарафи адабиётшиносон асари публитсистикаи

лирикӣ ном гирифтааст; ҳарчанд дар он лирика бештар мушоҳида мешавад, порчаҳои публитсистию сиёсӣ, махсусан ҳангоми тасвири воқеаҳои инқилобӣ ва замони ҷанг ба чашм мерасанд: «Ҳамаи ин тӯдаи мардуми ҷафокаш аз канораҳои шаҳр, залил ва таҳқирдида, заҳматкашон (пролетариат) ба кӯча рехтанд, ба як рӯйи ҷиддӣ, мушти сахт табдил ёфтанд. Аз пагоҳ дарёчаҳои одамон ба маркази шаҳр рехтанд, ба дарёи бузург табдил ёфтанд. Акнун он ҷорист, меҷӯшад, фиғон мекунад, пурзӯр, пурталотум мешавад, тира мегардад, ҳақиқат, нон, озодӣ металабад. Бале, он аз харобаҳост, онҳо аз ғорҳо омадаанд, баромадашон партов, таҳтоб, аз зери пост. Бигзор, нигоҳаш тира аст, аммо ӯ касест, ки дар суроғи офтоб аст, ба ҷониби офтоб алҳол бо дастони ларзон бархостааст…» [153, с. 97].

Чунин руҷуъҳои лирикии публитсистӣ, ҳарчанд факту рақамҳо, замону макони аниқ, саннаҳо, номи одамонро надоранд, аммо бо усули публитсистӣ эҷод шуда, дар он сухану шиорҳо, тарғибу ташвиқ, даъват зиёд ба назар расида, аз забони муаллифи асар баён шудаанд. Агар дар мақолаҳои публитсистии жанри журналистӣ дар асоси факту рақамҳои аниқ мавзуи баҳс ва мулоҳиза қарор гирад, дар порчаҳо лирикии асари бадеӣ хусусиятҳои бадеият, оҳанги шеърӣ, обуранги бадеӣ низ ҷой дорад, ки хонандаро ба ваҷд меорад, қаҳру ғазабашро бедор мекунад ё механдонад ё мегирёнад. Чунончи, «Дастони оҳанини металлургон, мустаҳкам чун булут ё чун хоросанг, тобутро баланд бардоштаанд. Рӯйҳо ба санг табдил ёфтаанд: ғамолуд, қаҳролуд, хомӯш, чун абрҳои сиёҳ. Агар ин абр ба абри ба ин монанд бархӯрад, оташ бармеафрӯзад, раъду барқ ба амал меояд, борони сахт ба замини сахт мерезад» [161, с. 99]. Шоирон ва нависандагони бомаҳорати аз сиёсат бохабар аз ин услуб хуб, бо истифодаи калимаву ибораҳои таъсирбахш, санъати сухан, шеърияти баланд кор мегиранд.

Достон (роман)-и «Кадевар»-и М. Давлатободӣ аслан як асари психологӣ аст, аммо дар он ҳам сабку услуби публитсистӣ ба назар мерасад. Ҳангоме ки муаллиф ба тасвири воқеаҳо дар асри Темури Ланг ва оқибати ҳуҷуми вай ба Хуросони Эрон мепардозад. Муаллиф бо ручуи публитсистӣ симои Темурро

ҳамчун таҷассуми зулму бераҳмӣ ва ваҳшоният тасвир намуда, куштору сарбурӣ, таҳқири мардум ва тозиёна задани занону модаронро маҳкум мекунад. Темур қаҳрамони ин достон нест, дар ҷойе ёдовар нашудааст, аммо бо ҳадафи ифодаи афкори сиёсӣ ва иҷтимоии хеш, муносибати худ ба бадӣ муаллиф ба ин роҳ рафтааст.

Дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ баробари нақли воқеаҳо моҳияти истибдоди Амораті Бухоро ошкор гардида, тасвири зулму ситам, худкомагӣ, фасоди мансабдорон ва бенизомӣ дар ҳокимият нишон дода мешавад. Муҳимтар аз ҳама, дар «Ёддоштҳо» иштирокчии равандҳои сиёсӣ будани С. Айнӣ маълум мегардад ва дар тамоми асар ислоҳи ҷомеа, маориф ва низоми давлатдорӣ ҳамчун як хатти фикри равшан дида мешавад.

Ҳамин тавр, «Ёддоштҳо» дорои моҳияти амиқи сиёсӣ буда, дар он тавассути таҷрибаи шахсӣ ва тсвири воқеиятҳои иҷтимоӣ низоми истибдоди Аморати Бухоро мавриди танқид қарор гирифта, муносибати дин бо ҳокимият, муборизаи неруҳои ислоҳталаб ва зарурати таҷдиди сохтори давлатдорӣ ба таври публитсистӣ инъикос ёфтааст, ки он намунаи барҷастаи публитсистикаи сиёсӣ дар адабиёти тоҷик мебошад.

Сабку услуби хоси публитсистии устод Айнӣ дар офариниши асари «Ёддоштҳо» аз тарафи нависандагони баъдинаи тоҷик пайравӣ шуд. Яке аз асарҳои муҳимми дигар, ки дар он воқеаҳои таърихӣ ва сиёсӣ ба таври фарох тасвир ёфтаанд, романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод мебошад. Дар он воқеаҳои оғози асри бистум то солҳои навадум – оғози истиқлоли мардуми Осиёи Миёна, пеш аз ҳама, халқи тоҷик тасвир шудааст. Ба вуҷуд омадани чунин асар барои адабиёти навини тоҷик воқеаи муҳимми адабӣ ба ҳисоб меравад. Чун асарҳои дигари адабии аҳаммияти публитсистидошта «Ҳайҷо» низ дорои хатти ягонаи сюжетӣ буда, дар он ҳаёти чанд насли қаҳрамонон тасвир гаштааст. Аммо фарқияти ин асар аз асарҳои дигари бадеӣ аз он иборат аст, ки як ҳиссаи муҳимми он ба таври публитсистӣ офарида шуда, ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятии давра шарҳу баён шудаанд.

Дар саҳифаҳои роман ручуъҳои зиёди сиёсӣ ва таърихӣ вомехӯранд, ки аз ҳадафҳо, сиёсатҳои пинҳонӣ ва рӯшоди давлатҳои Россия, Англия, аморати Бухоро ва ғайра нақл мекунанд. Дар бисёре аз ин порчаҳо далелҳои таърихӣ оварда шудаанд. Ҳамчунин, афкори ҷамъиятшиносии нависанда ҷойи муҳимро ишғол кардаанд. Чунончи, дар мавриди шахсони ба ном «сипоҳ», ки ақидаашонро ошкор баён намекунанд, ба рафти об бел мезананд ва пайт мепоянд, гуфтааст: «Ин фирқаи мансабдорон, ки дар ҳама давру замонҳо буданду ҳастанд, ҳамеша ақидаашонро равшан намегӯянд, пинҳон медоранд» [135, с. 44].

Яке аз махсусиятҳои услуби асари мазкур аз он иборат аст, ки дар он таҷрибаи устод Айнӣ дар истифодаи ҳодисоти таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ самаранок истифода шудааст. Бисёр саҳифаҳои асари мазкур, ки оҳанги публитсистӣ доранд, ҳам аз рӯйи сохт, ҳам забон ва ҳатто давраи тасвир ба асарҳои устод Айнӣ «Одина», «Ғуломон», «Ёддоштҳо» ва ғайра монандӣ доранд. Чунончи, ба оҳанги ҷумлаи зер таваҷҷуҳ намоед: «Ва коргарони роҳи оҳани Тошканд миёни корро шикастанд, ва шиор бардошта ба кӯча баромаданд, – эҳтироми моро нигоҳ надоред, хидмати шуморо намекунем! Ва коргарони почтаву телеграф ба онҳо ҳамроҳ шуданд» [135, с. 150]. Забон ва сабки баён ва ҳатто мазмуни порчаи мазкур порчаҳои публитсистии фаслҳои алоҳидаи повести «Одина»-ро ба хотир меоранд.

Метавон гуфт, «Ҳайҷо» танҳо асари бадеӣ нест, балки сиёсӣ ва иҷтимоист, дар он далелҳои бисёр муҳимми таърихӣ сабт гаштаанд: «Ва сад ҳазор марде, ки ҳукумати подшоҳии Рус. Дар соли як ҳазору нуҳсаду шонздаҳ аз Осиёи Миёна барои хизмати маҷбурӣ дар ақибгоҳи фронт бурда буд, баъди ғалабаи Инқилоб озод шуданду ба ватан баргаштанд» [135, с. 192]; «Бисту дувуми моҳи июни соли яку ҳазору нуҳсаду чилу якум Германияи фашистӣ аҳди дӯстие, ки ду сол пеш бо СССР баста буд, хоинона шикаст, ва ҳанӯз субҳ надамида буд, ки бо тамоми қувваи ҳарбӣ ва таблиғотияш, ғофил ба давлати шӯравӣ аз замину аз осмон якбора ҳуҷум кард» [135, с. 232]; «Ва СССР дар ин ҷанг бисту ҳафт миллион одам талаф дод, ки бисту се ҳазор нафараш аз Тоҷикистон буд»…

[135, с. 242]. Ба ин монанд дар асар порчаҳои зиёди публитсистие мушоҳида мешаванд, ки воқеаҳои муҳимми таърихи шуравӣ ва солҳои аввали пурошӯби Истиқлоли давлатии Тоҷикистонро тасвир намудаанд. Аммо чӣ тавре ки изҳор шуд, фарқияти ин порчаҳо ё руҷуъҳои лирикии таърихии публитсистӣ аз асарҳои дигари публитсистӣ аз он иборат мебошад, ки дар онҳо каломи бадеӣ, обу ранги бадеӣ мавқеи муҳим дорад ва ин ҷиҳат хонандаро шавқманд намудааст.

Аз ин муқоисаҳо бармеояд, ки нависанда ба публитсистика замоне рӯй меорад, ки ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайраро дар замони муайян тасвир карданӣ мешавад. Аҳаммияти муҳимтарини порчаҳои публитсистӣ дар асари бадеӣ тасвири ҳаёти сиёсӣ ва ҷомеа мебошад. Ба қавли А. Маниёзов, «очерку публитсистика дар бобати инъикос намудани воқеаҳои таърихӣ ва дар бар гирифтани масъалаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ воситаи муҳимме мебошанд» [148, с. 11].

Маълум аст, ки ҳодисаву воқеоти дар асарҳои бадеӣ тасвиркардаи устод Айнӣ ба даврони пеш аз ин инқилоб ва даврони Шуравӣ рост меояд. Бо вуҷуди ин, моро лозим меояд, ки аз ҳама гуна воқеоти сиёсии пешин дарси ибрат биомӯзем, дар роҳи таҳкими пояҳои Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва хештаншиносии миллат саҳми сазовор гузорем. Дар ин самт маърӯзаву суханронӣ ва ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастури амал мебошанд: «Вақте ки дар бораи фарҳанги навини тоҷикон суҳбат мекунем, аз рӯйи инсоф мешавад, агар аз дастовардҳое сухан ба миён орем, ки халқи мо дар замони шомил буданаш ба ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ ба онҳо ноил гардидааст. Дар он шароити таърихӣ, ки барои миллати мо марҳалаи воқеан сарнавиштсоз маҳсуб мегашту масъалаи ҳастию нестии миллат ва забону фарҳанги моро ба таври сунъӣ ба харитаи сиёсии тақдирнамо гузошта буданд, боз ҳам аҳли маърифат, зиёиёни шарафманд парчами муборизаро барои ҳастии таърихӣ ва имрӯзу ояндаи миллат, забон, адабиёт ва фарҳанги ӯ ба дасти худ гирифта, дар набарди шадиди зидди душманони миллати тоҷик зафар ёфтанд» [196, с. 277].

Мавқеи сиёсӣ, иҷтимоии устод Айнӣ аз ҷониби муҳаққиқон зиёд баррасӣ гаштааст. М. Шакурӣ бар он аст, ки устод Айнӣ мубориза маорифпарварӣ, иҷтимоиро дар ҷойи аввал гузошта, аз осиёби сиёсатмаобон то андозае худро дур гирифтааст. Ӯ тамоми қувваи эҷодӣ ва фарҳангофаринии хешро баҳри ноил гаштан ба манфиатҳои миллӣ, ҳақиқати зиндагӣ равона сохт.

Дар ин маврид, адабиётшинос Х. Асозода ба хулосае омадааст, ки ба осори мавсуф то даврони Инқилоби Октябр падидаи дифоъгароӣ хос аст. Истилоҳи мазкурро муҳаққиқи мазкур ба аксар маорифпарварони ду даҳсолаи аввали асри бист хос донистааст. «Падидаи дифоъгароиро ба маънии падидаҳои набард ва мубориза фаҳмидан нашояд. Падидаи дифоъ амалест, ки дар баробари даҳшатҳои ба сари кас омада қарор мегирад ва шахсро наҷот медиҳад» [70, с. 4]. Ҳарчанд устод Айнӣ узви ҳизби коммунист нашуд, аз ғояҳои он берун нарафт, «ҳар гуна қарору нишондоди ҳизбро барои беҳбудии ҳаёти халқ истифода намуд» [214, с. 39]. Симои эҷодии устод намунаи камёфти таърихӣ ва адабии ҷаҳон буда метавонад. Дар ҳақиқат, корнома ва фаъолияти эҷодии устод Айнӣ дар ҳама марҳалаҳои зиндагиаш барои насли имрӯза мактаби омӯзиши сиёсӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ мебошад. Ҳамзамон, омӯзишу таҳқиқ ва татбиқи ҳамаҷонибаи андешаҳои ватандӯстонаву истиқлолхоҳии Садриддин Айнӣ дар таҳкиму рушди давлатдории миллӣ хидмати арзанда менамоянд.

# БОБИ 3
# УСТОД АЙНӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ МИЛЛАТ ВА ЗАБОНУ АЛИФБО

Яке аз масъалаҳои баҳсноки имрӯзаи таърихи тоҷикон масъалаи маъно ва пайдоиши номи тоҷик мебошад. Дар хусуси он ки мафҳуми «тоҷик» кай ва чи хел пайдо шудааст, миёни муҳаққиқон ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Ҳатто имрӯзҳо дар сомонаҳои интернетӣ, хусусан, шабакаҳои иҷтимоӣ доир ба масъалаи мазкур идома доштани баҳсу мунозираҳо ба назар мерасад. Олимони зиёд дар ин масъала андешаҳои гуногун баён намудаанд, вале на ҳама аз он қонеанд. Номи донишмандони тоҷик С. Айнӣ, Б. Ғафуров, Т. Зеҳнӣ, М. Умарзода, А. Абдуллоев, Б. Сиёев, А. Девонқулов, Ю. Яъқубов, Ҳ. Назаров, Н. Неъматов, Ғ. Ашӯров, Р. Мусулмониён, И. Усмонов, Ғ. Ғоибов, С. Назарзода, М. Ҳотам, М. Шукурзода, Қ. Сатторӣ, Н. Амиршоҳӣ, муҳаққиқони эронӣ А. Деҳхудо, М. Муин, М. Баҳор, С. Нафисӣ, Д. Сиёқӣ, А. Сиистонӣ, А. Саҷҷодия, М. Таботабоӣ, И. Оштиёнӣ, С. Эзидӣ, М. Мираҳмадӣ, М. Сайидӣ, муҳаққиқони афғон М. Ғубор, А. Ҳабибӣ, Ҷ. Сиддиқӣ, А. Ҷовид, Ҳумом, А. Навбаҳор, М. Меҳанпараст, олимони русу ғарб В. Бартолд, Н. В. Хаников, М. С. Андреев, А. А. Семёнов, А. Ю. Якубовский, А. Н. Бернштам, Е. Э. Бертелс, А. Шишов, И. И. Умняков, В. А. Лившитс, И. Оранский, С. П. Климчитский, И. С. Брагинский, Б. А. Литвинский, А. М. Манделштам, В. М. Массон, В. А. Ромодин, И. В. Масалский, А. З. Резенфелд, Д. Лягард, А. К. Боробков, К. Риттер, А. Бобринский, И. Берёзин ва дигаронро метавон номбар намуд, ки бевосита ба мавзуи зикршуда аз ягон ҷиҳат таваҷҷуҳ намудаанд.

## 3.1. Мафҳуми «тоҷик» ва масъалаҳои забону алифбо аз нигоҳи устод Айнӣ

Маълум аст, ки таърихи пайдоиши номи тоҷикро бояд аз оғози пайдоиши ориёиҳо шуруъ намуд, зеро мувофиқ ба давру замон номҳо тағйир меёбанд,

аммо маънои худро дар вожаҳои гуногун нигоҳ доштаанд. Номи тоҷик ба монанди забони форсӣ-тоҷикӣ таърихи дуру дароз дорад. Ба андешаи таърихшинос Қаххори Расулиён, «қадимтарин навиштаҳое, ки доир ба сарзамини тоҷикон ва халқи тоҷик маълумот медиҳанд, сарчашмаҳои тибетӣ ва хитоӣ мебошанд» [191, с. 5]. Инчунин, донишмандони дигари тоҷик, аврупоӣ ва рус низ ин сарчашмаҳоро пажуҳиш намуда, хулосаҳои худро матраҳ намудаанд.

Муҳаққиқи тоҷик Муҳтарам Ҳотам дар мақолаи «Тӯли таърихӣ ва арзи ҷуғрофии сайри вожаи «тоҷик» менависад: «Дар сарчашмаҳои тибетӣ роҷеъ ба мавҷудияти кишваре бо номи Таҷик (Тоҷик) дар ҳудуди зиёда аз ҳаждаҳ ҳазор сол пеш аз ин тазаккур ба амал омадааст. Мавҷудияти кишвари Таҷик ба шарофати яке аз оинҳои куҳани бон ва ё бонпо ба илм маълум гардид, ки ҳаким ва омӯзгор Тонпо Шенраб (Миво (Мивече) аз кишвари Олмо Лунгринг асосгузори он буда, ин кишвар як қисмати сарзаминеро бо номи Таҷиг ташкил медодааст.

Тибқи таъйиноти олимон ва навиштаҳои нақшаву сарчашмаҳои тибетӣ кишвари Олмо Лунгринг бо номҳои Таҷиг, Тазиг, Тагзиг ва Татсиг ва ғайра дар самти ғарбии Тибет воқеъ будааст» [254, с. 34].

Муҳаққиқ Қ. Расулиён дар такя ба нигоштаҳои муҳаққиқон Б. И. Кузнетсов, Пер Квэри (устоди Донишгоҳи Осло), Тензин Вангял Ринпоч, Б. Шаҳсойлу (муҳаққиқи толиш), Олег Галустяк (муҳаққиқи украинӣ) ва Л. Н. Гумилёв, ки роҷеъ ба оини бон ва кишвари Тоҷик пажуҳиш анҷом додаанд, ба он назар аст, ки Тонпа Шенраб китобҳои муқаддаси мазҳаби бонро ба забони тагзикӣ (тоҷикӣ) навиштааст, ки баъдан онҳо ба забонҳои гуногун тарҷума шуда, паҳн гардидаанд.

Ба қавли Қ. Расулиён, Ҳеродот (асри V то мелод) низ дар китоби «Таърих»-аш ду бор аз тоҷикҳо ёд кардааст, ки «яке, дар мавриди молиёт дар замони давлати Ҳахоманишиён ва дигаре, ҳангоми баёни пӯшоку силоҳи тоифаҳои ҳамон сарзамин» [191, с. 13-16] мебошад.

Таърихшиноси тоҷик Юсуфшоҳ Яъқубов ба он андеша аст, ки гӯё бори аввал олими рус Н. Хаников, ки солҳои 40-50-и асри XIX дар Эрон ва

музофотҳои он бо корҳои дипломатӣ машғул буд, ба ҳаёти мардуми Хуросон аз наздик шинос шуда, онҳоро тоҷик номида, маънои онро тоҷдор шарҳ додааст. Пас аз ин, олимони зиёд сари ин масъала ақида изҳор намуданд, ки аслан ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Гурӯҳи якум, Н. Хаников, Г. Вамберӣ, М. С. Андреев, Б. Ғафуров, устод Айнӣ ва дигарон «тарафдори этнонимии аз тоҷдорӣ пайдо шудани тоҷикон буданд. Гурӯҳи дуюм, аз калимаи «той»-и тоифаи арабӣ, биёбонгард ва тоҷи арабҳо пайдо шудани тоҷик мебошанд» [289, с. 28].

Пажуҳишгар В. В. Бартолд дар як таҳқиқоташ чунин гуфтааст: «Дар китобҳо худи калимаи «араб» нест. Шояд он калимае ҳам, ки тавассути он аввал форсҳо, сонӣ чиноиҳо ва аҷаб не, туркҳо ҳам арабҳоро ифода мекарданд, яъне «тоҷик», ё ба шакли талаффузи туркӣ «тозик», «теҷик» мавҷуд набошад» [73, с. 46]. Муҳаққиқ А. Шишов дар натиҷаи муқоисаю омӯзиш таъкид кардааст: «…тоҷикони Шуғнон, Рӯшон ва Вахон нисбат ба ҳар намояндаи дигари қабилаи ориёӣ ба шарофати мавқеи ҷуғрофияшон камтар бо одамони хуни туркиву муғулӣ дошта омезиш ёфтанд, аз ин сабаб чунон аъзои оилаи ориёӣ мебошанд, ки асолати худро беҳтар нигоҳ доштаанд» [280, с. 17].

Аммо имрӯзҳо муҳаққиқону донишмандон калимаҳои дигареро, аз қабили таҷиг, тазиг, тагзиг, тадзиг, татсиг, ртамзиг, ртагзик, тачик, тезик, течик, тозӣ, тозик, тага, таговар, тат, тай, той, дай, дад, додик, дайт (аз дох-дохйа, дойҳа-дой-дойт) ва ғайра низ нишон дода истодаанд, ки ба андешаи эшон, замоне ифодакунандаи истилоҳи «тоҷик»-у халқи тоҷик будаанд.

Ба андешаи муҳаққиқ И. Усмонов, халқ дар натиҷаи зарурати ҳамзистӣ, робитаҳои мутақобил ва наздикшавии қабилаҳо ташаккул меёбад. Одатан қабилаҳои аз ҷиҳати забон ва фарҳанг ба ҳам наздик муттаҳид гардида, халқи воҳидро ба вуҷуд меоранд. Ҳамчунин, омезиши қабилаҳо бар асари ҷангу истилоҳо метавонад омили пайдоиши халқ гардад.

Акнун бинем, ки назари Садриддин Айнӣ дар ин масъала чист. Ба майдон омадани мақолаи машҳури ӯ «Маънии калимаи «тоҷик» дар луғатҳо ва ҷои кор фармуда шудани он дар таълифоти муаллифони Шарқ ва баромадгоҳи ин калима» (ҳарчанд дар дастнависи мақола номи пуррааш «Маънии калимаи

«тоҷик» дар луғатҳо ва ҷои кор фармуда шудани он дар таълифоти муаллифони Шарқ ва баромадгоҳи ин калима» бошад ҳам, аммо дар китобҳои алоҳида номи ихтисоршудаи он – «Маънии калимаи «тоҷик» ё «Манои калимаи «тоҷик» нишон дода шудааст – С. Э.) аҳаммияти ниҳоят бузурги таърихӣ ва сиёсӣ дошт. Аз ин рӯ, метавон онро дар радифи «Намунаи адабиёти тоҷик» гузошт.

Фарзанди устод Камол Айнӣ мақолаи номбаршударо на мақола, балки як асари комил меҳисобад. Ӯ дар пешгуфтори асар зери унвони «Шиносномаи миллати тоҷик» [41, с. 410-419] ба он андеша аст, ки мақолаи мазкур ҳаҷман аз мақолаҳои илмӣ хеле калон буда, дар баробари ин, се маротиба навишта шудааст.

Зимни таҳияи мақола муаллиф ба ҳеҷ ваҷҳ аз пайи дар бар гирифтани ҳамаи манбаъҳои хаттие, ки дар онҳо калимаи «тоҷик» (тозик, тожик) баррасӣ шудааст, нарафтааст, зеро ин кор дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ номумкин буд. Устод Айнӣ мақолаи худро ба панҷ қисмат ҷудо намудааст ва мо низ то қадри имкон аз рӯйи қисматҳои ҷудонамудаи устод Айнӣ мақолаи мазкурро дар муқоиса бо навиштаҳои дигар муҳаққиқону донишмандон мавриди таҳлил қарор додем.

Дар ин ҷо бояд илова шавад, ки қисме аз манбаъҳои хаттии гузашта, ки дар онҳо дар бораи калимаи тоҷик-тозик-тожик сухан рафтааст, дар навиштаҳои ховаршиносон низ зикр шудаанд ва ба ин восита дар адабиёти илмӣ дар ин бобат фикрҳои мухталифе аз тарафи Н. Хаников, В. В. Бартолд, М. С. Андреев, А. А. Семёнов, А. Ю. Якубовский, Б. Ғ. Гафуров, А. Н. Бернштам, Е. Э. Бертелс, А. К. Боровков, И. И. Умняков, Н. А. Кисляков, И. Оранский ва чанде аз шарқшиносони Шарқу Ғарб баён гардидааст.

Соли 1936 дар Сталинобод мушовараи илмӣ дар бораи таърихи халқи тоҷик доир гардид. Дар рафти ҳамоиш шарқшиноси машҳури шуравӣ Е. Э. Бертелс изҳор медорад, ки таърихи халқи тоҷикро бояд навишт, на таърихи он сарзаминро, ки ин халқ имрӯз он ҷо ташаккули давлат дорад. Аммо сарвари ҳайати Ӯзбекистон, профессор В. Я. Яротский ба ин пешниҳоди Е. Э. Бертелс изҳори норизоӣ карда, пофишорӣ менамояд, ки китоби таърихи тоҷикон «ҳама

мадорикро бидуни истисно, ҳама ҷумҳуриҳои Шуравиро, ки дар гирду атроф ҳастанд» бояд фаро нагирад, фақат ҳудуди Тоҷикистон – яъне, асли асосии таърихи тоҷикон бояд аз «Регар то Вахон» бошад ва аз ин маҳдуда берун наравад. Аз ин бармеояд, ки ин масъала, пеш аз ҳама, масъалаи сирф сиёсӣ буд.

Аммо донишмандони тоҷик бетарафӣ зоҳир накарда, пайи он кӯшиданд, ки халқи қадима ва мавқеи муайян доштани тоҷиконро дар таърихи инсоният исбот созанд. Хусусан, бо даст додани истиқлоли комил муҳаққиқони тоҷик ба пажуҳишҳои ҷиддӣ машғул шуда, баромадгоҳ ва ташаккули таърихии миллат ва номи онро муайян карда истодаанд. Имрӯзҳо низ шаклҳои гуногуни калимаҳоеро, ки аз истилоҳи «тоҷик» пайдо шуданашон шаҳодат медиҳанд, аз осори гузаштагон пайдо карда, бо таҳлилҳои амиқ пешкаши хонандагон гардонида истодаанд.

Дар қисмати аввали мақола, ки устод Айнӣ «Шаклҳои калимаи «тоҷик» [40, с. 34] номгузорӣ кардааст, худи калимаи «тоҷик»-ро дар таълифоти аҳли Шарқ ва дар маъхазҳо ба тарзҳои гуногун истифода шудани онро шарҳу эзоҳ дода, қайд менамояд, ки калимаи тоҷик дар таълифоти аҳли Шарқ ва китобҳои луғат ба тарзҳои гуногун: тоҷик, тоҷак (бе мадди зерин), тозик, тозак (бе мадди зерин), тожик зикр шудааст. Мо бояд аввал дар бораи шакли аслӣ будани кадоми ин шаклҳо ва дар хусуси сабаби пайдо шудани шаклҳои гуногуни дар боло нишондодашуда гап занем» [40, с. 34].

Ба андешаи устод Айнӣ, дар асарҳои нависандагону муҳаққиқони тоҷику форс шакли асосӣ, аввалин ва аслии ин калима «тоҷик», бо мадди зерин аст, шакли бе мадди зерини ин калима бошад, бо кайфи котибон ё ин ки барои дар вазн ғунҷондан бо хоҳиши шоирон пайдо шудааст. Дар қисматҳои баъдии мақола устод исбот менамояд, ки ин калима ба тарзи «тоҷик» бо мадди зерин дар қадимтарин дастнависҳои тоҷикӣ навишта шудааст.

Дар қисматҳои баъдӣ устод менависад, ки «шакли «тожик» бошад, аз «тозик» рӯйидааст: «Вақте ки баъзе котибони тоҷик дар асарҳои гузаштагон ин калимаро ба шакли «тозик» дидаанд ва инро ҳам дидаанд, ки ин калима ба ин шакл дар номи халқи худашон рост намеояд, дар вақти нусханависӣ ба ҳарфи

«зе» ду нуқтаи дигар зиёда карда «тожик» навиштаанд ва бинобар ин, ин шакл кам вомехӯрад ва ба ғайр аз луғатҳо дар дигар асарҳо дида намешавад» [40, с. 34].

Аз навиштаи устод маълум мегардад, ки муаллифони луғатҳо ҳар шакли ин калимаро, ки дар ҳар ҷо дидаанд ва аз ҳар кас шунидаанд, айнан дар асари худ даровварда эзоҳ додаанд.

Муаррих Ю. Яъқубов дар «Шинохти тоҷикон» ном асараш адабиёти зиёдеро истифода карда, дар охир ба фикри устод Айнӣ – тоҷик: тоҷ, тоҷдор розӣ мешавад. Масалан, ӯ дар мақолаи худ калимаҳои тоҳиё, ҳу, ҳун (зун), ҳиён, дадо, дод, доди, тот, тат, тах, тожик, тажик, тоҷик ва тозикро таҳлил менамояд. Дар аксар ҳолатҳо барои исботи фикри худ аз мақолаи С. Айнӣ низ иқтибосҳо меорад. Пас гуфта метавонем, ки ҳар он чи ки дар ин самт анҷом ёфтааст, маҳз дар асоси мақолаи устод Айнӣ рӯйи кор омадааст.

Ба андешаи ин муаррих, «вақте ки мардуми ориёӣ дар ҳалқа ва гирифтори мардуми ғайри ориёӣ шуданд, номи нави этникии онҳо бо исми тоҷик пайдо гашт» [290, с. 68].

Донишманди тоҷик Тӯрақул Зеҳнӣ бошад, бар он андеша аст, ки калимаи «тоҷик» ё ки «тозик» дар давраи Сомониён (асрҳои IX-X) дар осори таърихӣ ва илмӣ ё дар ашъори Рӯдакӣ ва муосирони ӯ ба назар намерасад.

Калимаи «тоҷик» «гоҳе дар ашъори шоирон, аз ҷумла, дар ашъори Унсурӣ, Саноӣ, Анварӣ, баъдҳо Саъдӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Хусрави Деҳлавӣ, ҳатто баъдтар дар як мухаммаси Ҳофиз зикр меёбад» [119, с. 172].

Ин андеша дар мақолаи С. Айнӣ низ мушоҳида мешавад. Аз рӯйи феҳристи адабиёти дар мақола зикршуда ба назар чунин мерасад, ки гӯё муаллиф (устод Айнӣ дар назар аст – С. Э.) фақат дар атрофи маънои калимаи «тоҷик» муҳокима ронда бошад. Аммо дар ҳақиқат чунин нест. Муаллиф барои тақвияти фикр ва мулоҳизаҳои худ оид ба калимаи «тоҷик» зарур мешуморад, ки ба гузаштаи халқи тоҷик ва бисёр масъалаҳои дигар низ дахл кунад. Дар натиҷа мо бо сарнавишти хонадонҳои халқи тоҷик чун Бармакиён, Саффориён, Сомониён шинос мешавем. Ҳамчунин, дар пеши назари хонанда чеҳраи

шахсиятҳои мардуми мо ҷилвагар мешавад, ки онҳо дар мубориза алайҳи аҷнабиён ва истилогарон ва дар мубориза бар зидди амирон ва хонҳои разили феодал ҷонбозиҳо кардаанд. Профессор И. Усмонов таъкид мекунад, ки осори Садриддин Айнӣ на танҳо таъриху сарнавишти халқи тоҷик, балки ҳаёти халқҳои минтақаи васеи Мовароуннаҳрро фаро мегирад. Азбаски ин сарзамин бо Эрон, Афғонистон, Чин ва Ҳиндустон робитаҳои амиқи таърихию фарҳангӣ дошт, навиштаҳои ӯ сарнавишти муштараки тоҷикон, ӯзбекон, туркманҳо, қазоқҳо, қирғизҳо, форсҳо, афғонҳо ва ҳиндуҳоро инъикос менамоянд.

Дар қисмати дуюми асари С. Айнӣ дар қатори «Ғиёс-ул-луғот» ва «Бурҳони қотеъ», «Қомус-ул-аълом»-и Шамсиддин Сомӣ низ хеле васеъ муҳокима ва таҳқиқ гардидааст. Дар ин ҷо бояд гуфт, ки муаллиф фақат бо нишон додани як-ду саҳви «Қомус-ул-аълом» дар масъалаи мавриди мунозира қаноат намекунад. Баръакс, нависанда бо далел ва бурҳонҳо хатои қомусро исбот намуда, сабабҳои ба вуҷуд омадани онҳоро ошкор мекунад. Яъне, як навъ заминаи ғоявии он иштибоҳот, дурустараш таҳрифи ҳақиқати ҳолро дар ғаразнокии муаллифи қомус мебинад. Инчунин, С. Айнӣ ба манбаъҳои таърихӣ, аз қабили «Таърихи Наршахӣ», «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд, «Таърихи ҷаҳонкушо»-и Алоуддин Ҷувайнӣ (Таърихи Ҷувайнӣ), китоби илми мантиқ аз «Шамсия»-и Шамсиддин Муҳаммади Ҷувайнӣ, «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Хоҷа Рашиддидини Табиб, «Равзат-ус-сафои Носирӣ»-и Ризоқулихони Ҳидоят, девон ва куллиёти даҳҳо классикони адабиёти форсу тоҷик рӯ овардааст. Аз ин бармеояд, ки устод Айнӣ ба кори илмию таҳқиқотии худ бо масъулияти баланд муносибат намуда, матнҳоро чандин маротиба бозбинӣ ва такмил медодааст. Дар раванди навишт ва таҳрири пайдарпай, мекушид ҳар як хулоса ва муҳокимаро бар пояи далелҳои муътамад, санадҳои таърихӣ ва манбаъҳои хаттӣ асоснок намояд.

Бояд тазаккур дод, ки устод Айнӣ мақолаи худро дар замоне навишта буд, ки туркманишҳо мавҷудияти тоҷиконро ҳамчун миллат рад менамуданд. Аз худношиносии тоҷикон истифода намуда, онҳоро яке турк, дигаре ӯзбак, сеюм порсизабон ва чаҳорум форс менавиштанд. С. Айнӣ дар чунин шароити

вазнини сиёсӣ тоҷик будани мардуми форсизабони Осиёи Миёнаро исбот намуд ва ба илми тоҷикшиносӣ асос гузошт. Яъне, «Садриддин Айнӣ чун ба адабиёти таърихӣ мурочиат намуд, Осиёи Миёнаро ҳамчун мамлакати тоҷикон диду шинохт» [239, с. 21]. Вале на ҳамаи паҳлӯҳои ин масъалаи мураккаб равшан гаштаанд.

Вобаста ба ин, И. Усмонов дар китоби «Сарнавишти «тоҷик» қайд мекунад, ки «таърих бисёр дидааст, ки душманони халқу забони тоҷик дар муқобили халқи мо бадкориҳо карданд. Тоҷикро «араб» гуфтанд, араб барои худашон даркор шуд, аз он даст кашиданд, тоҷикро «сарт» гуфтанд, барои худашон сарт даркор шуд, аз он даст кашиданд, тоҷикро ба номи давлатҳояш ё маҳалҳояш - суғдӣ, бохтарӣ, бухорой, бадахшӣ, раштӣ, хатлонӣ, нишопурӣ, шерозӣ гуфтанд ва ин маҳалҳо барояш даркор шуд, аз он ҳам даст кашиданд. Ҳадафи ҳамаи ин кӯшишҳо барои гурӯҳе ҳамчун халқи барои дурафтода (музофот), барои дигаре ҳамчун халқи барои Осиёи Миёна бегона маънидод кардани халқи мо мебошад» [238, с. 43]. Муҳаққиқи мазкур дар китоби «Тоҷикнома» ба ин маънӣ андеша меронад, ки «асарҳои Садриддин Айниро хонда, возеҳан мефаҳмӣ, ки ибораи «Осиёи Миёна» муродифи калимаи «тоҷик» аст. Ҳар гоҳ дар гузашта Осиёи Миёна ё Мовароуннаҳр гуфтаанд, сарзамини тоҷикро дар назар доштанд. Гарчи мафҳуми тоҷикро нагуфтанд ё хеле кам истифода бурдаанд» [239, с. 21].

Мавқеи Ю. Яъқубов он аст, ки Садриддин Айнӣ дар атрофи маънидод кардан ва пайдоиши калимаи «тоҷик» кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода, ақидаи кӯр-кӯронаи бисёр «таърихдонон»-ро рад намудааст. Вай пайдоиши вожаи «тоҷик»-ро пеш аз истилои арабҳо медонад. Зеро ин калима дар байни мардум, то аз тарафи туркҳо истило шудани Осиёи Миёна, яъне, соли 563 вуҷуд дошт. Омадани туркон ба Осиёи Миёна на ин ки дар ҳаёти моддӣ таъсир расонид, балки раванди фарҳангиро каме боздошт. Ба гуфтаи устод Айнӣ ва тақвияти Ю. Яъқубов, гӯё омадани туркҳо калимаи «тоҷик»-ро ба «тозик» ё «тожик» бадал карда бошад. Туркҳо бо тоҷикон омезиш намуда, забони гуфтугӯӣ ва

коргузории онҳоро аз бар намуданд. Онҳо, ки бо тоҷикон омезиш карданд, пас забони халқи маҳаллиро қабул намуданд.

Ҷараёни ташаккули этникии халқи тоҷик ҳанӯз дар ибтидои асрҳои миёна оғоз ёфта, асрҳои VI-VIII аввал дар шаҳру водиҳо, баъдтар дар тамоми Мовароуннаҳру Хуросон дар заминаи компонентҳои асосӣ – суғдиён, бохтариҳо, хоразмиён, хуросониён, фарғонагиҳо ва сакоиҳо қувват гирифт. Дар ҳамин давра дар ҳудуди Мовароуннаҳру Хуросон ташаккули забони ягонаи форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ оғоз ёфт, ки баъдтар ба дигар ноҳияҳои Осиёи Миёна, Эрон, Афғонистон, Туркистони Шарқӣ зуд паҳн гашта, ҷойи забону шеваҳои маҳаллиро гирифт.

Ба ибораи Ю. Яъқубов, дар арафаи ба вуҷуд омадани ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна барои тоҷикон вожаи форсизабонон нақши манфӣ бозид. «Чи тавре ки маълум аст, забони миллат ифодагари номи миллат мебошад, яъне модоме, ки халқи тоҷик вуҷуд дорад, бояд забони он ҳам забони тоҷикӣ ном дошта бошад» [290, с. 67].

С. Айнӣ сарчашмаву адабиёти нодирро истифода бурда, маънои калимаи «тоҷик»-ро ба пуррагӣ шарҳ дода, исбот кардааст, ки тоҷикон на аз «той» - тоифаи арабӣ, балки як халқи дорои таърихи кӯҳан ва маданияти бой ва тоҷдор буданд. Устод Айнӣ барои исботи ақидаи хеш аз сарчашмаҳои гуногун истифода намуда, дар мақолааш иқтибосҳоро фаровон истифода бурдааст.

«Дар «Ғиёс-ул-луғот», ки дар Ҳиндустон аз тарафи Муҳаммад Ғиёсиддин Мустафоободӣ (Ҳиндустонӣ) дар соли 1827 таълиф шудааст, дар бораи калимаи «тоҷик» ин маълумотро мебинем: «тоҷик» (бе madди зерин) ба касри ҷими арабӣ, қофи арабӣ авлоди араб, ки дар Аҷам бузург шуда бошад ва аксари эшон савдогар бошанд, лиҳозо аз тоҷик гоҳо савдогар мурод аст» [40, с. 35].

С. Айнӣ барои тақвияти андешаи худ ба маълумоти фарҳанги «Бурҳони қотеъ» такя намуда, таъкид мекунад, ки вожаи «тоҷик» шакли сабукшудаи «тозик» буда, ба мардуми ғайриарабу ғайритурк ва дар асл ба авлоди арабе нисбат дода мешудааст, ки дар сарзамини Аҷам ба воя расидаанд.

Устод Айнӣ дар мақолааш маънидоди вожаи «тоҷик»-ро дар «Ғиёс-ул-луғот» ва «Бурҳони қотеъ» аз лиҳози мантиқӣ, таърихӣ ва забоншиносӣ беасос мешуморад. Ба андешаи ӯ, «авлоди араб» ё «савдогар» донистани тоҷикон ба ягон далелу санади муътамад такя надошта, танҳо аз тахмину суханони беасос иборат аст. Садриддин Айнӣ «ба назарияи бофтаи арабҳо, ки гӯё тоҷикон «авлоди арабанд» хандида ва ба мисолҳои ба мо шинос турк набудани онҳоро низ зикр мекунанд… онро ба калимаи «тоҷ», ки зиннати сари подшоҳон ва нишонаи подшоҳии онон буд, пайванд медонад ва дар мақолаи «Таърихи як халқ» мегӯяд, ки халқ ин номро дар асри VIII гирифт» [239, с. 37].

Дар фарҳангҳо ва баъзе китобҳои таърихӣ гуфта мешавад, ки «тоҷик» гӯё маънои авлоде аз арабро дошта бошад: «Тоҷик араби дар Аҷам бузургшуда (Фарҳанги Мирзо Иброҳим). Авлоди араби дар Аҷам бузургшуда (Сормаи Сулаймонӣ). Фарзанди араб, ки дар Аҷам зоида шуд (Бурҳони қотеъ, Фарҳанги Мирзо)» [290, с. 110].

Профессор И. Усмонов дар такя ба андешаҳои устод Айнӣ қайд мекунад, ки «дар ин маънидод на як шоҳид нишон дода шудааст ва на як манбаи таърихӣ ва инчунин, ягон таҳлили забоншиносӣ карда нашудааст» [238, с. 17].

Ба ақидаи баъзе муаррихон, тоҷикон гӯё савдогарони кӯчманчие мебошанд, ки дар Муғулистону Сибир иқомат доштаанд. Устод Айнӣ ақидаи савдогар маънидод шудани вожаи «тоҷик»-ро рад намуда, таъкид мекунад, ки дар ҳеҷ давру замон савдогарон аксарияти аҳолиро ташкил надодаанд. Аксари тоҷикон дар Мовароуннаҳру Хуросон ба деҳқонӣ ва ҳунармандӣ машғул буданд. Ба андешаи ӯ, савдогарони тоҷик ҳангоми сафарҳои тиҷоратӣ ба сарзаминҳои кӯчманчиёни Муғулистону Сибир худро «тоҷикони савдогар» муаррифӣ мекарданд. Кӯчманчиёни бесавод ин ифодаро на ҳамчун номи миллат, балки ҳамчун номи касбу пеша фаҳмида, вожаи «тоҷик»-ро ба маънои савдогар қабул кардаанд.

Арабҳо ба Хуросону Мовароуннаҳр, ки вилоятҳои марказии тоҷикон буданд, омада чанд гоҳе ҳукмронӣ карданд, барои барҳам додани забон, адабиёт ва маданияти мардуми маҳаллӣ – тоҷикон кӯшишҳо ба кор бурданд.

Аммо тоҷикҳо халқи мадании ин сарзамин ва халқи шуҷоъи ватандӯст буданд, бо ихтилофҳои гуногун ҳокимият, маданият ва забони худро пеш бурда, ҳукмронии арабҳоро дар замони Сомониён барҳам доданд.

Луғатнависони бемуҳокима бошанд, ана ҳамин талқини намояндагони шовинистии арабро дар маънии калимаи «тоҷик» ба кор бурда, «тоҷик авлоди арабе, ки дар Аҷам бузург шуда баромада бошад» гуфтанд.

Агар тоҷикон дар асл авлоди араб бошанд, - суханашро давом медиҳад Айнӣ, - чаро дар намоз «Қуръон»-и арабӣ намехонданд, ё ин ки хонда наметавонистанд? Ва чӣ гуна тарҷумаи форсии сураҳои «Қуръон»-ро ба осонӣ омӯхтанд ва хонданд? Ва ҳол он ки воқеаи мазкур дар соли аввали тамоман фатҳ шудани Бухоро (94 ҳиҷрӣ - 713) рӯй дода буд, чӣ шуд, ки тоҷиконе, ки «аслан авлоди араб буданд» дар як сол забони худро гум карда, забони бегонаро аз худ карда, аз арабҳо дур шудаанд?

Аз ин рӯ, «устод Айнӣ бо овардани иқтибос аз «Таърихи Наршахӣ» тааҷҷуби худро бо ин саволҳо ифода мекунад. Агар тоҷикон дар асл авлоди араб бошанд, чаро дар намоз «Қуръон»-ро арабӣ нахонданд ё ин ки хонда натавонистанд? Ва чӣ гуна тарҷумаҳои форсии сураҳои «Қуръон»-ро ба осонӣ хонданд ва омӯхтанд?» [238, с. 18].

Баъзе муаррихон тоҷиконро «як қавме аз туркҳо» гуфтаанд. Бояд гуфт, ки халқи тоҷик дар давоми таърихи чандинҳазорсолаи худ басо фарозу фурӯди рӯзгорро дидааст. Тоҷикон аз асрҳои миёна инҷониб дар зери ҳокимияти сулолаҳои сершумори турк зиндагӣ кардаанд ва оҳиста-оҳиста дар бисёр маҳалҳо забони туркиро пазируфтаанд. Ва устод Айнӣ дар мақолаи хеш аз Шамсиддини Сомӣ иқтибос оварда, чунин таҳлил кардааст:

«Дар «Қомус-ул-аълом»-и туркӣ, ки аз тарафи Шамсиддини Сомӣ таълифаш дар охирҳои асри XIX тамом карда шудааст, дар моддаи «тоҷик» ин эзоҳотро мебинем: «… «тоҷик» - дар асл номи як қавмест аз туркҳо. Дар замони ҳозира ин ном ба як тоифаи аҳолии эрониюласли Осиёи Миёна, ки ба забони форсӣ гап мезаданд, дода шудааст.

Муаллифи «Қомус-ул-аълом» бо вуҷуди ин ки эрониюласл будани тоҷиконро тасдиқ кардааст, бе ҳеҷ асос ва ҳуҷҷат «Дар асл қавме аз туркҳо»-гуфтааст, ҳатто дар кадом замон будани ин «асл»-ро ҳам таъйин накардааст …» [40, с. 39].

Тоҷикон дар замони пеш, хусусан, дар замони Сомониён маданитарин халқҳои Шарқи Ислом ба ҳисоб мерафтанд. Дар он замон устод Рӯдакӣ, Хусравонӣ, Шаҳидии Балхӣ, Муродии Бухороӣ, Дақиқӣ ва дигар шоирони бузург ва баъд аз замони Рӯдакӣ ва бевосита ба замони ӯ расида, Фирдавсӣ, Фаррухӣ, Унсурӣ барин шоирон дар ҳамон асру замон аз миёни тоҷикон ба камол расидаанд, ки гуфтаҳои моро исбот мекунанд.

«Тоҷикон натанҳо дар илм ва адабиёт хизмат кардаанд, балки онҳо ба сифати арбоби давлат ва сиёсат ҳам дар олами Шарқ, хусусан, дар Осиёи Миёна ва Эрон нақшҳои калон бозӣ кардаанд» [40, с. 43].

Мо дар хусуси Сомониён аз ҷиҳати шуҳраташон чизе намегӯем, фақат ҳаминро хотирнишон мекунем, ки тамоми халқи тоҷик-форс дар хусуси ин ки баъд аз истилои араб мисли як миллат бо забон, адабиёт ва маданияти худ дар ҷаҳон боқӣ мондаанд, аз Сомониён миннатдоранд. Аз тоҷикон вазирон ва арбобҳои сиёсат бисёр баромадаанд ва бештари онҳо барои мустаҳкам намудани мамлакат хидмати намоён кардаанд. Вобаста ба ин, муҳаққиқ И. Усмонов ба ин андеша аст: «Чунин маъно бардоштан даркор нест, ки онҳое, ки ба забони тоҷикӣ сухан мегуфтанд, тоҷик буданд, то замони Сомониҳо мавҷуд набуданд, балки ин чунин маъно дорад, ки маҳз ҳамин халқи тоҷик, ки дар Осиё Миёна мезист, муттаҳид шуда давлати Сомониёнро бунёд гузоштанд» [239, с. 107].

Тавре аз мисолҳои овардашуда маълум мегардад, баъзе муаллифон тоҷиконро арабзодаи дар Аҷам бузургшуда номидаанд. Аз тарафи дигар, тоҷик ба маънои савдогар ва араби савдогар арзёбӣ шудааст. Ҳамчунин, аксарияти муҳаққиқон вожаи «тозик»-ро ба кор бурдаанд, ки ин шояд то як андоза дуруст ҳам бошад, зеро аз овардаҳои боло ба хубӣ пайдост, ки сухан дар бораи тоҷикон меравад, на арабон.

Бояд гуфт, ки суханони мутлақо беасос дар бораи турк будани тоҷикон низ нав нест. Ва ин даъвоҳо аз ҳар ҷиҳат хато ва ғалат мебошанд. Зеро номи тоҷикон на дар замоне ки Шамсиддин Сомӣ луғаташро тартиб дода буд, пайдо шудааст, балки дар асри I-уми милодӣ, яъне, қариб ҳазору нуҳсад сол қабл аз ин дар маъхазҳои таърихӣ бо шаклу талаффузҳои гуногун маълум будааст. Аз ин бармеояд, ки «кашфиёт»-и Шамсиддини Сомӣ бо ҷараёни фикрии ҳамонвақтаи Туркияи Усмонӣ вобаста будааст, ки он вақт чунин «назарияҳо»-и сохтаву бофта паҳн мешуданд. Ин назариячиён ғояи гӯё турк будани яке аз аҷдодони қадимаи халқи тоҷик - турҳо ва Туркистон будани Туронро иҷборан паҳн кардаанд.

Мутаассифона, солҳои баъдӣ низ чунин даъвоҳо идома ёфтааст. Масалан, турҳоро Муҳаммад Алӣ дар мақола-эссеи «Худро бишнос» турк пиндоштааст. Ӯ ба тариқи далел ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ истинод менамояд. Таъкид бояд кард, ки ҳангоме Фирдавсӣ аз гузаштаи куҳан ва гоҳе асотирӣ сухан мегуфт, вазъи мавҷудаи замонаш, воқеият бо руҳи муосир мунъакис мегардид. Эрони шарқӣ, Хуросон ва Мовароуннаҳр дар охирҳои асри Х арсаи ҷангҳои амирони Сомонӣ, ҳуҷумҳои дастаҳою қабилаҳои туркон буданд. Аз ин ҷангҳо мардуми меҳнаткаш азобу уқубат мекашиданд, садама ва хисорот медиданд. Зимнан бояд гуфт, ки Фирдавсӣ ва муосиронаш ба ҳамин сабаб туркҳоро ба тӯрониён ташбеҳ кардаанд, вале ин аз лиҳози таърих нодуруст аст.

Муҳсин Умарзода дар ҷавоб ба «эрониюласл будани тоҷикон» қайд мекунад: «… мо тоҷикон ифтихор дорем, ки бо мардуми пуристеъдоди форс ҳамнажод ва ҳамзабон ҳастем, адабиёти мо дар тӯли асрҳо муштарак буд, замонҳое буданд, ки тоҷикҳою форсҳо дар таҳти як давлат зиндагӣ мекарданд. Вале тоҷикҳо ҳеҷ гоҳ форс набуданд ва аз ин рӯ, «тоҷик» маънои форсро намедиҳад. Форсҳо аслан сокинони ҷануби Эрони имрӯза буданд, ки аз қавми порт ба вуҷуд омадаанд» [231, с. 204].

Боз меоем ба мавзуи асосии баҳси худ, ба маънои калимаи «тоҷик». Дар фарҳангҳо ва дар баъзе китобҳои таърихӣ гуфта мешавад, ки «тоҷик» гӯё маънои арабро дошта бошад. Сабаби пайдо шудани ин гуна даъвоҳои беасос

дар он аст, ки мардуми қабилаи тай дар замони Сосониён бо забони паҳлавӣ «тозӣ» ва «тозик» номида мешуд. Бинобар ин, баъзе олимон ва фарҳангнависон чунин пиндоштаанд, ки калимаи тоҷик аз қабилаи араби тай пайдо шудааст. Аз ҷумла, ин фикрро олими рус Бартолд низ дар мақолаи худ «Тоҷикон» пешниҳод намудааст. Аммо он фарҳангнависон натавонистаанд собит кунанд, ки чӣ гуна тоҷикон араб ва турк нестанду «дар асл авлоди араб» будаанд. Бо вуҷуди ин, вақтҳои охир масъалаи пайдоиши калимаи «тоҷик» диққату эътибори аҳолии кишвар ва олимонро бештар ҷалб намудааст.

Устод Айнӣ иқтибосҳои зиёде аз маъхазҳои гуногуни таърихӣ пай дар пай оварда, аз корнамоии мардони баору номуси тоҷик аз асри X то асри XX ёдовар мешавад. Инчунин, исбот менамояд, ки муаллифон дар асарҳои худ калимаи «тоҷик»-ро ба шаклҳои гуногун истифода намудаанд ва ин гувоҳ аз он аст, ки худи муаллифон таҳлили амиқ накарда, балки аз рӯйи шунидаҳояшон вобаста ба ҳамон ривояту нақлҳо андешаҳои худро ҷой додаанд. Ҳамчунин, дар ин қисмат С. Айнӣ барои тақвияти фикри худ ва рад намудани навиштаи муаллифи «Қомус-ул-аълом» ба таври сода аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ аз ваҳшониёти гитлерчиён ёдовар мешавад. Ва дар қисми поинтар аз тоҷики асил будани Бармакиён, дар форсӣ ва арабӣ балад будани Низомулмулк ва аз тоҷу тоҷдории тоҷикон сухан рондани Низомулмулку Маликшоҳ дар замони ҳукмрониашон, дар давраи Ҳалокхон ва авлоди ӯ Хоҷашамсиддини Муҳаммади Ҷувайнии соҳибдевон ва бародари ӯ Алоуддин Атомалик Ҷувайнӣ, ки илм, адабиёт ва умуман, маданияти миллиро ривоҷ додаанд, ёдовар мешавад.

Баъдан устод Айнӣ мавқеъ ва шаклҳои дигари кор фармуда шудани калимаи «тоҷик»-ро мавриди таҳлил қарор медиҳад, ки ин қисмати алоҳидаеро дар мақолаи мазкур фаро мегирад.

«Умуман, дар адабиёт - хоҳ дар адабиёти нафиса бошад ва хоҳ дар адабиёти илмӣ ва таърихӣ калимаи тоҷик ба сифати номи як халқи форсизабон кор фармуда шуда, дар бисёр ҷойҳо ба калимаҳои турк, араб ва муғул муқобил гузошта шудааст» [40, с. 48], - мегӯяд дар оғози ин қисмат устод Айнӣ. Сипас дар ҳамин қисмат С. Айнӣ аз асарҳои мухталиф, ки дар асрҳои гуногун таълиф

шудаанд, ба тартиб мисолҳо меорад. Устод аз «Куллиёт»-и Ҷомӣ як мисол, аз асари дастнависи Хоҷаабдухолиқи Ғиҷдувонӣ (ин номро устод Айнӣ бо номи асари Хоҷа Абдулқодири Холиқи Ғиждувонӣ низ зикр кардааст – С. Э.), ки дар Ҳиндустон китобат карда шудааст, ду мисол, аз маҷмуаи матнҳое, ки Бартолд ҷамъ карда, соли 1898 дар Петербург чоп кардааст, як мисол, аз асари «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Хоҷа Рашидаддини табиб се мисол ва аз «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд бисту як мисолро чун намуна барои исботи фикраш овардааст.

Ҳамчунин, ба мисолҳои овардашуда қаноат накарда, «Равзат-ус-сафо»-и Носириро дар алоҳидагӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, чанд мисолро барои намуна қайд мекунад.

Устод Айнӣ метавонист боз садҳо мисоли марбут ба ин мавзуъро аз асарҳои гуногун гирдоварӣ намояд, ки вожаи тоҷик дар шакли аслиаш истифода шудааст, аммо аз чӣ бошад, ки бо овардани чунин мисолҳо иктифо мекунад. Ба таъкиди худи устоду дигар муҳаққиқон, С. Айнӣ зиёдии вақтро ба назар гирифтааст. Бо вуҷуди ин, дилхоҳ муҳаққиқу мунаққид баъди мутолиаи асари зикршуда ба саволҳои худ посух ёфта метавонад.

Устод Айнӣ дар охири навиштаҳои худ ба хулосае омада, барои хонанда андешаву пешниҳодоти худро ба таври алоҳида нишон медиҳад. Дар зимн, бо таҳлили асарҳои муҳаққиқону донишмандон муайян менамояд, ки калимаи «тоҷик» ба сифати як халқи фосизабон дар замонҳои хеле қадим истифода мешудааст ва Хулосаи устод Айнӣ қобили дастгирӣ буда, бар асоси он вожаи «тоҷик» нахуст ҳамчун номи мардуми форсизабони Осиёи Миёна ва Хуросон истифода гардида, баъдан нисбат ба тамоми форсизабонони ҷаҳон ба кор рафтааст.

Устод Айнӣ тавонист бори дигар исбот намояд, ки фарзандони тоҷикро аз қадим, ки худро «тоҷик» номидаву бо ҳамин ном ба дигар мардумон муаррифӣ шудаанд, мешиносанд.

Ҳамчунин, устод Айнӣ дар ҷойи дигар қайд менамояд: «Дар аввал мақому шаклҳои гуногуни калимаи «тоҷик»-ро нишон дода гуфта будем, ки шакли аслии ин калима «тоҷик» буда, муғулҳо ва туркҳои қадимӣ ин калимаро гуфта

натавониста, бо табдил кардани ҳарфи «ҷ» бо «з» «тозик» гуфтанд ва ин қавли худро бо мисолҳои гуногун, ки аз таълифоти асарҳои гуногун гирифта шудаанд, исбот ва таъкид ҳам шуд ва инчунин, маънии калимаи «тоҷик» ба сифати як халқи форсизабон будан низ дар боло бо далелҳо ва мисолҳои аз муаллифони гуногун гирифташуда исбот карда шуд. Аммо чӣ будани маънии аслии калимаи «тоҷик» ва қатъи назар аз номи як халқи форсизабон будан, чӣ маънӣ доштани он ва баромадгоҳи он ва инчунин, ба чӣ сабаб ба як халқи форсизабон ном шудани ин калима то ҳол равшан карда нашудааст.

Аз рӯйи таҳлилҳои устод Айнӣ ва дигар муҳаққиқон ба чунин хулоса меоем, ки фарҳангнависони тоҷик аксар аз якдигар нусхабардорӣ кардаанд. Маълум аст, ки мусулмонон ва фарҳангнависони онҳо коре мекарданд, ки худро ба миллати араб наздик кунанд. Аз ҷумла, дар калимаи «тоҷик» аз рӯйи қоидаи муаррабсозӣ «ж» ва ё «ҷ»-ро ба «з» табдил кардаанд. Аз тарафи дигар, «дабирони хоси девонӣ ҳам дар аҳди Сомонӣ ва Ғазнавӣ фармонҳо, мактубҳо ва дафтарҳои давлатиро ба арабӣ ривоҷ доданд» [119, с. 180], баъзе калимаҳоро шаклан тағйир медоданд. Зеро дар таърихи Байҳақӣ низ дар ҳама ҷо тоҷикон ба шакли «тозик» қайд шудааст. Ва ҳамин арабипарварӣ ба дараҷае расида буд, ки баъзе соҳибмансабони тоҷики дарборӣ дар оила ба забони арабӣ гап мезаданд ва фарзандони худро аз хурдӣ ба арабӣ саводнок мегардонидаанд. Ном ва насаб, куниҳоро ба таври арабӣ мемондаанд: Абумуслим, Абуалӣ ибни Сино, Уммиқулсун ва амсоли инҳо.

Ба таъкиди И. Усмонов, «ин таъсири дарборе буд, ки ба хилофати араб такя дошт ва дар он талошҳои худширинкунии иддае аз дарбориён дар муқобили халқи худашон тамом мешуд». Бо вуҷуди ин, «араб забони худро давлатӣ карда, ривоҷ дода натавонист, зеро мубаллиғ на худи арабҳо, балки сокинони таҳҷоии мусулмоншуда – тоҷикон буданд» [238, с. 27-28].

Ба таъкиди устод Айнӣ, калимаи «тоҷик» аз се ҷузъ иборат аст: «тоҷ-и-к». Якум тоҷ аст, ки зиннати сари подшоҳон ва нишонаи подшоҳии онон буда, номи дигари вай дар форсӣ «афсар» ва дар арабӣ «иклил» аст; дуввум ҳарфи «ӣ»-и нисбат аст, масалан, мо «бухорой, самарқандӣ, хуҷандӣ» гӯем ҳамин «ӣ»

ҳамроҳ мешавад ва чизҳо, ё шахсҳои ба ин шаҳрҳо мансубро мефаҳмонад; ҷузъи савум ҳарфи «к»-и исмӣ аст. Ҳар вақт калимаи сифат, ё калимаи исми онро номи чизи махсус кардан хоҳанд, ин ҳарфро дар охири он калима ҳамроҳ мекунанд ва ин ҳарф ин калимаро исми хос мегардонад ва барои муқоиса калимаҳоро мавриди таҳлил қарор додааст. Барои мисол боз калимаҳои даст-даста-дастак, дон-дона-донак, барг-барга-баргакро гирифта, шарҳ дода, муқоиса мекунад.

Ин ақидаи устод Айниро на ҳама дастгирӣ кардаанд. Аз ҷумла, В. В. Бартолд бар он андеша аст: «Ақидаеро, ки қаблан хеле зиёд вомехӯред, яъне, аз истилоҳи «тоҷ» пайдо шудани номи тоҷикро бечуну чаро ҳам аз нигоҳи лингвистӣ ва ҳам сабабҳои таърихӣ рад кардан даркор аст» [72, с. 470].

Профессор И. Усмонов ақидаи В. В. Бартолдро дар китоби «Тоҷикон» чунин шарҳ медиҳад: «… вай ба ақидаи тамоман беасоси бофташудае мӯътақид аст, ки мувофиқи он калимаи «тоҷик» аз калимаи «тай», ки ҳанӯз дар асри II онро чун намояндаи ҳамаи бадавиҳо шинохтаанд, бармеояд ва калимаҳои паҳлавии «таҷук» ва армании «таҷик» ва чиноии «дашӣ» гӯё ҳамин маънои арабро доштаанд» [230, с. 42].

Маълум аст, ки адабиёти нафисаи бузург ҳамеша як навъ оинаи рӯзгори гузашта ва имрӯзаи ин ва ё он халқ буда, нишондиҳандаи ҳаёти иҷтимоӣ ва мадании мардумон, тақдири халқ, сарнавишти фарзандон ва як навъ намоишгоҳи муборизаи онҳо, лавҳаҳои зиндагии пурошӯб ва ё зисти онҳо буд ва мебошад. Аз таҳқиқоти устод Айнӣ бармеояд, ки калимаи «тоҷик» ҳамеша дар вартаи муборизаи идеологӣ ва сиёсӣ будааст, зеро ин истилоҳ ҳамеша бо тақдири хоку замин ва забону маданияти халқи тоҷик як буда, дар тамоми қарнҳои гузашта мавриди мубориза қарор гирифта будааст.

Ин мақолаи устод Айнӣ – «Маънии калимаи «тоҷик», ки аз аҳаммияти бузурги илмӣ бархӯрдор аст, дар қисмати охири китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» (Душанбе: «Адиб», 2010) низ чоп шудааст. Мақолаи мазкур рисола ё таҳқиқоти пурраест, ки аҳаммияти худро ҳеҷ гоҳ гум нахоҳад кард ва тамоми таҳқиқоти минбаъд анҷомдодашуда дар ин мавзуъ дар саҳеҳӣ, услуби таълиф,

дақиқӣ, сабку забон ба он ҳамсанг буда наметавонад. Дар корҳои дар ин мавзуъ анҷомдодашудаи баъдина то ба имрӯз, албатта, калавише, баландравие, ҳатто хатоҳои мантиқӣ мушоҳида мешаванд. Аммо таҳқиқоти С. Айнӣ аз ин норасоиҳо орӣ буда, бо як услуби олимона ва аз рӯйи далелҳои илмиву мантиқӣ таълиф гардидааст. Сабаби таълифи чунин як мақола дар солҳо аз ватандӯстӣ, ҳисси миллатшиносии устод дарак медиҳад. Рисола аз панҷ қисмат иборат буда, дар он оид ба шакли калимаи «тоҷик», таърихи баромади он, истифодаи он дар луғатҳову китобҳои таърихӣ, маънои он ба қавли гузаштагону маънои аслии калима далелу хулосаҳои пурқимат баён шудаанд. Нахуст, устод ба мулоҳизаҳои ғайримантиқии баъзе гузаштагон оид ба пайдоиши калимаи мазкур, авлоди араб будани қавми тоҷик эроди сахт гирифта, онро «аз мантиқ хеле дур» ва «варсоқихонӣ» номида, халқи тоҷикро «маданияти бисёр қадими дурахшон дорад» гуфтааст.

Устод Айнӣ таъкид мекунад, ки арабҳо ҳамчун истилогар ба Хуросону Мовароуннаҳр омада, барои маҳдуд сохтани забон, адабиёт ва фарҳанги тоҷикон кӯшиш кардаанд. Аммо тоҷикон ҳамчун мардуми соҳибтамаддун, шуҷоъ ва ватандӯст бар зидди ҳукмронии бегона мубориза бурда, забону фарҳанг ва ҳокимияти миллии худро ҳифз намудаанд. Ин мубориза дар замони Сомониён бо барҳам хӯрдани ҳукмронии арабҳо ва эҳёи давлатдории тоҷикон анҷом ёфтааст. Чӣ тавре ки устод Айнӣ зикр мекунад, арабҳо аз қувват гирифтани забон ва руҳи миллии тоҷикон меҳаросанд, ба ҳокимияти худ таҳдидеро мебинанд ва нисбат ба давлатдории тоҷикон, намояндагони миллати мазкур, ки дар корҳои давлатӣ мансабҳоеро соҳиб шудаанд, ҳисси душманӣ пайдо мекунанд. Онҳо бисёр донишмандони бузурги тоҷик, аз ҷумла, Абуалӣ ибни Синоро, ки ба қавли Айнӣ «дар тоҷик буданаш ҳеч шакку шубҳае нест, араб меноманд». Ин ҷо устод Айнӣ ба «Таърихи Наршахӣ» истинод карда, мегӯяд, ки дар вақташ ба мардуми Бухоро иҷозат дода шуд, ки «дар намоз тарҷумаи форсии сураҳои Қуръонро хонанд». Сипас, устод хулоса мекунад: «Пас маълум мешавад, ки дар ҳамон вақт – дар соли 713-94 ҳиҷрӣ ҳам тоҷикҳо як қавми форсизабон будаанд» [41, с. 420]. Профессор И. Усмонов менависад,

ки «ҳар даъвою навиштаҳои дар ин мавзуъро ин ҳақиқати содда низ инкор мекунад: араб буд ва имрӯз ҳам ҳаст, яъне, вай тоҷик нашудааст» [240, с. 105]. Устод Айнӣ аз қаҳрамониҳои мардуми Самарқанд бо сарварии Спитамен алайҳи Искандари Мақдунӣ сухан ронда, онҳо - «партизанҳои ватандӯсти Суғд» (*мулоҳиза кунед, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки ҳаракати партизанӣ дар минтақаҳои ишғолшуда шуруъ гашта буд – С. Э.)*-ро «бобо ва аҷдоди тоҷикони имрӯза», Абумуслими Хуросониро, ки «хилофати Уммавиёнро зеру забар кард» «тоҷик буд» ва ҷамъияти онҳоро «тоҷикони Мовароуннаҳр ва Хуросон», Муқаннаъро, ки «ба арабҳо шикасти ҷиддӣ дод», «як тоҷики шустагар» меноманд. Воқеан, дар ин мақола даҳҳо маротиба калимаи «тоҷик» бо ифтихор зикр гаштааст. Ҳамчунин, аз корномаи зани яке аз сарҳангони Абӯмуслим, ки ба асорати арабҳо тан надода, худро бо шамшер зада нобуд кардааст, нақл карда, «ана, ҳаминҳо ҳам тоҷик буданд», мегӯяд. Дар бораи ёрони Муқаннаъ, ки «сафедҷомагон» ном доштанд, мегӯяд, ки «аз номашон ҳам маълум аст, ки тоҷик буданд», Сипас ба замони наздиктар омада, бо ифтихор Восеъро (асри XIX) «як тоҷики ҷувозрони кӯҳистонӣ», калтакдорони сурхро (асри XX) «тоҷик буданд» номида, қайд мекунад, ки тоҷикон ҳеҷ вақт тарсу набуданд ва бар зидди адӯ мубориза мебурданд ва дар он рӯзҳо (*замони таълифи мақола дар назара аст – С. Э.*) бар зидди таҷовузи Гитлер ба мудофиаи Ватан хестаанд.

Устод Айнӣ дар ин мақола изҳор медорад: «Тоҷикон дар замони пеш (масалан, дар замони Сомониён) маданитарин халқҳои Шарқи ислом буданд»; «Аз миёнаи тоҷикон ва дар асри X расида баромадани устод Рӯдакӣ як ҳодисаи тасодуфӣ набуда, балки ифодакунандаи таланти миллии халқ аст» [41, с. 423]. Таъкид месозад, ки баромадани шоирону донишмандони зиёд ифтихори таърихи тоҷикон мебошад. Ин хидмати маданиятрасонии худро тоҷикон дар асрҳои баъдина низ иҷро карда омадаанд. Қайд мешавад, ки намояндагони донишманди тоҷик дар дарбори халифаҳои араб, салҷуқиён ва ғайра хидмати бузургро анҷом дода, тақдири чун оли Бармакиён, Низомулмулк, Шамсиддин Ҷувайнӣ ва Алоуддин Ҷувайнӣ бо вуҷуди заҳматҳои зиёдашон аз тарафи

бегонагон қадр нашуд. Хидмату фоҷиаи онҳоро устод Айнӣ муфассал баён месозад. Ҳатто Абоқохон барин ҷаллод нисбат ба Шамсиддини Ҷувайнӣ иқрор мешавад, ки ин тозик (тоҷик) аҷаб марди ҳушёр будааст. Мутаассифона, ин мардони наҷиб аз дасти ҳокимони ҷоҳилу хунрез ба қатл расонда шуданд, аммо номи он ҳокимон намонд, вале номи донишмандон ба некӣ дар хотираи ҷаҳониён боқист. Устод Айнӣ ба он таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир кардааст, ки ин мардони бузург аз қавми тоҷик буданд.

Дар рисолааш устод Айнӣ аз асари машҳури Мирхонд «Равзат-ус-сафо» фаровон истифода кардааст. Маълум мешавад, ки дар ин асари машҳур зимни воқеаҳои муҳимми таърихӣ калимаи «тоҷик» зиёд ёдовар шудааст. Устод Айнӣ барои исботи нақши тоҷикон дар рушди ҷомеа, маданияту фарҳанг аз ин асар истифода бурдааст. Муҳим аз ҳама, он чиз муайян мегардад, ки аҳолии Мовароуннаҳру Хуросон тоҷик будаанд. Ҳамчунин, устод Айнӣ дар асоси сухани Чингизхон, ки муаллифи «Равзат-ус-сафо» овардааст, таъкид месозад: «…сухан дар бораи тайёрӣ дидани Чингизхон барои ҳуҷум кардан ба мамлакати Мовароуннаҳр, Хуросон ва Эрон меравад - ҷойи диққат дар ин аст, ки Чингизхон мамлакатҳои мазкурро вилояти тозик (тоҷик) гуфтааст» [41, с. 432]. Ба қавли устод Айнӣ, вақте ки «сухан дар бораи лашкаркашии Шоҳрух ибни Темур аз Ҳирот ба Озарбойҷон баъд аз вафоти Темур меравад» [41, с. 432], Мирхонд аз ҳисоби мардуми тоҷик ҷамъ шудани лашкариёнро қайд кардааст, ин маънои онро дорад, ки «ғайр аз Мовароуннаҳр дар дигар ҷоҳо ҳам тоҷикон будаанд» [41, с. 435]. Ҳамин тавр, агар аз асари Мирхонд маълум мегардад, ки то асри XV аҳолии ин сарзамин тоҷик будаанд, баъди ин, аз асари ба ҳамин номи Носирӣ ном таърихшиноси дигар, ки идомаи мантиқии «Равзат-ус-сафо»-и пешин аст, собит мегардад, ки дар асрҳои XVIII-XIX низ мардуми ин кишварҳо тоҷик будаанд. Дар бобати асрҳои боқимонда бошад, аз таълифоти худи Айнӣ метавон ба хулосаи даркорӣ омад.

Сипас устод Айнӣ аз мулоҳизаҳои боло ба се хулосаи муҳим омадааст, ки то андозае пешниҳодҳои ӯро дар бар мегиранд. Аз ҷумла, «Калимаи «тоҷик» ба сифати номи як халқи форсизабон сараввал ба мардуми форсизабони Осиёи

Миёна ва Хуросон кор фармуда шуда, баъд аз он ба ҳамаи форсизабонони рӯйи дунё ба кор бурда шудааст. Ҳамин тавр, «тоҷик» ба номи як миллати бузург, ба «номи миллӣ» табдил ёфт. Дар ниҳоят, Садриддин Айнӣ барои исботи таърихи қадима доштани халқи тоҷик аз сарвари ҳамонвақтаи Шуравӣ аз мазмуни суханронии Сталин далел овардааст: «Мазмуни мухтасари қавли рафиқ Сталин дар хусуси калимаи «тоҷик» ва сабаби дода шудани ин ном ба ин халқ ин аст, ки халқи тоҷик аз ҷумлаи халқи Эрон буда, дар замонҳои қадим маданияти бисёр дурахшон дошт. Бинобар ин, калимаи «тоҷик»-ро, ки мансуб ба «тоҷ» аст, ба ин халқ ба сифати як номи ифтихорӣ додаанд» [41, с. 384].

Аз мутолиаи мақолаи зикршудаи устод Айнӣ бармеояд, ки дар ҳамон солҳои вазнини Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо мақсади баланд бардоштани руҳи миллии тоҷикон, ҳисси ватандӯстии ҳамқавмон, ҷалби онҳо ба мубориза алайҳи душманон, муттаҳидии тоҷикони тамоми ҷаҳон устод Айнӣ бо ин мақолаи муҳимми худ саҳми сазовор гузоштааст. Чӣ тавре ки худ мегӯяд, қалам шамшери ӯ гаштааст.

Аз таҳлили мухтасар ва иҷмолии афкори муҳаққиқон, ки номашон зимни таҳқиқ дар боло зикр шуд, дар хусуси маънии вожаи «тоҷик» метавон ҳадс зад, ки ҷуз ду-се пешниҳод дигар дар ҳама маврид нуқтаи назари эшон бо андешаҳои устод Айнӣ, ки дар мақолаи «Маънии калимаи тоҷик» муфассалан баён гардидааст, қаробот дошта, он фикрро, ки тоҷикон миллати қадимтарин дар рӯйи олам буда, бинобар аз нажоди озодагон будан шоҳони онҳо ба сар тоҷ мениҳанд, тасдиқ мекунад.

Донишманди тоҷик И. Усмонов ин нуқтаро ҳам таъкид медорад, ки «аз тоҷик будан, тоҷикӣ сухан гуфтан ифтихор кардан, ҳамзамон бо он эътироф кардан ва дар ҷои лозима зикр кардан, ки замоне халқамонро хеле кам ба ин ном ёд мекарданд ва забонамонро тақрибан ҳамеша бо номи дигар тазаккур медоданд, таърихи воқеии мост... Вале имрӯз мо тоҷикему забонамон тоҷикист, ҳамчун халқи мо танҳо дар Тоҷикистон ва Афғонистон ба номи «тоҷик» шинохта шудему натанҳо миллатпарасти миллатсози бузургони Осиёи Миёна – С. Айнӣ, А. Муҳиддинов, С. Ализода, Ш. Шотемур, Н. Махсум, Б. Ғафуров, Э.

Раҳмон, балки ватанпарастии Ҳабибулохон ва Аҳмадшоҳи Масъуд низ ном ва забони миллати моро пок кардаанд» [238, с. 44].

Имрӯз, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибистиқлол, соҳиби забон ва хат аст, муҳимтар аз ин, дар харитаи ҷаҳон ҳудудҳои худро дорост, пас зарур аст, ки «калимаи «тоҷик»-ро дар он сарзамине, ки ҳазорсолаҳо боз ин халқ зиндагӣ мекунад, хор ва беобрӯ накунем», зеро ин омили аз арсаи илму таърих нобуд сохтани номи тоҷик аст.

Мусаллам аст, ки яке аз нишонаҳои асосию аслии ҳар миллат забони он ба шумор меравад. Маҳз забон (хат ва алифбо)-и қавму миллат омили муаррификунанда ва барои қарну асрҳо бақои ҳастӣ ва пойдории миллатҳоро ташкил медиҳад. Табиист, ки Садриддин Айнӣ ба масобаи як маорифпарвару зиёӣ рушду тараққии маънавию иқтисодии ҷумҳурии навтаъсиси Тоҷикистонро дар дараҷаи саводу донишазхудкунии қишрҳои гуногуни ҷомеаи навин медид. Тавре ки дар аввал ишора шуд, С. Айнӣ анъанаҳои маорифпарваронаи мутафаккирону шоирони пешгузаштаи худро идома дода, дар зимн, бо тағйиру дигаргуниҳои бузурги сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангие, ки бо пирӯзии Инқилоби Октябр ва таҳкими сохти нав – Давлати Шуроӣ ба вуқуъ пайвастанд, андешаю афкори худро барои пешрафту тараққии ояндаи миллати тоҷик дар як силсила мақолаҳои пурмуҳтаво ва омӯзандааш иброз намудааст. Аз ҷумла, дар мақолаҳои «Дунёи нав ва алифбои нав» ва «Қавми тоҷик ва рӯзнома» ин мулоҳизаҳои устод хеле амиқу муассир ва ҳидояткунанда ба назар мерасанд. Чун шинохти миллат аз чигунагии саводу дониш ва тафаккуру ҷаҳонбинӣ вобастагӣ дорад, забон ва хату алифбо ҳамчун инъикосгари ин омилҳо ба дараҷаи масъалаи муҳимми барҷастаи миллӣ мебарояд. С. Айнӣ амиқ медонисту дарк мекард, ки забон на танҳо оинаи тамомнамои ҳаёти фарҳангию иҷтимоии миллат аст, балки дар ҷодаи то ҷӣ ҳад инкишофу рушд ёфтани минбаъдаи он рукни асосӣ ҳисоб меёбад. Устод Айнӣ ба сифати равшанфикри соҳибназар дуруст таъкид мекунад, ки масоили миллӣ ва соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ (кишоварзӣ, саноат, иқтисод, маориф, тиб ва ғайра) ҳамон вақт

ҳалшуда ҳисобида мешаванд, ки агар намояндагони миллат (тамоми табақаҳои ҷомеаи даврони ҷадид) босавод ва дорои хату алифбо бошанд.

Дар ин боб, ҳамзамон, мақсад гузоштем, то дар мавриди чанде аз навиштаҳои устод Айнӣ, ки ба забону алифбои навини тоҷикон бахшида шудааст ва яке аз масъалҳои асосии замон маҳз баҳси забону алифбо буд, андешаронӣ кунем.

Таърихи инсоният собит намудааст, ки забон на фақат ифодагари арзишҳои маънавӣ, балки василаи ба вуҷуд омадани худшиносии миллӣ ва ҷунбишҳои озодихоҳӣ низ будааст. Дар охири асри VIII баробари суст шудани хилофати араб аввалин омиле, ки мардумро ба худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ равона сохт, нуфуз ва эътибори забони форсии тоҷикӣ буд. Баъдан (яъне, асрҳои IX-XII) забон аҳаммияти сиёсӣ пайдо намуда, адибон ва таърихнигоронро водор менамуд, ки забони адабиро ба забони омма наздик намоянд. Зеро забони арабии ҳукмрон натавонист, ғайр аз адабиёти динӣ дар дигар ҷабҳаҳои ҷомеа мавқеи муҳим пайдо кунад. Бинобар ин, мардуми худшинос ва фарҳангпарвари тоҷик аз донишмандони замони худ талаб мекарданд, ки асарҳои дарбаргирандаи арзишҳои фарҳангию миллӣ, ки бо забони арабӣ эҷод шуда буданд, ба форсӣ тарҷума намоянд.

Маълум мегардад, агар масъалаи дар тамоми соҳаҳо ҷорӣ намудани забони тоҷикӣ ва бо услуби содаву оммафаҳм таълиф намудани тамоми осори илмию адабӣ дар асрҳои IX-XII аҳаммияти сиёсӣ дошта бошад, пас дар давраҳои минбаъда, пас аз ҳуҷуми муғул то охири асри XIX**,** чи дар Мовароуннаҳр ва чи дар Эрон, он аҳаммияти миллӣ (умумихалқӣ) пайдо мекунад. Чунин ба назар мерасад, ки то миёнаҳои асри XIX забони тоҷикӣ ба чунин вазъи мушкил рӯ ба рӯ шуд, яъне, забони адабӣ бо сабаби муаррабӣ (пурарабӣ) ва мушкилбаёнӣ дар баъзе мавридҳо аз забони омма фарсаххо дур гашт.

Анъанаи сохтани забони тоҷикӣ дар асри XIX аҳаммияти бештаре пайдо намуда, масъалаи зарурати ислоҳи забони адабӣ чун дар замони Сомониён ба миён омад, зеро заминаи аввалине, ки давлати навтаъсиси тоҷиконро

устувор месохт, тавассути забони оммафаҳм саводнок кардани мардум буд. Гарчанде ин масъала аз давраи Аҳмади Дониш сар шуда бошад ҳам, интихоби забони адабии умумӣ барои тоҷикон аз нимаи солҳои 20-ум ба миён омада, боиси баҳсу мунозираи муҳаққиқон, сабабгори дар матбуоти даврӣ ба вуҷуд омадани мубоҳиса дар атрофи забони тоҷикӣ гардида буд ва аз ҷониби муҳаққиқон масъалаи сохтани забони адабӣ бо шартҳои муайян пешниҳод мешуд, яке дигареро дастгирӣ мекард ва ё яке фикри дигареро инкор мекард. Даъвоҳо сари ин масъала зиёд буданд ва устод Айнӣ яке аз онҳое буд, ки дар ин масъала бетараф буда наметавонист.

Устод Айнӣ ва ҳамқаламону ҳамсафони ӯ бо мақолаву маърӯзаҳои хеш кӯшидаанд, то халқи тоҷикро ба оламиён ҳамчун миллати соҳибфарҳанг дар сарзамини Осиёи Миёна муаррифӣ кунанд. Хусусан, устод Айнӣ тавассути навиштаҳои худ, ки бештар дар «Раҳбари дониш» чоп мешуданд, фикрашро баён менамуд. Яке аз мақолаҳое, ки соли 1928 дар «Раҳбари дониш» рӯйи чоп омад, ин «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ» ном мақолаи устод буд. С. Айнӣ дар ин мақола хусусиятҳои фарқкунандаи забони тоҷикиро аз забони форсӣ муайян намуда, паҳлуҳои гуногуни масъаларо шарҳ додааст. Аз ин ҷост, ки ӯ на танҳо бунёдгузори адабиёти нави тоҷикии шуравӣ, балки поягузори марҳалаи нави ташаккулу рушди забони адабии тоҷик низ эътироф гардидааст. Воқеан, аз мақолаи Тӯрақул Зеҳнӣ, ки соли 1928 дар рӯзномаи «Овози тоҷик» бо номи «Фикри ман дар бораи забони чопагӣ» нашр шудааст, бармеояд, «дар анҷумани якуми алифбои нав масъалаи забони тоҷикӣ хеле яке аз масъалаҳои серҷанҷол шуда гузашт. Баъзе забони Эрон, баъзе забони Рӯдакӣ, гурӯҳе ҳам забони одии халқро дар доираи қоида ва дастур даровroutданро таклиф менамоянд. Қисми бузурге тарафдори сода кардан, ба халқ наздик будани забони чопаи ҳозираро лозим дониста...» [120, с. 52] талош меварзиданд. Ба даъвоҳои гурӯҳи аввалин, ки тарафдори «забони Эрон» буданд, устод Айнӣ дар мақолаи худ низ навиштааст, ки «агар ба сари забони нашри матбуоти имрӯзаи Эрон биёем, масъала ранги дигар мегирад. Зеро забони нашри матбуоти имрӯзаи Эрон 60-70 фоиз ба

арабиҳои мушкил омезиш ёфтааст, ки гумон намекунам онҳоро ҳар эронии саводнок ҳам бифаҳмад, чи ҷои тоҷикон» [25, с. 351].

Садриддин Айнӣ оид ба кор фармудани баъзе суханҳои арабӣ, ки дар забони форсии тоҷикӣ ҳазм шуда буд, зид набуд ва кор фармудани истилоҳҳои илмии арабиро, ки аз имрӯзаи форсӣ ё тоҷикӣ ба ҷои онҳо сухани қобиле ёфт намешавад, лозим медонист. Лекин на ба он дараҷа, ки аз забони форсӣ танҳо одат боқӣ монад, ё баъзе суханҳои дар форсӣ ҳазмшудаи арабиро ба қоидаи араб ҷамъ карда, хонандагонро ба кофтукови луғат ва сарфу наҳви арабӣ маҷбур кунанд. Дар ин бора устод бар он таъкид кардааст, ки мисолҳои зиёд овардан мумкин буд, аммо «аз зиёд шудани матлаб тарсида», то ҷое худдорӣ мекунад.

Он замон баъзе касоне буданд, ки бо сабаби ошно набуданашон ба забони тоҷикӣ (забони авоми тоҷикро) забони форсии вайроншуда меҳисобиданд. Аммо ба андешаи С. Айнӣ, агар баъзе таъсирҳои ҷузъии забони ӯзбекиро (*барои мисол устод кор фармудани «мӣ»-ро дар мавриди истиҳом дар назар дорад – С. Э.*) сарфи назар кунем, пас, содатарин лаҳҷаҳои забони форсӣ забони тоҷикист.

Бо овардани чанд иқтибос аз навиштаи Ҳ. Вамберӣ устод Айнӣ бо мисолҳои муътамад (*устод навишт ва талаффузи калимаҳо дар Эронро барои мисол меорад – С. Э.*) андешаашро исбот намуда, дар баъзе ҳолатҳо фикри шарқшиносро тарафдорӣ низ кардааст.

Азбаски Ҳ. Вамберӣ 65 сол пештар аз замони таълиф шудани мақолаи устод (1928) сайри Эрону Осиёи Миёна кардааст, «бояд қуввати дарёфти вай то имрӯз боқӣ бошад ва дар ин муддати андак дигаргуниҳои бисёре ба забон рӯй дода, забони авоми тоҷикро аз забони авоми эронӣ вайронтар накарда бошад» [25, с. 352-353].

Аҳаммияти нигоштаҳои устод Айнӣ дар он нимаи дуюми солҳои бистум аз он иборат аст, ки онҳо бо оҳанги публитсистӣ таҳия гаштаанд. Умуман, дар ин давра – замони ҳалли масъалаи ҳаёту мамоти халқи тоҷик оҳанги публитсистӣ дар нигоштаҳои устод Айнӣ торафт пуршиддат шуд.

Муҳаққиқон ҳатто дар асарҳои бадеии индавраинаи устод, монанди «Одина», «Ҷаллодони Бухоро», «Ғуломон» публитсистикаро зиёд мушоҳида кардаанд. Дар мақолаҳои зикршуда оид ба забон, алифбо низ С. Айнӣ ба публитсистика таваҷҷуҳ намуда, бо пешниҳоди далелу воқеиятҳо мавҷудияти забони тоҷикӣ, бартарии забони шифоҳии мардуми Мовароуннаҳр нисбат ба забони матбуоти имрӯзаи Эронро исбот намудааст. Таъкид намудааст, ки дар асоси забони гуфтугӯии имрӯзаи мардуми тоҷик забони китобии адабии тоҷиконро ба вуҷуд овардан назар ба кӯчонидани забони матбуоти имрӯзаи Эрон осонтар аст. Нигоҳу далелҳо ва дархосту пешниҳодҳои устод Айнӣ дар шароити имрӯза низ аҳаммияти худро гум накардаанд.

Пас аз таҳлили мақолаҳои мусташриқон устод Айнӣ ба масъалаи ояндаи забони матбуоти тоҷик таваҷҷуҳ намуда, таъкид мекунад, ки он на ба лаҳҷаи ҷудогона, балки ба забони сода ва оммафаҳми форсӣ табдил хоҳад ёфт. Ба андешаи ӯ, забони тоҷикӣ аллакай дорои чунин хусусият буда, бо афзудани таҷрибаи нависандагон ва шиносоии бештари онҳо бо забони зиндаи мардум боз ҳам сода ва равонтар мегардад. Душвориҳои мавҷуда, аз ҷумла истифодаи таъбироти китобӣ ва калимаҳои иқтибосӣ, натиҷаи ба таври кофӣ омӯхта нашудани забони мардум ва робитаи маҳдуди адибон бо аҳолии деҳоту кӯҳистон мебошанд. Бо наздик шудани нависандагон ба омма ин мушкилот тадриҷан бартараф шуда, забони матбуоти тоҷик ба забони содаву фаҳмои форсӣ наздик хоҳад гардид. Ҳамчунин, устод андешаи дигарро низ оварда мегӯяд, ки агар мақсад аз чунин пурсидан забони матбуоти имрӯзи Эрон дар назар дошта шуда бошад, пас «дер аст ё зуд забони матбуоти имрӯзаи Эрон, ба сода кардани худ ва наздик шудан ба авоми худ маҷбур хоҳад шуд, ки ин мешавад забони форсии сода, забони тоҷикӣ - забони зинда дар байни авоми имрӯза!» [25, с. 354-355]. Ин андешаҳои устод имрӯз ҳам аҳаммияти худро гум накардаанд. Аз ин рӯ, дар ин ҷо аз онҳо ёдовар шудем. Муҳаққиқи осори устод Айнӣ Р. Ҳошим менависад, ки «он солҳо забони мо ҳанӯз ба ҳеҷ ваҷҳ ба талаботи рӯзафзуни ҳаёти нав ҷавоб дода наметавонист. Дар натиҷаи сохти наве, ки дар мамлакат барқарор шуда буд… селоби пуртуғёни мафҳумҳо ва

маъноҳои нав ба забон медаромаданд, ки онҳоро ифода карда тавонистан лозим меомад» [257, с. 20].

Агар талошҳои Аҳмади Донишро аз асри XIX ба хотир оварем, маълум мешавад, ки дар байни аҳли адаб як ҷараёни ба истилоҳ демократикунонии забон оғоз шудааст. Яъне, «муаррифии фаҳмиши «забони тоҷикӣ» кӯшиш ба демократикунонии забон» [51, с. 178] буд. Тибқи баъзе маълумотҳо аз ин пештар ҳам дар назми тоҷикӣ тамоюли ба баёни авом бартарӣ додан, тасвирҳо ва суханони кӯчагиро ба адабиёт кашидан ба назар мерасад. Аммо ин ду тамоюл як андоза бо ҳам муқобил буданд ва дар алоҳидагӣ ҷараён мегирифтанд. Ҳамин нуқта низ ҷолиби диққат аст, ки пас аз нашри шумораҳои нахустини рӯзномаи «Бухорои шариф» баъзе аз хонандагон байни гуфтори худ ва забони он номувофиқатӣ диданд ва аз забони тоҷикӣ сухан ба миён оварданд, ҳатто то андозае, ки Фитрат асарҳояшро бо «шеваи Бухоро» эҷод кардан хостааст. Дар ин айём, ба миён омадани масъалаҳои тақсимбандии марзӣ ва «сохтмони забон», агар аз забони устод Айнӣ гӯем, омили муҳиме барои ба гӯш расидани «овози тоҷик» гардид. Имконе пайдо шуд, ки дар бораи таърихи ин қавми ориёӣ, забону адабиёти вай, роҳҳои танвири афкори миллат ва инкишофи илму маориф, нашриёту матбуот сухан ба миён оварда шавад.

Бо ин ҳама, ҷиддияти ба миён омадани масъалаи забони адабии тоҷик на танҳо ба масоили илмии омӯзиши он ва ба миён овардани забони содаи оммафаҳми дархӯри замон, балки ба раванди бедор шудани худшиносии мардуми тоҷик дар муқобили инкоргароии пантуркистӣ низ алоқаи бевосита дошт. Муайян кардани чигунагии забони адабии хоси замон, на танҳо боиси эътирофи гузаштаи ғанӣ ва анъанаҳои амиқи таърихӣ доштани ин забон ва миллат, балки нишонаи ҳастии он ва қудрату имконоти замонии он маҳсуб мешуд.

Маҳз дар ҳамин айём буд, ки пас аз Инқилоби Октябр масъалаи «сохтани забон»-ҳо ба миён омад. Дар натиҷа алифбои арабиасос ба хатти лотинӣ табдил дода шуд ва баҳсҳо, ба қавли устод Айнӣ, нишон доданд, ки то ҳол

масъалаи «чӣ будани забони тоҷикӣ» дар мабнои мунозираҳо истодааст, дар сари «хостани забон дар адабиёти нави навиштаи тоҷик» баҳсҳо меравад.

Бояд гуфт, ки он замон дар яке аз шумораҳои маҷаллаи «Раҳбари дониш» мақолаи устод Айнӣ таҳти унвони «Забони тоҷикӣ» чоп шуд, ки дар он мавсуф як қатор андешаҳои мушаххасро дар масъалаи мазкур баён намудааст. Яъне, «вай дар замоне навишта шудааст, ки аҳли саводи тоҷик дар масъалаи истифодаи забони тоҷикӣ, меъёри он баҳс карда, ба ду тақсим шудаанд» [239, с. 33].

Хушбахтона, баъдтар шогирдони устод Айнӣ тарбия ёфта, ба фаъолият оғоз намуданд. Онҳо кору пайкори устодашонро идома бахшида, метавонистанд ҳаққи миллати худро ҳифз кунанд. Ҳатто дар гуфтори онҳо истинод ба тарафдории фикри қабули забони умумии форсӣ баён шудааст, ки онҳо мехоҳанд «адабиёт ва матбуоти тоҷикӣ корандаи тухми инқилоб дар шарқи форс» бошад. Ин андеша дар гуфтору суханронии бисёр сиёсатмадорон, ҳизбиён ва роҳбарони солҳои аввали бист баён шудааст. Аммо баъд аз он ки хату алифбои тоҷик дигар шуд, дигар дар ин бора баёни фикру мулоҳиза ба назар нарасид.

Дар ин мақола агар ба ҷумлаҳои баъдӣ нигарем, устод Айнӣ аз гурӯҳҳои «байналмилалчигӣ» ва «оммачигӣ» ёдовар шуда, ҷонибдории худро аз гурӯҳи дуюм чунин баён мекунад: «Касоне, ки тарафдори фикри аввалаанд, мегӯянд: адабиёт ва матбуоти тоҷикӣ корандаи тухми инқилоб дар Шарқи форс аст. Агар мо забони адабиёти нави тоҷикро ба забони содаи тоҷикӣ баста монем, вазифаи байналмилалии худро адо карда наметавонад.

Касоне, ки фикри дувумро пеш меронанд, мегӯянд: вазифаи аввалини мо равшан кардани фикри авоми тоҷик, паҳн кардани илм ва дониши шуроӣ дар байни оммаи тоҷик ва оммагӣ кардани инқилоби маданӣ дар байни тоҷикон аст. Агар мо байналмилалӣ мекунем гуфта, забони адабиёти тоҷикро аз доираи тоҷикон барорем, қисми авоми тоҷик аз ғизои дониш маҳрум мемонад.

Худи ман тарафдори фикри дувумӣ ҳастам, зеро «аввал хеш, дуввум дарвеш» аз масалҳои машҳури тоҷикӣ аст…» [25, с. 361-362].

Дар назари аввал чунин мерасад, ки гӯё устод Айнӣ ин ҷо бар зидди афкору нишондоди ҳизб дар бораи кӯчонидани инқилоби сурх ба Шарқи хориҷа ақида баён кардааст. Аммо нек нигарем, андешаи Айнӣ ба шароити давр мувофиқат мекард. Яъне, дар он шароит забони тоҷикӣ чунин як бори масъулиятро ба дӯш гирифта наметавонист. Дар ҳоле ки аз чор тарафаш душманон теғ кашида буданд.

Дар ҳақиқат, вазъи онрӯзаи Тоҷикистон имконияти қабули забони адабиро дар сатҳи байналмилалӣ надошт, зеро мардуми тоҷик аз давраи амирӣ аз илму фарҳанги нави замон бебаҳра буданд.

Ғайр аз ин, чунонки маълум шуд, дар масъалаи хостани забони адабии замонавӣ аҳли баҳс ба се гурӯҳ тақсим шуда буданд, ки он як муддат давом кард: гурӯҳи аввал, чунин ақида доштанд, ки гӯё забони адабии тоҷик вуҷуд надорад ва онро сохтан лозим аст ва эшон «муҳандисон»-и забон унвон доштанд; гурӯҳи дуюм, ҷонибдори забони адабии матбуоти онрӯзаи Эрон номида мешуданд, ки байналмилалчиён ном гирифта буданд ва ниҳоят, гурӯҳи сеюм, он афроде буданд, ки дар асоси забони адабии тоҷикии имрӯза забони як маҳалро гирифтан мехостанд ва забони матбуоту адабиёти муосири тоҷикро, ки ба омма наздик бошад, ба сифати шоҳиди он намуна нишон медоданд. Ин гурӯҳ бо он даста шахсоне, ки тарафдори бар асоси забони адабии тоҷикии имрӯза хостани забони кӯҳистон буданд, ақидаҳояшон наздик мешуд ва дар бисёр масъалаҳо ба ҳам мувофиқат низ доштанд. Аммо ин ҷо ба мулоҳиза ва асноди гурӯҳи дуюм, ки онро устод Айнӣ, А. Муҳиддинов, Н. Бектош, Т. Зеҳнӣ, А. Семёнов, Шилд ва дигарон ҷонибдорӣ мекарданд, таваҷҷуҳ мекунем. Ба қавли устод Айнӣ, «инро ҳам аз ёд набаровардан даркор аст, ки барои ба кор андохтани оммафаҳми тоҷик лаҳҷаи ҷоеро асос карда гирифтан лозим аст, лекин ба шарти пурра кардан ва дуруст кардани он бо лаҳҷаҳои ҷойҳои дигар» [115, с. 321]. Дар баробари ин, барои оммафаҳм кардани забони адабии тоҷик

омӯхтани лаҳҷаҳои кӯҳистонро зарур мешуморад. А. Муҳиддинов ин андешаи устодро тақвият дода, навишта буд: «Мақсади мо ба вуҷуд овардани забони адабии маҳаллӣ нест. Бояд мо як забони адабӣ ба вуҷуд оварем, ки фаҳмиданаш барои ҳамаи тоҷикзабонони шуроӣ осон бошад. Забоне, ки барои оммаи мо фаҳмиданаш осон бошад, он забон барои мардуми порсигӯи Эрон ва Афғонистон ва Ҳиндустон ҳам чун забони адабии умумӣ пазируфта хоҳад шуд» [174, с. 385].

Бояд гуфт, ки ҳарчанд забони кӯҳистон аз унсурҳои бегона тоза бошад ҳам, забони адабиро ба пуррагӣ ифода карда наметавонист, зеро сохтори услубии гӯиши кӯҳистон созгори забони классикӣ набуд. Аз ин рӯ, устод Айнӣ истилоҳи «забони авом»-ро ба миён гузошта, ба эътибор гирифтани тамоми хусусиятҳои лаҳҷаҳои тоҷиконро пешниҳод намуд: «Забони авоми тоҷик забонест, ки вайро оммаи тоҷик фаҳмад, дар ҷумлабандӣ, дар ташбеҳот, дар киноя ва истиораҳо, дар зарбулмасалҳо ва дигар бобатҳо хусусият ва рӯҳияи забони тоҷик риоя карда шуда бошад» [25, с. 363].

Вобаста ба гӯишҳои мардуми шаҳр, аз ҷумла, Самарқанду Бухоро, Хуҷанд ва дигар марказҳои тоҷикнишин ақидаи устод баръакси донишмандони дигари рус ба далелҳои айнӣ рӯ оварда, дар ин бора ба хулосаи муайян омадааст. Аз ҷумла, ба мисолҳо рӯй оварда қайд мекунад, ки дар Бухоро «ҳамту» мегӯянд, агар онро асос гирем, ба лаҳҷаи кӯҳистон мувофиқ намеояд, дар Бухорою Самарқанд «харбузая буред» мегӯянд, дар кӯҳистон - «харбузаро буред!» билкул дуруст аст. Дар ниҳоят, устод Айнӣ зикр мекунад: «Масалан, агар мо гӯем, ки лаҳҷаи Бухороро асос карда мегирем, маънии ин он нест, ки сад фоиз бо риояи лаҳҷаи Бухоро менависем. Балки мақсад он аст, ки лаҳҷаи Бухороро асос карда мегирем, ҷойҳои дигарро тафтиш мекунем, ҳар қадар ки аз ҷойҳои дигар чизҳои муносиб ёбем, ба ин ҳамроҳ мекунем ва чизҳои нобоби лаҳҷаи Бухороро бароварда мепартоем» [113, с. 93]. Ин аст, ки устод дар ин мақолаҳои хеш бо номи «Забони тоҷикӣ», ки дар «Раҳбари дониш» (1928, №11-12, саҳифаҳои 43-47) нашр шудааст, мисолҳои зиёд аз гуфтугӯи мардум оварда, онҳоро муқоиса мекунад ва суол медиҳад, ки «мо оё барои ҳар яки онҳо китоби

алоҳида чоп кунем ё ҳаққи якеро қурбон кунем». Ҳалли ин масъала душвор мебошад. Ин навъ «навиштаҳои устод дар охири солҳои 20-ум ва аввали солҳои 30-юм мақсади муҳимми илмӣ ва сиёсӣ доштанд... Ақидаи муҳимми илмии устод Садриддин Айнӣ дар он намудор мешавад, ки гуфтаанд: забони форсӣ ва тоҷикӣ ба ҳам монананд, замоне дар адабиёти бадеӣ ба як шева намудор гардидаанд» [239, с. 35-36].

Ҳамин тариқ, вазъияти ҷойдошта донишмандонро барои интихоби забони адабӣ вогузор кард ва баъд аз мақолаи устод Айнӣ дар атрофи ин масъала мубоҳисаҳои зиёд ба вуҷуд омаданд. Бояд қайд кард, ки «ғайр аз Мунзим дигар ҳама донишмандон мисли устод Айнӣ, Икромӣ, А. Муҳиддинов, Зеҳнӣ, Н. Бектош, Азизӣ ва дигарон ба он ҷонибдор буданд, ки забони адабӣ аз ҳисоби забони омма ва маҳалли муайян интихоб шавад. Дар ин масъала гуфтугузорҳои зиёд шуда бошанд ҳам, ба ягон хулосаи даркорӣ омадан ғайриимкон буд» [190, с. 48]. Дар навбати худ фурсати маҳдуд имкони фаврии ҳалли масъаларо тақозо менамуд. Бинобар ин, масъалаи мазкур дар мақолаҳои ҳар як донишманд, аксаран бо андешаҳои тоза пешниҳод мешуд.

Дар мақолаи номбаршуда устод Айнӣ ба забони равону сода роҳи рушди забони тоҷикиро муайян намуда, андешаҳое баён кардааст, ки то имрӯз нависандагон, адабиётшиносон, забоншиносон аз он истифода бурда метавонанд. Аҳаммияти забони халқро таъкид сохта, устод қайд мекунад: «Албатта, ташбеҳҳо, киноя ва истиораҳое, ки дар байни оммаи тоҷик кор фармуда мешавад, гуногун аст, яъне, инҳо дар ҳар ҷой ва маҳал дигаранд. Ба воситаи ҷамъ ва нашр кардани адабиёти халқ он чизҳоеро, ки хусусияти маҳаллӣ доранд, оммагӣ кардан даркор аст» [25, с. 365]. Дар мақола оид ба мантиқи забон, услуби классикӣ, сабкшиносӣ барин соҳаҳои забон мулоҳизоте баён шудааст, ки вақтҳои охир дар асарҳои донишмандон М. Шакурӣ, Р. Ваҳҳоб ва дигарон низ истифода гардидааст.

Чунин масъала – эътибор додан ба тарзи ифода, сабк ва услуб, истифода аз забони халқ дар бисёр мақолаҳои устод баён ёфтаанд. Дар «Ҷавоби ман» ном мақола, ки дар «Овози тоҷик», соли 1929 чоп шудааст, мавсуф андешаҳои

худро бо мисолҳо тақвият бахшида, барои баланд бардоштани забондонӣ, сатҳи саводнокии мардум ва ифтихори миллии тоҷикон саҳм гузоштааст. Ба мунаққиде, ки калимаву ибораҳои истифода бурдаи ӯро нафаҳмидааст, бо далелҳои дақиқ ҷавоб гуфта, бо ин роҳ ба кулли хонандагон маслиҳатҳои муфид додааст. Чунончи, мегӯяд: «Лекин хотирҷамъ бошанд (эродгирандагон дар назар аст – С. Э.), ки монанди «гушна» як сухани сабук то тоҷику форс зиндааст, нахоҳад мурд. Ин таъбирро чунончи, оммаи тоҷик мегӯяд, оммаи эронӣ низ мегӯяд» [25, с. 375]. Чунин ҳарфу таъбирҳо боиси ифтихори ҳар тоҷику тоҷикистонӣ буда метавонад. Имрӯз, баъди ба даст омадани Истиқлоли давлатии Тоҷикистон (1991) ҳар нафар тоҷикистонӣ метавонад онро ба забон орад. Аммо агар солҳое, ки онро устод Айнӣ ба забон овард, ёд оварем, ба диловарии Қаҳрамони Тоҷикистон бовар ҳосил мекунем. Устод дар солҳои душвор, вале то андозае баланд гаштани рӯҳи миллии тоҷикон онро баён сохтааст, зеро ба назари С. Айнӣ, «забони миллати ӯ, қалби миллаташ ба ҳисоб мерафт» [141, с. 130].

«Мактуби кушода ба рафиқ Толис» низ дар заминаи зарурати омӯхтани забони зиндаи мардум, наздикӣ бо халқ ва ифтихор аз ҳувияти миллӣ таълиф шудааст. Устод Айнӣ таъкид мекунад, ки то Инқилоби Октябр забони тоҷикӣ дар мактабу мадрасаҳо ҳамчун фанни мустақил таълим дода намешуд. Аз ин рӯ, ҳар шахс забони модарии худро нахуст аз модар ва сипас аз муҳити деҳаву маҳалли зисташ омӯхта, ба хусусиятҳои ҳамон гӯиш одат мекард. Устод Айнӣ то андозае бо афсӯс ин ҳақиқатро изҳор медорад, ки ҳатто босаводон ва нависандагони тоҷик низ дар муошират забони ягонаи адабиро риоя намекунанд. Чунин ҳолат то имрӯз – асри XXI низ ба назар мерасад. Ҳамаи инро устод Айнӣ аз кам будани дарси забони модарӣ ва норасоии усули таълим медонад. Дар ин мақола, устод Айнӣ як хислати бисёр муҳимми шахсии хешро баён сохтааст, ки ҳақиқатгӯйӣ ва ростқавлӣ мебошад. Бале, устод Айнӣ дар ҳама ҳолат ба манфиати халқу миллат, Ватан фаъолият намудааст ва аз ҳақиқат дифоъ кардааст.

Дар ин нома, ки аз хусусияти шахсӣ ба умумимиллӣ табдил ёфтааст, мушкилоти ҷиддии омӯзиши забон дар муассисаҳои таълимӣ ба миён гузошта шудааст. Муайян гаштааст, ки бо вуҷуди ҳама бартариву норасоиҳо мактабу мадрасаҳои Осиёи Марказӣ як хусусияти хос доштанд, ки дар онҳо фанни забони аҳволи минтақа таълим дода намешуд. Муҳассилин дар хонаашон меомӯхтанд ва аз он чизи бештарро намедонистанд. Дар мадраса сарфу наҳви арабӣ омӯхта мешуд. С. Айнӣ муқобили чунин шакли таълим буд. Умуман, устод Айнӣ дар номааш ба Толис норасоиҳои дигари шакли таълими тоинқилобиро шарҳу тавзеҳ дода, роҳу усули замонавии таълимро пешниҳод кардааст. Дар ин ва дигар нигоштаҳои устод Айнӣ масъалаи таълими забони тоҷикӣ ҷиддӣ ба миён гузошта шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар он вақт, яъне, дар солҳои бистум, дар мубориза ба муқобили ҳама гуна вайронкориҳои дағалона ва душманона ба забон Садриддин Айнӣ нақши асосӣ ва марказиро мебозид. Яъне, «ӯ ҳамчун донишманди қомуснигор дар бунёд ва ба шаклдарории соҳаҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоии замони худ пешгомӣ намуда, ба пешрафти онҳо асос гузоштааст. Аз ҷумла, дар тозагии забони тоҷикӣ ва пос доштани он дар сафи пеш қарор доштааст» [164, с. 95]. Вай дар давоми солҳои 1927-1948 бо мақолаҳои махсуси худ – «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ», «Дар хусуси забони адабии тоҷикӣ», «Мактуби кушода ба рафиқ Толис», «Забони тоҷикӣ», «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ», «Китобҳои тоҷикӣ», «Дунёи нав ва алифбои нав», «Масъалаи таърихӣ дар гирди алифбои нави тоҷикӣ», «Ҷавоби ман» ва ғайра баромад карда, ба фикру ақидаҳои миллатчиёни буржуазӣ ва ба каҷравию каҷфаҳмиҳои баъзе аз зиёиёни тоҷик зарбаи сахт дода, дар масъалаи инкишофи забони миллӣ-адабии тоҷик афкори омма ва аҳли қаламро дар ҳақиқат, ба роҳи дуруст равона карда тавонист. Ҳамчунин, ҳангоми муборизаи тақсимоти ҳудуди миллӣ соҳиби таърихи қадима ва фарҳанги бостонӣ будани тоҷиконро собит кард. Дар баробари ин, дар муборизаҳои тезу тунд боз устод - донандаи таърихи адабиёти ғании халқи тоҷик ва ҳақиқатҷӯю ҳақиқатнигор пешсаф буд, зеро чун фарзанди баору номуси миллат дар замони даъвои

тоҷик ном қавме, миллате, халқе вуҷуд надорад ва онон аслан турканду бо таъсири забони форсӣ забонашон дигар шуда, дар канор буда наметавонист.

Дар он вақт, хусусан, нимаи аввали солҳои бистум, душманони халқи тоҷик аз байни бегонаҳову худиҳо ба муқобили ин халқи қадимаву бумӣ тавтеа ба роҳ андохта, суханҳои носазо изҳор медоштанд. Ҳадафи асосиашон таъсис наёфтани ҷумҳурие, давлате бо номи тоҷикон буд. Онҳо мавҷудияти халқи тоҷикро тамоман инкор мекарданд. Бадбахтона, аз байни зиёиёни тоҷик низ нафароне ба осиёби душманон об мерехтанд. Онҳо донишманд, олим буданд ва ба ҳарфашон на ҳар кас муқобил баромада метавонист. Айнӣ барин шахсияте лозим буд, ки донишу ҷаҳонбиниаш аз онҳо баланд бошад. Ба хушбахтии халқ, устод Айнӣ бо дастгирии чанде аз роҳбарони ҷавони Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон, чун Нусратулло Махсум, Аббос Алиев, Абдуқодир Муҳиддинов, Абдураҳим Ҳоҷибоев ва дигарон ба муқобили душманони миллат бархостанд, китоб навишта, хидмати мондагор анҷом доданд.

Ӯ бо онҳо баҳсро раво надид ва ба коре камари ҳиммат баст, ки анҷом доданаш чандон осон набуд. Мехост бо далелу бурҳонҳои қотеъ ба даҳони бадгӯён мӯҳри хомӯшӣ занад ва Абулқосим Лоҳутӣ барин адиби тавоно ҳам, барои ба зудӣ анҷом ёфтани он шубҳа дошт. Устод Айнӣ чун ҳамеша аз пайи кор шуд. Дар айни ҷӯшу хурӯши муборизаҳо тавонист дар муддати хеле кӯтоҳ аз қаъри таъриху аз сафҳаи адабиёти ҳазорсолаи тоҷик гулчини намунаи ашъорро гирд оварад, ки дӯстдорони адабиётро хушҳолу чашми мардуми кинапарварро хира гардонид.

Садриддин Айнӣ дар сарсухани «Намунаи адабиёти тоҷик» таъкид менамояд, ки рушди забон ва адабиёти тоҷик дар ин сарзамин на танҳо натиҷаи ҳукмронии Сомониён ё муҳоҷирати эрониён, балки далели аз қадим зиндагӣ доштани қавми бузурги тоҷик мансуб ба нажоди ориёӣ мебошад. Воқеан, тоҷикони сокини Бухоро, Самарқанд, Истаравшан, Панҷакент, Хуҷанд, Фарғона, Фалғар, Масчоҳ ва дигар минтақаҳои аморати Бухоро забон, расму оин ва мероси ғании адабии худро ҳифз карда буданд. Аммо пас аз Инқилоби Октябр, бинобар ба номи ӯзбекон таъсис ёфтани ҳукуматҳои шуравӣ дар

Туркистон ва Бухоро ва ба забони ӯзбекӣ нашр шудани рӯзномаҳо, санадҳои расмӣ, китобҳои дарсӣ ва осори сиёсӣ, тоҷикон аз таҳсилоти шуравӣ, адабиёти нави инқилобӣ, тарбияи сиёсӣ ва иттилооти дохиливу хориҷӣ маҳрум монданд. Азбаски онҳо аз матбуоти ӯзбекӣ ба таври кофӣ истифода бурда наметавонистанд, аз сиёсати миллии ҳукумати шуравӣ ва муносибати он ба забону адабиёти миллатҳо огоҳии зарурӣ надоштанд. Бояд қайд кард, ки устод Айнӣ агар бо мақолаҳои махсуси худ масъалаҳои тараққиёти забони миллӣ ва адабии тоҷик, мавҷудияти халқи тоҷик дар сарзамини Осиёи Миёна ва дорои фарҳангу маданияти ғанӣ будани онро асосан аз ҷиҳати назариявӣ муҳокима ва ҳал карда бошад, ҳамаи онҳоро бо эҷодиёти адабӣ-бадеии худ амалан исбот кардааст.

Ҳамин тавр, нимаи дуюми солҳои бистум то аввали солҳои сиюм дар масъалаи забони тоҷикӣ баҳсҳо ба вуҷуд омаданд. Баъзеҳо аз ин масъала манфиатҳои шахсӣ, сиёсӣ, ҳатто моддӣ бардоштанӣ буданд. Устод Айнӣ бо зарфияти бузурги донишу фаҳмиш ва ҷаҳонбинии васеъ, ҳисси ғамхорӣ ва муҳаббат нисбат ба халқи хеш ба ин мубоҳисаҳо ҳамроҳ гашт ва инро таъкид бояд кард, ки бисёр вақт сухани охирин ба ӯ дахл дошт.

Муҳаққиқ Абдухолиқ Набавӣ дар мақолаи худ «Баҳсҳои илмӣ ва мафкуравӣ оид ба забони тоҷикӣ дар солҳои 20-ум» [115] дуруст менависад, ки «дар айни ин дигаргуниҳои воқеан инқилобӣ масъалаи забон ва вобаста ба он умуман бунёди фарҳанги нави пролетарӣ ба сифати яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсӣ ба миён гузошта шуд. Аммо чаро масъалаи забон ва дигар бахшҳои он, аз ҷумла, алифбо дар даҳаи бисти садаи бист ба маркази диққат гузошта шуд? Зоҳиран чунин ба назар мерасад, ки Ҳукумати Шуравӣ бо ин чорабинии худ маърифатнок кардани саросарии мардуми кишварро аз вазифаҳои асосии барномаи худ ҳисобида буд, бинобар ин, чунин як масъларо дар сохтмони маданӣ дар ҷойи аввал гузошт» [176, с. 9].

Тавре аз мутолиаи навиштаҳои бархе аз донишмандон маълум гардид, фикри осон кардан ва ё табдили алифбо аз нимаҳои асри XIX инҷониб дар

мамолики Шарқ – Эрон, Озарбойҷон, Туркия ва ҳатто дар Мисру Ҳиндустон ва Чину Ҷопон низ гоҳе сар мезад, аммо аз сухан ба амал табдил наёфта мемонд.

Аз соли 1926 аксари ҷумҳуриҳои туркӣ, аз ҷумла, Ӯзбекистон, ки Тоҷикистон дар таркиби он ҷумҳурии мухтор буд, алифбои лотиниро қабул карданд. Ҳамин тавр, масъалаи дигар кардани алифбо барои тоҷикон низ ба масъалаи давлатӣ ва сиёсӣ табдил ёфт ва баъди ин Анҷумани якуми шуроҳои Тоҷикистон соли 1926 дар асоси маърӯзаи Аббос Алиев дар бораи қабули алифбои нав қарор қабул кард. Ин қарор дар нахустин Анҷумани муаллимони Тоҷикистон (14 июли соли 1926) дастгирӣ ёфт. Бинобар ин, фикру ақидаи баъзе ҳангоматалабон, ки дигар кардани алифборо бо ташаббуси шахсони алоҳида, масалан, Айнӣ, Фитрат ва дигарон вобаста медонанд, нодуруст аст.

Дар Бухоро ва Туркистони ибтидои аср аз ҷониби ҷадидон масъалаи ислоҳоти таълиму тарбия ва мактабу мадорис ба миён гузошта шуда буд. Сухан дар бораи тағйири барномаҳои таълимӣ ва усули тадрис, на ислоҳ ва ивази алифбо мерафт. Аммо дар солҳои аввали Ҳукумати Шуравӣ вазъият тағйир ёфта, масъалаи ивази алифбо ба пеш гузошта шуд. Дар ин маърака А. Фитрат, А. Алиев, А. Лоҳутӣ, С. Манофзода, Р. Ҳошим, Н. Муҳаммад, профессорон А. Семёнов, А. Фрейман, А. Мунзим, Р. Бектош, Б. Икромӣ, О. Исматӣ ва дигарховаршиносон фаъолона ширкат варзиданд.

Манофзода Собит дар мақолаи «Тоҷикон ва алифбои нав» ба он андеша аст, ки «…дигарон кӯдакони худашонро дар як ҳафта ё ниҳоят дар як моҳ босавод мекарданд, вале муллоҳои мо хондан ва навиштани шакли алиф, бе-ро дар чаҳор сол, он ҳам нимкола меомӯхтанд. Матбааҳои онҳо дар ҳар моҳ ҳазорҳо нусха рӯзнома, маҷалла ва китобҳои мухталифи илмӣ нашр мекард, аммо чопхонаҳои мо як китобро баъд аз як соли талош ва заҳмат боз ҳам ғалат ва пурхато берун меоварданд» [149, с. 102]. Собит Манофзода яке аз зиёиёни пешқадам буд, ки дар ташаккули журналистикаи тоҷик, баланд бардоштани илму фарҳанг, нақди адабии тоҷик, кори таълиму тарбият дар якумин Дорулмуаллимини тоҷикӣ дар шаҳри Тошканд саҳми бузург гузоштааст. Мулоҳизаҳои мавсуф ин ҷо дар мавриди қафо мондани кори маорифу матбуот,

норасоии китобу пурғалат будани онҳо саривақтианд, муаллиф сабаби инро аз норасоии алифбо низ медонад ва роҳиислоҳи вазъро пешниҳод мекунад. Дар мақолаи дигараш бошад, ин андешаро идома бахшида, сабаб ва ҳадафҳои ҳарчи зуд босавод гардонидани авоми тоҷикро баён месозад. Ба андешаи муаллиф, Тоҷикистони Шуравӣ бо ҷорӣ намудани алифбои лотинӣ метавонад нисбат ба дигар кишварҳои тоҷикзабон зудтар ба пешрафт ноил гардида, барои онҳо намуна шавад. Зеро алифбои нав воситаи муассири дар муддати кӯтоҳ саводнок намудани табақаҳои камбизоати деҳот ва татбиқи сиёсати маърифатпарваронаи Ҳукумати Шуроӣ دониста мешуд. Соли 1927 дар «Овози тоҷик» мақолаи Фитрат «Масъалаи алифбо» нашр шуда буд. Фитрат дар он ишора мекунад, ки «Имрӯз… ҷумҳуриятҳои туркии шуроӣ аз ҳуруфи арабӣ ба ҳуруфи лотинӣ мегузаранд. Озарбойҷон, Тотористон, Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар ин роҳ саргарми коранд. Инҳо мегӯянд, ки алифбои куҳнаи мо, ки алифбои арабист, барои мо фоида надорад. Мо ба ин алифбои бе қоидаи пӯсида тамоми халқи худамонро бохату савод карда наметавонем. Мо бо алифбои куҳнаи худ дар майдони ҳаёт ҳамрикоби миллатҳои мутамаддин рафта наметавонем» [245, с. 111]. Сипас дар ҳамин нашрия бо имзои Рустоӣ мақолаи «Алифбои лотиниро барои чӣ қабул мекунем?» чоп шуд, ки муаллиф дар зер ба суоли сарлавҳаи худ посух низ мегӯяд: «…алифбои арабӣ ислоҳпазир нест. Мо агар онро ба сад шакл андозем, ба ҷойи осон кардан душвортар ва заҳмати худро зиёдтар хоҳем кард… Яъне, умри алифбои арабӣ ба сар омада ва замони падруди он расида аст. Акнун замони он расидааст, ки мо ба ҳеҷ тардид ва андеша ҳарфҳои лотиниро қабул кунем» [200, с. 121].

Масъалаи дигаре, ки он замон ҷой дошт, барои тоҷикон ва яҳудиён қабул намудани як алифбо буд. Дар ҳамон мақола омадааст, «…яҳудиён низ дар бораи қабул кардани алифбои дигар ҳаракатҳои ҷиддӣ намуда истодаанд. Эҳтимол аст, ки яҳудиён низ бо тоҷикон як шуда, як алифборо қабул кунанд. Ин масъала дар конференсия ҳал хоҳад шуд» [65, с. 128-129]. Бо вуҷуди ин, масъалаи қабул кардани алифбои тоза дар байни тоҷикон қадами бузурге буд, ба роҳи тараққӣ. Ҳатто Лоҳутӣ барин донишманди тоҷик аз минбари матбуот,

хусусан, «Раҳбари дониш» баромад карда, ба тарафдории гузаштан ба алифбои лотинӣ ибрози назар мекунад.

Агар ба баҳси он солҳо таваҷҷуҳ намоем, аз навиштаҳои як қатор олимону донишмандони тоҷику рус, ки дар матбуоти вақт бо имзоҳои Айнӣ, Фитрат, Лоҳутӣ, Зеҳнӣ, Азизӣ, Рустоӣ, А. Аминзода, Бектош, Уйғур, О. Исматӣ, П. Ибромуф, Тоҷик, Манофзода Собит, Қосимов, Раҳим Ҳошим (Мим), Мунзим, Семёнов, Шилд, Бертелс ва дигарон нашр шудаанд (воқеан, аз мақолаҳои нашршуда дар матбуоти даврии солҳои 20-30-юм 128 мақола дар китоби «Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо» (мураттибон: А. Набавӣ, Н. Одинаев, П. Олимова. – Душанбе: Ирфон, 2007) бознашр шудааст) таваҷҷуҳ намоем, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки чи дар баҳсҳои матбуотӣ ва чи дар ҳамоишҳо иштирокдорон ба се гурӯҳ ё ҷараён тақсим шудаанд: Ҷараёни якум, қатъиян ба муқобили қабул кардани алифбои лотинӣ буд. Ҷараёни дуюм, мехост, ки алифбои лотиниро қабул карда, ба забони имрӯзаи вайрони худ пеш равад. Лекин ҷараёни сеюм таклиф мекард, ки алифбои лотинӣ қабул карда шавад ва аз дохили забони имрӯза баъзе калимаҳои русӣ ва нодаркорӣ, зиёдатӣ берун карда шавад.

Инчунин, нафароне буданд, ки садо баланд мекарданд, то забони адабии яҳудиёни маҳаллӣ аз бесарунугӣ бароварда, каму беш ба забони покизаи содаи тоҷикӣ наздик гардад. Зеро ба андешаи онҳо 40-50 ҳазор яҳудиёни маҳаллӣ ба ин камнуфусӣ наметавонанд танҳо тараққӣ кунанд ё ки маданияти миллии махсуси худро барпо намоянд.

Чӣ тавре ки муҳаққиқон М. Шакурӣ, А. Набавӣ қайд кардаанд, пас аз озод шудан аз зиндони амирӣ ва баъди Инқилоби Октябр устод Айнӣ бо як ҷӯшу хурӯш ба навиштани мақолаҳои муҳим, ки аҳаммияти фаҳмондадиҳӣ ва тарғиботиашон бузург аст, даст зад. Дар ин кор бо дасту дили гарм машғул шуд ва дар муддати солҳои 1919 то охири умр мақолаҳои зиёди публитсистӣ, адабиётшиносӣ, таърихӣ ва тарғиботӣ навишт. Хусусан, аз соли 1919 то охири солҳои бистум, давоми даҳ сол дар рӯзномаву маҷаллаҳои Осиёи Миёна қариб ҳар рӯз ва рӯздармиён мақолаҳои устод Айнӣ чоп шудаанд. Дар баробари

аҳаммияти баланди адабиётшиносӣ ва таърихӣ доштанашон дар онҳо масъалаҳои миллӣ, ватандӯстӣ ба дараҷаи баланд инъикос ёфтаанд. «Танвири афкор», «Масъалаи Шарқ», «Ҳукумати Шӯроии Туркистон ва масъалаи Шарқ», «Сайфу қалам», «Акнун навбати қалам аст», «Масъалаи маориф ва китоб», «Дар роҳи барҳам додани бесаводӣ», «Қавми тоҷик ва рӯзнома», «Дар бораи мактаб ва маорифи тоҷик», «Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон», «Тоҷикони кӯҳистон», «Қобилияти ташкилотӣ дар тоҷикон», «Матбуоти тоҷик», «Кишваршиносӣ» ва дигарҳо аз ҷумлаи он мақолаҳои сершумор мебошанд.

Солҳои бистуми асри XX-ро аз ин ҷиҳат давраи сермаҳсултарини фаъолияти эҷодии устод Айнӣ донистан мумкин аст. С. Айнӣ дар ин давра чун публитсисти оташинсухан баромад кардааст. Агар он вақт устод Айнӣ хомӯш меистод, тақдири халқи тоҷик ба бадбахтӣ меанҷомид. Бинобар ин, асару мақолаҳои дар ин давр нигоштаҳои Айниро ба хазинаи тиллоии маданият, таърих, илми тоҷик метавон ворид кард. Асарҳои устод Айниро метавон ба забоншиносӣ, таърихи миллат, матбуот, алифбо, забони адабӣ, қисмати халқи тоҷик, маориф ҷудо намуд, аммо ҳамаи онҳо ба ҳамдигар алоқаманданд ва якдигарро пурра мегардонанд. Масалан, мақолаҳои «Танвири афкор», «Масъалаи Шарқ», «Ҳукумати Шуроии Туркистон ва масъалаи шарқ», «Кишваршиносӣ» масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, замони навро дар бар гирифта, дар нигоштаҳои «Сайфу қалам», «Акнун навбати қалам аст», «Қавми тоҷик ва рӯзнома», «Матбуоти тоҷик», асосан, масъалаҳои матбуоти нави тоҷикӣ баррасӣ шуданд. Мақолаҳои «Дар роҳи барҳам додани бесаводӣ», «Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон», «Қобилияти ташкилотӣ дар тоҷикон», «Забони тоҷикон», «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ» ва дигарҳо ба масъалаҳои забон ва худшиносии миллӣ, алифбо ва забони адабии тоҷик бахшида шудаанд, ки ҳар яке асари комили таҳқиқотианд, ки як гӯшаи пурасрори илмро ошкору равшан намудаанд. Ба назари пофессор М. Муродӣ, «хизматҳои Айниро дар самти ҳимоя, таҷдид ва инкишофи забони тоҷикӣ метавон дар чунин самтҳо баррасӣ намуд: тасдиқу исботи мавҷудияти забони адабӣ ва таърихияти он;

навсозии меъёрбандии забони адабӣ; муносибати забони адабӣ ва лаҳҷаҳо; забони адабӣ ва имло; содагии услубҳои забон; эҳтироми минбари тарғиби забономӯзӣ ва ғайра» [172, с. 101].

Зимни таҳлилу бозтоби андешаҳои устод дар мақолаи «Дунёи нав ва алифбои нав» муфассал таҳлил менамоем, ки халқи тоҷик дар солҳои ҳукмронии сулолаи ҳокимони хонадони манғития, алалхусус, даврони подшоҳии амир Олимхон бе хату савод монда, дар гирдоби ҷаҳлу хурофот ғарқ гардида буданд. Аз ин рӯ, устод Айнӣ ба таври фаврӣ саводнок гардидани мардуми тоҷикро дар замони нав аз масоили бузургтарини миллӣ меҳисобад. Ба андешаи Садриддин Айнӣ, ин рисолати таърихиро забони миллат иҷро хоҳад кард, вале танҳо тавассути забон ва хат наметавон пеш рафт. Замони нав, ки дигаргунию тағйиротҳои азими сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва маънавиро пешорӯи миллати тоҷик гузоштааст, тақозо мекунад, ки мардум дар амалӣ гардидани ин дигаргуниҳо иштироки бевосита дошта, баҳри ислоҳи камбудию норасоиҳо, мушкилоту мураккабиҳо ва ҳувияту шинохти миллӣ андешаю афкори худро баён дошта бошад.

Вақте ки дар боби забон, истифодаи адабиёти классикӣ ва гуфтугӯи халқ сухан меравад, устод Айнӣ ҳаққонӣ забони мардуми кӯҳистонро дар ҷойи аввал мегузорад. Дар ин бобат, дар чанд мақолаи дар «Овози тоҷик» нашр кардааш – «Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон», «Тоҷикони кӯҳистон», «Қобилияти ташкилотӣ дар тоҷикон» (моҳҳои сентябр-октябри соли 1924) сухан меравад. Аз ҷумла, дар мақолаи аввал мегӯяд: «Бинобар ин, моро лозим аст, ки дар китобҳои мактабии тоҷикон забони кӯҳистони тоҷикро қабул кунем. Забони кӯҳистони тоҷик забони форсии сода, аз такаллуфоти эронӣ холӣ, ба луғатҳои арабии ношунида халт наёфта ва ба сарфу наҳви форсӣ мувофиқ аст» [32, с. 274]. Вақте ин сатрҳоро мутолиа менамоем, бар гуфторҳои баъзе олимони имрӯза, ки устод Айниро ба бартарӣ додан ба забони Самарқанду Бухоро айбдор карданӣ мешаванд, ҷавоби саривақтӣ меёбем. Устод Айнӣ ҳамеша бартарии забони халқ, пеш аз ҳама, мардуми кӯҳистони тоҷикро таъкид мекард ва ин маънӣ дар навиштаҳои минбаъдааш низ бо як самимият изҳор гаштааст.

Баъди таъсиси Ҷумҳури Мухтори Тоҷикистон кори зиёиёни тоҷик андаке ҷон гирифт. Устод Айнӣ дар сафи пеши муборизон буд. Дар як мақолааш бо номи «Кори Тоҷикистон гул карданист» («Овози тоҷик», 6 марти соли 1925, саҳ.4) устод аз баъзе чорабиниҳои ҳукуматӣ оид ба рушди фарҳанги Тоҷикистон бо фараҳ хабар медиҳад.

Баъд аз таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон сухан рондан дар бораи таърихи бошарафи ин миллати куҳанбунёд осонтар ва рӯшодтар шуда буд. Ин аст, ки устод Айнӣ дар ин бобат бо ифтихор сухан меронад. Дар мақолаи «Ба муносибати эълони Ҷумҳурияти Мухтори Тоҷикистон», ки 15 марти соли 1925 дар «Овози тоҷик» ба нашр расидааст, менависад: «Мо аз таърихи қадим чашм пӯшида, танҳо аҳволи баъд аз исломиятро дар назар орем, мебинем, ки ба ҳар кори маданӣ пештару роҳбар тоҷикон буданд. Чунончи, дар аҳди Сомониён адабиёт ва саноеъ чӣ қадарҳо пеш рафта ва роҳбарони ин корҳо тоҷикон буданд. Он иморатҳои бузург, кӯшкҳои фалакнамой, айвонҳои кайвонбулён ва боғҳои ҷаннатнишон, ки дар аҳди Сосониён дар Бухоро бино ёфта буд, муассиси ҳамаи инҳо тоҷикон буданд. Таъсири ин маданият буд, ки ҷаҳонгири бузург Темури курагон бо вуҷуди ин ки ирқан турк буд, «Тузуки темурӣ»-ро ба тоҷикӣ навишт. Сарои худро аз уламо ва удабои тоҷик зиннат дод, катибаҳои ҳамаи иморатҳои худро ба тоҷикӣ сабт кунонд.

Абдуллохони шайбонӣ, ки яке аз авлодони ӯзбекони сирф аст, шеърҳои тоҷикӣ навишт ва ҳамчунин, Абдуллохони ӯзбек ва аҳли дарбори ӯ чӣ қадар ки биноҳои хайрия сохта бошанд, ҳамаи катибаҳояшро форсӣ карданд» [32, с. 290]. Дар ҳақиқат, таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон ба 15 марти соли 1925 рост омад ва адибону маорифпарварони тоҷик, кулли зиёиёнро шоду масрур гардонид.

Устод Айнӣ аз ин рӯйдоди фараҳбахш рӯҳбаланд гардида, таъкид мекунад, ки тоҷикон пас аз солҳои тӯлонии маҳрумият ба ҳуқуқҳои миллии худ соҳиб шуданд. Ба андешаи ӯ, ин дастоварди таърихӣ натиҷаи сиёсати инсонпарваронаи фирқаи Иштирокиюн буд, ки барои барқарор гардидани ҳуқуқи миллати мазлум замина фароҳам овард. Дар ин бобат, устод таманниёти

худро низ изҳор доштааст, ки чӣ бояд карду кадом роҳро пеш гирифт то ба дигарон баробар шавем: «Мисли ҳамин, имрӯз Тоҷикистон соҳибихтиёр шуд, лекин ҳеч чиз надорад, аммо Ӯзбекистон нисбат ба ӯ дорои ҳар чиз аст. Бинобар ин, то он поя маовинат ва ёрмандӣ лозим аст, ки Тоҷикистон дар хусуси корҳои илмӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва деҳқонӣ қомати худро рост гирад ва аз ин ҳаққу ихтиёр баҳравар шуда тавонад. Вагарна, кори Тоҷикистони мухтор, мисли шогирди аз устод оқшуда ба саросемагӣ мекашад» [32, с. 292]. Дар ин хусус, устод умедвориҳои зиёд дорад ва ба ояндаи неки Тоҷикистони азиз боварии қатъӣ изҳор мекунад.

Аммо баъзе умеду боавриҳои устод бо сабаби халал ворид сохтани душманони халқи тоҷик иҷро нашуда монданд. Чунончи, дар мақолае бо номи «Кишваршиносӣ», ки дар маҷаллаи «Дониш-биниш» (минбаъд «Раҳбари дониш», №1, 1927) чоп шудааст, устод Айнӣ нахуст изҳор медорад: «Афроди як кишвар ҳам, агар он кишвари худро ба хубӣ ва аз ҳар ваҷҳ надонад, би айниҳи ҳамон одамест, ки хонаи худро аз ҳеч роҳ надонистааст» [32, с. 295], баъдан, зикр мекунад, ки дар ҷумҳуриҳои дигар, чун Ӯзбекистон баҳри шинохти кишвари худ корҳои зиёдро анҷом медиҳанд, «аммо тоҷикон дар ин бора кори намоёне накардаанд, ҳатто метавон гуфт, ки дар ин хусус ҳеҷ кор накардаанд. Агарчи дар Тошканд дар соли 1925 ба номи «Тоҷикшиносӣ» ҷамъияте барпо шуда бошад ҳам, кори ин ҷамъият аз доираи аъзои худи он ки бештарин донишмандони аврупоӣ ҳастанд, берун набаромадааст. Ин ҷамъият ба номи «Тоҷикистон» дар боби тоҷикшиносӣ як асари бисёр мукаммале чоп кард. Азбаски ин китоб ба забони русист, бештарин тоҷикон, ҳатто арбоби дониши эшон ҳам хабаре надоранд. Дар замонҳои охирӣ шунида шуд, ки ҷамъияти мазкур ин китобро пурратар карда, ба забони тоҷикӣ чоп хоҳад кард…

Дар ин роҳ кор кардан ва ҳамроҳӣ намудани оммаи худи тоҷикон низ лозим аст» [32, с. 296]. Дар ҳақиқат, ҳадафи асосии кишваршиносӣ барои тоҷикон миллатшиносӣ, ба қадри обу хок, ватани худ расидан буд. Афсӯс, ки тавре устод зикр кардааст, аъзои он ҷамъияти навбунёд асосан аврупоиҳо буданд, фаъолияташон аз доираи худашон берун намерафт. Ҳамчунин, инро

ҳам фаромӯш набояд кард, ки афкори онҳо то андозае ҳадафҳои шахсӣ, сиёсӣ ва бузургманишии худашонро доро буд. Албатта, устод Айнӣ дар ин бобат он солҳо ошкор гуфта наметавонист, аммо аз ҳамон ишора ҳам дарк кардан мумкин аст, ки он ҷамъияти «Тоҷикшиносӣ» дар доираи худашон амал мекард, ҳол он ки бояд бо мардум ҳамкорӣ намояд ва намояндагони халқи тоҷик бо он ҳамкорӣ кунанд. Дар он вақт натиҷаи кори он ба манфиати милдати тоҷик хоҳад буд. Аммо дар баъзе масъалаҳои муҳим ва ҷиддӣ фаъолияти онҳо манфиати миллии халқи тоҷикро пушти по зад. Ҳамчунин, нияти он ки китоби таҳиякардаи онҳо «Тоҷикистон», ки дар замони худ аҳаммияти байналхалқӣ дошт, ба забони тоҷикӣ ҳамон вақт ва то ҳозир ҳам тарҷума нашудааст.

Аҳаммияти илмии мақолаҳои устод Айнӣ дар масъалаи тоҷикшиносӣ, кишваршиносӣ, исботи халқи тоҷикон барои адабиёту маданият ва фарҳанги қадимаи хеш аз он иборат аст, ки онҳо бо оҳанги худшиносии миллӣ ба таври як асари комил навишта шудаанд ва оҳанги сиёсӣ доранд. Аз ин рӯ, бартарии мақолаҳои устод Айнӣ нисбат ба навиштаҳои шарқшиносони рус аз он иборат буд, ки онҳо ба манфиати миллати тоҷик хидмат мекарданд, тақдири халқи тоҷикро ба дасти вай месупориданд, намегузоштанд, ки ҳуқуқҳои вай поймол гарданд.

Ба андешаи М. Абдуллозода, «устод Айнӣ шояд ягона ҷадиди собиқ буд, ки байни солҳои 1917-1923 ба сӯйи пантуркизм майл накард, миллаташро иваз нанамуд ва дар сиёҳтарин марҳалаҳои таърихи халқи тоҷик ҳамеша бо миллати худ буд» [311, с. 3].

Маълум аст, ки садаи бист дар таърихи тоҷикон даврони дигаргуниҳои бузург буд. Бахусус, пас аз Инқилоби Октябр (1917) тағйироти куллӣ ба вуҷуд омаданд. Яъне, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ дигаргуниҳое ба вуҷуд омаданд, ки роҳи таърихии миллатро ба тарзи ғайричашмдошт ба ҷониби дигар майл доданд. Аз ҷумла, дар фарҳанг, ба вижа, дар забон, равандҳои мухталиф пайдо шуданд, ки баъзеи онҳо бешак, инкишофи таърихии халқро идома бахшиданд. Онҳо равияҳоеро, ки дар байни маорифпарварон ривоҷ доштанд, такмил дода, мутобиқи хостаҳои даврони инқилоб имконият

фароҳам овварданд, ки забони адабӣ аз ҳар ҷиҳат, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати содагиву равонӣ ба сатҳи баланд расад. Ҳамаи ин масъалаҳо дар нигоштаҳои Садриддини Айнӣ равшану муфассал инъикос ёфтаанд.

Устод Айнӣ норасоӣ, маҳдудият, тангназарии мардуми Осиёи Марказиро аз ҳама беҳтар дарк намуда, қайд кард, ки чӣ тавр зимомдорони давр ба ҷойи давои дард ба гиребони ҳамдигар дарафтоданд, ҳукуматдорони русро бар зидди ҳамватанон шӯрониданд, бо дасти онҳо аз якдигар қасос гирифтанд. Агар баъзе донишмандон роҳи ҳалли масъаларо «нишон доданд, давои ин дард илму маърифат буданро ба мо фаҳмонданд ё хостанд бифаҳмонанд, мо чун омосдоре, ки дар муқобили ништари ҷарроҳ мешӯрад, ғавғо мекунад, шӯридем, ғавғо барпо кардем.

Дарвоқеъ, он замон гурӯҳҳое буданд, ки ба ҷойи кори хайр кардан садди роҳи пешрафт гаштанд ва ҷомеаро торафт ба бунбаст гирифтор намуданд.

Ба андешаи муҳаққиқ П. Гулмуродзода, вақте ки ҳукумати нав барои мардум дари «давохонаи илму маърифат»-ро бикушод, шодию хурсандии устод Айнӣ ва дигар маърифатпарварони тоҷикро ҳадду каноре набуд.

Дар баробари ин, устод Садриддин Айнӣ аз имкониятҳои фароҳамшуда дуруст истифода набурдани ҳаммиллатонашро танқид намуда, таъкид мекард, ки сабаби қафомонӣ на дар набудани шароит, балки дар саҳлангорӣ ва камфаъолиятии худи мардум аст. Ба андешаи ӯ, барои дар қатори миллатҳои мутамаддин қарор гирифтан зарур аст, ки аз фазои озод ва имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода бурда, ба рушди илму маориф, саводнокии ҷомеа ва бедории афкори мардум таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад. Зеро агар дар замони истибдод фаъолияти маърифатӣ ва нашри осор маҳдуд буд, дар давраи озодӣ дигар барои бефаъолиятӣ баҳонае вуҷуд надошт. Устод ба ҳаммиллатони хеш муроҷиат мекард, ки аз неъмати маориф истифода баранд. Бино ба таъкиди устод Айнӣ, неъмати бузурге, ки Инкилоби Октябр ба мардум дод, неъмати маориф аст. Аз рӯзе, ки дар Россия инқилоби иҷтимоӣ шуруъ гардид, роҳбарони инқилоб ба ҳеҷ таҳлука ва тангӣ нигоҳ накарда, маорифро ривоҷ

доданд. Дар шаҳрҳо ва деҳот мактабҳо кушоданд. Ҳатто китоб, қалам, дафтар, пӯшок ва хӯроки хонандагонро тамоман аз хазинаи ҳукумат таъмин карданд.

Устод Айнӣ аз рӯзҳои нахустини Инқилоби Октябр баҳри саводнок кардану соҳибҳуқуқ гардонидани яке аз миллатҳои бостонии ин сарзамин кӯшиш ба харҷ дода, матбуоти даврро барои тарғибу ташвиқи илму дониш, мактабу маориф бо камоли майл истифода мекард. Аз ин рӯ, дар матбуоти давр бо бурҳони қотеъ, мисолҳои нишонрас, андешаю мулоҳизаи амиқ ва далелҳои мушаххас роҳҳои раҳоӣ аз ин дардро ба ҳаммиллатону ҳамаи қавмҳои ин сарзамин нишон медод. Ба андешаи устод Айнӣ, дар ин қафомондагӣ айб дар халқи авом аст. Асрҳо зимомдорони давр ин миллатро дар бесаводӣ, беҳуқуқӣ нигоҳ медоштанд, то идораашон, истисморашон осон шавад. Дар таҳлили вазъ устод Айнӣ боз ҳам амиқтар рафта, сабаби ин қафомондагиро дар коҳилии худи мардумон ҳам медонад. Ин аст, ки мегӯяд: «Дар пас мондани тоҷикон аз дигар қавмҳои Туркистон, албатта, сабаб бисёр аст. Сабаби калон камсаъйии худи тоҷикон аст» [32, с. 270].

«Дунёи нав ва алифбои нав» яке аз мақолаҳои муҳимми Садриддин Айнӣ аст, ки соли 1927 дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ба нашр расид. Устод Айнӣ ҳамчун яке аз саромадони хештаншиноси миллати тоҷик, сабабгору ташаббускори таъсисии Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон наметавонист, ки аз масъалае чун забони адабии тоҷик, алифбои тоҷикӣ, ҳарчи зудтар босавод гардонидани қисми бештари ин мардуми фарҳангӣ дар канор монад. Ба андешаи М. Абдуллозода, «тоҷикон ба муҳокимаи гузариш аз алифбои арабиасос ба алифбои лотиниро аз охирҳои соли 1927 дар сиёсати даврони Шуравӣ оғоз намуданд» [51, с. 180-181].

Аслан ногуфта намонад, ки зиёиён, маорифпарварон, фарҳангиён, ҳатто сиёсатмадорони тоҷик дар мавриди нав кардани алифбо ба саросемагӣ роҳ намедоданд ва аз ҳама охир ба ин масъала диққат доданд. Агар як сабаби он соҳиби таърихи қадима, забон ва адабиёти бузург будани тоҷикон бошад, сабаби дигар, чӣ тавре ки муҳаққиқон иброз доштаанд, «сиёсати давлат ва ҳизби коммунист буд, ки то соли 1929 (замони шурӯи инқилоби маданӣ)

мехост Тоҷикистонро ҳамчун пойгоҳи ба Ҳиндустону Эрону Афғонистон кӯчонидани инқилоби сурх тавассути забон ва алифбои форсӣ истифода барад» [199, с. 137-145].

Устод Айнӣ мақолаи худ «Дунёи нав ва алифбои нав»-ро бо ибораи «дунёи нав» шуруъ намудааст. Устод таъкидро ба болои ин ибора гузошта, зарурати дигар кардани алифборо талаботи замон ба миён гузоштааст: «Масъалае, ки мо баҳс мекунем, хусусияти иҷтимоӣ, хусусияти умумифарҳангӣ дорад. Ҷиҳати илмии онро мутахассисон таҳқиқ кардаанд ва ҳар кадоми мо аз он таҳқиқот истифода мебарем. Ҳар фикри шахсие, ки ба ҳақиқати илмӣ наздиктар бошад, манфиати миллатро беҳтар ифода намояд, пайгирӣ кардани он беҳтар аст» [232, с. 12], - қайд мекунад И. Усмонов.

Дар мақолаи номбурда С. Айнӣ марҳалаҳои ташаккули миллати тоҷикро дар иртибот ба хату алифбои арабиасос хотирнишон намуда, дар шароити дигаргуниҳои навин, ки сохти шуроӣ ба миён мегузошт, зарурати гузаштан ба алифбои ҷадидро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳад. Ба таври мусбат ҳал гардидани масъалаи гузариш ба хат ва алифбои нав дар он айём яке аз масъалаҳои муҳими миллӣ ҳисоб меёфт ва ин раванд амали саҳлу осон ҳам набуд. «Табдили хат ғолибан воқеаи сиёсӣ буда, ба сиёсати замон ва ҳадафҳои он вобаста мебошад» [131, с. 27], - қайд мекунад адабиётшинос М. Имомзода. Ҳассосият ва нозукии раванди зикршударо, ки пойдевори кулли комёбию пешрафтҳои миллӣ ба шумор мерафт, устод Айнӣ сареҳану дақиқан дарк мекард. Аз ин рӯ, вай бо ҷасорату иродати тамоми масъалаи ба алифбои нав гузаштанро дар мақолааш ҳамчун пойдевори таконбахшу созанда баҳри шинохти миллат ва дурнамои кишвари тоҷикон пешниҳод ва арзёбӣ карда, ҳалли мунсифона ва манфиатманди онро ба гунаи оҷилӣ хостор мешавад.

Бояд гуфт, ки Садриддин Айнӣ дар таърихи халқи тоҷик яке аз шахсиятҳои барҷастае мебошад, ки халқи тоҷикро ба худаш шиносонид. Хизмати мавсуф барои густариши забони ноби тоҷикӣ, дар маҷмуъ, барои саводнок кардани миллати тоҷик, қабули алифбои нави тоҷикӣ бузург аст. Қабули алифбои нав нишондоди идораҳои болоӣ буда, он бояд амалӣ

мегашт. Аммо ба ҳар ҳол, дар ин раванд саҳми маорифпарварони тоҷик, аз ҷумла, устод Айнӣ калон аст. «Ман тараққиёти забони адабии имрӯзаи тоҷикро бе фаъолияти Айнӣ, бе меҳнати шабонарӯзии вай дар он рӯзҳо тасаввур карда, ба фикрам ғунҷонда наметавонам» [257, с. 19].

Устод Садриддин Айнӣ алифбои дар байни тоҷикон маъмулро барои ифодаи талаботи замони нав нокифоя дониста, заруратиислоҳи хат ва усули таълимро таъкид менамояд. Ба андешаи ӯ, зиёиёни форсизабон роҳи асосии ҳалли мушкилро дар даст кашидан аз алифбои арабӣ ва гузаштан ба алифбои лотинӣ медиданд. Аммо дар давраи амирӣ ва зери нуфузи рӯҳониёни мутаассиб на танҳо пешниҳоди алифбои лотинӣ, балки ҳатто масъалаи таҷдиди усули таълим низ мамнуъ буд. Муқовимат ба усули нави савтӣ дар Бухоро боиси низоъҳои шадид, хунрезӣ ва хонавайронии мардум гардида буд.

Ба андешаи академик М. Имомзода, «хатти арабиасоси форсӣ гӯё барои маҳви бесаводӣ, тартиби ғояҳои инқилоби маданӣ монеъ ва ба талаботи замон ҷавоб дода наметавонист. Дар натиҷа чунин фикре пайдо шуд, ки бо сабабҳои фавқуззикр алифбо бояд иваз карда шавад» [131, с. 29]. Дар тақвият ба гуфтаҳои М. Имомзода муҳаққиқ М. Абдуллозода менависад, ки «мавзуи асосии публитсистикаи ин солҳо равшанӣ андохтан ба масъалаи забон ва алифбо ва дуюмбора иваз кардани хати тоҷикӣ буд» [51, с. 226].

Ҳамин тавр, устод Айнӣ нахуст иқрор мешавад, ки алифбои то ҳол мавриди истифода «ҳатто барои дунёи кӯҳна» нокифоя аст. Аз ин рӯ, қабули алифбои навро ба миён мегузорад. Зеро як муддат бо «шарофат»-и амирон ва муллоёни давр, - чунонки аз Фитрат мисол меорад устод Айнӣ, - дар хусуси усули таълиму тадрис, хусусан, алифбо сухан рондан мушкил буд. Бахусус, дар Бухоро касе ҷуръат намекард, ки аввалин шуда ба ин масъала дахл намояд.

Устод Айнӣ аз он изҳори таассуф мекунад, ки ҳарчанд баъди Инқилоби Октябр аввалин шуда Ҷумҳурии Озарбойҷон, баъдан Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва соири мардуми турки Иттиҳоди Шуравӣ ба ислоҳи алифбо шуруъ карданду дар ин кор пешрав гаштанд, тоҷикон дар ин масъала ақибмондаанд. Бар замми

ин, дар аввалҳои Инқилоби Октябр тоҷикон як мактаби шуроӣ надоштанд, ки ин таассуфовар аст.

Табиист, ки баъди тақсимоти ҳудуди миллӣ, ки дар Осиёи Миёна ба вуқуъ омад, тоҷикон низ соҳиби ҳуқуқҳои худ шуданд. Метавон гуфт, ки тоҷиконро он замон ба ду қисм ҷудо карданд: онҳое, ки аз рӯйи шароити ҷуғрофӣ ҷумҳурияти ҷудогонаи мухтор ташкил карданд ва тоҷиконе, ки дар дохили Ӯзбекистон монданд. Тоҷикони гурӯҳи дуюм, яъне, онҳое, ки дар дохили Ӯзбекистон монданд, бо забони худ мактабҳо кушоданд, ки то ҳол хонандагон то як андоза бо забони тоҷикӣ таълим мегиранд.

Устод С. Айнӣ низ мураккабиҳои қазияи «алифбои арабӣ»-ро бо истинод ба мақолаи Фитрат гӯшзад карда, зарурати саросар босавод намудани халқи тоҷикро дар заминаи алифбои нав аввалиндараҷа мешуморад. Ҳарчанд ҷое мегӯяд, ки «лекин ин масъаларо акнун ба як тарзи чустӣ, чолокӣ ва зарбагӣ ҳал кардан даркор аст, ки қусури он ҳама пасмондагиҳо бароянд» [25, с. 348], вале бо вуҷуди ин, таъкид мекунад, ки дар роҳи татбиқи ин масъалаи таърихии миллатсоз дурандешона ва бо эҳтиёт бояд рафтор кард.

Ҳарчанд он замон дар марказ ин масъала то андозае ҳалли худро ёфта, Кумитаи марказии алифбои нав ҳам барпо шуда буд. Барои тақвияти андешаҳои худ устод Айнӣ бо такя ба номаи сафири Эрон Мирзо Каримхон таъкид мекунад, ки нотавонии Эрон дар ҳалли ин масъала ба таъсири қавии рӯҳониён вобаста аст. Аммо тоҷикон, ки аз озодӣ ва дастгирии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бархӯрдоранд, набояд дар роҳи пешрафти фарҳангӣ сустӣ нишон диҳанд, зеро чунин бепарвоӣ дар назди таърих гуноҳ маҳсуб меёбад.

Сабаби то ба ин дараҷа ба раванди гузаштан ба алифбои нав таваҷҷуҳ зоҳир намудани устод Айнӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки мушкилоти хат ва дар ин асос комилан саводнок гардидани мардуми азиятдидаи тоҷик масъалаи барҷастаи миллӣ ба ҳисоб рафта, он дар сарнавишти миллат нақши бориз ва ҳалкунанда мебозид. Муҳиммияти масъаларо бо камоли масъулият ҳамчун фарди донишманду зиёии миллат ҳис карда, С. Айнӣ ҳадафҳои рӯшани онро дар босаводу тафаккурманд гардидани мардум медонад. Чун миллат саросар

соҳибхату босавод гардад, бешубҳа, дар пешбурди кишвар ва ормонҳои миллӣ саҳми худро хоҳад гузошт. Сари вақт ва зуд босавод гардонидани мардуми авом дар солҳои бистуми қарни бист бисёр муҳим арзёбӣ мешуд. Устод Айнӣ ва маърифатпарварони тоҷик медонистанд ва мушоҳида мекарданд, ки бо алифбои арабӣ, ки дар бораи душвории он донишмандони тоҷик чун А. Алиев, С. Манофзода, А. Фитрат, А. Семёнов, Т. Зеҳнӣ ва дигарон давоми солҳои 1925-1929 дар саҳифаҳои «Раҳбари дониш» мақолаҳои пурмуҳтаво навишта буданд, чунин вазифаи фаврии босаводгардонии саросарии аҳолиро иҷро намудан ғайриимкон аст. Дар баробари ин, мунозираҳои дар он замон (солҳои 1925-1927) баамаломадаро низ набояд сарфи назар кард. Масалан, А. Фитрат лоиҳаи худро пешниҳод карда буду А. Семёнов ва забоншиносони рус лоиҳаи дигари алифбои лотиниро. Маҳз дар чунин шароит, ҳамчунин, дар арафаи конференсияи Самарқанд, ки тирамоҳи соли 1927, пеш аз конференсияи забоншиносон дар Тошканд, ки ба он ҳатто Айниро даъват накарданд, ба майдони баҳс ворид гардидани устод Айнӣ қаҳрамоние буд, ки рӯйи бисёр масъалаҳо равшанӣ андохт.

Доир ба баҳсҳои онвақта Қ. Шарифзода менависад: «Дар навиштаҳои устод Айнӣ бартарияти мавқеи сиёсатсолорӣ эҳсос мегардад, ки ин ба осоре аз зарбаҳои тоҷикбадбинони айём пас аз нашри «Намунаи адабиёти тоҷик» вобаста аст» [277, с. 39].

Устод Айнӣ хирадмандона ҳадс мезанад: «Алифбои нав бояд ба тарзе тартиб ёбад, ки ҳар фарзанди тоҷик дар як моҳ ҳарфшинос шуда тавонад ва баъд аз ҳарфшинос шудан ҳар калима ва ҷумлаи тоҷиконро, ки бо он алифбо навишта мешавад, бе хато кардан дар забар ва зер ва бе ғалат кардан дар лаҳҷа ва шева хонда тавонад» [25, с. 349]. Дар охир Садриддин Айнӣ амалӣ шудани ин пешниҳодро ба кӯшишу талошҳои муаллимон ва муҳаррирони тоҷик, ки дар машварат ширкат меварзанд, вобаста медонад.

Баъд аз як сол устод Айнӣ дар «Овози тоҷик» мақолаи «Масъалаи таърихӣ дар гирди алифбои нави тоҷикӣ»-ро рӯйи чоп меорад, ки пурра фарогири масъалаи лотинӣ гардонидани алифбои тоҷикӣ мебошад. Тӯли як сол равиши

«алифбои нави тоҷикӣ ранги расмиятро гирифта ба зиндагонӣ гузаронидан»-ро [25, с. 356] дошт. Дарвоқеъ, ба таъбири устод, ин як кори хурду муқаррарии ҳаррӯза набуда, балки як масъалаи таърихие мебошад, ки монандаш дар зиндагии миллати мо як-ду маротиба мегузарад. Нигаронии устод Айнӣ аз он буд, ки масъалаи мазкур бо иштироки намояндагони тамоми минтақаҳои Тоҷикистон ва дар заминаи меъёрҳои илмӣ, инчунин бо дарназардошти тарзи гуфтори мардуми тоҷик баррасӣ гардад. Ба андешаи ӯ, пеш аз ҳама, омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷонибаи забони тоҷикӣ зарур буд. Аммо дар давоми як соли муҳокимаи масъала натиҷаи назаррасе ба даст наомад: танҳо ду лоиҳаи Фитрат ва Семёнов таҳия гардида, чанд маҳфилу ҳамоиши машваратӣ дар Самарқанду Душанбе баргузор шуд, ки дар муқоиса бо аҳаммияти масъала басанда набуданд.

Воқеан, дар ин муддат на танҳо дар ҳамоишҳо, балки дар матбуот ҳам барои муҳокимаи ин масъала аз гӯшаҳои Тоҷикистон мардумон ҷалб карда намешуданд. Чанд навиштае, ки он ҳам хусусияти расмӣ доштанд ва ё суханронии як минтақа дар он ба назар гирифта шуда буд, рӯйи чоп омаданд. Аз ин рӯ, С. Айнӣ зарур донист, ки «аз ҳар гӯшаи Тоҷикистон ва ҷойҳои тоҷикнишини Ӯзбакистон ягон-ягон намояндагон ҷеғ задан даркор аст. Бисёр одамони донишманд будани ин намояндагон лозим нест, бесавод бошанд ҳам, зарар надорад» [25, с. 357]. Устод ин масъаларо барои конфронси навбатӣ ба миён гузошт. Ин пешниҳодро замоне устод роиҷ донист, ки ҳар кас забони зиндаи тоҷикро мувофиқи дарёфти худ дидан мехост. Бо ин мақсад, иштироки намояндагони тоҷикро барои таъйин кардани ин ки забони зиндаи тоҷик чӣ гуна аст ва чист, зарур мешуморид. Дар бобати қабули алифбои лотинӣ низ баҳсҳо ҷой доштанд. Лоиҳаҳои пешниҳодшуда аз ҳам фарқ мекарданд.

Дар навиштаи худ устод Айнӣ дар асоси далелу аснод шаклҳои гуногуни ҳарфҳои арабиву лотиниро оварда, барои осон ва оммафаҳм гардидани алифбо, инчунин, барои дар нашриёт ба осонӣ рӯйи чоп омадани маводди нашршаванда, ки баъзеҳо маҳз ҳамин паҳлуи масъаларо асос карданӣ мешуданд, мисолҳо оварда, барои ҳарчи зудтар қабул намудани

алифбои нав талош намудааст. Дар охир мегӯяд, ки «аз ҳама пештар чӣ будани хусусияти забони тоҷикиро муайян кардан лозим аст. Барои ин кор - чунончи дар боло гуфта шуд - гувоҳҳои муҷассам, яъне, намояндагони авоми тоҷик даркоранд» [25, с. 360]. Профессор И. Усмонов чунин андеша дорад: «Дар раванди гузариш ба хати нав устод Айнӣ, Санҷар, Бектош, Фитрат, Обид Исматӣ ва бисёр дигарон мақолаҳо навиштанд ва ҳар яке ақидаи худро бо мисолҳои хоси худ асоснок карданд. Ба назари ман чунин мерасад, ки гузариш ба алифбои лотинӣ ташаббуси роҳбарони фарҳанги мардуми туркзабон буд ва он хеле вақт пеш аз Инқилоби Октябр шуруъ шуд» [240, с. 306].

Хулоса, аз таҳқиқи мақолаҳои ба забон ва алифбо бахшидаи Садриддин Айнӣ, аз ҷумла, дар бораи гузариш ба алифбои нав маълум мегардад, ки бо усули нигориш ва сабки худ низ хусусияти худро дороянд. Барои дарки масъала нахуст шароити замонро бояд пеши назар овард. Дар он замон баҳсу мунозираҳо оид ба тарзи қабули алифбои нав ва бар сари лоиҳаи кӣ беҳтар шиддатнок идома дошт. Вақте ки баъзеҳо устод Айниро дар мавриди мақолаҳои зикршуда бисёр майдакор ва хӯрдагир меҳисобиданд, бояд ба ҳисоб гиранд, ки агар устод Айнӣ ҳар хурдтарин масъалаи алифборо ба баҳс намекашид, аз қабули алифбои нав манфиате набуд. Зеро ҳадафи гузариш ба алифбои нав ҳарчи зудтар босавод гардонидани қисми бештари аҳолӣ, пеш аз ҳама, халқи авом ба ҳисоб мерафт. Ин аст, ки устод Айнӣ ба ҳар масъала хӯрдагирона муносибат карда, бо як сабку услуби тунду тез муносибаташро баён сохтааст.

Ба таври хулоса метавон гуфт, ки «ба шарофати иқдом ва ормонҳои неки шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ забони тоҷикӣ дар се давра мавриди таваҷҷуҳи амиқ ва сарпарастӣ қарор дошт. Давраи аввал ба асри X, давраи дуюм ба ибтидои садаи XX ва давраи сеюм ба замони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон иртибот дорад. Ҳарчанд дар ин марҳалаҳои таърихӣ шахсиятҳои зиёди баруманд дар самти тозагии забони тоҷикӣ ва мавқеъ пайдо кардани он саҳм гузоштаанд, аммо дар ин раванд хизматҳои Исмоили Сомонӣ, устод Садриддин

Айнӣ ва Пешвои муаззами тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон шоиставу мондагоранд» [179, с. 99].

Боиси хушнудист, ки имрӯз номи тоҷик ва забони тоҷикӣ дар Конститутсияи кишвар инъикос гардид ва миллати тоҷик ҷойи таърихии худро ёфт.

## 3.2. Худшиносии миллӣ, сиёсат ва мамолики Шарқ дар публитсистикаи С. Айнӣ

Муқоисаи тарзи зиндагии мардуми Шуравӣ ва давлатҳои дигар, тасвири мадади халқу давлати Шуравӣ ба мамлакатҳои хориҷӣ ва махсусан, Шарқи хориҷӣ дар марҳалаи аввали публитсистикаи устод Айнӣ мавқеи хосса дорад. Дар «Масъалаи Шарқ», «Аҳволи Эрон», «Ҳукумати Шуроии Туркистон ва масъалаи Шарқ», «Бархез, Шарқи мазлум, ки урдуи Шарқ расид», «Инқилоби байналмилал, мамлакатҳои Туркия, Ҳиндустон ва Афғонистон» барин даҳҳо мақолаҳое, ки роҷеъ ба вазъи байналхалқӣ навиштааст, устод ҳамчун интернатсионалисти собитқадам, ҳомии озодӣ ва сулҳу осоиши ранҷбарони тамоми олам сухан меронад.

Устод Айнӣ донандаи бузурги таъриху тамаддуни халқ буд ва ин дониши мукаммалаш имконият фароҳам овардааст, ки ӯ ҳар як факту рақам, ҳар як ҳодисаро бо муқоиса, равшан ва таъсирнок тасвир намояд.

Устод Айнӣ, махсусан, ба вазъияти Шарқ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст. Ӯ дар як қатор мақолаҳояш сабабҳои асосии аз тарафи мустамликадорони мағрибӣ истило шудани мамлакатҳои Осиёро баён намуда, макру фиреб ва ҳилаву найрангҳои «империалистон»-ро, ки худро «ободкунандагон»-и кишварҳои Шарқ, «паҳнкунандагон»-и илму маданият ва «мураббиён»-и аҳолии ин сарзамин ба қалам дода, бо ваъдаҳои бардурӯғ ва мунофиқона онҳоро ба худ мутеъ месохтанд, фош мекунад.

Дар ин бобат, алалхусус, мақолае, ки бо унвони «Масъалаи Шарқ» навишта шудааст, хеле диққатангез мебошад.

Дар мақолаи «Масъалаи Шарқ» Садриддин Айнӣ бори нахуст ба таҳлил ва баррасии масоили байналмилалӣ пардохта, муҳиммияти вазъи сиёсии даврро махсус таъкид менамояд ва дар иртибот ба ин мавзуъ ба таври муфассал дар хусуси мамолики абарқудрати Аврупо, ки устод Айнӣ Фарангистон меномад, доир ба чигунагии аҳволи сиёсию иқтисодӣ ва пешрафту тараққии он кишварҳо маълумот медиҳад. Ба ақидаи устод Айнӣ, аҳли Ғарб, фарангиён чи дар рушди саноат, чи иқтисод ва кишоварзӣ бар пояҳои баланд расидаанд, ки ин як ҳақиқати бебаҳс аст. Мавсуф бо андешаю муҳокимарониҳои худ пешрафти кишварҳои Ғарбро тасдиқ ва таъсири он мамоликро ба дигар сарзаминҳо бо далелҳои мушаххас исбот менамояд ва нишон медиҳад, ки ҳадафи ниҳоии фарангиён ба зери итоати худ даровардани давлатҳои Шарқ ва сарвату боигариҳои онҳо мебошад, ки дар ин байн кишварҳои Осиёи Миёна низ ҳарф доранд. Дар ин бора устод менависад, ки аҳли Аврупо саноат барпо карданд, маҳсулот истеҳсол намуданд, онҳоро фурӯхтан лозим шуд, ба ҷустуҷӯи бозор даромаданд ва Осиёи Марказӣ, Шарқро ёфтанд, ки аҳолиаш дар хоби ғафлат аст. Дар бораи ин масъала, андешаҳои устод Айнӣ ба навиштаҳои «Бухорои шариф», мақолаҳои маорифпарварони тоҷик монандӣ доранд. Аммо устод Айнӣ хеле пеш рафта, бо итминони комил ибрози ақида мекунад, ки ҳадафи ғарбиён бе ғарази шахсӣ нест. Онҳо, фарангиён, Шарқро тобеъ карданианд: «Фарангиён дар ин бозор мисли чорбозоргарди шаҳрӣ, ки ба қарияву қишлоқҳо дар миёни ӯзбак ва қазоқҳо медавад, гурӯҳ-гурӯҳ шуда давиданд. Чунон ки чорбозоргардон ҳар қадар ширинзабонӣ кунанд ва худро манфиатрасони аҳли қишлоқ ба қалам диҳанд, мақсади аслиашон буду нобуди аҳли қишлоқро ба ҷайби худ кашидан ва ба бадали насяҳои сӯхта, замину боғу ҳавлиҳои қарздоронро ба номи худ васиқа карда гирифтан ва агар қарздор амлок надошта бошад, аз забонаш хат гирифта мудомулҳаёт ғуломвораш кор фармудан аст, инчунин, сарватдорони Фаранг ҳам ҳар қадар ки дар зоҳир «мо машриқзаминро обод мекунем, дар машриқ илму маданият нашр менамоем ва аҳли Шарқро тарбият мекунем ва амсолаш…» гӯянд ҳам, мақсадашон буду нобуди

машриқзаминро ба яғмо бурдан ва аҳли Шарқро ғуломосо, бал ҳайвонвор ба манфиати худ кор фармудан аст» [32, с. 110-111].

Мамлакатҳои абарқудрати Аврупо барои тараққии бештари соҳаҳои иқтисоду саноат ва кишоварзӣ ба ашёи хому бозорҳои сарзаминҳои Шарқ ва заминҳои ҳосилхези онҳо чашми тамаъ дӯхта, баҳри дар асорату ғуломӣ нигоҳ доштани миллатҳои мазлум талош мекарданд. Ба андешаи Садриддин Айнӣ, ин масъала барои он «Масъалаи Шарқ» ном гирифтааст, ки ҳар яке аз давлатҳои Ғарб ба мақсади бештар ба даст даровардани ин сарзаминҳо ва истифода аз сарватҳои онҳо мубориза мебурданд.

Устод Айнӣ ҳадафи онро надорад, ки Шарқу Ғарбро муқобил гузорад. Ӯ медонист, ки он ҷо ҳам, ин ҷо ҳам синфи мазлум ҳаст, ки онҳо ҳам дар Шарқу Ғарб ситамдида мебошанд. Устод Айнӣ чашми мардумро кушодан мехоҳад. Иброз медорад, ки мазлумон, аз ҷумла, синфи заҳматкаши Шарқ бояд ҳаққи худро аз дасти золимони худӣ ва бегона кашида гиранд, соҳиби обу хоки худ шаванд. Илм омӯзанд, заводу фабрика созанд ва ватани худро обод кунанд. Афсӯс, ки дар ин бобат Шарқ қафомонда буд ва ҳолати Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, кишвари тоҷикон низ чунин буд ва сухани устод Айнӣ асосан ба мардуми худ равона шудааст.

Муаллиф, инчунин, қайд мекунад, ки сарватдорони Ғарб дар ғорати сарвати Шарқ зоҳиран бо ҳам муттафиқ бошанд ҳам, вале дар асл байни онҳо ихтилоф ва рақобати тунду тез вуҷуд дорад, зеро ҳар яке кӯшиш менамояд, ки нисбат ба дигаре зиёдтар манфиат барад.

Онҳо аз ин ҷиҳат ҳам айнан ба савдогарони чорбозоргард, ки аз иттиҳод ва иттифоқ дам зананд ҳам, «лекин ғаразашон гӯл задани якдигар ва хок пошидан ба чашми ҳамдигар буда, бисёртар ба худ харидор ҷалб кардан ва аз рафиқи худ зиёдтар манфиат ёфтан аст» [32, с. 111], монанд мебошад. Чунонки мебинем, нависанда ба чорбозоргардон монанд кардани мустамликачиёни Ғарб хислатҳои асосии империалистонро бо як тарзи оммафаҳме ошкоро нишон медиҳад.

Устод Айнӣ хусусияти иртиҷоъпарастона ва истилогаронаи он кишварҳоро баён намуда, чунин мегӯяд:

«Инак ҳамин: ба даст даровардани бозорҳои Шарқ ва соҳибӣ кардани хоки ҳосилхези машриқзамин ва аз сарват ва давлат ҷудо карда, ба худ ғулом кардани аҳли Шарқро ва ҳар кадомашон саҳми бузургтар ва хубтар гирифтан аз машриқзаминро фарангиён «масъалаи Шарқ!» мегӯянд» [32, с. 111].

Ин «масъалаи Шарқ» аст, ки имрӯз ҳам куҳна нашудааст. Баъди сад сол ҳоло ҳам дар мамлакатҳои Шарқ, чун Сурия, Ироқ, Либия, Афғонистон ҷангҳои бародаркуш идома доранд, ки сабабашон як аст: ба даст овардани бозорҳои ашёи хом, васеъ намудани доираи таъсир. Устод Айнӣ дар ҳамон вақт ин асрорро дарк карда буд ва бо камоли сиёсатшиносӣ ва ҷаҳонбинии васеъ сабабгорони он ва натиҷаи ин сиёсати давлатдорони Ғарбро фош мекард. Бо ин хусусияти мақолаҳояш устод Айнӣ баробари ашъори ватандӯстонаи Иқболи Лоҳурӣ хидмат кардааст.

Дар ошкор намудани хусусияти ғосибона доштани муносибати кишварҳои Ғарб ба мамолики Шарқ Садриддин Айнӣ ҳамчун як сиёсатмадори донишманд ва муҳаққиқи ҳамадон намоён гардида, ба шикаст ва азобҳо гирифтор шудани минтақаи Осиёӣ ва аҳолии онро бо диду мушоҳидаҳои илман асоснок бозгӯӣ мекунад.

Ишораҳои С. Айнӣ аслан ба сиёсати мустамликадории кишварҳои Ғарб нигаронида шуда, вай омилҳои мухталифи соҳиб гардидан ба сарватҳои мамолики Шарқро аз ҷониби фарангиён ба таври мушаххас ва дақиқ баён менамояд. Вале мамлакатҳое чун Ҷопон, давлати Усмонӣ ва Афғонистон ба жарфи сиёсати иғвогаронаи Аврупоиён расида, дар пайи тараққии кишварҳои худ афтоданд.

Устод Айнӣ аз рушди тараққӣ бозмондани кишварҳои Шарқ ва ба итоати мамолики Аврупо даромадани онҳоро ба зери танқид гирифта, зикр менамояд, ки ин омил аз сатҳи пасти фаҳмиш ва дар нодонӣ мондани миллатҳои мазкур вобастагӣ дорад. Устод бо таассуф хотирнишон менамояд, ки империалистон аз заифию ҷоҳилии қавму миллатҳои Осиёи Сағир истифода бурда, ин кишварҳои

қафомондаро ба ҷанги зидди ҳамдигар тела медиҳанд. Аксари чунин ҷангҳои ваҳшиёна байни давлатҳои аҳолиаш мусулмон сар мезанад ва табиист, ки мамолики Ғарб ин вазъро ба суди хеш истифода намуда, ба ин миллатҳо фишор оварда, онҳоро бераҳмона истисмор мекунад. Устод С. Айнӣ ин раванди сиёсиро огоҳмандона таҳлил ва характери таҷовузкоронаи давлатҳои империалистиро ошкор месозад.

Дар ин мақола мо боз як ташбеҳи мувофиқеро, ки устод Айнӣ истифода бурдааст, мебинем. Нависанда акнун Шарқро ба беморе ва мустамликадоронро ба ворисони беинсофу чашмгурусна шабоҳат дода, мунофиқӣ ва риёкории шахсони сарватпарастро боз ҳам равшантар тасвир мекунад.

Муаллиф аҳволи мардуми Шарқро ба бемори дар ҳолати ҷонканӣ қарордошта монанд мекунад, ки дар атрофаш ворисони чашмгурусна ҷамъ омада, марги ӯро интизоранд. Ба андешаи ӯ, халқҳои Шарқ дар баробари аз даст рафтани сарвату истиқлоли худ нотавон монда, танҳо ба оромии муваққатӣ қаноат мекарданд. Давлатҳои Ғарб бошанд, зери шиорҳои ҳифзи истиқлол, рушди иқтисод, ободонӣ ва густариши илму маърифат сиёсати риёкорона пеш мебурданд. Дар асл, ҳадафи онҳо ҳарчи зудтар аз байн бурдани нишонаҳои истиқлоли кишварҳои Шарқ ва соҳиб шудан ба сарвату мулки онҳо буд.

Ҳамин тавр, нависанда ниқобро аз рӯйи империалистони ғосиб ва тороҷгар барканда, сирати манфури онҳоро дар пеши назари хонанда возеҳу равшан нишон медиҳад, ки ин ҷиҳат дар шароити имрӯза ҳам аҳаммияти худро гум накардааст.

Садриддин Айнӣ дар як силсила мақолаҳояш, ки ба тафсири авзои байналхалқӣ бахшида шудаанд, оид ба вазъи сиёсӣ-иҷтимоии кишварҳои Шарқ ва таърихи муборизаҳои озодихоҳии халқҳои он таваққуф карда, таъсири Инқилоби Октябрро ба олами Шарқ ва вусъати ҳаракатҳои инқилобии онҳо хотиррасон менамояд.

Нависанда доир ба сиёсати Ҳукумати Шуравӣ нисбат ба масъалаи Шарқ менависад, ки давлати Шуравӣ, бар хилофи давлатҳои империалистӣ, озод гардидани Шарқро мехоҳад ва дар ин роҳ ба аҳолии Шарқ, ки баҳри озодӣ

бархостаанд, ёрӣ ва пуштибонӣ хоҳад кард. Аз ин рӯ, муаллиф ба озодихоҳони Шарқ тавсия медиҳад, ки аз шароити мавҷуда истифода бурда, бо Ҳукумати Шуроӣ робита барқарор намоянд ва аз таҷрибаи он сабақ гиранд. Онҳо бояд дар саросари кишварҳои Шарқ созмону ҷамъиятҳо таъсис дода, моҳияти истисморгаронаи сармоядорони Ғарбро ба мардум фаҳмонанд ва халқҳоро барои мубориза бо душманону ҳифзи ҳастии худ сафарбар созанд.

Мо дар зер аз мақолаи зикршуда порчаеро низ моерем, ки дар он нависанда оид ба тарзи мубориза ва роҳҳои халосии Шарқ фикру мулоҳизаҳои худро баён карда, ба озод шудани мардумони Осиё боварии комил доштанашро изҳор медорад. Вай шароити таърихии замона ва ҳамон воқеаҳоеро, ки дар арсаи байналхалқӣ рӯй медоданд, пеши назар оварда, ба чунин хулоса меояд:

«Имрӯза аҳволи дунё ҳаминро нишон медиҳад, ки рӯзи подшоҳони Фарангистон ба охир расида, наздик аст, ки Инқилоби умумӣ рӯйи дунёро гирифта, Шарқу Ғарбро аз вуҷуди мурдори ин хунхӯрони ғаддор пок карда, ба осудагӣ зиндагонӣ карданро насиби умуми одамиён намояд…

Эй маҳди маданият! Эй манбаи илму маърифат! Эй парваришгоҳи инсоният! Эй мабдаи одамият! Эй валии неъмати рӯйи ҷаҳон! Эй Шарқ!!! Бархез, ки ҷаҳон барои истихлоси ту бархост! Эй аҳли Шарқ! Ҳозир бош, ки масъалаи Шарқ ба нафъи ту ҳал хоҳад шуд» [32, с. 119-120].

Ин порча низ яке аз намудҳои руҷуи лирикӣ-нидои публитсистӣ аст, ки дар ин мақола мавриди истифода қарор гирифтааст ва табиист, ки дар он масъалаҳои сиёсӣ бештар бозтоб шудааст.

Муаллиф дар ин қабил мақолаҳояш бештар аз рӯйи хабарҳои матбуот ва агентиҳои телеграфӣ равиши амалиёт ва муҳорибаҳои зидди империалистии аҳолии Шарқро тасвир намуда, роҷеъ ба ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии халқҳои Туркия, Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон, Хитой, Арабистон ва дигар кишварҳои Осиё муфассал маълумот медиҳад. Нависанда, алалхусус, дар бораи ҳамон давлатҳои Шарқ, ки дар муборизаҳо суботкорӣ ва азми қатъӣ нишон дода, ба ҳуқуқи миллии худ соҳиб мешуданд, бо таваҷҷуҳи махсусе сухан меронад. Чунончи, ӯ амалиёти халқи Афғонистонро, ки дар натиҷаи ҷонфишониҳо юғи

асорати мустамликадорони англисро дур партофта, ба истиқлолият ва соҳибихтиёрӣ ноил гардидааст, тақдир менамояд.

Ҳамин тавр, С. Айнӣ вазъи сиёсӣ ва марҳалаҳои инкишофи кишвари Афғонистон ва таҳкиму такомули давлатсозиро дар ин мамлакат муфассал таҳлил карда, ба дараҷаи баланди худшиносии миллӣ ва соҳибистиқлолӣ муваффақ гардидани онро дар байни дигар ҳамсояҳо, аз қабили Эрон ва хонигарии Хеваю Аморати Бухоро дастовардҳои бузурги ин миллат меҳисобад. Айнӣ сабабҳои худхоҳӣ ва ба пешрафт ноил гардидани Афғонистонро дар мисоли ҳукмронии хирадмандонаи амир Абдураҳмонхон ва пасонтар, замони салтанати Ҳабибуллохон ва интиҳо амири ҳозира Амонуллохон бо далелу бурҳон собит месозад. Хулосаи илмии С. Айнӣ аз ин таҳлили бавусъати вазъи сиёсиву иқтисодии Афғонистон он аст, ки миллати афғон роҳи рушду таҳаввули худро дар роҳандозии илму маърифат ва шинохти марҳалавии худ устувор кардааст. Ҳукуматдорони Афғонистон (Абдураҳмонхон, Ҳабибуллохон ва Амонуллохон) новобаста аз фишорҳои руҳию равонии руҳониён, ҷаҳолату хурофотпарастии қавму халқиятҳои алоҳида ва сиёсати истилогаронаи давлатҳои абарқудрати русу англис, тавонистанд ислоҳоти бузургеро дар ҳаёти сиёсию иқтисодии кишвар ба роҳ монанд. Низоми давлатсозии худро мураттаб ва мустаҳкам намоянд. Натиҷаи ин талошҳо ба он мусоидат кард, ки Афғонистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар ин ҷода муваффақ гардид.

«Дар солҳои охирӣ аз аҳли Шарқ касе, ки ба худ хатти ҳаракати мустақиме қарор дода, ба як интизоми дуруст ба роҳ даромад, давлати Афғонистон аст» [32, с. 114-115]. Аммо ба ақидаи С. Айнӣ, давлати Эрон ва хони Хеваю амири Бухоро ба ҷойи роҳи тараққии кишварҳои худро пеш гирифтану самтҳои инкишофи соҳаҳои хоҷагии халқро мушаххас намудан ва ба ин васила, принсипҳои эъмори давлатдории вижаи миллиро пешниҳод кардан, зери ҳидояту амри англисҳо сиёсати худро роҳандозӣ намуданд.

Ҳамчун муарриху мутафаккир устод Айнӣ таъсири Ҳукумати Шуроии Россия ва муносибати онро бо мамолики Шарқ дар муқоиса бо кишварҳои Ғарб мавриди баррасӣ қарор дода, нахуст, дар хусуси сиёсати хориҷии ин ҳукумат ва

аҳволи иқтисодии он дар солҳои охир маълумот дода, аҳаммияти таърихии инқилобро, ки дар ин сарзамин ба вуқуъ пайваст, ба таври алоҳида арзёбӣ мекунад.

Зикри як нуктаро бамаврид медонем, ки Садриддин Айнӣ дар доираи фаҳмишу ҷаҳонбинии то андозае маҳдуди замонӣ, ки бар пояҳои идеология ва тарғиби сиёсати Ҳукумати Шуравӣ шакл гирифта буд, бар он назар буд, ки Инқилоби болшевикӣ на танҳо дар Россия, балки тамоми мамлакатҳои ҷаҳон ғалаба хоҳад кард ва сохти капиталистӣ, ки асоси онро сарват ва сармоя ташкил медод, комилан барбод меравад. Вале чунонки раванди ташаккули ҷомеаҳои давлатдории ҷаҳон дар дарозои таърих собит месозад, ин таълимоти марксистӣ-ленинӣ амалан бебақо ва нопойдор будааст. Бо вуҷуди ин гуна пиндор, устод Айнӣ, дар умум, роҳи растагории миллатҳои Шаркро дар муборизаи инқилобӣ бар зидди ҳукуматҳои иртиҷоии империалистӣ медонад, ки оқибат онҳоро ба бунёди давлати миллии соҳибистиқлол, ки мардумонаш соҳибҳуқуқ ва озод мебошанд, бурда мерасонад. Ӯ менависад: «Кадом рӯз, ки аҳли Шарқ аз ҳар тараф қиём карда, ҳукуматҳои сарватдори фарангиёнро аз хоки худ ронда, мисли Афғонистон кори худро ба дасти худ гиранд, ҳамон рӯз рӯзи маҳв шудани подшоҳони фарангиён аст. Зеро фарангиён ашёи хомро аз машриқзамин мегиранд, чизеро, ки аз аҳли Шарқ ба як манот харидаанд, дубора ба худи аҳли Шарқ ба сад манот, балки ба ҳазор манот фурӯхта, қисме аз мадохиларо ба кайфу сафои худ сарф карда, ба қисми дигараш олот ва адовати ҷанг ҳозир намуда, ба ғулом кардани аҳли Шарқ сарф менамоянд» [32, с. 117].

Садриддин Айнӣ бисёр бамаврид ва воқеъбинона ҳадафи золимонаи мамолики Ғарбро, ки ба сарвату боигариҳои кишварҳои Осиёӣ чашми тамаъ дӯхтаанд, фош месозад. Сарчашмаи ин ҳама зулм манбаи ашёи хом будани давлатҳои Осиёи Сағир ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, ба андешаи устод Садриддин Айнӣ дар қиёс бо мамолики Ғарб сиёсати Ҳукумати Шуроии Россия нисбат ба кишварҳои Шарқ хуб мебошад. Агар давлатҳои абарқудрати Аврупо истеъмору зулмро истифода кунанд, пас Ҳукумати Шуроӣ бо муносибати

хайрхоҳонаи худ ин мамлакатҳои қафомондаро аз зери тобеияти империалистон озод менамояд.

Устод Айнӣ вазъи сиёсии ҷаҳони онрӯзаро дар мисоли робитаҳои давлати Япония бо Фарангистон бо тамоми ҷузъиёташ таҳлил намуда, зикр мекунад, ки нақшаи давлатҳои Ғарб ва Амрикою Фаронса монеъ гардидан ба ошӯбҳо ва инқилобҳои мардумӣ буда, онҳо мехоҳанд оламро дар зери тобеияти худ, дар зулму асорат нигоҳ доранд. Вале чунин бархӯрд бо кишварҳои осиёӣ, ба ақидаи С. Айнӣ, «ба эътирози шадиди оммаи меҳнаткаш, ба инқилоб оварда мерасонад» [32, с. 118].

Ба андешаи муаллиф, Амрико бо ҳамроҳии Англия ва Фаронса барои барангехтани ҷанги нав омодагӣ медид ва мехост ҷаҳонро дубора ба майдони хунрезӣ табдил диҳад. Аммо заҳматкашони Ҷопон ва дигар давлатҳои ҷаҳон ба чунин ҷанги харобиовар, ки бештар қурбониёни он худи онҳо мегардиданд, розӣ намешуданд. Муаллиф бовар дошт, ки ранҷбарон барои пешгирии ин ваҳшигарӣ бар зидди зулму истисмор бархоста, сохтори золимонро аз байн мебаранд ва дар натиҷаи инқилоби умумиҷаҳонӣ инсоният ба озодӣ мерасад.

Устод Айнӣ Ҳукумати Шуравии Россияро наҷотбахш ва аз зери зулм озодкунандаи мардуми Шарқ ҳисобида, таъкид месозад, ки маҳз Россия ба масобаи халосгар миллати ранҷбари ин сарзаминҳоро ба шинохти ҳуқуқ ва озодиҳои худашон водор хоҳад сохт, аммо ба ақидаи ӯ, дар ин муборизаи озодихоҳона нақши асосиро ҳамоно худи халқу миллатҳои Шарқ иҷро мекунанд. Вазифа назди ин миллатҳо ин тавр меистод, ки бо иштибоҳ ва шитобзадагӣ ба ҷониби кишварҳои Фаранг майл накунанду ҳуқуқҳои худро бо ёрии Россия соҳиб гарданд. Минбаъд ҳушёрию зиракиро аз даст надода, нагузоранд, ки мамолики Аврупо дубора ин кишварҳоро мутеъ ва мардуми онро ғулом созанд.

Ба таъкиди нависанда, озод кардани Шарқ, пеш аз ҳама, вазифаи худи мардуми он аст. Аҳли Шарқ бояд муборизаҳои пароканда ва ноумедонаи худро ба ҳаракати муттаҳиду ҳадафманд табдил дода, ба ояндаи озод бовар дошта бошанд. Онҳо ҳамчунин бояд афроди тарафдори манфиатҳои давлатҳои

истисморгари Ғарбро аз роҳи хато баргардонанд ва нагузоранд, ки бегонагон минбаъд бар сарзаминҳои Шарқ ҳукмронӣ карда, мардуму сарватҳои онро ба манфиати худ истифода баранд. Хуллас, ин ҷо устод Айнӣ дар бораи макру фиреби мустамликадорони Ғарб мардуми Шарқро ҳушдор додааст ва огоҳ кардааст, ки ба фиреби онҳо бовар накунанд.

Дар поёни мақола Садриддини Айнӣ хитобан ба мардуми Шарқ мегӯяд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ фирефтаи ваъдаҳои мамолики Аврупо нагардида, барои озодии худ ин миллатҳо бояд ба мубориза бархезанд, алоқаи худро тамоман аз ин мутакаббирони ҳақношинос бибуранд.

Дар ин мақола чун дар дигар навиштаҳои публитсистии устод Айнӣ рӯҳи барозандаи ӯ ҳамчун фарди ватандӯсту истиқлолиятхоҳ, ки баҳри ба озодӣ расидани қавму халқиятҳои Шарқ, аз ҷумла, тоҷикон, бо сухан талош меварзад, намоён мегардад.

Даъват ба мубориза, барои занҷирҳои асоратро шикастан, ба озодӣ расидан ва соҳиби марзу буми аҷдодӣ гардидан аз ҷониби устод Айнӣ садо медиҳад.

Дар мақола масоили озодӣ ва хештаншиносию ифтихори миллӣ ба таври ҷиддӣ ва фарогир матраҳ гардида, роҳи ба мақсадҳои ниҳоӣ расидани тоҷикон равшан нишон дода мешавад.

Муаллиф мардуми Шарқро ҳушдор медиҳад, ки ба дӯстии зоҳирии сарватдорону ҳокимони Ғарб эътимод накарда, роҳи озодиву наҷоти худро бо нерӯи хеш пайдо намоянд. Онҳо бояд мардонавор мубориза бурда, бо тамоми мазлумону меҳнаткашони ҷаҳон муттаҳид шаванд. Ба андешаи ӯ, озодии ҳақиқӣ замоне фаро мерасад, ки ҳокимияти истисморгарони Ғарб аз байн равад ва он рӯз наздик аст. Ҳамин тариқ, устод Айнӣ ҳар як иқдоми давлатҳои Шарқро, ки барои барқарор намудани алоқаи дӯстона бо Россия карда мешуд, «табрик» намуда, онро яке аз шартҳои асосӣ дар роҳи озодӣ ва беҳбудии Шарқ мешуморид. Дар ин маврид, аҳаммияти муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва робитаҳои дӯстонаи Афғонистон ва Ҳиндустонро бо Давлати Шуравӣ махсус қайд намудааст.

Навиштаҳои С. Айнӣ дар масъалаи Шарқ, асосан, дар жанрҳои мақола ва нигориш буда, бо манбаъҳои матбуоти туркӣ ва форсии берун аз Осиёи Миёна такя мекарданд.

Масъалаи дигаре, ки дар мақолаҳои вобаста ба Шарқ бахшидаи устод ба чашм мерасад, ин мустаҳкам гардидани дӯстӣ ва иттиҳоди ҳалқҳо мебошад. Бояд гуфт, ки Садриддин Айнӣ ин масъаларо яке аз шартҳои асосии аз зулму истисмор наҷот ёфтани оммаи меҳнаткаши дунё донистааст. Ба ақидаи ӯ, агар тамоми мардумони тараққипарвар дар муборизаи умумӣ бар зидди ҷабру ситам, ҷанг ва истилогарӣ бо ҳам муттафиқ шаванд, дар тамоми замин озодӣ ва адолат ҳукмфармо хоҳад шуд.

Устод Айнӣ дар мақолаи «Ҳукумати Шуроии Туркистон ва масъалаи Шарқ» таъкид мекунад, ки баъди Инқилоби Октябр дар Туркистон Ҳукумати Шуроӣ таъсис ёфта, ҳизбу ҷамъиятҳои коргарӣ ташкил гардиданд. Аммо аксари шахсони аз номи меҳнаткашон ва иштирокиюн ба сари қудрат омада, ба барномаи ҳизб риоя намекарданд. Дар натиҷа, мусодира, ҳабс ва дигар амалҳои беасосу бемаврид зиёд ба амал меомаданд. Дар ин мақола душманони Ҳукумати Шуроиро, ки бо ҳар васила, ба сохторҳои давлатӣ сар даровarда, бар хилофи нишондодҳои Ҳизби коммунистӣ амал менамуданд ва дар байни халқҳо оташи нифоқафрӯхта, ба манфиати мардуми меҳнаткаш зарарҳо мерасониданд, устод Айнӣ фош ва маҳкум менамояд.

Устод Айнӣ аҳаммияти калон доштани робитаи халқҳои Шарқ ва Ғарбро дар муборизаи муқобили империализм таъкид менамояд. Вай халқҳои Шарқ ва Ғарбро даъват мекунад, ки ба якдигар ёрӣ ва ҳамкорӣ намуда, муттаффиқона барои ҳуқуқ ва озодии худ, бар зидди зулму асорат бархезанд. Ҳамчунин, устод дар мақолае, ки бо унвони «Ба ҳам пайвандед, ранҷбарони Шарқу Ғарб!» навиштааст, чунин изҳори ақида менамояд:

«Дар ҳангоме, ки давлатҳои ҷаҳонгир бо олами Шарқ дар ҳолати муҳориба ва қатъи муносибат ҳастанд, агар ранҷбарони зери дасти эшон ба як ҳаракати шерона ба майдон дароянд, зеру забар шудани ҷаҳони кӯҳна бисёр фурсат намехоҳад…

Хулосаи калом: барои таъмини инқилоб ва озодии ҷаҳон ба ҳам пайвандед, ранҷбарони Шарқу Ғарб» [32, с. 234].

Аз таҳлили мақолаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки тарғиби дӯстӣ ва иттиҳоди халқҳои ҷаҳон дар муборизаи умумӣ барои озодӣ ва саодати инсоният дар мақолаҳои ба масоили Шарқ бахшидаи С. Айнӣ мавқеи муҳимме ишғол карда, яке аз асосҳои идеявии публитсистикаи ӯро фароҳам овардааст.

Садриддин Айнӣ дар як силсила мақолаҳое, ки оҳангҳои баланди миллатдӯстию ватанпарварона доранд, омилу сабабҳо ва паҳлуҳои гуногуни ба рушду тараққӣ ноил гардидани ҷумҳурии навташкили тоҷикон ва дар ин замина, инкишофи маънавию фарҳангии ин миллати қадимиро дар Осиёи Миёна бо афкори маорифпарваронаи хеш баён мекунад. Дар тартибот ба марҳалаҳои таърихӣ ва ҳодисоти мухталифи пуртазоду мураккаб, ба сари халқи азияткашидаи тоҷик омадааст, устод Айнӣ роҳҳои берун гардидан аз бунбасти фарҳангию сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоиро, ки билхосса, дар даврони ҳукумати амирони манғитӣ ба вуҷуд омада буданд, дар замони Ҳукумати Шуроӣ муфассал ва дақиқсанҷона бозгӯй менамояд. Дар ин боб, мақолаи «Ҳукумати Шуроӣ ба мо чӣ дод?» омӯзанда маҳсуб меёбад. Дар ин мақола устод Айнӣ анъанаҳои маорифпарварони собиқ, хусусан, Аҳмади Донишро идома бахшида, ба натиҷае мерасад, ки миллати тоҷик ба фоҷиаю шикастҳо рӯ ба рӯ гардид ва бад-ин сабаб, қафомондаю аз ҷиҳати донишу ҷаҳонбинӣ ва фаҳмишу таҳлил ва дарки ҳодисаҳои сиёсӣ дар сатҳи паст қарор гирифт. Ин омили манфӣ зарбае ба решаи миллат зад. Устод Айнӣ ҳамчун мутафаккир ва маорифпарвар ҷаҳонбинии тангу маҳдуд ва омиёнаю хурофотии мардуми тоҷикро, ки ба амалҳои нодуруст ва кӯтоҳандешонаи худ борҳо қариб буд аз байн равад, ба зери танқид гирифта, масъалаи хештаншиносии миллатро дар мадди аввал мегузорад. Устод Айнӣ дар ин масъала ба мисли як равшанфикри дурандеш ва фидоӣ андеша ронда, соҳиб гардидан ба ҳуқуқҳои худ, аз худ кардани дониш, ояндаи миллату давлати хешро сохтан, бо илму фарҳанг ва адабиёти ғановатманди хеш мусаллаҳ гардида, кишварро ба дараҷаи баланди тараққиёт расонид, онро муҳим мешуморад. Ӯ менависад:

«Қавми беилм имрӯз ё фардо маҳкуми заволанд. Аз ин ҷост, ки мотуркистониён аз беилмӣ ва ҷаҳолат аввал шаҳр-шаҳр, қаря-қаря ва фирқа-фирқа шуда якдигарро задем, якдигарро куштем, хонаи якдигарро тороҷ ва яғмо кардем, арзу номуси якдигарро барбод додем, оқибат ба зери бандагии давлати мустабидаи рус афтодем» [32, с. 106]. Дар идомаи ин андешаҳояш устод Айнӣ бо такя ба падидаи таърихӣ, яъне, пайдоиш ва ташаккули афкори маорифпарварона, ки дар саргаҳи ин ҷараёни ислоҳотхоҳона Аҳмади Дониш меистад, ботаассуфу ошкоро зикр мекунад, ки намояндагони қишри зиёӣ, аз қабили олимону адибон, муаррихон, табибон, мударрисон ва монанди инҳо огоҳмандона талошу кӯшиш ба харҷ доданд, ки нуқсу камбудиҳои ҷомеаи давр ва омилҳои қафомондагии кишвару миллатро бармало созанду барои худшиносӣ ва бедории тафаккури мардум замина фароҳам намоянд, вале ба ҷоҳилию нотавонбинии руҳониён ва афкори нохудогоҳ, ки пойбанди хурофоту таассуб гардида буданд, рӯ ба рӯ шуданд. Ҳосил он гардид, ки бар ивази илму маърифатро аз худ кардану соҳиби донишу савод шудан ба туҳмат ва фатвоҳои гӯшношуниди ин гурӯҳ гирифтор шуданд. Ин раванди номатлуб низ теша ба решаи озодихоҳӣ ва худшиносии миллат зад.

Ба андешаи устод Айнӣ, натиҷаи ин таассубу ҷаҳолат он шуд, ки мардуми аз илму дониш ва маърифат дурмонда бар ивази рушд бахшидани ҷомеа, заҳмати ҳалол, пешбурди фарҳанг ва худогоҳию таҳаввулоти кишвар ба ботлоқи нодонӣ ва бемаънавиятӣ ғарқ гардида, анқариб тамоми молу амвол ва сарвату бойигарии худ ва сарзамини паҳновари тоҷиконро барбод дода, оқибат ғулом ва дастнигари миллатҳои дигар, аз қабили русҳо, арманиҳо, яҳудиён ва монанди инҳо гардиданд. Хатари аз байн рафтани миллати бошарафе бо исми тоҷик ва ба тобеияти давлати русҳо гузаштани сарзамини қадимтарин дар Осиёи Миёна ба миллат таҳдид мекард.

Устод таъкид мекунад, ки мардуми Шарқ дар баробари асорати сиёсӣ ба вобастагии шадиди иқтисодӣ низ гирифтор гардиданд. Дар натиҷа сарвати мардум аз даст рафта, оилаҳо пароканда ва шумораи аҳолӣ рӯз ба рӯз кам мешуд. Қисме аз мардум ба майнӯшӣ, қиморбозӣ ва айшу ишрат майл карда,

боғу замин, сарою хонаҳои худро ба бонкҳои рус ва судхӯрон гарав мегузоштанд ё мефурӯхтанд. Биноҳои муҳими шаҳрӣ ва марказҳои тиҷоратӣ ба дасти сарватмандони бегона мегузаштанд ва заминҳои ҳосилхези деҳот тадриҷан ба муҳоҷирони рус дода мешуданд. Ба андешаи устод, ҳамаи ин ҳолатҳо аз таназзули иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва хатари заволи миллӣ дарак медоданд. Аз ин нуқтаи назар, Садриддин Айнӣ ҳамчун публитсисти дурандеш дар растагорӣ ва наҷоти миллати тоҷик аз ин маҳвшавӣ нақши Ҳукумати Шуроиро бузург ва барозанда талаққӣ месозад. Дуруст аст, ки С. Айнӣ ба сифати фарзанди замони худ боз ҳам дар пешрафти кишвар ва худшиносии миллии мардуми тоҷик танҳо ба давлати абарқудрати Россия афзалият медиҳад, зеро Садриддин Айнӣ факти таърихии имрӯзии Инқилоби Октябр ва ба ҷойи Николай ба сари ҳукумат омадани Ленину болшевиконро, ки ҳадафи давлатдории худро дар ҳимояти манфиатҳои коргару деҳқон медиданд, тасдиқ ва нақши ин ҳукуматро дар тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ ва пешравиҳои маданию фарҳангии миллати тоҷик дар радифи дигар халқияту миллатҳо ҳалкунанда меҳисобад. Таҳлилу натиҷагирии устод Айнӣ бар пояи воқеияти замон асос ёфта, вай ҳамчун фарди ҳақиқатхоҳ дар баробари таъсир ва нақши мусбати Давлати Шуроӣ ба рушди сарзамини тоҷикон, ҳамзамон, аз камбудию норасоиҳо ва беадолатиҳои ҳукумати ҷадид низ ёдовар шуда, бо вуҷуди ин ҳама омилҳои манфӣ, хидмати мондагори ҳукумати номбурдаро барҷаста мешуморад. Зеро ин ҳукумат амали муассире, ки нахуст анҷом дод, саводнок намудани миллат ва соҳибмаърифату илмнок гардидани он ба шумор мерафт. Барои миллати тоҷик дар ин роҳ мактабҳои нав, ки аз ҷониби Ҳукумати Шуроӣ бунёд гардида буданд, хидмат карданд. Устод Айнӣ ба корҳои шоистаи ҳукумати нав дар ин росто изҳори миннатдорӣ мекунад, аз ҷумла, сохтмони мактабҳоро муҳим мешуморад. Зеро худи ӯ дар бунёди мактабҳои шакли нав азобҳое кашида буд. Маҳз дар даврони Шуравӣ кори матбуот равнақ гирифт.

Табиист, ки дар роҳи эъмори ҳама гуна ҳукумати нав ва эҷоди ҷомеае, ки бар пояи адлу адолат, ки ба рушди иқтисод, саноат ва маорифу тиб таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карданист, асос ёфтааст, мушкилоту тазодҳо, нофаҳмию

мураккабиҳо ва муқовимату норизоиятиҳо сар мезанад, ки он боиси суст гардидани равандҳои пеш гирифтаи ину он ҳукумат мегардад. Ҳукумати Шуроӣ низ барои пешбурди соҳаҳои хоҷагии халқ, хусусан, маориф, ки таҳтоби рушду нумӯи ин ҳукумат ҳисоб меёфт, ба сарчашмаҳои молиявӣ ва маблағҳои зиёд эҳтиёҷ дошт. Ин манбаъ, чунон ки ҳамаи давлату ҳукуматҳоро хос мебошад, ғун кардани андоз ба шумор меравад. Аз таҳлилу хулосабарориҳои С. Айнӣ маълум мегардад, ки маҳз ҳамин омил ва як қатор ҳаракатҳои то ҷое иҷборӣ (аз қабили мусодира кардани молу амволи гурӯҳи сарватмандон, анборҳо ва ғайра) ва роҳандозии андозситонӣ мӯҷиби норозигӣ ва муқовимати иддае аз одамон гардид, ки ба ҳукумати ҷадид бо нигоҳи нобоварӣ ва беэътимодона менигаристанд. Аммо дар ин бобат, С. Айнӣ далоилу арқоми иқтисодиро баррасӣ намуда, муддаиён ва онҳое, ки азояндаи ин ҳукуматдорӣ бонги хатар мебардоштанд, посухи раднопазир дода, хотиррасон мекунад, ки кулли ин амалҳои ҳукуматӣ танҳо ба хотири тараққии кишвар ва соҳибмаърифату донишманд гардидани миллати тоҷик ва ҳамзамон, соҳиби ҳуқуқҳои худ ва соҳибкасб шудани насли ояндасози ҷомеа нигаронида шудааст.

Устод дар посух ба онҳое, ки Ҳукумати Шуроиро барои ситонидани тазминот ва мусодираи молу мулки мардум танқид мекарданд, пешниҳод менамояд, ки маблағҳои ҷамъоваришуда бо хароҷоти давлат барои рушди маорифи Самарқанд муқоиса карда шаванд. Ба андешаи ӯ, танҳо барои мактабҳои шаҳри куҳнаи Самарқанд маблағи хеле зиёд ҷудо мегардид. Ҳатто агар ҳукумат аз сметаи солонаи чаҳорсадмиллионӣ танҳо ҳаштяки онро пардохт мекард, хароҷоти яксолаи мактабҳо ба панҷоҳ миллион манат мерасид. Аз ин рӯ, устод таъкид мекунад, ки маблағҳои ситонидашуда барои пешрафти маориф ва таълими мардум сарф мешуданд.

Садриддин Айнӣ дар идома рисолату вазифаи ҳар як зиёӣ ва равшанфикрро таъкид карда, барои бунёди кишвари ҳаматарафа рушдёфта ва дар зимн миллати худшиносу огоҳ якчанд омилро пешниҳод ва рақам зада, хислатҳои номатлуб ва маҳдудияти фикрию тангназарии мардумро, ки ҳанӯз ба умқи моҳияти тағйироту дигаргунсозиҳои бузург, ки Ҳукумати Шуравӣ ба

вуҷуд овардааст, сарфаҳм нарафтанаш мазаммат ва истифодаи озодона аз ҳуқуқҳои хешро барои миллат умда меҳисобад. Ва он омилро, ки бо вуҷуди фароҳам гардидани шароитҳои зарурӣ мардум то ҳол дар канор монда, баҳри омӯхтани илму дониш талош намеварзанд, аз камбудӣ ва гуноҳи худи онҳо медонад. Ҳол он ки ба таъйиди устод, наврасону ҷавонон агар баҳри таълим ба мактабҳо фаро гирифта шаванд, пас одамони калонсол ва бекор метавонанд озодона дар курсҳои шабона ба омӯзиши хату савод машғул шаванд. Таъкидҳои устод С. Айнӣ барои илмомӯзӣ саривақтӣ буда, ба амалҳои беҳуда даст задани мардумро пешгирӣ намудан аст.

Ба ақидаи устод Айнӣ, таъсири манфии ҷаҳолату бесаводӣ дар давраи амирӣ то чӣ андоза миллату кишварро аз пешравӣ ва соҳиб гардидан ба ҳуқуқҳои худ боздошта буд, маълуму равшан аст. Аз ин лиҳоз, ибтикоротеро, ки Ҳукумати Шуроӣ дар раъси мамнуъ эълон намудани амалу машғулиятҳои зиёновар, аз қабили майхӯрӣ, қиморбозӣ, базморой, тӯйҳои мусрифона, кӯбкорӣ ва монанди инҳо қабул намудааст, С. Айнӣ ҷонибдорӣ менамояд ва дар ин ҷода фаъолияту ташаббускории мардумро баҳри дурӣ ҷустан аз корҳои нописандида ва бемоҳият зарур мешуморад.

«Ҳукумати Шуроӣ майхӯрӣ, қиморбозӣ, базм, тӯйи мусрифона, кӯбкорӣ ва амсолашро ба сурати қатъӣ манъ кард. Ҷазои боданӯшонро аз ҳар гуна ҷиноят сахттар фармуд. Маст ва қиморбозро дар фирқаи иштирокчиён роҳ надод. Дар ин сурат гуфта мешавад, ки Ҳукумати Шуроӣ давоҳои иллатҳои музминаи моро ба дасти худамон дод. Мааззолик, мо шаробхӯронро манъ накунем, қиморбозонро ба маҳкамаи адлия насупорем, дар хуфия ба ҷои як пут биринҷ, як ман пухта номи онро орзую ҳавас гузорем, дар ҳамин соли қаҳтию гаронӣ ба ҳар асп соле даҳ ман ҷав, ду ҳазор банд беда хӯронда кӯбкорӣ тозонем, айби худи мост, на айби ҳукумат» [32, с. 108-109]. Ҳамаи ин андешаҳои устод Айнӣ ба ташаббусҳои Ҳукумати Ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон дар бобати танзими маъракаҳо монананд. То як андоза аҳаммияти таърихии публитсистикаи устод низ дар ҳамин аст.

Ба ин тариқ, Садриддин Айнӣ бо диди фарох ва амиқрафти андешаҳои волои худ фаъолмандию ташкилотчӣ ва аз ҳуқуқҳои қонунии худ истифода кардану дар идоракунии ҳаёти сиёсӣ саҳм гузоштани мардумро дар замони нав ҷавҳари пояҳои худшиносии миллат ва ифтихори миллӣ ҳисобида, дар раванди бунёди ҷомеаи нав баҳри ислоҳи нуқсу камбудиҳо саъйю кӯшиш намудани онҳоро ҳамчун гоми ҷиддӣ дар рушду такомули ҷомеа баҳогузорӣ мекунад. «Иштироки бошуурона дар интихобот, раъй додан ба афроди воқеан ҳам тафаккурманду созанда ва бад-ин назм ободу тараққӣ додани кишвар аз масъулияти виҷдонии мардум аст» [32, с. 108-109], - хулоса мекунад С. Айнӣ.

Ҳамин тавр, Садриддин Айнӣ ба сифати ҳомии миллат, озодфикру хирадварз ва зиёии мутафаккир андешаҳои баландғояи хешро ҷамъбаст карда, дар поёни мақолааш огаҳӣ ва ҳушдор медиҳад, ки аз неъматҳову имконоте, ки Ҳукумати Шуравӣ ба миллати тоҷик арзонӣ доштааст, ҳадафмандона бояд истифода кунад ва баҳри боло бардоштани дараҷаи некуаҳволии худ ва такомули маънавиаш дар заминаи илму маърифат дар ҳаёти сиёсии мамлакат фаъолона ширкат намояд. Барои ин, қабл аз ҳама, ба инкишофи соҳаи маориф таваҷҷуҳи заруриро бояд равона кард. Дар ин самт, ба сӯиистеъмол ва ифрот роҳ надода, аз ҳуқуқҳои пешниҳодкардаи худ ба таври зарурӣ ва мақсаднок истифода кардан шарт мебошад. Устод Айнӣ менависад: «Хулосаи калом, Ҳукумати Шуроӣ ба мо ҳар чизро доданист, лекин мо дуруст фоида гирифта наметавонем. Гар гадо коҳил бувад, тақсири соҳибхона чист? Агар мо хоҳем, ки дар дунё дар ҷиргаи милали мутамаддинаи ҳайя (зинда) зиндагонӣ намоем, аз ин фурсат фоида бурда, то ҷон дорем, аввал дар илм ва маориф кӯшем. Дуввум, чизҳоеро, ки Ҳукумати Шуроӣ ба мо дод, истеъмоли бад (сӯиистеъмол) накарда, дар ҳамин ҳаққо сазовор буданамонро нишон диҳем. Ҳам дар қуввати ҳукумат такя карда, дар ислоҳи ахлоқ ва барҳам додани одати разилаамон бикӯшем. Баъд аз ин, медонем, ки Ҳукумати Шуроӣ ба мо чӣ дода будааст» [32, с. 109].

Дар хусуси масъалаҳое, ки устод Айнӣ ба миён гузоштааст, бояд гуфт, ки онҳо дар замонашон муҳим ва саривақтӣ маҳсуб меёфтанд. Яъне, ҳам масъалаи

танзими маъракаву чорабиниҳо, ҳам интихобот ва ҳам саъю кӯшиш ба илму маориф дар он замон аз мушкилоти аввалиндараҷа буданд, ки бояд аз тарафи худи халқ ҳал шаванд. Аммо муҳиммии масъала боз дар он аст, ки ҳар се ҷиҳат имрӯз дар даҳсолаи сеюми асри XXI низ муҳим ва саривақтӣ гаштааст. Ин ҷо масъалаи вақт ва фазо ба миён меояд, ки донишмандони илми фалсафа ва адабиётшиносӣ дар бораи онҳо зиёд таҳқиқот бурдаанд. Маълум мегардад, ки устод Айнӣ шахси дурандеше буд, ки масъалаҳои муҳимми даврро зуд пай мебурд ва барои оянда низ пешгӯӣ менамуд, роҳи ҳаллашонро нишон медод.

Андешаҳои устод С. Айнӣ имрӯз ҳам дар рушди маънавӣ, озодманишию ҳувияти миллии халқи тоҷик нақши муҳим мебозанд.

Бидуни шакку тардид метавон гуфт, ки дар осори ҳеҷ як адиби тоҷик ба андозаи осори Айнӣ масоили миллӣ ва худшиносию худогоҳӣ зиёд матраҳ нагардидааст. Устод Айнӣ аз аввалин лаҳзаҳои фаъолияташ ба ғаму дарди ин миллати ҷафокаш шарик буд. Масъалаи худшиносии миллӣ аз муҳимтарин мавзуоти осори устод Айнӣ буда, дар аксари навиштаҳои ӯ гоҳе кушоду рӯшан ва гоҳе ба тариқи рамзу дигар воситаҳои тасвири бадеӣ аз он сухан рафтааст.

Муаққиқ М. Абдуллозода доир ба ин мавзуъ дар мақолаи «Устод Айнӣ ва худогоҳии миллӣ» менависад, ки «худи нависанда дар як мақолааш бо номи «Тақдири як халқ» ба ин маънӣ ишора дорад: «дар муддати ҳаёти худ ман китобҳои зиёде навиштаам ва ҳамаи онҳо бо як мавзуъ бахшида шуда, аз як мавод фароҳам омадаанд. Ҳамаи ин китобҳо дар бораи тоҷикон ва Тоҷикистон, дар бораи кӯҳистони ман, дар бораи кишвари азизам, ки дар замонҳои гузашта урдуҳои сершумори аҷнабиён поймол карданд, дар бораи фарзандони он сарзамин мебошад, ки дар қарни 8-уми эраи мо ба худ номи тоҷикро гирифт» [310, с. 59-62]. Мавзуи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, ки дар даврони Шуравӣ мавриди назорати сахт қарор гирифта буд ва нависандагон имкон надоштанд, ки аз ҳадди эътидол фарохтар по бигзоранд, дар навиштаҳои устод Айнӣ аз ибтидои фаъолияти ӯ нақши босазо касб кардааст.

Ҳарчанд публитсистикаи сиёсии С. Айнӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифта бошад ҳам, мавзуи худшиносии миллӣ дар осори устод Айнӣ танҳо

баъд аз бозсозӣ (1985) мавриди таваҷҷуҳи айнишиносон қарор гирифтааст, аз ҷумла, дар навиштаҳои М. Шакурӣ, С. Табаров, Х. Асозода, И. Усмонов, М. Имомзода, А. Раҳмонзода, А. Маҳмадаминов, М. Абдуллозода, М. Муродӣ, А. Набавӣ сухан рафтааст, аммо аз рӯйи мизони арзишҳои миллии ҷомеаи соҳибихтиёри тоҷикон паҳлуҳои гуногуни он ба омӯзиш аз таҷдиди назар ниёз дорад.

Чунончи, дар китоби М. Шакурӣ «Хуросон аст ин ҷо» масъалаи Айнӣ ва худшиносии миллӣ хеле васеъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аслан адабиётшиноси шаҳир падидаи худшиносии миллии тоҷиконро аз устод Айнӣ шуруъ кардааст. Мақолаи С. Табаров «Масоили ифтихори миллӣ ва байналмилалӣ аз биниши Садриддин Айнӣ» паҳлуҳои дигари диди устод Айниро дар мавриди пайванди ифтихори миллӣ бо интернатсионализм баррасӣ намудааст. Дар асарҳои А. Маҳмадаминов «Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ», «Айнишиносӣ ва замони ҳозира», Х. Асозода «Воқеият, сиёсат ва С. Айнӣ», И. Усмонов «Журналистика», «Тоҷикнома», М. Имомзода «Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ» ва дигарон низ андешаю афкори устод Айнӣ дар масъалаи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ зимни баррасии мақолаҳои публитсистӣ ва осори адабии мавсуф таҳлил гаштаанд.

Тавре ишора рафт, андешаҳои миллии адиб аз аввалин давраҳои фаъолияташ шуруъ мешавад. Яъне, аз замоне ки тавассути асарҳои Аҳмади Дониш ва рӯзномаву китобҳои ҷадид аз аҳволи замон бохабар мегардад, бар нафъи халқиятҳо мекӯшад. Нахустин иқдоми ҷадиди адибро дар роҳи манфиатҳои миллӣ ҳамоно дар роҳи таъсиси мактаби ҷадид ва саводнок кардани мардум метавон донист. Чунин амал устод Айнӣ ва ҳамсафонашро ба пешиниён як қадам муқаддамтар мегузорад.

Дар вақташ дар муқоиса ба шоирони муосираш устод Айнӣ аз беҳтарин шоирон ба шумор мерафт. Ҳанӯз Садри Зиё ӯро «ба назму ба наср довар, вале аз насраш назми ӯ хуштар аст» гуфта буд. Худи ин далел кофист, ки «Солномаи адабиёти советии тоҷик» бо «Суруди озодӣ»-и устод Айнӣ оғоз мешавад. Дар он солҳо ба зиммаи С. Айнӣ ва дигар равшангарони тоҷик масъулияти бузург

бор буд. Онҳо бояд ҳиссаи халқи тоҷикро аз ин ҳодисаи бузурги таърихӣ, ки барои халқи тоҷик метавонист фоҷиаангез бошад, берун мекашиданд. Халқи тоҷик мебоист ё соҳибдавлат бошад, ё номи ӯ аз сафҳаи таърих билкул маҳв гардад. Роҳбарони онвақтаи Ҷумҳурии Халқии Бухоро аз паи маҳв намудани халқи тоҷик буданд. Фитрат барин ашхос аз бухороиёне, ки ба забони модарӣ такаллум менамуданд, ҷарима меситониданд. Дар ин масъала донишмандони зиёде, аз ҷумла, академик М. Шакурӣ [269] изҳори ақида кардаанд.

Дар ҳама асарҳои Айнӣ ҳам илмӣ, ҳам публитсистӣ ва ҳам адабӣ манфиатҳои миллати тоҷик дар радифи аввал меистад. Муборизаи Айнӣ барои барқарор кардани ҳувияти миллии тоҷикон ба бедор кардани ҳисси худшиносии миллӣ дар онҳо камтар аз майдони ҷанг набуд, зеро «қариб аз ҳар як асари илмии вай (ҳамчунин, асарҳои бадеии ӯ) аз «Намунаи адабиёти тоҷик» сар карда, то рисолаи «Мирзо Абдулқодири Бедил» сарнавишти сангине насиб гаштааст. Пантуркистону нигилистон доимо ба осори илмии ӯ дар мубориза буданд ва Айнӣ тани танҳо ба муқобили ин гуна қувваи азими харобкор истодагарӣ кардааст» [310, с. 59-62].

Паҳлуи дигари фаъолият ва андешаҳои миллии устод Айниро масоили забони тоҷикӣ ташкил медиҳад. Мақолоти пурарзиши ӯ дар атрофи забони адабии тоҷик, тақризу маслиҳатҳои муфиди ӯ ба китобҳои дарсӣ ва асарҳои адибони тоҷик, аз ҷумлаи онҳост. Доираи фарогирии масоили забоншиносии устод Айнӣ танҳо ба китобҳои дарсии забону адабиёт ва забони асару мақолоти адибони тоҷик маҳдуд намешавад. Ӯ, ҳамчунин, ба китобҳои дарсии ҳисоб, табиатшиносӣ, табииёт тақризҳо навишта, забони онҳоро ислоҳ кардааст ва барои беҳтару хубтар таҳия кардани онҳо маслиҳатҳои муфид додааст.

Инқилоб арзишҳои маънавии ҷомеаро дигар карда, масъалаҳои зиёди миллиро ба миён гузошт. Тамоми фаъолияти нависанда дар замони инқилоб ва баъди он дифои манфиатҳои миллии тоҷикон буд. Дар солҳои минбаъда низ орзую омоли мардуми тоҷик аз назари С. Айнӣ дур намондааст. Чунин ҷанбаи қавии осори устод Айнӣ аст, ки имрӯз навиштаҳои устод дар худшиносии

миллӣ, бунёди давлати соҳибихтиёр, истиқлоли кишвар арзишу аҳаммияти бештар пайдо намудааст.

Устод Айнӣ вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии мавҷударо хушбахтӣ ва дастоварди калон меҳисобад. Аз ин рӯ, мавзуи мақолаҳои устод Айнӣ «Ҳукумати Шуроӣ ба мо чӣ дод?», «Масъалаи Шарқ» ва амсоли инҳо шукргузорӣ аз дастовардҳои инқилоб иборат мебошад. Масъалаи муҳимме, ки ин ҷо баён мешавад, набояд аз хотирҳо фаромӯш шавад: давлатҳои абарқудрат дар ҳама замонҳо ва имрӯз ҳам ба занҷири асорат гирифтани халқҳои Шарқро мақсади асосии худ меҳисобиданд ва мешуморанд. Омадааст:

Шояд устод Айнӣ агар медонист, ки баъди чандин сол ҳадафи ниҳоии давлати фуқаропарвари Шуравӣ ягонагии миллатҳо, мунтазам ба русҳо тобеъ гардондани халқҳои дигар мегардад, ақидааш дигар мешуд. Зеро баъди чанд даҳсола агар вазъи шаҳрҳои саноатии камшумори Тоҷикистонро пеши назар орем, дармеёбем, ки аксарияти нуфузи онро русҳо ва русзабонҳо ташкил дода, нисбат ба маданият, фарҳанг ва забонҳои миллӣ фишори рӯйирост ба амал омада, онҳо аз майдони фаъолият дур карда мешуданд. Хавфи тамоман аз байн рафтани халқи тоҷик, ба вуҷуд омадани боз як «Новая Россия» ё «Новомосковск» (ин ибораро устод Айнӣ дар мавриди даврони Россияи подшоҳӣ ба забон оварда буд) ба миён омад. Ин ҳолат аллакай дар солҳои шастум-ҳаштодуми асри бист баръало мушоҳида мешуд. Ба вуҷуд омадани шаҳру ноҳияҳое, чун Ленинобод, Сталинобод, Ленин, Москва, Чкаловск, Орҷоникидзеобод, Ленинград, Куйбишев, Пролетар, Комсомолобод, Колхозобод ва ғайра (бештар аз ҳафтод дарсади номҳои ҷуғрофӣ) ва то ба ҳаштод фоиз расидани шумораи русзабонҳо дар шаҳрҳои саноатӣ аз ин хавфи бузург дарак медод. Ин аст, ки мо Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1991)-ро бояд чун мардумаки чашм нигаҳдор бошем ва аз он шукргузорӣ намоем. Баъди мутолиаи сатрҳои зикршудаи устод Айнӣ ба вуҷуд омадани чунин хавф бештар ба назар намоён мегардад. Ҳисси миллии тоҷикон баланд мегардад.

Ҳамин тавр, мақолаҳои устод Айнӣ дар баланд бардоштани руҳи миллӣ хидмати сазовор карданд. Чунин огоҳии гӯё то андозае ғайриихтиёри устод Айнӣ ҳамеша пеши назаранд. Имрӯз ҳам ҳадафи асосии давлатҳои абарқудрат ҳамин аст. Онҳо бо мақсади ба даст овардани бозори арзони ашёи хом, фурӯши аслиҳаи хеш демократияро баҳона карда, давлат ва халқҳои Шарқро ба ҳам ҷанг меандозанд ва аз ин манфиати иқтисодӣ, сиёсӣ мегиранд. Бинобар ин, ҳушёрии сиёсиро ҳамеша бояд аз даст надод. Ва мақсади устод Айнӣ ҳам ҳушдор додани халқи хеш аст, ки манфиатҳои миллии хешро ҳеч гоҳ аз даст надиҳанд.

Дар ин бобат, устод Айнӣ бисёр вақт дар мақолаҳои худ аз таҷрибаи Туркияи усмонӣ мисолҳо меорад. Дар он солҳо Туркия, Эрон ва Афғонистон барои истиқлолият ва раҳоӣ ёфтан аз таъсири давлатҳои Ғарб кӯшишҳо ба харҷ меоварданд. Дар ин самт, Туркия дар сафи пеш буд. Имрӯз мебинем, ки дар роҳи раҳоӣ ёфтан аз таъсири Ғарб ҷавонтуркон аз ҳадди эътидол гузаштанд ва аз дасти тарғиботи туркпарастии онҳо чанде аз халқҳо, аз он ҷумла, арману курд ҷафоҳои зиёд диданд. Бо вуҷуди ин, ҳарчанд дар ин роҳ Туркия шикастҳои калон дид, империяи Туркия барҳам хӯрд, қисми заминҳои истилокардаашро аз даст дод, аммо истиқлолияти миллии худро барқарор ва рӯ ба рушд ниҳод. Устод Айнӣ, ки зиёни пантуркизмро аз ҳама бештар ва аёнтар медонист, бар зидди он мубориза бурда буд, дар чанде аз мақолаҳои оҳанги сиёсидоштаи худ кӯшиши ҷавонони пешқадамро барои расидан ба ҳадафҳои миллӣ дастгирӣ, тарафдорӣ ва қобили омӯзишу пайравӣ донистааст. Яъне, устод аз халқу давлатҳои пешрафта омӯхтанро зарур мешуморад ва кору фаъолияти хайри онҳоро тарғиб менамояд.

Бо мутолиа кардани мақолаи «Масъалаи Шарқ» ва дигар мақолаҳои ба Шарқ бахшидашуда пай бурдан мумкин аст, ки устод дар баробари адиби намоён, публитсисти оташинсухан, адабиётшиноси хуб будан сиёсатмадори дурандеш ҳам ҳаст, вазъи сиёсӣ, мақсадҳои давлатҳои абарқудратро медонист ва ба зиёиёни миллати хеш тавассути матбуот мефаҳмонд. Имрӯз ҳам чунин ҳодисаҳо мушоҳида мешаванд: давлатҳои абарқудрат ба халқҳо ба ном истиқлолият медиҳанд, аз кадом хавфҳо муҳофизат мекунанд, аммо дар асл

мақсадҳои дигар, зердаст кардани онҳоро доранд. Инро дар илм сиёсати дугона мешуморанд. Дар ин бобат, яъне, баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонбинии халқи хеш устод Айнӣ дар мақолаи дигар «Ҳукумати Шуроии Туркистон ва масъалаҳои Шарқ» («Шуълаи инқилоб», 2 феврали соли 1920), ки идомаи маънавии мақолаҳои пешин аст, зикр мекунад: «Дар Туркистон ба он маънӣ, ки дар Россия ҳастанд, тавонгар ва заминдори калон набуд. Агар аҳёнан бошад ҳам, аз аҳолии Туркистон не, балки аз бегонагон буд» [32, с. 126]. Чунин дарк мешавад, ки дар замони пеш аз инқилоб аллакай заминдорон ва сарватмандони Россия дар Осиёи Миёна ашёи манқулаи зиёд ба даст оварда буданд. Ҳамчунин, намояндагони ҳукумати подшоҳии Россия ва ҳукуматдорони Бухоро «ба воситаи маъмурони худ буду нобуди аҳолиро ба худ ҷамъ мекард» [32, с. 127]. Чӣ тавре ки таърих собит месозад, ҳамаи ин бойигариро баъди чанде Ҳукумати Шуроӣ мусодира намуда, ба марказ фиристод. Забондарозӣ ва соҳиби имтиёзҳо будани фуқарои давлати рус дар минтақаҳои фатҳшуда ба ҳамагон аён буд ва ин бисёр вақт боиси таҳқир ёфтани халқҳои дигар мегашт. Дар ин бобат, нависанда дар ҷойи дигар қайд месозад: «Пеш аз инқилоб як нафар тоҷики фалғарӣ ё ки мастчоҳиро ёрое набуд, ки ба тоғбегии (ҷангалбон - С. Э.) рус гап занад» [199, с. 225]. Ин ҳолатро устод Айнӣ ҳам мушоҳида кардааст ва ҳам аз аҳолии деҳот мешунид. Дар ҳақиқат, чӣ тавре ки мушоҳидон зикр карданд, дар минтақаҳои фатҳгардидаи Туркистон ҷангалбони рус шахси аз ҳама баэътибор ба ҳисоб мерафт ва ягон кас ба ӯ гап задану эрод гирифтан надошт, ҳарчанд ки танҳо дар як минтақаи калон кору фаъолият дошт. Ин ҷангалбон чӣ қадар мехост, ҳайвону ҷонварҳоро шикор кунад, аммо аҳолӣ бе иҷозати ӯ наметавонист. Ҷангалбон ҳатто ҳаққи ҳабс кардан дошт.

Устод Айнӣ дар мақолаҳои баъдинаи худ қайд мекунад, ки ба ивази ин давлати марказии Шуравӣ ба минтақаҳо ёрии бештар расонд, аммо сиёсати аз байн бурдани забону миллатҳои хурд кори худро кард ва ба халқу миллатҳои гуногуни Шуравӣ зиёни калони маънавӣ расонд, ки то имрӯз он норасоиҳоро пурра ислоҳ кардан даст надодааст. Бо вуҷуди ин, давлати Шуравӣ дар оғози барқарории худ то охири солҳои сиюм умедвор буд, ки бо ёрии халқу

миллатҳои дорои забону фарҳанги қадима ба халқҳои дигари ҳамсояи хориҷа таъсир хоҳад расонд ва агар имкон шавад хоки онҳоро ба кишвари Шуравӣ илҳоқ кунад. Устод Айнӣ дар мақолаи мазкур таъкид менамояд, ки Фирқаи Туркистон бояд бо фаъолияти созанда ва хайрхоҳонаи худ эътимоду муҳаббати халқҳои ҳамсояро ба даст оварад. Ӯ мардумро ба ҳамкорӣ ва ёрмандӣ даъват карда, хотима бахшидани ҷанг ва раҳо намудани ҳамсоягонро аз зулму истибдоди императорпарастон вазифаи муҳим мешуморад. Аз гуфтаҳои роҳбарони ҳизбии он давра бармеояд, ки дар солҳои аввали ташаккули Ҳукумати Шуравӣ мақомоти марказӣ ба Тоҷикистон ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба кишварҳои форсизабони Шарқ умеди зиёд доштанд. Онҳо мехостанд тавассути забони тоҷикию форсӣ бо Эрон, Афғонистон ва Ҳиндустон робита барқарор намуда, нуфузи сиёсиву фарҳангии худро густариш диҳанд. Ҳатто интизор мерафт, ки Эрон, Афғонистон ва Туркия низ ба хатти лотинӣ мегузаранд, аммо танҳо Туркия онро қабул кард. Аз солҳои сиюми асри XX сиёсати Шуравӣ тағйир ёфта, робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои форсизабони Шарқ маҳдуд гардиданд.

Ҳақиқат он аст, ки ин ақида то андозае хаёлӣ ҳам буд ва дар натиҷа амалӣ нагашт. Бо вуҷуди давлатӣ будани забони форсӣ (тоҷикӣ), дар минтақаҳои бузурги Эрону Афғонистону Ҳиндустон (он вақт якҷоя бо Покистон) ҳар яке шароити махсусе доштанд. Чи тавре ки баъдтар ҳам дар мисоли Афғонистон дар солҳои охири Ҳукумати Шуравӣ мушоҳида кардем, интиқоли инқилоби сурх ба мамлакатҳои тоҷикзабони Шарқи хориҷа имконнопазир гардид.

Устод Айнӣ дар бораи бузургии забони форсию тоҷикӣ, миллати тоҷик дар соли 1934 мақолае бо номи «Муносибати адабияи Осиёи Миёна бо Эрон» мақолае навишта буд, ки асли он танҳо соли 1962 дар матбуоти тоҷикӣ ба табъ расидааст. Дар он таъкид мешавад, ки вақте арабон Эронро истило карданд, дар қатори ҳамаи осори Аҷам, забон ва адабиёти Эронро ҳам аз миён бардоштанд.

Аммо ба муқобили ин ҳуҷуми арабон Хуросон ва Мовароуннаҳр хеле истодагӣ кард. Ҳатто бухороиён ба забони араб намоз гузориданро ҳам ба гардан нагирифтанд. Шайхон ва имомони араб маҷбур шуданд, ки ба

бухороиён намозро бо забони тоҷикӣ-форсӣ омӯзанд. Ин воқеа дар «Таърихи Наршахӣ» низ, ки яке аз қадимтарин таърихи Бухорост, зикр шудааст. Баъди ин мулоҳизаҳо бузургии миллати тоҷикро ба исбот расондааст ва инро боиси ифтихор ва худшиносии миллии мо донистааст.

Дар солҳои аввали барқарории Ҳукумати Шуравӣ устод Айнӣ ба муносибатҳои дӯстонаи мамолики форсизабони дунё таваҷҷуҳи хосса медод. Чӣ тавре ки дар боло зикр шуд, худи ҳукуматдорони Шуравӣ низ Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар оғоз дарвозаи Шарқи сурх медонистанд ва аз ин ҷиҳат аз ин ҷумҳурӣ, забон ва миллати он умедвории калон доштанд. Бо ин роҳ яке аз ҳадафҳои муҳимми шуравиён – кӯчондани инқилоби сурх ба Шарқи хориҷа имконпазир мегашт. Мақолаи «Муносибати адабияи Осиёи Миёна бо Эрон»-и устод Айнӣ ба ин муносибат навишта шуда, зимни таъкиди муносибатҳои қавии адабию фарҳангии ин мамлакатҳо дар замони гузашта изҳори умедворӣ карда, таъкид шудааст, ки ба муносибати ҷашни ҳазорсолаи Фирдавсӣ боз ҳам муносибати адабӣ ва ҳамкорӣ вусъат ёфта, осори замонии худро ба якдигар доду гирифт намоянд ва аз ҳам истифода кунанд. Инчунин, устод Айнӣ таъкид медорад, ки ҷашни ҳазору садсолагии устод Абулҳасан Рӯдакии Самарқандиро ҳам бо ҳам гузаронанд. Яъне, устод новобаста ба саддгузориҳои низоми Шуравӣ азояндаи дурахшони ин муносибатҳо изҳори умедворӣ кардааст.

Ҳамин тавр, публитсистикаи сиёсии С. Айнӣ дар масъалаи Шарқ, тавре муҳаққиқон зикр кардаанд ва мо низ зимни таҳлили чанд мақолаи муаллиф мушоҳида кардем, аз ҷумла, чунин масъалаҳоро дар бар мегирад:

1. Шарқ бедор шудан дорад ва ин маънӣ дар мақолаҳои устод Айнӣ бисёр қавист;

2. Шарқи бедоршуда бояд аз паи Россияи Шуравӣ равад;

3. Байни Шарқу Ғарб ҳамеша талош мавҷуд буд ва ҳадафи асосии Ғарб Шарқро тобеъ кардан аст;

4. Мустамликадорон дар сиёсати худ нисбат ба Шарқи мазлум ҳам зӯрӣ ва ҳам фиребро истифода мебурданд.

Дар ин хулосаҳое, ки аз мақолаҳои публитсистии устод Айнӣ бармеоянд, қисмати якум хеле муҳим ва қобили мулоҳиза аст. Дар ҳақиқат, Шарқ дар охири асри XIX ва оғози асри XX хеле бедор шуда, руҳияи озодӣ, истиқлол дар ин ҷо боло мерафт. Вобаста ба ин, бадеҳист, ки Давлати Шуравӣ мехост ин мамоликро аз пайи худ барад. Устод Айнӣ ҳам, ки бартарии низоми Шуравиро эҳсос мекард, тарафдори ин ғоя буд: бояд Шарқ аз пайи Россияи Шуравӣ равад. Масъалаҳои сеюму чорум дар мавриди муносибати Ғарбу Шарқ бисёр васеъ печида ва баҳсбарангезанд, ки онҳо дар таҳқиқоти олимони сиёсатшинос, ҷомеашинос, адибони ватандӯст, ба монанди Муҳаммад Иқбол, Мирзо Турсунзода низ баррасӣ шудаанд.

## БОБИ 4
## БАРРАСИИ МАСОИЛИ СИЁСИИ ЗАМОН ДАР ОСОРИ ТАЪРИХӢ

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастоварди бузурги халқи тоҷик дар асри XX ба ҳисоб меравад, ки омӯзиши аҳаммияти сиёсии он минбаъд ба яке аз мавзуъҳои умдаи донишмандони ҷомеашиноси кишвар табдил хоҳад ёфт. Заминаҳои чунин бахти баланди халқи тоҷик дар гузаштаи пур аз муборизаву талошҳои халқи тоҷик баҳри истиқлоли комили хеш гузошта шудаанд. Яке аз чунин муборизони роҳи ҳақ ва адолати таърихӣ Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ аст, ки бо асарҳои таърихии таълифкардааш саҳифаҳои он муборизаю қаҳрамониҳоро равшан карда, бо услубу тарзи хоси нигорандагии хеш дар тарбияи таърихнигорони ростини миллати тоҷик саҳми бузург гузошт. «Хидмати ҷоннисорона ва миллатдӯстонае, ки Садриддин Айнӣ барои нигоҳ доштан варивоҷи забону адабиёт, таърихи фарҳангамон ва умуман, тарбияи таърихнигорон, рӯзноманигорон, шоиру нависандагон ва арбобони ҷавони тоҷик кардааст, қобили ҳама гуна қадршиносист» [204, с. 284]. Муҳаққиқон барҳақ асарҳои таърихии мавсуфро намунаи таърихнигории аввалини даврони навини тоҷик номидаанд.

### 4. 1. «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»: омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва натиҷагирӣ

Асарҳои таърихии устод Айнӣ барои зиёиёни тоҷик он имкониятеро фароҳам оварданд, ки дастовардҳои маорифпарварон, равшанфикрон, афкори муҳаққиқони таърихшинос ва адабиётшиносро дар бораи асарҳои бадеию таърихии онҳо бо диди нав мавриди омӯзиш қарор дода, бо хулосаю навовариҳои пешқадами замон таҳлилу баррасӣ намоянд. Се асари мукаммали таърихию адабии Садриддин Айнӣ, ки худ онҳоро рисола ва ё очерк номидааст, «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро» намунаи аввалин ва олии асари таърихию

публитсистӣ ба ҳисоб мераванд. Бояд гуфт, ки ҳар се асар дар як давраи кӯтоҳ (аз соли 1918 то соли 1921) эҷод шуда, на ҳамаи онҳо то солҳои охир дастраси хонандагон гашта буданд. Аз ҷумла, «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», ба қавли муҳаққиқ Камол Айнӣ, «ҳафтод сол дар зиндон будааст» [47, с. 4-7]. Дар таҳқиқоти зер рисолаҳои «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро», ки то андозае аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба ҳам наздиканд, мавриди баррасии муфассал қарор мегиранд. Аммо, бо дарназардошти он ки дар «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро» ҳодисаву воқеот ба таври муфассал шарҳу тафсир ёфтаанд, дар ин фасл ба шарҳи мухтасари «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» иктифо намудем. Кӯшиш мешавад, то андозае ба мазмуну мундариҷа, хусусиятҳои сиёсӣ, жанр, забону услуби асарҳои мазкур таваҷҷуҳ карда, аҳаммияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихии онҳо дар илми тоҷик кушода дода шавад. Ногуфта намонад, ки дар илми адабиётшиносӣ ва таърихшиносии кишвар зимни баррасии мавзуъҳои дигар ба ин асарҳо ишораҳои алоҳида шуда бошанд ҳам, таҳқиқоти комил анҷом напазируфтааст. Ҳатто мазмуну мундариҷа, забон ва услуби рисолаҳои мазкур баррасӣ нашудаанд. Дар мақолаву асарҳои таҳқиқотӣ зимни баррасии мавзуъҳои дигар ба таври умумӣ ин асарҳо ёдовар ё ба онҳо ишора гардидааст. Мавзую мундариҷа, сабаб ва сарчашмаҳои навиштани ин асарҳо, аҳаммияти илмӣ ва таърихии онҳо дар илми таърихшиносии кишвар бояд омӯхта шаванд. Зеро барои омӯзиши масъалаҳои худшиносӣ, таърихи давлатдорӣ, ба вуҷуд омадани илми сиёсатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ ва саҳми тоҷикон дар давлатдории ҳукуматҳои гузашта ҳамчун замина хидмат кардани ин асарҳои сегонаи таърихии Садриддин Айнӣ, ки дар рӯзу моҳҳои аввали баъди Инқилоби Октябри соли 1917 навишта шудаанд, аҳаммияти муҳимми илмӣ доранд. Ба қавли муҳаққиқи тоҷик Масрур Абдуллозода, «имрӯз раванди сохтмони миллӣ, ки ҳадафи асосиаш аз ташаккули ҳувияти нави миллии тоҷикон иборат мебошад, муҳиммияти махсус ва аҳаммияти калон пайдо кардааст» [57, с. 3]. Бо дарназардошти андешаҳои мазкур, баррасии мазмуну мундариҷа ва ҳадафу

аҳаммияти рисолаҳои таърихии устод Айнӣ «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро» дар баланд бардоштани руҳи миллӣ ва ба дараҷаи нав расонидани ҳувияти миллии халқи тоҷик мусоидат мекунанд. Мақсади асосӣ ва вазифаҳои асосии таҳқиқи мазкур аз омӯзиши масъалаҳои сиёсӣ ва мазмуну мундариҷаи ҳар се рисола, хусусияти хосси забон ва услуби онҳо, асосноккунии аҳаммияти илмию таърихии рисолаҳои мазкур дар баланд бардоштани ҳувияти миллии тоҷикон, дараҷаи истифодаи масъалаҳои сиёсӣ дар он иборат мебошад. Таҳқиқи мо муайян кард, ки ташаккули фаҳмиши сиёсии адабиётшиносон ва таърихшиносони тоҷик бе омӯзиш ва пайравӣ ба анъанаҳои таърихнигории устод Айнӣ дар рисолаҳои таърихии зикршуда имконнопазир буда, ин асарҳо дар баланд бардоштани ҳувияти миллии тоҷикон саҳми арзанда гузошта метавонанд.

Бояд гуфт, ки аксар муҳаққиқони тоҷик устод Айниро ҳамчун публитсисти аввалини тоҷик эътироф кардаанд ва фаъолияти ӯро дар ин самт аз оғози солҳои бистуми асри гузашта ба ҳисоб мегиранд: «Солҳои бистум устод Айнӣ асосан ҳамчун публитсист машҳур шуд» [235, с. 173]. Аммо ин ҷо агар таърихи таълифи рисолаҳои «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро»-ро ҳамчун асарҳои публитсистӣ ба ҳисоб гирем, маълум мегардад, ки фаъолияти публитсистии устод соли 1918 оғоз ёфтааст.

Дар бораи ҳар се асар – «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро» дар илми адабиётшиносии тоҷик таҳқиқоти муфассал ва ҳаматарафа анҷом дода нашудааст. Азбаски асарҳои мазкур махсусияти хоси илмию маърифатӣ доранд ва дар жанри махсус офарида шудаанд, адабиётшиносон ва муҳаққиқони тоҷик дар бораи ҳар се асар танҳо дар мавридҳои гуногун сухан ба миён гузошта, мазмуну мундариҷа, сабку услуб ва забон, аҳаммияти илмию таърихӣ ва ҳатто бадеии онро мавриди баррасӣ қарор надодаанд. Бо вуҷуди ин, дар таҳқиқоти М. Шакурӣ, Н. Ғаффоров, А. Набавӣ, М. Абдуллозода, И. Усмонов, Қ. Шарифзода,

М. Муродӣ ва дигарон дар мавриди масъалаҳои гуногун вақте сухан аз публитсистика меравад, дар бораи ин асарҳо ишораҳое шудааст, ки дар мавридаш ёдовар хоҳем шуд. Дар таҳқиқоти таърихшиносӣ низ оид ба асарҳои мазкур кам маълумот дода шудааст. Танҳо дар асарҳои муҳаққиқ М. Бобохонов баъзе ишораҳо мавҷуданд, ки он низ мавриди назар қарор дода мешаванд.

Масъалаи аввал ин аст, ки чаро маҳз дар охири даҳаи дуюми асри бист ва аввали даҳаи сеюм (солҳои 1919-1921) устод Айнӣ ин се рисолаи таърихии худро навишт? Вақте ба ин суол ҷавоб меҷӯем, маълум мегардад, ки ба ғайр аз раҳнамоӣ ва дархости ҳукумати инқилобӣ ин ҷо ҳақиқати таърихӣ ва талаби замон нақш бозидааст. «Гардиши қатъиву куллии таърих ва рафти пурвусъати замон лузуме ба миён овард, ки ҷомеа тафаккури таърихӣ дошта бошад ва ёди таърихии ӯ башиддат ба кор дарояд, то миллат битавонад аз гузашта дарс омӯхта, чашмаш бештар биноӣ ва дилаш тавоноӣ пайдо кунад ва ба сӯйи оянда устувор қадам занад» [273, с. 40]. Аз ин рӯ, ҳақ бар ҷониби муҳаққиқ М. Шакурӣ аст, ки дар рисолаи «Падари миллат» навиштааст, устод Садриддин Айнӣ «яке аз бузургтарин фарзандони миллат аст, ки… барои таъмини бақои умри миллат қаҳрамониҳо нишон дода… падарвор ғамхорӣ ва сарпарастӣ намудааст… Қалами Айнӣ кори шамшер кард» [277, с. 10]. Устод Айнӣ баробари инқилобиёни дигар бо аслиҳа бар муқобили истисморгарон мубориза набурда бошад ҳам, бо қалами хеш ҷигари онҳоро чок карда, кору кирдор ва фисқу фуҷурашонро фош намуд. Дар ҳар се рисолааш ин мавзуъ меҳвари асосии онҳоро ташкил медиҳад. М. Шакурӣ андешаҳои хешро дар бораи саҳми устод Айнӣ қувват бахшида, таъкид кардааст: «Устод дар ин муборизаи сиёсӣ бо силоҳи равшангарӣ ширкат варзид, балки раҳбарӣ кард» [273, с. 45]. Дар ҳақиқат, Садриддин Айнӣ ҳарчанд ҳамчун сиёсатмадор фаъолият набурдааст, бо силоҳи равшангарӣ кори як сиёсатмадори бузургро ба ҷо оварда тавонист.

Бояд гуфт, ки пояҳои нахустини худшиносӣ, ҳувияти миллӣ, ки мағз андар мағзи асарҳои Садриддин Айниро дар бар мегирад, маҳз дар ҳамин асарҳо гузошта шуда, минбаъд дар мақолаҳои публитсистию сиёсии ӯ дар солҳои бистум ташаккул ва дар асарҳои бадеияш ба таври бадеӣ инъикос ёфт. Ба қавли

муҳаққиқ Масрур Абдуллозода, худшиносии миллӣ, ҳувияти миллӣ ва худшиносии сиёсӣ се ҷиҳати ба ҳам алоқаманд мебошанд. Агар ба назар гирем, ки навиштани асарҳои мазкурро ба устод Айнӣ роҳбарони сиёсӣ ва давлатии ҳукумати Бухорои шуравӣ хоҳиш карда буданд, бори дигар хусусият ва аҳаммияти сиёсӣ доштани ин асарҳоро метавон собит кард.

Махсусияти тамоми осори устод Айнӣ аз он иборат аст, ки ӯ аз худ ва тамоми қаламкашон талаб мекард, ки дар эҷод ҳаққонияти комилро риоя кунанд. Ин аст, ки маромномаи таърихии устод дар асарҳои бадеӣ, илмӣ, таърихиаш ҳақиқат, воқеияти зиндагӣ ва таърих буда, дар тамоми асарҳояш, пеш аз ҳама, қоидаи мазкур риоя шудааст. «Маҳз бо ин асарҳо устод Айнӣ халқро бо гузаштаи на он қадар дури торик… ошно намуд. Агар аз як ҷиҳат, асрори давлати фарсудаи манғитиёнро фош карда бошад, аз ҷиҳати дигар, зарурати инқилобу тағйироти куллиро дар сохти ҷомеа исбот намудааст» [210, с. 33]. Дар ҳақиқат, вақте ки устод зарурати инқилобро дарк карда, онро ба исбот расондааст, аҳаммияти таърихию сиёсии рисолаҳои «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро» боз ҳам баланд мегардад. Ҳадафи таҳқиқ низ муайян кардани аҳаммияти сиёсии ҳар се рисолаи таърихии устод Айнӣ ва таъсири онҳо дар худшиносии миллӣ мебошад.

Бояд ёдовар шуд, ки мо дар ин таҳқиқ оид ба ҳар се рисолаи устод Айнӣ дар ишора ва иқтибосҳо танҳо ба нашри Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ҳарчанд дар матн бисёр ноқисӣ, хатоҳои техникӣ ба чашм мерасанд, истинод кардем. Аз ҷумлаи камбудиҳои ҷиддӣ яке ин аст, ки дар саҳифаи 17-и нашри мазкур қисмати охири сарсухани К. Айнӣ «Муқаддимаи китобе, ки ҳафтод сол зиндонӣ буд», ки ба рисолаи «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» иртибот дорад, аз байн рафта, чанд саҳифаи аввали асарро партофта, аз саҳифаҳои баъдинаи он рисолаи устод Айнӣ ҷой дода шудааст. Илова ба ин, зимни овардани иқтибосҳо низ кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки ба қадри имкон иқтибосҳо ба имлои замони ҳозира мувофиқ карда шавад.

Дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX олимону муҳаққиқон, хусусан, таърихнигорон ба масоили Аморати Бухоро таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуданд ва асарҳои арзишманд таълиф карданд. Минтақаи мазкур зери таъсири тӯлонии низоми феодалӣ ва ҷомеаи руҳониён қарор дошта, тадриҷан ба зери фишори омилҳои нав, аз ҷумла, сиёсати Россия ва ҷунбишҳои маорифпарварии Осиёи Миёна дохил мешуд. Маҳз дар чунин замони пурпечутобу бархӯрдҳо ҳаракати бедории фикрӣ зуҳур кард, ки дар ниҳоят ба шаклгирии инқилоби фикрӣ мусоидат намуд.

Мафҳуми «инқилоби фикрӣ» чӣ маъно дорад ва чаро Айнӣ онро ҳамчун як рӯйдоди марказӣ дар таърихи навини Бухоро тасвир мекунад? Агар инқилоб дар маънои сиёсӣ марбут ба дигаргуниҳои сохтори давлатдорӣ бошад, пас, инқилоби фикрӣ як раванди шикастани қолабҳои анъанавии тафаккур, тағйири муносибат ба илм, дин, маърифат ва муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад.

Дар замони таҳияи ин асар, худи С. Айнӣ яке аз чеҳраҳои асосии ҳаракати ҷадидия ва шоҳиди бевоситаи ин равандҳо ба шумор мерафт. Асари «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ба маънои том як санади таърихӣ ва таҳлилӣ аст, ки дар он сабабҳо, ҷараёнҳо ва паёмадҳои инқилоби фикрӣ бо диди танқидӣ ва воқеӣ инъикос шудаанд.

Асари мазкур аз нигоҳи услуб ва муҳтаво дар радифи навиштаҳои ёддоштӣ, таърихӣ ва публитсистӣ қарор мегирад. Садриддин Айнӣ дар муқаддимаи асар як навъ таъкид мекунад, ки ин асар хотироти ӯст ва аз рӯйи хотир ва дафтари қайдҳояш навишта шудааст. Ҳар ҷое, ки номи одамон ва маҳалҳо оварда шудааст, воқеист ва бар асоси дидаву шунидаҳо мураттаб шудааст.

Ин иқрор ба хонанда нишон медиҳад, ки асар бар пояи шоҳидии шахсӣ ва далелҳои воқеӣ устувор аст. Аммо он чӣ ин навиштаҷотро аз як ёддошти одӣ фарқ мекунад, таҳлили сиёсӣ ва иҷтимоии муаллиф аст. Ӯ воқеаҳоро ба таври хронологӣ сабт мекунад, вале дар айни замон онро бо диди ислоҳгарона ва танқидӣ арзёбӣ менамояд.

Фаслҳои алоҳидаи асар, мисли «Як назар ба аҳволи уламои Бухоро», «Фитнаи шиаву суннӣ», «Таъсиси ҷаридаи «Бухорои шариф» ва «Тӯрон», «Масъалаи ислоҳоти Бухоро» ва ғайра бо мисолҳои воқеӣ пур шудаанд.

Ин тарзи баёни воқеият сабаби он мегардад, ки хонанда бо як диди таҳлилӣ муносибати ҷомеаи анъанавиро ба маориф фаҳмад. Асар ҷойгоҳи махсусро ба нақши матбуот, мактабҳои ҷадид, тараққихоҳон, муаллимони тотор ва руҳониёни муқовим бахшидааст. Ин ҳама нишон медиҳад, ки муаллиф як насли комилан нави мутафаккиронро муаррифӣ мекунад, ки алайҳи ҷаҳолат, тарс ва зулм бархостанд.

Яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои инқилоби фикрии Бухоро таъсиси мактабҳои навин бо усули ҷадидӣ мебошад. Айнӣ дар асараш бо нигаронии амиқ вазъи мактабҳои куҳнаро баён мекунад ва сабаби асосии ҷаҳолати ҷомеаро дар маҳдудияти маорифи суннатӣ мебинад. Ӯ дар чанд маврид таъкид медорад, ки муаллимони мактабҳо бештар қориҳо ва домуллоҳо буданд, ки худро ворисони дин медонистанд, вале ба таври дақиқ хондану навиштани дурустро намедонистанд.

Яъне, ин масъала на танҳо дар сатҳи таълим, балки дар монеаҳои мафкуравии як низоми динӣ буд, ки саводомӯзиро бо усули хушунат ва мазҳабӣ маҳдуд мекард. Аз ин ҷост, ки ҳаракати ҷадидия ба унвони як ниёзи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зуҳур кард. Мактабҳои нав бо такя ба таҷрибаи кишварҳои дигар таъсис ёфтанд ва усули таълим дар онҳо бар асоси китобҳои содабини муосир, хондан, навиштан, риёзиёт, ҷуғрофия буд. «Фақир ҳар рӯз як соат – ду соат ба мактабҳои тоторон мубошир шуда, ҳар маълумоте, ки аз он ҷо гирифта бошам, ба мактаби Мирзо Абдулвоҳид рафта татбиқ мекунондам… Рисолаи «Таҷвид», ки ба номи «Тартилу-л-Қуръон» табъ ёфт, як қисми «Таҳзиб-ус-сибён» ва як қисми «Заруриёти диния» аз тарҷума ва татбиқёфтагони ҳамон рӯзҳост» [47, с. 25].

Дар муқоиса бо мактабҳои анъанавии динӣ, ки дар онҳо шогирдон бе муҳлат матнҳои динӣ ва фиқҳиро бо тарзи такрорӣ мехонданд, мактабҳои нав кӯшиш доштанд, хонандаро ба фикр кардан, дарк кардан ва навиштан водор

созанд. Ҳамчунин, муаллимони ҷадид кӯшиш мекарданд, ки муҳити омӯзишии инсонпарварона эҷод кунанд.

Илова бар он, таъсири мактабҳои нав боиси он гардид, ки насли ҷавони ҷадид бо ҷаҳонбинии васеъ ва тафаккури танқидӣ парвариш ёбад. Дар ин ҷо, асари устод Айнӣ ҳамчун санад нишон медиҳад, ки таъсиси мактабҳои нав дар баробари ислоҳи маориф, поягузории як ҷаҳони нав ва шикасти торикии фикрӣ буд.

Уламои суннатии Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX сохтори мазҳабиро идора карда, яке аз сутунҳои асосии ҳокимияти амирӣ ба шумор мерафтанд. Онҳо дар масоили таълим, фатво, суд, хироҷ ва муҷозот мақоми марказӣ доштанд. Устод Айнӣ ин гурӯҳро ҳамчун қувваи муқовимат бо маърифат тавсиф мекунад.

Аз нуқтаи назари муқоисавӣ, чунин муқовимати мафкуравӣ дар дигар сарзаминҳои исломӣ низ мушоҳида шудааст. Барои мисол, дар Туркияи Усмонӣ низ «ҳаракати танверӣ ва тағйирот аз ҷониби уламои суннатӣ вокуниши шадид гирифт» [300]. Аммо дар Бухоро муқовимат на танҳо исломӣ, балки сиёсӣ ва иҷтимоӣ буд, зеро маориф ҳамчун манбаи худшиносӣ ва бедории мардум хатар ба қудрати ҳокимият дониста мешуд.

Уламои Бухоро бо роҳбарии муллову қозиён даҳҳо амру наҳй содир карданд, ки аз хондани китобҳои «бидъатӣ», омӯхтани русӣ ва воридоти китобҳои ҷадидӣ ҷилавгирӣ кунад. Баъзе аз ҷадидон ба маҳбас андохта мешуданд ва бархе аз мактабҳои нав баста шуданд: «Чун ин ҳукми қозикалон ба раис ва уламо маълум шуд, ҳама сари нобошамиро гирифта, ба ваҳшоният ва муонидати тамом дар муқобилат бархостанд, бар зидди қозикалон ва қӯшбегӣ маҷлисҳо оростанд; амалан мегуфтанд: «Қӯшбегӣ ҳамеша ёрмандӣ ба мактаб мекунад. Азбаски қӯшбегӣ шиа аст ва мактаб бидъат аст, биттабъ ёрӣ ба бидъат медиҳад. Агар қӯшбегӣ изну амр ба бастани мактаб надиҳад, лозим аст, ки мо – ҳомиёни суннат бар зидди қӯшбегӣ ҳаракат намоем… Агар хушӣ ба хушӣ мактабро масдуд накунанд, фитна мехезонем, ба қӯшбегӣ ва қозикалон ҳуҷум мекунем, муфтӣ Икромро аз миён мебардорем, муаллими мактабро ба қатл

мерасонем ва хонаҳои авлиёи атфолро тороҷ мекунем ва ҳамаашонро аз доираи исломият берун мешуморем ва казову казо…» Чун кор ба ин ҷо анҷом ёфт, қӯшбегӣ ва қозикалон амри бастани мактабро имзо карданд» [47, с. 42-43].

Муборизаи мазҳабӣ бо ҷадидон дар Бухоро аз ҳама бештар шакли идеологӣ дошт. Ҷадидон дар мавқеи заъф буданд, вале кӯшиш мекарданд бо истифода аз рӯзномаҳо, маҳфилҳои маърифатӣ ва таъсири фарҳангии хориҷӣ фикри ҷамъиятро тағйир диҳанд.

Дар баробари ин, нақши уламои суннатӣ дар таърихи Бухоро хеле печида аст. Онҳо дар айни замон ҳомии анъана ва сабаби ақибмонии фикрӣ буданд. Аз ин рӯ, мубориза бо ҷадидон муборизаи фикрӣ, мафкуравӣ ва фарҳангӣ буд, ки дар сарнавишти ҷомеа нақши ҳалкунанда бозид.

Бо афзоиши таъсири мактабҳои нав ва маҳфилҳои ҷадидӣ дар Бухоро, муқовимати сохторҳои анъанавии мазҳабӣ ва сиёсӣ торафт шадидтар гардид. Уламо ва намояндагони Аморати Бухоро мактабҳои навро «мактаби кофирӣ» ё «мактаби бидъат» номида, онҳоро манбаи фасод ва таҳдид ба сохтори анъанавӣ мешумориданд. Садриддин Айнӣ дар асараш ин масъаларо таҳлил кардааст. Ин фишорҳо боиси он шуданд, ки якчанд мактабҳои нав баста шаванд, муаллимон мавриди таъқиб қарор гиранд ва бархе аз маорифпарварон маҷбур ба гурез шаванд. Бархе муаллимон барои таълими атфол зиндонӣ ва баъзе ҳатто латукӯб шуданд. Ин амал ба хотири он буд, ки инқилоби фикрӣ дар заминаи маориф сурат мегирифт ва нерӯҳои суннатгаро инро хатар ба қудрати идеологӣ медонистанд.

Ҷонибдорони маориф дар чунин шароит бо роҳҳои махфӣ, дар хонаҳои шахсӣ маҳфилҳо ташкил мекарданд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки маориф ба майдони идеологӣ ва сиёсӣ табдил ёфта буд. Бино ба шаҳодати Айнӣ, агар ҳар муаллиме, ки гӯё китоби дарсие дошт ё ба таълиму тадрис машғул буд, ба туҳмат ва ҳатто ба латукӯб рӯ ба рӯ мешуд.

Ин воқеиятҳо дарк кардани он чиро, ки «инқилоби фикрӣ» номида мешавад, осонтар мегардонад: ин мубориза барои ҳаққи фикр кардан, хондан ва саводомӯзӣ буд.

Яке аз омилҳои муҳимми густариши идеяҳои ҷадидия ва ислоҳоти маориф дар Бухоро таъсири равонӣ ва таълимии зиёиёни тотор буд. Муаллимони тотор, ки ба Осиёи Миёна омада буданд, бо худ фарҳанги нав, усулҳои пешрафтаи таълим ва таҷрибаи ташкилоти иҷтимоиро оварданд.

С. Айнӣ аз нақши тоторон ва мактабҳои онҳо ёд мекунад ва менависад, ки вақте «уламо ба бастани мактаби Мирзо Абдулвоҳид муваффақ шуданд, дар садади бастани мактаби тоторон афтоданд. Тоторон ба элчихонаи рус муроҷиат карданд, элчӣ ба шарти тарди атфоли бухориён давомоти мактаби тоторонро ҳимоят кард» [47, с. 48].

Муаллимони тотор ҳамчун намояндагони як мактаби ҷадидии муназзам, кӯшиш мекарданд, ки хонандагонро бо забони русӣ, фанҳои табиӣ ва таърих шинос кунанд.

Мактабҳои тоторӣ дар Бухоро ҳамчун намунаи маорифи муосир пазируфта мешуданд. Онҳо бо истифода аз китобҳои дарсии нав ва усули нави таълим хонандагонро тарбият мекарданд.

Аз саҳифаҳои таърих маълум аст, ки нақши тоторон дар таъсиси мактабҳо, таблиғи фарҳанг, навоварӣ ва муколама миёни шарқ ва ғарб ифода меёбад. Бидуни кумаки муаллимони тотор, ҳаракати ҷадидия дар Бухоро шояд ба чунин миқёс ва таъсир намерасид.

Яке аз падидаҳои нигаронкунанда ва хатарборе, ки Садриддин Айнӣ дар асари худ ба таври ҷиддӣ ба он дахл мекунад, масъалаи фитнаи мазҳабӣ миёни аҳли шиаву суннӣ мебошад. Устод Айнӣ менависад: «Чун фитнаи шиаву суннӣ дар паси мунозираи мактаб воқеъ шуд ва ҳамон одамоне, ки дар мактаб эҷоди фитна карданд, дар ин фоҷеа низ сабаби ҳақиқӣ эшон буданд» [47, с. 50].

Ҷудоии мазҳабӣ, ки дар тӯли таърих вуҷуд дошт, дар Бухоро аз тарафи ҳокимияти амирӣ ва уламо ба як абзори сиёсӣ табдил дода шуд. Шиаҳоро ҳамчун шахсони дар ҷамъият бегона муаррифӣ мекарданд ва мардумро ба нафрат ва таъқиби онҳо таҳрик медоданд. Ин ҳолат на танҳо ба мазҳаби шиа, балки ба тамоми шаклҳои фикр ва таълимоти дигар андешаро душман эълон мекард.

Фитнаи мазҳабӣ ҳамчун василаи парокандасозии фикрӣ ва сиёсӣ ба таври густарда истифода мешуд.

Аз нуқтаи назари муқоисавӣ, чунин фазои мазҳабӣ дар дигар сарзаминҳо низ барои ҳифзи қудрати мазҳабӣ истифода мешуд. Ба мисли Эрон дар давраи Қоҷориён ё Ҳинд дар зери Бритониё, ки «тафриқаи мазҳабиро барои идора истифода мекарданд» [294]. Дар Бухоро фитнаи шиаву суннӣ ҳамчун воситаи боздоштани ислоҳот ва парешон сохтани таваҷҷуҳи мардум аз масъалаҳои аслӣ хизмат мекард.

Устод Айнӣ дар асарҳояш пешниҳод мекунад, ки чунин ихтилофот реша дар ҷаҳолат ва набуди маърифати мазҳабии дуруст дорад. Ӯ таъкид мекунад, ки мазҳаб бояд василаи маърифат ва таҳаммул бошад.

Фитнаи шиаву суннӣ дар таърихи Бухоро як саҳифаи торик аст, ки на танҳо бар зидди аҳли шиа, балки бар зидди худи рӯшноӣ ва бедории фикрӣ равона шуда буд.

Яке аз воситаҳои асосии паҳн кардани идеяҳои ҷадидӣ ва муаррифии фикрҳои ислоҳталабона дар Бухоро – матбуоти даврӣ, махсусан, рӯзномаҳои «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» буд. Садриддин Айнӣ ва дигар зиёиёни ҷадид нақши калидӣ дар таблиғ ва пешбурди ин рӯзномаҳо бозиданд. С. Айнӣ менависад: «Чун «Бухорои шариф» ва «Тӯрон» диққати назари умуми аҳолии Туркистонро ба худ ҷалб карда, дар димоғи хонандагон афкори олия илқо намудан гирифт, ин кор ба кайфи маъмурони рус мувофиқ наафтод» [52, с. 92].

Фаъолияти ин рӯзномаҳо, алалхусус, «Тӯрон» боиси вокуниши шадиди ҳокимият гардид. Баъди як соли нашр ҳарду рӯзнома баста шуданд. Сабаби асосӣ – тарғиботи рӯшноихоҳӣ ва интиқоди ошкоро ба ҳукумати амирӣ буд.

Нақши ин рӯзномаҳо дар бедории фикрии Бухоро бениҳоят бузург аст. Онҳо минбари равшанфикрӣ, маркази ташаккули афкори иҷтимоӣ ва миллии тоҷикон гардиданд. Устод Айнӣ бо нигоҳи талх мегӯяд: ««Бухорои шариф» аз 4-уми рабеъулохири 1330 ҳиҷрӣ то 7-уми сафари 1331, мутобиқи 2-юми январи 1913, ҷамъан 153 рақам баромада, ҳалок шуд. «Тӯрон» аз 14-уми июли 1912 милодӣ то январи 1913, ҷамъан 49 рақам баромада, ба хоки фано яксон гардид.

Ин ду ҷарида дар муддати даҳ моҳи давоматашон аз маъмул зиёда хидмат карданд. Умуми аҳолии Бухоро, ки аз матбуот ва истилоҳи он билкуллия бехабар буданд, ба воситаи ин ду ҷарида хеле хабардор гардиданд. Чун ин ду ҷарида дар вақти муҳорибаи Итолиё ва Балкан бо Туркия мунташир шуданд, аҳолии аз сиёсат ва ҷуғрофияи олам бехабари Бухоро дорои маълумоти муҳимма гардиданд. Дар димоғи ҷавонон фикри қаламу таҳрир даромад. Дар сари падарон хаёли тарбияти фарзанд омад… Ин ду ниҳоли навбар ва ин ду гулбуни навшукуфтаро, ки бӯстони миллат ва чаманистони маърифатро тароват доданӣ буданд, ба тешаи бедод аз беху бунёд барканданд» [47, с. 93-94].

Яке аз чеҳраҳои калидие, ки дар муқовимат ба ҳаракатҳои ислоҳотӣ ва бедории фикрии ҷадидон нақши муайян бозидааст, Мир Бурҳониддин мебошад. Ӯ аз ҷумлаи амалдорони воломақоми Аморати Бухоро ва яке аз ҷонибдорони ашаддии ҳифзи сохтори феодалӣ ва мазҳабии давлат буд. Дар асари Садриддин Айнӣ номи ӯ чандин бор бо лаҳни интиқодӣ ва бо ишора ба мансабу нуфузи идеологӣ зикр мешавад. Яъне, Мир Бурҳониддин мубориза бо ҷадидон танҳо аз мавқеи динӣ не, балки ҳамчун сиёсатмадори манфиатдор дар ҳифзи қудрати мавҷудбуда роҳбарӣ мекард. Ӯ дар замони авҷи ҳаракатҳои маорифпарварӣ бо истифода аз таъсири худ ба қозиҳо, муфтӣ ва шайхулислом фармон дод, ки мактабҳои нав баста шаванд, фаъолияти рӯзномаҳо қатъ ва шахсиятҳои фаъоли ҷадид зиндонӣ гарданд.

Мир Бурҳониддин дар амал як намояндаи олии анъанапарастӣ ва дастгоҳи зиддиҷадид буд. Ӯ дар симои руҳонии расмӣ як навъ муҳофизати ҳукуматро мебинад ва инро ҳамчун василаи муқовимат ба ҳар гуна ислоҳоти фикрӣ ва иҷтимоӣ истифода мебарад. Устод Айнӣ таъкид мекунад: «Мир Бурхониддин вақте ки дар Бухоро қозикалон шуд, барои тасвияи умури раиягони рус дар мирзохонаи худ шуъбае кушод. Дар он шуъба аз қадрдонони худ Лутфуллоҳбой ном тоҷиреро мудир таъйин кард… Лутфуллоҳбой барои ҳифзи авроқ ҳамеша як ҷузвгири русии қуфлдор бо худ дошт. Ҳар гоҳ ки дар раставу бозор мерафт, он ҷузвгирро бо худ мебурд. Қозикалон ҳар гоҳ ки он ҷузвгирро дар бағалу дасти Лутфуллоҳбой медид, зиёда мешӯрид, авзоаш табаддул ва ранги рӯяш

тағайюр меёфт ва ба муқаррабони худ мегуфт: «Ба Лутфуллоҳбой фаҳмонетон, ки ҷузвгирро бо худ надорад. Авроқи лозимаро ба ягон порча баста, дар ҷайбу кисаи худ гузорад. Ҳар гоҳ ки ҷузвгирро ба дасташ мебинам, гумон мекунам, ки ин ҳам ҷадид аст»» [47, с. 104-105].

Бо дарназардошти ин таҳлил, метавон хулоса кард, ки Мир Бурҳониддин ҳамчун як шахс рамзи сохтори муқовиматгаро буд, ки бар зидди инқилоби фикрӣ бо тамоми василаҳои сиёсӣ, мазҳабӣ ва маъмурӣ мубориза мебурд.

Охири даҳаи 1910 ва ибтидои солҳои 1920 барои Аморати Бухоро як марҳалаи муҳимми гузариш ва бархӯрди тунд миёни неруҳои ислоҳотталаб ва ҳокимияти анъанавӣ гардид. Дар ин давра дар муҳити иҷтимоии Осиёи Марказӣ, хусусан, дар Бухоро инқилоби фикрӣ ба сатҳи нави сиёсӣ расид.

Ҷараёни ислоҳот дар Бухоро аз сӯйи ҷадидон роҳбарӣ мешуд. Онҳо пешниҳод доштанд, ки низоми таҳсилот, идоракунии давлатӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои муосир ва арзишҳои равшанфикрӣ дигаргун карда шаванд. Аммо ҳокимияти амирӣ бо роҳбарии амир Олимхон ва таъсири уламои суннатгаро ин ислоҳотро зери по намуданд.

Бисёре аз руҳониён, ҳатто онҳое, ки ба тараққипарварӣ наздик буданд, низ дар ин ҷараён зери фишор қарор гирифтанд. Мактабҳо, китобхонаҳо ва захираҳои илмӣ мавриди сӯзиш ва ғорат қарор гирифтанд. Ҷадидон, ки орзуи ислоҳоти мусолиматомез доштанд, дар ботлоқи бархӯрди сиёсӣ ва идеологӣ гум шуданд.

Ин воқеа нишон медиҳад, ки ислоҳоти фикрӣ бе ислоҳоти сохтории сиёсӣ ва бунёди фазои таҳаммулгаро наметавонад ба таври мусбат амал кунад. Бухоро ба далели набудани пойгоҳи устувори мафкуравӣ ва сиёсати мувозинатнок аз роҳи ислоҳот ба вартаи фоҷиа кашида шуд.

Тараққипарварон ё ҷадидон дар таърихи Бухоро нақши бисёр муҳим бозиданд. Онҳо дар шароите зуҳур карданд, ки фишори идеологӣ ва сиёсӣ аз тарафи ҳокимияти амирӣ ва уламои суннатӣ торафт бештар мегардид. Ҳаракати ҷадидия, ки дар ибтидо ҳамчун як муборизаи фарҳангӣ ва маърифатӣ оғоз шуда буд, тадриҷан ба як ҳаракати иҷтимоӣ ва сиёсӣ табдил ёфт. Намояндагони он –

омӯзгорон, нависандагон, рӯзноманигорон ва савдогарони рӯшанфикр буданд, ки барои ислоҳоти ҷомеа, таҳсилоти умумӣ ва бедории миллӣ кӯшиш мекарданд.

Садриддин Айнӣ зикр мекунад: «Тахминан баъд аз як соат овози ғулғулаи мардум баромадан гирифт. Аҳолӣ ба як ҳолати музтарибона ба ҳар тараф медавиданд. Аз даруни Мадраса низ хеле овози шӯру ғавғо меомад. Баъд аз фурсате аз тарафи кӯча касе дарамро зад, хабар гирифтам, талабаи маъҳуд буд, гуфт: «Ғавго барпо шуд. Намоишчиён байрақ бардошта то хиёбон рафтанд. Аз тарафи дигар аксулҳаракат бархоста, ба андак фурсат тамоми шаҳрро фурӯ гирифт. Ҳозир аҳли балво ба ҳар куҷо ҷамъ шуда, дар садади қатлу ғорати тараққипарваронанд. Ҷамъияти мутакассирае аз аҳли балво ба Регистон аз ҳукумат танбеҳи тараққипарваронро мусирран талаб доранд». Гуфтам: «Омад ба сарам аз он чӣ метарсидам» [47, с. 144-145].

Бо вуҷуди неруи маънавии бузурги ин гурӯҳ, онҳо дар мубориза бо сохтори ҳукмрон бо шикаст рӯ ба рӯ шуданд. Бисёри онҳо ба маҳбас кашида шуданд, баъзеҳо ба кишварҳои дигар фирор карданд. Қисме пас аз ғалабаи Қувваҳои Сурх ба Бухоро баргаштанд ва дар ташкили Ҳукумати Ҷумҳуриявии Халқии Шуравии Бухоро ширкат варзиданд. Аммо қисме низ дар гирдоби ҷанҷолҳои сиёсӣ ва мазҳабӣ нобуд гардиданд: «Фақир қариб вақти намози хуфтан ба ҳавлии яке аз аҳбоб рафтам. Аз ахбори эшон маълум шуд, ки маро ба ҳар куҷо ёбанд, дастгирӣ хоҳанд кард. Зиёда аз ин кор мутаҳайир будам. Ҳарчанд ин ҳаракат дар зоҳир шикаст хӯрд, таъсири он ба шаклгирии маорифи дунявӣ, рӯшанфикрии тоҷик ва худшиносии миллӣ бунёдӣ буд. Мероси фикрии онҳо то имрӯз арзишманд мемонад.

Яке аз фоҷиаҳои шахсӣ ва рамзии инқилоби фикрӣ дар Бухоро сарнавишти худи Садриддин Айнӣ мебошад. Ӯ, ки яке аз чеҳраҳои намоён буд, дар баробари таъқибҳои идеологӣ, ба таври ҷисмонӣ низ шиканҷа шуд. Дар асараш устод Айнӣ бо дард ва ҳамзамон, бо эҳсоси эътироф ёд мекунад: «Баъд аз тулӯи офтоб, ҳанӯз бақияи чою дастархон ба рӯйи ҳуҷра буд, ки аз даруни Мадраса овози пои бисёре ба тариқи ғайримунтазам омадан гирифт. Гуфтам: «Фоҷиа

расид!» Фавран бархоста, дарро аз дарун бастам. Мехостам аз дари партав фирор кунам, дидам, кӯча аз аҳли фитнаву балво моломол буд, ночор ба кунҷи ҳуҷра хазидам. Дарамро муҳоҷимин сахт заданд… Муҳоҷимин аз тарафи кӯча тирезаамро шикастанд. Чун дидам, ки ало айни ҳол маро хоҳанд ёфт, бархоста худро намудам. Дидам, ки пеш-пеши муҳоҷимин одамони қӯшбегианд. Гуфтам: «Ман муҳоҷиминро аҳли фитна гумон карда, пинҳон шуда будам. Модом ки шумо маъмурони ҳукуматед, бе қайду шарт таслим мешавам». Мехостам саллаву ҷомаи худро дар бар кунам, маъмурони ҳукумат амон надода, аз гиребонам гирифта, аз дари ҳуҷра, ки тақрибан се олчин аз замини кӯча баландӣ дошт, кашола карда, дар заминам заданд. Маъмурони қӯшбегӣ маро зери пои худ гирифта, бо лагадҳои мӯзадор дар баданам кӯфтанд... Маъмурони қӯшбегӣ маро дашномҳои ғализ медоданд.

Ин воқеа шоҳиди воқеиятҳои золимонаи замон ва рамзи муқовимати шахсият бар зидди зулм аст. Яъне, устод Айнӣ дар шароити шадиди мазҳабӣ ва сиёсӣ устуворона ба идеалҳои худ содиқ монда, ҷабри ҷисмонӣ ва туҳматҳои маънавию сиёсии зиёдро низ пушти сар кард.

Аз чунин тарзи муносибат маълум аст, ки ин латукӯб дар назди мардум бо ҳадафи тарсонидани дигар ҷадидон ва шикастани рӯҳи бедорихоҳӣ анҷом дода шуд. Аммо натоиҷ комилан баръакс буданд, устод Айнӣ аз ин фоҷиа бо қалами қавитар ва иродаи устувортар берун омад.

Сарнавишти устод Айнӣ ҳамчун як рамзи инқилоби фикрӣ боқӣ мемонад. Вай бо забони шеъру наср, бо талоши қалам ва бо устувории маънавӣ барои насли оянда заминаи нав ба вуҷуд овард.

Дар таҳаввулоти сиёсии нимаи аввали асри XX дар Бухоро иштироки мустақими намояндагони маъмурияти подшоҳии Россия нақши калидӣ бозид. Ду чеҳраи асосие, ки дар раванди сиёсати хориҷӣ ва назорати мустамликавии Россия дар Бухоро нақши муассир доштанд, инҳо Миллер ва Шулга буданд. Онҳо намояндагони низоми империявии Россия дар Аморати Бухоро буданд ва вазифаи асосии онҳо нигоҳ доштани амирият ҳамчун як ҳукумати зоҳиран мустақил, вале зери назорати сиёсати русӣ маҳсуб мешуд.

Садриддин Айнӣ дар асари худ бо нигаронӣ аз он ёд мекунад, ки Миллер ва Шулга на ҳамчун намояндагони як давлати дӯсти ҳамсоя, балки чун муҳофизони ҷаҳолат ва ҳимоятгарони диктатураи амирӣ амал мекарданд. Миллер ва Шулга, ба гуфтаи Айнӣ, барои боздоштани ҷадидон, фишор ба рӯзномаҳо ва пуштибонии руҳониёни суннатгаро ҳамаҷониба кумак мекарданд.

Дар ҳоле ки дар Туркистон ҳаракатҳои ҷадидия бо сиёсати нисбатан мулоими генерал-губернатори Тошканд рӯ ба рӯ мешуданд, дар Бухоро сиёсати мустамликавии Россия тавассути шахсиятҳое, монанди Шулга ва Миллер шакли баръакс гирифт. Онҳо амир Олимхонро ба хотири оромии сиёсӣ ва пешгирии инқилобӣ ҳимоят мекарданд.

Миллер ва Шулга намояндагони сиёсати «мувозинати ноором» буданд: зоҳиран тартиб ва суботро таъмин мекарданд, аммо дар асл монеаи ҷиддии ислоҳот ва бедории фикрӣ мешуданд. Онҳо бо зоҳир кардани бетарафӣ, амалан як ҷиноҳи сиёсиро ҳимоят мекарданд, ки ин ҳокимияти зулм ва ҷаҳолат буд.

Асари «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»-и Садриддин Айнӣ намунаи баланди матни таҳлилӣ, публитсистӣ ва таърихӣ дар адабиёти тоҷик ва Осиёи Миёна мебошад. Ин асар бо сабки таҳлилӣ, бо шеваи шоҳидона ва бо ангезаи рӯшноификрӣ рӯйдодҳои як давраи сарнавиштсози таърихи Бухороро инъикос мекунад. Муаллиф дар заминаи таҷрибаи шахсӣ ва мушоҳидаи мустақим, таърихи муборизаи ҷадидон бо амирият ва намояндагони мустамликавии русро ба тасвир мекашад.

Инқилоби фикрӣ дар Бухоро тибқи таҳлили устод Айнӣ, пеш аз ҳама, мубориза барои маърифат, озодӣ ва ҳувияти миллӣ буд. Аммо ин мубориза дар муҳити сахт ва душманона сурат мегирифт: руҳониёни суннатӣ ислоҳотро хатари дин медонистанд, амирият онро фитнаи сиёсӣ мехонд ва намояндагони сиёсати хориҷӣ (Россия) онро ҳамчун бесуботсозии минтақа арзёбӣ мекарданд. Аз ҳамин сабаб, инқилоби фикрӣ бо ҳама қудрати маънавияш натавонист пурра пирӯз гардад, вале таъсири амиқи худро барои тағйири афкори ҷомеа расонд.

Мактабҳои нав ҳамчун сутуни асосии инқилоби фикрӣ саркӯб шуданд, рӯзномаҳо баста шуданд, шахсиятҳои рӯшанфикр ба зиндон афтоданд, ё ба

муҳоҷират маҷбур шуданд. Устод Айнӣ худ қурбонии шиканҷа ва тухмат гардид. Аммо маҳз ҳамин фишорҳо зарурати инқилобро тезониданд. Сохтори феодалӣ, ки ба ақибмонии ҷомеа асос ёфта буд, натавонист ба талаботи замон посух диҳад ва оқибат зери фишори сиёсӣ (Инқилоби Октябр) фурӯ пошид.

Аз нуқтаи назари сиёсӣ, ин асар нишон медиҳад, ки бедории фикрӣ бидуни тағйири сохторҳои сиёсӣ наметавонад самари устувор диҳад. Агар дастгоҳи ҳукуматӣ ва мафкуравӣ омодаи таҳаммул ва ислоҳот набошад, ҳатто поктарин ҳаракатҳои фикрӣ ба шикаст рӯ ба рӯ мешаванд. Бухоро намунаи таърихии он аст, ки бедории фикрӣ бояд бо ислоҳоти институтивӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсӣ тавъам бошад.

Дар баробари ин, аз мутолиаи асар метавон хулоса кард:

1. Инқилоби фикрӣ дар Бухоро як падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии амиқ буда, бо бедории зеҳнӣ ва муқовимати рӯшанфикрон алайҳи сохтори мазҳабӣ ва феодалӣ тавъам буд.

2. Асари «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» як санади таърихӣ бо арзиши публитсистӣ, адабӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

3. Мақоми мактабҳои нав ва матбуоти ҷадид дар шаклгирии зеҳни ҷамъиятӣ нақши асосӣ бозида, ҳамзамон, бо вокуниши шадиди уламои иртиҷоӣ ва амирӣ рӯ ба рӯ шудааст.

4. Сохтори сиёсӣ ва намояндагони мустамлика (Миллер ва Шулга) на танҳо ба ислоҳот кумак накарданд, балки онро боздоштанд ва зери ниқоби «ҳифзи субот» диктатураи амириро пуштибонӣ намуданд.

5. Инқилоби фикрӣ, сарфи назар аз шикастҳои муваққатӣ, барои давраҳои баъдӣ пояи маорифи муосир ва худшиносии миллӣ гардид.

### 4.2. Ҷанбаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»

Садриддин Айнӣ ба таърихи Бухоро, хоса давраи ҳукмронии амирони манғитӣ (солҳои 1756-1920) ҳанӯз баъди шиносоии аввалинаш бо асари

«Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш дар даврони ҷавонӣ дар соли 1898 шавқу завқ пайдо карда, барои навиштани чунин як асар омодагии комил дошт. Баъди воқеаҳои фоҷиабори низои шиаву суннӣ, бастани мактабҳои усули нав, инқилобҳои соли 1917 (моҳҳои феврал ва октябр), фоҷеаҳои сахти ба сари худаш омада нафрати шоир ба ҳукмронони ҷоҳил бештар гашта, ниҳоят, дар арафа ва баъди инқилоби Бухоро (2 сентябри соли 1920) ба навиштани асарҳо дар бораи сулолаи манғитӣ шуруъ карда, дар муддати кӯтоҳ (се сол) се асари пурқимати таърихӣ навишт.

«Таърихи амирони манғитияи Бухоро» бори аввал дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» бо номи «Таърихи силсилаи манғития, ки дар Бухоро ҳукм рондаанд» аз 20 сентябри соли 1920 то 28 ноябри соли 1921 дар 21 шумораи «Шуълаи инқилоб» дар шакли мақолаҳои алоҳида бо имзои мустаори «Син-Мим» ба чоп расидааст» [164, с. 49]. Аммо ба қавли профессор И. Усмонов, асари мазкур дар «27 шумора»-и маҷалла чоп шудааст. Устод Айнӣ дар ин асар «хеле пуртаъсир нишон медиҳад, ки деҳқони ғаллакор гурусна буду ҳоким додаи айшу нӯш, фарзанди меҳнаткаш маҳрум аз савод буду бо душворӣ умр ба сар мебурд. Хулосаи мантиқии очерк он буд, ки пояи чунин давлати нопойдор «дур ё зуд фано меравад» [235, с. 87]. Ҳамин тавр, устод Айнӣ замина ва сабаби асосии аз байн рафтани сулолаи мазкурро нишон додааст.

Устод Айнӣ, тавре худаш дар сарсухани «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» бо номи «Як-ду калима аз тарафи мураттиб» менависад, ба мавзуи мазкур аз дер боз таваҷҷуҳ дошт. «Хонандагони киромро пинҳон ва пӯшида мабод, ки мураттиби ин авроқ дер боз дар бораи таърихи амирони манғитияи Бухоро татаббӯъ ва ҷустуҷӯе дошт. Дар соли 1339 моҳи муҳаррам (сентябри соли 1920-уми милодӣ) ба муносибати Инқилоби Кабири Бухоро ба воситаи маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» порча-порча ба нашраш оғоз карда шуд. Чун маркази шуъбаи Нашриёти давлатии Ҷумҳурияти Бухоро ва Вазорати маорифи Бухоро ҷамъ ва тадвини ин авроқи парешонро хоҳиш намуд, дигарбора хеле саъю кӯшиш ба кор бурда, бо ҳаққи ислоҳу бо илова ва тафсили баъзе маворид ва вақоеъ ва таъини манбаъ ва маъхазҳо дар қайди китобат кашида шуд» [47, с.

201]. Чӣ тавре ки мебинем, то ба нашри пурра, яъне, соли 1926 пора-пора чоп шудани он дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» (соли 1920) асар ба шакли «авроқи парешон» мавҷуд буда, баъд устод онро ба шакли рисолаи мукаммал даровардааст.

Вақте ки устод Айнӣ ба идораи маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» бо даъвати С. Ализода барои дастгирии фаъолияти нашрия ба кор омад (моҳи декабри соли 1920), дар ин маҷалла матолиби зиёдро ба чоп расонд. Дар байни онҳо очерки мазкур бо номи «Таърихи силсилаи манғития, ки дар Бухоро ҳукм рондаанд» аз ҳама муфассал буда, нашри он ба муносибати Инқилоби Кабири Бухоро аз худи ҳамон моҳи сентябри соли 1920 шуруъ шуда, зиёда аз як сол идома кард. Яъне, маълум мегардад ва собит шудааст, ки асар «дар рӯзҳои нахустини сарнагун шудани ҳукумати манғитиҳо таълиф гардидааст» [47, с. 202]. Ҳамчунин, устод қайд кардааст, ки бо хоҳиши шуъбаи Нашриёти Давлатии Бухоро дар Самарқанд ва Нозироти маорифи Бухоро матлаби мазкурро ӯ дигарбора ҷамъ ва тадвин карда, бо илова ва тафсили баъзе маворид ва таъйини манбаъ ва маъхазҳо ба тартиб даровардааст. Усули кори устод дар болои рисолаи мазкур ибрати имрӯзиён аст ва ба мулоҳизаи М. Шакурӣ, он барои таърихнигорон бояд дастури амал қарор гирифта, дар нигориши таърихи гузашта, маҳз чунин усули танқидиро бояд истифода баранд. Худи устод ҳам дар фасли хурдакак бо номи «Эътизор-пӯзиш» овардааст: «Бисёртарини муаррихони Машриқзамин, хусусан ононе, ки ба дарбори подшоҳон тарбият ёфтаанд, асоси таърихнависиро ба қасида ва мадеҳанигорӣ гузоштанд, дар назди мурдаву зинда тамаллуқ ва риёкориро пеша карданд. Ночор ахлоф аз дардҳои куҳан ғофил монданд ва ибрате гирифта натавонистанд» [47, с. 323]. Дар ҳақиқат, таърихнигории пешин ба шаклу услуби дигар буд, ба истисноп Аҳмади Дониш, ки низ дар дарбори подшоҳ хидмат кардааст, аксари таърихнигорони гузашта, ҳарчанд ба мо далелу санадҳои муҳимро оид ба таърихи гузаштаамон боқӣ гузоштанд, мутаассифона, як ҳиссаи асарҳояшонро ба шарҳи «қаҳрамониҳо»-и подшоҳон бахшидаанд. Устод Айнӣ монанди Аҳмади Дониш роҳу равиши дигарро пеш гирифт.

«Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ба тариқи алоҳида ва дар маҷмуаҳои осори устод ба табъ расидааст. Аз сарсухани устод Айнӣ «Як-ду сухан аз тарафи мураттиб» маълум мегардад, ки матни имрӯзаи «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» аз матни он дар нашрияи «Шуълаи инқилоб» фарқ кунад ҳам, мазмуну мундариҷа, ҳадаф ва воқеаю хулосаҳо тағйир наёфтаанд. Бояд гуфт, ки асар аз сарсухан, 50 боби хурд ва хулоса иборат буда, шакли очерки илмию бадеии имрӯзаро дорад. Ба қавли академик М. Имомзода ҳар як боби «китоби «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»… ба сари худ як қиссаи тамоми ибратомӯз барои инсони замони нав мебошад» [130, с. 130]. Сабаби ба таври бобҳои алоҳида овардани асар шояд он бошад, ки он бори аввал дар ҳамин шакли ҳикоячаҳо дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» чоп шудааст.

Бештари бобҳои асар бо ба сари давлат омадани ин ё он подшоҳ шуруъ шудааст. Дар оғоз устод Айнӣ ҳамеша ақидаҳои шахсӣ ва сиёсии хешро вобаста ба ҳодисоти ба амаломада бо ин ё он калима ё ҷумла баён кардааст. Аз ҷумла, омадааст, ки яке сабабҳои асосии аз дасти аштархониҳо ба ихтиёри манғитиҳо гузаштани давлати Бухоро подшоҳи Эрон Нодиршоҳи Афшор (давраи ҳукмрониаш солҳои 1736-1747) будааст. Ӯ «ба ҷаҳонгирӣ қадам ниҳода, баъд аз сафари Ҳиндустон қасди Мовароуннаҳр намуд» [47, с. 303]. Аз вазъ истифода бурда, яке «аз соҳибнуфузон»-и дарбори Абдулфайзхони аштархонӣ – охирин подшоҳи сулолаи аштархониён, бо номи Ҳаким-отолиқ, ки худ аз қабилаи манғит буд, ба подшоҳи Эрон мактуб навишта, писараш Раҳимбийро ҳам фиристода, ӯро ба Бухоро даъват намуд. Нодиршоҳ ҳамроҳи Раҳимбийи манғит ба наздики Бухоро омада манзил гузид. Ҳангоми бозгашт аз рӯйи қоидаи маъмул аз 3 то 6 ҳазор бухороиёнро ба Машҳади Эрон кӯчонид, ки байнашон ҳамин Раҳимбий бо падараш ҳам буд. Подшоҳи аштархонӣ асосан барои халос шудан аз шарри ин авлоди манғитӣ онҳоро ба Машҳад фиристода буд. Аммо баъд аз он ки дар атрофи Бухоро баъзе гурӯҳҳои кӯчманчӣ ба тохту тоз даромаданд, ба Раҳимбий баҳонае барои бозгашт ба Бухоро фароҳам омад ва ӯ бо лашкари қизилбоши Эрон ба ватан баргашта, дар давлат мавқеи намоёни сиёсӣ ба даст овард. Ба қавли устод Айнӣ ӯ «ҷамеи умури мамлакатро ба яди

тасарруфи худ даровард» [47, с. 205]. Ҳамин тавр, исбот шудааст, ки маҳз бо кумаки сиёсӣ ва ҳарбии подшоҳи силсилаи афшориҳои Эрон Нодиршоҳ дар нимаи дуюми асри XVII давлати аштархониҳо дар Бухоро фано гашта, ҳукумат ба дасти манғитиҳо гузашт.

Соли 1747 бо дасти яке аз мулозимони Раҳимбий, ки қувваи ҳукумат аслан дар дасти ӯ буд, Абдулфайзхони аштархонӣ кушта шуда, идораи ҳукумат пурра ба дасти Раҳимхони манғит афтид. Маҳз ӯ ҳукмронии сулолаи манғитиҳоро асос гузошт, ки давоми 153 сол (то соли 1920) ин сулола Бухороро дар қабзаи худ нигоҳ дошт.

Бояд гуфт, ки муносибати шахсӣ ва сиёсии устод Айнӣ ба воқеаҳо дар асари мазкур бо ифодаю ҷумлаҳои махсус баён гардидааст. Дар нигориши асар устод Айнӣ «ба танқидгарии Аҳмади Дониш баргашт ва дар фош кардани қабоҳатҳои тартиботи аҳди манғитиён суханаш чун сухани Аҳмади Дониш неш дошт» [277, с. 38]. Чунончи, дар мавриди қатли Абулфайзхон овардааст, ки «ба дашнаи бед сари он хусрави чингизнажодро аз тан ҷудо кард» [47, с. 205]. Ин ҷо «чингизнажод» ҳам ба маънои асл (аштархониҳо аз насли Чингиз буданд) ва ҳам ба маънои маҷозӣ омадааст, ки ғоратгарию золимии ин подшоҳонро ифода кардааст. Ҳамчунин, дар асар ифодаҳое, ба монанди «хуни ноҳақ» [34, с. 206], «гарданаш шикаста, озими дарулҷазо гардид» [47, с. 207] оид ба амалҳои Раҳимхони манғит, «ин тадбир ба ниҳоятдараҷа ноқис ва муваққатӣ буд. Ҳеч гоҳ бе ин ҳила ҳукумат ба силсилаи манғития қарор намеёфт» [47, с. 207] ва ғайра истифода шудаанд, ки муносибат ва назари манфии устодро ба воқеаҳо ифода мекунанд.

Раҳимбийи манғит баъди он ки муддате писарони хурдсоли подшоҳи пешинаи аштархонӣ Абдулфайзхонро ба ном ворисӣ салтанат эълон кард, сипас онҳоро паи ҳам аз миён бурда, соли 1756 «лақаби подшоҳиро ба худ итлоқ кард» [47, с. 206]. Ҳамин тавр, давлати манғитиҳо ба сари кор омад. Тарзи кордории Раҳимбийро, ки бар фиребу фитна асос ёфта буд, фарзандону наберагонаш идома доданд. Баъд аз Раҳимбӣ «умури ҳукуматдорӣ ба Дониёл-отолиқи манғит, ки амми (тағо)-и Раҳмихон буд, қарор ёфт» [47, с. 207]. Дар ин

давра низ манғитиҳо яке аз наберагони духтарии подшоҳи аштархониҳоро ба ном подшоҳ монда, ба ҳукумати худ идома медоданд. Подшоҳе, ки ба номаш вазифа дошт, ба қавли мазҳакаомези устод Айнӣ «Ошиқ ману маъшуқа ба коми дигарон аст» ба порчаи ноне ва номи хонӣ қаноат мекард» [47, с. 208]. Ҳоли давлатдорӣ дар миёнаҳои асри нуздаҳум дар овони аз аштархониҳо ба манғитиҳо гузаштани давлатдорӣ чунин буд. Дар ҳақиқат, аз заъфи давлати аштархониҳо истифода бурда, манғитиҳо торафт ба давлат наздик мешуданд. Ниҳоят, бо вафоти Дониёл писари ӯ Шоҳмурод соли 1785 зимоми давлатдориро пурра ба даст гирифта, ҳукумати манғитиҳоро аз ҷиҳати сиёсӣ мустаҳкам намуд. Аз хислатҳои асосии Шоҳмурод яке ин буд, ки шахси мадрасадида буда, дар нишасту хез, хӯрду хӯрок ва сару либос, хоксорӣ ва зуҳду қаноатро интихоб карда буд. Азбаски норасоиҳои иҷтимоии замони ҳукмронии падару бобояшро медонист, дар болои сабабҳои он ба фикр рафта, «дар маслаки зуҳду тақво сулук намуда, оммаи раъоёро, ки эшон ва шайхро аз шиддати ихлосу ақида гӯё ки мепарастиданд, ба тарафи худ ҷалб намуд. Дар масъалаи зуҳд чунон ғулув карда буд, ки дар айёми падар чун бепадарони ятими мискин сарупобараҳна мезист» [47, с. 211]. Албатта, дар оғози подшоҳӣ барои тарсонидани чашми аъёну ашроф чанде аз душманони пешинаашро кушт.

Дар бораи махсусиятҳои давраи ҳукмронии Шоҳмурод (ба лақаби Маъсумбий машҳур буд) аз забони устод Айнӣ қайдҳои зерини сиёсӣ омадаанд: «Дар аҳди амир Шоҳмурод Абдуғозихон (подшоҳи охирини сулолаи аштархониҳо)-ро, ки расман подшоҳ маҳсуб буд, ҳеч қадру эътиборе намонд» [47, с. 210]; «Пайдост, ки дар ҳамчунин, мамлакате ба сари ҳукумат омадан дидаву дониста, худро дар таҳлука андохтан аст»; «оммаи раоёро, ки эшон ва шайхро аз шиддати ихлосу ақида гӯё ки мепарастиданд, ба тарафи худ ҷалб намуд» [47, с. 211]. Аз истифодаи чунин ибораву калимаҳо ва зарбулмасалу мақолҳо, ҳатто порчаҳои шеърӣ назари нависанда ба воқеаи тасвиршуда маълум мегардад. Ин аст, ки «нависанда вобаста ба моҳияти воқеа ва мақсади асар аз ҳаёти гузашта, феълӣ ва таҷрибаи худ мисолҳо меорад, фактҳои ҷолибро шарҳу эзоҳ медиҳад, баъзан абёт ва зарбулмасалу мақолро истифода мебарад»

[163, с. 64]. Истифодаи порчаҳои шеърӣ, зарбулмасалу мақолҳо, калимаву ибораҳои нидо ва истиоравиро мо дар ин асар зиёд мушоҳида мекунем.

Амир Шоҳмурод бо вуҷуди ин ки шахси таҳсилкарда ва дар назар диндори ашадӣ буд, бо мақсади сиёсати худро гузаронидан «дар аввали ҷулуси худ қозиюлқузот Саййид Мир Низомиддинхоҷаи қозикалонро дар таҳти дарвозаи арки Бухоро, ба ҳузури умум пушт бар замин хобонида, мех ба шикамаш зада кушт» [47, с. 211]. Дар асоси шарҳи С. Айнӣ маълум мешавад, ки дар вақташ ба ҷавоби шикояти амир Дониёл (падари Шоҳмурод), ки аз писараш карда буд, қозии мазкур маслиҳат дода будааст, ки ӯро бикушад. Ҳамчунин, аз сиёсатҳои Шоҳмурод ин аст, ки вақфи масҷиду мадрасаро аз дасти як гурӯҳи «шикампараст» кашида гирифта, бар дасти талабагон ва олимони дин супорид. Баъзе андозҳоро кам карда, ба деҳқонон сабукӣ дод. Дигар кори сиёсие, ки ӯ анҷом дод, даромади замини вақфи масҷиду мадрасаҳоро, ки то ба он вақт чун дар замонҳои баъдинаи Абдулаҳаду Олимхон ба фоидаи як зумра соҳибмулкони бадавлат буд, аз онҳо ситонида, ба уламо супорид: «Авқофро, ки пеш аз ин маҳв ва нобуд шуда буд, эҳё карда, ба уламо тавзеъ намуда, як қувваи бузургеро ба худ ҳомӣ кард. Ба ин тартиб як силсилаи шикампарастро, ки батнан баъди батнин авқофро тасарруф мекарданд, аз миён бардошта, ба ҷои эшон як фирқаи бузургеро, ки бар сабили бадалият бар сари авқоф хоҳанд омад, ҳамеша ба дарбори ҳукумат марбут кард. Ин фирқаи содиқа талабаи улум ва синфи уламо буд» [47, с. 209]. Ин ҷо пай бурдан мумкин аст, ки амир фоидаи вақфро аз дасти як гурӯҳ гирифта, ба гурӯҳи дигар супоридааст. Бо вуҷуди ин, устод Айнӣ ин корро, ки то андозае ба манфиати толибилмон буд, мусбат арзёбӣ кардааст. Маълум мешавад, ин амири диндори сахт идораи хазинаро аз тасарруфи мутлақаи худ бароварда, ба дасти одамони тахассусманд супорида, «хироҷу молиёти подшоҳиро низ аз деҳқон ба ҳадди ақал ситонида, дар зироат ба хубӣ ёрӣ дод» [47, с. 212]. Ҳамчунин, «аз байтулмол касе, ки камтар ҳақ мегирифт, худи амир Шоҳмурод буд (Ба ривояте ду ва ба ривояте чаҳор танга явмия мегирифт)» [47, с. 212]. Яъне, аз амирони манғит ягона подшоҳе буд, ки аз хазина маоши аз ҳама кам мегирифт, «дар сурате ки аркони ҳукуматаш ба

алвони неъмат комрон буданд, худ чун ярма ва мошоба ба таомҳои саҳлӯтулҳусул қаноат мекард… Ба ин тартиб тамоми раъоёро дар муҳаббати худ вола карда, мамлакатро низ интизоме дод» [47, с. 212].

Шоҳмурод фуқароро аз дасти тороҷи қабилаҳои гуногуни ӯзбек то андозае раҳо намуд, аммо қувваю қудрати онҳоро барои забту тороҷи мардуми гирду атрофи мамлакат истифода бурд. Дар даврони ӯ ва бо супориши ӯ бори аввал ба баҳонаи ҷазо додани аҳли бидъат ба Марв юришҳо карда, аз он ҷо ҳазорҳо хонавор мардуми эронии шиаро оварда, қисмашонро ба бардагӣ фурӯхта, қисмашонро ба ивази молу мулкашон ба гирду атрофи Самарқанду Бухоро сокин намуданд. Аз ин маълум мегардад, ки фавҷи бештари мардуми эрониро маҳз амир Шоҳмурод тахминан дар солҳои 1875 ва баъд аз он аз Марв кӯчонида овардааст. Дар давраи ҳукмронӣ ва тохтутозҳои ӯ шаҳрҳои Хуросон ба харобазор табдил ёфта, «харобии Марв то тасарруфи Россия давом кард» [47, с. 213].

Дар замони Шоҳмурод бозори ғуломфурӯшӣ дар авҷ буд. «Амир Шоҳмурод, ки худро ҳам зоҳиду ҳам олим ба қалам медод, беибо дар ин кор ҷасорат мекард ва ҳол он ки аз рӯйи шариати ислом гӯяндаи калимаи тавҳид мутлақан аз ҳар гуна тааддӣ масун буда, ҳеч гуна асоратро ба гардани ӯ бор кардан раво нест» [47, с. 213]. Ҳамин тавр, ӯ дасти сипоҳиёни ӯзбекро, ки ҳамеша ба тохту тороҷ машғул буданд, кӯтоҳ кард, аммо онҳо ба ивази ин, вақти ҳуҷуми амир ба он сӯйи Ому (Марв) ба номи «ғазо» дар ҳаққи мардуми он ҷо ҷаври зиёд мекарданд. Мардуми зиёди шиамазҳаби он диёр маҳз дар ҳамон давра (соли 1785) ба Мовароуннаҳр (атрофи Самарқанду Бухоро) кӯчонида шуданд. Рафторҳои нодурусти амирро нависанда чунин тавзеҳ додааст: «Амир Шоҳмурод, ки худро ҳам зоҳиду ҳам олим ба қалам медод, беибо дар ин кор ҷасорат мекард ва ҳол он ки аз рӯйи шариат гӯяндаи калимаи тавҳид мутлақан аз ҳар гуна тааддӣ мавсун буд» [47, с. 213]. Ин рафтори амирро бо рафтори ношоистаи Исмоили Сафавӣ, ки аз он тараф дар ҳаққи мардуми ин тараф карда буд, муқоиса намудааст: «Ин ду подшоҳи эронӣ ва тӯронӣ дар либоси зуҳду вараъ ихтилофи ҷузъии мазҳабиро ба дараҷаи

ихтилофи динӣ расониданд, яъне, барои тарсини бунёди салтанати худ халал дар бунёни марсуси ислом андохтанд. Афсӯс!» [47, с. 213-214]. Минбаъд соли 1801 Шоҳмурод Ӯротеппаю (ҳоло Истаравшан) Хуҷандро низ ба зӯр тасарруф намуд. Дар ҳамон замон Самарқанд хароб шуда, ба ҷуз се-чор хона ҷунбандае ва иморате надошт. Амир Шоҳмурод мардуми шаҳрҳои зикршуда ва дигарро ба Самарқанд кӯчонида оварда, ба таъмири хонаву масҷиду мадраса шуруъ кард.

Маълум аст, ки подшоҳони Эрон, пеш аз ҳама, Нодиршоҳи Афшор ба манғитиҳо кумаки калон расонида, маҳз онҳо барои ба сари давлат омаданашон сабаб гардида буданд. Аммо подшоҳони манғити Бухоро на як бору ду бор ба некӣ бадӣ карданд. Бори аввал, вақте ки наберагони Нодиршоҳ барои кумак ба Шоҳмурод муроҷиат карданд, ӯ дастгирӣ накарда, фиреб дод ва дар пайи куштанашон шуд. Набераҳои Нодиршоҳ бо азоб аз дасти ӯ халос хӯрда, ба ватан баргаштанд.

Бо вуҷуди ин, устод Айнӣ баъзе корбарии амир Шоҳмуродро таъриф карда, хулосаи мусбат баровардааст: «Ба ҳар ҳол, амир Шоҳмурод беҳтарину одилтарини подшоҳони манғитии Бухорост» [47, с. 219]. Яъне, устод Айнӣ дар сиёсат бетарафӣ ва ҳақиқатгӯиро касб менамуд. Оид ба амир Шоҳмурод чанде аз қайдҳои устод Айнӣ мушоҳида мешаванд, ки аз ҳусни таваҷҷуҳ ва арзёбии дурусти нависанда ба ин шахс гувоҳӣ медиҳанд.

Оид ба давраи ҳукмронии писари ӯ Ҳайдар устод Айнӣ қайд кардааст: «Аз амирони манғит аввалкасе, ки бо Россия муомала кард, амир Ҳайдар буд» [47, с. 222]. Ӯ солҳои 1804-1904 ба Россия вакил фиристод. Дар мавриди корҳои сиёсии амир Ҳайдар бояд гуфт, ки ӯ баъзе чораҳо андешид, то ҳукмронии худро қонунӣ гардонад. Чӣ тавре ки гуфта будем, сулолаи Аштархониён худро авлоди Чингиз ҳисобида, бо ин худро ҳукмрони қонунӣ медонистанд. Баъди онҳо манғитиҳоро низ зарур буд, ки ҳукумати худро қонунӣ гардонанд. Маҳз дар давраи амир Ҳайдар ин ҳадаф гӯё амалӣ гашт. Акнун амирони манғити Бухоро худро нахуст аз авлоди Чингизи хунхор таниста, сипас, дар ҷойи дувум Муҳаммад (с)-ро гузоштаанд. Чунончи, амир Ҳайдар дар муҳраш чунин сабт кард: «Насли Чингиз, оли пайғамбар…» ва ба қавли устод Айнӣ бо ин «ба

даъвои саёдат ва виросат истиқлоли худро таъмин карда, хутба ва сиккаро аз Абулғозихон (*аштархонӣ- Э.С.*) ба номи худ ғасб намуд» [47, с. 222]. Амир Ҳайдар, ки дар мадраса таҳсил карда буд, ба андешаи устод Айнӣ, «дағдағаи дарсгӯӣ дошт». Баъди зикри бисёр амалҳои нописанди ин амир муаллиф ба хулоса омадааст: «Амир Ҳайдар аз як тараф, уламо ва талаби мутамалликро дар атрофи худ гирд оварда, дили эшонро ба мансаб ва закоту эҳсон асири худ мекард, аз тарафи дигар, ба уламои ҳаққонӣ амон намедод» [47, с. 222].

Баъд аз Ҳайдар бадкориҳои писараш Насруллоҳ, ки ба лақаби «Қассоб» машҳур аст, ба дараҷае расид, ки муаррихи бовариноки манғитиён Мирзо Азми Сомии Бӯстонӣ овардааст: «Баъзе куҳансолони таҷрибакор заволи давлати Бухороро аз ҷулуси он ҷаноб таърих ниҳодаанд» [47, с. 226]. Устод Айнӣ низ дар ин маврид иқрор шудааст, ки «ҳақиқати ҳоли амир Насруллоҳ ба хубӣ маълум мегардад». Мардум аз ӯ чунон ҳарос доштанд, ки «агар маҷлисе барпо карданӣ шаванд, мутлақо ба хонаҳои зеризаминӣ ба ҳазор гуна эҳтиёт ҷамъ мешуданд» [47, с. 226]. Ӯ ҳатто ба бародаронаш ва хешовандони дигари наздикаш ҳам раҳм накард, ҳамаро аз дами теғ гузаронд. «Бародаронаш Забир ва Ҷаҳонгирро ба Чорҷӯй нафй карда, дар он ҷо ба қатл расонид» [34, с. 225]. Бо вуҷуди он ки фосиқи гузаро, қотили рӯйирост буд, «ба мардум ҳамеша лофи шариатмадорӣ мезад» [47, с. 226]. Бори дигар вақте ки аскарони Англия Кобулро ишғол карданд, волии Афғонистон ба Бухоро паноҳ бурд, аммо Насруллоҳ хотири гузаштагони Дӯстмуҳаммадхонро накарда, ба таври хуфия куштани ӯро нақша кашид. Волӣ мақсади амирро дарк карда, бо душворӣ халос хӯрда ба ватанаш рафт.

Даврони Насруллоҳ ба замоне рост омад, ки намояндагони сиёсати Россияю Англия барои манфиати худ дар ин сарзамин ба муборизаи сиёсӣ шуруъ карданд. Ҳар яке аз онҳо дар ин ҷо нуфузи сиёсӣ пайдо кардан мехост. Англия «бо фиристодани сафирҳои фавқулода ба ҳукуматҳои Бухоро, Хева ва Фарғона робита барқарор карда, бо латоифулҳияли сиёсӣ мехост роҳи селоби русро аз ҳудуди Ҳиндустон пешбандӣ намояд» [47, с. 227]. Дар навбати худ, Россияи подшоҳӣ торафт ба дарунтари Осиёи Миёна сар медаровард.

Сафиронашро ба Хеваю Бухоро ва Фарғона мефиристод. Аммо Насруллоҳ ба ҷойи бо онҳо дар гуфтугузор шудан ва асли мақсадашонро дарк намудан, ҳамеша фиристодаҳои ҳар ду давлатро ба ҳабс мегирифт. Аз ҷумла, дар соли 1838 сафири Англия Студартро ба ҳабс гирифт. «Сабаби ин ҳабс хеле аҷиб аст (аз навиштаи «Таърихи Туркистон» ба таври муфассал овардааст устод Айнӣ), дар он вақт одат ин буд, ки ҳар касе, ки аз Регистони Бухоро аз пеши арки амир мурур карданӣ шавад, агар савора бошад, пиёда мегардид. Фиристодаи Ингилис ба ин одат аҳаммият надода, як-ду бор аз пеши арк савора гузашт. Амир ба ҳамин ҷиноят сафирро дар қайд кашид» [47, с. 228]. Ногуфта намонад, ки сафири Англия муддати зиёд дар маҳбаси Бухоро буд. Сипас Россия, ки дар он вақт ба дарунтари Осиёи Миёна сар даровarда, бо давлати хонигарии Хуқанд дар муҳориба буд, «ба Бухоро як ҳайат фиристода, шароити эътилоф тақдим кард» [47, с. 228]. Ҳайати мазкур ҳашт моҳ дар Бухоро истода, аз амир ҷавобе нашунида ба ватанаш бозгашт. Баъди ин намояндаи Англия бори дигар «толеънамоӣ карда», Конулли ном касро ба расми сафорат ба хонигариҳои аз сиёсат бехабари Осиёи Миёна фиристод. Насруллоҳ бо дасти сафири аз ин пеш баҳабсгирифта Стударт мактуб нависонда, Конуллиро ба наздаш даъват намуд. «Вақте ки Конулли ба урдугоҳи амир расид, ӯро низ ҳабс карда, ба паҳлӯи Стударт фиристод ва эшонро ба қабули дини ислом иҷбор кард. Чун эшон рад карданд, ба қатл расонид» [47, с. 229]. Бояд гуфт, ки дар сиёсати байналмилалӣ ягон роҳбари давлат чун амирони Бухоро ба чунин тангназарӣ, бехабарӣ, ваҳшоният роҳ надодааст. Хуллас, вақте ки давлатҳои Англия ва Россия барои тақсими хоки Осиёи Миёна байни ҳам рақобат доштанд, ҳар се хони ин сарзамин ба ҷойи мутаффиқ шудан байни ҳам ҷанҷол доштанд, ки дар ин бобат амири Бухоро аз ҳама пешсаф буд. Аз ҷумла, Шоҳмурод, ки «аз бозиҳои ҷаҳонгири Рус ва Ингилис тамоман бехабар буд», ба «муҳорибаҳои бемаънӣ» бо Фарғона сар карда, бо ин ҳам худ ва давлати ҳамсояро беқувват мегардонд. Вақте давлати Фарғона «бо русон муҳораба мекард, амир Насруллоҳ ғазои фисабиллоҳ эълон карда, дар ишғол ва тахриби Фарғона мекӯшид» [47, с. 227].

Ҳамчунин, амир Насруллоҳ гӯё аз ҳабс ва ба қатл расондани ду нафар сафири Англия руҳбаланд шуда бошад, сафири давлати Россияро низ ба ҳабс гирифт.

Устод Айнӣ ин ҳодисаро бо оҳанги истеҳзо ёдовар шудааст, ки аз вусъати андешаи сиёсии ӯ дарак медиҳад. Ба андешаи нависанда, бе ин ҳам Россия як рӯз не як рӯз барои забти Бухоро ҳаракат мекард. Аммо агар амир то андозае дар сиёсат ботаҷриба мебуд, ин фалокатро аз давлати худ то чанд вақти дигар қафо мекашид ва боиси хароб гардидани сарзаминаш намешуд. Илова ба он ки ду бор сафири Англияро бесабаб ба ҳабс гирифт, бо сафири Россия низ чунин рафтори беақлона кард. Ба қавли устод Айнӣ, «хулосаи калом, амир Насруллоҳ дар вақте ки аз тасодуми сиёсати Русу Ингилис истифода карда, истиқлоли Туркистон ва муҳофиза кардани онро, ки лозим ва мусоид буд, бо ҳамин гуна ҳаракатҳои мағрурона ва аҳмақона фурсатро аз даст дод. Илова бар ин, ҷангҳои хонагӣ эҷод карда, ба харобии Туркистон, билхосса ба маҳв шудани Фарғона сабаб шуд» [47, с. 229]. Дар ин маврид ва ҳамчунин, муносибати Насруллоҳ бо намояндагони давлатҳои ҳамсояи Афғонистону Эрон устод Айнӣ бо эҳсос сухан ронда, назари сиёсии худро ба ин воқеаҳо иброз доштааст: «Ин аст муомалаи амир Насруллоҳ ба як подшоҳи мусулмони ҳамсояи худ» [34, с. 35]. Хулоса ва андешаи устод Айнӣ дар мавриди аз даст додани истиқлоли давлатҳои Осиёи Миёна дар ин асар равшан инъикос ёфтааст: «Ин оташе, ки дар аҳди амир Насруллоҳ ва Муҳаммадалихон (*подшоҳи Фарғона - С. Э.*) дар мобайни Фарғона ва Бухоро даргирифта буд, дар аҳди Музаффар ва Худоёр, то истилои Россия ба Туркистон иштиғол дошт. Оқибат баъди суқути Тошканд, Ӯротеппа, Ҷиззах ва Самарқанд на оташ монду на оташдон!» [47, с. 231].

Маълум аст, ки амир Насруллоҳ душмани дуюми худ, оли кенагасро, ки дар Шаҳрисабзу Китоб ҳукмрон буд, хуб мешинохт ва даҳҳо маротиба бар зидди онҳо лашкар кашида, ниҳоят, худ аз дасти «духтари ғайратманд»-и подшоҳи онҳо, ки Насруллоҳ зан карда гирифта буд, кушта шуд. Устод Айнӣ Насруллоҳро бо сифатҳои саффок, бебок, мусриф, муталаввин, мутаҷассис, фосидулахлоқ… риёкор ном бурдааст.

Насруллоҳ уламои тамаллуқкорро дастгирӣ карда, уламои ростгӯро таъқибу таъзир мекард. «Чун амир Насруллоҳ дид, ки уламои ҳаққонӣ ба воситаи кутубхонаҳо мерасанд, … китобҳои кутубхонаҳоро пароканда карда, умумро аз мутолиаи онҳо маҳрум намуд» [47, с. 233]. Аз ҳамон вақт китобхонаҳои оммавии Бухоро аз байн рафтанду дар давраи амирони охирин мадрасаҳо ҳам аз китобхонаҳо маҳрум шуданд.

Дар давраи Насруллоҳ бори аввал барои ташкили дастаи аскарии батартиб ва омӯзиши илми ҳарбӣ бо кӯшиши як марди эронӣ Абдусамад кӯшише шуд. Аммо амири қассоб ба ӯ ҳам раҳм накард, афсарро бо дасти одамонаш ба қатл расонд. Дастаи сарбозии ташкилкардааш пароканда гашт. Баъди ин, ба қавли устод Айнӣ, то амири охирин машқи низомӣ иборат аз як бозичаи атфол шуда монд.

Дар мавриди подшоҳи баъдинаи Бухоро – Музаффар устод Айнӣ зикр кардааст, ки ӯ кори падару бобоёнашро идома дод, ҳарчанд «барои мардумфиребӣ рӯзе чанд равияи адлу додро пеш гирифт, ҳамин ки хотири худро аз истиқрори салтанат ҷамъ дид, дасти татовул ва таҷовузро ба мол, ҷон, ирз ва номуси бечорагон дароз кардан гирифт. Ҳар касеро мехост, бепурсиш мекушт. Ҳатто ҳаррӯза ба номи шукӯҳи салтанат дар Регистони Бухоро дар Бозори ресмон ба пеши чашми мардум хуни чандин бегуноҳро мерехт» [34, с. 237]. Ӯ ҳам монанди падараш як шаҳватпарасти гузаро, ҷаллод буд. Устод аз сухани Мирзо Азими Сомиро, ки воқеанигори амир ва шахси бовариноки онҳо буд, дар ин бора иқтибос овардааст: «Дар ҷавру эътисоф аз падар пешӣ гирифт (чаро фарзанди қобил аз падар даҳ сар кам бошад?!)» [47, с. 238].

Ба мулоҳизаи устод Айнӣ, «Амир Музаффар ба давлати Россия барои тасҳили тасхири Туркистон дониста ё надониста (гумон меравад, ки надониста) хидматҳои намоён кард» [323, с. 242]. Ӯ ҳам монанди падараш «дар вақте ки хӯқандиён барои ёрӣ расонидан ба Тошканд омодагӣ медиданд, ба Хӯқанд юриш карда, сабаби тафриқаи ҷамъияти эшон ва фасхи азимати Тошканд карданашон шуд» [47, с. 243]. Дар баробари ин, амир Музаффар кирдори падараш Насруллоҳро давом дод. Сафири навбатии Россияро, ки барои

гуфтугузор омада буд, ба ҳабс гирифт. Вақте майдон барояш танг омад, хост сулҳ кунад. Дар ин бора устод Айнӣ кӯтоҳандешии сиёсии ӯро чунин шарҳ додааст: «Аҷаб ҳамоқате! Аз як тараф, элчиро ҳабс карда, аз тарафи дигар, дари сулҳро кӯфтан чӣ маънӣ дорад?!» [47, с. 244]. Русҳо низ ба ҳуҷуми хеш идома дода ҷавоб доданд: «то хонае, ки элчӣ маҳбус аст, юриш кунем» [47, с. 244]. Яъне, бо кӯтоҳандешии хуш ба дасти лашкари рус баҳонаи хуб дод.

Ба воқеаҳои аз даст рафтани хоки зиёди давлати Бухоро дар замони амир Музаффар саҳифаҳои зиёди рисолаи «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» бахшида шудааст. Дар натиҷа аз зулми ҳокимашон ба танг омада, «ба сараскари рус ариза додани баъзе аҳолии Самарқанд ва ихтилоли муллоён ҳам ба дасти сараскари рус баҳонаи хубе буд» [47, с. 250], ки ниҳоят ба қавли устод Айнӣ, боиси сукути Самарқанд шуд. Фасли алоҳидаи асар «Илҳоқи Самарқанд ба давлати Россия» ном дорад. Ин ҳодиса дар соли 1868 рӯй дод. Баъди чанде Панҷшанбе ва Каттақӯрғон, ки ба пойтахти мамлакат хеле наздик буданд, ба дасти асокири рус таслим шуд. Назари сиёсии устод Айнӣ аз ин ҳодиса низ равшан мегардад, ки омадааст: «Дар ин балво тару хушк ба як ҷо сӯхта, аз уламои холис чанд нафари дигар низ шаҳид шуданд» [47, с. 250]. Амир одамони аз сиёсат бехабарро ба мансабу вазифа таъин карда, касеро, ки то андозае ба ватану миллат дилаш месӯхт, ба муҷозот гирифтор мекард, ин аст, ки ба қавли устод Айнӣ фоҷиа ба амал омад: «Аз ибтидои ҷулуси ин подшоҳ ҳамин шева шиор шуда, сабаби касри қулуби умарои бо ақлу дониш гардида буд» [47, с. 251]. Устод Айнӣ дар ин маврид барои пешгирии ҳуҷуми аскари рус ба кишвар «таассубу инодро сабаби заъфу давлат аст» [47, с. 252] номидааст. Бинобар ин, бо як мулоҳизаи хеш чунин ибрози назар кардааст, ки ҳодисаи аз даст додани Самарқанд мулоҳиза карда, кас дар ҳайрат меафтад. Зеро «бо сукути Самарқанд ва Каттақӯрғон на амир ва на аркони давлати ӯ барои худ ягон роҳи сиёсӣ ва ҳарбӣ муқаррар накарда ва хатти ҳаракати муайянеро таъқиб нанамуданд» [47, с. 253]. Ин ҳама аз бесаводии сиёсии онҳо дарак медод, ба қавли устод, «маълум мешавад, ки амир то вазир аз аввали муҳораба то охир на ба ҷанг ва на ба сулҳ ҳозим (тайёр) набудаанд» [47, с. 253]. Қувваҳои Аморати

Бухоро пароканда шуданд, амир бо писараш Абдулмалик ҳам душман гардид, ки ин яке аз фоҷиаҳои оилавии ӯ буда, ба тарҳи воқеаҳои баъдинаи сиёсӣ низ таъсир бахшид. Муаллиф афсӯс хӯрдааст: «Ҳайфо, ки кор аз кор рафта буд, қӯшуни порокандашуда дигар бор ҷамъ нагардид» [47, с. 263]. Албатта, дар байни лашкари ислом буданд одамоне, ки бар зидди русҳо ба қадри ҳол ҷангиданд ва устод Айнӣ инро ҳам зикр кардааст: «Як қисми сипоҳ ва ғазоталабон хеле осори ҷалолат ба зуҳур оварда, аз аскари рус ҷамъеро ба қатл расониданд» (2 июни соли 1866) [47, с. 264]. Аксар гурехтани амирро ба берун аз давлат маслиҳат дода бошанд ҳам, танҳо Шукурбийи инок, ки ӯро ҳам Музаффар ба ҳабс гирифта буд, пешниҳод кард, ки нагурезанд, интизор бошанд ва роҳи гуфтугузорро ҷӯянд. Губернатор Черняев сафири Бухороро қабул карда, ба сулҳ розӣ шуд ва «мабно бар даҳ модда» аҳднома баста, заминҳои ишғолкардаашро дар ихтиёри худ нигоҳ дошт. Аз ҷумла, манъи бардафурӯшӣ, равуои бемалоли киштиҳои рус дар дарёи Ому, мудохила накардан ба гузаронидани телеграф, ба раъияи Россия додани ҳуқуқи соҳибмулкӣ дар Бухоро, ғайр аз закоти шаръӣ наситонидани андоз аз онҳо, дар пойтахтҳои ҳамдигар истодани сафири ҳар ду кишвар, таслим кунонидани шаҳрвандони гурезаи ҳар ду давлат ба кишварашон, ба ихтиёри Россия гузаштани хоки ишғолкардааш, 125 ҳазор тилло ҷуброн супоридани ҳукумати Бухоро. Наметавон гуфт, ки тамоми лашкариёни амири Бухоро тарсуву гуреза буданд. Дар ин маврид, устод Айнӣ аз лашкариёне монанди Ҳоҷӣ ва Усмон ёд овардааст, ки аз таҳти дил бо истилогарон мубориза бурданд: «Бо вуҷуди адами мувофиқати дилҳо ва фарори умдаи лашкар дар ин маърака як қисми сипоҳ ва ғазоталабон хеле осори ҷалолат ба зуҳур оварда, аз аскари рус ҷамъеро ба қатл расонида, филҷумла сабаби обрӯйи лашкари ислом шуданд (дуюми июни соли 1866)» [47, с. 264].

Дар мавриди ноаҳлии амир ва мансабдорони ӯ мулоҳизаи устод чунин аст, ки ба ҳар ҳол амир «дар вуқуи мусолаҳа бо Россия бояд аз ҷаҳду кӯшиши писари худ мамнун бошад, зеро агар ғайрати Абдулмалик ва муҳосараи Самарқанд ба миён намеомад, албатта қӯшуни рус то пойтахт юриш мекард»

[47, с. 267]. Дар ҳақиқат, ин писари ба хашми падар гирифторшуда лашкар ҷамъ карда, бо қӯшуни Шаҳрисабзу Китоб як навбат Самарқандро ишғол карда, боиси ба ташвиш афтодани лашкари русҳо гардида буд. Дар ин миён, аз чор тараф ҷангу ҷанҷол ба сари амир омада, аз ҳар тараф тохтутоз ва парешонӣ шуруъ шуд, писараш Абдулмаликтӯра низ пурқувват гашт, «ғайр аз Худованди таоло ба ҷониби амир касе намонд» [47, с. 272]. Дар натиҷа бо маслиҳат амир Музаффар ба сарлашкари русҳо нома навишт, ки барои саркӯб кардани писараш ёрӣ расонад. Аз чунин ҳолат нависанда ба фиғон омадааст: «Эй боди сабо, ин ҳама овардаи туст!» [47, с. 272]. Яъне, ҳама рӯзҳои сахте, ки ба сарамон омад, аз худамон буд. Даҳ ҳазор нафар лашкари мусаллаҳи рус ва даҳ ҳазор лашкари миёнаҳоли амир бо писари худи подшоҳ Абдумаликтӯра, ки ду ҳазор аскар дошт, сар ба сар шуд. «Аскари рус баъд аз шаҳри Қаршӣ ва ғорату тороҷи он ҷо вилоятро ба саркардагони амир супорида, бо амвол ва улҷаи бисёр аз шаҳр баромаданд» [47, с. 274]. Абдумалик-тӯраи писари амир ба Тошқурғон ном маҳалли кӯҳистонии наздики Шаҳрисабзу Китоб ватан ихтиёр кард. Баъзе кирдорҳои ин писари ӯ, ки сари ғазаб ба ҷо овард, аз хислатҳои нохуби ин авлод дарак медиҳад. Вақте сари роҳ ба Абдумалик-тӯра фиристодаи падараш – амир вохӯрд, ӯ рафтори падарашро такрор карда, сафир ду писарашро ба қатл расонд. Устод Айнӣ аз ин ҳодиса дар сари эҳсос нидо баровардааст: «Не, не! Хунрезӣ лозими зоти ин сулола аст!» [47, с. 275]. Абдумалик-тӯра хеле саргардон шуда, дар ҷое ватан наёфта, ниҳоят аз Афғонистону Ҳисор баргашту ба тарафи шимолу шарқ рафта, дар Қошғар ба ҳимояи Яъқуббачаи подшоҳи он ҷо даромад. Дар ин ҷо устод Айнӣ дар бораи ин подшоҳи Қошғар маълумот додааст, ки чӣ тавр бо роҳи осоишта аз саркардагӣ ба мақоми подшоҳӣ расидааст. Баъди даҳ соли ҳукумат давлати Чин он кишвари ниммустақилро ба худ ҳамроҳ карда, ба ҳукумати Яъқуббача хотима бахшид ва Абдумалик-тӯра низ ночор аз он ҷо баромада, ба Кобул расида, он ҷо ҳам макон наёфта, ниҳоят ба Ҳиндустон рафта, ба хизмати англисҳо даромад. Гӯё то охири асри XIX барҳаёт будааст. Баъд аз ин амир Музаффар дасти худро васеъ дида, ба Ҳисору Кӯлоб лашкар кашида, он ҷоро ҳам ба худ ҳамроҳ кард. Дар ин маврид,

лашкари амирро Яъқуб-қӯшбегӣ фармондеҳ буд. Баъд аз ин амир ба мубориза бар зидди душмани асосии худ – ҳокимони мустақили Китоб ва Шаҳрисабз шуруъ кард. Дар ин маврид ба ӯ русҳо мададгор шуданд. Лашкари рус бо сарварии ҳокими Самарқанд генерал Абрамов ба Китобу Шаҳрисабз ҳуҷум намуд, то ҳокимони он ҷоро маҷбур кунад ба амири Бухоро сархам намоянд. Русҳо аз он ҷо танҳо баъди соҳиб шудан бо молу мулки зиёди шаҳрисабзиҳо баромада рафтанд.

Ҳамин тавр, бештари қувваи сиёсӣ ва ҳарбии амир Музаффар на дар мубориза алайҳи русҳо, балки дар ҷангҳои байниҳамдигарӣ сарф шуд. Ӯ гоҳ бо хонҳои дигари Осиёи Миёна меҷангид, гоҳ бо писараш, гоҳ бо душманони дохилӣ ва ҳамсоягон. Ҳамчунин, барои баровардани қусури заминҳои аз даст рафтааш ба мулкҳои кӯҳистони Бухорои шарқӣ ҳуҷум оварда, он ҷоҳоро ба хоки худ илҳоқ намуд.

Бояд гуфт, ки муносибати амир бо Афғонистон, ба андешаи устод Айнӣ, «гоҳе ба тариқи дӯстӣ ва гоҳе аз роҳи душманӣ давом кардааст. Хусусан, Чаҳорвилоят ном як қитъаи замин, ки ба истилоҳи ҷуғрофиюн «Туркистони Афғонистон» номида мешавад, дар миёни ин ду ҳамсоя аксар, на ағлаб (гоҳе ба тариқи дӯстӣ, гоҳе аз роҳи душманӣ) сабаби муносибати сиёсӣ шуда омадааст» [34, с. 286]. Яъне, баъди «Бозии Бузург» ба истилоҳи донишмандони Ғарб, ки байни Россия ва Англия аз нимаи дуюми асри нуздаҳ шуруъ шуда буд, ин минтақа бо ҳусни тафоҳуми он ду кишвари абарқудрат байни Аморати Бухоро ва давлати Афғонистон тақсим карда шуд. Дар рисолаи устод Айнӣ баъди ин аз забони амири Афғонистон Абдураҳмонхон, ки ду бор меҳмони Бухоро шуда, ҳамоқати зиёди амир Музаффар ва ёрони ӯро бо чашми худ дидааст, чанд воқеаи даҳшатовар нақл шуда, қайд шудааст, ки «аз ин сабаб русҳо ба вилояти Туркистон истило ёфтанд» [47, с. 291]. Ниҳоят, аз чунин рафторҳои амир Музаффар нисбат ба подшоҳи ҳамсоядавлат устод Айнӣ ба хулосаи зер омадааст, ки ҳамаи ин «саффокӣ ва бебокии ӯро, ҳама дараҷаи инсонияташро як дараҷа маълум мекунад» [47, с. 292].

Бисёр вақт устод Айнӣ андешаву афкори сиёсии хешро дар порчаҳои ручӯи лирикӣ иброз доштааст. Ин яке аз услубҳои писандидаи устод мебошад. Чунончи, баъди нақли қиссаи ба савдо даст задани амир дар дохили арк ва ғуломи ҳалқабаргӯш кардани дарбориён дар ин порчаи лирикӣ кирдори мазкури амирро чунин шарҳ додааст: «Бо ин тадбирот уламои ба дарбор басташуда ҳама ғуломи ҳалқабаргӯши ҷаноби зиллулоҳӣ гардиданд. Ба ҳадде, ки уламо бе савобдиду ризои амир дами оберо наменӯшиданд. Агар амир ба ҳар гуна кори хилофи шаръ иқдом карданӣ шавад, уламо фавран фатвоҳои мулоими табъаш таҳрир намуда, ба дарбори ҳумоюнӣ арз медоштанд. Чунончи, фатвое навишта, ба сурати талоқи раҷъӣ доштани 100-200 нафар занро ба амир машруъ нишон доданд» [47, с. 294]. Яъне, чӣ сиёсати хориҷа ва чӣ дохила ба маънои аслиаш дар давлати Бухоро мавҷуд набуд. Таҳти маънии калимаи «сиёсат» амирони Бухоро танҳо манфиати молию ҷонии худ ва атрофиёнашон, тарсондани халқ ва дар асорату нодонӣ боқӣ гузоштани онро мефаҳмиданд.

Амир Музаффар дар тороҷи мардум уламоро ба худ ҳамроҳ кард. Аз ин моҷаро уламои ҳақгӯ худро дур гирифта бошанд ҳам, танҳо Аҳмад Махдуми Дониш ба қавли устод Айнӣ, «дар ошкоро ва ниҳон мансаби ҳақгӯӣ ва интиқодро аз даст надод» [47, с. 296]. Зикр шудааст, ки амир Музаффар мисли аксар подшоҳони Шарқ ба илми нуҷум эътиқод дошт ва Аҳмади Дониш мунаҷҷими пуриқтидор буд. Ҳамчунин, Аҳмади Дониш ду маротиба дар ҳайати сафорати давлатӣ ба Россия сафар карда, бо донишмандони он ҷо ва аёну ашроф шинос гардид. «Бо ин ду сабаб амир Музаффар ба ҳаракоти ҳақгӯёна ва мунаққидонаи Аҳмад-махдум ба назари иҳмол нигоҳ мекард» [47, с. 296]. Аҳмади Дониш ба масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дахли сареъ дошта, устод Айнӣ барои шиносоӣ дар ин маврид диққати хонандаро ба асари ӯ «Наводиру-л-вақоеъ» равона кардааст.

Дар мавриди сиёсати дохилии даврон устод Айнӣ бар он аст, ки баъди аз даст додани як қисми хоки худ амир ба фароғат ва ҷашнҳо худ ва аҳолиро машғул медод, то диққати худу аҳолиро аз бохтҳои зиёди сиёсиаш дур кунад. Амир бар шеваи ҷосусӣ хеле аҳаммият дода, тавассути одамонаш ҳамаи фикру

зикри мардум ва асли ҳодисаҳоеро, ки дар ҷомеа мешуданд, фаҳмида мегирифт ва ба фикри худаш муҷримонро ҷазои сахт медод. Дар ҷазодиҳӣ чунон ба дараҷаи ифрот расид, ки дар охирҳои умраш рафторҳои одами аз ақл бегонаро мекард. Агар бархе ин рафторро нишонаи заъфи пирӣ медонистанд, устод Айнӣ онро хусусияти меросии сулолаи манғитиён арзёбӣ карда, ба хулосае омадааст, ки рафторҳои худсарона, мағрурона ва беандешона ба намояндагони ин сулола хос будааст.

Дар мавриди оғози подшоҳии Абдулаҳад устод Айнӣ бар он аст, ки сиёсати даврон ба ӯ таъсир расонд. Агар пеш аз рӯйи одат ҳангоми ҷулуси подшоҳи нав дар Бухоро ғавғо мехест, «бинобар тасаллути давлати Россия дар умури Бухоро ва тасдиқ кардани ӯ валиаҳдии Абдулаҳадро ворисонро ҷуръати майдони толеъозмоӣ набуд» [47, с. 302]. Амир барои ба даст гирифтани уламо аз қозикалони Бухоро Бадриддин ибни қозӣ Садриддин, ки «дар тадбир ягонаи асри худ ба шумор мерафт», истифода намуд. Аз тадбирҳои қозӣ яке он буд, ки ба ғайр аз уламо талабаҳои мадрасаҳоро низ ба зери назорати худ гирифт. Ӯ худ ба дарсгӯӣ шуруъ намуд. Дар натиҷа «ба ҳалқаи дарси қозикалон хеле ҷамъият ба ҳам омад» [47, с. 310]. Талабагон маҷбур буданд «рӯзе як бор манзури назари кимиёасари ҳазрати эшони калон шаванд. (Ин таъбирот айнан таъбироти талабаи он аҳд аст)» [47, с. 311]. Амир Абдулаҳад бояд ҳар як мансабдори худ, хислату рафтору кирдорашонро медонист, ӯ «бағоят соҳибзаковату руҳшинос буд… Ба тахмину қиёс мақсаду нияти ҳар маъмурро дармеёфт ва ба он тахмини худ бино монда муомила мекард, ки дар воқеъ мувофиқ меафтод» [47, с. 316-317]. Ба ин муносибат, ба қавли устод Айнӣ, давраи ҳукумати Абдулаҳад то соли 1909 ба назар андаке орому осуда буд.

Аммо воқеаҳои солҳои охири умри Абдулаҳад нишон дод, ки вазъ он қадар ором набудааст. Воқеаи аввал мактаби усули нав (октябри соли 1909) ва дуввум воқеаи шиаву суннӣ (январи соли 1909) буд. Аз ин фоҷиаҳо баъзе маъмурон фоида диданд. Пеш аз ҳама, писари қозӣ Бадриддин, ки ҳамон сол вафот карда буд, раиси Бухоро Бурҳониддин манфиати бештар дид. «Ин шахс илова бар ин ки марди мутаассиби ҷоҳил буд, манфиати худро дар эҷоди фитна медонист»

[47, с. 312]. Ин кӯшиши ӯ барои манфиати хеш бо он анҷомид, ки баъди чанде ниҳоят мансаби меросии қозикалониро соҳиб шуд.

Маълум аст, ки коркунони ҳукумати амирӣ маоше намегирифтанд, аз хазина чизе мегирифта бошанд ҳам, ба ҳеҷ дарди эшон даво намешуд. «Ҳама мояточи ин ҳашарот ба хуни раъияи фалокатзада ҳавола буд» [47, с. 317]. «Ҳашарот» гуфта устод Айнӣ ҳукуматдоронро дар назар дорад, истифодаи калимаи мазкур аз фаҳмиши сиёсии муаллиф дарак медиҳад. Дар бораи хислатҳои дигари амир Абдулаҳад устод аз «раҳмдилтарин амирони манғития» буданаш, «даъвои шоирӣ» доштанаш, «бағоят айёшу шоҳидбоз» буданаш ёдовар шудааст. Бо вуҷуди ба шеъру шоирӣ шавқ доштанаш «кадом шоири фалакзада, ки ба доми ӯ гирифтор шавад, аз гуруснагӣ мемурд, ё ки дар рикоби амир дар зайли саис ва соири хадамаи вазеъ ба бадтарин ҳоле зиндагонӣ мекард» [47, с. 319]. Тақдир ва фоҷиаи шоири хуби тоҷик Шамсиддин Шоҳин аз ҷумлаи он аст. Маҳз ба ин сабаб дар он солҳо хизмати подшоҳро устод Айнӣ ба зимма нагирифта буд.

Устод Айнӣ дар порчаи лирикии навбатӣ бо номи «Эътизор-пӯзиш» рафтору кирдори амир Абдулаҳадро фош карда, андешаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии хешро оид ба амирони манғитӣ иброз доштааст. Нависанда аз дароз шудани нақл гӯё андаке ба танг омада, аз хонанда узр (пӯзиш) хоста, сабаби инро чунин шарҳ додааст. Маромномаи устод Айниро дар инъикоси таърих метавон аз ҳамин порча пай бурд. Ин ҷо «зарурати танқиди сахт аз масъулиятшиносии таърихӣ сар зада буд… Ҳар неку бад ба даргоҳи таърих ба ҳисоб аст, бидуни аҷр нест… Ҳаққонияти комил ва умед аз оянда ҷавҳари назарияи таърихии Айнӣ будааст» [272, с. 238]. Маромномаи мазкури устод Айнӣ, ки дар ин ду рисола ифода ёфтааст ва аз ҳаққоният, ҳарчанд талх аст, иборат мебошад, дар таърихнигории тоҷик бояд мавриди истифода қарор гирад. Таърихшиносон ва онҳое, ки ба таърихнигорӣ ҳавас доранд, хуб мебуд ин маромномаи устод Айниро дастури фаъолияти худ қарор диҳанд.

Натиҷаи воқеаҳои мактаб ва фоҷиаи сунниву шиаро устод Айнӣ чунин ҷамъбаст кардааст: «Агар идораи ҳукумат ба як тартиби муайяне надароад, агар

зулму таадиҳои худсаронаи умарову уламо муртафаъ нашавад, истиқболи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмии Бухоро дар маърази заволу измиҳлол аст. Наҷот дар илм ва ислоҳоти асосӣ асту бас!» [47, с. 324]. Дар ин порча назари сиёсии муаллиф ба воқеаҳои ҷомеа тасвир ёфтааст. Дар он пешбинӣ мешавад, ки норасоиҳои ҷомеа ислоҳ нагарданд, амалишавии воқеае ногузир аст. Роҳи ислоҳро дар ислоҳот ва рӯ овардан ба илму дониш донистааст.

Дар мавриди вазъи сиёсӣ, истиқлоли Бухоро дар соли 1910 бояд гуфт, ки «ҳукумати Бухоро аз истиқлоли хориҷии худ маҳрум гардида, ба зери ҳимояти давлати Россия дар дохилаи худ мухтор ва мустақил ба шумор мерафт» [47, с. 326]. Ҳукумати Россия ба иловаи аҳдномаҳо бисёр корҳои дохилии Бухороро низ ба зиммаи худ гирифта буд, мехост тамоми молиёти Бухороро низ ба даст оварад, ба ин мақсад дар соли 1910 ба он ҷо ҳайати махсус фиристод. Дар бораи ин ҷораи сиёсии Россия ва амали ҷавобии Бухоро устод Айнӣ ба чунин хулоса омадааст: «Маълум аст, ки баъд аз ба ин дараҷа расидани кор истиқлолу ихтиёрро чӣ маънӣ мемонад?!» [47, с. 327]. Аз натиҷаҳои сиёсии ба хоки худ илҳоқ намудани як қисми кишвари Бухоро Россия ҳоло ҳам қаноатманд нашуда, дар замир нақшаҳои дигар мекашид ва яке аз он Бухорои дар назар мустақилро тобеи худ қарор додан буд, ки инро устод Айнӣ хуб дарк кардааст.

Дар асар ба масъалаи қувваи ҳарбии Аморати Бухоро фасли алоҳида бахшида шудааст. Маълум мешавад, дар давраи Абдулаҳад аз лашкари пешина чизе боқӣ намонда, ҳарчанд давлати рус ба вай барои нигоҳ доштани қӯшуни дувоздаҳҳазорнафара иҷозат дода буд, дар ҳамаи ин давра шумораи он аз чор-панҷ ҳазор нафар убур намекард. Кулли аслиҳа куҳнаю корношоям буда, барои туфангеро ҳар бор ба тир андохтан омода кардан камаш 20 дақиқа лозим буд. Ҳайати лашкарӣ низ одамони боваринок ва сазовор набуданд. Дар ин маврид барои исботи фикр устод Айнӣ суханони шахси бовариноки аморат Мирзо Азими Сомиро овардааст. Ба гуфтаи ӯ, ҳам «аксари сарбоз дузд, қаммор, хаммор, баъзе маҷнуну девона ва бархе аъраҷу аъмо (кару кӯр) буда, садои туфангро нашунида мебошанд» [47, с. 239]. Ба дастаҳои ба ном «қафқозия» аз амрадони нисвоннишон (бачаҳои занакмизоҷ), роҳзанҳои дастгиршударо

ҳамроҳ мекарданд. Азими Сомӣ ба таври бадеӣ ва шеър овардааст: «Нанг меояд, ки ронам хома дар гуфторашон» [47, с. 239]. Фаслро суханони руҷӯъмонанди устод Айнӣ хулоса намудааст: «Хулосаи калом, аҳвол ба ин минвол буд, ки Абдулаҳад вафот карда, хонаҳои пур аз зару симу ҷавоҳирро бо як мамлакати парешони ба зери пои аҷониб фушурдашуда маа ҳукумате, ки дараҷаи истиқлол ва авсофи аҷзои мулкӣ ва ҳарбияш мухтасаран баён ёфт, бо низоъу фитнаҳои дохилӣ ба мир Олим ба мерос гузошт» [34, с. 330]. Аз порчаи мазкур чанд хулосаи сиёсӣ бармеояд: 1) аз амирони пешин хазинаи боигарии зиёд ба мерос монд, ки ҳама ба як кас – амир тааллуқ дошт; 2) мамлакат парешон буд; 3) аҷнабиён қисми асосӣ ва аз ҷиҳати сиёсӣ муҳимми хоки поки Бухороро ишғол карданд, аз се тараф – шимолу шарқу ғарб роҳи баромад намонд, ягона роҳ ба ҷануб – ба Афғонистон буд, ки амир бо он ҳам душманӣ дошт; 4) истиқлолияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва берунии давлат аз байн рафта буд, ягона кор монд, ки Бухоро ба хоки Россия ҳамроҳ карда шавад; 5) вазъи ҳарбии давлат ба ҳоле афтода буд, ки худро ҳифз карда наметавонист.

Бо чунин ҳол, идораи давлат ба дасти Олимхон афтод. Ӯ ҳамчун амири охирин 24 декабри соли 1910 ба тахт нишаст. Нахустин фармоне, ки баровард, дар бораи ислоҳот буд. Аммо дар он ба қавли устод Айнӣ «аз ислоҳоти асосӣ чизе набуд… ва то се моҳ пас аз ҷулус аз фармон ва мундариҷоти он феълан асаре намонд» [47, с. 239]. Баъзе аз нуқтаҳои фармон, аз ҷумла, таъини маоши сарбозон ва дарбориён муддате амалӣ гашта бошад ҳам, дере нагузашта чун пештара гашт. Ҳарчанд ба қозиён ришваситонӣ манъ гардид, аммо онҳо роҳу усули аз ин ҳам хуб ва замонавиро дарёфтанд. Худашон ба амир пешкашу туҳфа фиристода, дили ӯро гарм карданд ва ин кор ба амир писанд афтид ва акнун «қозиён ҳам ба фароғи бол дар фикри кори худ шуданд» [47, с. 239]. Дар аморат молиёт ва андоз ба ҳисобе тахминӣ анҷом дода мешуд. Ҳисоби он ба дасти маъмури амир – амлокдор ва вакили фуқаро – амин буд, ки ҳамеша манфиати, пеш аз ҳама, давлат ва баъд худу атрофиёнашонро ба ҳисоб гирифта, миқдори андозҳоро муайян мекарданд.

Ҳамчунин, устод Айнӣ дар фасли алоҳида тарзи корбарии амир Абдулаҳадро бо писараш Олимхон муқоиса кардааст. Пеш аз ҳама, зикр намудааст, ки агар амир Абдулаҳад тамоми зимоми давлат, масъалаҳои хурду калонро ба зиммаи худ гирифта бошад, Олимхон ба мансабдоронаш тамоми озодии фаъолиятро дода буд, аммо ҳаққи худро фаромӯш намекард ва боигариаш аз ҳамин ҳисоб буд. Аз ҷумла, расми сари моҳи қозиёнро аз нав ҷорӣ кард, ки тибқи он ҳар моҳ қозиҳо ба туҳфаҳои зиёд ба зиёрати подшоҳ меомаданд ва баъдан хароҷоташонро даҳ баробар аз фуқаро меситонданд. Агар Абдулаҳад хонаву кӯшкҳои муҳташами зердастонашро кашида гирифта, хароб карда, аз нав созонад, амир Олимхон дар ин маврид ба мансабдорон озодии пурра дода буд.

Вазъи кӯҳистони Бухоро, аз ҷумла, Тоҷикистони имрӯзаро устод Айнӣ дар фасли алоҳидаи «Аз идораи амир Олим як манзараи фоҷиа (Аз аҳволи кӯҳистони Бухоро)» овардааст. Дар он ҳолати тоқатфарсои фақирони Қаротегин, Кӯлоб тасвир шудааст, ки ҳамасола ба Фарғонаю дигар шаҳрҳои марказӣ ба мардикорӣ мерафтанд ва дар бозгашт аз дасти маъмурони амиру ҳоким пурра қашшоқ шуда, боз ба муҳоҷират меафтоданд. Дар ин ҷо, ҳодисаи расман бо фармони амир ба мардикорӣ фиристодани аҳли кӯҳистон ва натиҷаи фоҷиабори он нақл шудааст. Ин фармонро низ мансабдорони маҳаллӣ барои ба даст овардани манфиати молӣ истифода намуданд.

Устод Айнӣ бар он аст, ки аз атрофиёни амир танҳо қӯшбегӣ Насруллоҳ то андозае донишманд, тараққипарвар буд, ки оқибат ба ӯ «ҳуҷум карданд ва хунашро рехтанд» [47, с. 342]. Дигарҳо ҳамеша дар садади ба амир хизмат расонидан ва машғули байни ҳамдигар тафриқа андохтан буданд.

Аз ҳамин давра дар Бухоро «фикри инқилоб» ба вуҷуд омад. Албатта, фикри мазкур аз инқилоби сиёсӣ иборат набуд, балки «танвири афкор ва нашри фикрҳои ислоҳотхоҳона буд» [47, с. 343]. Баровардани рӯзнома, ба тариқи ғайрирасмӣ мактаб кушодан, мафосиди мадорис, нашри норасоиҳои Бухоро дар нашриёти дуру наздик аз қабили ташаббусҳои наҷиби ҷавонбухориён буд. Дар ҳақиқат, «масъалаи асосии ислоҳот он замон танвири афкор ва инқилоби

фарҳангӣ буд» [210, с. 39]. Ҷавобан ба ҳаракатҳои ислоҳотхоҳон аксуламали муқобилон ҳам шуруъ шуд.

Дар чунин вазъият намояндаи Россия дар Бухорои нав (Когон), ки дар асл шабакаи ҷосусии он давлат дар Бухоро буд, ба оташи нифоқ ҳезум андохт. «Дар соли 1915-ум намояндагони рус ба Насруллоҳ-қӯшбегӣ, махсусан, мактуб навишта, тақрибан 40 нафар ҷавонбухороиёнро танбеҳу таҳдид фармуданд, ки қӯшбегии мазкур ин амрро биззот иҷро намуд. Шулга ном ноиби вакили сиёсии Россия ба қозикалон Бурҳониддин мактуб навишта, ба таъқиби ҷавонбухороиён амр фармуд ва ҳам дар он мактуб чанд нафар ҷавонбухороиёнро ном бурда, танбеҳашонро хоҳиш кард. Бе ҳеҷ биму ҳарос ба муқобили ҷавонбухороиён ҳаракат карданро тавсия намуда, дар ин хусус ёрмандии худро ваъда дод» [47, с. 345]. Чӣ тавре ки мебинем, вакили Россия ба тамоми корҳои дохилаи Бухоро шарик буда, дар мавриди ҷазо додани фуқарои давлати дигар супоришу дастурҳо медод ва раҳнамоӣ мекард. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки сиёсати дохилии давлат низ дар дасти империализми Россия буд.

Дар натиҷаи чунин чорабиниҳо, дере нагузашта рӯзнома, мактабҳо баста шуда, зиёиён ба ҷавобгарӣ кашида шуданд. Дар охирҳои аҳди Абдулаҳад Логофет ном фиристодаи рус муддате дар Бухоро истода бо номи «Мамлакати беҳуқуқ» китобе навишта, дар кишвари худ паҳн кард. Бо таъсири он дар матбуоти Россия матолибе ба нашр расиданд, ки дар онҳо масъалаи ислоҳоти фарҳангию маориф дар Бухоро ҷиддитар ба миён гузошта шуда буд. Вакили Россия дар Бухоро низ ба номаш гузаронидани ислоҳотро зарур шуморида, дар ин бора пешниҳод арз намуд. Ҳадаф бо ин бастани даҳони бадгӯён буду халос.

Инқилоби аввали моҳи феврали соли 1917 вазъро ба куллӣ дигар кард. Фасли «Таъсири инқилоби феврал ба Бухоро» назари сиёсии устод Айниро ба воқеоти баамаломада пурра ифода кардааст. Оид ба ин масъала устод муфассал истода гузашта, ҳам сиёсати намояндагии давлати Россия дар Бухоро ва ҳам ҳукуматдорони Бухороро мавриди таҳлил қарор додааст. Бо инқилоби февралӣ дар соли 1917 «императори рус бо хонадонаш аз тоҷу тахт маҳрум гардид» [34, с. 348], дар Россия ҳукумати муваққатӣ ба сари кор омад. Коргарони

пешқадами Когон, ки ба ихтиёри Россия буду дар таги дари Бухоро амалиёт доштанд, бо хушию шодмонӣ онро истиқбол гирифтанд. «Аз зулму бедод ва аз беназмию фасоди ҳукумати Бухоро ҳам сухан ба миён омада, ислоҳ ва танзими ин мамлакати хароба ҳам аз лавозимоти ҳуррият ва озодии кишвари Рус шумурда шуд» [47, с. 348].

Ҳарчанд ки Бухоро худро мустақил мешумурд, аҳли инқилобиюни табааи Россия ва ҳам муҳоҷирони бухороӣ ба Бухоро ҳамчун порае аз кишвари рус нигоҳ мекарданд. Устод Айнӣ дар идомаи суханонаш назарҳои ҳар ду тарафро оварда, андешаҳои сиёсии худро баён кардааст.

Дар ин миён, намояндагони рус дар Бухоро низ аз ин инқилоб саросема шуда буданд, дар сурати зоҳирӣ ғайр аз маддоҳии ҳукумати нав чорае надоштанд ва гуноҳҳои гузаштаро агар шуда бошад, ба каллаи ҳукумати подшоҳӣ ҳавола карда, худро бегуноҳ вонамуд менамуданд. Дар ин миён, чӣ тавре ки устод Айнӣ овардааст, «ҷавонбухороиён ва қисми мунавварфикри аҳолӣ низ сокит набуданд» [47, с. 349], ҳарчанд ҳукумати Бухоро аҳли кишварашро аз иштирок дар ҷамъомадҳои инқилобиюни Когон манъ карда буд, ба қавли муаллиф, «ҳайфо, ки мурғони аз даричаи қафас як бор раҳошударо дигарбора ба дом кашидан мумкин набуд» [47, с. 349]. Яъне, мунавварфикрони Бухоро, ки ба ҳудуди кишвари Туркистон гузашта буданд, дигар ба доми Аморати Бухоро наафтида, аз ҳамон ҷо ба фаъолият шуруъ намуданд. Акнун амир ва қӯшбегӣ ва атрофиёни онҳо, ҳамчунин, иртиҷоиёнро лозим меомад, ки бо ягон роҳ онҳоро ба дом афтонанд ва хатари барбод рафтани ҳукуматашонро пешгирӣ намоянд. Ҳамин тавр, ҳукумати Бухоро бо ташвиқи рӯйизабонии ваколатхонаи рус ночор ба гузаронидани ислоҳот ризоят дод. Аммо ислоҳот ҳадафи асосии ҳукумати Бухоро набуда, мақсади аслӣ дигар буд – бо ин роҳ ба дом афтондани ислоҳотхоҳон ва мунавварфикрон. Нусхаи ислоҳот паҳн карданд. Матни онро устод Айнӣ айнан оварда, дар поён як фикри он чунин аст: «Мо бояд ҷамеи иқдомот ва ислоҳот ва тараққии улусу фунуни худро бар вифқи шаръи шариф ба амал оваронем» [47, с. 356]. Чӣ тавре мебинем, ин ҷо ҳам назари сиёсӣ ва оқибатандешии устод Айнӣ баръало мушоҳида мегардад.

Дар идома устод Айнӣ ба заковати дурбинонаи хоси хеш чунин иброз кардааст: «Аз тарзи таҳрир ва адои баён маълум мешавад, ки ин фармонро аркони элчихонаи рус биззот таҳрир кардаанд, ё ин ки эшон асосан ба забони русӣ навишта, аз тарафи ягон шахси заифулқалам ба форсӣ тарҷума шудааст, зеро агар раъсан Насруллоҳ-қушбегӣ ё яке аз котибони ӯ таҳрир мекард, ин ҳама сакта ва муғлақу-л-маъно намебаромад» [47, с. 356]. Ҳадафи вакили рус дар Бухоро ва ҳукуматдорони Бухорою аҳли иртиҷоъ амалӣ гашт, зеро ҷавонбухороиён аз фармони ислоҳоти амир ба ҷону дил шод гашта, ба шакли озодона маҳфилу маъракаҳо ташкил карда, бо ин чӣ тавре ки устод Айнӣ дар ҳамон вақт гумон дошт, худро баста ба дасти иртиҷоъ супурданд. Онҳо ба фармони дурӯғини амир бовар намуданд. Ин ҷо муаллиф фармони ислоҳотро дониста «риёкорона» номидааст. Чӣ тавре ки дида шуд, ӯ мазмуни ҳуҷҷати мазкурро хуб таҳлил карда, аз ҳадафи ниҳониаш бохабар шуда аст. Аммо ҷавонбухороиён «ба иқтизои софии қалб ва дурноандешӣ, ки лозими ҷавонист», ба фармони хоинонаи амир фирефта шуданд. Баъзеашон «модом, ки се миллион раияи Бухоро бо мост, қувват бо мост»-гуфта ба қуввати ҳукумат аҳаммият намедоданд. Иғфол кардани ҳукумат ва муллоёни ӯ аҳолии нодонро ҳеч ба хотир намегузарониданд» [47, с. 357]. Яъне, устод Айнӣ ҷавонбухороиёнро гунаҳгор накардааст. Ба онҳо назари нек дорад, онҳоро ҷавон, қалбашон соф номидааст, аммо «дурноандешӣ»-ашонро зикр намудааст, ки бо ин худро ба боди фано супурданд.

Ба сиёсат пайвастани устод Айнӣ, аниқтараш шарҳҳои сиёсии ӯ асосан аз тасвири ҳодисаҳои фоҷиабори ҷанҷоли сунниву шиа шуруъ шудааст. Ба фикри устод, ин фитнаро асосан муллоҳои иртиҷоӣ шуруъ карданд ва бо дасти дигарон он авҷи бештар пайдо кард. Дар ниҳоят, он ба норизогии қисми бештари аҳолӣ аз сиёсати давлат оварда расонида, давлат маҷбур шуд фармони ислоҳотро барорад. Устод инро ҳам пешбинӣ кардааст, ки Насруллоҳ-қӯшбегӣ ва намояндагони вакили рус ҳам тарафдори намоиши ҷавонбухороиён ва тараққипарварон нестанд, зеро «агар ба муносибати намоиш аксулҳаракате рӯй диҳад, қурбонии нахустини ӯ эшон хоҳанд буд» [47, с. 357]. Бо вуҷуди ин, аз

назари одамони солимақл ба вуҷуд омадани аксулҳаракат аз эҳтимол дур набуд. Ҳарчанд қўшбегӣ Насруллоҳ тарафдори он набуд, вақте аксулҳаракат шуруъ шуд, вай ба он мухолифат накард, пешашро нагирифт, ҳатто ба тарафи он гузашт. Зеро агар тарафи аксулҳаракатро намегирифт, на танҳо вазифа, балки ҷонашро аз даст медод. Бинобар ин, аввал вакилони ҷавонбухороиёнро, ки барои гузаронидани намоиши шукронаашон ба муносибати фармони ислоҳот истифодаи дастаи мусиқии давлатиро дархост карданӣ шуда, ба назди ӯ омада буданд, бо ташвиқи руҳониён ва аҳли иртиҷоъ дастгир карда, яке аз онҳоро, ки раъияи рус набуд, 75 чӯб занонд. Ин ба иртиҷоиён имкони фаъолият дод.

Ҳамин тавр, масъалаи ислоҳоти Бухоро дар натиҷаи аксулҳаракат аз байн рафт. Дар ин давра баъди инқилоби феврали соли 1917 зиёиёни Бухоро бо таъсири коргарони пешқадами Туркистон бедор шуда, анҷуманҳои махфӣ ташкил карда буданд. Лаҳзае, ки намоиши шукрона шуруъ шуд, аксулҳаракат ба фаъолият шуруъ карда, намоиши осоиштаро ба хоку хун оғўшта намуд. Дар идомаи воқеа устод Айнӣ имкони ба ҷое гурехтан пайдо накарда, ба дасти одамони амир афтод. Ӯро дар болои дарвозаи арк 75 чӯб зада, ба зиндон партофтанд. Аз зиндон баъди як рӯз аз тарафи аскарони сурх ва коргарони роҳи оҳани Когон раҳо кунонида, ба беморхона фиристода шуд.

Дар натиҷаи саркӯбии намоиш қисме аз ҷавонбухориён ба шаҳри Когон фирор карда, бо дастгирии коргарони пешқадам, инқилобиёни рус ва намояндагони ҳукумати муваққат аз марг наҷот ёфтанд. Ба андешаи устод Айнӣ, ҳукумати амирӣ ният дошт, ки роҳбарони ин ҳаракатро бо баҳонаи оштӣ ва музокира ба Бухоро даъват намуда, аз миён барад. Бо вуҷуди огоҳии Айнӣ, 12 нафар намояндаи ҷавонбухориён ба кафолати Миллер ва Шулга бовар карда, ба Бухоро рафтанд ва дар он ҷо ба хатари марг рӯ ба рӯ шуданд. Аҳли иртиҷоъ ошкоро боздошт ва ба ҷаллодон супоридани онҳоро талаб мекарданд. Танҳо талаби қатъии аскарони сурхи Когон боиси озод гардидани гаравгонон шуд. Ин воқеа, ҳамчунин, нишон дод, ки Миллер ҷонибдори мухолифони ҷавонбухориён буда, дар сӯиқасди зидди онҳо иштирок доштааст. Хуллас, гаравгонон озод карда шуданд. Аммо кор ба он анҷомид, ки қўшбегӣ

Насруллоҳ, ки то андозае ба қавли устод Айнӣ тараққипарвар буд, аз мансаб маъзул, Миллер ба ҳабс гирифта, Шулга ба куҷое гурехта рафт. Ҷавонбухороиён «аз ислоҳот маъюс шуданд… аксулҳаракат ва ихтилол қадре таскин ёфт» [47, с. 364].

Устод Айнӣ баъди баёни ин воқеаҳо дар фасли хурди «Мулоҳиза» андешаҳои худро изҳор доштааст. Оид ба сабаб ва натиҷаҳои воқеоти хунин чунин қайд кардааст: «Агар ҷавонбухориён намоиш намекарданд ва ихтилоли хунин барнамехост, дар ин сурат агарчӣ фармони ислоҳот ба амал намеомад, боре ин қадар зарбаи бузург ба ҷавонон намерасид» [47, с. 365]. Яъне, изҳори назар кардааст, ки агар онҳо намоиш намекарданд, як қисми ашхос шояд ба хун оғӯшта намешуданд. Аммо боз илова кардааст, ки агар «намоиш нокарда ором ҳам менишастанд, аз ҳила ва хиёнатҳои ҳукумат ғофил монда, мумкин буд, ки ҳамаашон, ақаллан роҳбаронашон, як рӯз ғафлатан дастгир шуда, ба як сурати хоинона маҳв мегардиданд» [47, с. 365]. Мулоҳизаи устод Айнӣ дуруст буд, зеро чунин ҳолат дар Хива рӯй дод. Аз инқилоб ҳукумати амир ба фоидаи худ истифода бурдан хост ва ҳамин тавр ҳам кард. Нияти вай ҳифзи ҳолати ҳозираи худ ва агар имкон шавад, бозгашт ба гузашта буд, ки он то андозае амалӣ гардид.

Баъди инқилоби февралӣ амир аз бесоҳибии давлати Россия истифода бурда, худро мустақил эълон кард. Бо дасти қушбегии нав Низомиддини Урганҷӣ, одами наздики худ Имомқул, қозикалон Бурҳониддин, ки саркардаи иртиҷоъ буданд, ғорату табъидро ба дараҷаи аъло расонид. Яъне, инқилобҳои моҳҳои феврал ва октябри соли 1917 Россия пинаки давлатдорони Бухороро паронида натавонист, баръакс, боз ҳам густох гардида, хоҳони аз Туркистони Шуравӣ баргардонидан ва ба доми худ афтонидани зиёиёни гурезаи тараққихоҳ шуданд. «Хулосаи калом, баъд аз Инқилоби Октябр, хусусан, дар авоили соли 1918 ҷавонбухороиён ва ҷамъияти «Шурои ислом»-и эшон ниҳоятдараҷа дар таҳлука монда буд. Ҳатто шоиъаҳо меафтод, ки маъмурони амир як шаб бағтатан (ногоҳ) ба сари «Шурои ислом» рехта, ҳамаро дастгир хоҳанд кард» [47, с. 368]. Бо вуҷуди ин, ҷавонбухороиён акнун ҳушёр ва дурандеш шуда

буданд. Бинобар ин, вақте амир мактуб нависонда, онҳоро ба Бухоро даъват ва изҳори оштию мадоро кардан шуд, бовар накарданд ва ба доми фиреби вай наафтоданд, дар ҷавобашон нигоштанд: «Мо ба ҳолати ҳозира ба ҳукумати Бухоро ва оштии ӯ эътимод карда наметавонем» [47, с. 369]. Ҳукумати Бухоро ҳам ба қавли устод Айнӣ мунтазири фурсат шуд.

Дере нагузашта охирҳои моҳи феврали соли 1918 раиси Комиссарони халқи Туркистон Ф. Колесов бо дағдағаи ҷамъияти «Шурои исломӣ» бе омодагӣ ва шумораи маҳдуди аскарон ба сарҳади Бухоро наздик шуда, дар назди ҳукумати Бухоро як зумра талабҳо гузошт. Дар натиҷа ҷанги кӯтоҳмуддат, ки аз он «на амир, на Колесов ва на ҷавонбухороиён фоидае набурданд, ба ҳама тараф хисороти бисёре ворид гардид» [47, с. 373]. Устод Айнӣ бо таассуф зикр кардааст, ки аз ин ҳодиса аз ҳама зиёд ҷавонбухориён, онҳое, ки андешаи солим доштанд, зарари зиёд диданд, хуни ноҳақ рехта шуд. Амир қотилу ҷосусонашро барои шикори пешқадамон ба Туркистон ҳам мефиристод. Аммо онҳо зиёд кор карда натавонистанд. Аз ҷумла, зиндагии устод Айнӣ ҳам чанд муддат дар Самарқанд ба хатар афтод. Байни Бухоро ва Туркистони шуравӣ «зоҳиран гургоштӣ ва ҳақиқатан душманӣ» ду сол идома кард. Кумитаи ҷавонбухориён дар ҳамин вақт ба ташвиқот таваҷҷуҳ равона карда, ба баровардани нашрияҳо шуруъ кард. Ниҳоят, аз 29 августи соли 1920 онҳо бо мушоияти аскарони сурх ба Бухоро ҳуҷум оварданд ва якуми сентябр амири охирини Бухоро Олимхон аз пойтахт гурехта, аввал ба Бухорои Шарқӣ (Ҳисору Душанбе) ҷой гирифта, сипас ба Афғонистон гузашт. Амирони манғит дар Бухоро 168 сол ҳукмронӣ карданд. Дар хотимаи асар, ки устод Айнӣ 27 январи соли 1922 навиштааст, бори дигар зикр кардааст, ки асари мазкур «дар маҷмуаи «Шуълаи инқилоб», ки саҳоифи кӯчаке дошт», чоп шуда, инак баъди тадвин ва иловаҳо аз нав омода карда мешавад.

Бояд гуфт, ки сафҳаҳои рисолаи «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» аз «оҳангҳои ватанхохӣ, миллатдӯстӣ моломол аст» [210, с. 46]. Устод Айнӣ мулоҳизаи худро дар бораи он ки таърихнигории форсу тоҷик аз хориҷиён дар мазмуну ҳақиқат дорои бартарӣ аст, ба таври ошкор гуфтааст, ки «муаррихони

фарангӣ умуман дар боби таърих мутахассиси васиқааанд, аммо дар аҳволи хусусии аҳолии шарқ, ки ғолибан аз назари аҷониб пӯшида мемонад, ривоёти мо, ки ба муҳокима ва ҷонканиҳои бисёре аз даруни хонаи худ гирифтаем, бояд руҷҳон дошта бошад» [47, с. 388]. Ҳис карда мешавад, устод Айнӣ дар ҳамон солҳои душвор, ки ягон нафар аз музофот ёрои алайҳи донишмандони аврупоӣ ва рус сухан гуфтан надошт, «андешаи миллии худро бо як ҷасорат ва нотарсӣ» [210, с. 46] баён кардааст. Муҳаққиқ М. Муродӣ рисолаи «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва романи «Ҷаллодони Бухоро»-ро, ки қариб дар як вақт навишта шудаанд, «маромномаи таърихӣ» [60, с. 86]-и устод Айнӣ номидааст.

Дар бораи давраи ҳукумати манғитиҳо «асари ғояпардози ҷадидҳои Бухоро А. Фитрат «Давраи ҳукмронии амир Олимхон», ки бори аввал соли 1930 дар шаҳри Сталинобод бо сарсухани фаъоли дигари ҷадидони Бухоро А. Муҳиддинов ва соли 1991 аз нав чоп шудааст, таваҷҷуҳи моро бедор карда метавонад. Дар он муаллиф амиқӣ ва муборизаи байни ҷадидон ва тарафдорони амирро инъикос намудааст» [96, с. 10]. Баъди ин дар бораи масъалаи ҷадидҳо то охири солҳои 80-уми асри гузашта – давраи бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ ҳарфе ба миён гузошта нашуда, омӯзиши таърихи ҳаракати ҷадидӣ ба «доғи сафед» табдил ёфта буд. Чунин муносибат ба ҳаракати ҷадидии Бухоро натиҷаи ғояҳои коммунистӣ буд. Дар даврони Шуравӣ танҳо адабиётшинос Х. Мирзозода ба масъалаи мазкур то андозае ба таври воқеӣ назар дӯхтааст.

### 4. 3. Нақши «Таърихи инқилоби Бухоро» дар бедории фикрӣ ва ҳувияти миллӣ

Баъди муддате устод Айнӣ ба таълифи рисолаи «Таърихи инқилоби Бухоро» шуруъ намуд. Устод онро соли 1921 баъди ним соли инқилоби Бухоро (сентябри соли 1920) нахуст ба забони ӯзбекӣ навиштааст. Тибқи таҳқиқи анҷомдодаи таърихшинос Н. Ҳотамов, Нозироти маорифи ҶХШБ аз 17 ноябри соли 1920 дар бораи таълифи таърихи инқилоби Бухоро қарор баровара, навиштани онро ба чанд нафари донишмандони давр, аз ҷумла, ба устод Айнӣ

супорид. Дигарон дар доираи ин дастуру супориш чӣ корҳоро анҷом доданд, ба мо маълум нест. Фақат ҳаминаш маълум аст, ки соли 1930 асари Абдурауфи Фитрат «Давраи ҳукмронии амир Олимхон» бо муқаддимаи Абдуқодир Муҳиддинов дар Нашриёти давлатии Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ баромад ва он соли 1991 ба хатти имрӯзаи тоҷикӣ баргардон шудааст [244]. Аммо устод Айнӣ ҳамоно ба навиштани китоби супоришшуда ба забони ӯзбекӣ шуруъ кард. Зеро забони расмӣ ва давлатӣ дар Ҷумҳурии Бухоро ӯзбекӣ эълон шуда буд ва ба муаллифон низ чунин супориш шуда буд, ки ба ин забон нависанд. Устод Айнӣ, ба қавли худаш, ба навиштани китоб 31 декабри соли 1920 сар карда, чӣ тавре ки дар поёни китоб овардааст, 23 марти соли 1921 ба охир расонид. Далелҳо мавҷуданд, ки фикри навиштани китоб дар бораи таърихи инқилоби Бухоро ва инқилоби фикрии Бухоро дар сари устод Айнӣ барвақттар, ба қавли худаш, солҳои 1918-1919 пайдо шуда, мавсуф ба навиштани чунин рисола ба забони тоҷикӣ дар шаҳри Самарқанд шуруъ карда буд. Аммо, мутаассифона, бо сабабҳои номаълум дастнависи он гум шуд. Баъд, вақте устод Айнӣ бо супориши Нозироти маориф китобро ба забони ӯзбекӣ дар охири соли 1920 навишта тамом кард, он ҳам сари вақт дар ягон ҷой чоп нашуда, танҳо соли 1926 дар Маскав бо номи «Бухоро инқилоби таърихи учун материаллар» ба шакли китоб чоп шуда баромад, ки матни имрӯзаи мавриди назари мо тарҷумаи асари мазкур аз тарафи Раҳим Ҳошим бо номи «Таърихи инқилоби Бухоро» мебошад.

Рисолаи «Таърихи инқилоби Бухоро» аз рисолаҳои «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ва «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» аз ҷиҳати ҳаҷм калон буда, аз 262 саҳифа иборат аст. Устод Айнӣ дар оғози асар, ки «Як-ду сухан» ном дорад, овардааст, ки «ба нигориши муфассал (тӯли таълиф) маҷбур ҳастем» [47, с. 391]. Ҳамчунин, дар сарсухан масъалаҳои зиёдро ба миён бардошта, сабаби таълифи онро зикр кардааст. Дар рисолаи мазкур аҳаммияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҷомеашиносии инқилоби Бухоро баррасӣ гардида, омилҳои пайдоиши он аз нигоҳи таърихӣ таҳқиқ мешаванд. Муаллиф сабабҳои инқилоби солҳои 1917–1920-ро танҳо ба воқеаҳои ҳамон давра маҳдуд накарда, решаҳои

онро дар сохтори ҳокимияти амирӣ ва фаъолияти уламои Бухоро ҷустуҷӯ менамояд. Ӯ масъала мегузорад, ки оё истибдод, зулм, фасод, динфурӯшӣ ва ҷаҳолат аз қадим вуҷуд доштанд ё тадриҷан пайдо шуданд. Гузаштаи илмию фарҳангии Бухоро нишон медиҳад, ки ин шаҳр замоне маркази илму маориф ва тамаддун буд ва чунин пешрафт бо зулму ҷаҳолат созгор буда наметавонист. Муаллиф ба ин монанд суолҳои зиёд ба миён гузошта, калимаву ифодаҳое чун ваҳшӣ, золим, фосид, динфурӯш, ҷоҳпараст, ҷоҳил, ваҳшат, зулм, ҷаҳлро ба такрор истифода намудааст, ки ин такрорҳо ҳассосият ва таъсири сиёсии суханро афзудаанд. Вобаста ба сабаб ва заминаҳои ба амал омадани инқилоб суоли зер гузоштаи устод Айнӣ муҳим арзёбӣ шуда метавонад: «Ниҳоят, сабаб чист, ки аз гӯшаву канори тираву торики Бухоро як гурӯҳ қаҳрамонҳо баромада, аз дору манор, обхонаву зиндони амир натарсида, такфиру таҳқир, фатвои қатлу эъдоми уламоро ба назар нагирифта, ба майдон даромаданд, бо деви таассуб ва ҷаҳл панҷа бар панҷа заданд ва оқибат ғолиб баромада, ба муддаои худ расиданд?» [47, с. 390]. Ин ҷо ҳарфи «натарсида… ба майдон даромаданд» аз он сабаб муҳим аст, ки вақтҳои охир, баъди пош хӯрдани Давлати Шуравӣ баъзе донишмандони маъруф бо мақсади паст задани аҳаммияти Инқилоби Октябр ақидае баён карданд, ки Бухоро дар он вақт ба инқилоб омода набуд ва инқилоб як чизи овардашуда аст. Аз ҷумла, аз байни олимони тоҷик ин ақидаро нахустин шуда М. Шакурӣ пешниҳод кардааст: «Имрӯз онро набояд инқилоб биномем, номи дигаре барои он бояд пайдо кард» [274. с. 88]. Худи ӯ ба он «фитнаи инқилобнамо» ном гузошта, сарлавҳаи китобашро дар бораи инқилоби соли 1920-и Бухоро «Фитнаи Бухоро» номид. Мавсуф дар асари охиринаш низ масъалаи мазкурро ёдовар шуда, қайд кардааст, ки ба муносибати 70-солагии инқилоби Бухоро «мақолаи нури чашмам Рустамҷон Шукуров ва боз чанд мақолаи дигар, дар бораи ин ки инқилоби Бухоро чандон инқилоб набуд, инқилоби Бухоро як таҷовуз буду ишғолгарӣ буд» [276, с. 92], чоп шудааст. М. Шакурӣ дар бисёр асарҳояш қайд кардааст, ки дар ин маврид ба навиштаҳои устод Айнӣ такя мекунад. Аммо агар аз рӯйи инсоф гирем, дар рисолаҳои мавриди назар ва асарҳои дигари устод

Айнӣ ягон бор, на ошкору на пӯшида гуфта нашудааст, ки асарҳои воқеаи дар моҳи сентябри соли 1920 рӯйдода инқилоби иҷтимоиву сиёсӣ набуд ва онро ба сари мо оварданд. Пас чунин хулосаҳо чӣ тавр, аз куҷо пайдо шуданд ва ҳадафашон чист? Ба андешаи мо, асосгузори ин ақидаҳо олимони хориҷа буданд, ки мақсадашон паст задани эътибори инқилобҳои соли 1917 ва инқилоби сентябри соли 1920 буд. Ҳол он ки аз номи худи рисола ва сарсухани зикршудаи устод Айнӣ бармеояд, ки мардуми Бухоро ба як тағйироти ҷиддӣ омода буданд, ҳамчунин, аз байни онҳо як гурӯҳ қаҳрамонҳо бесабаб пайдо нашуданд. Ҳамин тавр, устод Айнӣ дар ягон ҷойи «Таърихи инқилоби Бухоро» ба он ки ҳодисаҳои соли 1920 Бухоро инқилоб набуда, ҳуҷуми бегона ба кишвар будааст, ишорае накардааст.

Дар баробари ин, М. Шакурӣ низ эътироф кардааст, ки устод Айнӣ ҳеҷ гоҳ муқобили инқилоб набуд. Муҳаққиқ дар асари дигараш навиштааст: «Ҳамин чиз маълум аст, ки чун соли 1920 воқеае ба номи «Инқилоби Бухоро» рӯй дод, Айнӣ онро ба сифати инқилоб эътироф кард. Ин ҳам маълум аст, ки инқилоби болшавикии соли 1917-ро бо руҳбаландӣ пешвоз гирифт ва соли 1918 мустазоде ба номи «Ба шарафи Инқилоби Октябр» гуфт» [273, с. 33]. Ногуфта намонад, ки дар рисолаи мазкури устод Айнӣ истилоҳи «инқилоб» аз сарлавҳа сар карда, дар матни асар даҳҳо маротиб истифода шуда, унвони як фасл «Тайёрӣ ба инқилоби илмӣ ва иҷтимоӣ» мебошад. Хуллас, устод Айнӣ воқеаи баамаломада дар моҳи сентябри соли 1920 дар Бухороро то охири умр инқилоб мешуморид ва аз суханаш нагаштааст.

Устод Айнӣ дар сарсухан, ҳамчунин, шояд ба дарозо кашидани китоби мазкурро пай бурда, аз хонанда узр пурсида, сабаби «нигориши муфассал»-и худро аз он донистааст, ки «барои ҳалли хуби масъала» бояд замина ва сабабҳои инқилоб аз замонҳои пешин ошкор ва ба хонанда пешниҳод карда шаванд.

Аз иқтибоси боло дида мешавад, устод Айнӣ бар он аст, ки ҳукумати Бухоро дар замонҳои қадим низ чунин ваҳшӣ ва золим набуд, балки минбаъд фосид шуд. Ба андешаи устод Айнӣ, фасод ва таназзули низоми илмию

маърифатии Бухоро асосан дар давраи ҳукмронии сулолаи манғитиҳо густариш ёфтааст. Ӯ барои муайян намудани заминаҳои пайдоиши инқилоби Бухоро омӯзиши вазъи мактабу мадрасаҳо, сатҳи илм, мавқеи уламо ва муносибати ҳукуматро ба соҳаи маориф зарур мешуморад. Айнӣ таъкид мекунад, ки дар асрҳои миёна дар муассисаҳои таълимии Бухоро баробари илмҳои динӣ фанҳои дунявӣ, аз ҷумла ҳисоб, ҳандаса, таърих, тиб, мантиқ, шеъру адабиёт низ таълим дода мешуданд. Уламои он давра аз моҳияти дини ислом огоҳ буда, илмҳои гуногунро хилофи шариат намедонистанд ва ба осонӣ касеро ба куфр нисбат намедоданд. Ҳамчунин, бо вуҷуди ҳукмронии хонҳои мустабид ва мавҷудияти зулму истибдод, гурӯҳе аз уламо аз ҳуқуқу манфиатҳои мардуми камбизоат ҳимоя мекарданд. Муллоҳои тақводор худро аз амиру вазирҳо дур гирифта, аз дасташон ояд, ба фақирон ва дармондагон кумак мерасонданд, онҳоро ҳимоя менамуданд. Онҳо ба умеди хайрияи мансабдорону сарватмандон намешуданд, худашон меҳнат карда, ризқашонро меёфтанд. Устод Айнӣ шайх Мотуридиро мисол овардааст, ки тамоми умр деҳқонӣ мекардааст, шайх Бобои Порадӯз бошад, маишати худро бо куҳнадӯзӣ ва кулолгарӣ таъмин мекард. Уламо ҳатто маблағҳои вақфро шубҳанок дониста, ба он шарик намешуданд. Минбаъд, дар замони манғитиҳо ахлоқи уламо фосид гардид. Ҳатто вақфи масҷиду мадрасаҳо, чӣ тавре ки аз рисолаи боло мушоҳида кардем, ба воситаи савдо табдил ёфта буд. Сабаби ҳамаи инро устод Айнӣ аз вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии давр иборат донистааст. Маълум шуд, ки хонҳо, бою савдогарон ҳам бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла, сохтмони масҷиду мадраса, хонақоҳ, вақф, интихоб ва таъини мударрис дили уламоро ёфта, онҳоро ба тарафи худ мекашиданд. Агар муллоҳои қаблӣ ва ҳақиқӣ аз назари шариат ҳимоя кардани фуқароро вазифаи асосии худ donанд, акнун кори муллоҳои нави ҷоҳпараст аз номи шариат қонунӣ кардани толону торочи мардум буд. Дар натиҷа шуҳрати ҳақиқии илмӣ ва динии Бухоро ба як ифтихори пуч табдил ёфт. Дар даврони Манғитиён хонҳо шуришу норозигиҳои ягон-ягонро бо фатвои уламо «ёғӣ, осӣ» гӯён пахш карда, дар навбати худ умаро бо фармони амир мурдаю зиндаи халқро ба зимма мегирифтанд. Яке аз одатҳои бадтарини ин давра «милки

хусусӣ» кардани ҳуҷраҳои мадраса буд, ки то ба Инқилоби Октябр дар Туркистон ва инқилоби сентябри соли 1920 дар Бухоро давом ёфта, муҳассилини ошиқи таҳсилро аз он маҳрум мекард. Вобаста ба ин, вақфҳои ба нигоҳдории ин мадрасаю ҳуҷраҳо дарназардошта низ ба ҳаққи моликони ин ҳуҷраҳо – муллоҳо, писарони онҳо, наздиконашон, ҳатто шахсони молимардумхӯре, ки ба мадраса заррае алоқа надоштанд, табдил меёфт. Ҳол он ки милки вақф бо ҳукми Қуръон ва шариат набояд хариду фурӯш мешуд. Хуллас, муллоҳо ба ҳукуматҳои мустабид кумак мерасонданд, хонҳо ҳам муллоҳои расмиро дар зарурат ҳимоя менамуданд. Дар натиҷа илму маърифат қафо монд, китобхонаҳо барҳам хӯрданд (дар замони амир Насруллоҳ). Китобҳои боқимондаи пурқимат баъди кушода шудани пои аврупоиён ба Шарқ аз тарафи онҳо харидорӣ шуданд. Дар натиҷа, ба мушоҳидаи устод Айнӣ, дар вақтҳои охир таҳсил дар мадраса ба воситаи даромадёбӣ, «нони муфт хӯрдан, аз вақф ҳисса гирифтан ва баъди тамом кардани мадраса дар навбати худ мударрис шуда, то охири умр аз вақф таъмин кардани маишати худ» [47, с. 397] табдил ёфт.

Дар бораи мундариҷаи асари мазкур мутарҷими он Раҳим Ҳошим низ дар охирсухан овардааст, ки «сохти давлатии аморати Бухоро, заминаи бедории фикрӣ, пайдо шудани майл ба касби донишҳои замонавӣ, кӯшиш ва ҷадал барои расидан ба қофилаи маданияти нав, масъалаҳои ислоҳи усули таълим дар мактаб ва мадрасаҳо аз масъалаҳое мебошанд, ки дар ин асар мадди назари муаллиф истодаанд» [47, с. 646]. Ба ин гуфтаҳо илова бояд кард, ки дар рисола бори аввал замина ва таҳкурсии ба вуҷуд омадани аввалин инқилобҳо дар Осиёи Миёна низ ифшо гардидааст.

Дар бораи тарзи идораи ҳукумати Бухоро устод Айнӣ бештар ба оҳанги бадеӣ сухан рондааст. Зимни тасвири бадеӣ нависанда андешаҳои сиёсии хешро ифода кардааст, ки ин ҷо мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад.

Муҳаққиқ Н. Ғаффоров бунёди сиёсии ҳукуматдории Аморати Бухороро муфассал шарҳ додааст. Аз рӯйи таҳқиқи ӯ, «шахси асосии маъмурӣ *қӯшбегӣ* буд, ки вазифаи сарвазирро иҷро мекард. Сипас *девонбегӣ* меистод, ки воридоти

хазинаи амирро назорат мекард. Руҳониёнро *қозикалон* роҳбарӣ мекард, ки ӯро амир гӯё ба таври якумрӣ таъин менамуд. *Бек ва амлокдорҳо* вазифаҳои маъмурӣ (идоракунии бекигарӣ ва амлокдорӣ), молиявӣ (назорати ҷамъоварии андозҳо), судӣ (муҳокимаи корҳои ҷиноятӣ) ва полис (ҷустуҷӯи ҷиноякорони гуреза)-ро иҷро мекарданд. Нафареро, ки чанд нуқтаи аҳолинишинро роҳбарӣ мекард, *мингбошӣ* меномиданд. Ҳар бекигарӣ *раис* дошт, ки ахлоқи мардумро назорат мекард. Корҳои ҷиноятӣ ва шаҳрвандиро ба таври шифоҳӣ ва ошкор қозиҳо (судяҳо) дида мебаромаданд, ки аз тарафи амир як ё ду нафар дар як бекигарӣ таъин мешуданд. Ҳамчунин, дар бекигариҳо мансабҳои мироб, барои назорати обтаъминкунӣ, закотчӣ – ҷамъоварандаи андозҳои асосӣ, миршаб – назоратчии тартибот, мирзобошӣ – котиби бек ва ғайра мавҷуд буданд» [96, с. 18-19]. Дар оғози асри XX дар аморат то 50 ҳазор мансабдор буд, ки аксари онҳо аз давлат музд намегирифтанд ва маошашонро аз ҳисоби мардуми маҳаллӣ ба даст меоварданд. Бо маош таъмин набудани мансабдорон ва хизматчиёни давлатӣ дар Аморати Бухоро ба яке аз масъалаҳои асосии мавриди муҳокимаи асари мазкур табдил ёфтааст. Дар ин бобат ҷавонбухороиён, нашрияҳои миллии мусулмонони Россия ва Туркистон, намояндагони вакили Россия дар Бухоро ва худи муаллифи асар борҳо изҳори ақида кардаанд. Аммо он то ба охир ҳал нашуда мондааст.

Дар замони манғитиҳо таъини мударрисҳоро амир ба зиммаи худ гирифта, бо ин байни муллоҳои калон рақобат андохта, аз ин ҳисоб эътибори худро баланд мебардошт. Амирон ба номи масҷиду мадраса, хонақоҳо созонда, бо ин нуфузашонро байни уламо афзун менамуданд. Чӣ тавре ки дар зикри даврони амирони аввалини манғитӣ қайд шуд, баъзеашон худашонро муллову олим ҳам метарошиданд ва дар мунозираҳо ширкат меварзиданд. Дар асри охир бошад, навиштани ҳошияву шарҳҳо афзоиш ёфта, барномаи таълимии мадрасаҳо аз чунин шарҳу тафсирҳо пур гардид. Омӯзиши фанҳое, ки дар сарсухани муаллиф зикр шуданд, чун ҳисоб, таърих, тиб, ҳандаса, мантиқ аз байн рафтанд. Дар натиҷа устод Айнӣ вазъи иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии замонро дар даврони ду амири охирин чунин хулоса кардааст: 1) Вақфи мадрасаҳо афзуда,

аксарияти талабагон ба вақф вобаста шуданд; 2) Муллоҳои мансабпараст ба марҳамати мактабҳо паноҳ бурданд; 3) Онҳо ба ҷадвали дарс шарҳу ҳошияҳои таълифкардаи худашон ва наздиконашонро ворид карда, боиси аз байн рафтани фанҳои ҳақиқӣ ва фоиданок шуданд; 4) Ҷойи мулло ва муаллимони ҳақпарастро муллоҳои ҷоҳпараст ва томеъ (тамаъкунанда) гирифтанд; 5) Агар вазифаи ҳақиқии уламо аз назари шариат ҳимоя кардани фуқаро бошад, кори муллоҳои баъдина аз роҳ кушодан ва сафед кардани зулм иборат буд; 6) Уламои расмӣ ҳар он чизеро ки нахонда буданду намедонистанд, аз номи дин зид мебаромаданд; 7) Оқибат он шуд, ки аз Бухорои танҳо шуҳрати хушк боқӣ монд [47, с. 395].

Яке аз кирдорҳои ношоями амирони Бухоро пароканда кардан ва барҳам додани китобхонаҳо буд, зеро то ба он вақт китобҳои машҳур дар он ҷо ёфт мешуд. Устод Айнӣ вазъро дар асрҳои миёна чунин шарҳ додааст: «Бинобар ин, ба маъное, ки акнун дар Аврупо мавҷуд аст, дар назди ҳар як мадрасаи машҳур китобхонаи умумӣ таъсис ва дар он ҷо китобҳои даркорӣ ҷамъ оварда буданд. Истифода аз ин китобхонаҳо ба ҳар талаба ва ба касони дигар маҷҷонӣ буд. Барои аз нав ҷузъбандӣ кардани китобҳои варақҳояш даридаву аз ҳам пошида ва харидани китобҳои нав маблағи маълуме аз вақф тахсис дода шуда, барои нозири китобхонаҳо низ вақфи махсус ҷудо шуда буд» [47, с. 398]. Қайд шудааст, ки дар мадрасаҳои Бухоро 20 китобхона мавҷуд буд, ки аз ҷумла, китобхонаи «Дору-ш-шифо» аз китобҳои тиббӣ пур будааст. Мутаассифона, дар замони амирони охирин на танҳо китобхонаҳо барҳам хӯрданд, балки якто-нимто донишмандони илмҳои дигар, ки мавҷуд буданд, сарашонро гирифта аз Бухоро рафтанд, онҳоро устод Айнӣ ном бурда, корномаашонро зикр кардааст. Нахуст дар замони амир Насруллоҳ бо дасти раиси шаҳр Раҳмонбердӣ-махдум тамоми китобхонаҳои мадрасаҳо барҳам дода шуд ва ин вазъи китобу нашрия бадбинӣ дар Аморати Бухоро то амири охирин идома ёфт. Баъди он ки аврупоиён ба Бухоро роҳ ёфтанд, як қисми он китобҳоро бо нархи арзон аз дасти фарзандони маишатпарасти қозикалонҳо, муфтию раисҳо харида ба

Аврупо бурданд, ки то ҳол баъзеашон дар осорхонаҳои он кишварҳо нигоҳ дошта мешаванд.

Устод Айнӣ бо мисолҳо собит сохтааст, ки дар даврони манғитиён, махсусан, амир Абдулаҳад мансабҳои давлатӣ чун қозӣ ва раис «ранги иҷораро гирифт» [47, с. 401]. Харҷи нигоҳдории вазифаю мансабҳо, лашкариён ба гардани халқ буд, «ба ҳеч маъмури Бухоро аз хазина маош дода намешуд» [47, с. 402]. Устод Айнӣ асбоби мадохил ва масориф (даромад ва хароҷот)-и ҳукуматро аз аҳволи сиёсӣ ва иқтисодӣ вобаста донистааст. Чӣ тавре ки қайд шудааст, *хироҷ* аз заминҳои корам ва *закот* аз молҳои тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ, аз рама ва гала гирифта мешуд. Дар даврони амир Музаффар бо роҳнамоии қозӣ Садриддин дар бозорҳо андози сеюм – «аминона» ҷорӣ карда шуд, ки дар ягон давлати дунё ҷой надошт. Хароҷоти давлат аз пардохти сарбоз ва элнавкарҳо иборат буда, он ба қадри ночиз буда, боқимонда маблағи ҷамъшуда ба кисаи амир мерафт. Таърихшиносон собит кардаанд, ки пеш аз Инқилоби Октябри соли 1917 дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон аз се ду ҳиссаи заминҳои кишт ва обӣ ба дасти сарватмандон буда, дар он аксарияти мардум чоряккорӣ мекарданд: «чоряккорӣ дар хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон шакли асосии истисмор буд» [80, с. 17]. Дар баробари ин, шумораи мардикорон меафзуд, танҳо ба вилояти Самарқанд ва марказҳои саноатии он, аз ҷумла, Хуҷанд аз ноҳияҳои кӯҳистон ҳамасола зиёда аз 23 ҳазор нафар ба мардикорӣ мерафтанд, ки қисми бештари аҳолии қобили корро ташкил медод. «С. Айнӣ дар китоби худ «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» навишта буд, ки аксарияти аҳолии Қаротегин ва районҳои кӯҳии Бухоро ба Туркистони Россия ва Фарғона ба мардикорӣ мерафтанд. Баъди ба ватан баргашта омадани онҳо амалдорони амир аз дасти мардикорон қисми зиёди бозёфташонро кашида мегирифтанд ва мардикор маҷбур мешуд, ки боз ғарибиро ихтиёр кунад» [80, с. 20]. Намунаи боризи инро дар қиссаи «Одина»-и устод Айнӣ ва дигар асарҳои бадеии ӯ дидан мумкин аст.

Яке аз фаслҳои китоб «Тайёрӣ ба инқилоби илмӣ ва иҷтимоӣ» ном дорад. Маълум мегардад, ки калимаи «инқилоб» ба маънии аслии сиёсию иҷтимоии

худ дар асарҳои устод истифода шуда, нависанда ба инқилоб содиқ монданашро бо сухану дар амал собит кардааст. Фасли зикршуда чунин шуруъ шудааст: «Мо дар ин боб баъзе касонеро, ки ба тайёрии инқилоби иҷтимоӣ сабаб гардидаанд, зикр карда мегузарем» [47, с. 405]. Албатта, ин ҷо сухан ҳарчанд танҳо аз омодагӣ ба инқилоби илмӣ ва иҷтимоӣ меравад, аммо инқилоби сиёсӣ ҳам дар назар дошта шудааст. Дар баробари ин, фаромӯш набояд кард, ки ҳар инқилоби иҷтимоиро мақсади ниҳоиаш ба даст овардани ҳадафҳои сиёсӣ аст.

Нахуст сухан аз Аҳмад-махдуми Дониш шуруъ шудааст: «Ана дар ҳамин вақтҳо аз уфуқи тираи Бухоро чун ситораи саҳаргоҳӣ, ки дар поёни шабҳои тор дурахшону тобон зоҳир мешавад, ситорае дурахшид. Ин ситора Аҳмад-махдуми муҳандиси Дониш буд, ки ба Аҳмади Калла шуҳрат дошт» [47, с. 405]. Мушоҳида кардан мумкин аст, ки сарчашмаи истиораву ташбеҳу ифодаҳои «уфуқи тира», «ситораи саҳаргоҳӣ», «шабҳои тор», «дурахшону тобон» ва «ситора», ки минбаъд то ба имрӯз дар асарҳои бадеиву манзуми тоҷик ба кор мераванд, маҳз ин асари устод Айнӣ мебошад. «Аҳмад-махдум алломае буд, ки дар муҳити торике чун Бухорои он давра, замоне ки аз асбобу анҷом ва адабиёти нави илмӣ дараке набуд, ба чандин фан тахассус пайдо карда буд» [47, с. 405]. Ӯ дар давраи ҳукмронии амир Музаффар касби дониш карда, ба камол расида, минбаъд дар замони амир Абдулаҳад фаъолияти илмию амалиаш инкишоф ёфт. Ҳарчанд дар дарбор мансабу эътиборе дошт, «ҳаргиз аз таҳти дил ба амир хидмат накард, роҳи хушомадгӯӣ ва тамаллуқро пеш нагирифт, балки дар мавридҳои муносиб фасоди умури идораи Бухоро, хиёнат ва ғадри аҳли дарбор, сохаткориҳои муллоёнро гоҳо бо ишорат ва гоҳо ба сароҳат ба амир маълум карда истод. Аҳмад-махдум бо ин қонеъ нашуда, ҳамеша ба атрофи худ якчанд уламо ва талабагони мустаидро ҷамъ карда, аз фасоди замона гап мекушод, бо роҳи шӯхӣ ва ханда ба кушодани фикри онон мекӯшид» [34, с. 406]. Маҳз чунин фаъолиятҳои Аҳмади Донишро метавон яке аз сарчашмаҳо ва поягузори инқилоби маданӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ донист. Албатта, дар он даврон – охири асри 19 ва аввали асри бистум дар бораи

инқилоби сиёсӣ сухан гуфтан амри маҳол буд. Ин як замони омодагӣ ва заминасози инқилоби сиёсӣ будааст. Инқилобҳои илмӣ ва маданӣ аз Аҳмад-махдуми Дониш шуруъ шудааст. Ҳадафи асосии навиштани «Наводиру-л-вақоеъ»-и мавсуф «кушода додани ҷиҳатҳои вайрони ҳаёти Бухоро ва нишон додани роҳи ислоҳи мактабҳо буда, ки муаллиф ба ин мақсад пурра муваффақ шудааст» [47, с. 406]. Айнии навҷавон аз забони муллоҳо Аҳмад-махдумро «кофир» гумон мекард, аммо баъди хондани китоби мазкур дар соли 1899 дар фикраш тағйирот ба амал омад. Ҳамин тавр, дар доираи хурди ин гуна одамон, ҳамнишони Аҳмад-махдум «аломатҳои тайёрӣ ба инқилоби илмию иҷтимоӣ зоҳир шудан гирифт» [47, с. 409].

Сипас дар боби алоҳида, устод Айнӣ хотираҳояш дар бораи Аҳмад-махдумро сабт кардааст. Баъд аз даргузашти Аҳмади Дониш саробони Айнӣ Шарифҷон-Садри Зиё соли 1899 ба Айнии ҷавон ва Мунзим кори тозанавис кардани асари Дониш «Наводиру-л-вақоеъ»-ро супорид. Онҳо ҳамроҳ бо шоири боистеъдоди номурод Ҳайрат ин корро анҷом дода, чашмонашон кушода гардида, ба зиндагӣ ва ҷомеа назарашон дигар гашт.

Тайёрӣ ба инқилоби Бухоро, ба фикри устод Айнӣ, «аз масъалаи мактаб сар мешавад» [47, с. 412]. Устод Айнӣ масъалаи мактаб ва мубоизаи ҷадиду қадимро яке аз омилҳои муҳими дарки таърихи инқилоби Бухоро медонад. Ба андешаи ӯ, тарафдорони мактаби усули нав дар сафи пеши инқилобгарон қарор доштанд, дар ҳоле ки мухолифони ислоҳоти мактабӣ аз роҳбарони неруҳои аксулинқилобӣ ба шумор мерафтанд. Аз ин рӯ, омӯзиши ин низоъ барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи инқилоби Бухоро аҳаммияти махсус дорад. Яъне, устод Айнӣ ба омӯзиш ва таҳияи инқилоби Бухоро даст зада, онро ба масъалаи мактабу маориф пайванд донистааст. Масъалаи мактаб дар рисолаи мазкур ҷои асосиро ишғол мекунад ва қисми дуюми асар (солҳои 1908-1917) аз ҳамин «Масъалаи мактаб» шуруъ шудааст. Масъалаи мактаб, дарвоқеъ, дар Бухоро аз соли 1908 шуруъ шуда буд. Дар омади сухан, ин масъала дар Самарқанду Хуҷанд, ки дар ҳайати Туркистони Россия буданд, андак пештар – солҳои 1900-

1901 шуруъ гашта буд, маҳз дар ин солҳо дар шаҳрҳои мазкур мактабҳои нахустини усули нав барои фарзандони маҳаллӣ кушода шуда буданд.

Устод Айнӣ накши нашрияҳои туркию форсӣ ва мактабҳои онҳоро баланд арзёбӣ кардааст, ки он ниҳоят ба пайдоиши нашрияҳои тоҷикию ӯзбекӣ ва ифтитоҳи мактабҳои тоҷикӣ оварда расонд. Мактаби аввалини усули нав ба забони туркӣ буда, бо ташаббуси зиёиёни тотор ташкил шуда буд. «Вақте ки аз тарафи худи бухороиҳо барои бухороиён мактаби махсус кушода шуд, масъала ранги умумӣ гирифт» [47, с. 413]. Тафсилоти воқеаро устод Айнӣ чунон овардааст, ки соли 1902 бо шарикдарсаш Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим ба саёҳати Самарқанд рафта, чизи муҳимтарине, ки дар он ҷо диданд, шиносоӣ бо мактабҳои он ҷо, аз ҷумла, «Мактаби Шакурӣ» буд. То ба он вақт онҳо мактаби усули навро надида буданд. «Хулоса, ба мактаби Шакурӣ мағрур даромада, мутаҳаййир баромадем ва аз ҳамон рӯз сар карда, фикри мактаб тамоми мағзи моро ишғол кард» [47, с. 414].

Дар чунин рӯзҳо воқеаи сиёсии муҳимми дигар дар кишвари дигари Шарқ рӯй дод, ки таъсираш ба Бухоро низ расид. Дар сатрҳои зерин он воқеаи сиёсиро устод Айнӣ чунин шарҳ додааст: «Он сол дар Туркия табаддулоти сиёсӣ ба амал омада, султон Абдулҳамид ба халқ ҳуқуқ ва ихтиёр дода, бо усули машрутият (конститутсионӣ) идора шудани мамлакатро эълон карда буд. Ба ин муносибат газетаҳои мусулмонони Россия дар бораи инқилоби Туркия дуру дароз мақолаҳо менавиштанд ва дар маркази хилофат (Истанбул) газета ва журналҳои озодфикронаи динӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабӣ нашр гардида, ба тамоми олами ислом паҳн мешуд. Табиист, ки ин газетаҳо ба Бухоро ҳам омаданд ва дар афкори умумии Бухоро низ ҷаҳише ба вуҷуд оварданд» [47, с. 415]. Ба қавли муаллиф, албатта, мардуми Бухоро дар худашон чӣ ҳодиса шуданашро пешгӯӣ карда наметавонист, аммо ба ҳар ҳол ба вуҷуд омодани тағйироте маълум мешуд. Ин ҳолат тағйироти инқилобӣ буд.

Тағйироти аввалин ва аз ҳама муҳим дар зиндагии мардуми Бухоро кушода шудани чанд мактаби аввалини усули нав мебошад, ки ташаббускорони он устод Айнӣ ва Абдулвоҳид Мунзим буда, он дар ҳавлии Мунзим 5 ноябри

соли 1908 ба фаъолият шуруъ кард. Дар ташкили яке аз мактабҳои аввалини тоҷикӣ дар Бухоро саҳми устод Айнӣ хеле калон аст. Фаъолияти ондавраина ва баъдинаи устод Айнӣ нишон медиҳад, ки ӯ дар баробари шоир ва донишманди даврон будан, яке аз аввалин омӯзгорони мактаби пешқадам, усули нави таълим, донандаи илми дин, таълифгари аввалин асарҳои педагогикаи навин буд. Мавсуф ҳамчун мударриси соҳибтаҷриба аз донишҳои динӣ бархӯрдор буда, асари «Заруриёти диния»-ро низ таълиф кардааст. Бо вуҷуди ин, ӯ дар осори худ бар зидди таассубу ҷаҳолат мубориза бурда, барои пешрафти Ватан, беҳбудии зиндагии мардум ва расидан ба сатҳи миллатҳои мутараққӣ пайваста талош меварзид.

Онҳо дар кори ба роҳ мондани усул ва қоидаҳои мактаби нав хеле азият кашиданд. Бо вуҷуди ин, бо пешниҳоди С. Айнӣ худи ӯ ба мактаби нави тоторҳо рафта, тарзи таълим ва барномаи онҳоро барои худ нусхабардорӣ карда, таълими онро дар мактаби худашон ба забони форсӣ-тоҷикӣ ба роҳ монданд. Мактаби нав баъди ним соли фаъолият аз санҷиши аввалин – имтиҳони савод бо муваффақият гузашт, толибилмон дар муддати кӯтоҳ савод бароварданд.

Дар рисолаи устод Айнӣ боби «Андешаҳо барои таъмини истиқболи мактаб» алоҳида буда, дар он муаллиф андешаву омол ва чорабиниҳои худу шариконашро барои беҳбуд бахшидани мактабашон баён кардааст. Мулоҳизаҳои устод дар бораи мактаби аввалини усули нав он таҷрибаест, ки худ ҳосил кардааст. Онҳо ният карданд, тобистон таътил накарда, «баъд аз омӯзиши 5-6-моҳа дониши онҳоро ба халқ манзур» [196, с. 280] намоянд. Аз ҷиҳати муаллим ва китоби дарсӣ танқисӣ мекашиданд. Барои омода кардани китобҳои дарсӣ байни худ ҷамъияте бо номи «Ширкати Бухорои шариф»-ро ташкил карданд, ки аъзои он 8 нафар: Аҳмадҷон-махдум, Аминҷон-махдум, Ҳомидхоҷа, Мулло Низоми Собитӣ, Абдураҳмон Саидӣ, Мирзо бо 7 сӯмӣ ва Мирзо Абдулвоҳид ва Садриддин Айнӣ бо 14 сӯмӣ буда, ҷамъ, 77 сӯм аъзоҳаққӣ доштанд. Нахуст қарор дода шуд, китоби «Тартилу-л-Қуръон»-ро нашр кунонанд, ки аз рӯйи қоида дуруст хондани Қуръонро меомӯзонад.

Абдураҳмон Саидӣ вақти таътил онро ба Россия бурда, дар матбааи рӯзномаи «Вақт» ба теъдоди ду ҳазор нусха чоп карда овард, ки нахустин китоби дарсии мактаби усули нави тоҷикӣ дар Бухоро буд. Аз ин пештар танҳо дар Самарқанд барои мактабҳои усули нав китобҳои дарсӣ чоп шуда буданд. Хароҷоти китоби мазкур 79 сӯму 67 тин шуд, ки аз аъзоҳаққии ҷамъшуда каме зиёдтар буд. Ғайр аз ин, бисёр дӯстон, равшанфикрон, шогирдони мустаид барои кумак расонидан ба кори мактаб омода буданашонро изҳор карданд. Баъд аз ин, устод Айнӣ ҳамон соли 1908 дар моҳи май ба мактаби дар Самарқанд кушодаи Шакурӣ рафта, бо корашон ва рафти имтиҳонашон ошно шуд, баъд аз ин дӯстию рафоқати устод Айнӣ бо Шакурӣ мустаҳкам гардида, то охир идома ёфт. Дӯсти устод Айнӣ, шарикаш дар кори ташкили мактаб Мирзо Абдулвоҳид бештари кори мактабро ба зимма гирифта буд (зеро тобистон Айнӣ муддате ба бемории ришта гирифтор шуд), ҳамчунин, як кори хайрро ҳам ба зимма гирифт, ки шабона барои калонсолон, рӯзе ду-се соат таълим дода, дар 40-50 рӯз саводи онҳоро баровард. Вақте ки мактаби усули нав, аз ҷумла, мактаби Айнӣ ва шариконаш кӯдаконро дар муддати кӯтоҳ саводнок кард, он байни халқ ҳамчун «сеҳру эъҷоз» маълум гардид. Устод бо шодмонӣ аз ин ҳодиса ёдовар шудааст: «Баъд аз ин мардуми Бухоро ба мактаби нав хеле ихлосманд шуданд. (Савод баровардани калонсолон имрӯзҳо кори хеле одӣ менамояд, лекин дар он замон барои мардуми Бухоро хеле аҷиб буд)» [47, с. 426].

Сипас устод дар бораи вазъи уламо ва кайфияти ҳоли онҳо дар соли 1908 сухан ба миён гузошта, онҳоро «арбобони бузурги ҳукумат» номидааст, зеро ҳалли тамоми масъалаҳо дар зиммаи онҳо буда, агар вазъи онҳо омӯхта нашавад, сабабҳои ҳақиқии фитнаву фасодҳои он рӯзҳоро дуруст фаҳмидан имкон надошт. Аз мисолҳои овардаи устод Айнӣ бесамар гузаштани дарси мадрасаҳо, танҳо бо ҳошияхонӣ машғул шудани талабагон, бесаводии муллову қозиҳо маълум мегардад. Вақтҳои охир беаҳаммиятӣ ба андозае расида буд, ки котибон ва муҳаррирони махсус бо коғазҳои холии муҳрдошта ба қозихонаҳо гашта, фатвои шифоӣ гуфтаи қозиро ба он навишта дода, ҳаққашонро гирифта мерафтанд. Сатрҳои зерин аз нигоҳи сиёсӣ ва иҷтимоии устод Айнӣ дар он

даврон дарак медиҳад: «Инсоф кунед, дар шаҳре, ки ҷадвали дарс ба ин аҳвол, ахлоқи уламо ба ин дараҷа вайрон буда, талабаҳо дар дасти ин уламо тарбия меёфта бошанд ва машғул шудан бо дарсҳои ҳақиқии диниро ор донанд, дар шароите, ки аз номи ин қонуни дин, ки онро намедонанд ва аз он ор мекунанд, ба ҳар кор мудохила намоянд, дар шароите, ки мардуми авом ба ин гуна касон ҳамчун ҳомии шариат ва ҳомии дин эътиқод дошта бошад, арбоби ҳукумат ба инҳо ҳомӣ, балки тобеъ бошанд, аҳволи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва сиёсии чунин шаҳр дар чӣ аҳвол буда метавонад? Чӣ бозиҳое, ки аз номи шариат намекарданд!» [47, с. 428]. Ин ҷо мурод аз «шаҳр» тамоми мамлакат дар назар аст.

Бехабарии амирони Бухоро аз умури сиёсии ҷаҳон яке аз мавзуъҳои асосии мулоҳизаҳои устод Айнӣ аст. Мавсуф аз хостаҳои сиёсии Россияву Англия бехабар будан ва ҳатто хоҳиши донистан ҳам накардани амирони Бухороро мисол оварда, оқибати онро нишон додааст. «Ба гуфтани бехабарии ин гуна касон аз таърихи олам, аз сиёсати дунё, тадбири манзил, тарбияи авлод, аз маданияти ислом ва Аврупо ҳоҷате нест» [47, с. 428]. Аз амир Музаффар мисол оварда, қайд кардааст, ки баъд аз оштӣ бо давлати рус барои раҳоӣ аз шарру фитнаи умаро маъракаҳои зиёди дуохонӣ ташкил карда, бо ин онҳоро ба худ гарм кардан хост. Амир Абдулаҳад ҳалли тамоми корҳоро ба қозӣ Бадриддин супорид. Ба қавли устод Айнӣ, ин қозӣ то андозае аз матбуот ва адабиёти нав бохабар, марди аз сиёсати дунё як дараҷа огоҳе буд. «Истибдоди худ ва зулми амирро чунонки бояд, муҳофиза карда истода, ба риоя кардани тарафи матбуот ва газетаҳо низ як дараҷа маҷбурият ҳис мекард» [47, с. 429]. Аммо писари вай Бурҳониддин, ки то ин вақт раиси Бухоро буд, хислати тамоман муқобили падарашро дошт. Ӯ «ба тамаллуқ ва хушомадгӯӣ муллоҳоро ба атрофи худ ҷамъ карда, ба муқобили қозӣ Бақохоҷа ба осонӣ шӯр барангехта» [47, с. 429] ба мансаби қозикалонӣ расида тавонист. Охири кори амир Абдулаҳад тибқи баҳои сиёсии устод Айнӣ чунин буд: «Дар чунин давра, ки уламо аз истибдоди қозӣ Бадриддин халос шуда, дар ҳаракатҳои худсарона озод, қозикалон бо тамаллуқ ва мудоҳина ба уламо саргаранг, Остонақул барои ҳифзи мансаб ва мартабаи худ дар талвоса ва дар роҳи расидан ба мансаби қӯшбегӣ дар талош,

Мирзо Насруллоҳ ва Бурҳониддин ба муқобили қӯшбегӣ ва қозикалон (*Бақохоҷа- Э.С.*) саргарми барангехтани иғво ва фитнаҳо, амир Абдулаҳад бошад, мамлакат ва давлатро ба дасти ин ду гурӯҳи ба якдигар мухолиф супорида, дар Россия дар шаҳри Ялта машғули кайфу сафо буд, ки дар Бухоро низои ҷадиду қадим бархост» [47, с. 431].

Ногуфта намонад, ки қӯшбегӣ Остонақул ба Россия сафарҳо карда, «аз мутафаккирони ислом дар хусуси мактаб ва маданият тавсияҳо шунида буд» [34, с. 431]. Бо вуҷуди ин, аз тарси душманонаш ошкор ба масъала дахолат карда натавонист. Ин ҷо устод Айнӣ дар бораи домулло Икром, ки шахси огоҳ, донишманд ва тарафдори мактаби нав буд, ҳарф изҳор карда, чанд сабаби ба ӯ душманӣ кардани муллоҳоро баён кардааст, ки яке аз онҳо ошкоргӯии домулло Икром ва дониши зиёду ҷаҳонбинии васеи ӯ буд, дигар зид будани домулло ба хариду фурӯши ҳуҷраҳои мадраса, ин корро бинобар вақф будани ҳуҷраҳо ҳаром меҳисобид.

Дар чунин як шароити душвору буғранҷ дар мактаби усули нави Мирзо Абдулвоҳид ва устод Айнӣ соли 1909 маҷлиси имтиҳони кушодаи умумӣ баргузор гардид. Ба он волидони хонандагон, равшанфикрон, тамошобинони дигар омада буданд. Одамони қӯшбегӣ ҳам ҳузур доштанд, домулло Икром ҳамчун падари хонанда ва Абдулқодир Шакурӣ ҳамчун меҳмон аз шаҳри Самарқанд омада буданд. Домулло Икром чунин муроҷиат кард: «Бародарон, дар андак фурсат ин қадар чизҳои даркориро омӯхтани бачагонро ба чашми худ дидем. Ман ин мактабро ба шариат мувофиқ ва ба мусулмонон нофеъ мешуморам» [47, с. 434]. Имтиҳон хуб гузашт, ҳозирон аз дониши хонандагон ба ваҷд омаданд ва ташкили чунин мактабҳоро зарур шумориданд. Ин ҷо боз ибораи «инқилоби фикрӣ» дар қайди устод Айнӣ истифода шуда, як пири ҳаштодсола чунин ҳарфҳоро ба забон овардааст: «Ман умед дорам, ки то даҳ сол дар Бухоро инқилоб мешавад. Авлоди ватан аз разолат ва сафолатҳои имрӯза раҳоӣ меёбанд. Афсӯс, ки ман он рӯзҳоро нахоҳам дид» [47, с. 435]. Пешбинии ӯ дуруст баромад, устод Айнӣ низ чунин шарҳ додааст.

Душманони мактаби усули нав ба по хестанд. «Қушбегӣ Остонақул ва қозикалон Бақохоҷа, ки тарафдори мактаб буданд, ба ҳуҷуми уламо ҳеч тоб оварда намеатвонистанд. Дар ин маврид, домулло Икром қаҳрамонӣ карда, ба ҳалол будани мактаб фатво навишта, муҳр зад» [47, с. 437]. Ниҳоят, қушбегӣ ва қозикалон фармони бастани мактаби Мирзо Абдулвоҳидро баровarданд. Устод бо эҳсоси баланд дар ин бора сухан ронда, манфиатҳои мактаби навро зикр ва душманони онро фош кардааст. «Аҷаб мукофоте ба ҷойи шукронаи неъмат!!! Касе ёфт нашуд, ки ба муқобили ин гурӯҳи бадкор баромада, ба овози баланд ҳуқуқи худро мудофиа карда тавонад! Оё барои як миллат аз ин зиёдтар хорию забунӣ мешавад?!» [47, с. 438]. Устод Айнӣ иброз доштааст, ки муқобилони мактаби усули нав бо тарафдорони он рӯйирост муқобалаву мунозира карда наметавонистанд, гапашон фақат якто буд: «ҳаром ва бидъат». «Фақат бо домулло Икром ду мунозира, бо худи ман як мусоҳиба ва бо мулло Низом Собитӣ як муҷодала шуд» [47, с. 442] ва нависанда ҳар се маҷлиси мубоҳасаро муфассал нақл кардааст, ки дар онҳо муқобилони мактаби нав шикаст хӯрдаанд. Устод Айнӣ, аз ҷумла, мусоҳибаи худро бо муллои дараҷаи аввал Ғиёс-махдуми аълам, ки бо ӯ шиноси наздик буд, намуна овардааст. Вақте Айнӣ манфиатҳои мактаби усули нав, дар он таълим додани худ ва Мирзо Абдулвоҳидро бори дигар нақл кардааст, ӯ мегӯяд: «Ба ту дарди сар чӣ даркор? Савод дорӣ, фазл дорӣ, қозӣ шав, раис шав, хок бар сари мактаб!» [47, с. 442]. Аммо Айнӣ бо самимияти хос ҷавоб додааст: «Дилам мехоҳад, ки чанд рӯзе дар ин маслак бошам, ба авлоди ватан ва фарзандони мусулмон чизҳои динӣ ва дунявиро омӯзам» [47, с. 442]. Аз ин ҷавоб ба дараҷаи саводи сиёсӣ ва инқилобии Айнӣ баҳо додан имкон дорад.

Масъалаҳои мактаб, қадим ва ҷадид, ислоҳотхоҳон оқибат ба оғози фитна ва муддате хомӯш гардидани чароғи маърифат дар Бухоро анҷомид. Устод Айнӣ омилони ин фитнаро низ номбар кардааст, ки аз байни уламо буданд. Онҳо ба муқобили мактаби нав фатво навишта, ба бастани он муваффақ шуданд.

Оид ба сиёсати онвақтаи намояндагони Россия нисбат ба мардуми Бухоро низ устод Айнӣ баъзе масъалаҳоро равшан карда, зикр намудааст, ки онҳо худро бомаданият гиранд ҳам, «дар корҳои оид ба маданият манфиати бухороиёнро риоя намекарданд… Чунончи, дар масъалаи мактаб барин масъалаҳои асосии маданият ҳимоя он тараф истад, ҳатто садҳо бозии сиёсӣ бароварда, дар зери доман монеаҳо ба вуҷуд меоварданд. Хусусан, дар масъалаи бо мактаби тоторҳо дар як ҷо дарс хондани туркистониён асло ризогӣ намедоданд… Дар масъалаи мактаби бухороиён элчихона ҳимоя не, балки агар ҳақиқатан рӯйи ризо нишон медод, мактаб баста намешуд ва бухороиён аз хондану хонондан маҳрум намегардиданд. Ин муддаиёни маданият, агар аз фуқарои Бухоро касе ҷинояте карда, ба онҳо паноҳ барад, аз номи маданият ва инсоният ӯро ҳимоя мекарданд, аммо дар масъалаи мактаб барин корҳо ба истиқлоли Бухоро гӯё камокон риоя карда, бетараф меистоданд, на барои чашмбандӣ ва фиреб додани матбуот дар ин қабил корҳо тамоми масъулиятро ба ҳукумати Бухоро мепартофтанд» [47, с. 443-444]. Дар ин иқтибос аз чанд масъала огоҳ шуда, ба хулосаи сиёсӣ метавон омад: якум, дар корҳои маданияту маориф мардуми Бухороро ҳимоя накардани давлати рус; дуюм, ба мактаби тоторҳо роҳ надодани бачагони халқи Бухоро. Ин ҷо ёдовар бояд шуд, ки аз ҳуҷҷатҳои солҳои охир бадастомада маълум гардид, ки генерал-губернатор ва нозири маорифи Туркистони Россия низ бо як фармон дар мактабҳои маҳаллии кишвар таълим додани тоторҳоро манъ карда буд, то толибилмони маҳаллиро ба роҳи бад набаранд. Бо чунин сиёсат айбро ба гардани ҳукумати Бухоро партофта, худро хуб нишон доданӣ мешуданд. Устод Айнӣ дуруст зикр кардааст, ки ин амалҳои русҳо барои ҷалб кардани мардуми Бухоро ба худ ва тайёрӣ ба ҳамроҳ кардани он ба ҳисоб мерафт.

Фалокати дигар низои шиаву суннӣ (соли 1910) буд, ки низ аз ҷониби уламои ифротӣ сар зад. Ба фоҷиаи мазкур устод Айнӣ саҳифаҳои зиёди рисоларо бахшида, рафти онро муфассал ва муназзам баён кардааст. Фоҷиаи навбатии ба сари Бухоро омада ба фоидаи генерали Россия низ шуд, ӯ «илҳоқи онро ба Россия омода кардан мехост» [47, с. 455]. Ҳамин тавр ҳам буд, зеро дар

ҳамон вақт «дар масъалаҳои сиёсати дохилӣ низ амир бояд ба Агентии сиёсии Россия, ки моҳи январи соли 1886 дар Бухорои нав (Когон) ташкил шуда буд, ҳисобот медод» [96, с. 19]. Ин аст, ки бо истифодаи ҷанҷоли шиаву суннӣ низ генерали рус муддате асокирашро ба Бухоро даровара, хеле харобиҳо ба мардум расонид.

Аз фоҷеаи шиаву суннӣ, ки дар онҳо даҳҳо одами бегуноҳ кушта шуд, устод Айнӣ хулосаҳои сиёсӣ баровардааст. Устод Айнӣ эҳсосоти ғамангези худро дар охир бо шеър баён кардааст:

*Чун вазид имрӯз боди бениёзии Худо,*
*Дар Бухоро бурд аз пиру ҷавон сабру қарор.*
*Фитнае афтод, зоил гашт аз танҳо шикеб,*
*Вақъае сар зад, ки берун кард аз ҷонҳо димор…*
*То ба чандин рехтан хуни бародар ҷойи об?*
*То куҷоҳо кӯфтан бар фарқи модар ҷойи мор?*
*Худкушӣ баҳри чӣ? Аз бегонагон дорем шарм,*
*Дӯстозорӣ чаро? Аз душманон дорем ор!* [47, с. 457].

Баъди чунин воқеаҳои фалокатбор дар оғози даҳаи дуюми асри бист бори аввал муаллиф як бобро бо номи «Ташкили фирқаи ҷадид ё ҷавонбухороиён ва программаи нонавишта» ба масъалаҳои сиёсӣ бахшидааст. Сухан дар бораи «фирқа» ва мулоҳиза рондан дар бораи чӣ будани он худ аз масъалаи сиёсӣ дарак медиҳад. Ба қавли устод Айнӣ, кушода шудани мактаби нав, дар атрофи он ҷамъ шудани касонеро, ки бедории фикрӣ доштанд ва ба сари онҳо рехтани туҳмату лаънат аз тарафи уламо барои ба вуҷуд омадани мунавварфикрон ва ҷавонфикрони тозаи ҳамфикр ва ҳамдард сабаб шуда, он «гӯё ранги ҷамъиятеро гирифт. Инҳо ба як ҷо ҷамъ шуда, доир ба маслаки худ программа нанавишта бошанд ҳам, маслак ва маромашон ба ҳар кадом ва ба ҳамдигар маълум буд. Хулосаи программа ва маромномаи нонавишта тақрибан аз ин иборат буд» [47, с. 458]. Барнома ва маромномаи ҷамъияти ҷавонбухороиён дар оғози даҳаи дуюми асри XX дар ҳақиқат, навишта нашуда буд, ё навишта шуда бошад ҳам, маълум нест. Онҳоро устод Айнӣ дар 6 нуқта муфассал шарҳ додааст, ки мо

мухтасар меорем: 1) нест кардани беилмӣ ва бефикрӣ, разолати уламоро нишон додан, адабиёти нав ва матбуоти ҳаррӯзаро баровардан; 2) мубориза бо уламои иртиҷоӣ ва нишон додани разолати онҳо, кушода гардонидани фикри талабагон ва ислоҳи мадрасаҳо; 3) зулму фасоди мансабдоронро ошкор гуфтан, кушодани чашми деҳқонон ва фақирон, ҳимояи ҳуқуқи онҳо; 4) разолати амир ва атрофиёни он, ҳақ надоштани онҳоро ба исрофи хазинаи давлат ба халқ фаҳмондан, ба манфиати тамоми мардум истифода бурдани даромади давлат; 5) исроф ва бидъатҳои байни аҳолиро барҳам додан; 6) аз байн бурдани таассуб, низоъҳои мазҳабӣ, қавмӣ.

Чӣ тавре мушоҳида мешавад, аксар нуқтаҳо – нишон додани зулму фасоди амир ва табақаи боло, кушодани чашми деҳқонон, ҳақ надоштани подшоҳ ба хазинаи давлат амир ва атрофиёнаш аз ҷумлаи талабҳои сиёсӣ мебошанд, ки дар шароити зикршудаи амирӣ ҷиддӣ ба ҳисоб мераванд ва метавонанд ба табаддулоти сиёсӣ оварда расонанд. Зеро дар охир худи устод таъин кардааст, ки ҳамаи ин «барои амалӣ гардондани фикрҳои боло омода ва тайёр кардани афкори умумӣ»-ро дар назар дошт.

Дар идома муаллиф зикр кардааст, ки баъди воқеаҳои маълум – низои шиаву суннӣ, баста шудани мактабҳои усули нав ҷавонфикрон эҳсос карданд, ки ҳамаи ин аз тарзи идораи нодурусти ҳукумат будааст. Агар аҳвол ба ин минвол давом мекарда бошад, агар доираи давлатӣ ислоҳ ва танзим нагардад, агар мактабҳои ибтидоӣ зиёд шуда, илму дониш дар байни мардум паҳн нагардад, агар мадрасаҳо ислоҳ нашаванд, ҳаёти илмӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии Бухоро дар таҳлука аст» [47, с. 459]. Яке аз натиҷаҳои ҳамин муроҷиати шифоҳии ҷавонбухороиён буд, ки ба қавли устод Айнӣ баъди ин «дар андак фурсат шиа ва суннӣ чун бародар ҳамзист шуданд» [34, с. 460], фоҷиа дигар такрор нашуд. Азбаски ба ташкили чунин як ҷамъият нахуст мактаби усули нав (ҷадида) сабаб шуда буд, ин фирқаро «ҷадид» ё «ҷадидӣ» ном гузоштанд. «Азбаски маслаки ин фирқа тараққӣ ва пешрафт ва роҳбаронашон ҷавонон ва ҷавонфикрон буданд, онҳо худро «ҷавонбухороиён» (мисли ҷавонтуркон) меномиданд» [47, с. 459]. Ҳамин тавр, номи аввалин фирқа (ҳизб) бо номи

«ҷадидия» ё «ҷавонбухороиён» дар таърих сабт гардид. Аз ҷумлаи машҳуртарини шахсиятҳои он устод Айнӣ Абдулвоҳиди Мунзим, Мирзо Муҳиддин ва писаронаш Мирзо Изом ва Мирзо Абдулқодир, Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ва бисёр дигаронро ном бурда, дар охир ба тарзи хоксорона илова кардааст: «Яке аз онҳое, ки ба ҳамаи ин корҳо мубошир шуда мегашт, нависандаи ин сатрҳо Садриддин Айнӣ буд» [47, с. 460].

Устод Айнӣ дар ин давра аз саҳми худ дар пешрафти маорифу маданияти Бухоро аз чопи китоби дарсии хеш «Таҳсибу-с-сибён» (соли 1910) ёдовар шудааст. Чӣ тавре ки собит гардид, устод Айнӣ аз сару кори ҳизбӣ ва сиёсӣ дур намонда буд. Муаллиф аз байни уламо, аҳолӣ, сипоҳ ва талабагон низ бисёр касонро ном бурдааст, ки ба ҷавонбухороиён ҳамфикр буданд, чун муфтӣ домулло Икром, қозӣ Абдусамадхоҷа, қозӣ Шарифҷон-махдум, Порсохоҷа, Мирзо Пӯлод, ҳоҷӣ Сироҷиддин ва ғайра.

Дар баробари ин, ҷавонбухороиён ва бисёр мардуми Бухоро аз мазмун ва муҳтавои рӯзномаҳои мусулмонии хориҷа бохабар буданд ва ҳатто бо онҳо ҳамкорӣ доштанд, ки сабаби боз ҳам кушода шудани чашми мардум мегашт. Яке аз чунин нашрияҳо рӯзномаи «Вақт» буд, ки дар Россия ба чоп мерасид. Мухбири он Бурҳон Шараф ба Бухоро омада, дар чанд шумора мақолаи муфассал бо номи «Мактубҳо аз Бухоро» нашр кунонд. Аз ҷумла, дар он омадааст: «Дар идораи давлати хонияи Бухоро ба маъмурон ва тӯраҳо вазифа – моҳона дода намешавад, балки маъмурон худашон ба болоиҳо пул дода меистанд…, дар андозу гирифт ҳеч як қонуни навишта ва қоидаи маъмуле нест, аз ҳар кас ҳар қадар рӯёнда тавонанд, ҳамон қадар меситонанд… Воридот ва масорифи ҳукумат ҳисоби муайяне надорад ва бино бар ин, пул ба дасти ҳар кӣ афтад, дар дасти вай мемонад» («Вақт», соли 1910, феврал, шумораи 574)» [47, с. 461]. Муаллиф норасоиҳои ҷиддии ҳукумати Бухороро дар кори идоракунӣ ва молиёт ошкоро изҳор кардааст. Аз инҳо илҳом гирифта, аз худи Бухоро низ шахсоне пайдо шуданд, ки ба рӯзномаҳои хориҷа мактубҳо навишта фиристода, камбудиҳои Бухороро нишон медоданд ва роҳиислоҳи онҳоро пешниҳод

менамуданд. Яке аз мухбирони рӯзномаи зикршудаи «Вақт» нафаре бо имзои мустаор буд, ки минбаъд сирро он ба устод Айнӣ ошкор кардааст. Ӯ садри аввалини кумитаи иҷроияи марказии Бухоро Абдуқодир Муҳиддинов буд. Мавсуф дар яке аз мақолаҳояш, ки бо имзои «Бухороӣ» чоп мешуд, зикр кардааст: «Умуми аҳолӣ… аз дасти золимон халос шудан, ба ҷойи ҳукумати золим омадани ҳукумати одилеро бо хурсандӣ талаққӣ карда, барои аҳолӣ сабукиҳо, ислоҳоти умумӣ мешавад гуфта умедворанд…» [47, с. 462]. Дар охир муаллиф аз норозигии аҳолӣ истифода намуда, эҳтимоли аз тарафи давлати рус ишғол шудани Бухороро пешбинӣ кардааст, ки ин ҳолат ҳам баъди даҳ сол амалӣ гашт.

Муаллифони рӯзномаи зикршуда аз бенизом будани соҳаи молиёти ҳукумати Бухоро зиёд изҳори ташвиш мекарданд: «Тамоми ҳаракат ва муомилоти ҳукумат фақат вобаста ба ҳазрати амир аст» [47, с. 465]. Шояд таъсири он мақолаҳо буд, ки бо супориши ҳукумати Россия дар ҳамин вақт ба Бухоро як ҳайати тафтиш оид ба вазъи молиёти аморат омад. Мухбир «Бухороӣ» (А. Муҳиддинов дар назар аст – С. Э.) дар мақолаи дигараш ба ин масъала низ ишора карда, факту рақамҳои зиёд овардааст, ки маблағи андозҳо ба куҷо, аз ҷумла, «сиёҳчашмони Ялта», ки амир дар он ҷо ҳамасола ду бор истироҳат мекард, сарф шудааст. Аз номи мардум муроҷиат карда навиштааст: «Охир, ин пулҳоро барои чӣ аз мо мегиред? Мо чаро онҳоро ба шумо медиҳем? Шумо ба ғайр аз яғмо кардан ба чӣ ҳоҷати мо даркоред?! Шумо киву мо кӣ?!» Ва ниҳоят ба хулоса омадааст: «Бухоро як давраи инқилоби бузург ва замони таҳлукадоре аз сар мегузаронад» [47, с. 465]. Дар мақолаи дигари «Бухороӣ» оҳанги муроҷиат боз ҳам шадидтар аст: «Ҷамъияти хурди шумо, ки аз намояндагони синфҳои гуногун ташкил ёфтааст, ба умедвории ман як дараҷа қувват мебахшад. Бародарон! Аз хаёлҳои баланду боло гузашта, ба сари кор биёем. Иттиҳодияҳо, мубодилаи афкор ва мусоҳибаҳо тартиб бидиҳем… Барои танвири афкор ва ислоҳи аҳволи миллат рисолаҳои хурд-хурд навишта паҳн кунем, ба нашриёти хурде оғоз намоем, ки раҳнамои роҳи рост бошанд» [47, с. 467]. Дар мақолаи баъдинааш муаллиф навиштааст: «Масъули ин аҳвол ва ин

ҷаҳолати мо кист, сабагори инҳо киёнанд? Бе ҳеч шубҳа, аввал уламо ва баъд арбоби ҳукумат. Фоидаи арбоби ҳукуматамон аз ин аҳволи мо, аз нодониямон истифода карда, моро чун гӯсфанд нигоҳ доштан ва ба даст овардани манфиати шахсии худашон мебошад. Вале ин аҳвол дер намепояд, зеро биное, ки дар асоси ҷаҳолату ғафлат сохта шудааст, эҳтимоли бақои дуру дароз надорад» [34, с. 468]. Дар мақола аз нақшаву омоли минбаъадаи тараққипарварони Бухоро ёдовар шуда, қайд кардааст, ки онҳо «ба кори судманди интишори газетаҳо ба қадри ҳол ғайрат доранд, ки ин боиси басо хурсандист» [47, с. 469]. Маълум мешавад, ки маҳз дар ҳамон сол – 1910 интишори рӯзномаҳои худӣ низ ба нақшаи ҷавонбухориён дохил шуда, ба туфайли он, баъди ду сол – 1912 рӯзнома «Бухорои шариф» ба нашр расид. Устод Айнӣ зикр кардааст, ки чопи силсилаи мақолаҳо дар бораи вазъи Бухоро дар «Вақт» 5-6 моҳ, аз моҳи феврал то июли соли 1910 давом кардааст.

Оид ба масъалаи нозуки сиёсӣ – муносибати сиёсии Россия ба давлати Бухоро дар даҳсоли дуюми асри бист устод Айнӣ мулоҳизаҳои худро дар боби алоҳида иброз доштааст. Барои роҳ кушодан ба ҳадафҳои сиёсии худ аз соли 1909 дар Бухоро бо ризоияти подшоҳ як ҳайати калони тафтишгарони рус чанд муддат корҳои амлокдорӣ ва мактабу маорифро санҷида баромаданд, дар ин роҳ ҳатто ба қавли устод Айнӣ «худашон ба фитна роҳ кушоданд. Тафтишгарони рус муайян карданд, ки аз 30 миллион сӯми даромадҳои ҳарсолаи давлат танҳо 2 миллион сӯм барои хароҷоти мансабдорони калон масраф шуда, боқимонда 28 миллион сӯм ба хазинаи шахсии подшоҳ мегузаштааст» [80, с. 33]. Муҳаққиқон дар натиҷаи омӯзиши ҳуҷҷатҳои даромаду хароҷоти онвақтаи аморат ба хулоса омаданд, ки «хароҷоти аҳли рикоби амир дар вақти сафарҳои ӯ ба вилоятҳои хонигариаш ба дӯши халқи заҳматкаш меафтид» [80, с. 34] ва инро устод Айнӣ низ дар рисолаи «Таърихи инқилоби Бухоро» бо мисолҳо нишон додааст. Албатта, мақомоти тафтишотии рус хоҳишманди ба фоидаи халқ сарф шудани ин маблағро надоштанд, онҳо, пеш аз ҳама, чӣ тавр худашон ба даст овардани ин маблағро фикр мекарданд. «Мақсади онҳо дар байни аҳолӣ ихтилоф андохтан, ба ҳама корҳо мудохила

кунонидани аҳолӣ ва баъди эътиқоди «дар зери дасти амир ислоҳи Бухоро мумкин нест» [80, с. 34]-ро дар афкори умумӣ қувват додан ва замина тайёр кардан ба илҳоқ буд. Барои ҳамин ҳам ӯ дар масъалаи замин уламоро ба майдон кашид ва масъалаи мактабро ба масъалаи ҳиҷоб омехта, таассуби уламоро, ки аз мактаб шубҳа дошт, боз ҳам афзунтар кард.

Вазъи сиёсӣ дар он вақт чунин буд, ки баъди омаду рафти сайёҳони зиёди рус ба ин кишвар «аксари матбуоти рус ба муносибате аз масъалаи Бухоро сухан ба миён оварда, аз илҳоқи ин кишвар ба Россия тарафдорӣ карда, инро барои ислоҳот ягона чора нишон медоданд. Вале матбуоти мусулмонӣ ва газетаҳои озодфикр бо вуҷуди он ки ислоҳоти Бухороро аз ҳукумати рус интизор доштанд, на бо роҳи илҳоқ, балки бо роҳи тавсияҳои ҷиддии хайрхоҳона… маслиҳат медонистанд» [47, с. 470]. Маҳз баъди чунин кӯшишу пешниҳодҳо, чӣ тавре ки пештар изҳор шуд, ҳайатҳои тафтишӣ ва шиносоӣ дар солҳои 1909-1910 ду маротиба ба кишвар сафар карда, маълумот ҷамъ карданд, ки боре ҳайати яке аз гурӯҳҳо аз 50 нафар иборат буд. Дар он солҳо ҳадафи давлати рус чӣ буд? Оё онҳо дар Бухорои мустақил гузаронидани ислоҳотро мехостанд? Маълум мешавад, ки не. Онҳо мехостанд, ки аввал Бухороро ба ҳайати Россия ҳамроҳ кунанд, баъд агар тавонанд ба ислоҳ даст зананд. Дар ин маврид, нигоҳи устод Айнӣ, ки камоли фаҳмиши сиёсии ӯ мебошад, чунин аст: «Онҳо ҳам дар зери дасти амир монда ислоҳ шудани Бухороро намехостанд. Мақсади онҳо дар байни аҳолӣ ихтилоф андохтан, ба ҳама корҳо мудохила кунонидани аҳолӣ ва баъд эътиқоди «дар зери дасти амир ислоҳи Бухоро мумкин нест»-ро дар афкори умумӣ қувват додан ва замина тайёр кардан ба илҳоқ (*ҳамроҳкунӣ ё ба зӯрӣ ё ба хоҳиш – С. Э.*) буд. Бо ин мақсад, ӯ дар масъалаи замин уламоро ба майдон кашид ва масъалаи мактабро ба масъалаи ҳиҷоб омехта, таассуби уламоро, ки аз мактаб шубҳа дошт, боз ҳам афзунтар кард» [47, с. 472]. Заковат, дониши сиёсӣ ва ҷаҳонбинии васеи устод Айнӣ аз суханҳои дар боло овардаи ӯ маълум мегардад. С. Айнӣ мулоҳизаи хешро чунин идома додааст: «Агар ҳукумати Россия ҳақиқатан ислоҳоти Бухороро мехост, ба ҳукумати Бухоро лоиҳае тақдим намуда, барои тақдими он амри

қатъӣ талаб карда метавонист, ҳатто барои ҳал шудани масъалаи ислоҳот як тавсияи ҷиддии он ҳам кифоя буд» [47, с. 472]. Яъне, давлати Бухоро дар ҳамон вақт аз ҳар пешниҳоди Россия рӯй намегардонд, аммо Россия ин корро ба қафо партофт, то замоне ки ин кишварро ба худ ҳамроҳ кунад.

Чӣ тавре ки дар боло дидем, назар ва мулоҳизаҳои дурандешонаи устод Айнӣ дар бораи муносибати Россия ба масъалаи фалокатбори Бухоро ва худи тараққипарварони Бухоро чунин буд, ки доираҳои сиёсӣ ва ҳарбии русҳо бар ин буданд, ки аввал масъалаи илҳоқи ин кишвар ба Россия ҳал карда, баъд ба ислоҳот даст бояд зад, аммо мунавварфикрони Бухоро аз ҳукумати рус интизор доштанд Россия на бо роҳи илҳоқ, балки бо роҳи тавсияҳои ҷиддии хайрхоҳона кумак расонад. Зеро озодфикрони Осиёи Миёна озодӣ ва мустақилияти сиёсии кишварашонро дар ҷои аввал мешумориданд. Ин ду нуқтаи назар асоси зиддияти афкори сиёсии он давраро ташкил медод. «Агар ҳукумати Россия ҳақиқатан ислоҳоти Бухороро мехост, ба ҳукумати Бухоро лоиҳае тақдим намуда, барои татбиқи он амри қатъӣ талаб карда метавонист, ҳатто барои ҳал шудани масъалаи ислоҳот як тавсияи ҷиддии он ҳам кифоя буд» [34, с. 472]. Ҳамин тавр, доираи васеи сиёсатшиносии устод Айнӣ бори аввал масъалаи муносибати давлатдорони Россияро ошкор карда, дар он замон мавҷуд будани роҳи ҳалли дурусти масъаларо баён кард.

Дар саноат қафо мондани Осиёи Миёна айни муддаои Россия буд. Бо ҳар роҳ кӯшиш мекард, ин кишвар ҳамчун манбаи ашёи хом боқӣ монад. На танҳо дар саноат, балки дар фарҳангу маданият ҳам қафо бошад. Чунончи, генерал-губернатори Туркистон А. Самсонов навиштааст, ки дар Бохоро бояд завод сохта нашавад, зеро аввал роҳи оҳани Россия зарар мебинад, аз кашондани ҳамасола 11 миллион пуд пахта маҳрум мешавад, баъдан заводҳои пахтатозакунии маркази Россия бекор мемонанд» [80, с. 23-24]. Бо вуҷуди ин, буданд баъзе ашхосе, ки барои даромади бештар ба даст овардан дар Туркистону Бухоро ягон-ягон заводу фабрика месохтанд. Аз ҷумла, «аввалин заводи пахтатозакунии уезди Хуҷандро намояндаи буржуазияи маҳаллӣ М. Алибоев соли 1890 кушода буд» [11, с. 25]. Дар мавриди муносибат ба

коргарони маҳаллӣ низ корфармоёни рус ба сиёсати миллатгароӣ роҳ медоданд. «Музди коргарони миллатҳои маҳаллӣ аз музди коргарони рус 30-40% кам буд» [80, с. 27]. Губернатори ҳарбии вилояти Фарғона ба номи генерал-губернатори Туркистон рапорт навишта хоҳиш карда буд: «Муқаррар карда шавад, ки дар тамоми роҳҳои оҳан ба ҳамаи вазифаҳо русҳо таъин карда шаванд. Ин тадбире, ки ман таклифаш мекунам, ба фикрам гарави дахлнопазирии роҳҳои оҳан ва дар лаҳзаи душвор ба муқобили бадхоҳон такягоҳи боэътимоде хоҳад шуд» [80, с. 29]. Бадхоҳон гуфта, масъули сиёсии Россия озодфикрон, инқилобчиёни рус ва мунавварфикрони Бухорою Туркистонро дар назар дошт.

Андешаи сиёсии устод Айнӣ оид ба рафтору кирдори ҳокимони Бухоро ҷолиби диққат аст, ӯ онҳоро «махлуқи девонае» номидааст, ки ба ҳама чизи пешқадам, аз ҷумла, газетаву мактаб зид мебаромаданд ва барои расидан ба ҳадафи хеш аз уламо истифода мебурданд.

Вазъи сиёсии он давраро устод Айнӣ чунин шарҳ додааст, ки «кор ба дараҷае расида буд, ки бе ислоҳот ғайримумкин будани идораи мамлакат ба ҳама равшан буд» [47, с. 476]. Дар ин қатор амири нав Олимхон бо машварати атрофиёнаш гӯё ба номаш ислоҳот ва фармони онро баровард, аммо ҳамаи ин барои назарфиребӣ буд, ки аз он тағйироте ба амал наомад, баръакс вазъи буғранҷ аз пешина ҳам сахттар шуд: «Кӣ будани амир ва беасос будани фармон ба тамоми аҳли дарбор ва ба маъмурони дигар маълум шуд» [47, с. 479]. Дар мавриди вазъи зиндагии мардуми кӯҳистони Бухоро, аз ҷумла, Тоҷикистони имрӯза устод Айнӣ аз муҳоҷирати онҳо ба Фарғонаю Тошканду Самарқанд изҳори назар карда, қайд кардааст, ки дар бозгашт онҳо аз тарафи маъмурони амир боз тороҷ мешуданд: «Ин аҳвол дар кӯҳистони Бухоро ҳар рӯз воқеъ мегардид» [47, с. 482]. Ин ҳодисаи сиёсӣ ва иҷтимоиро баъдтар устод Айнӣ бо либоси бадеӣ дар қиссаи «Одина» хуб тасвир кард.

Дар ҳамин вазъият амир Абдулаҳад аз дунё гузашта, ба ҷояш Олимхон нишаст. Фарқи амир Абдулаҳадро аз писараш Олим устод Айнӣ дар он медонад, ки дар замони аввалӣ «зулм аз як даст ва ба фармони як нафар ба амал меомад» [34, с. 484], аммо писараш шахси «беирода», «бехабар» буда, дар

даврони ӯ «ҳар ҳоким, ҳар қозӣ, ҳар як аз аҳли дарбор… бар сари фуқарои фақир як ҳокими мутлақ, як омири мустабид шуда буданд» [47, с. 487]. Муҳаққиқи рус Д. Логофет, ки Бухоро ва амир Абдулаҳадро хуб медонист, қайд кардааст, ки «руҳониёни Бухоро фатво додаанд, ки ба амир ҳуқуқи зиндаву мурдаи фуқаро дода шудааст, ҳамчунин тамоми молу мулки онҳо аз они амир аст» [144, с. 232]. Дар баробари ин, устод Айнӣ хислатҳои маъмурони Бухороро таҳлил карда, баробари зикри хислатҳои бади онҳо ягон-ягон ҷиҳатҳои некашонро низ номбар кардааст. Аз ҷумла, оид ба Насруллоҳ-қушбегӣ таъкид кардааст: «Насруллоҳ-қӯшбегӣ беҳтарин марди даврони амир Олим буд!» [47, с. 490].

Яке аз аввалин ҳаракатҳои сиёсии ин давра ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол» буд, ки ба он устод Айнӣ ҳам аъзо шуд. Аломати сиёсии ҷамъият аз он иборат буд, ки аъзояш ҳамдигарро намешинохтанд ва пинҳонкорона амал мекарданд. Ҳарчанд «маромномаи ҷамъият фақат илмӣ буда, дар низомномаи он барои эҳтиёт «ҷамъият мутлақо ба сиёсат дахл намекунад» навишта шуда буд, аъзоёни ҷамъият халқро ба ислоҳоти умумӣ ташвиқ карда, фасодҳои тарзи идораи амирро фош намуда, аҳолиро бар зидди ин идораи золимона бармеангехтанд» [47, с. 490-491]. Ба фикри М. Шакурӣ, «Тарбияи атфол» асосан як созмони фарҳангӣ буда, фаъолияти густурдаи равшангарӣ дошт» [273, с. 22]. Қабул ба ҷамъият, роҳи таҳқиқи номзад хеле сахт буд. Хуллас, тартиби кори ҷамъият шакли сиёсиро гирифта буд. Корҳои анҷомдодаи ҷамъият аз ташвиқот (ба илму маориф, барҳам додани исроф, қиём ба муқобили ҳукумати амир) иборат буд. Яке аз тадбирҳои ҷамъият он буд, ки ба таври махфӣ домулло Икромро, ки амир ӯро ба туманҳои дигар ҳамчун қозӣ фиристода, аз пойтахт дур карда буд, баъди ду сол (1912) баргардонда овард. Бисёр шахсони доро ва пешқадам ба фаъолияти «Тарбияи атфол» кумаки молӣ мерасониданд ва дар пешрафти кори он саҳм гузоштанд. Онҳо «сари ҳар моҳ як маблағи муайян моҳона дода меистоданд» [47, с. 343]. Пеш аз ҳама, ба масъалаи маориф ва таълиму тарбия таваҷҷуҳ намудани озодфикрон ва ҷадидон маънои онро надошт, ки онҳо танҳо хусусияти маорифпарварӣ доштанд. Бисёр

муҳаққиқон, аз ҷумла, М. Шакурӣ тарафдори ин ақида ҳастанд ва аз аъзои ҷамъият ҷустани сиёсатро нодуруст меҳисобанд. Муҳаққиқони дигар, чун М. Абдуллозода қайд кардаанд, ки бисёр талаботҳои гузоштаи ҷавонбухориён хусусияти сиёсӣ доштанд: «Таҳлили сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити аморати Бухоро, дар оғози асри XX ҳама гуна навоварӣ, махсусан, дар масъалаҳои мактаб ва матбуот хусусияти пӯшида ва ошкори сиёсӣ пайдо мекард» [51, с. 75]. Ба андешаи мо, масъалаҳои маориф ва матбуот, ки озодфикрони ҷавони Бухоро дар асл ба таври ошкор ба миён бардоштанд, то андозае хусусияти пинҳонӣ ҳам дошт. Ин аст, ки бисёр муҳаққиқон, аз ҷумла, М. Шакурӣ фаъолияти онҳоро ҳамчун равшанфикрӣ талаққӣ кардаанд.

Дар адабиёти илмӣ мунавварфикронро ҷадид меномиданд. Ҳаракати мазкур аз тарафи таърихшиносон ва муҳаққиқони Шуравӣ, аз ҷумла, М. Бобохонов, Б. Ғафуров, А. Баҳоваддинов, З. Ш. Раҷабов, И. Муъминов, В. Ваҳҳобов, И. Брагинский ва дигарон ҳамчун ҷараёни иртиҷоӣ шинохта шуда буд. Муносибати манфӣ ба ҷадидон аз оғози солҳои сиюм шуруъ шуда буд. Бинобар ин, баъди ин устод Айнӣ низ дар бораи ҳаракати мазкур бо эҳтиёт сухан ронда, изҳори ақида кардааст. Танҳо дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон кӯшишҳои аввалини ба ҷадидон баҳои дуруст додан шуруъ шуд. Маҳз аз ин давра – оғози асри нав арзёбии фаъолияти ҷадидон ба роҳи дуруст ва воқеӣ даромад. Муҳаққиқони Ғарб чун С. А. Зенковский, Э. Оллуорт, Т. Раковски-Хармстоун, Э. Карер д Энкос, С. Беккер, Л. Тиллет, Ҷ. Уиллер низ фаъолияти ҷадидонро воқеънигорона таҳлил карда, онро ҳаракати пешқадам арзёбӣ карданд. Аз байни олимони тоҷик дар омӯзиши ҳадаф ва ғояҳои ҷадидон Н. Ғаффоров саҳми намоён гузоштааст. Сипас И. К. Усмонов ва Н. Б. Ҳотамов низ ба фаъолияти мусбати ҷадидон дар даҳсолаи дувуми асри бистум баҳои арзанда доданд. Аз байни адабиётшиносон ба масъалаҳои ҷадидон ва ҳаракати маорифпарварию равшанфикрӣ дар ин давра М. Шакурӣ, С. Табаров, Р. Ҳодизода, А. Маҳмадаминов, М. Раҷабӣ, М. Абдуллозода, П. Гулмурод таваҷҷуҳ намуданд. Муҳаққиқ Н. Ғаффоров, ки дар ин бора асарҳои зиёд навиштааст, қайд кардааст: «Имрӯз ғояҳои ҷадидон аз нав муҳим гаштааст, зеро

онҳо барои беҳтар, пурратар дарк кардани роҳи оянда, гирифтани дарс аз таҷрибаи онҳо дар мубориза барои маърифат ва дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеа кумак мерасонад» [89, с. 7]. Муҳаққиқ ба хулосаи дуруст омадааст, ки асари «Таърихи инқилоби Бухоро» сарчашмаи пурқимат ва таҳқиқоти аввалин дар бораи таърихи ҷадидияи Бухоро мебошад. Устод Айнӣ, ба қавли Н. Ғаффоров, дар ин асар маволиби пурқимматро оид ба марҳалаҳои алоҳидаи ҳаракати мазкур дар давраи солҳои 1908-1917, фаъолияти онҳо дар ташкили мактабҳои усули нав, нашрияҳо, ҳайат ва ҳадафҳои ҷамъияти пинҳонии «Тарбияи атфол» пешниҳод кардааст. Аз асарҳои илмии муҳаққиқ М. Абдуллозода низ ба фаъолияти ҷадидон дуруст шинос шудан имкон дорад: «Ба андешаи мо, ҷадидияти оғози асри XX идомаи марҳалаи аввалаи маорифпарварии нимаи дувуми асри XIX мебошад, ки хусусияти фарққунандааш аз шиносоӣ бо матбуоти халқҳои дигари мусулмон ва пайравӣ ба онҳо, мутолиа ва ҳамкорӣ бо онҳо ва кӯшиши таъсиси чунин як матбуот иборат аст» [51, с. 43]. Дар асари мазкур роҳи тайкардаи мунавварфикрони тоҷик, ки бо ҷадидон омада ҷамъбаст гардид, мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Чӣ тавре ки зикр шуд, фаъолияти ҷамъияти «Тарбияи атфол» пинҳонкорона буда, дар он шароити мушкил бисёр корҳои муҳимро ба ҷо овард. Корҳои анҷомдодаи ҷамъиятро устод Айнӣ ба се қисм ҷудо кардааст: 1) ***Ташвиқот,*** ки он низ ба се қисм ҷудо мешавад: илму маориф, ташвиқот барои барҳам додани исрофкорӣ ва урфу одатҳои зиёновар, қиём ба муқобили ҳукумати амир. Ин қисмат аҳаммияти сиёсӣ дошта, аъзои ҷамъият бо роҳи фош кардани кирдорҳои золимонаю нодурусти амир, вазир, қозӣ ва ҳокимон, муллоҳои ҷоҳил афкори мардуми одиро ба қиём омода мекарданд. Барои ин ба таври пинҳонӣ ба байни халқ рафта, ҳатто ба ҷамъомадҳои калоншавандагон роҳ ёфта, ҳамфикрони худро ба баъзе мансабҳо даровварда, маълумот ҷамъ карда, бо ин нуфузи сиёсӣ ба даст меоварданд. 2) ***Маориф***. Соли таҳсили 1911 шумораи талабагони ба хориҷ барои идомаи хондан фиристодашуда ба 15 ва соли 1914 ба 30 нафар расид. Харҷи бештари онҳо ба зиммаи ҷамъият буд. Баъди баста шудани мактабҳои ошкори усули нав дар Бухоро дар хонаи

Мукаммил-махдум ба таври махфӣ ягона мактаб амал мекард, ки ҷамъияти «Тарбияи атфол» ҳар моҳ онро бо маблағи муайян таъмин мекард. 3) ***Муносибати ҷамъият бо талабагони Истанбул***. Чунонки ҷамъияти «Тарбияи атфол» пинҳонӣ амал мекард, бо шогирдони худ дар Туркия низ муносибати бевосита ва ошкор надошт. Фақат як-ду нафар бо ишора ва рамзҳои барои худашон муайян алоқа барқарор карда, корҳоро ба роҳ мемонданд. Дар Истанбул ҷамъияти расмӣ ва ошкори онҳо бо номи дигар – «Ҷамъияти нашри маорифи Бухоро» амал мекард, ки муассисонаш Фитрат, Муқимбек, Содиқи Ашӯрзода буда, ба онҳо Абдуазиз ном шахси ғулҷагӣ ёрӣ мерасонд. Ин ҷамъият ба ҳукумати Туркия муроҷиат карда, барои талабагон ҷойи таҳсил ва манзил меёфт, онҳоро ба хондан омода мекард. Устод Айнӣ қайд кардааст: «Чун Олимҷон Идрисӣ ва Абдулазизи Ғулҷаӣ дар ин ҷамъият хидматҳои муҳим кардаанд, номи онҳо ба ҷой гирифтан дар таърихи инқилоби Бухоро сазовор аст» [47, с. 495]. Дар ин ҷо устод аз хизматҳои Абдурауф Фитрат дар ин ҷамъият, умуман, таълифи асарҳои муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва тарбиявӣ сухан ба миён гузошта, шаш асари ӯро номбар карда, дар бораи онҳо маълумот додааст.

Тадбири дигари муҳимми ҷавонони озодфикр он буд, ки бо роҳбарии Мирзо Муҳиддин дар соли 1912 ширкате ташкил карда, хароҷоти рӯзномаҳои «Бухорои шариф» ва «Тӯрон»-ро, ки ба муфлисӣ рӯ ниҳода буд, ба зимма гирифтанд. Баъди нашри ин рӯзномаҳо афкори сиёсии зиёиён ҳам дигар шудан гирифт, «дар тасаввури хонандагон фикрҳои дигар пайдо шудан гирифт» [47, с. 503]. Ин фикрҳои дигар аз чӣ иборатанд, устод шарҳ нadодааст, аммо маълум аст, ки ин фикрҳо иҷтимоию сиёсӣ буда, ба табъи ҳукуматдорон ва сафорати Россия маъқул набуд. Дар саҳифаҳое, ки сухан дар бораи ин рӯзномаҳои аввалин меравад, услуби иншои Айнӣ, ки то ин вақт публитсистӣ ва ахборӣ буд, то андозае дигар мешавад, акнун «ӯ бо ҳаяҷон, бо калимаву ибораҳои обдору хушоҳанг суханронӣ мекунад» [210, с. 45]. Ба ҷумлаҳои зер нигаред: «Маслаки муҳаррирон ба таври хулоса ба дасти хонандагон додани чароғе буд. Бо рӯшноии ин чароғ ёфтани роҳи оянда ба худи хонанда ҳавола мешуд… Ин

ду ниҳол, ки акнун ба мева додан даромада буданд, бо табари зулму истибдод аз боғчаи халқ решакан шуданд» [47, с. 503-504]. Дар ин калимаю ибораҳои ташбеҳӣ, истиоравӣ чун чароғ, ниҳол, мева, табари зулму истибдод, боғчаи халқ, решакан истифода шудаанд, ки то ба ин вақт ба назар намерасиданд. Ҳамчунин, устод Айнӣ дар ин қисмати рисолаи публитсистии «Таърихи инқилоби Бухоро» шеъри худро аз таассуроташ аз баста шудани ин рӯзномаҳо ҷой додааст: «Эй тарҷумаи ҳоли дил, эй сафҳаи «Тӯрон», Ту маҳв шудӣ, монд ба дил доғи фаровон» [47, с. 504].

Аз соли 1913 – аввали соли 1914 вазъи сиёсӣ то андозае мусоид гашта, мактабҳои нав, ширкатҳои «Кутубхонаи маърифат» ва «Ширкати баракат» ба таври расмӣ ба фаъолият пардохта, то андозае дар боз гаштани чашми мардум саҳм гузоштанд. Аз моҳи майи соли 1914 ҳуҷум ба муқобили мактабҳо аз нав шуруъ шуда, дар моҳи июл бо роҳҳои сиёсӣ – кумаки элчихонаи рус онҳоро бастанд. Монанд ба соли 1910 дар соли 1914 низ иртиҷоиён бекор наистоданд. Масъалаҳои мактаби нав ва ҷанҷоли мазҳабии шиа ва суннӣ дар ҷойи аввал меистод. Дар робита ба низои мазҳабии шиаву суннӣ Айнӣ ва гурӯҳе аз маорифпарварон моҳияти воқеаро дуруст дарк карда, ба хулоса омаданд, ки ин мунокиша аз ҷониби намояндагони ҳар ду мазҳаб ва бо дастури маъмурони махфии ҳукумати подшоҳии Россия барангехта шудааст. Чӣ тавре ки муҳаққиқони дигар дар мавриди сиёсати Россияи подшоҳӣ дар даҳсолаҳои аввали асри XX зикр кардаанд, «ҳарчанд Бухоро расман давлати мустақил ба шумор мерафт, ҳеч кореро бе маслиҳати намояндаи ҳукумати Россия, ки дар Когон – Бухорои нав менишаст, карда наметавонист» [283, с. 52]. Ин аст, ки ҷанҷоли навбатии шиаву суннӣ низ кори дасти онҳо ё ҳадди ақал бо мусоидати онҳо ба роҳ монда шуда буд.

Дар ҳамин давра масъалаи ислоҳоти иқтисодӣ аз нав бардошта шуда, ин бор ба он вакилони рус ҳамроҳ шуданд, ба таври қатъӣ масъалаи бо маош таъмин намудани маъмурон, ислоҳи кори қозихонаҳо, ба онҳо маош дода, манъи пулгирии онҳо аз аҳолӣ, ислоҳи кори хироҷу андозро ба миён гузоштанд. Ин талабҳо ҳам «ба таври масхараомез» (ба қавли устод Айнӣ) анҷом пазируфт.

Зеро он замон дар Бухоро ҳам мансабҳоро кушоду равшан мехариданду мефурӯхтанд.

Дар масъалаи сиёсӣ устод Айнӣ мақсад ва ғояи маъмурони русро дар Бухоро аз ин иборат донистааст: ба ҷо овардани манфиати хеш, қувва ва нуфузи худро нишон додан. Барои иҷрои онҳо вакилони рус аз ҳеч кор рӯй намегардонданд, дахолат ба корҳои дохилаи Бухоро, корҳои хоҷагӣ, молиявӣ, маънавию маданӣ аз ҷумлаи он буда, дар натиҷа давлати Бухоро қариб пурра мустақилияти худро дар ин мавридҳо аз даст дода буд. Воқеанависони рус дар дохили хоки Бухоро бемалол амал карда, бо ёрии қӯшбегӣ ва қозикалон ҷавонони ба сиёсати худ номувофиқро дошта мегирифтанд, ки дар натиҷа ҷамъияти махфии зикршуда низ ба таъқиби онҳо гирифтор шуд. Ҷанги якуми ҷаҳон (солҳои 1914-1918) ба маъмурони рус дар ин маврид кумак расонид. «Бо вуҷуди ин, ҷамъият то инқилоби феврал вазифаи марказиро адо карда омад. Албатта, ҳарчанд тибқи маромнома ҷамъият худро аз сиёсат дур медонист, аммо аз он канор набуд. Шубҳае нест, ки қисми кори маорифправарон мазмуни сиёсӣ дошт, бар зидди тартиботи умумии иҷтимоӣ равона шуда буд ва ба гуфти устод Айнӣ, «аъзоёни ҷамъият халқро ба ислоҳоти умумӣ ташвиқ карда, фасодҳои тарзи идораи амирро фош намуда, аҳолиро бар зидди ин идораи золимона бармеангехтанд» [290, с. 38]. Он халқро «ба муборизаи ҷиддии иҷтимоиву сиёсӣ тайёр мекард». Яъне, беихтиёр фаъолияти ҷамъият ба сиёсат омехта мегашт. Дар давраи инқилоби феврал азбаски корҳои сиёсии ин ҷамъият ба ҷамъияти дигаре вогузор гардид, вазифаи сиёсии ҷамъият низ тамом шуд» [47, с. 533].

Ҳамчунин, бадбахтии калон аз он иборат буд, ки тибқи шарҳи устод Айнӣ байни арбобон «созиш» набуд, бинобар ин, ҳукумати Бухоро рӯ ба рӯйи ҳуҷуми як абарқудрат монанди Россия пайи ҳам ба шикаст мувоҷеҳ мегашт. Қайд мешавад, ки яке аз шахсони асосии давлат Насруллоҳ-қӯшбегӣ «худаш шахсан бадӣ намекард ва ба ҷавонон ҳам мусоидаткорона муносибат менамуд» [47, с. 536]. Бо вуҷуди ин, дар ниҳоят баъди инқилоб душманонаш ба сари ӯ низ об рехтанд.

Ба инқилобҳои сиёсии Россия дар соли 1917, назари устод Айнӣ, дар умум, мусбат буда, ӯ аз таъсири он ба Бухоро муфассал нақл кардааст. Маълум мешавад, ҷавонон дар хонаи Файзуллоҳхоҷа ҷамъияте ташкил карда, бо ҳукумати муваққатии Россия алоқа барқарор намуданд. Ҳукумат ва ҷамъиятҳои гуногун аз Россия ва мусулмонони он мамлакат нияти ислоҳот доштани ҳукумати Бухороро ба ҷаҳон маълум карданд. Аз байни ҳукуматдорон қӯшбегӣ Насруллоҳ бар он буд, ки «бе ислоҳот ҳукумати ҳозираро нигоҳ доштан мумкин нест» [47, с. 540]. Дар натиҷа душманонаш алайҳи ӯ ба кор сар карданд, ошӯбгарон чун қозикалон Бурҳониддин ва Мирзои Урганҷӣ бо ҳар роҳ амалиёти ҷазодиҳиро ба роҳ мондан мехостанд. Аммо шароити бавуҷудомада ба манфиати Насруллоҳ буд, зеро вакили Россия ӯро тарафдорӣ кард. Дар натиҷа қозикалонро аз вазифа гирифта, шахси ислоҳотхоҳ Шарифҷон-махдумро аз қозигии Ғиждувон даъват карда оварда, қозикалон таъин карданд. Аммо ба зудӣ амир Олимхон аз роҳи ислоҳот рӯ гардонда, ба иртиҷоъ даст зад. Дар ин шароит ҷавонони ислоҳотхоҳ ҳам бо вуҷуди ниммахфӣ фаъолият карданашон, аз камтаҷрибагӣ дар корҳои сиёсӣ бисёр фиреб мехӯрданд. Халқ, албатта, тарафдори ислоҳот ва навоварие буд, аммо талабаҳои мадрасаҳо ба ҳарфи муллоҳояшон гӯш дода, ҳар роҳе, ки онҳо нишон диҳанд, ба он рафта, аксарият ба аксулҳаракат ва иртиҷоъ мегузаштанд. Хуллас, «ба ғайр аз ҷавонон ва ҷавонфикрон аксарияти халқ ба ислоҳот омода набуд» [47, с. 553]. 6-7 апрели соли 1917 фармони ислоҳот ва тайёрӣ ба намоиш шуруъ шуд. Ба ин муносибат парчамҳои махсус омода карда шуданд. Дар як вақт аксулҳаракатчиён низ бекор наистоданд, онҳо дар асоси нақшаи муайян дар байни толибилмони мактабу мадрасаҳо кор бурданд. Аломатҳои фитна ва иртиҷоъро дар кори намоиш шумораи ками зиёиён, аз ҷумла, устод Айнӣ сари вақт пай бурда, хостанд намоишро пешгирӣ кунанд. Ҳамин тавр ҳам буд, амир метавонист гуноҳ кунад ва сабаби онро аз худи мардум донад. Аммо дер шуда буд. Намоиш 8 апрел шуруъ шуда, тамоми кӯчаю майдонҳои Бухороро ба хоку хун оғӯшта намуд. Аксулҳаракатчиён аз ҳисоби одамони амир, муллоҳо, талабагони мадрасаҳо буда, онҳо бар зидди ислоҳотхоҳон ва намоишчиён ҷанги тан ба

танро ба роҳ андохтанд. Дар ин чанд рӯз аксарияти ҷавонон, ислоҳотхоҳон, намоишчиён дастгир шуда, як қисм кушта шуда, миқдори камашон гурехта, дар кунҷу канор пинҳон шуданд. Дар ин миён рӯзи 9 апрели соли 1917 устод Айнӣ низ ба дасти аксулҳаракатчиён афтода, ба арки амир бурда, дар он ҷо бо фармони амир 75 чӯби ҷонкоҳ занонда шуд. Онҳоро рӯзи дигар инқилобчиён ва аскарони сурхи Когон аз обхона (ҳабсхонаи амир) халос карда, бо худ бурда ба беморхона ҷой доданд. Ба суоли қӯшбегӣ Айнӣ ҷавоб дода буд: «Ман худамро гунаҳкор намешуморам. Агар байроқ бардоштан гуноҳ бошад, ман дар он ҳам иштирок накардаам» [47, с. 572].

Дида мешавад, ки устод Айнӣ воқеаҳои рӯзҳои аввали моҳҳои феврал-марти соли 1917, эълони ислоҳот, намоиши шукрона ва аксулҳаракатро хеле муфассал, ба шакли бадеӣ ва образнок тасвир кардааст. Ин аст, ки нависанда дар охир дар фикраи «Ихтор» овардааст: «Фоҷиаҳое, ки худ аз сар гузаронидаам, чизҳое мебошанд, ки ба тамоми руҳ ва вуҷудам таъсир доштаанд… Хулоса, фалокат ва мусибатҳое, ки ба сари ман омадаанд, аз зулми ҳукумати Бухоро як намуна ва мисол аст, дигарҳо қиёс аз ин» [34, с. 581]. Рӯзҳои аз сар гузарондааш ба устод Айнӣ барои ба сиёсатмадори матин табдил ёфтанаш кумак расонданд.

Дар он рӯзҳо ҷавонони гуреза дар Когон ҷамъияти «Шурои ислом»-ро таъсис доданд. Баъди он ки хабари 75 чӯб хӯрдани зиндониён ба гӯши ҷавонони озодфикри Когон расид, онҳо ба ҳарфашон сахт истоданд ва талаби дахолат кардани аскаронро ба миён гузоштанд. Ҳамин тавр, бо ёрии аскарони сурх устод Айнӣ ва ҳамроҳонаш аз ҳабсхона озод шуд. Устод 52 рӯз дар беморхона хобида, бисту панҷ маротиба ҷароҳӣ шуда, сиҳат шуда баромад, аммо чанде аз ҳамроҳонаш нобуд шуданд.

Маълум мешавад, ки маҳз баъди ба ҳабсхонаи амир афтодан, чӯб хӯрдан ва аз дасти онҳо халос хӯрдан, «Айнӣ чандин бор таъкид кардааст, ки то он вақт аз муборизаи сиёсӣ дур буд ва ҳатто саводи сиёсӣ надошт» [283, с. 54]. Агар то он вақт дар кори сиёсат хизмате ба ҷо оварда бошад, аз дили соф барои кори хайр анҷом дода буд, акнун ба сафи муборизони инқилоб дохил шуд.

Дар ҳаракатҳои зиддимардумии ҳукумати Бухоро дасти вакилони рус ҳам буд, бинобар ин, 13 апрел Миллер ва Шулга аз вазифа холӣ карда шуданд. Бо вуҷуди ин, ба қавли устод Айнӣ «ҳукумати муваққатӣ ба сабаби сиёсати дурӯёнааш меҳнаткашони Россияро аз худаш розӣ карда натавонист» [47, с. 601]. Дар натиҷа дар мамлакат муборизаҳои инқилобгароён ва озодихоҳон идома ёфта, дар Россия воқеаҳои нав ба нав ба амал меомаданд, ки таъсирашон ба Бухоро ҳам мерасид. Акнун ҳатто калимаи «ислоҳот»-ро ба забон гирифтан хатарнок буд. Ҷавонон ва озодихоҳон пурра ба фаъолияти махфиёна гузаштанд.

Ниҳоят, дар Россия Инқилоби бузурги Октябр ба амал омад, ки фаъолияти номаълум ва чашмнораси ҳукуматро аз байн бурда, ҳукуматро пурра ба дасти аскарони сурх ва коргару деҳқон супурд. Таъсири ин инқилоб ба Бухоро бештар буд ва мардум нисбатан осудатар шуданд. Аммо «ҳукумати Бухоро на танҳо ҳукумати Шуравиро нашинохт, балки ба қадре, ки аз дасташ меомад, ба ҳукумати Шуравӣ душманӣ кард» [47, с. 610]. Ҳукумати Бухоро ба қавли устод Айнӣ, ин истиқлолияти муваққатиро «ба таври маданӣ истифода бурда, ба ободию таъмири мамлакат иқдом накард». Аз истиқлол амир ду чиз мехост: вазъи қаблии Аморати Бухороро, ки панҷоҳ сол пеш аз ғасби Россия дошт, барқарор кардан, дувум, тамоми ҷавонон ва мунавварфикрони навпайдошударо дастгир карда нобуд намудан. «Ин буд аломати истиқлол, нишонаи ҳишмат ва роҳи мадохил!» [47, с. 609]. Нависанда бештари ин душманони халқу миллатро бо ному мансабу «қаҳрамонӣ»-ҳояшон зикр кардааст: «Ҳамаи маъмурони ҳукумати Бухоро ваҳшӣ ва хунхор буданд. Лекин Мирзои Урганҷӣ аз ҷиҳати ваҳшонияту хунхорӣ дар мавқеи махсусе меистод. Ин одам агар ягон рӯз касеро ҷазо надиҳад ва хуне нарезад, девона мешуд. Баъд аз он ки дар Бухоро қӯшбегӣ шуд, хусусан, баъд аз Инқилоби Октябр ин сифати худро бо озидии тамом ба амал меовард» [47, с. 609]. Сиёсати ҳукумати Бухоро баъди Инқилоби Октябр чунин буд, ки афсарҳои гурезаи ҳукумати подшоҳии русро ба ҳимояти худ гирифт. Ҳамчунин, барои пурқувват кардани қувваи низомиаш аз ҳисоби дуздону роҳзанон дастаҳо ташкил кард, аз мамлакатҳои хориҷа кумаки сиёсӣ ва аслиҳа хост.

Вазъи ҷавонони равшанфикр на танҳо дар Бухоро, балки дар Когон ҳам бад шуд. Дар пеши онҳо ду роҳ меистод: ё аз Когон ба дарунтари Туркистони шуравӣ мерафтанд, ё ин ки дар он ҷо истода, аскарони сурхро интизор мешуданд. «Далели тарафдорони фикри дуюм ин буд: душманӣ дар байни Бухоро ва Шуроҳо оқибат бо шамшер ҳал хоҳад шуд. Толеи ислоҳоти Бухоро ва ҷавонбухороиён низ фақат дар он вақт ҳал мешавад. Модом, ки толеи мо вобаста ба толеи Шуроҳост, то даме, ки идораи Шуроҳо дар Когон вуҷуд дорад, мо ҳам аз Когон ба ҷое намеравем» [47, с. 611]. Ҳамин тавр ҳам шуд: баъди ду сол (1 сентябри соли 1920) аскарони сурх ба Бухоро ҳуҷум оварда, ҷавонфикрони Бухороро ба сари давлат оварданд, ки неку бади онҳо мавзуи дигар аст. Дар чунин ҳолат, ҳукумати Бухоро низ ором нанишаста, борҳо ба ҷавонон муроҷиати хаттӣ фиристод, ки ба ватан баргарданд, амнияташон кафолат дода мешавад. Аммо ҷавонон фирефтаи амир нашуда, дар ҷавоб навиштанд, ки аксулҳаракатчиёни душмани ҷавонон ҷазо ва танбеҳ дода, дар мамлакат фармони ислоҳот амалӣ кунонида шавад.

Дар фасли алоҳидаи «Мулоҳиза» устод Айнӣ андешаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии хешро аз намоиши моҳи марти соли 1917-и ҷавонон муфассал баён кардааст. Ин ҷо муҳим он аст, ки ба андешаи устод Айнӣ новобаста ба гузаронидан ё нагузаронидани намоиш аз ҷониби мунавварфикрони ҷавон фармони ислоҳоти баровардаи амир ҳеч гоҳ дар амал ба ҷо оварда намешуд. Бо барпо кардани намоиш масъулияти хунрезӣ аз гардани амир андаке холӣ шуд. Агар намоиш барпо намешуд, боз ҳам ҳукумати Бухоро рӯзе ҷавонони мазкурро дастгир карда, ҷазо медод, аммо дар ин сурат обрӯйи худро мерехт.

Воқеаи Колесов ҳам пинаки ҳукумати Бухороро напаронида, баръакс, баъди шикаст хӯрдани Колесов бештар шерак гашта, фаъолияти зиддиинқилобии худро пурзӯр намуд, «ваҳшоният»-и бештар содир намуд, ки дар ин бора устод Айнӣ дар «Таърихи инқилоби Бухоро» муфассал истода гузаштааст. Амир бо куштани ислоҳотчиён ва ҷавонон дар хоки худ сер нашуда, ба Туркистон ҷаллодони махфии худро фиристода, ба террори як қисм ҷавонони бухороӣ сафарбар намуд. Ҷавонони бухороӣ «соли 1918 дар Тошканд

кори кумитаи марказии худро ба тартиб андохта, дар Самарқанд низ шуъбае кушоданд… Дар Ашқобод курси ҳарбии сиёсӣ кушода, дар он ҷо таълим гирифтанд» [47, с. 634-635]. Бо ин онҳо ба инқилоби сурхи Бухоро ҳамаҷиҳата: ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳам ҳарбӣ омодагӣ мегирифтанд. Ҳамчунин, чандин нашрияҳо ба вуҷуд оварданд. Аммо ин ҷо ногуфта намонад, ки аксарияти ин нашрияҳо ба забони ӯзбекӣ буда, ба забони асосии халқи ин ҷо – тоҷикӣ, чизе набуд, ки ин мавзуи баҳси дигар аст. Дар навбати худ ҳукумати Бухоро ҳам аввалин маротиба сиёсати ҳарбии худро ба роҳ монда, ба ҷамъ кардани силоҳ ва аскарон шуруъ намуд, аммо «ҳукумат аз аскар таъмин нашуд» [47, с. 639]. Яъне, ҳукумати Бухоро аз ҷиҳати ҳарбӣ қуввати зиёд пайдо накард. «Соли 1919 маъмурони махфии ҳукумати Бухоро як рӯйхати ҷадидҳоро тартиб дода, бисёр касони ба назар намоёнро ба он дохил карда буданд. Баъд ин рӯйхатро, ки натиҷааш ба ағлаби эҳтимол ҳукми эъдом буд, пинҳонӣ ба касоне, ки номашон дар он зикр шудааст, нишон дода, чӣ қадар ки метавонистанд, ришват мегирифтанд… Ин аҳвол боиси шуриши халқ гардида, гурӯҳе «ё тамоми маҳбусонро озод кунед, ё ҳамаи моро ба ҳабс гирифта ё аз зодгоҳамон биронед», гӯён ба ҳукумат мурочиат карданд… Хулоса, аҳвол дар се соли охири даврони амир Олим ба ҳамин минвол буд» [47, с. 638]. Дар ҳамин давра ба сари устод Айнӣ низ дар Самарқанд сӯиқасдҳо рӯй доданд.

Сипас устод Айнӣ дар бораи сиёсати аскарӣ, андоз ва молиёт, сиёсати андоз ва молиёти давлати Бухоро дар ду-се соли охирини мавҷудияташ маълумот дода, қайд кардааст, ки он аз даврони пешини манғитиҳо фарқи казоӣ надошта, танҳо ҷиҳатҳои зулму истибдод ба дараҷаи олии худ расида буд.

Устод Айнӣ дар ин давра бевосита ба сиёсат машғул нашуда бошад ҳам, баъзан дар ин бора изҳори назар кардааст. Аз ҷумла, яке аз бобҳои алоҳидаи ҳамин «Таърихи инқилоби Бухоро» «Назаре ба ҷавонбухороиён аз ҷиҳати синфият ва миллият» ном дорад. Устод Айнӣ бо камоли ихлос ва хоксорӣ дар хотима қайд кардааст, ки «яке аз шартҳои муҳимми таърихнависӣ муҳокимаронии бетарафона аст» [47, с. 644]. Яъне, дар ин асар устод мувофиқи ваъдаи хеш бояд шарти бетарафиро риоя карда, аз ҷиҳати сиёсӣ худро ба ягон

ҳизбу ҳаракат шомил надониста, ҳақиқатро менавишт. Дар амал чунин ҳам ба назар мерасад. Чӣ тавре ки устод зикр кардааст, бо вуҷуди бетарафӣ, баъзан бо сабаби шиддати эҳсос ва шароити душвори саломатие, ки дошт, метавонист оид ба ин ё он масъала андешаҳои шахсии хешро баён созад. Дар чунин ҳолат нависанда ба руҷӯъҳои лирикӣ рӯй овардааст, ки дар онҳо аксар афкори устод, назари ӯ ба ҳодисаи рӯйдода ифода ёфтаанд. Аммо чӣ тавре ки дида мешавад, дар аксар ҳолат қоидаи бетарафии интихобкардаашро риоя кардааст. Ҳамон тавре ки дар тарҷумаи ҳолаш навиштааст: «Дар инқилоби Бухоро ба воситаи қалами худ иштирок намудам» [283, с. 58]. Иштирок бо қалами худ ин ҳамин се рисолаи устод Айнӣ бо номҳои «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро» мебошад, ки ҳарсеи онро мо ин ҷо мавриди баррасӣ қарор додем.

Дар охир лозим меояд, чанд ҷумла оид ба жанр, сабку услуб ва забони рисолаҳои зикршудаи устод Айнӣ мулоҳизаҳои донишмандон ва хешро илова намоем. Муҳаққиқ М. Абдуллозода жанри рисолаҳои таърихии устод Айниро омехта номидааст. Чунин фикри мавсуф дуруст ба назар мерасад, аммо ба фикри мо беҳтараш онро *рисола* номид. Зеро устод дар аксар ҳолат вақте аз ин асарҳо сухан ба миён меояд, онҳоро рисола номидааст.

Суоли дигар, ки ҳангоми таҳқиқи рисолаҳои «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро»-и устод Айнӣ ба миён меояд, дар кадом жанр офарида шудан ва чӣ гуна асар – таърихӣ ё бадеӣ будани онҳо мебошад. Дар мавриди чунин асарҳои аз ҷиҳати жанр омехта нахуст бояд ба хотир овард, ки муаллифони чунин асарҳо ва адабиётшиносони классики тоҷик байни асарҳои таърихӣ ва бадеӣ ҳадди муайян нагузоштанд. Масалан, дар кадом жанр нигошта шудани асарҳои «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва ғайра боиси суол буда метавонад. Онҳо таъриханд, публитсистӣ ё бадеӣ? Метавон ба хулоса омад, ки чунин асарҳоро дар асоси талаботи илмҳои ба ҳам наздик, аз ҷумла, адабиётшиносӣ, журналистика, таърих, фалсафа, ҷомеашиносӣ метавон мавриди таҳқиқ қарор дод. Вобаста ба ин, дуруст мебуд

асарҳои мазкури устод Айнӣ дар доираи илмҳои сиёсӣ, адабиётшиносӣ, таърихӣ ва журналистӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд.

Тавре гуфтем, ба асарҳои мазкур, пеш аз ҳама, «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш таъсири босамар расонидааст. Дар жанр, забон ва услуб онҳо ба ҳам хеле монандӣ доранд. Дар бораи жанри «Наводиру-л-вақоеъ»-и Дониш муҳаққиқ Р. Ҳодизода қайд карда буд: «Ба андешаи мо, аз нуқтаи назари жанр рисолаи Аҳмади Донишро аз ҷумлаи жанри памфлет, услуби онро публитсистикаи адабию сиёсӣ метавон донист» [252, с. 264]. Мулоҳизаи мазкур то андозае дуруст аст. Аммо агар аз нуқтаи назари имрӯза гирем, памфлет яке аз жанрҳои хурди журналистӣ аст, «Наводиру-л-вақоеъ» асари калонҳаҷм буда, бештар хусусияти рисолаи илмию оммавиро дорад. Ба андешаи мо, «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва рисолаҳои мавриди назари устод Айнӣ танҳо аз ҷиҳати забон ва услуб ба памфлет монанд буда метавонанд.

Дигар аз хусусияти муҳимми рисолаҳои зикршудаи устод Айнӣ аз он иборат аст, ки онҳо ба услуби илмию академӣ таълиф гардидаанд. Ин хусусияти асарҳои устод Айниро муҳаққиқ М. Шакурӣ низ қайд кардааст. Ба фикри муҳаққиқ рисолаҳои мазкур бештар ба очерки пурэҳсоси публитсистӣ монанданд: «Шакли пурэҳсоси публитсистӣ аҳаммияти илмии онҳоро намекоҳонад, балки ба он қувваи баланди ҷамъиятӣ додааст» [287, с. 8]. Ба андешаи М. Абдуллозода, рисолаҳои «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро» низ ба услуби публитсистӣ навишта шудаанд» [51, с. 261]. Аз ин рӯ, ҳар се асарро рисолаи таърихию бадеӣ ё очерки публитсистӣ метавон номид.

Ногуфта намонад, ки мавзуи таърих дар эҷодиёти устод Айнӣ маҳз аз ин се асар – «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро» шуруъ шудааст. Баъд аз ин устод асарҳои таърихии зиёд навишт. Дар асарҳои бадеӣ, ёддоштиаш ҳам унсурҳои таърихӣ барҷаста ба назар мерасанд. Аммо ба мавзуи бевоситаи таърихӣ боз дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) даст зад. Дар давраи ҷанг ду китоби устод Айнӣ чоп шуд, ки дар мавзуи таърих мебошанд: «Исёни

Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик». Чи тавре ки мебинем, устод Айнӣ маҳз дар солҳои муборизаи муҳимми сиёсӣ, инқилобӣ ва муҳофизати Ватан ба ин мавзуи муҳим рӯй овардааст.

Маълум аст, ки дар асарҳои таърихии мавриди назари мо маълумоти муҳимми таърихӣ, рақаму факту далелҳо ҷой дода шудаанд. Аммо аҳаммияти ин асарҳо танҳо аз ин иборат нест. «Гап фақат дар ин нест, ки асарҳои ӯ маълумоти таърихии иқтисодӣ, маишӣ, этнографӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ва ғайраро фаровон дар бар гирифтаанд. Гап дар он аст, ки дар ин асарҳо нигориши манзараҳои зиндагӣ хеле мукаммал ва пурғунҷоиш буда, таҳлили ҳамаҷонибаи ҷамъият, таҳқиқи бадеии тамоми ҳастии халқ дида мешавад» [283, с. 259]. Сухан танҳо дар бораи асарҳои сершумори бадеии устод, ки дар онҳо воқеаҳои таърихӣ ба шаклҳои гуногун, ҳатто публитсистӣ оварда шудаанд, намеравад, балки дар асарҳои пурра таърихӣ, монанди ин се очерк низ таҳлили вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии давраи ҳукуматдории амирони манғитӣ ва давраи инқилобҳои солҳои 1905, 1917 ва 1920 пурра ва васъатнок таҳлилу баррасӣ шудаанд. Муҳаққиқ М. Муродӣ бarҳақ яке аз фарқиятҳои асарҳои таърихӣ ва публитсистии устод Айниро дар «интихоби мавзуъ, омӯзиш, тарзи гузориши масъала, маърифат ва тафсили воқеаҳои гуногун» [163, с. 61] дидааст, ки дуруст мебошад. Зеро «нигоштаҳои публитсистии ӯ танҳо маҳсули дидаву шунида набуда, як навъ дарки бошууронаи воқеа, рӯйдод ва ҳодисоти замон аст» [163, с. 61]. Пеш аз ҳама, тафсили воқеа дар асарҳои устод Айнӣ яке аз услубҳои назаррас ба ҳисоб меравад, аммо ин маънои онро надорад, ки дар он сергапӣ ва зиёдаравӣ мушоҳида шавад. Баръакс, ин хусусият натиҷаи мусбат ба бор дошта, хонандаро ба ҷанбаҳои гуногуни масъала шинос намуда, ҳадаф ва ғояҳои муаллифро хуб ифода намудааст. Ин аст, ки тибқи хулосаи муҳаққиқон «Айнӣ дар тафсилоти воқеа ё масъала назари басо фарох дорад» [163, с. 64].

Забон ва услуби ҳар се асар низ ҷолиби диққат аст. Дар ин бора дар илми забоншиносию адабиётшиносии тоҷик коре анҷом дода нашудааст. Ҳол он ки дар ин асарҳо устод Айнӣ фикр ва андешаи сиёсии худро бо забон ва услуби хосе ифода кардааст, ки дар асарҳои дигари илмию бадеӣ, ҳатто публитсистиаш

дида намешавад. Пеш аз ҳама, дар асар калимаю ифодаҳои арабӣ зиёд ба назар мерасанд. Инро таъсири боз ҳам «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш метавон донист.

Инчунин, дар ин рисолаҳо бисёр вақт калимаю ибораҳои алоҳида, нидо, ташбеҳу истиора ва зарбулмасалу мақолҳо, порчаҳои шеърӣ нақши намоён доранд ва вазифаи таъсирбахширо иҷро кардаанд. Пеш аз ҳама, бо як-ду калима ифода шудани мақсад, чунончӣ: «Аҷабтар», «Аҷаб ҳамоқате!», «Талабаи нодон», «Не!», «Ҳайфо!», «Ҳайф бар шумо, он ғурур чӣ буд?!» [47, с. 256], «Оҳ аз ин талбисоти шайтония!» [47, с. 294] … Ҳамчунин, бо ҳикмат, масал, шеър назари хешро баён кардааст. Чунончи, баъди нақли он ки амир Музаффар дар замоне ки Россия ба забти Тошканд тайёрӣ медид ва ҳанӯз дар фикри тасарруфи Фарғона буд, ин байтро овардааст: «Хона аз пойбанд вайрон аст, Хоҷа дар фикри нақши айвон нест» [47, с. 241] ва ғайра. Зарбулмасали зерин низ истифода шудааст, ки назари муаллифро ба лаҳзаҳои муайян ифода мекунад: «Он суман пажмурду он гулшан намонд» [47, с. 332].

Бисёр вақт такрори калимаю ифодаҳо, таъбирҳо, ташбеҳу истиораҳо таъсири руҳи публитсистии асарро баланд бардошта, таъсири ҳаяҷономези онро пурзӯр кардааст. Масалан, дар порчаҳои зер, ки хусусияти руҷуъҳои лирикии публитсистиро доранд: «Дар шароите, ки мардуми авом ба ин гуна касон ҳамчун ҳомии шариат ва ҳомии дин эътиқод дошта бошад, арбоби ҳукумат ба инҳо ҳомӣ, балки тобеъ бошанд, аҳволи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва сиёсии чунин шаҳр дар чӣ аҳвол буда метавонад? Чӣ бозиҳое, ки аз номи шариат намекарданд!» [47, с. 428]. Ин ҷо тарзи баёни саволӣ, эҳсосот, калимаю ифодаҳои такрор монанди «дар шароите, ки», «ор кардан», «шаҳре, ки» таъсирбахшии мулоҳизаҳоро пурқувват кардааст. Ин ҷо мурод аз «шаҳр» тамоми мамлакат дар назар аст.

Барои намуна ҷумлаи зерро мавриди назар қарор медиҳем: «Агар аҳвол ба ин минвол давом мекарда бошад, агар доираи давлатӣ ислоҳ ва танзим нагардад, агар мактабҳои ибтидоӣ зиёд шуда, илму дониш дар байни мардум паҳн нагардад, агар мадрасаҳо ислоҳ нашаванд, ҳаёти илмӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ

ва сиёсии Бухоро дар таҳлука аст» [47, с. 459]. Дар оғози ҳар фикру ҷумла калимаи «агар» такрор омада, таъсирбахшии афкори муаллифро афзун намудааст. Хуллас, забон ва тарзи баёни асарҳои мазкур барои иҷрои ҳадафи сиёсӣ ва иҷтимоии устод Айнӣ кумак расонидаанд.

Хулоса, яке аз мушоҳидаҳои асосӣ ва муҳимми устод Айнӣ дар рисолаҳои мазкур он аст, ки озодфикрон асосан аз байни ҷавонон буданд. Устод Айнӣ онҳоро ҷавонони озодихоҳ, маърифатпарвар, ислоҳотхоҳ, «ҷавонфикрон» номидааст. Аз ин рӯ, ба фикри мутарҷими асари «Таърихи инқилоби Бухоро» Раҳим Ҳошим розӣ шудан мумкин аст, ки «аҳаммияти таърихии бузурги ин асар ҳам маҳз дар ҳамин ҷост» [256, с. 648]. Устод заминаҳои ба давлатдорӣ расидани сулолаи манғитиро ошкор намуда, дар натиҷаи зулму ситами онҳо, беандешагию худпарастӣ завол ёфтани ҳокимияташонро нишон додааст. Дар баробари ин, сабабҳои ба ҳаракат даромадани ҷавонон, ба вуҷуд омадани ҳаракатҳои озодихоҳонаи халқҳои Осиёи Миёна ва ба инқилоб омода шудани онҳоро ошкор кардааст. Дар асар бори аввал оид ба ташкилоти махфии ҷавонфикрони Бухоро маълумот дода, қайд шудааст, ки ҳарчанд дар оғоз мақсади онҳо «масъалаи нашри маориф ва матбуот» буд, оҳиста-оҳиста майдони фаъолияташон вусъат пайдо карда, муборизаи иҷтимоӣ ва ниҳоят сиёсӣ низ ба он ҳамроҳ гардид. Раҳим Ҳошим қайд кардааст: «Асари устод Айнӣ барои омӯзиши афкори иҷтимоиву сиёсии халқи тоҷик дар охири асри XIX ва ду даҳсолаи аввали асри XX аҳаммияти ҷиддӣ дорад. Пеш аз ҳама, дар ин асар раванди мураккаби ташаккул ва инкишофи ҷунбиши озодихоҳии мардуми Аморати Бухоро ба хубӣ акс ёфтааст. «Таърихи инқилоби Бухоро» барои дарку омӯзиши ҷаҳонбинии муаллифи он дар он давра низ муҳим аст» [256, с. 649]. Илова мекунем, ки асари мазкур на танҳо барои шинохтани ҷаҳонбинии устод Айнӣ, сабабҳои ба вуҷуд омадани ҷаҳонбинии сиёсию иҷтимоии нависанда, балки заминаҳои пайдоиши илми сиёсатшиносии тоҷик аҳаммияти калон дорад. Дар ин маврид суоли гузоштаи устод Айнӣ ҳам муҳим аст: «Сабаб чист, ки аз гӯшаву канори тираву торики Бухоро *як гурӯҳ қаҳрамонҳо* баромада, аз дору манор, обхонаву зиндони амир натарсида,

такфир, таҳқир, фатвои қатлу эъдоми уламоро ба назар нагирифта, ба майдон даромаданд, бо деви таассуб ва ҷаҳл панҷа бар панҷа заданд ва оқибат ғолиб баромада, ба муддаои худ расиданд?» [256, с. 649]. Устод ба ин суол «ҷавоби пурра ва саҳеҳ медиҳад. Ин ҷавоб аз ду ҷиҳат аҳаммияти махсус дорад. Аввал, Садриддин Айнӣ ҳаракати инқилоби фикрӣ ва сиёсиро дар Бухоро нишон дода, бо далелҳои раднопазир исбот менамояд, ки ин инқилоб чизи аз хориҷ овардашудае набуда, балки дар қалби мардум ҷӯшидаву расида, дар тӯли солҳо оҳиста-оҳиста даргирифта, якбора шуълавар гаштааст» [256, с. 650]. Ин ҷо масъалаи дуюм ба миён меояд, ки он дар мавриди сабабҳои ба вуҷуд омадани инқилоби Бухоро мебошад. Раҳим Ҳошим аз забони устод Айнӣ овардааст, ки дар баргузории инқилоб саҳми мардуми маҳаллӣ ҷой дошта, онҳо торафт ба он омода мешуданд. Ин ҳарфҳо нодуруст будани ақидаи баъзе олимонро дар бораи он ки инқилобро ба Бухоро коммунистони рус оварданд, собит месозад. Фикри мазкур имрӯз ҳам аз ҷониби баъзе зиёиёни тоҷик тарафдорӣ мешавад. Сарманшаи фикри мазкур то андозае академик М. Шакурӣ аст, ки воқеаи мазкурро «фитна» номидааст. Ба ин ном рисолае низ таълиф намуда, ошкор навиштааст: «Рухнамудҳои пурталотуми поёни август ва оғози сентябри соли 1920 дар Бухоро ҳаргиз ба инқилоби иҷтимоӣ монандӣ надошт» [274, с. 14]. Ҳамин тавр, дар ҳоле ки дар ҳар се асар – ҳам ба тоҷикӣ ва ҳам ӯзбекӣ устод Айнӣ воқеаҳои баамаломадаро «инқилоб» номидааст, имрӯз муҳаққиқони мо онро инқилоб не, як фитна ва ҳуҷуми лашкари хориҷа ном гирифтаанд, ки аҷиб ба назар мерасад. Баръакс, устод Айнӣ, ки иштирокчии бевоситаи воқеаҳо буд, собит кардааст, ки ҷавонони озодфикри Бухоро ба чунин як инқилоб омода буданд ва бо ёрии асокири сурх онро амалӣ сохтанд. Баъдан асари охирин дар рӯзу моҳҳои аввали бавуҷудоии инқилоби Бухоро навишта шуда, собит гардидааст, ки «маорифпарварони фидокору қаҳрамон чашми мардуми ғафлатзадаро кушода, онҳоро ба ҳаёти ҷамъиятӣ ҷалб карда, ба талаб кардани ҳуқуқи ҳаққаашон, ба мубориза дар роҳи озодӣ руҳбаланд менамуданд… Устод… бо далелу бурҳонҳои раднашавандаи таърихӣ ба исбот расонидааст, ки халқи ҷафокаш дигар ба ҷавру зулми ваҳшиёнаи феодалӣ тобу тоқат надошт»

[47, с. 651]. Бо вуҷуди ин, М. Шакурӣ низ ба вуҷуд омадани ғояҳои сиёсии инқилобиро дар замири ҷавонбухороиён рад накардааст ва қайд намудааст, ки ҳанӯз 14 июни соли 1920 дар конфронси ҳизби ҷавонбухороиёни инқилобӣ тасдиқ шуд, ки «сохти амирӣ бояд сарнагун ва Бухоро ҷумҳурияти демократии халқӣ эълон шавад» [274, с. 18]. Яъне, ғояи ҷумҳуриятхоҳӣ ва инқилоб се моҳ пеш аз инқилоби мазкур ба вуҷуд омада буд. Бинобар ин, муҳаққиқ ба хулосаи дуруст омадааст, ки таърихи инқилоби Бухороро аз апрели соли 1917 оғоз карда, ҷунбишҳои то ба он вақтро «таърихи равшангарӣ ва маорифпарварии тоҷикӣ бояд донист» [274, с. 18]. Аммо устод Айнӣ ҳарчанд ба қавли Шакурӣ гӯё «гуфтааст, ки дар солҳои 1917-1920 халқи Бухоро ба инқилоб кардан омода набуд» [274, с. 24], таҳқиқи мо маълум накард, ки устод маҳз дар кадом асараш навиштааст, ки инқилоб ва ислоҳотро намехост. Дар асл устод Айнӣ ошкору пинҳон ба он омода шудани ҷавонони равшанфикрро борҳо таъкид кардааст. Устод Айнӣ, чӣ тавре ки дар асарҳояш таъкид кардааст, давраи ташаккули афкори сиёсиаш аз октябри соли 1918 то соли 1922 буда, «дар ин давра ҷаҳонбинии нави вай дар протсесси ташаккул буд» [47, с. 651].

Ҳамин тавр, М. Шакурӣ ҳарчанд аксар вақт устод Айниро аз афкори инқилобӣ дур нигоҳ доштан хостааст, тасдиқ кардааст, ки фаъолияти мавсуф дар солҳои 1918-1920 «фаъолияти маорифпарварии инқилобӣ» [274, с. 58] буд, яъне, дар ин ҷо баъди «маорифпарварӣ» калимаи «инқилобӣ» зикр гаштааст. Фақат устод Айнӣ «дар муборизаи иҷтимоиву сиёсӣ эҳтиёткор ва дур аз ифроту тафрит буд» [274, с. 58] ва ин суханон дар ҳақиқат баҳои дуруст ба фаъолияти илмию эҷодии устод Айнӣ аст. Раҳим Ҳошим дуруст қайд кардааст, ки он вақт устод «ба воқеаҳо аз нуқтаи назари маорифпарвар, инқилобчии демократ менигарад» [47, с. 652] ва ҳанӯз дар ӯ ақидаҳои коммунистӣ ва инқилоби сотсиалистӣ ба дараҷаи баланд нашъунамо наёфта буданд.

Раҳим Ҳошим дар охирсуханаш ба нашри тоҷикии асар бо дилсӯзии зиёд изҳор доштааст, ки «ҷойи таассуф буд, ки чунин як асари муҳим… то ҳол дастраси хонандаи тоҷик нагардидааст. Бо савобдид ва тавсияи президенти АФ Тоҷикистон М. Осимӣ ба тарҷума ва нашри ин асар иқдом шуд» [47, с. 652].

Дар арафаи садсолагии устод Айнӣ акси нусхаи тоҷикии он аз Тошканд дастрас гардидааст, ки аз тарафи худи устод Айнӣ ва Р. Ҳошим китобат шуда будааст ва аз рӯйи он тарҷумаи мазкур анҷом гирифт, ки кори хайру мондагорест.

Устод Айнӣ аз рӯзҳои аввали Инқилоби Октябр аз фаъолияти сиёсӣ даст накашидааст ва баъдтар ҳатто бо даъвати коммунистон бо онҳо ҳамкорӣ кардааст. Дар тарҷумаи ҳолаш овардааст: «Ман дар моҳи июни соли 1920 аз тарафи ташкилоти коммунистони Бухоро ба Тошканд даъват шудам. Дар он ҷо як моҳ истода, лоиҳаҳо, баённомаҳо ва дигар чизҳоро, ки ба қалами ман эҳтиёҷ, дар ду забон – дар забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ навишта додам» [47, с. 92]. Ҳамчунин, инқилобномаҳои устод Айнӣ дар таърихи адабиёти тоҷик беҳтарин маҳсуб меёбанд. М. Шакурӣ низ дуруст таъкид кардааст, ки устод Айнӣ ҳар се инқилоб – солҳои 1905, феврали 1917 ва октябри соли 1917-ро «бо хушнудӣ пешвоз гирифт», «руҳияи инқилобӣ пайдо кард» ва «аз соли 1918 ба хидмати инқилоб камар баст» [273, с. 59]. Ин хидмати устод бо қалами худ буд ва яке аз хизматҳои арзанда ва мондагораш бо дастур ва хоҳиши ҳукумати нави Бухоро навиштани ҳамин асари «Таърихи инқилоби Бухоро» буд, ки мавриди назари мост. М. Шакурӣ тасдиқ кардааст: «Устод Айнӣ аз соли 1920 дар ҳама нигоштаҳояш онро инқилоб меномад ва васф мекунад» [273, с. 60], яъне, устод аҳаммияти инқилоби Бухороро ҳеҷ гоҳ рад накардааст. Бо вуҷуди ин, «маънавиятҷӯӣ ва маънавиятгустарӣ асли мақсади маорифпарварӣ буд ва дар фаъолияти Айнӣ мақоми асосӣ ба он дода шуд. Ӯ «инқилоби илмӣ» мехост» [273, с. 23]. Ниҳоят, чӣ тавре ки мебинем, муҳаққиқ М. Шакурӣ ин воқеаро «инқилоб» номидааст. Ӯ як ҳақиқати инқилобро хуб дарк кардааст, ки он «неруи бузурги хconsole хаpобкорӣ дорад» [274, с. 82].

Инқилобҳои февралӣ ва октябрии соли 1917 ва сентябри соли 1920-и Бухоро аз ҷиҳати сиёсӣ ба ҳамдигар монанд буда, дар умум, аз ҷараёни муборизаҳои маърифатпарварии зиёиёни кишвар то андозае фарқ дошт. Яъне, «инқилоби иҷтимоӣ аз моҳияти маорифпарварӣ коста, ҷанбаи иҷтимоиву сиёсии онро қувват дод» [273, с. 65]. Бо вуҷуди ин, маорифпарварии тоҷик, ки

заминаи бештар қадимӣ дорад, аз таъсири инқилоб бенасиб намондааст ва инро аз мутолиаи асарҳои таърихии мавриди назар пай бурдан мумкин аст.

Дар мавриди маърифатпарварӣ ва сиёсат, фарқи байни онҳо М. Шакурӣ дуруст фармудааст: «Асли маорифпарварӣ баланд бардоштани машъали фарҳангу маънавият аст, ки дигар мақсадҳои иҷтимоиро ба худ тобеъ мекунад. Лекин сиёсат зотан ҷанбаи васвасаангезӣ *(нигилизм – С. Э.)* дорад ва сиёсатгарой хавфе ба худ меорад, андешаи волои башардӯстиро ба ҳукми худ даровард ва таҳриф созад» [273, с. 31]. Устод Айнӣ маърифатгустар буд, на сиёсатгаро. Бо вуҷуди ин, таъқиботи моҳи марти соли 1918, ки дар он бародараш Сироҷиддин кушта шуд, Айниро инқилобгаро кард ва ин дар марсияиаш ифода ёфтааст.

Дар ин асарҳо, ки худ очерки публитсистиро мемонанд, шарҳу баён мавқеи асосӣ дорад. Дар бораи тарзи кораш дар болои асарҳои таърихии худ устод Айнӣ ишора ва қайдҳои муҳим дорад. Дар онҳо «яке аз муҳимтарин нуқтаҳои консепсияи таърихии худро баён кардааст. Ҳаққонияти комил ва бераҳмона ба хотири ояндаи халқ моҳияти асосии муносибати ӯро ба таърихи гузашта муайян менамуд» [283, с. 187]. Бале, он вақт на ҳар кас масъулияти навиштани таърихи инқилоби Бухороро дошт. Имрӯз маълум аст, ки ин кор аз тарафи ҳукумат ба чанд нафар зиёиёни ҳамон давр супорида шудааст. Аммо танҳо устод Айнӣ тавонист дар муддати маҳдуд (ҳамагӣ як-ду сол) се рисолаи муҳташам – «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро»-ро навишта пешниҳод намояд. Барои иҷрои ин кор ҳисси масъулият, ҷаҳонбинии васеъ, дониши фарох, истеъдоди баланд зарур буд. «Ҳақиқати таърихро дида тавонистан ва ин ҳақиқат бисёр талх бошад ҳам, онро бо овози баланд мардвор гуфтан лозим буд, то ки оояндаи миллатро таъмин кардан мумкин шавад» [283, с. 187]. Ба қавли муҳаққиқон «дар ҳамаи асарҳои Айнӣ таърих бо як мақсади муайян, яъне ба хотири оянда истифода шудааст» [283, с. 258]. Аз мутолиаи очеркҳои мазкур метавон оояндаи миллатро пеши назар овард ва тасаввур кард.

Махсусиятҳои асарҳои таърихии устод Айниро муҳаққиқон дуруст арзёбӣ кардаанд: «Муҳимтарин ва нозуктарин хусусиятҳои рафти таърихи замонро дидан ва моҳияти онҳоро равшан кардан яке аз сифатҳои асосии назари санъаткоронаи Айнӣ буд. Таърихро бо ҳама фарохию вусъат ва гуногунию мураккабиҳояш фаро гирифтан, тамоми роҳи таърихии халқ ва хосиятҳои инкишофи таърихии ӯ, ҳамаи ҳастии таърихии халқро намудор кардан хусусияти асосии таърихияти Айнӣ мебошад. Дигар ҷиҳати муҳимми биниши таърихии вай ин аст, ки ҳамеша ба оянда нигаронида шуда буд» [283, с. 258]. Рисолаи «Таърихи инқилоби Бухоро», ки бо дастури ҳукумати Бухоро навишта шудааст, ҳарчанд асари таърихӣ аст ва ҳадафаш инъикоси таърихи зуҳур, рушд ва баргузории инқилоби Бухорост, ҳоло ҳам аҳаммияти худро гум накарда, ҳамчун ҳуҷҷати бемонанд ва аз дасти аввали таърихи инқилоб «дар бедории фикрии мардуми тоҷик, баланд бардоштани ҳисси миллии онҳо нақши намоён мегузорад» [210, с. 45].

Хулоса, рисолаҳои таърихии «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро»-и Садриддин Айнӣ, ки дар вақташ дар шиносоии гузаштаи торики давлатдории Осиёи Миёна вазифаи бузургеро адо карда буданд, имрӯз ҳам аҳаммияти баланди тарбиявӣ дошта, дар онҳо андешаҳои сиёсии устод Айнӣ бори аввал чунин муфассал ва равшан баён шудаанд.

## БОБИ 5
## СОХТОР, ХУСУСИЯТҲОИ ЖАНРӢ ВА УСЛУБИИ ПУБЛИТСИСТИКАИ СИЁСИИ УСТОД АЙНӢ

Услуби публитсистӣ дар адабиёти бадеӣ мавқеи муҳим дорад, зеро мавзуъҳое, ки дар адабиёт истифода мегарданд, баргирифта аз ҳаёти ҷомеа мебошанд ва бо истифода аз аносири бадеӣ эҷод мегарданд. Дар баъзе асарҳои бадеӣ ҷанбаи публитсистика қавӣ аст ва бинобар ин, баъзан услуби публитсистӣ дар нигоштаҳои адибон ҷойгоҳи вижа пайдо мекунад. Бояд қайд кард, ки услуби публитсистӣ тавассути воситаҳои ахбори омма ва китобҳои алоҳида барои таъсир расонидан ба афкори омма хидмат мекунад. Он бо фаро гирифтани масоили сиёсию иҷтимоӣ ва дар зимн, мантиқ, ҳассосият, арзёбии воқеӣ ба бедории шуури аҳли ҷомеа таъсир мерасонад. Дар он воҳидҳои фразеологӣ, калимаю тавсифҳои пуробуранг, ифодаҳои кӯтоҳ, саволҳо, хитоб, такрор ва ғайра ба эътибор гирифта мешавад. Тарзи навишту қолаби публитсистӣ аз мавзуи интихобгардида вобаста аст ва мавзуъҳои сиёсат, иқтисодиёт, маориф, тандурустӣ, ҳарбӣ, ҷуғрофӣ, экологӣ, табиат ва ғайра ба тарзи махсус таълиф мегарданд.

Вазифаҳои услуби публитсистӣ, пеш аз ҳама, *иттилоотӣ* – сари вақт ва босуръат расонидани навигариҳо, *таъсирбахшӣ* – кӯшиши ба хонанда расонидани таъсир дар мавриди ин ё он мушкилот ё ҳодисаи таърихӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, ба вуҷуд овардани *афкори умумӣ* ба шумор меравад. Дар ин миён, таъсиррасонӣ дар мавқеи аввал қарор мегирад. Муаллиф кӯшиш мекунад, ки бо ҳар роҳ ба хонанда таъсир расонад ва фаҳмиши ӯро ба мавқеи худ наздик намояд. Таъсиррасонӣ ба тафаккур ва эҳсос иртибот мегирад. Ҳамин тавр, публитсистикаро метавон аз нуқтаи назари услуб ва жанр мавриди назар қарор дод, зеро ҳамчун услуб он ҳам дар адабиёти бадеӣ ва ҳам дар журналистика ба кор меравад ва матн ҳамчун жанр хоси жанрҳои публитсистика мебошад.

Зимни таҳлилу баррасии масъалаҳо ва таҳқиқи сарчашмаҳо мо дар фаслу бобҳои боло дар мавридаш ишора кардем, ки кадом асари устод Айнӣ дар

кадом жанр таҳия шудаанд ё аз нуқтаи назари муҳаққиқон ин ё он навишта ба кадом жанр мутаалликанд. Дар боби мазкур мо дар атрофи сохтор, хусусиятҳои жанрӣ ва услубии публитсистикаи сиёсӣ дар осори С. Айнӣ мушаххастар андешаронӣ хоҳем кард.

## 5.1. Сохтор, хусусиятҳои жанрӣ ва услубии мақола ва асарҳои бадеии устод Садриддин Айнӣ

Бояд гуфт, ки публитсистика аз ҷараёнҳои адабӣ дур мебошад. Осори адабӣ метавонад дар доираи методҳои класситсизм, сентиментализм, романтизм, реализми танқидӣ эҷод шавад, аммо осори публитсистӣ аз рӯйи табиати ҳодисот ва талаботи ҷамъиятӣ доштан наметавонад аз рӯйи метод ва ҷараёнҳои мазкур таълиф карда шавад, зеро ҳадаф, вазифаҳо ва методи бунёди кори публитсистӣ тамоман дигар аст. Дар ин маврид, муҳаққиқ И. Усмонов бо қатъият изҳор доштааст, ки «публитсистика адабиёт нест» [237, с. 61] ва вобаста ба ин, хулоса баровардааст, ки қалами публитсист аз адиб фарқ мекунад, аммо дар назар бояд дошт, ки дар аксар ҳолат публитсистони боистеъдод адибони номӣ (чун С. Айнӣ, Г. Маркес...) мебошанд.

Тавре ки маълум аст, намояндагони ин ё он метод ё ҷараёни адабӣ муносибати худро ба воқеият аз мавқеъҳои гуногун баён ва инъикос мекунанд. Арзёбии публитсистии воқеият тамоман дигар аст, аз ин рӯ, объект, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои публитсистикаи имрӯза аз объект ва предмети ҷараёнҳои классикӣ ва неоклассикӣ дар адабиёт хеле фарқ мекунанд, зеро таъйиноти иҷтимоии худи публитсистика дигар аст. Мақсади публитсистика бедор кардани афкори ҷамъиятӣ, муттаҳидкунии одамон дар атрофи ғояи дар мақола ва сухани муаллиф овардашуда, ташаккули афкори ҷамъиятии мутобиқ ба ғояи мазкур, равонасозии хонандагон барои иҷрои вазифаҳои муайян, дар ин замина, ба вуҷуд овардани оммаи мардуми дорои мақсади ягона, омодагӣ барои иҷрои барномаи мушаххаси иҷтимоӣ мебошад. Яъне, хато намешавад гӯем, ки публитсистика як навъ сиёсат аст.

Баъзе муҳаққиқон публитсистикаро ҳатто аз журналистика фарқ кунонда, қайд кардаанд, ки «на ҳар навиштаи публитсистӣ журналистика мешавад» [237, с. 55].

Ба таври умум, агар публитсистика ва асари публитсистӣ бо натиҷаҳои эҷоди бадеии дар асоси метод ва ҷараёнҳои адабӣ анҷомдодашуда муқоиса карда шаванд, ҳамоно фарқияти таърихӣ, назариявӣ ва таснифотии байни адабиёт ва публитсистика ба назар мерасанд.

Дар мавриди анъанаҳои эҷодӣ дар адабиёт ва публитсистика бояд гуфт, ки дар адабиёт метавон аз риояи анъанаҳои маъмули гузашта чашм пӯшид. Нависандагону шоирони зиёдро номбар кардан мумкин аст, ки анъанаҳои маъмулро сарфи назар карда, шакли нави асари бадеиро ба вуҷуд овардаанд. Дар натиҷа асари онҳоро ҳамзамононашон нафаҳмиданд, аммо баъди гузашти солҳову асрҳо он асар машҳури олам гашт. Намунаи чунин асарҳо «Дон Кихот»-и М. Сервантес, «Усто ва Маргарита»-и М. Булгаков, чанде аз асарҳои Платонов ва ғайра мебошанд.

Дар публитсистика ба амал омадани ҳолати мазкур ғайриимкон аст. Асари публитсистӣ барои замони муайян (хонандагони ҳамон замон) аст, агар чунин талаботро ба ҷо наоварад, публитсистика нест. Кори публитсистӣ дар фарқ аз адабиёти бадеӣ, ки фазо (панорама)-и нисбатан васеи ҷамъиятию сиёсӣ ва маънавиро инъикос ва бозгӯйӣ мекунад, масъалаҳои аниқи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, миллии давраи муайян ва ҷомеаи аниқро дар бар мегирад ва он (намунаи асари публитсистика) агар барои хонандаи ҳамон замон нофаҳмо ва қобили қабул набошад, вазифаи худро иҷро карда наметавонад ва аз байн меравад. Барои публитсистика муҳим он аст, ки асари пешниҳодшударо ҳамзамонон фаҳманд ва қабул намоянд ё ақаллан рад кунанд, наояндагон. Зеро он маҳз барои имрӯзиён аст ва барои мақсади муайян – бедор кардани руҳи ягона бо публитсист, мусоидат барои таҳияи мавқеи муайяни ҳаётӣ, ҳавасманд намудан ба амали аниқ эҷод шудааст. Ҳамин тавр, агар публитсист барои имрӯзиён кор кунад, нависанда бароиояндагон заҳмат мекашад. Агар нависандаи асари бадеӣ анъана ва қоидаҳои эҷоди бадеии мавҷударо рад карда

тавонад, ин барои публитсист ғайриимкон аст, ӯ бояд идомагари анъанаҳои публитсистии қабулгардидаи замонаш бошад, вагарна ӯро намефаҳманд ва қабул намекунанд. Ба қавли муҳаққиқон, «умумияту тафовутҳои публитсистика ва адабиёт басо печида ва ба диди одӣ муайяншаванда нест. Лиҳозо, иддае аз муҳаққиқин публитсистикаро на ҳамчун соҳаи хоси эҷодӣ, балки ҳамчун як жанри адабиёт фаҳмидаанд ва ба ҳайси жанр маънидод мекунанд, ки бадеияти казоӣ надорад… Аслан дақиқ нигарем, ҳар соҳа ва жанрҳои онро аз рӯйи умумиятҳое, ки ин жанрҳоро ба вуҷуд меоранд, мешиносем ва фарқ мекунем» [237, с. 59]. Шарти асосии комёбии баромади публитсистӣ рӯзмаррагии мушкилоти бамиёнгузоштаи муаллиф тибқи одат ва анъанаҳои дар ҷомеаи мазкур қабулшуда мебошад. Маҳз ба ин сабаб ва монанд ба ин асарҳои публитсистии дар оғози асри гузашта офаридаи нависандагон ва журналистони тоҷик ба хонандаи ҳамон замон нигаронида шудаанд ва вазифаи тарбиявӣ, тарғиботӣ, ҷалби таваҷҷуҳи хонандаро ба ғояе, мақсаде, ҳадафе доро мебошанд. Бештар ин ҳадафҳо сиёсӣ мебошанд, аз ин рӯ, онро метавон публитсистикаи сиёсӣ номид.

Масъалаи объект ва предмети адабиёт ва публитсистика низ қобили баррасӣ мебошад. Нахуст, *объекти адабиёт* воқеият – табиат, инсон, шуур аст. Инъикоси воқеият хеле раванди фарох, пурмазмун ва зиддиятнок мебошад, роҳҳо, шаклҳо ва усули омӯзиш ва инъикоси он дар асари бадеӣ аз ҷаҳонбинӣ ва мавқеи нависанда вобаста аст. Ҳамон қадар равиши адиб нав, ғайриодӣ, ногаҳонӣ бошад, ҳамон андоза асари асил ба вуҷуд меояд. Ногуфта намонад, ки объект ва предмет, мушкилот ва методҳои адабиётро тасаввур кардан кори осон нест, мақулаҳои мазкур чунон мураккаб ва беҳудуд мебошанд, ки ҳатто таҳқиқи пурраашон дастрас нест. Албатта, ба таври умумӣ метавон гуфт, ки *предмети* ин ё он асари машҳур мушкилоти зиндагист, аммо пурра муайян кардан ва шарҳ додани предмети ин ё он асари бадеӣ имконнопазир аст.

Публитсистика дар ин маврид ошкорбаён мебошад. Вай барои шарҳи ғояи асари бадеӣ низ кумак мерасонад. Аз ҷумла, объекти як асари публитсистӣ кӯли Арал бошад, предмети он мушкилоти объекти номбаршуда ва ҷалби таваҷҷуҳи

одамон ба вазъи нохуби экологии заминҳои атрофи он ба шумор меравад. Хулосаи публитсист бедор кардани таваҷҷуҳи мардум ба вазъи баамаломада ва пешгирии фалокати экологӣ, тарбияи донишу фаҳмиши экологии одамон аст.

Муносибати ин ҳар ду – адабиёт ва публитсистика ба хонанда низ фарқ мекунад. Дар ин маврид, «равиши публитсистӣ метавонад дар осори адабӣ васеъ истифода шавад ва он гоҳ ин адабиёти публитсистӣ (романи публитсистӣ, шеъри публитсистӣ) ё асари адабии оҳанги публитсистидошта хоҳад буд» [237, с. 60]. Нақшаи консепсияи адабиёти бадеӣ нависанда – воқеият – асари бадеӣ – хонанда, қоидаи асари публитсистӣ, публитсист – мушкилот – асар – хонанда аст. Публитсистон як методи эҷод, яъне, даъват ба амал доранд. Аммо дар адабиёт услуби ҳар як муаллиф дигар аст, муаллиф ҳамеша услуби шахсиашро чун услуби асил пешниҳод мекунад, бинобар ин, чунин ба назар мерасад, нависандае, ки услуби худро надорад, муваффақ намешавад. Аммо публитсистон методҳои умумиро ба кор мебаранд, зеро вазифаи асосии онҳо даъвати хонанда тавассути инъикоси мушкилоти ҷомеа аст. Агар нависанда хонандаро тарбият кунад, публитсист ӯро даъват менамояд. Яъне, ба таъбири С. Корконосенко, вазифаи публитсист «хидмат ба ҷомеа ва ташаккули худогоҳии шаҳрвандии он мебошад» [134].

Адабиёт инъикоси фалсафаи зиндагӣ дар шакли санъати сухан ва эстетикаи бадеӣ мебошад. Публитсистика дигаргунсозии воқеияти зиндагӣ, замонавигардонии масъала, ташкили ҳаракати оммавии иҷтимоию сиёсӣ тавассути ҷалби ҷомеа ба масъалаҳои муҳимми рӯз, ҳифзи манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолии ҷомеаи мазкурро дар назар дорад. Адабиёт вазифаи дурнамо – баланд бардоштани фарҳанги умумӣ ва сатҳи эстетикии хонандагонро ба зимма гирифта, як навъ сармоягузори маънавӣ барои асрҳо ва солҳо мебошад. Публитсистика барои манфиатҳои имрӯзаи одамон мубориза мебарад.

Адабиёт ҳудудест дорои эҳсосоти амиқ ва нозук. Публитсистика дар қиёс бо он мутантан буда, даъватҳои бевоситаро меписандад, нозук нест, ҷиддӣ ва то андозае ошкор аст. Мақсади аниқ – даъвати хонанда ба муҳокимаи мақола ё

асари пешниҳодшударо дорад. Асари публитсистӣ ба доираи васеи одамон нигаронида шудааст. Асари бадеӣ бо ифодаҳои аҷиби сухани муаллиф, тасвирҳои бадеӣ, руҷуъҳои лирикии психологӣ, санъатҳои сухан ғанӣ буда, умри дароз дорад, ҳар як насли нав дар он образ ва арзишҳои нави худро пайдо мекунад. Аксар асарҳои публитсистӣ баъди ҳал шудани мушкилоти бардошташудаи мазкур аҳаммияти худро гум мекунанд, аммо асарҳои публитсистие ҳастанд, ки баъди гузашти солҳо ҳам хонанда доранд. Адабиёт дарёи ба таври ором равон, васеъ ва амиқ, публитсистика дарёи кӯҳиест, ки бо шарру шӯр сахраҳоро мегузарад ва маҳз бо ин хислаташ диққатро ҷалб мекунад. Агар нависандаи асари бадеӣ ба эҳсосоташ такя кунад, публитсист ба мавзуъ ва манфиати ҷомеа диққат медиҳад. Агар ҳадафи нависанда инъикоси манзараи зиндагӣ бошад, мақсади публитсист бедор сохтани фаҳмиши ҷомеа, равона намудани фикр ва ҳаракати одамон ба самти муайян аст. Бо вуҷуди ин, нависанда ва публитсистро наметавон дар ду сангари аз ҳам дур ҷо кард.

Доира ва шумораи хонандаи асари бадеӣ ва публитсистӣ тангу кам ва махсус мебошад, на ҳама асарҳои нависандаро хонда, онро дарк мекунанд. Ҳамчунин, бо гузашти айём як асар ба кас метавонад таъсири гуногун бахшад. Ғайр аз ин, ҳар як хонанда дар асари бадеӣ маънои ба хусусият, хислат ва таҷрибаи худ мувофиқро дармеёбад, яъне, дар адабиёт қоидаи гуногунандешӣ риоя мешавад. Публитсистика чунин плюрализми андешаҳоро намепарастад. Вай мехоҳад, ки ҳама ӯро як хел фаҳманд, вагарна публитсистика наметавонад қабатҳои гуногуни иҷтимоӣ, ҷомеаи васеъро муттаҳид гардонад ва бо ин вазифаи асосии иҷтимоии худ – ба иҷрои вазифаи муайяни ҷамъиятӣ равона кардани мардумро адо кунад.

Яке аз имконоти дигар барои хуб дарк кардани умумият ва фарқият байни адабиёт ва публитсистика, муқоисаи онҳо аз нуқтаи назари жанрҳое, ки истифода мешавад, мебошад. Маълум аст, ки жанр баробари забон ва услуб яке аз шаклҳои зуҳури шакли асар аст. Асари бадеӣ доираи васеи шаклҳо, аз одӣ то пасипардагиро дорост. Публитсистика чунин хусусият надорад. Он шаклҳои мураккабро намепарастад, зеро ба доираи калони хонанда шарҳи он вақти

зиёдро мехоҳад. Хонандаи публитсистика намехоҳад мақолаи публитсистиро гаштаву баргашта хонад, то маъноҳои нави онро фаҳмад, воқеан, чунин имконро ҳам надорад.

Асарҳои бадеии асиле ёфт мешаванд, ки дар тамоми ҷаҳон хонанда доранд. Онҳо куҳна намешаванд, чун «Калила ва Димна», «Ҳазору як шаб», «Самаки айёр», «Шоҳнома», «Лайлӣ ва Маҷнун» ва ғайра.

Баъзе муҳаққиқон ва коршиносон бар онанд, ки асари публитсистӣ ё мустанад дар давраи таътил ва истироҳати нависанда навишта мешавад: адиб баъди эҷоди асарҳои калонҳаҷми бадеӣ: роман, повест, эпопея, достон ба таълифи асари мустанад шуғл меварзад. Гӯё публитсистика шакли «осон»-и фаъолияти эҷодӣ буда, нависанда баъди меҳнати тоқатфарсои эҷодӣ – навиштани роману достонҳо, ба тариқи истироҳат ба навиштани асарҳои сабуки публитсистӣ сар мекунад. Дар асл, публитсистика асари осонэҷод, адабиёти осоннавис ва осонфаҳм нест. Албатта, ҳаҷми публитсистика хурд аст. Аммо баъзан чанд саҳифаи матн, ё як расми наққош назар ба чандин ҷилд адабиёт дониш ва афкори бештар медиҳад. Албатта, мазмуни публитсистика бояд сода ва фаҳмо бошад, зеро он барои фаҳмиши доираи калони одамон дар вақти муайян дар назар дошта шудааст. Дар натиҷа баъзан дар публитсистика соданависӣ ба ҷойи аввал мегузарад. Вале агар содабаёнӣ аз ҳад гузарад, ба қавли А. Саъдуллоев, «на танҳо аз маърифати умумии нигоранда дарак намедиҳад, балки муаммоҳо аз таҳлил ва таҳқиқ канор монда, фикреро ифода нахоҳад кард» [214, с. 33]. Дар натиҷа сифати адабиёти бадеӣ зарар мебинад. Дар баробари ин, мустанадбаёнӣ ва публитсистика ба дараҷаи баланд тараққӣ мекунад.

Жанрҳои ин ҳар ду навъи эҷод низ аз ҳамдигар фарқ доранд. Адабиёти бадеӣ ба эпика, лирика ва драма ҷудо мешавад. Ҳамаи ин се намуди эҷоди бадеӣ таснифоти бисёрсатҳаи дохилӣ дорад, ки дар бораи онҳо таҳқиқоти зиёд мавҷуданд. Аз ҷумла, роман, ки ба насри эпикӣ дахл дорад, ба як қатор намудҳо ҷудо мешавад: эпопея, психологӣ, фалсафӣ, фантастикӣ, ҳаҷвӣ, саргузаштӣ, таърихӣ ва ғайра. Повест ва ҳикоя низ таснифоти худро дороянд. Эҷоди лирикӣ

низ бо гузашти айём навъҳои навро пайдо кардааст. Драма ҳарчанд чанд садсола боз арзи вуҷуд дорад, дар мавриди таснифоти он мутахассисон ба фикри ягона наомадаанд.

Аммо асари публитсистӣ дорои чунин гуногунрангии жанрӣ нест, масалан, вай наметавонад саргузаштӣ ё фантастикӣ шавад. Баромадҳо ё руҷуъҳои публитсистӣ аз рӯйи мавзуи кор тасниф шуда метавонанд: публитсистикаи сиёсӣ, иқтисодӣ, таърихӣ, экологӣ, ҳарбӣ ва ғайра. Бо намунаҳои нави публитсистика чун публитсистикаи бадеӣ, ҳуҷҷатӣ, таърихӣ, нақдӣ ва эссеи публитсистӣ низ вохӯрдан мумкин аст.

Агар ба рушди жанрҳои публитсистӣ амиқ назар андозем, муайян мегардад, ки муддати дароз баъзе муҳаққиқон публитсистикаро самти алоҳидаи эҷоди журналистӣ ё адабиёт меҳисобиданд.

Тавре гуфтем, гурӯҳи жанрҳои бадеию публитсистӣ мавҷуданд, ки ба онҳо лавҳа, очерк, фелетон, памфлет, масал ва ғайра дохил мешаванд. Ғайр аз ин, дар асари бадеӣ шаклҳои гуногуни порчаҳои публитсистӣ мавҷуданд ва адибон аз он фаровон истифода мебаранд, аммо ин шаклҳоро наметавон яке аз жанрҳои журналистика ё адабиёти бадеӣ донист.

Барои он ки масъалаи мазкур равшан ва муносибати байни мазмуни публитсистика ва жанрҳои он ошкор гардад, ба ду махсусияти муҳим таваҷҷуҳ менамоем. Якум, публитсистикаро метавон ба ду самти муҳим ҷудо кард (сиёсӣ ва иқтисодӣ), ҳамчунин, метавон боз публитсистикаи таърихӣ, лирикӣ ва ғайра. Дуюм, ҳарчанд ду гурӯҳи аввали жанрҳои журналистикаро публитсистика наметавон номид, ин маънои онро надорад, ки гузориш ва мусоҳиба (аз гурӯҳи аввали иттилоотӣ) ё мухбирнома ва мақола (аз гурӯҳи дуюми таҳлилӣ) публитсистика надошта бошанд, баръакс, дар онҳо оҳанги публитсистӣ баланд садо медиҳад. Ин монанд ба он аст, ки дар асари бадеии насрӣ руҷуъҳои лирикии публитсистӣ оҳанги баланди публитсистӣ доранд, аммо ба жанри публитсистикаи журналистӣ дахл надоранд. Хуллас, унсурҳои публитсистика дар шакли бевосита ё бавосита метавонад дар ҳамаи жанрҳои журналистӣ ва

жанрҳои адабиёти бадеӣ (роман, ҳикоя, қисса, эссе, назми эпикӣ) мавҷуд бошад.

Ҳамин тавр, анъанаҳои адабиёти халқҳои Шарқ нишон медиҳад, ки публитсистика на танҳо қисмати асосии журналистика, балки асарҳои бадеии насрӣ ва назми эпикӣ низ мебошад. Асарҳои аввалини насрии адабиёти тоҷик чун «Одина», «Ғуломон», «Дохунда», «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ, романҳои Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, С. Улуғзода, Ӯ. Кӯҳзод, достонҳои М. Турсунзода, М. Қаноат…, ҳамчунин, асарҳои бадеии машҳури халқҳои дигар чун Л. Толстой, Ф. Достоевский, Э. Межелайтис, Р. Ғамзатов, Н. Думбадзе, М. Давлатободӣ, М. Авезов, А. Қодирӣ, Ч. Айтматов, А. Орифов ва дигарон бо оҳанги публитсистии баланди худ фарқ мекунанд. Ин, пеш аз ҳама, аз истеъдоди баланд ва маҳорати беназир, таҷрибаи эҷодии адибони мазкур гувоҳӣ медиҳад, ки тавонистанд асари бадеиро бо публитсистика омезиш диҳанд. Чӣ тавре ки зикр шуд, дар адабиёти ҷаҳон намунаҳои эссеҳои публитсистӣ низ ба вуҷуд омаданд, ки дар таснифоти анъанавии жанрҳои журналистика ва адабиёти бадеӣ падидаи нав мебошанд. Ин, аз як тараф, бо анъанаҳои илмию адабӣ, аз тарафи дигар, бо истеъдод ва ҳунари эҷоди нависандагони зикршуда алоқаманд мебошад.

Яке аз масъалаҳои баҳсталаб, ба ин ё он жанр тааллуқ доштани асари бадеист. Аксари муҳаққиқон бар онанд, ки назарияи жанрҳои адабиёт ва журналистика ба таври кофӣ коркард шудааст, аз ин рӯ, муҳаққиқ ба осонӣ метавонад, асареро ба яке аз жанрҳо мансуб донад. Дар ин масъала баҳс кардан намеарзад. Дар адабиёти рус «Ҷонҳои мурда»-ро муаллифаш Гогол «поэма» (достон) номидааст, аммо мунаққидони гузаштаву имрӯза онро роман мегӯянд. Э. Межелайтис асари насрии «Шабпаракҳои шабона»-ро монолог номидааст, ҳол он ки муҳаққиқон эссеи публитсистӣ номидаанд. Ба андешаи инҷониб, дар ин бобат ба муаллиф ҳуқуқи бештар бояд дода шавад. Танҳо муаллиф медонад, ки асар барои чӣ, бо кадом сабаб ва чӣ тавр навишта шудааст, кадом ҳадафҳояшро ба ҷо овардааст ва кадомашро не. Нависанда ба чоҳорчӯбаҳои қоидаҳо итоат намекунад.

Нишонӣ, аломат, хусусиятҳои публитсистӣ ба ин ё он андоза дар ҳамаи намудҳои эҷоди бадеӣ, журналистика, сиёсат, ҷомеашиносӣ ва ғайра мушоҳида мешавад.

Аз гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки адабиёт ва публитсистика соҳаҳои эҷодии ба ҳамдигар наздик ба ҳисоб меравaнд. Ҳар ду воқеоти зиндагиро инъикос ва мушкилоти умумиҷамъиятиро таҳқиқ менамоянд ва барои гурӯҳи калони хонанда нигаронида шудаанд. Ҳар ду ҳунари суханронӣ мебошанд. Ҷойи онҳо вобаста ба ҷанбаҳои маърифатӣ ва тарбиявӣ ба аҳолӣ хеле назаррас аст.

Бо вуҷуди ин, ҳарчанд адабиёт ва публитсистика ҷиҳатҳои зиёди умумӣ доранд, байни онҳо фарқиятҳои ҷиддӣ мавҷуданд. Аз ҷумла, онҳо дар забону тарзи баён, сохтору вазифа аз ҳамдигар фарқ доранд. Фақат аҳаммият ва ҷойи ин ҳар дуро, ки намунаҳои кори эҷодӣ маҳсуб меёбанд, муқаррар бояд намуд.

Аз ин рӯ, вазифаи асосӣ аз он иборат аст, ки оҳанги *публитсистика дар асари публитсистӣ* ва *публитсистика дар асари бадеӣ* шинохта ва баҳогузорӣ карда шавад. Барои ин зарур аст, ки дар навбати аввал, хусусиятҳои публитсистӣ дар осори бадеӣ бояд омӯхта, вазифаҳои онҳо муайян карда шаванд. Агар асари сирф публитсистӣ бо гузориши ҷиддии мушкилоти ҷамъиятӣ ва замонавӣ будани худ фарқ кунад, асари бадеӣ низ метавонад оҳанги публитсистии пурзӯр дошта бошад ва бо ин таваҷҷуҳи доираи васеи ҷомеаро бедор кунад. Аммо назар ба асари соф публитсистӣ аҳаммияти эстетикӣ ва тарбиявии асари адабии дорои хусусиятҳои публитсистӣ пурра ва ошкор намоён нест. Услуби публитсистӣ дар чунин асарҳои бадеӣ равшан буда, ҳамоно ба андозаи зиёд диққати хонандаро ба худ ҷалб мекунад ва имкон медиҳад, ки хонанда зуд ва осон ҳадафи эҷодии муаллифро дарк намояд.

Албатта, романҳои машҳури «Дуроҳаи Бӯронӣ», «Қиёмат», «Вақте ки кӯҳҳо сукут мекунанд»-и Ч. Айтматов, «Ҳайҷо»-и Ӯ. Кӯҳзод, «Ҷанг ва сулҳ»-и Л. Толстой асари публитсистӣ намебошанд, аммо дорои оҳанги муассири публитсистианд. Чунин руҳия ва равиш якҷо бо бофтаҳо, сюжет ва низоми образҳои тасвиркардаи нависанда ҷиҳатҳои пурзӯри бисёр романҳо, повестҳо

ва асарҳои назми эпикии классикӣ маҳсуб меёбанд. Аломати публитсистии асарҳои адабӣ диққати гурӯҳи калони хонандагонро ба худ ҷалб карда, ғояи асосии асар ва мақсади муаллифро ба доираи васеи одамон мерасонад. Аз ин рӯ, дорои руҳи публитсистӣ будан барои адабиёти бадеӣ чун обу ҳаво зарур аст. Публитсистикаи ҳақиқӣ ба адабиёти асил неру ва зебоӣ мебахшад. Дар умум, агар асари бадеӣ бо хусусияти публитсистии худ саривақтӣ ва муҳим бошад, дар навбати худ, публитсистика бо бадеияти худ ҷолибу зебост. Ин ҳақиқати бебаҳс аст.

Жанрҳои публитсистика дар матбуот шаклҳои зиёд дорад, чун ахборӣ (қайд, хабар, мусоҳиба, ҳисобот, гузориш); таҳлилӣ (мақола, шарҳ, таҳқиқоти журналистӣ, номаи кушод, хулосаи матбуот, суҳбат, тақриз). Дар публитсистикаи бадеӣ (лавҳа, гуфтугӯ бо худ, очерк, фелетон, памфлет, пародия, эпиграмма, афсона ва ҳикояи публитсистӣ) бошад, аломатҳои равшани образнокӣ, эҳсос, ифоданокӣ, воситаҳои гуногуни бадеӣ ва санъати сухан мушоҳида гашта, далелҳо ва ҳуҷҷатнигорӣ ба ҷойи дуюм мегузарад. Вобаста ба ин, вақтҳои охир дар байни муҳаққиқон дар мавриди муайян кардани жанрҳои публитсистика ва жанрҳои нави омехта иштибоҳҳо ба амал омада истодаанд. Бояд гуфт, ки жанр категорияи устувор ва тағйирнаёбанда аст, ҳарчанд бо гузашти замон тағйирот ба вуҷуд меоянд, жанрҳои публитсистикаи журналистӣ ва бадеӣ аз ҳам фарқ мекунанд, зеро дар адабиёти бадеӣ публитсистика шакли хосро ба худ мегирад. Агар асари бадеӣ ва эпикӣ, асосан, аз қаҳрамонҳои ғайривоқеӣ, ҳодисаҳои рӯйнадода нақл кунад, публитсистика ба далелҳои воқеӣ такя мекунад.

Муҳаққиқи тоҷик А. Саъдуллоев дар мавриди шинохти мафҳуми публитсистика, хусусан, публитсистикаи бадеӣ бори аввал истилоҳи «насри мустанад»-ро ба кор бурдааст. Ин аст, ки дар асари ӯ «Хосияти адабиёт» (2000) публитсистика аз зовияи адабиёт мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дуруст зикр кардааст, ки «ҳар кадом аз адабиёти нав ва алалхусус, насри бадеии он дар оғози пайдоиши худ аввалтар аз ҳама дар шаклҳои насри мустанад арзи вуҷуд менамояд» [214, с. 3]. Мавсуф асарҳои дар охири асри XIX ва аввали

асри XX бавуҷудомадаи адибони форсизабон: «Саёҳатномаи Иброҳимбек»-и маорифпарвари эронӣ Зайнулобиддин Мароғаӣ, «Сиёсатнома»-и Маҳмуди Тарзии афғонӣ, «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷи Бухороиро намунаҳои олии чунин насри мустанад шуморидааст. Мутаассифона, ба махсусиятҳои насри мустанад дар асарҳои бадеӣ, услуби публитсистӣ дар асари бадеӣ адабиётшиносони тоҷик таваҷҷуҳ накардаанд. Ин масъала дар адабиётшиносии рус то андозае мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, дар вақташ мунаққиди асри XIX В. Г. Белинский ба насри мустанад зиёд таваҷҷуҳ намуда буд: «Вақте нависанда ба сарчашмаҳо, факту далелҳо сару кор дорад, дар бораи ӯ чун санъаткор сухан рондан душвор аст, зеро вай бояд он далелҳоро қотеъ ва воқеӣ баён намояд» [79, с. 310]. Бо вуҷуди ин, дар адабиётшиносии рус низ дар боби муқаррар кардани жанр, намуд ва услуби забони асарҳои публитсистӣ, сабабҳои дар асари бадеӣ истифода шудани публитсистика сухани ниҳоӣ гуфта нашудааст. Фақат мулоҳизаи Г. В. Плеханов қобили қабул аст: «Санъаткор ба воситаи образҳо андеша меронад, публитсист бошад, фикри худро ба воситаи хулосаҳои мантиқӣ исбот мекунад» [186, с. 291]. Аммо вақте ки асар ҳам аз хусусияти адабиёт ва ҳам публитсистика бархӯрдор бошад чӣ метавон гуфт? Агар асари нависандаи бузург Л. Толстой «Ҷанг ва сулҳ»-ро мавриди таҳлил қарор диҳем, дар он баробари сюжети муйяни бадеӣ воқеаҳои таърихӣ ва ҷамъиятӣ пайиҳам оварда шудаанд. Аз ин рӯ, таъкид бояд намоем, ки офарандагони намунаҳои беҳтарини насри мустанад – публитсистика, адибони машҳур ва баистеъдод мисли С. Айнӣ ва Л. Толстой мебошанд.

Муҳаққиқон бар он андешаанд, ки «рӯзномаву маҷалла ба сифати фарҳангӣ дар пайдоишу такомули адабиёти бадеӣ мавқеи хосро ишғол менамояд. Махсусан, адабиёти мустанад, ки тарзу услуби публитсистиро мехоҳад» [214, с. 24]. Ҳатто муддате шеъри лирикии куҳани тоҷикӣ ба хитобаву муроҷиат табдил ёфт, ки метавон аз он осори мустанад ва публитсистикаро ҷустуҷӯ намуд.

Оид ба мавзуи публитсистикаи устод Айнӣ асарҳои А. Маниёзов «Публитсистика ва назми С. Айнӣ», А. Саъдуллоев «Хосияти адабиёт», И.

Усмонов «Асосгузори публитсистикаи тоҷик», «Назаре ба публитсистикаи устод С. Айнӣ», М. Абдуллозода «Публитсистикаи тоҷик ва ҳувияти миллӣ», М. Муродӣ «Айнӣ ва матбуот», «Як назари иҷмолӣ ба публитсистикаи Садриддин Айнӣ», А. Азимов «Назаре ба саргаҳи публитсистикаи устод Айнӣ», Э. Сафарзода «Ҳувияти миллӣ дар осори публитсистии Садриддин Айнӣ»-ро ҳамчун таҳқиқоти бунёдӣ дар самти омӯзиши таҳқиқи публитсистикашиносии тоҷик ва осори арзишманди устод Айнӣ ёдовар шудан мумкин аст. Махсусан, дар асари «Ҳувияти миллӣ дар осори публитсистии Садриддин Айнӣ» масъалаҳои публитсистикаи муосир, пажуҳиши осори публитсистии устод Айнӣ ва баррасии масоили ҳувияти миллӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар масоили ҳувияти миллӣ, саҳми устод дар шинохти тоҷикон, Айнӣ ва масъалаҳои забони адабии муосири тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Мусаллам аст, ки мавзуъҳои мазкур ба ин ё он андоза ба сиёсат алоқамананданд, аз ҷумла, миллат, забон ва сиёсат.

Хулоса, махсусиятҳои услубҳои бадеию публитсистӣ ва қолабҳои жанрии онҳо ҳангоми баррасии мавзуъҳо бармало эҳсос мегардад, гарчанде ки адабиёт ва публитсистика дар баррасии мавзуъ бо ҳамдигар қаробат доранд. Дар маводу матолиби адабӣ адиб озод буда, воқеаву ҳодисаҳоро он тавре худаш мехоҳад, ба риштаи тасвир мекашад ва истифода аз аносири бадею зебоиофарӣ дар меҳвар қарор мегирад. Дар осори публитсистӣ бошад, муаллиф озод набуда, дар заминаи факту рақамҳои мушаххасу дақиқ зуд пешниҳод намудани нигошта дар авлавият қарор дошта, воситаҳои тасвири бадеӣ чун омили ёридиҳанда барои ҷолибу муассир таълиф гардидан корбаст мешаванд.

Таҳқиқи публитсистикаи сиёсӣ дар эҷодиёти Садриддин Айнӣ нишон медиҳад, ки ин падида дар осори ӯ ҳамчун низоми мукаммали сохторӣ, жанрӣ ва услубӣ ташаккул ёфтааст. Яъне, ҷанбаи сиёсӣ дар матнҳои устод Айнӣ дар сатҳи ғояҳо, тарзи сохтани матн, интихоби жанр ва воситаҳои баён ифода меёбад. Маҳз ҳамин омил имкон медиҳад, ки эҷодиёти ӯ ҳамчун як марҳалаи калидӣ дар ташаккули публитсистикаи сиёсии тоҷик арзёбӣ гардад.

Дар сатҳи сохторӣ, матнҳои публитсистии устод Айнӣ дорои як тартиби нисбатан устувор мебошанд, ки аз се унсури асосӣ иборат аст: муқаддимаи масъалагузорӣ, қисмати таҳлилӣ ва хулосаи арзёбикунанда. Дар осори ӯ, аз ҷумла, он матнҳое, ки ба масъалаҳои маориф, ҷомеа ва ислоҳоти фикрӣ бахшида шудаанд, муаллиф аввал масъалаи муайянро ба миён мегузорад ва онро ба заминаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ мепайвандад. Ин масъалагузорӣ одатан хусусияти умумӣ дорад, аммо тадриҷан ба сатҳи мушаххаси иҷтимоӣ ва сиёсӣ фаромада, ба таҳлили ҳолатҳои воқеӣ мерасад.

Қисмати дуюми сохтор, яъне, таҳлил дар эҷодиёти устод Айнӣ хусусияти далелӣ ва таҷрибавӣ дорад. Муаллиф барои асоснок кардани андешаи худ аз мисолҳои мушаххас, ҳолатҳои зиндагӣ ва таҷрибаи шахсӣ истифода мебарад. Ин ҷанба, махсусан, дар «Ёддоштҳо» равшан ба назар мерасад, ки дар он воқеаҳои зиндагӣ ба сифати далел истифода мешаванд. Яъне, ҳодиса ба унсури таҳлил табдил ёфта, ба воситаи он сохтори ҷомеа ва низоми ҳокимият фаҳмонда мешавад.

Қисмати сеюм, хулоса бошад, дар матнҳои С. Айнӣ одатан хусусияти арзёбӣ ва таъсиргузорӣ дорад. Муаллиф дар охир мавқеи худро равшан намуда, хонандаро ба андешаронӣ ва хулосабарорӣ водор мекунад. Ин хулосаҳо на ҳамеша дар шакли сухану шиори одӣ баён мешаванд, балки бештар ба таври ғайримустақим, тавассути муқоиса ва нишон додани натиҷаҳои иҷтимоӣ ифода меёбанд. Ин хусусият ба матн ранги публитсистии амиқ мебахшад.

Дар сатҳи жанрӣ, публитсистикаи сиёсӣ дар эҷодиёти устод Айнӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад, ки ҳар яке имкониятҳои хоси баёни фикри сиёсиро фароҳам меорад. Агар мақолаҳо шакли мустақими ифодаи андешаи сиёсӣ бошанд, осори бадеӣ ин андешаҳоро ба шакли рамзӣ ва образӣ пешниҳод мекунанд. Масалан, «Ятим» дар зоҳир як ҳикояи иҷтимоӣ аст, аммо дар асл повести мукаммал аст, ки тавассути образи қаҳрамон масъалаи беадолатии иҷтимоӣ ва бетаваҷҷуҳии низом ба инсон баррасӣ мешавад.

Романи «Дохунда» бошад, намунаи жанрест, ки дар он публитсистикаи сиёсӣ ба шакли мукаммалтар зуҳур мекунад. Дар ин асар, сохтори сюжет ва

рушди образҳо ба тавре тарҳрезӣ шудаанд, ки раванди ташаккули шуури сиёсӣ нишон дода шавад. Қаҳрамон ҳам иштирокчии ҳодисаҳо ва ҳам субъекти таҳаввули иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад. Ин хусусият, нишон медиҳад, ки жанри роман дар эҷодиёти С. Айнӣ василаи таҳлили равандҳои сиёсӣ мебошад.

«Ёддоштҳо» дар ин миён мавқеи махсус дорад, зеро он миёни жанрҳои бадеӣ ва публитсистӣ қарор мегиранд. Ин асар, аз як тараф, хотирот аст, аммо аз тарафи дигар, дорои хусусиятҳои равшани публитсистикаи сиёсӣ мебошад. Муаллиф воқеаҳои шахсиро ба сатҳи умумии иҷтимоӣ бардошта, онҳоро ҳамчун нишонаи вазъи сиёсӣ шарҳ медиҳад. Ин омезиши жанрӣ ба асар имкон медиҳад, ки он ҳам санади таърихӣ ва ҳам матни таҳлилии сиёсӣ арзёбӣ мешавад.

Дар сатҳи услубӣ, публитсистикаи сиёсӣ дар осори устод Айнӣ бо чанд хусусияти муҳим фарқ мекунад. Аввалан, услуби ӯ воқеъбинона ва далелмеҳвар аст. Муаллиф аз муболиға ва тасвирҳои сунъӣ худдорӣ намуда, ба воқеият такя мекунад. Ин ҷанба эътимоднокии матнро боло мебарад ва онро ба сатҳи таҳлили илмӣ наздик месозад.

Дуюм, услуби С. Айнӣ дорои унсури қавии интиқодӣ буда, он бештар хусусияти таҳлилӣ дорад. Муаллиф камбудиҳоро нишон медиҳад, аммо ҳамзамон, сабабҳои онҳоро низ шарҳ медиҳад. Ин тарзи баён нишон медиҳад, ки ӯ ҳам мунаққид ва ҳам сиёсатшинос шинохта шавад.

Сеюм, дар услуби ӯ унсури таъсиргузорӣ ба шуури хонанда мавқеи муҳим дорад. Ин таъсир тавассути мантиқ, далел ва образ ба даст меояд. Хонанда ба андеша водор карда мешавад, ки ин хусусият публитсистикаи ӯро аз шаклҳои таблиғотӣ фарқ мекунад.

Чорум, омезиши услуби бадеӣ ва публитсистӣ яке аз вижагиҳои асосии эҷодиёти С. Айнӣ мебошад. Дар осори бадеии ӯ, аз ҷумла, «Дохунда» ва «Ятим» унсурҳои таҳлилӣ ва публитсистӣ ба таври табиӣ дар матн ҷойгир шудаанд. Ин омезиш имкон медиҳад, ки фикри сиёсӣ ба шакли муассир ва таъсиргузор баён гардад.

Дар маҷмуъ, таҳлили сохтор, жанр ва услуби осори устод Айнӣ нишон медиҳад, ки публитсистикаи сиёсӣ дар эҷодиёти ӯ як низоми мукаммалро ташкил медиҳад. Ин низом дар он зоҳир мегардад, ки матнҳо дорои сохтори мантиқӣ, жанрҳои гуногуни ифода ва услуби таъсиргузор мебошанд. Маҳз ҳамин омилҳо эҷодиёти ӯро аз сатҳи адабиёти иҷтимоӣ ба сатҳи публитсистикаи сиёсӣ мерасонанд.

Ҳамин тавр, публитсистикаи сиёсӣ дар осори Садриддин Айнӣ дар се сатҳи асосӣ – сохтор, жанр ва услуб ба таври мукаммал ташаккул ёфтааст. Сохтори мантиқии матн, гуногунрангии жанрҳо ва услуби таҳлилӣ-интиқодӣ имкон медиҳанд, ки андешаи сиёсӣ таъсиргузор гардад. Ин хусусиятҳо эҷодиёти устод Айниро ба як намунаи барҷастаи публитсистикаи сиёсӣ табдил дода, аҳаммияти онро дар ташаккули фикри ҷамъиятӣ ва худшиносии миллӣ муайян мекунанд.

### 5.2. Адабиёт, публитсистика ва сиёсат: тафовут, ҳамоҳангӣ, таносуби бадеият ва воқеият

Омӯзишу пажуҳиши мавзуъҳо имкон фароҳам меорад, ки паҳлуҳои гуногун ва соҳаҳои ба ҳам иртиботмандро мушаххас намоем. Бо рушду инкишоф ва пешрафт дар ҷаҳони муосир шохаҳои нави илм пайдо гардида, мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Мавзуе, ки дар замина мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем, аслан масъалаи нав нест, зеро муҳаққиқон атрофи он борҳо баҳс оростаанд. Дар зимн, ҷамъ овардани он ҳама андешаву мулоҳизот ва пажуҳишҳо оид ба алоқамандии адабиёту публитсистика ба сиёсат, аз як тараф, баҳсҳоро дар атрофи мавзуи мазкур ба низом дарорад, аз ҷониби дигар, шарҳу тавзеҳ бахшидани онҳо метавонад барои аҳли илм муфид бошад. Мусаллам аст, ки таҳқиқу пажуҳишҳо доир ба адабиёт нисбат ба публитсистика пештар оғоз ёфтааст, гарчанде заминаҳои таърихи ташаккули публитсистика ҳанӯз дар журналистикаи қабл аз журналистӣ ба мушоҳида мерасанд. Аз ин рӯ, пажуҳишҳо дар хусуси мушаххас намудани публитсистика аз нигоҳи илмӣ дар

солҳои 70-80-уми асри XX дар Тоҷикистон оғоз меёбад. Бинобар ин, дар оғоз вобаста ба фарқият надоштани адабиёт аз публитсистика ба миён омада буд. Аз ин рӯ, публитсистика ҳамчун илми алоҳида нисбатан таърихи нав дорад. Алоқамандию тафовути публитсистика бо адабиёт ва баръакс, таносуби бадеияту воқеияти адабиёт бо публитсистика ва ҳатто алоқамандии адабиёту публитсистика ба сиёсат яке аз мавзуъҳоест, ки миёни муҳаққиқон фикру андешаҳои мухталиф вуҷуд дорад. Маълум аст, ки ҳар мавзуи матраҳшуда новобаста аз маводди адабӣ ё публитсистӣ будан, бинобар сабабҳои алоқаманд будан ба вазъи иҷтимоъ аз ягон ҷиҳат ба сиёсат низ алоқаманд аст. Ба қавли муҳаққиқон, адабиёт ҳеҷ гоҳ аз ҷомеа ҷудо набуд ва нахоҳад шуд ва ба мавзуъҳое дахл мекунад, ки ба ҳаёт иртиботманданд. Аз ҷумла, адабиётшинос Абдулҳусайни Зарринкӯб бар он андеша аст, ки «адабиёт омил ва муҳаррики иҷтимоӣ низ ҳаст... Адабиёт ва ҷомеа – ҳар ду дар ҳоли таҳаввул ва таҳаррук мебошанд ва дар якдигар таъсири мутақобил менамоянд. Аз ин қарор ҳаргиз набояд фаъолияти адабиро аз фаъолияти кулли иҷтимоъ ҷудо кард» [116, с. 49-50]. Аз ин бармеояд, ки адабиёт чун публитсистика ба мавзуъҳое таваҷҷуҳ менамояд, ки ба ҷомеа аз ягон ҷиҳат иртибот доранд. Ба таъкиди муҳаққиқ Аъзамҷон Азимов, «аз азал адабиёт ва публитсистика ба ҳам тавъаманд» [59, с. 116]. Ин хусусияти адабиёт – ифодагари ҳаёти ҷомеа, бештар дар қолаби публитсистика корбаст мегардад. Дар зимн, ҳам адабиёт ва ҳам публитсистика метавонанд ба мавзуъҳои рӯз таваҷҷуҳ намоянд, вале тарзи муносибат ва тасвир дар он якранг нест. Дар яке қаҳрамон типӣ карда шудааст, вале дар дигаре қаҳрамон воқеист ва тасвиру бозтобҳо бар мабнои воқеият сурат мегирад. Аз ин рӯ, вақте сухан вобаста ба мавзуоти муҳимми ҷомеа ба миён меояд, бояд дар назар дошт, ки ифодагари асосии он публитсистика маҳсуб меёбад.

Мусаллам аст, аксари мавзуъҳо ҳам дар адабиёт ва ҳам дар публитсистика мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки аз ягон паҳлу ба сиёсат рабт мегиранд. Яъне, тарғибгари идеологияи замон мебошанд. Ҳарчанд истилоҳи «адабиёт» дар адабиётшиносии тоҷик ва истилоҳи «сиёсат» дар илми сиёсатшиносӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, шарҳу тавзеҳ бахшида шудааст, аммо баҳсҳо

атрфои вожаи «публитсистика» то ҳол идома дорад. Дар ин маврид, ҳанӯз ҳам мавзуоте мавҷуд аст, ки муҳаққиқон ба як нукта наомадаанд. Бинобар ин, дар фасли мазкур ба таври мухтасар аз ҷиҳати назариявӣ – омӯзиш ва таҳқиқи публитсистика, тобеияти он ба адабиёт ё журналистика, ҳамбастагии адабиёту публитсистика ба сиёсат, шакл ва намудҳои публитсистика (бадеӣ, сиёсӣ, иҷтимоию таърихӣ, фалсафӣ ва ғайра) сухан меравад. Масоили мазкур дар илмҳои ҷомеашиносӣ аҳаммияти баланди илмиро доро мебошанд ва солҳо боз атрофи адабиётшиносӣ ва журналистика, ҳатто сиёсатшиносӣ, таърих ва фалсафа мавриди баҳс қарор гирифтаанд. Ба ин маънист, ки публитсистика имрӯз ба мавзуи муҳимми сиёсӣ табдил ёфта, донишмандону муҳаққиқон ва коршиносони соҳаҳои ҷудогонаи илм аз он бардошти худро доранд. Ба омӯзиши публитсистика ҳамчун соҳаи алоҳидаи эҷод дар мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмии Шуравӣ, аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои 60-70-уми асри гузашта таваҷҷуҳ шудааст.

Аз таҳлилу пажуҳиш ва омӯзишии сарчашмаҳои илмию назариявӣ маълум мегардад, ки публитсистика коргоҳи эҷодиест, ки дар он мушкилот ва зуҳуроти муҳимми зиндагии имрӯза мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ба ин мазмун, дар пажуҳишҳои олимони рус ба таври дақиқ зикр шудааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ В. М. Горохов [92] публитсистикаро соҳаи махсуси фаъолияти ҷамъиятию сиёсӣ номида, ҳадафи онро таъсиррасонии сиёсӣ ба омма меҳисобад. В. И. Здоровега [118] ба ин назар аст, ки дар публитсистика ба таври фаврӣ далелҳо ва зуҳуроти саривақтӣ бо мақсади таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа, дарки ҷамъиятӣ ва расонидани ёрии муайяни иҷтимоию амалӣ таҳқиқ ва хулоса карда мешаванд. Г. В. Колосов ва Э. А. Худякова таъкид медоранд: «Публитсистика, намуди эҷоди ҳамеша дар ҳаракат бо таъсири амалияи ҷамъиятии инъикоси воқеияти ҳақиқӣ, маҷрои махсуси иттилоот мебошад. Ин инъикос аз ҷиҳатҳои зер иборатанд: факту мулоҳизаҳои эмпирикӣ, дар мафҳумҳо, ғояҳо, образҳои публитсистӣ, фарзияҳое, ки имконияти таҳлили ҳодисаҳои саривақтӣ аз назари сиёсӣ, арзёбии фаврии онҳо, ифода ва ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва тавассути он таъсир расонидан, дарки ҷамъиятӣ ва рушди тамомии фаъолияти амалии

инсонҳоро доранд» [132, с. 14-15]. Ба андешаи В. В. Ученова, «публитсистика намуди тарғиботи оммавии сиёсиест, ки дар он мундариҷаи иттилоотӣ бо ифоданокии ҳассос ҳамоҳанг мегардад; аниқият дар пешниҳоди ҳодисаҳои воқеӣ бо тезутундии сиёсии афкори таърифшаванда ва ифоданокии муносибати муаллифӣ ба воқеа омезиш меёбад» [242, с. 24]. Г. В. Лазутин публитсистикаро намуди эҷодие донистааст, ки «дар доираи чорчӯбаи касбӣ маҳдуд нашуда, ба аъзои ҷомеа тавассути амалисозии вазифаҳои шаҳрвандии онҳо хизмат мерасонад» [142, с. 40-42]. Сиёсатшиноси тоҷик Г. Зокиров зикр менамояд: «Ҳаёти сиёсии ҷомеа аз раванду ҳодисаҳо ва муносибатҳои мухталифу ба ҳам зид, муқовиматомезу моҷарогар ва мутаносибу муттасил таркиб ёфтааст. Дар маркази ҳамаи ҳодисаҳо ва муносибатҳои ҳаёти сиёсӣ инсон истодааст, ки моҳиятан он маҳсули муносибатҳо ва робитаҳои ҷомеаи сиёсист» [121, с. 3].

Пажуҳишҳои олимони русро доир ба публитсистика метавон ба панҷ гурӯҳ тақсим кард, ки афкори мазкур аз алоқамандии байни ин се навъи эҷод – публитсистика, журналистика ва адабиёт дарак медиҳанд: «Якум, публитсистика яке аз самтҳои адабиёт буда, пеш аз ҳама, ба адабиётшиносӣ тааллуқ дорад. Дуюм, публитсистика яке аз самтҳои журналистика буда, ба он як қатор жанрҳои бадеию публитсистие дохил мешаванд, ки асосан, ба журналистика тааллуқ доранд: лавҳа, очерк, фелетон, памфлет, пародия, эпиграмма. Сеюм, публитсистика, ба қавли Е. П. Прохоров, шакли махсуси эҷодӣ ва мустақил мебошад» [188, с. 31]. Гурӯҳи чоруми мутахассисон бар он назаранд, ки публитсистика асарҳое мебошанд, ки забон ва услуби хос дошта, хонандааш гурӯҳи махсуси одамон мебошанд. Панҷум, ба таъкиди В. В. Ученов, «публитсистика матнҳои оммавии маъруфи сиёсӣ мебошад, ки ба равандҳои муҳимми ҷамъиятию сиёсӣ бо инъикоси фаврии ҳуҷҷатӣ, дарки ғоявию сиёсӣ ва арзёбии ба таври ҳассос ифодаёфта таъсир мерасонанд» [237, с. 23].

Мусаллам аст, ки заминаи асосии рушди публитсистикаи тоҷик аз омӯзишу таҳқиқи муҳаққиқони рус сарчашма мегирад. Маҳз дар асоси омӯзиши онҳо дар Тоҷикистон ба публитсистика ҳамчун соҳаи алоҳидаи эҷод диққати

махсус дода шуд. Дар ин миён, муҳаққиқони зиёди тоҷик ба пажуҳиши мавзуи мазкур машғул гардиданд, ки И. Усмонов, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, М. Абдуллозода, М. Муродӣ, Ҷ. Саъдуллоев, А. Азимов, П. Гулмуродзода аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Муҳаққиқ И. Усмонов таъкид медорад, ки «робитаи публитсистика ва сиёсат чизи бофтаю сохташудае набуда, ин айни зарурати зиндагӣ, моҳияти одии инкишофи ҳаёти иҷтимоӣ ва сабаби ба вуҷуд омадани публитсистика» [214, с. 76] ба ҳисоб меравад. Профессор Асадулло Саъдуллоев андешаи болоро тақвият бахшида, менигорад, ки «публитсистика чун жанри фаврию ҷанговари адабиёт дар талқини ҳама гуна ғояи пешқадам содиқона хизмат кардааст... Умаман, баҳси атрофи мафҳуми публитсистика (бо назардошти авзои публитсистӣ дар асар, сатҳи маърифати адибу қаҳрамонон, ҷаҳонбинӣ, идеология, табақотӣ будани нигориш ва ғ.) ҳеҷ гоҳ аз байн нарафта будааст [188, с. 6-14]. Маълум аст, ки публитсистика на танҳо авзои замонро бозтоб мекунад, балки онро ташхису баҳогузорӣ менамояд. Ба ин маънӣ, доктори илми филология А. Муродӣ таъкид мекунад, ки «публитсистика ҳамқадами замон буда, ҷараёни зиндагии воқеии иҷтимоиро бо буду бош, бурду бохт, шодию сурур, ғаму андӯҳ инъикосу тасвир мекунад... Публитсистика, аз як тараф, ифодагари рӯҳияи давру замони муайян бошад, аз ҷониби дигар, ба набзи иҷтимоӣ ва талаби сиёсии он сахт алоқаманд аст» [165, с. 567].

Агар ба мафҳумҳои «адабиёт», «публитсистика» ва «сиёсат» як назари иҷмолӣ намоем, мебинем, ки мафҳуми «адабиёт» нисбатан равшан аст. Фақат метавон зикр кард, ки адабиёт мафҳуми хеле қадимӣ буда, замоне пайдо шуд, ки инсоният нав ба ҳаёти маданӣ қадам мегузошт. Адабиёт ба мафҳуми боз ҳам қадимтари иртибот алоқаманд аст. Намунаҳои аввалини иртибот наққошиҳои рӯйи санг, пиктограмма, нақшҳо дар барги растаниҳо, пӯст ва ғайра мебошанд. Аммо мафҳуми публитсистика (ва баъдан *журналистика*) нисбатан наванд. Решаи калима *publics* – ҷомеа буда, асареро дар назар дорад, ки ба мушкилот ва зуҳуроти муҳимми ҳаёт бахшида шудааст: «Мафҳуми «politikë» («политика» = «сиёсат») тавассути асари файлсуфи Юнони Қадим Арасту (Аристотел, 384-

322 то мелод) «Политика» тобиши илмӣ пайдо намудааст. Он аз мафҳуми юнонии «полис» маншаъ гирифтааст» [121, с. 6].

Таърих собит намудааст, ки бо пайдоиши хат ва алифбо адабиёт ва публитсистикаи навишторӣ ба вуҷуд омад. Аввалин ибороти хусусияти публитсистидоштаро метавон ҷумлаҳои зерини лотинӣ донист: «Sauve locus resonat voci conclusus» (Дар ҷойи маҳкам садо баланд аст, ё шакли тоҷикии он «Дар ҳамом овоз баланд садо медиҳад»); «Fata viam inveniunt» («Тақдир моро ба ҳаракат медарорад) [116, с. 11]. Зиёда аз ҳазор сол пеш навиштаҷоти даврони Сосонӣ низ маълум аст; он нишон медиҳад, ки навиштори оҳанги публитсистидошта дар Шарқ низ мавҷуд будааст. Г. Зокиров илова менамояд, ки «дар аввал мафҳуми «сиёсат»-ро юнониҳо (минбаъд афкори сиёсии Ғарб низ) дар маънии санъати идораи давлат медонистанд» [121, с. 6].

Мусаллам аст, ки дар байни адабиёт ва публитсистика сарҳади дақиқ вуҷуд надорад, зеро мавзуоте, ки ҳам дар адабиёт ва ҳам дар публитсистика бозтоб мегарданд, ҳамранг буда, аз ягон паҳлу мавқеи иҷтимоии муаллифро бозгӯ мекунанд. Ба андешаи профессор М. Муродӣ, унсурҳои публитсистӣ аз ашъори Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ оғоз гардида, дар осори адибони даврҳои баъдӣ низ идома ёфтаанд. Дар адабиёти классикии тоҷику форс инъикоси воқеаҳои иҷтимоӣ ва ҳодисаҳои таърихӣ мавқеи муҳим дошта, адибони муосир низ ба масъалаҳои мубрами ҷомеа бештар таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Ин ҳолат собит месозад, ки бозтоби воқеияти замон ва маърифати иҷтимоии он ҳамеша яке аз меъёрҳои асосии эҷодиёти аҳли қалам будааст.

Муҳаққиқони хориҷӣ бошанд, ба фарқҳои ҷузъии онҳо ишора кардаанд. Аз ҷумла, зикр мекунанд, ки агар ҳадафи асосии адабиёт инъикоси бадеию эстетикии ҳақиқат ва ҷаҳони руҳии нависанда бошад, барои публитсистика ин тасвири мушкилоти воқеии ҷамъиятӣ ва даъвати бевосита баҳри бартараф намудани он мебошад. Публитсистика ба масъалаҳои дақиқи сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, миллӣ ва экологии замон дахл мекунад. Аз ин ҷиҳат, аз асари бадеӣ, ки тасвири нисбатан васеи ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва маънавӣ мебошад, фарқ мекунад. Ҳеҷ гоҳ публитсистика дар ҷомеаи маданӣ аҳаммияти худро аз даст

намедиҳад, зеро он шакли ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, ба қавли профессор Я. Н. Засурский, категорияи муҳимтарини бунёдии эҷоди адабӣ ва журналистика мебошад. Дар шароити зиёд будани иттилоот тавассути интернет ва воситаҳои дигари дарёфт, маҳз публитсистика барои интихоби ахбори дурусту дақиқ ба хонанда кумак мерасонад.

Мутаассифона, дар бораи шинохти публитсистика, муносибати он бо адабиёт дар илми тоҷик таҳқиқоти назариявии комил ва бунёдӣ анҷом дода нашудааст. Дар ин ҷода, асарҳои Абдуқодир Маниёзов, Асадулло Саъдуллоев, Иброҳим Усмонов, Мурод Муродиро зикр кардан мумкин аст, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни мавзуъ бо мисолҳо мушаххас ва мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Махсусан, пажуҳишҳои донишманди тоҷик И. Усмонов қобили қайд мебошанд. Ӯ вобаста фаъолияти публитсист чунин зикр кардааст: «Ҳатмӣ нест, ки ӯ (журналист) дар воситаҳои ахбор – рӯзнома, телевизион, радио, маҷалла кор кунад. Балки ӯ шахсе мебошад, ки навиштаҳояш ба авзои иҷтимоии ҳаминрӯза дахл доранд, агар ҳамин шабу рӯз истифода нашаванд, куҳна ва нодаркор мешаванд» [214, с. 54]. Ин маънои онро дорад, ки публитсист танҳо ба воситаи ахбори умум ё касби журналистика алоқаманд нест. Дар идома муҳаққиқ дуруст дарёфтааст, ки публитсист метавонад аз имконоти дигари баёни фикр чун китоб, рисола ва амсоли он истифода барад. Дар натиҷа ба хулоса омада метавонем, ки публитсист ба адабиёт ва журналистика ба таври баробар хизмат мерасонад. Хуллас, ба андешаи инҷониб, талабот аз публитсистика бо вуҷуди баъзе номуайянии ҷойи он дар байни адабиёт ва журналистика метавон маънидод кард ва таълифи асари иҷтимоӣ кори саҳлу осон нест. Он аз кас тайёрии махсус, дониш ва ҷаҳонбинии васеъ, қадами созанда, каломи оташинро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, на ҳама асарҳои публитсистӣ хусусияти матбуотӣ пайдо мекунанд ва бо журналистика пайвандӣ доранд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки нишонаҳои публитсистика қабл аз журналистика ба вуҷуд омадаанд ва ҳар чизи монанд ба публитсистика, ки то ба пайдоиши журналистика ба вуҷуд омадааст, моли адабиёт дониста мешавад. Фақат дар чунин асарҳо оҳанги публитсистӣ барҷаста ба назар мерасад.

«Публитсистикаи тоҷик таърихи тӯлонӣ дошта, ташаккули он ҳанӯз қабл аз пайдоиши матбуоти даврӣ дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла, таърихнигориву сафарноманависӣ, мукотиботу номанигорӣ, осори адабии дорои оҳанги иҷтимоӣ ва амсоли ин сурат гирифтааст» [165, с. 3].

Масъалаи асосӣ он аст, ки мавқеи публитсистика дар адабиёт ва журналистика то ба ҳол пурра мушаххас карда нашудааст. «Ташаккули публитсистикаи муосири тоҷик, аслан аз рӯйи чунин меъёр ба шакл даромада, ҷараён мегирад. Дар давраҳои гуногуни инкишофи матбуоти даврӣ рӯзноманигорону публитсистон, ҳамчунин, адибон кӯшиш намудаанд, ки ин самти фаъолияти худро мувофиқи талаби замон ба роҳ монда, дар инъикос ва баррасии масоили мубрами рӯз, дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо ва ба ин минвол баланд бардоштани сатҳи маърифатии ҷомеа ва рушди кишвар саҳм гузоранд» [165, с. 567]. Шоир Низом Қосим очерку публитсистикаро «жанрҳои миёнҷии адабиёту журналистика, муҳимтар аз ҳама, жанрҳои бисёр зарурии ҳар ду пеша» [138, с. 162] донистааст.

Дар хусуси таносуби воқеият ва бадеият дар адабиёт ва публитсистика, асосан, муҳаққиқони русу хориҷа пажуҳишҳо анҷом додаанд. Дар ин бобат, ковишҳои илмии муҳаққиқ А. Саъдуллоев, ки дар китоби пурмуҳтавои «Хосияти адабиёт» гирд омадааст, қобили таваҷҷуҳ аст, зеро дар он ба таври фарогир масъалаи мазкур мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудааст.

Маълум аст, ки мафҳуми каломи бадеъ баёни сухани образнок мебошад, яъне, тавассути образи бадеӣ баён кардани ҳақиқат дар назар аст. Ба таъбири Р. Мусулмониён, «ҳақиқати бадеӣ бар пояи ҳақиқати воқеӣ бунёд меёбад, вале ин ду мафҳум як маъниро ифода мекунанд» [173, с. 79]. Аз ин гуфтор бармеояд, ки бадеият дар заминаи хушку холӣ ба вуҷуд намеояд, балки он бар пояи ҳақиқат сурат мегирад. Аз ин рӯ, адабиёти бадеӣ ва мустанадро наметавон аз ҳамдигар ҷудо баррасӣ кард. Дар ин маврид, пажуҳишгар А. Саъдуллоев дуруст фармудааст: «Ҳақиқати воқеӣ гуфта, ҳодисаю ҳолат, ашёву махлуқот ва амсоли онҳоро гуфтаанд, ки воқеан ҳам мавҷуд буданд ё мавҷуд хоҳанд буд. Ҳақиқати

бадеӣ бошад, мундариҷаи ғоявиест, ки тавассути образ дар асар ифода меёбад» [214, с. 169].

Имрӯз барои ба таври публитсистӣ тасвир кардани ҳаёт имконоти фаровон ба миён омадааст, қариб дар аксари асарҳои бадеии насрӣ ва назми эпикии адабиёти тоҷик нишонаҳои публитсистикаро метавон мушоҳида намуд.

Маълум аст, ки публитсистика, асосан, тавассути матбуот пешниҳод мегардад. Дар баробари ин, намунаҳои олии насри мустанади адибон аввалин бор дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп гардидаанд. Аз ин ҷост, ки асарҳояшон аз нигоҳи забону услуб ба адабиёт наздик буда, дар баёни факту рақамҳо, воқеоти ҷомеа ва вазифагузориҳо публитсистикаро ба хотир меорад. Бинобар ин, адиб ҳамчун шахсияти воқеӣ ва сиёсӣ вобаста ба вазъи иҷтимоӣ муайян мешавад. Махсусан, дар шароити тезутунди ҷамъиятӣ, инқилобу ҳодисаҳои дигари ноустуворкунандаи ҷомеа вазифаи онҳо тағйир меёбад. Аз ин нуктаи назар, ҳақ ба ҷониби профессор Г. Зокиров мебошад: «Сиёсат… натиҷаи инкишофи таърихист. Пайдоиш ва инкишофи он аз мураккаб ва пурихтилоф гаштани ҳаёти иҷтимоӣ дарак медод. Сиёсат қисми таркибии ҳастии инсон, соҳаи муҳимтарини ҳаёти ҷомеа ба шумор меравад. Ҳамчун падидаи мураккаби ҷамъиятӣ сиёсат тамоми одамонро фаро мегирад. Дар ҷомеа шахсе нест, ки ба сиёсат сару кор надошта бошад. Новобаста аз хоҳишашон одамон ба ин ё он сатҳ ба сиёсат кашида мешаванд» [121, с. 5].

Дар ин вазъият онҳо ба тарғибгари афкори ҷомеа ва ифодакунандаи ғояҳои сиёсӣ табдил хоҳанд ёфт. Дар чунин шароит воқеоти ҷомеаро танҳо бо офаридани асарҳои сирф бадеӣ ё ашъори лирикӣ ифода кардан ғайри имкон аст, зеро равандҳои ҷомеа зудтағйирёбандаанд ва ба онҳо вокуниши фаъолонаву саривақтӣ зарур мебошад. Дар ин маврид осори публитсистӣ мавқеи намоён пайдо мекунад, сабку услуб ва тарзи баёни матолиб тағйир меёбад.

Дар мавриди алоқамандии адабиёту публитсистика бо сиёсат метавон ба ин андешаи Г. Зокиров такя кард: «Дар ҷомеаи сиёсӣ зистан ва аз сиёсат дар канор мондан номумкин аст. Байни сиёсат ва соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла, ҳаёт ва фаъолияти шахсе дар ҳар маврид баҳамтаъсиррасонӣ вуҷуд

дорад» [121, с. 6]. Яъне, ҳам шоирону нависандагон ва ҳам публитсистон дар ҳар давру замон бо дарназардошти вазъи сиёсии вақт асар эҷод менамоянд.

Хулоса, адабиёт ва публитсистика ҳам аз ҷиҳати муносибат ба объект ва ҳам баррасии мавзуъ ба ҳам қаробат доранд, вале дар тарзи тасвири бадеӣ ва истифодаи арқому далел аз ҳам фарқ мекунанд. Адиб агар факту рақамҳоро бо зарурат истифода кунад ва қаҳрамонашро, тавре ки худ мехоҳад, тасвир кунад, публитсист ин ҳақро надорад, балки факту рақамро бояд дуруст истифода кунад ва тасвирҳои бадеиро барои образ бахшидани қаҳрамон ба таври воқеӣ истифода намояд. Дар зимн, агар дар адабиёт фосилаи вақт аҳаммияти кам дошта бошад, дар публитсистика вақт аҳаммияти муҳим дошта, асари пешниҳодшаванда бояд фаврӣ таълиф карда шавад. Мусаллам аст, ки ҳар асаре, ки дар адабиёт ё публististика ба вуҷуд меояд, аз ягон ҷиҳат ба сиёсат рабт мегирад, чунки он масъалаҳое, ки дар асарҳои бадеиву публитсистӣ эҷод мегарданд, ба ҳаёти иҷтимоӣ рабт мегиранд ва вазъи сиёсии замонро аз ягон паҳлу бозгӯ мекунанд. Аз ин рӯ, адабиёту публитсистика аз сиёсат берун буда наметавонанд, балки тарғибгари идеологияи замон мебошанд.

Дар замони муосир, публитсистикаи сиёсӣ ҳамчун яке аз шаклҳои муассири таъсиррасонӣ ба афкори омма баромад мекунад. Тавре таъкид шуд, журналистика ва публитсистика василаи ташаккули шуури сиёсӣ ва идоракунии рафтори иҷтимоӣ мебошанд. Аз ин рӯ, муайян намудани моҳият ва меъёрҳои ҷанбаи сиёсӣ дар матнҳои публитсистӣ барои таҳқиқоти илмӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

Дар илми публитсистика, махсусан, дар навиштаҳои С. Г. Корконосенко, публитсистикаи сиёсӣ ҳамчун соҳае муайян мешавад, ки дар он «журналистика бо сиёсат дар сатҳи назария, амалия ва таъсиргузорӣ ба шуури ҷамъиятӣ пайваст мегардад» [134, с. 6]. Ин таъриф нишон медиҳад, ки ҷанбаи сиёсӣ ҳам ба мавзуъ ва ҳам ба вазифаи иҷтимоию таъсиргузории матн вобаста аст.

Аз нигоҳи назарияи таъсиррасонӣ, ки дар корҳои Т. ван Дейк ва Ю. Хабермас дарҷ шудааст, матни сиёсӣ, пеш аз ҳама, як шакли муколамаи қудрат ва ҷомеа мебошад. Дар чунин матнҳо иттилоот бо арзёбӣ, манфиат ва

идеология пайваст мегардад. Аз ин рӯ, ҷанбаи сиёсӣ дар публитсистика ҳамчун ифодаи муносибати муаллиф ба қудрат, ҷомеа ва арзишҳои сиёсӣ муайян карда мешавад.

Барои таҳқиқи низомманд ин падида, зарур аст, ки меъёрҳои мушаххаси муайянкунандаи ҷанбаи сиёсӣ пешниҳод карда шаванд. Бо такя ба таҳқиқоти назариявӣ ва таҳлили осори публитсистӣ, аз ҷумла, осори устод Айнӣ, метавон меъёрҳои зеринро асоснок намуд:

Якум, мавҷудияти объекти сиёсӣ. Дар матни дорои ҷанбаи сиёсӣ як объекти мушаххас – ҳокимият, низоми иҷтимоӣ, идеология ё муносибатҳои давлат ва ҷомеа мавриди баррасӣ қарор мегирад. Масалан, дар осори устод Айнӣ, аз ҷумла, дар «Ёддоштҳо» ва «Дохунда» чунин объект, пеш аз ҳама, низоми аморати Бухоро ва сохтори иҷтимоии он мебошад, ки ба таври мустақим ё ғайримустақим танқид мегардад.

Дуюм, мавқеи арзёбии муаллиф. Ба гуфтаи муҳаққиқон, публитсистика ҳамеша дорои унсури арзёбӣ мебошад. Муаллиф воқеиятро тасвир мекунад ва юа он баҳо медиҳад. Ин ҷанба дар осори С. Айнӣ ба шакли танқиди зулм, беадолатӣ ва ҷаҳолат зоҳир мегардад, ки онро метавон нишонаи мавқеи равшани сиёсӣ донист.

Сеюм, таҳлили робитаҳо. Тибқи назарияи таҳлили таъсиррасонӣ, матни сиёсӣ бояд сабабҳои падидаҳоро шарҳ диҳад. Дар осори публитсистии устод Айнӣ воқеиятҳо тасвир мешаванд ва сабабҳои онҳо, ба мисли ақибмондагӣ, ҷаҳолат, сохтори нодурусти давлатдорӣ низ нишон дода мешаванд. Ин махсусият матнро ба сатҳи таҳлил мебардорад.

Чорум, ҳадафи таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъиятӣ. Публитсистикаи сиёсӣ, ба таъкиди олимон, ҳамеша ба ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ нигаронида мешавад. Дар осори С. Айнӣ ин ҳадаф ба таври равшан мушоҳида мешавад: ӯ хонандаро ба андеша, худшиносӣ ва дарки воқеият водор месозад. Маҳз ҳамин хусусият осори ӯро ба василаи таъсиргузори сиёсӣ табдил медиҳад.

Панҷум, пешниҳоди ташкили намунаи олии ҷомеа. Дар аксари матнҳои публитсистӣ, ҳатто дар шакли пинҳонӣ, як навъ низоми ҷомеаи ормонӣ вуҷуд

дорад. Дар осори С. Айнӣ чунин намуна ё идеал дар шакли ҷомеаи одил, маърифатнок ва озод ифода меёбад, ки дар муқобили воқеияти мавҷуда қарор мегирад.

Ин намуна имкон медиҳад, ки публитсистика ҳамчун шакли баён ва низоми таъсиргузори иҷтимоӣ-сиёсӣ таҳлил карда шавад.

Татбиқи ин равиши назариявӣ дар таҳлили осори устод Айнӣ нишон медиҳад, ки эҷодиёти ӯ дорои тамоми нишонаҳои публитсистикаи сиёсӣ мебошад. Ӯ воқеиятро инъикос мекунад, онро таҳлил менамояд ва ба шуури ҷомеа таъсир мерасонад. Аз ин лиҳоз, осори устод Айнӣ на танҳо манбаи таърихӣ ё адабӣ, балки як низоми мукаммали гуфтори сиёсӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, ҷанбаи сиёсӣ дар публитсистика ҳамчун маҷмуи унсурҳои мазмунӣ, арзёбӣ ва таъсиргузорӣ муайян мегардад, ки тавассути онҳо матн ба воқеияти сиёсӣ муносибат намуда, ба шуури ҷамъият таъсир мерасонад. Меъёрҳои пешниҳодшуда, монанди объекти сиёсӣ, мавқеи муаллиф, таҳлили сабабҳо, ҳадафи таъсир ва идеали иҷтимоӣ имкон медиҳанд, ки матнҳои публитсистӣ аз нигоҳи илмӣ таҳлил карда шаванд.

Ин равиши назариявӣ заминаи методологии муҳимми таҳқиқи осори устод Айнӣ ба ҳисоб рафта, имконият медиҳад, ки ҷанбаҳои сиёсӣ дар асарҳои ӯ дар сатҳи мазмун, сохтор ва таъсиргузорӣ ошкор гарданд.

### 5.3. Вижагиҳои шинохти муаллиф дар публитсистика

Мусаллам аст, ки ҳанӯз баҳсҳо атрофи публитсистика ба адабиёт наздик аст ё журналистика идома дорад. Аслан, яке мушкилоти илмҳои адабиётшиносӣ ва журналистика дар он аст, ки ба ин ё он масъалаи илмие, ки мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода мешавад, ҷавоби мушаххасу дақиқ пешниҳод намегардад. Ба ин маънӣ, агар ба ин мавзуъ дуруст ва бо нигоҳи таҳқиқ назар кунем, бешубҳа, дар осори бадеӣ вуҷуд доштани оҳанги публитсистӣ бармалост. Агар дар осори адабӣ пораҳои матни публитсистӣ истифода гардад, метавон чунин матолибро публитсистикаи бадеӣ номид. Агар

мазмуну муҳтавои он пурра ба публитсистика рабт дошта бошад, он асари сирф публитсистӣ маҳсуб меёбад. Дар мавриди чунин асарҳо профессор Иброҳим Усмонов таъкид кардааст: «Дастаи сеюми жанрҳои публитсистӣ ба номи публитсистикаи бадеӣ номбар мешаванд. Ва хислати иддае аз ин жанрҳо боис шудааст, ки баъзе аз муҳаққиқон публитсистикаро на чун соҳаи алоҳидаи эҷодӣ, балки чун як жанри мансуб ба адабиёт ном баранд. Жанрҳои публитсистию бадеӣ навиштаҳое мебошанд, ки ҳам аз унсури публитсистӣ ва ҳам аз унсури адабӣ истифода мебаранд. Ҷанбаи публитсистӣ, пеш аз ҳама, дар воқеияти онҳо зоҳир мешавад. Яъне, ин жанрҳо дар хусуси шахсҳо ва воқеаҳое мебошанд, ки бо ном ва макони мушаххас таъин шудаанд» [240, с. 64-65]. Дар асарҳои публитсистӣ аксар вақт воқеаву ҳодисаҳо, қаҳрамон ва макон бо номи аслиашон зикр мешаванд. Муносибату алоқамандии публитсистика ва адабиёт дар асарҳои муҳаққиқони илми журналистика ба мушоҳида мерасад, ки аз нигоҳи баъзе аз пажуҳишгарон қобили қабул нест.

Маълум аст, ки нақши публитсистика дар ҷомеа назаррас мебошад ва дар ташаккули тафаккури омма хидмати арзанда менамояд. Ба ин мазмун, муҳаққиқ Асадулло Саъдуллоев дар такя ба эҷодиёти нависандаи шинохтаи рус Максим Горкий, ки дар як шароити муайяни таърихӣ зиндагӣ ва фаъолият кардааст, нигоштааст: «Мухбир (ин ҷо фаҳмида шавад – нависанда) дар суҳбат бо қаҳрамононаш, пеш аз ҳама, худашро кашф мекунад» [214, с. 35]. Ин ифодаи адиби номвар аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар адабиёти реалистӣ, яке аз ҳадафҳо бозтоби қаҳрамонони арсаи меҳнат маҳсуб меёфт ва дар он симои муаллифи асар бештар инъикос меёбад. Сухани муаллиф, руҷуъҳои лирикӣ, аносири бадеӣ, тасвири воқеӣ мавқеи намоёнро касб мекунад ва барои баррасии аҳаммият ва алоқамандии публитсистика ба адабиёт имкон фароҳам оварда мешавад: «Ин чунин маъно дорад, ки воқеанигор ҳангоми мулоқот бо қаҳрамон дараҷаи маърифат, дониш ва дидгоҳи худро аз нуқтаи назари шахсияти дигар месанҷад, яъне, рӯзнома ва қаҳрамонро ҳамчун маҳак интихоб намуда, донишҳои худро бо он муқоиса мекунад. Азбаски публитсист дар як вақт ҳам воқеанигор ва ҳам шахси андешаманд мешавад, вай метавонад ду хислат дошта

бошад: 1. нависанда; 2. таҳқиқотчӣ» [214, с. 35]. Ба ин хулосаи муҳаққиқ Асадулло Саъдуллоев илова кардан мумкин аст, ки муаллифи асари публитсистӣ ҳам мухбир ва ҳам нависанда аст, яъне, ҳам журналист ва ҳам адиб. Зеро он воқеоти замон бо истифода аз аносири бадеӣ ба таври ҷолибу рангин ва муассир бозтоб мекунад, ки ин омил аз як тараф, имкон фароҳам меорад, ки таваҷҷуҳи хонандаро зуд ҷалб намояд, аз ҷониби дигар, ба тафаккури аҳли ҷомеа таъсири амиқ мерасонад. Дар осори нависандаи бузург Лев Толстой, ки бештар хати сюжет ба тасвирҳои бадеӣ аз забони қаҳрамонон сурат мегирад, мавқеъ ва симои муаллиф камтар ба мушоҳида мерасад. Мавсуф дар як силсила мақолаҳояш зикр намудааст, ки ҳангоми таълифи асар ғояи нависанда хоҳу нохоҳ ҳам аз тариқи шарҳу баёни муаллифӣ (ремаркаҳо) ва ҳам тавассути муколамаҳо ифода мегардад, яъне, ибрози ақидаи муаллиф дар асараш ногузир аст. Ин ҳолат дар романи машҳури ӯ «Ҷанг ва сулҳ» [222, с. 16] бештар ба чашм мерасад. Дар адабиёти тоҷик чунин ҳолатро дар намунаҳои осори арзишманди Садриддин Айнӣ метавон мушоҳида кард.

Мафҳуми воқеият дар назар чизи сода ва равшан намояд ҳам, на ҳама онро маърифат карда метавонанд. Воқеият мафҳуми васеъ буда, муносибатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятиро дар бар мегирад. Танҳо нависандаи дорои ҷаҳонбинии васеъ ва боистеъдод ҳангоми таълиф омилҳои мазкурро ба эътибор мегирад. Муаллифоне ҳастанд, ки воқеиятро аз даричаи манфиати худ мавриди омӯзиш қарор медиҳанд ва доираи таълифоти онҳо тангу маҳдуд мебошад ва ин раванд метавонад дар нигоштаҳояш таъсири манфӣ расонад. Нависандаи тавоно ва дорои ҷаҳонбинии васеъ ба тасвири воқеаҳо иктифо накарда, дар асари хеш андешаву афкор ва мулоҳизоташро тавассути руҷуъҳо (ремаркаҳои муаллифӣ) ифода намуда, воқеаҳои муҳимми ҷомеа ва таърихиро бо услуби хосси бадеию публитсистӣ пешниҳод мекунад. Ҳамин тавр, «маҳсули кори нависанда фақат асарҳои сирф бадеӣ нест, таъсири эҷодкор ба ҷомеа на танҳо тариқи образҳои бадеӣ, балки тавассути фаъолияти ҷамъиятиву публитсистӣ низ ба роҳ андохта мешавад» [214, с. 41]. Яъне, нависандаи асил на танҳо асар эҷод мекунад, балки дар пешрафти корҳои ҷамъиятӣ низ саҳми муносиб

мегузорад, ки адибони шинохта К. Симонов, А. Фадеев, М. Турсунзода, М. Қаноат аз ҷумлаи онҳоянд. Албатта, ҳастанд нафароне, ки фаъолияти нависандаро танҳо аз эҷоди асари бадеӣ, лирикӣ, афсонаю ҳикоя ва ғайра иборат медонанд. Адиби асил фарзанди замони худ буда, аз рухдоду воқеаҳо ба ваҷд меояд ва онро ба таври махсус инъикос мекунад. Маълум аст, ки дар ин раванд адибон ба маҷрои зиндагӣ, воқеоти иҷтимоӣ ворид мегарданд ва дар осорашон дастоварду пешрафтҳои замонро тасвир мекунанд. Дар ҳама давру замон эҷодкорон (шоир, нависанда, гӯянда, навозанда, сароянда, наққош ва ғайра) ба масоили иҷтимоӣ диққати махсус зоҳир менамоянд. Аз устод Рӯдакӣ то замони имрӯз суханвареро ном бурда наметавонем, ки каломаш бетарафона бошад, зеро ба таври манфӣ ва ё мусбат назари худро ба масоили иҷтимоӣ баён месозанд. Ҳарчанд дар осори устод Рӯдакӣ оид ба вазъи иҷтимоиву сиёсии асрҳои IX-X маълумоти кам мавҷуд бошад ҳам, ин ҳолат дар асарҳои адибони баъдина Носири Хусрав, Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мирзо Абдулқодири Бедилу Аҳмади Дониш ва амсоли инҳо равшантар инъикос ёфтааст. Аз ин ҷост, ки пайдоиши публитсистикаро дар адабиёти тоҷик муҳаққиқон охири нимаи дувуми асри нуздаҳум ҳисобидаанд. Сабаби ин дар он аст, ки бори масъулияти публитсистика торафт вазнин ва талабот аз он бештар мегардад.

Публитсистикаи асилу мондагор талаботи худро дорад ва маҳз бо риояи он метавонад барои асрҳо хидмат кунад. Яке аз талаботи асосӣ образофарӣ ба ҳисоб меравад. Публитсистика дар образофарӣ аз аносири бадеӣ ва санъатҳои сухан истифода мекунад. Дар осори бадеӣ образ, образнокӣ, мантиқи баён, бадеият, илмият, ҳассосият, ақлу шуур як ҷо корбаст ва бо ҳам пайванд мегарданд. Ҳатто дар асарҳои илмию таърихӣ, монанди «Тоҷикон»-и академикон Бобоҷон Ғафуров, «Таърихи табартақсим»-и Раҳим Масов ва дигарон низ унсурҳои образнокӣ ба чашм мерасанд. Бинобар ин, асарҳои мазкур зуд ба дили хонанда роҳ меёбанд ва онҳоро ба омӯзиш шавқманд мегардонад.

Мусаллам аст, ки образҳои публитсистӣ баргирифта аз адабиёти бадеӣ аст. Масалан, дар асар ва мақолаҳои иртиботманд ба сохтмонҳои бузурги кишвар бо истифода аз далоилу арқом образҳои муассир офарида шудаанд. Муҳаққиқ А. Саъдуллоев дар китоби «Хосияти адабиёт» нигоштаи публитсистиеро пешниҳод кардааст, ки дар он на танҳо образи мусбат, балки симои нафароне офарида мешаванд, ки пурзиддият мебошанд. Дар сохтмони НОБ-и «Норак» миллату ҳалқиятҳо ва одамони гуногунақида кор мекарданд, баъзе аз онҳо на танҳо барои маоши калон, балки барои роҳи осони пулёбӣ – ғорат кардан, омадаанд. Дар мусоҳибае сармуҳандиси сохтмон Н. Савченко ба суоли мухбир чунин ҷавоб додааст, ки «Норак корхонаи одамсозӣ аст» [214, с. 53] ва мисол меорад, ки коргаре барои аз кор рафтан ариза менависад, ҳарчанд аз имкониятҳои васеъ ва маоши хуб бархӯрдор будааст. Коргар ҷавоб додааст: «Ба ман беҳуда ғамхорӣ мекунед. Медонед ман кистам? Дузди калони Красноярск» [214, с. 54].Чӣ тавре ки мебинем, дар чунин асарҳои публитсистӣ образи инсон на танҳо аз нуқтаи назари мусбат офарида шудааст, балки ҷиҳатҳои манфии онҳо ҳам мушаххас гардидааст, ки дар натиҷаи машғул шудан ба кори манфиатовар ислоҳ мешаванд. На дар ҳама асарҳо чунин тасвири барҷастаи публитсистӣ ба назар мерасад.

Муҳаққиқон се ҷанбаи ташкилии публитсистикаро муайян кардаанд: эътимоднокии факт, масъулияти муаллиф ва матн, ки ҳар дуи аввал тавассути матн ифода мешаванд. Дар натиҷа «ҳадафи аслии публитсистика таъсиррасонӣ ба шуури одамон барои тағйироти баъдӣ мебошад. Назарияи ин фан даъво дорад, ки вазифаи асосии публитсистика ташаккул ва тағйири афкори ҷамъиятӣ аст» [214, с. 55]. Афкори ҷамъиятӣ бе маънавиёт вуҷуд дошта наметавонад, зеро инсон дорои тафаккур буда, ба ҳодисаву воқеаҳои ҷомеа ҳассос аст. Аз ин рӯ, афкори умум танҳо ҳосилаи публитсистика нест, он бе маънавиёт, тасвири образнок наметавонад вуҷуд дошта бошад. Таърих нишон медиҳад, ки бе дарназардошти ҳар ду ин назарияи публитсистика нопурра мемонад. Чунончи, дар солҳои бистуму сиюми асри гузашта ба дӯши журналистон бори гарони масъулият гузошта шуд. Журналистон ва адибон кори аз дасташон

намеомадаро ҳам ба қадри имкон иҷро карданд. Дар натиҷа тасаввуроти ғалат дар мавриди масъулият ва вазифаҳои корманди эҷодӣ ба вуҷуд омад: гӯё матбуот ва адабиёт метавонанд шуури одамонро дигар кунанд. Унсурҳои муҳимми дигар – маҳорат, муоширати, вазъи зиндагӣ, таъсири бадеӣ, ҳассосият, психологияи одамон фаромӯш шуданд. Ин тасаввуроти нодуруст боиси он гардид, ки дар намунаҳои публитсистикаи солҳои аввали даврони Шуравӣ хушкгӯӣ, арзёбиҳои умумӣ ва камранг мушоҳида шавад. Баҳсу мунозираҳо дар ҳама давру замон оид ба публитсистика ҷой дошта метавонад. Бинобар ин, зарур аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фанҳои алоҳидаи таълимии публитсистика ҷорӣ гардад, то ҷанбаҳои гуногуни илми мазкур ба таври фарогир омӯзонида шавад.

Нофаҳмиҳо дар замони имрӯз ҳам ҷой дошта метавонанд – ҳам аз ҷониби ҷомеа ва ҳам аз тарафи муаллиф. Барои мисол, аввали солҳои 90-ум журналистон оид ба масъалаҳои гуногуни ҷомеа мақолаҳои зиёд ба табъ мерасониданд, «аммо азбаски замона хунрез ва маърифати аҳли ҷомеа ба дараҷаи хеле паст қарор дошт, ба ҷойи бунёдкорӣ аз таълифоти эшон муҳтавои дигар кашиданд, худи журналистон таъқиб шуданд» [214, с. 57]. Чунин муносибат на ҳамеша вуҷуд дошта метавонад, аммо дар шароити ноамнӣ, инқилоб, беҳокимиятӣ ва тохту тозҳо вазъи ҳамаи қаламкашон, эҷодкорону донишмандон мураккаб мегардад ва дар дар ин маврид маҳсули эҷоди онҳо на ҳама вақт қобили қабули ҷомеа мешавад.

Аз ин бармеояд, ки ғоя (идеал) ва воқеият баъзан ба ҳам мувофиқ намеоянд. Аслан, агар масъалаи мазкурро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намоем, ин ҳолат қонунӣ ва мантиқӣ ба назар мерасад, зеро воқеият ҷузъиёт, шаклу шароити муайян ва мушаххас дорад, дар ҳоле ки ғоя асбоби тахайюл аст: «Инсон табиатан, сарчашмаи идеал мебошад, вай аз бархӯрди ҳар гуна воқеият идеали тозае ба миён мегузорад. Идеале, ки мавҳум асту пояи заминӣ надорад (шароит намебардорад, дастрас нест, қувва намерасад), қобили ҳаёт буда наметавонад» [214, с. 57]. Аз ин рӯ, агар замона ба идеал созгор набошад, орзу як кори беҳуда мешавад, аммо инсон табиатан орзупарвар аст, орзуро метавон

идеал номид, дар асари мустанад, публитсистика бошад, ин омил кам ба мушоҳида мерасад ва агар ин хусусият ба кор равад, он бештар ба адабиёти бадеӣ монанд мешавад. Образи публитсистӣ бояд дар чоҳорчӯбаи муайяни услуб ва сохтори ягона, мувофиқи завқу салиқаи доираи муайяни хонандагон тарҳрезӣ шавад.

Яке аз хусусиятҳои хоси публитсистикаи бадеиро пажуҳишгар А. Саъдуллоев макону замондории он донистааст, ки дар ҳақиқат, чунин аст: дар публитсистика, сухани публитсистии муаллиф ҳам макону замон, воқеа ва ашхос маводди асосии асарсоз ба ҳисоб меравbooks.

Муаллифи мазкур дар таҳқиқи масъалаҳои пайдоиш ва заминаҳои насри мустанади тоҷик, махсусиятҳои он, давраҳои такомули он, навъҳои он, сабку услуби он кори намоёнро ба ҷо оварда, онро яке аз бахшҳои муҳимми адабиёту фарҳанги тоҷик номидааст. Инчунин, ба ақидаи А. Саъдуллоев, бархе аз муллифон насри мустанад (публитсистӣ)-ро ҳамеша дар якҷоягӣ бо насри бадеӣ мавриди баррасӣ қарор дода, дар таърихи адабиёти тоҷик онро ба таври алоҳида таҳқиқ накардаанд. Бо вуҷуди ин, пажуҳишҳои анҷомдодаи муҳаққиқон А. Саъдуллоев ва А. Маниёзовро аз таҳқиқоти бунёдӣ дар ин маврид метавон шуморид. Агар устод Айнӣ сари таърихи адабиёти нави тоҷикро соли 1905 дониста бошад, муҳаққиқони мазкур сароғози насри мустанади тоҷикро аз охирҳои асри нуздаҳум, солҳои 90-уми асри XIX аз пайдоиши асарҳои публитсистии маорифпарварони тоҷик донистаанд, ки дуруст аст. Оғози адабиёти тоҷик (поёни асри XIX ва аввали асри XX) мавзуъҳои маорифпарварӣ, ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва худшиносиву халқпарвариро дар бар мегирад. Беҳтарин ва намоёнтарин асари мустанади ин давра «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш мебошад, ки барои такомули минбаъдаи насри мустанади тоҷик ҳамчун замина хидмат кардааст.

Дар мавриди маънии «насри мустанад» инро метавон гуфт, ки ҳар нигоштае, ки ба асоси ҳуҷҷат ва далел ва рӯйдоду воқеаҳои таърихӣ арзи вуҷуд кардааст, дар давраи аввали пайдоиши адабиёти навини тоҷик насри мустанад номида, баъдтар, замоне ки вазифаҳои он доманадору таъсирбахш ва ба

талаботи ҷомеа мувофиқтар гашт, ин мафҳум сермаъно гашта, ҳамчун публитсистикаи бадеӣ ва сиёсӣ пазируфта шуд.

Бояд гуфт, ки матолиби асосии насри мустанад дар ду даҳсолаи аввали асри бистум бештар дар жанри мақола нашр шуд. Дар ин бобат, рӯзномаву маҷаллаҳо нақши намоён доштанд. Дар фаҳмиши имрӯза бошад, мақола яке аз жанрҳои публитсистӣ ба ҳисоб рафта, бештар рӯзноманигорон аз он истифода мебаранд. Онро дар гузашта як навъ машқи қалами эҷодкор медонистанд. Мисоли намоёни ин гуфтаҳо эҷодиёти устод Айнӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳои солҳои бистуми асри гузашта мебошад, аммо муаллифон дар гузашта матолиби ба ин шакл навиштаи худро мақола ё публитсистика ном накардаанд. Дар баъзе аз чунин мақолаҳои публитсистӣ хусусиятҳои бадеӣ дошта, бештар ба лавҳаву очерк монананд.

Дар ин давра эҷод ва таълифи асарҳои мустанади калонҳаҷм чун саёҳатноманависӣ тақвият ёфт. Бори аввал нигоштаҳои мазкурро профессор Худойназар Асозода мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, ҳамчун асарҳои мустанад маънидод кардааст. Намунаҳои беҳтарин ва қобили мулоҳизаи асарҳои мазкур инҳоянд: 1. «Савонеҳул-масолик» ё ин ки «Ғароибул-хабар фи аҷоибус-сафар»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ (1818-1894). Ҳадаф аз навиштани асари мазкур аз он иборат будааст, ки дар танҳоӣ бо нури маърифат ва илму дониш метавон ҳаёту зиндагиро мунаввар кард. 2. «Саёҳатномаи Иброҳимбек» (1888)-и Ҳоҷӣ Зайнулобиддин ибни Машҳадии Алии Мароғаӣ (1838-1904), ки намунаи барҷастаи насри мустанад маҳсуб меёбад. 3. Дар «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷиддини Ҳаким (1877-1912) аз нигоҳи сабку услуб руҳи публитсистӣ ба таври барҷаста намоён аст. 4. «Мунозира» (1909), «Сайҳа» (1911), «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» (1912), «Роҳбари наҷот» (1915)-и Абдурауф Фитрат (1886-1947) ба андешаҳои боло мансубанд. Асарҳои мазкур бо сабаби доштани оҳанги ташвиқу тарғиб дар насри мустанад мақоми хос дошта, дар пайдоиши насри бадеии тоҷик замина гузоштаанд. Ҳарчанд онҳоро бо сабаби руҳи ҳуҷҷатписандӣ, таърихнигорӣ, ҷуғрофиёшиносӣ, бостоншиносӣ, меъморӣ, ҷаҳоншиносӣ ва мардумшиносиашон ба жанрҳои маъруфи насри бадеӣ чун

роману повест наметавон ворид сохт, аммо услуби публитсистиашон мушаххас аст.

Ҳамбастагию омезиши хусусиятҳои насри мустанад ва бадеӣ мушоҳида мешавад. Ин раванд ба манфиати ҳар ду сабку услуб буд. Ҳатто дар мақолаҳои иҷтимоии нависандагон – «Аҳмади девбанд»-и С.Айнӣ, «Бузургии бемаргу бемисол»-и А. Лоҳутӣ, «Гуландом»-и С. Пайрав, «Як ҳавзи пурхун»-и Ҷ. Икромӣ, «Чил ҳуҷра»-и Б. Азизӣ, ки мазмуну муҳтавои онҳоро воқеаҳои мушаххас ташкил медиҳанд, унсурҳои бадеию публитсистӣ ба мушоҳида мерасад ва мавзуоти замонро ифода кардаанд.

Яке аз ҳодисаҳои аҷиб ба рӯзноманигорӣ пардохтани адибон дар солҳои бисту сиюм алоқаи адабиётро бо ҳаёт, воқеиёт, журналистика, публитсистика мустаҳкам кард. Бештари адибон, аз ҷумла, устод Айнӣ аз назарияи публитсистика, умуман, адабиёт воқиф набуданд. Вале коре, ки онҳо ғайриихтиёр ба он таваҷҷуҳ зоҳир карданд, ба қавли М. Горкий, дар он айём арзиши баланд доштани насри ҳуҷҷатиро собит сохт. Ба насри мустанад пардохтани устод Айнӣ омил ва сабабҳо дошт. Ба назари инҷониб, хоҳиши худи устод Айнӣ ва ҳамқаламони дигари замонаш буд, ки дар бунёди ҳаёти нав саҳм гузоштанд. Аксари намунаҳои насри мустанади солҳои сиюм бо усули муқоисаи замони гузашта ва имрӯза эҷод гардидаанд.

Вақте сухан аз публитсистика меравад, бештар мо очеркро ёдовар мешавем. Ҳарчанд он танҳо як намуди асари публитсистиву бадеӣ аст. Ба андешаи баъзе муҳаққиқон, ки бо дарназардошти манфиати журналистӣ очеркро аз адабиёти бадеӣ ҷудо кардан мехоҳанд, на ҳама розӣ шуда метавонад, зеро очерк ба публитсистика ва адабиёт баробар хидмат мерасонад ва публитсистика хоси адабиёти бадеӣ низ мебошад. Очерк жанри одамшиносист, он танҳо ба баёни факту рақамҳо такя намекунад, балки образ ҳам меофарад, аз ин рӯ, ба адабиёти бадеӣ наздикӣ дорад. Фақат дар он меъёрҳои иҷтимоиву публитсистӣ ба инъикоси бадеӣ омезиш меёбад. Дар он ҷӯшу хӯруш, тасвири эҳсосоти қаҳрамонон на барои адабгуфторӣ, балки барои возеҳ баён кардани мақсад истифода мешавад.

Сабаби дар публитсистика зиёд мушоҳида шудани чеҳраи муаллиф дар он аст, ки ин жанр дахолати фаъолонаи ноқилро мехоҳад, аммо ин маънои онро надорад, ки ҳамаи факту рақамҳо, суҳбатҳо, нақлҳо, тасвирҳо аз ҷониби муаллиф оварда шаванд. Дар ин бобат, нависандаи бузург Чингиз Айтматов зикр кардааст, ки дахолати ноҷо ва зиёди муаллиф чаҳорчӯбаи асари нағзро лакнатдор мекунад.

Дар бораи фарқият борҳо гуфтаанд ва боз мегӯем, ки насри бадеӣ дорои қонунҳои дохилии худ аст, ки дар он таҳлили амиқи равонӣ, психологӣ, озодии тахайюл, рангорангии баён, образнокӣ, санъатҳои сухан, оҳанги шоирона, паҳнои фикри қаҳрамон возеҳ ба назар мерасад, дар публитсистика бошад, ҷиҳати ахборӣ, факту рақам, санаву макони аниқ, худдорӣ аз ташбеҳу истиораҳо, камии муколама (диалог)-ҳо муҳим мебошанд. Аммо донишмандон ҳар ду ин жанрро ба ҳам муқобил нагузошта, дар ҳамоҳангии якдигар баррасӣ мекунанд. Баъзе муҳаққиқон жанрҳои очерк, фелетон, памфлет, эссе, нигориш, лавҳа ва баъзе осори ёддоштиро хоси журналистика маънидод кардаанд, ё танҳо аз ин дидгоҳ мавриди баррасӣ қарор дода, дар бораи робитаи он бо адабиёт маълумоте надодаанд. Ин гуна муносибат дар мақолаву асарҳои илмии устодони номвари соҳаи журналистикаи тоҷик мушоҳида мешавад. Дар навбати худ муҳаққиқони адабиёт низ баъзеи жанрҳои зикршударо хоси адабиёт намеҳисобанд. Муҳаққиқи рус А. Рубашкин, ки фаъолияти таҳқиқотии хешро сарфи публитсистикаи бадеӣ ё нависандагӣ кардааст, дар ин маврид бар он назар аст, ки байни сухани санъаткорона (адабиёти бадеӣ) ва сухани муқаррарии публитсистӣ набояд тафовути зиёд дид [198, с. 49].

Нависанда М. Горкий дар бораи асрори санъати офарандагӣ, эҷод гуфтааст: «Санъат дар зоти худ аз ду мубориза иборат аст: тарафдор ё муқобил. Санъати бетараф нест ва нахоҳад буд, зеро инсон аппарати суратгирӣ нест, воқеиятро «инъикос» наменамояд, балки ё тасдиқ мекунад ва ё тағйир медиҳад, ҳароб ё обод» [91, с. 251-252]. Албатта, андешаи ин нависанда қатъӣ ва то андозае яктарафа аст, аммо дар мавриди бетараф набудани нависанда қобили

мулоҳиза аст. Баъзе муҳаққиқон бар он назаранд, ки муаллифи асари бадеӣ чун журналист ба ҳодисаи тасвиркардааш бояд бетараф бошад.

Баъзе асарҳои бадеие ба мушоҳида мерасанд, ки ҳарчанд муҳтавояшон пурра бадеист, аз оҳанги публитсистӣ бархӯрдоранд. Романи «Палатаи кунҷакӣ»-и Ф. Муҳаммадиевро ба ин мисол овардан мумкин аст. Ба таъкиди муҳаққиқ А. Саъдуллоев, «руҷуъҳои публитсистии адиб бо сохтори роман ва бо шарҳу баёни афкори қаҳрамонон иртибот гирифтааст» [214, с. 175]. Дар ҳақиқат, асарҳои Ф. Муҳаммадиев «пояи устувори иҷтимоӣ» [214, с. 176] доранд. Ин маънои онро дорад, ки дар ин асар чун осори дигараш нависанда ба воқеаҳои ҳаётӣ такя намуда, дар асоси онҳо бо истифодаи бадеияти баланд афкори хешро баён кардааст. Руҷуъҳои публитсистии Ф. Муҳаммадиев бо ҷараёни хатти сужет тобеият пайдо кардаанд, аз он ҷудо нестанд. Ҷо-ҷо тавсифҳои публитсистӣ ҳақиқатнигории асарро қувват бахшидаанд. Нависанда ҳангоми шинос кардани қаҳрамонҳояш аз руҷуъҳо истифода бурдааст, ки як навъ усули бадеӣ мебошад. М. Шакурӣ онҳоро дорои оҳанги публитсистӣ ва равиши очеркӣ номидааст.

Публитсистикаи бадеӣ дар солҳои охири даврони Шуравӣ шакл ва оҳанги худро то андозае дигар кард. Яке аз ин фарқиятҳо дар асарҳои бадеӣ тасвир шудани қаҳрамони алоҳида бо ному насаби аслиашон мебошад. Дар онҳо воқеият ва рӯйдодҳо бар пояи марҳалаҳои муайяни таърихӣ тасвир шудаанд. Ба зумраи чунин асарҳо романи А. Шукӯҳӣ ва А. Ҳаким «Печутоби роҳҳо» (1977-1978), повестҳои «Маъвои дил»-и Р. Ҷалил (1970, 1982), «Ҷон ба гарав»-и Ш. Ҳаниф (1980), романҳои С. Улуғзода «Фирдавсӣ» (1986), Ф. Ниёзӣ «Сарбозони бесилоҳ» (1984), як қатор қиссаҳои Р. Мардон, Б. Муртазоев, И. Файзуллоев ва ғайраро дохил кардан мумкин аст.

Дар умум, баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла, А. Саъдуллоев бар он назаранд, ки «насри бадеӣ ва публитсистикаи бадеӣ аз рӯйи як қатор сифатҳо ба ҳам мувофиқат намекунанд» [214, с. 236]. Ақидаи мазкур он қадар боварибахш нест, зеро имрӯз хонанда асарҳои хоҳ дорои хусусияти публитсистӣ ва хоҳ бадеиро як чиз – асари бадеӣ меҳисобад ва ба он муносибати якхела зоҳир

мекунад. «Насри мустанади муосир дар тамоми марҳалаҳои инкишофи худ аз тарзи нигориши публитсистӣ кор гирифтааст ва бо ин услуби асарофаринӣ робитаи ногусастанӣ доштааст» [214, с. 236]. Робитаи насри мустанад бошад, дар чанд даҳсолаи охир, аз солҳои ҳафтодум-ҳаштодуми асри гузашта, чӣ тавре ки қайд кардем, боз ҳам қавитар гаштааст, дар онҳо ҳатто қаҳрамонон бори аввал бо ному насаби худашон омадаанд ва ин хонандаро ҳеч ба тааҷҷуб намеорад ва навиштаҳои мазкурро чун асари бадеӣ қабул кардааст. Яъне, «публитсистикаи тоҷик ҳамчун воситаи офариниш авзои иҷтимоиро ба воситаи фаъолияти иҷтимоии шахсиятҳо ба таҳқиқ гирифтааст» [214, с. 237]. Тавассути фаъолияти шахсиятҳои мушаххасу воқеӣ ба таҳқиқ гирифтааст, ки ин тавъам будани адабиёт ва публитсистикаро нишон медиҳад. Зеро «публитсистика воситаест, ки адибро ба зиндагӣ мепайвандад» [214, с. 240].

Хулоса, суоле, ки муаллифи асари публитсистиро нависанда гуфтан дуруст аст ё журналист, метавон чунин маънидод кард. Дар заминаи омӯзиш муайян гардид, ки агар нависандаи публитсист бигӯем ба ҳақиқат наздик мешавад, зеро «нависанда» мафҳуми васеътар буда, дар асари бадеӣ баробари тасвири ҳаёти ҷомеа, офариниши образҳои бадеӣ метавонад аз хусусиятҳои публитсистӣ, ки мушаххасият, факту рақам, ташвиқот ва муроҷиат ба хонанда иборат мебошад, фаровон истифода барад. Аз ин рӯ, нависандаи публитсист метавонад бо истифода аз вижагиву унсурҳои бадеӣ, аз як тараф, воқеоти замонро бозгӯ кунад, аз ҷониби дигар, бо тасвирҳои ҷолиб образҳои шоистаи публитсистиро таҷассум намояд. Таҳлилу таҳқиқ нишон медиҳад, ки адабиёт бо публитсистика алоқманд буда, дар онҳо ҳам унусурҳои бадеӣ ва ҳам руҳи публитсистӣ ба мушоҳида мерасад. Дар зимн, тасвиру образофарӣ дар публитсистика дар чаҳорчӯбаи мушаххас сурат мегирад, дар адабиёт бошад, ин омил ба маҳорату истеъдоди нависанда вобаста мебошад.

Дар публитсистика, махсусан, дар публитсистикаи сиёсӣ, матн бе ҳузури фаъоли муаллиф вуҷуд надорад. Агар дар баъзе жанрҳои хабарӣ муаллиф тавонад худро паси иттилоот пинҳон кунад, дар публитсистика муаллиф, пеш аз ҳама, субъекти фаъол, арзёбикунандаи ва таъсиргузор мебошад. Аз ин рӯ,

масъалаи шинохти муаллиф яке аз мавзуъҳои асосии таҳқиқи публитсистика ба ҳисоб меравад.

Дар илми муосир шинохти муаллиф ҳамчун маҷмуи хусусиятҳои зеҳнӣ, ҷаҳонбинӣ, мавқеи иҷтимоӣ ва сиёсӣ, инчунин, услуби баёни ӯ муайян карда мешавад, ки дар матн инъикос меёбад. Яъне, муаллиф ҳам шахси воқеӣ ва ҳам як навъ образи маърифатӣ ва коммуникативӣ аст, ки тавассути матн бо хонанда робита барқарор мекунад. Дар публитсистикаи сиёсӣ ин образ бештар бо мавқеи сиёсӣ, муносибат ба ҳокимият ва ҷомеа ва ҳадафи таъсиргузорӣ муайян мегардад.

Эҷодиёти Садриддин Айнӣ намунаи равшани чунин ҳузури фаъоли муаллиф мебошад. Дар осори ӯ муаллиф ҳамеша ҳамчун як шахсияти муайян, дорои мавқеи устувор ва ҷаҳонбинии мушаххас баромад мекунад. Шинохти муаллиф дар ин ҷо на танҳо аз рӯйи мазмуни гуфтаҳо, балки аз рӯйи тарзи баён, интихоби мавод ва тарзи муносибат ба воқеият шакл мегирад.

Яке аз вижагиҳои асосии шинохти муаллиф дар публитсистикаи устод Айнӣ, воқеънигорӣ ва таҷрибавӣ будан мебошад. Муаллиф бештар ба воқеаҳои дида ва таҷрибаҳои шахсӣ такя мекунад. Ин хусусият, махсусан, дар «Ёддоштҳо», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Таърихи инқилоби Бухоро» равшан ба назар мерасад, ки дар он муаллиф худро ҳамчун шоҳиди воқеаҳо муаррифӣ намуда, аз мавқеи «ман дидам» ва «ман аз сар гузаронидам» сухан мегӯяд. Ин тарзи баён ба матн эътимод мебахшад ва шинохти муаллифро ҳамчун як шахси боэътимод ва огоҳ мустаҳкам мекунад.

Вижагии дигар, мавқеи равшани иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад. С. Айнӣ дар осори худ нисбат ба падидаҳои ҷомеа бетараф нест. Ӯ мавқеи худро нисбат ба зулм, беадолатӣ, ҷаҳолат ва истибдод ошкоро ё ғайримустақим ифода мекунад. Ин мавқеъ, дар матн ба таври пайваста ҳузур дорад ва шинохти муаллифро ҳамчун як мунаққид ва сиёсатшинос ташаккул медиҳад.

Сеюм, дар публитсистикаи устод Айнӣ шинохти муаллиф бо ҳассосияти ахлоқӣ ва масъулияти иҷтимоӣ пайваст аст. Муаллиф ҳам воқеиятро таҳлил

мекунад ва ҳам ба он аз нуқтаи назари арзишҳои инсонӣ – адолат, инсондӯстӣ, маърифат баҳо медиҳад. Ин ҷанба нишон медиҳад, ки барои ӯ публитсистика як навъ рисолати иҷтимоӣ мебошад.

Чорум, вижагии муҳим, омезиши “ман”-и шахсӣ ва “ман”-и ҷамъиятӣ аст. Дар осори С. Айнӣ муаллиф, аз як тараф, ҳамчун шахси инфиродӣ (бо таҷриба ва эҳсосоти худ) ҳузур дорад, аз тарафи дигар, ҳамчун намояндаи як табақа, як давра ва як ҷомеа сухан мегӯяд. Ин омезиш имкон медиҳад, ки таҷрибаи шахсӣ ба сатҳи таҷрибаи умумӣ бардошта шавад ва матн хусусияти ҷамъиятӣ пайдо кунад.

Панҷум, дар шинохти муаллиф унсури таъсиргузорӣ ба хонанда нақши муҳим мебозад. С. Айнӣ матнро тавре месозад, ки хонанда ба андеша ва мавқеъгирӣ водор шавад. Ин таъсир бештар ба воситаи мантиқ, далел ва образ амалӣ мегардад. Ин ҷанба муаллифро ҳамчун як субъекти фаъол дар равандҳои фикрӣ ва сиёсӣ муаррифӣ мекунад.

Шашум, содагӣ ва равшанбаёнии услуб мебошад. Гарчанде масъалаҳои баррасишуда мураккабанд, муаллиф онҳоро бо забони фаҳмо ва дастрас баён мекунад. Ин хусусият услубӣ ва коммуникативӣ буда, ба густариши таъсири матн ба доираи васеи хонандагон мусоидат мекунад.

Дар маҷмуъ, шинохти муаллиф дар публитсистикаи С. Айнӣ ҳамчун як низоми мураккаби унсурҳо ташаккул меёбад, ки дар он таҷриба, ҷаҳонбинӣ, мавқеи сиёсӣ ва услуби баён ба ҳам пайвастаанд. Муаллиф дар ин раванд ҳам нақлкунанда, ҳам таҳлилгар, ҳам арзёбикунанда ва ҳам таъсиргузор мебошад.

Ҳамин тавр, шинохти муаллиф дар публитсистика ҳамчун маҷмуи хусусиятҳои шахсӣ, иҷтимоӣ ва услубӣ муайян мегардад, ки тавассути онҳо муаллиф дар матн ҳузур пайдо мекунад ва ба хонанда таъсир мерасонад. Дар осори Садриддин Айнӣ ин шинохт дар шакли воқеъбинӣ, мавқеи равшани сиёсӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва омезиши таҷрибаи шахсӣ бо таҷрибаи ҷамъиятӣ зоҳир мегардад. Маҳз ҳамин хусусиятҳо муаллифро ба як субъекти фаъоли публитсистикаи сиёсӣ табдил дода, нақши ӯро дар ташаккули шуури ҷамъиятӣ ва худшиносии миллӣ муайян мекунанд.

## ХУЛОСА

Зимни омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи масъалаҳои сиёсӣ дар публитсистикаи С. Айнӣ ба мо имкон дод, ки дар фарҷоми кори диссертатсионӣ чунин натиҷаҳоро ҳолсил намоем:

1. Публитсистикаи сиёсӣ дар адабиёти тоҷик дорои решаҳои амиқи таърихист. Пеш аз он ки дар асрҳои XIX ва XX ба шакли мустақил ташаккул ёбад, нишонаҳои ин навъи эҷодро метавон дар осори классикони тоҷику форс дид. Чунончи, ағлаби асарҳои Носири Хусрав, Убайди Зоконӣ, Низомулмулк ва Аҳмади Дониш дорои хосияти публитсистӣ буда, масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро фаро гирифтаааанд. Ин ҷараёнро метавон заминаи пайдоиши публитсистикаи сиёсии тоҷик шумурд. Дар он давра адабиёти тоҷик дар баробари воситаи зебоишиносӣ ва тафаккури бадеӣ будан, як навъ минбар барои баёни фикрҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ низ маҳсуб меёфт. Хусусан, Носири Хусрав дар «Сафарнома» бо далелҳои равшан вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии замонро баён карда, бо нигоҳи интиқодӣ дар бораи ноадолатӣ, зулм ва фасоди сиёсӣ навиштааст. Ҳамин хусусиятҳо ба публитсистикаи муосир хос мебошанд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки публитсистикаи сиёсӣ дар фарҳанги тоҷик аз решаҳои бисёрсола об мехӯрад. Муаллиф дар асар дар баробари тасвири воқеаҳои сафари худ масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаҳоро таҳлил намудааст. Тасвири давлатҳои адлу амн, фаъолияти ҳокимони одил, сиёсати дурусти андозбандӣ, таъмини амният, ободонӣ ва некуаҳволии мардум нишон медиҳад, ки Носири Хусрав тавассути асари хеш андешаҳои пешқадами сиёсиву иҷтимоиро тарғиб менамуд. Ҳақиқатнигорӣ, беғаразӣ, такя ба мушоҳидаҳои воқеӣ ва кӯшиши ислоҳи ҷомеа «Сафарнома»-ро ба намунаи барҷастаи публитсистикаи сиёсӣ табдил додааст [4-М; 5-М].

2. Аз таҳлили осори Убайди Зоконӣ ва Низомулмулк бармеояд, ки онҳо дар ташаккулу рушди публитсистикаи иҷтимоӣ ва сиёсии тоҷик нақши муҳим доштаанд. Убайди Зоконӣ бо истифода аз ҳаҷв, танз ва киноя мушкилоти иҷтимоӣ, фасоди ахлоқӣ, риёкорӣ, бедодгарӣ ва норасоиҳои сиёсии замони

худро ошкор намудааст. Осори ӯ, аз ҷумла, «Ахлоқ-ул-ашроф», «Рисолаи дилкушо», «Таърифот», «Сад панд», «Ришнома» ва «Мушу гурба» аҳаммияти баланди иҷтимоиву сиёсӣ доранд. Низомулмулк дар «Сиёсатнома» бошад, таҷрибаи давлатдорӣ, адолати иҷтимоӣ, масъулияти ҳокимон ва роҳҳои идораи дурусти давлатро баён намуда, асаре офаридааст, ки то имрӯз ҳамчун дастури муҳимми сиёсиву иҷтимоӣ арзиш дорад. Ҳар ду мутафаккир воқеиятҳои замони худро бо услубҳои гуногун инъикос карда, барои бедории афкор,ислоҳи ҷомеа ва таҳкими арзишҳои ахлоқиву сиёсӣ саҳми назаррас гузоштаанд [4-М; 8-М; 9-М].

3. Таҳлили «Наводиру-л-вақоеъ» ва дигар осори Аҳмади Дониш нишон медиҳад, ки ӯ яке аз асосгузорони афкори иҷтимоӣ ва публитсистии тоҷик ба шумор меравад. Муаллиф бо руҳияи интиқодӣ норасоиҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии ҷомеаи замони худро ошкор намуда, роҳҳои ислоҳи давлатдорӣ, густариши маориф, адолати иҷтимоӣ, мубориза бо таассуб ва беҳбудии зиндагии мардумро пешниҳод кардааст. Асар воқеияти Аморати Бухороро инъикос намуда, ҳамчун дастури ахлоқию сиёсӣ барои ҷомеа ва ҳокимон арзиш дорад. Андешаҳои пешқадами ӯ дар бораи адолат, масъулияти давлат дар назди мардум, нақши дониш ва зарурати ислоҳот аҳаммияти худро то имрӯз нигоҳ доштаанд. Аз ин рӯ, «Наводиру-л-вақоеъ» барои ташаккули афкори маорифпарварӣ ва публитсистикаи тоҷик, махсусан, осори Садриддин Айнӣ заминаи муҳим гузоштааст [11-М; 12-М].

4. Асри XX, бахусус, солҳои бистум, давраи ташаккули мустақили публитсистикаи сиёсӣ ба шумор меравад. Ин давра бо зуҳури матбуоти даврӣ, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо алоқаманд аст. Публитсистика дар ин давра шакли равшан гирифт ва ба воситаи таъсиррасонии сиёсӣ ва иҷтимоӣ табдил ёфт. Дар рӯзномаҳои нахустини тоҷикӣ масъалаҳои мубрами сиёсӣ, аз қабили адолати иҷтимоӣ, озодихоҳӣ, маорифпарварӣ, баробарии миллӣ ва истиқлол баён мешуданд. Нақши зиёиёни тоҷик, ки бо матбуот ҳамкорӣ мекарданд, дар ин ҷараён хеле муҳим буд. Онҳо барои бедор кардани афкори умумӣ ва мубориза бо ҷаҳолат, зулм ва таассуб аз минбари публитсистика истифода бурдаанд. Маҳз

дар ҳамин давра публитсистикаи сиёсӣ ба як воситаи муассири муборизаи идеологӣ ва иҷтимоӣ табдил ёфт, ки заминаи давраҳои баъдии рушди он гардид [4-М; 8-М].

5. Публитсистикаи сиёсии тоҷик дар ибтидои асри XX, асосан, дар заминаи фаъолияти рӯзномаи «Бухорои шариф» ташаккул ёфта, ба минбари асосии бедории миллӣ, худшиносӣ ва ислоҳоти иҷтимоиву сиёсӣ табдил ёфт. Публитсистону маорифпарвароне чун Мирзо Сироҷи Ҳаким, Мирзо Ҷалол Юсуфзода ва Абдурауф Фитрат тавассути мақолаҳои худ масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии замонро мавриди таҳлил қарор додаанд. Навиштаҳои онҳо барои ташаккули афкори миллӣ ва омодасозии ҷомеа ба дигаргуниҳои сиёсиву фарҳангӣ замина фароҳам оварданд. Ҳамзамон, матбуот дар ташаккул ва рушди публитсистикаи сиёсии тоҷик нақши муҳим бозидааст. Бахусус, маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ҳамчун минбари асосии баёни андешаҳои сиёсиву иҷтимоӣ барои равшанфикрон ва адибони тоҷик хидмат намуда, заминаи рушди публитсистикаи сиёсиро фароҳам овард. Маҳз мақолаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таҳлилии Садриддин Айнӣ дар маҷаллаи мазкур дар бедории шуури сиёсии ҷомеа саҳм гузошта, барои эҷоди асарҳои бузурги насриаш замина фароҳам оварданд. Аз ин рӯ, «Шуълаи инқилоб» ҳамчун мактаби ташаккули публитсистикаи сиёсии тоҷик аҳаммияти таърихӣ дорад [4-М; 14-М].

6. Публитсистикаи Садриддин Айнӣ дар ташаккули худшиносии миллӣ, рушди маориф, фарҳанг ва афкори сиёсию иҷтимоии тоҷикон нақши бузург гузоштааст. Устод Айнӣ тавассути мақолаҳои худ мардумро ба донишомӯзӣ, ҳифзи забони модарӣ ва эҳтироми фарҳанги миллӣ даъват намуда, мушкилоти ҷомеаро бо такя ба воқеият ва далелҳо ошкор кардааст. Нашрияҳои «Шуълаи инқилоб» ва «Овози тоҷик» минбари асосии фаъолияти публитсистии ӯ гардида, дар бедории шуури миллӣ ва рушди матбуоти тоҷик саҳми назаррас гузоштанд [3-М; 6-М].

7. Мавқеи сиёсии Садриддин Айнӣ дар осори насрӣ, назмӣ ва публитсистии ӯ ба таври равшан таҷассум ёфта, пеш аз ҳама, ба ҳифзи

манфиатҳои миллӣ, исботи мавҷудияти халқи тоҷик, таҳкими худшиносии миллӣ ва рушди маърифату фарҳанг равона шудааст. Мавсуф тавассути асарҳои таърихӣ, публитсистӣ ва бадеии худ масъалаҳои муҳимми сиёсиву иҷтимоии замонро баррасӣ намуда, аз роҳи равшангарой ва маорифпарварӣ барои бедории афкори ҷомеа мубориза бурдааст [4-М; 6-М].

8. Осори назмӣ ва насрии Садриддин Айнӣ дорои аҳаммияти бузурги иҷтимоӣ, сиёсӣ ва публитсистӣ мебошанд. Ӯ ҳамчун маорифпарвар ва равшангар барои бедории миллӣ, рушди худшиносӣ, ҳифзи забон, фарҳанг ва ҳуқуқи халқи тоҷик хидмати арзанда анҷом додааст. Дар шеърҳои инқилобӣ ва иҷтимоии ӯ, аз ҷумла, «Марши ҳуррият» ва дигар асарҳо, унсурҳои даъват, хитоба ва андешаҳои сиёсӣ равшан инъикос ёфтаанд. Ҳамчунин, дар повести «Одина» порчаҳои публитсистию таърихӣ барои нишон додани воқеияти иҷтимоӣ, бедории шуури мардум ва арзёбии воқеаҳои муҳимми замон нақши бориз доранд [15-М].

9. Таҳлили асарҳои бадеӣ ва публитсистии устод Айнӣ нишон медиҳад, ки воқеияти замон, масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ дар эҷодиёти ӯ ҷойгоҳи муҳим доранд. Муаллиф тавассути роману повестҳо ва ёддоштҳои худ муборизаҳои сиёсӣ, бедории иҷтимоӣ, ташаккули шуури миллӣ ва равандҳои таърихии ҷомеаро инъикос намудааст. Дар асарҳои «Ғуломон», «Дохунда», «Ятим», «Одина» ва «Ёддоштҳо» порчаҳои публитсистӣ ҳамчун воситаи шарҳу таҳлили воқеаҳои сиёсиву иҷтимоӣ истифода шуда, мавқеи шаҳрвандӣ ва ҷаҳонбинии муаллифро ошкор месозанд. Ин порчаҳо бо вуҷуди дар таркиби асари бадеӣ, хусусияти мустақили таҳлилӣ дошта, барои дарки воқеаҳои таърихӣ ва равандҳои ҷамъиятӣ аҳаммияти бузург доранд [10-М].

10. Садриддин Айнӣ дар мақолаи худ масъалаи «тоҷик», забон ва алифборо ҳамчун масъалаи таърихӣ, сиёсӣ ва миллӣ баррасӣ мекунад. Ӯ дар асоси сарчашмаҳои зиёди таърихӣ ва луғавӣ собит месозад, ки вожаи «тоҷик» дар тӯли асрҳо дар шаклҳои гуногун истифода шуда, аммо ҳамеша ба як қавми форсизабони муқими Мовароуннаҳр ва Хуросон ишора доштааст. Ӯ решаи

тоҷиконро ба аҳолии бумии Осиёи Миёна ва Хуросон пайванд дода, онҳоро ворисони тамаддуни қадимаи ориёӣ мешуморад [4-М; 6-М].

11. Дар масъалаи забон ва алифбо низ устод Айнӣ мавқеи равшан дорад: забони тоҷикӣ (форсӣ-дарӣ) забони таърихии ҳамин халқ аст, ки дар асрҳои миёна шакл гирифта, забони адабиёт ва давлатдорӣ гардидааст. Ӯ истифодаи як ном «тоҷик»-ро барои забон ва миллатро зарур мешуморад, зеро ин ҳамбастагии забон ва ҳувияти миллӣ мебошад [3-М; 4-М].

12. Устод Айнӣ дар мақолаи «Масъалаи Шарқ» бо такя ба дониши васеи таърихӣ ва мушоҳидаҳои воқеӣ сабабҳои мустамлика шудани кишварҳои Шарқро аз ҷониби давлатҳои ғарбӣ нишон дода, ҳадафи асосии онҳоро на «ободсозӣ», балки забти сарватҳои табиӣ ва ба тобеият даровардани халқҳо медонад. Дар мақолаҳои мазкур, бо истифода аз муқоисаҳои таъсирбахш ва забони образнок вазъи фоҷиавии Шарқро тасвир намуда, бедории миллӣ, мубориза барои озодӣ ва худшиносиро тарғиб мекунад. Ӯ, ҳамзамон, сиёсати Ҳукумати Шуравиро нисбат ба Шарқ мусбат арзёбӣ карда, онро муқобили империализм ва ҷонибдори озодии халқҳо мешуморад [4-М].

13. Публитсистикаи сиёсии Садриддин Айнӣ ҳамчун таҳлили вазъи ҷаҳонии охири асри XIX ва аввали асри XX баррасӣ мешавад, ки дар он муаллиф зиддияти Шарқ ва Ғарб, сиёсати мустамликавии давлатҳои абарқудрат ва бедории халқҳои мазлумро таъкид мекунад. Ӯ дар муқоиса бо империализми Ғарб, нақши Ҳукумати Шуравиро бештар ҳамчун неруи ба истилоҳ озодкунанда ва дастгиркунандаи Шарқ арзёбӣ намуда, ҳамзамон, зарурати бедории худи халқҳои Шарқ, муттаҳидшавӣ, мубориза барои ҳуқуқ ва аҳаммияти маорифу худшиносии миллиро асосӣ мешуморад. Устод Айнӣ масъалаи худшиносӣ, забон, таълим ва рушди иҷтимоии тоҷиконро дар заминаи тағйироти сиёсӣ муҳим дониста, аз хатарҳои ҷаҳолат, таассуб ва вобастагӣ ҳушдор медиҳад [3-М; 13-М].

14. Таҳқиқи мазмуну аҳаммияти се асари таърихию публитсистии Садриддин Айнӣ – «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро» ҳамчун манбаи муҳимми

бедории фикрӣ ва ташаккули худшиносии миллӣ баррасӣ шуда, раванди амиқи тағйири тафаккур, маориф ва муносибати ҷомеа ба дониш ва дин буд, ки дар натиҷаи бархӯрди ҷадидон бо низоми суннатии мазҳабию амирӣ, рушди матбуот, таъсиси мактабҳои нав ва муборизаҳои идеологӣ шакл гирифт. Ҳамзамон, асарҳо аҳаммияти таърихии фаъолияти устод Айниро ҳамчун шоҳиди воқеаҳо таъкид карда, нишон медиҳанд, ки ин навиштаҳо дар ташаккули фикри сиёсию иҷтимоии тоҷикон ва таҳкими ҳувияти миллӣ нақши муҳим доранд [17-М].

15. Таҳқиқ мушаххас кард, ки ҳаракати ҷадидия дар Бухоро ҳамчун неруи фикрӣ ва ислоҳталаб, бо вуҷуди фишорҳои сахти амирият, уламои суннатӣ ва ҳатто дахолати неруҳои хориҷӣ барои навсозии маориф, ташаккули матбуот ва бедории миллӣ мубориза бурд, аммо ин ҳаракат бо саркӯб, таъқиб, шиканҷа ва муҳоҷирати зиёиён рӯ ба рӯ шуд, ки худи Садриддин Айнӣ низ аз қурбониёни он гардид, вале таҷрибаи ин мубориза нишон дод, ки гарчанде инқилоби фикрӣ дар марҳалаи аввал шикаст хӯрд, он ба таври бунёдӣ ба ташаккули маориф, худшиносии миллӣ ва тағйири ҷаҳонбинии ҷомеаи тоҷик замина гузошт [4-М; 16-М; 17-М].

16. Садриддин Айнӣ дар асари «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»-и таърихи ҳукмронии амирони манғитиро (1756-1920) бо диди танқидӣ ва бар пояи воқеият тасвир кардааст. Устод Айнӣ бо такя ба сарчашмаҳо ва таҷрибаи шахсӣ сабабҳои ба қудрат расидан ва суқути ин сулола, аз ҷумла, фитнаҳо, зулм, бесаводии сиёсӣ, ихтилофҳои дохилӣ ва сиёсати ноустувори амиронро нишон медиҳад. Ҳамчунин, ошкор мешавад, ки чӣ гуна амирон бо усулҳои зӯроварӣ, қатлу куштор ва истифодаи дин барои манфиати худ давлатро идора мекарданд, ки ин боиси заъф ва фано шудани аморат гардид. Устод Айнӣ дар баробари танқид, баъзе ҷанбаҳои мусбати амир Шоҳмуродро низ қайд мекунад, вале дар маҷмуъ, сулолаи манғитиро ҳамчун низоми ноодилона ва пойдор ба зулм арзёбӣ менамояд [17-М].

17. Таҳлил равшан намуд, ки ҷомеаи Бухоро дар оғози асри XX ба буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гирифтор буд: лашкари заиф, идораи бесамар,

ришваситонӣ, зулми маъмурон ва дахолати бевоситаи Россия ба корҳои дохилӣ давлатро ба сукут наздик карда буданд. Дар чунин шароит ҳаракати ислоҳотхоҳӣ (ҷадидия) ба вуҷуд омада, бо муқовимати сахти иртиҷоъ ва манфиатҳои беруна рӯ ба рӯ гардид. Дар ниҳоят, асар маромномаи сиёсию иҷтимоист, ки масъулияти таърихнависӣ ва зарурати ислоҳоти ҷомеаро таъкид менамояд [12-М; 14-М].

18. «Таърихи инқилоби Бухоро» дар бедории фикрӣ ва ташаккули ҳувияти миллӣ нақши бориз дошта, тавассути таҳлили амиқи сохтори аморат, вазъи маориф, нақши уламо ва зиддияти ҷадидону қадимпарастон сабабҳои инқилоб ва зарурати дигаргунсозиҳоро ошкор месозад. Устод Айнӣ дар ин асар бо забони пуртаъсир ва мисолҳои равшан нишон медиҳад, ки чӣ гуна маҳдудияти дониш, фасоди низоми маъмурӣ ва сустии мактабҳои куҳна ҷомеаро ба буҳрон расонида, дар баробари ин, пайдоиши мактабҳои усули нав, матбуот ва афкори ислоҳталаб заминаи бедории фикрӣ ва худшиносии иҷтимоиро ба вуҷуд оварданд. Асар дар айни замон ба шаклгирии ҳувияти миллӣ мусоидат намуда, хонандаро ба дарки зарурати ислоҳоти маориф, озодии фикр ва мубориза бо таассуб ҳидоят мекунад ва ҳамин тавр, ҳамчун яке аз сарчашмаҳои муҳимми худшиносии миллӣ ва тафаккури модернистии тоҷикон арзёбӣ мегардад [17-М].

19. Нақши Садриддин Айнӣ ва матбуоти пешқадами аввали асри XX дар равшан шудани вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Аморати Бухоро назаррас мебошад. Дар он нишон дода мешавад, ки чӣ гуна рӯзномаи «Вақт» ва дигар нашриёҳои хориҷӣ бо интишори мақолаҳои танқидӣ фасод, беқонунӣ ва ноадолатии идоракунии амoратро фош карда, ба бедоршавии афкори ҷамъиятӣ ва ташаккули ҳаракати ҷавонбухороиён таъсири ҷиддӣ расониданд. Махсусан, муаллиф ба нақши шахсиятҳое чун Абдуқодир Муҳиддинов ва гурӯҳҳои ислоҳталаб ишора карда, муборизаи онҳо барои ислоҳоти маориф, андоз ва идоракунии давлатӣ, инчунин, таъсиси нашриёҳо ва ҷамъиятҳои махфиро таъкид менамояд. Дар баробари ин, сиёсати мустамликавии Россия, ки ба нигоҳ доштани Бухоро ҳамчун манбаи ашёи хом ва василаи нуфузи сиёсӣ равона шуда буд, ҳамчун яке аз омилҳои асосии буҳрони сиёсӣ нишон дода мешавад. Устод

Айнӣ дар ин замина бо таҳлили амиқи худ моҳияти зиддиятҳои даврро байни иртиҷоъ ва ислоҳот ошкор намуда, ҳамзамон, ба бедории сиёсӣ ва ташаккули ҳаракати инқилобӣ дар Бухоро заминаи фикрӣ фароҳам овардааст [7-М; 8-М; 10-М; 11-М; 14-М].

20. «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро», «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро» асарҳоеанд, ки дар онҳо ҷаҳонбинии иҷтимоӣ ва сиёсӣ, мавқеи маърифатпарварӣ ва таҳлили танқидии воқеаҳои замон бо ҳам омехта инъикос ёфтааст. Устод Айнӣ бо риояи принсипи бетарафии таърихнигорӣ, вале таҳлили амиқ, нақши ҷавонбухороиён, зиддиятҳои синфӣ ва миллӣ, инчунин, омилҳои дохилӣ ва хориҷии ташаккули инқилобро равшан менамояд. Ин асарҳо, ҳамзамон, хусусияти илмӣ, публитсистӣ ва бадеӣ доранд [3-М; 17-М].

21. Публитсистикаи сиёсӣ дар осори Садриддин Айнӣ ҳамчун низоми мукаммали фикриву бадеӣ зуҳур мекунад, ки дар он сохтори мантиқии матн (масъалагузорӣ, таҳлил ва хулоса), гуногуншаклии жанрӣ (аз мақола то повесту роман ва ёддошт) ва услуби воқеъбинонаву интиқодӣ ба ҳам мепайванданд. Ин ҳамбастагӣ имкон медиҳад, ки воқеияти иҷтимою сиёсӣ таҳлилу арзёбӣ гардад, ҳамзамон, ба шуури хонанда таъсир расонда, ӯро ба андешаронӣ ва мавқеъгирии иҷтимоӣ водор созад. Аз ин рӯ, эҷодиёти устод Айнӣ омили муҳимми ташаккули публитсистикаи сиёсии тоҷик ба ҳисоб меравад, ки дар рушди худшиносии миллӣ ва бедории иҷтимоии ҷомеа нақши назаррас гузоштааст [4-М; 6-М].

22. Фаъолияти шахсиятҳои миллӣ ҳамеша мавзуи муҳимми публитсистикаи сиёсӣ буданд. Садриддин Айнӣ ҳамчун публитсист ва ҳамчун шахсиятҳои миллӣ мавриди баҳси публитсистика қарор гирифт. Бо шарҳи зиндагӣ ва фаъолияти онҳо, публитсистон мардумро ба худшиносӣ ва ифтихори миллӣ даъват мекарданд. Дар давраи Шуравӣ, бисёр шахсиятҳо бо диди идеологӣ арзёбӣ мешуданд, вале публитсистика кӯшиш мекард ҳақиқати таърихиро баён кунад. Дар давраи истиқлол, мавқеи шахсиятҳои миллӣ боз ҳам

баланд шуд ва публитсистика бо мақолаҳо ва таҳлилҳои худ барои эҳёи ном ва осори онҳо хизмат намуд [6-М; 7-М].

23. Ҳувияти миллӣ ҳамчун рукни марказии ташаккули давлат ва ҷомеа ҳамеша дар маркази публитсистикаи сиёсӣ қарор дошт. Зиёиён бо мақолаҳои худ таъкид мекарданд, ки бе ҳувияти миллӣ давлат наметавонад устувор бошад. Забон, фарҳанг, таърих ва арзишҳои миллӣ пояи ин ҳувиятро ташкил медиҳанд. Садриддин Айнӣ бо асарҳои худ дар эҳёи ҳувияти миллӣ нақши бузург бозид. Дар давраи Шуравӣ, гарчанде сиёсати русигардонӣ ба ҳувияти миллӣ таъсир мерасонд, публитсистика бо талошҳои зиёиён онро ҳифз кард. Дар давраи истиқлол, масъалаи ҳувияти миллӣ боз ҳам муҳим шуд: публитсистика ба мардум зарурати ҳифзи арзишҳои миллӣ ва мутобиқсозии онҳо бо ҷаҳони муосирро ёдоварӣ мекунад [3-М; 6-М; 17-М].

24. Публитсистикаи сиёсӣ бо сиёсати давлатӣ ҳамеша робитаи қавӣ дошт. Дар асрҳои гузашта, публитсистон бо сухан ва асарҳои худ ба давлатҳо маслиҳат ва ҳушдор медоданд. Аҳмади Дониш ба амирони Бухоро маслиҳатҳои зиёде дода буд, ки гарчанде аксаран пазируфта нашуданд, аммо таърихан арзишманданд. Дар давраи Шуравӣ публитсистика бештар дар чорчӯбаи идеология фаъолият мекард ва сиёсати ҳизбиро тарғиб менамуд. Дар давраи истиқлол, публитсистикаи сиёсӣ ба ҳимоя ва тавзеҳи сиёсати давлатӣ, ҳамзамон, интиқоди созандаи он равона шудааст. Вай ба мардум кӯмак мекунад, ки моҳияти ислоҳот, ташаббусҳои байналмилалӣ ва самтҳои асосии сиёсатро дарк намоянд. Ҳамин тавр, публитсистика ҳамчун оина ҳамсафари сиёсат аст [11-М].

25. Таҳқиқи ҳамаҷонибаи публитсистикаи сиёсӣ дар асарҳои Садриддин Айнӣ ба мо имкон дод, ки рушди тафаккури иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро дар марҳалаҳои гуногуни таърихии миллати тоҷик аз наздик биомӯзем. Ин рисола нишон медиҳад, ки публитсистикаи сиёсӣ на танҳо жанри адабӣ, балки падидаи иҷтимоӣ ва сиёсӣ буда, дар ташаккули худшиносӣ, худогоҳӣ ва истиқлолхоҳии тоҷикон нақши асосӣ бозидааст [3-М; 4-М; 6-М; 17-М].

Бо таваҷҷуҳ ба заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ, метавон гуфт, ки публитсистика дар фарҳанги тоҷик аз ибтидо ба масъалаҳои мубрами иҷтимоӣ ва сиёсӣ рӯ овардааст. Аз Носири Хусрав то Аҳмади Дониш ва аз маорифпарварони асри XIX то публитсистони асри XX ва XXI ҳамеша масъалаҳои адолат, озодӣ, худшиносӣ ва ваҳдатро дар маркази диққат қарор додаанд. Публитсистикаи сиёсӣ дар марҳалаҳои гуногун рисолати таърихии худро ба ҷо овардааст. Аз ибтидо то имрӯз, он ҳамчун оинаи ҷомеа, минбари интиқод ва роҳнамо ба сӯйи оянда амал кардааст.

Имрӯз, дар шароити ҷаҳонишавӣ, публитсистикаи сиёсӣ аҳаммияти боз ҳам бештар мегирад. Он воситаи ҳимояи арзишҳои миллӣ, забон, фарҳанг, истиқлол ва ваҳдат аст. Ҳамзамон, он мардумро ба маърифат, ҷаҳонбинии илмӣ, масъулият ва худогоҳӣ даъват мекунад. Аз ин рӯ, публитсистикаи сиёсӣ барои рушди ҷомеаи тоҷик ҳамчун як воситаи эҷод ва баён, пояи фикрӣ ва сиёсӣ буда, аҳаммияти он дар замони муосир низ беш аз пеш эҳсос мешавад.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар самтҳои зерин метавон истифода кард:

1. Омӯзиш, таҳлил ва баррасии масъалаҳои сиёсӣ дар осори публитсистии Садриддин Айнӣ аз мавзуъҳои муҳимми илми публитсистика маҳсуб ёфта, натиҷаи таҳқиқро метавон дар раванди пажуҳишҳои минбаъда дар самти публитсистикаи сиёсӣ ба таври васеъ истифода кард.

2. Ҳангоми таҳлилу баррасии таърихи матбуот ва масъалаҳои публитсистикаи сиёсӣ натиҷаҳои диссертатсия хидмат менамояд. Он маводи мубрам ва тозаи илмиро дар омӯзиши таърифи матбуот ва публитсистикаи тоҷик фароҳам овардааст.

3. Таърихи ташаккул ва омӯзиши публитсистикаи тоҷик низ аз мавзуъҳои муҳимми замони муосир ба шумор меравад. Он имконият медиҳад, ки мо гузаштаро амиқтар дарк намуда, таҷрибаи андӯхтаро барои ҳалли масъалаҳои давлатдорӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ истифода барем.

4. Устод Айнӣ яке аз поягузорони асосии публитсистикаи тоҷик маҳсуб мешавад. Осори публитсистии устод масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва сиёсии замонро фаро гирифтаанд. Дар ин миён, масъалаҳои сиёсии замон дар осори устод мавқеи хос доранд. Нигоштаҳои устод дар хусуси ҳувияти миллӣ, худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ дар замони муоисир аҳаммияти бештар пайдо карда, ҳангоми таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ истифода шаванд.

5. Ҷаҳони муосир бо суръат тағйир ёфта, муборизаҳои иттилоотӣ идома доранд ва ҳамеша ба арзишҳои миллию давлатӣ хатар вуҷуд дорад. Устод Айнӣ ҳанӯз дар аввали асри XX ба чунин масъалаҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онҳоро дар осораш таҳлил кардааст. Афкори ватандӯстонаву хештаншиносонаи устод Айнӣ имрӯз низ аҳаммияти худро нигоҳ дошта, метавон дар ташхиси вазъи ҷаҳонӣ ва дарки дурусти воқеиятҳои замон ба натиҷаҳои муфид расид.

6. Шинохти асолати миллӣ ва забони тоҷикӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрамест, ки ҳанӯз дар солҳои 20-уми асри XX мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор гирифта, хусусияти сиёсӣ касб карда буд. Садриддин Айнӣ ин масъаларо ҳамаҷониба таҳлил намуда, мавқеи калимаи «тоҷик»-ро ба таври амиқ ҳимоя кардааст. Дар диссертатсия ин масъала ҳам аз нигоҳи илмӣ ва ҳам аз дидгоҳи сиёсӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ низ ин масъала аҳаммияти махсус пайдо намуда, ҳифзи забон ва фарҳанги миллӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми амнияти фарҳангӣ ва худшиносии миллӣ баромад мекунад. Аз ин рӯ, дар заминаи диссертатсия метавон дар ҳифзи арзишҳои миллӣ ва гиромидошти забони давлатӣ накши муассир гузошт.

7. Масъалаи худшиносии миллӣ аз масъалаҳои мубрами замони муосир мебошад ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир менамояд. Ин масъала дар диссертатсия бо такя ба осори Садриддин Айнӣ аз нигоҳи илмӣ баррасӣ гардидааст. Диссертатсияи мазкур метавонад барои таҳкими ҳувияти миллӣ, баланд бардоштани сатҳи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, махсусан, миёни наврасону ҷавонон хидмат намояд.

8. Дар раванди таҳлил ва баррасиҳо нишон дода шудааст, ки барои шинохти амиқтар ва дарки дурусти адабиёти публитсистӣ, истифода аз осори устод Айнӣ аҳаммияти калон дорад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои муҳаққиқони соҳаҳои публитсистика, адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ ҳамчун манбаи илмӣ ва методологӣ мусоидат намоянд.

9. Дар диссертатсияи мазкур бори аввал масъалаҳои сиёсӣ дар осори публитсистии Садриддин Айнӣ ба таври мукаммал таҳлил ва таҳқиқ гардидаанд. Ин таҳқиқот саҳифаи навро дар шинохти устод Айнӣ ҳамчун шахсияти барҷастаи ҷамъиятӣ ва равшанфикр боз намуда, метавонад барои муҳаққиқони соҳаи «айнӣшиносӣ» ҳамчун дастури муҳим хидмат кунад. Ҳамчунин, натиҷаҳои он метавонанд дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, махсусан, дар фанҳои марбут ба публитсистикаи сиёсӣ, сиёсатшиносӣ, адабиётшисоӣ васеъ истифода шаванд.

10. Публитсистикаи сиёсӣ аз самтҳои муҳимми илми публитсистика ба ҳисоб меравад ва Садриддин Айнӣ яке аз асосгузорони ин равия дар адабиёти тоҷик эътироф мегардад. Аз ин рӯ, омӯзиши осори ӯ метавонад барои рушди минбаъдаи ин соҳа, инчунин, ба таъсиси марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла, марказҳои айнишиносӣ ва равандҳои нави ҷаҳонӣ заминаи мусоид фароҳам оварад. Ҳамзамон, таҳлилу натиҷаҳои пажуҳиш имкон медиҳад, ки равандҳои муосири иттилоотию сиёсӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ба таври амиқ маърифат шаванд.

Ҳамин тариқ, аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хусусияти байнисоҳавии он ва доираи васеи самтҳои эҳтимолии татбиқ – аз илми академӣ ва низоми маориф то сиёсати давлатӣ ва ташаббусҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳифзу рушди фарҳанг ва ҳувияти миллӣ муайян маънидод мегардад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## А) РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### I. Сарчашмаҳо


1. Айнӣ, С. Марши раҳовард [Матн] / С. Айнӣ // Шуълаи инқилоб. – 1919. – №20. – 18 сентябр.
2. Айнӣ, С. Ба шарафи Инқилоби Октябр [Матн] / С. Айнӣ // Шуълаи инқилоб. – 1919. – №22. – 15 ноябр.
3. Айнӣ, С. Инқилоб офтобро монад [Матн] / С. Айнӣ // Шуълаи инқилоб. – 1919. – №23.– 7 декабр.
4. Айнӣ, С. Танвири афкор [Матн] / С. Айнӣ // Шуълаи инқилоб. – 1919. – №27. – 7 декабр. – С. 1-3.
5. Айнӣ, С. Ҳукумати Шуроӣ ба мо чӣ дод? [Матн] / С. Айнӣ // Шуълаи инқилоб. – 1919. – 15 декабр.
6. Айнӣ, С. Инқилобҳои гузашта дар Шарқ ва аҳволи ҳозира [Матн] / Айнӣ С. // Шуълаи инқилоб. – 1920. – №42. – 12 июл. – С. 1-2.
7. Айнӣ, С. Инқилоби Бухоро [Матн] / С. Айнӣ // Шуълаи инқилоб. – 1920. – 13 сентябр.
8. Айнӣ, С. Бо босмачиёни Фарғона чӣ гуна мубориза бояд кард? [Матн] / С.Айнӣ // Шуълаи инқилоб. – 1921. – 1 сентябр.
9. Айнӣ, С. Дар бораи адабиёт ва китобҳои мактабии Тоҷикистон [Матн] / С. Айнӣ // Овози тоҷик. – 1925. – 12 феврал.
10. Айнӣ, С. Ҷавоб ба мунаққиди беном [Матн] / С. Айнӣ // Овози тоҷик. – 1925. – 2 март.
11. Айнӣ, С. Кори ташкилот ва маорифи Тоҷикистон [Матн] / С. Айнӣ // Овози тоҷик. – 1925. – 13 март.
12. Айнӣ, С. Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ [Матн] / С. Айнӣ / Раҳбари дониш. – 1928. – №4-5. – С. 22-24.

13. Айнӣ, С. Масъалаи таърихӣ дар гирди алифбои нави тоҷикӣ [Матн] / С. Айнӣ // Раҳбари дониш. – 1928. – №10. – С. 6-7.
14. Айн. Син. Дар хусуси забони адабии тоҷикӣ [Матн] / Айн. Син // Раҳбари дониш. – 1929. – №4. – С. 17-18.
15. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 1 [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 346 с.
16. Айнӣ, С. Тарҷимаи ҳоли худам // Куллиёт. Ҷилди 1 [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – С. 7-99.
17. Айнӣ, С. Одина [Матн] / С. Айнӣ // Куллиёт. Ҷилди 1. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – С. 183-327.
18. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 2 [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. –175 с.
19. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 3 [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. – 620 с.
20. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 4 [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1961. – 351 с.
21. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 6 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. – 414 с.
22. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 7 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. – 646 с.
23. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 5 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 275 с.
24. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 11. Китоби 1-ум [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 507 с.
25. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 11. Китоби 2-юм [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 436 с.
26. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 10 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 344 с.
27. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 9 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 415 с.

28. Айнӣ, С. Сайфу қалам [Матн] / С. Айнӣ // Куллиёт. Ҷилди 9. – Душанбе: Ирфон, 1969. – С. 66-69.
29. Айнӣ, С. Ахгари инқилоб [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 238 с.
30. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 12 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 771 с.
31. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 13 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 432 с.
32. Айнӣ, С. Акнун навбати қалам аст. Ҷилди 1. [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 478 с.
33. Айнӣ, С. Акнун навбати қалам аст. Ҷилди 2 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 464 с.
34. Айнӣ, С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Исёни Муқаннаъ [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Маориф, 1978. – 168 с.
35. Айнӣ, С. Ҷаллодони Бухоро [Матн] / С. Айнӣ // Осори баргузида дар ду ҷилд. Акнун навбати қалам аст. Ҷилди 2. – Душанбе: Ирфон, 1978. – С. 5-79.
36. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 8 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 524 с.
37. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби Бухоро / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 240 с.
38. Айнӣ, С. Мунтахаби асарҳои илмӣ. Ҷ. 2 [Матн] / С. Айнӣ; таҳия ва танзими А. Набавӣ ва Ф. Набиев. – Душанбе: Дониш, 2008. – 406 с.
39. Айнӣ, С. Ёддоштҳо [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. – 680 с.
40. Айнӣ, С. Маънии калимаи «тоҷик» [Матн] / С. Айнӣ // Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2009. – С. 414-440.
41. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с
42. Айнӣ, С. Шеърҳо [Матн] / С. Айнӣ. – Куллиёт. Ҷ. 2. – Душанбе: Дониш, 2020. – 656 с.

43. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 3 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – 234 с.
44. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 4 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – 362 с.
45. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 5 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – 501 с.
46. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 6 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – 632 с.
47. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 7 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – 694 с.
48. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 8 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – 204 с.
49. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 9 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – 376 с.
50. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷилди 10 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – 434 с.

## II. Адабиёти илмӣ-назариявӣ

51. Абдуллаев, М. А. Таджикская публицистика и национальная идентичность (посл. четверть XIX – первая половина XX веков) [Текст] / М. А. Абдуллаев. – Душанбе, 2014. – 310 с.
52. Абдуллоев, Ш. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ [Матн] / Ш. Абдуллоев. – Душанбе, 1994. – 151 с.
53. Абдуллоҳ, М. Таносуби ҳувияти тоҷикӣ ва форсӣ дар осори илмӣ-публитсистии солҳои 20-30-юми қарни XX [Матн] / М. Абдуллоҳ // Рамзошнои маънӣ (маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба 50-солагии академики АИ ҶТ Салимов Н. Ю). – Хуҷанд: Ношир, 2011. – С. 332-341.
54. Абуалӣ ибни Сино. Ан-Наҷот. Ал-Қоҳира [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. – Теҳрон, 1337 ҳ. – 304 с.

55. Азизқулов, Ҷ., Муллоҷонова, З. Феҳрасти асарҳои С. Айнӣ ва адабиёти оид ба ӯ [Матн] / Ҷ. Азизқулов, З. Муллоҷонова. – Душанбе: Дониш, 1963. – 326 с.
56. Азимов, А. Воқеияти зиндагӣ ва матбуоти тоҷик [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Сино, 2000. – 186 с.
57. Азимов, А. Публитсистика ва замони муосир [Матн] / А. Азимов. – Душанбе: Шарқи озод, 2004. – 42 с.
58. Азимов, А. Мактабу маориф дар публитсистикаи устод С. Айнӣ [Матн] / А. Азимов // Дар моварои сухан. – Душанбе: Матбуот, 2005. – С. 27-30.
59. Азимов, А. Муродӣ, М. Назаре ба публитсистикаи устод Айнӣ [Матн] / А. Азимов, М. Муродӣ. – Душанбе, 2018. – 112 с.
60. Азимов, А. Устод Айнӣ ва маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» [Матн] / А. Азимов, М. Муродӣ // Назаре ба публитсистикаи устод Айнӣ. – Душанбе, 2018. – С. 6-12.
61. Азимов, А. Публитсистикаи устод Айнӣ дар рӯзномаи «Овози тоҷик» [Матн] / А. Азимов, М. Муродӣ // Назаре ба публитсистикаи устод Айнӣ. – Душанбе, 2018. – С. 86-93.
62. Айнӣ, К. Бист гуфтор аз маънавият [Матн] / К. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 2004. – 240 с.
63. Айнӣ, К. Мактаби адабии устод Садриддин Айнӣ [Матн] / К. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 202 с.
64. Айнӣ, Х. Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ [Матн] / Х. Айнӣ. – Душанбе: ҶДММ «Балоғат», 2017. – 106 с.
65. Аминзода, А. Масъалаи лотинӣ кардани алифбо [Матн] / А. Аминзода // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо / мураттибон А. Набавӣ, Н. Одинаев, П. Олимова. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С.126-129.
66. Амирқулов, С. Таҳаввули адабиёти тоҷик дар нимаи якуми асри XIX [Матн] / С. Амирқулов. – Душанбе: Дониш, 1997. – 184 с.
67. Аслонова, Н. Шахсияти С. Айнӣ [Матн] / Н. Аслонова. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 48 с.

68. Асозода, Х. Устод Айнӣ дар шинохти С. Улуғзода [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2001. – 112 с.
69. Асозода, Х. Иловаҳо ба шарҳи ҳоли устод Айнӣ / Х. Асозода. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 92 с.
70. Асозода, Х. Воқеият, сиёсат ва Айнӣ [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 208 с.
71. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав) [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
72. Бартолд, В. Сочинение. Т. 2 [Текст] / В. Бартолд. – Москва, 1964. – 661 с.
73. Бартолд, В. Сочинение. Т. 5 [Текст] / В. Бартолд. – Москва, 1968. – 759 с.
74. Бахтин, М. М. Вопросы литературы и эстетики: исследования разных лет [Текст] / М. М. Бахтин. – М., 1975. – 506 с.
75. Баҳор, М. Сабкшиносӣ [Матн] / М. Баҳор. – Сабкшиносӣ ё таърихи тataввури насри форсӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 570 с.
76. Бекзода, К. Нақши истилоҳи «тоҷик» дар устураҳои Ориё [Матн] / К. Бекзода // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно / мураттиб М. Шукурзода. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 140-143.
77. Бектош, Н. Айнӣ ва эҷодиёти ӯ [Матн] / Н. Бектош. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1933. – 54 с.
78. Бектош, Н. Садриддин Айнӣ ва эҷодиёти ӯ [Матн] / Н. Бектош. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1933. – 55 с.
79. Белинский, В. Г. Русская литература в 1845 г. [Текст] / В. Г. Белинский // Полн.собр.соч.в тринадцати томах, т.10. Х-М.: Изд. АН СССР, 1956. – 482 с.
80. Бобохонов, М. Бедории сиёсии омма дар арафи революцияи Октябр [Матн] / М. Бобохонов. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 78 с.
81. Бозоров, Н. Айнӣ аз нигоҳи Брагинский ё оиди ду танбеҳи бамаврид [Матн] / Н. Бозоров // Ҷашнвораи устод Айнӣ. Қ. 1. – Душанбе: Сино, 2000. – 40 с.

82. Брагинский, И. С. Реализми Айнӣ [Матн] / И. С. Брагинский // Адабиёти советии тоҷик (Маҷмуи мақолаҳо). – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1954. – С. 120-167.
83. Брагинский, И. С. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ [Матн] / И. С. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 196 с.
84. Брагинский, И. Проблемы творчества Садриддина Айни [Текст] / И. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 173 с.
85. Брагинский, И.С. Садриддин Айни. Жизнь и творчество. Второе издание, дополненное [Текст] / И.С. Брагинский. – М.: Советский писатель, 1978. – 246 с.
86. Брагинский, И. С. От Авесты до Айни [Текст] / И.С. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 255 с.
87. Ваҳҳоб, Р. Адабиёт ва фарҳанги миллӣ [Матн] / Р. Ваҳҳоб. – Душанбе: Адиб, 2012. – 224 с.
88. Гафаров, Н. История культурно-просветительской деятельности джадидов в Бухарском эмирате (начало XX века) [Текст] / Н. Гафаров. – Худжанд, 2000. – 160 с.
89. Гафуров, Б. История таджикского народа. Второе издание [Текст] / Б. Гафуров. – Москва, 1952. – 508 с.
90. Гертсен, А. И. О прошлом и мыслях. Избранные произведения [Текст] / А. И. Гертсен. – Л.: Художественная литература, 1987. – 560 с
91. Горкий, М. О литературе [Текст] / М. Горкий. – М.: Советский писатель, 1955. – 754 с.
92. Горохов, В. М. Связи с общественностью в политике и государственном управлении [Текст] / В. М. Горохов. – М.: РАГС, 2001. – 520 с.
93. Гулмуродзода, П. Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон [Матн] / П. Гулмуродзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 160 с.
94. Гулмуродзода, П. Забон ва худшиносии миллӣ Қ. 1. (Маҷмуи мақолаҳо) [Матн] / П. Гулмуродзода. – Душанбе, 2007. – 231 с.
95. Гулов, С. Амвоҷи сухан [Матн] / С. Гулов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 96 с.

96. Ғаффоров, Н. Ҷадидия ва шинохти он [Матн] / Н.Ғафоров. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 160 с.
97. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби очерки «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик [Матн] / Р. Ғаффоров // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷ. IV. – Душанбе: Дониш, 1971. – С. 28.
98. Ғафуров, Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав . [Матн] / Б. Ғафуров. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976 с.
99. Давлатободӣ, М. Кадевар. Ҷ.1-2. [Матн] / М. Давлатобод. — Теҳрон: Фарҳанги муосир. – 1370. – 948 с.
100. Дарси хештаншиносӣ (маҷмуи мақолаҳо). Қисми 1 [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 272 с.
101. Девонақулов, А. «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш [Матн] / А. Девонақулов // Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 1. – Душанбе: Дониш, 1988. – С. 5-19.
102. Девонақулов, А. Носири Хусрави Қубодиёнӣ [Матн] / А. Девонақулов // Носири Хусрав. Куллиёт. Ҷ. 1. – Душанбе: Ирфон, 1991. – С. 5-22.
103. Делез, Ж. Фуко [Текст] / Ж. Делез. – М., 1998, – 260 с.
104. Демидчик, Л. Н. Таърихи адабиёти советии тоҷик: Инкишофи жанрҳо (насри солҳои 30). Ҷилди 2 [Матн] / Л. Н. Демидчик. – Душанбе: Дониш, 1978. – 312 с.
105. Деҳотӣ, А. Ҳикояҳо доир ба мулоқоти ман бо устод Айнӣ [Матн] / А. Деҳотӣ // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи 2. – Душанбе: Нашриёти АФ РСС Тоҷикистон, 1963. – С. 206-215.
106. Диноршоев, М. Афрӯзандаи нури хирад ва афшонандаи тухми маърифат [Матн] / М. Диноршоев // Абуалӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 1. – Душанбе: АМИТ, 2005. – с. 6-154.
107. Дониш, А. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития [Матн] / А. Дониш // Энсиклопедияи насри тоҷику форс. – Душанбе: 2010. – 116-191 с.

108. Дониш, А. Наводиру-л-ваќоеъ. Китоби 1 [Матн] / А. Дониш. – Душанбе: Дониш, 2017. – 462 с.
109. Дониш, А. Наводиру-л-ваќоеъ. Китоби 2 [Матн] / А. Дониш. – Душанбе: Дониш, 2017. – 496 с.
110. Жижек, С. Возвышенный субъект идеологии [Текст] / С. Жижек. – М., 1999. – 320 с.
111. Журбина, Е. Повест с двумя сюжетами [Текст] / Е. Журбина. – Москва: Советский писатель, 1974. – 208 с.
112. Забеҳуллоҳ, С. Таърихи адабиёт дар Эрон ва қаламрави забони форсӣ. Ҷилди 3 [Матн] / С. Забеҳуллоҳ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1374. – 256 с.
113. Забон ва худшиносии миллӣ (маҷмуаи мақолаҳои матбуотӣ). Китоби 1. [Матн] / Баргардонии П. Гулмуродзода. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 234 с.
114. Забон ва ҳувияти миллӣ [Матн]. – Душанбе: Шарқи озод, 2018. – 256 с.
115. Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо: маҷмуаи мақолаҳои солҳои 20-ум [Матн] / таҳияи А. Набавӣ, Н. Одинаев, П. Олимова. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 720 с.
116. Зарринкӯб, А. Нақди адабӣ [Матн] / А. Зарринкӯб. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 712 с.
117. Заходер, Б. Н. Введение в изучение памятника [Текст] / Б. Н. Заходер // Низам ал-мульк. Сиасет-намэ – книга о правлении вазира XI столетия Низам ал-мульк. Перевод, введение и примечания профессора Б. Н. Заходера. – М., 1949. – 379 с.
118. Здоровега, В. И. Слово тоже есть дело: Некоторые вопросы теории публицистики [Текст] / В. И. Здоровега. – М.: Мысль, 1979. – 174 с.
119. Зеҳнӣ, Т. Калимаи «тоҷик» дар осори гузаштагон [Матн] / Т. Зеҳнӣ // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно / мураттиб М. Шукурзода. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 172-182.
120. Зеҳнӣ, Т. Фикри ман дар бораи забони чопагӣ [Матн] / Т. Зеҳнӣ // Забон ва худшиносии миллӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – С. 52-64.

121. Зокиров, Г. Сиёсатшиносӣ [Матн] / Г. Зокиров. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 520 с.
122. Зоконӣ, У. Ахлоқ-ул-ашроф [Матн] / У. Зоконӣ // Энсиклопедияи насри тоҷику форс.- Душанбе. – 2010. – С. 264-279.
123. Зоконӣ, У. Рисолаи дилкушо [Матн] / У. Зоконӣ // Энсиклопедияи насри тоҷику форс. – Душанбе, 2010. – С. 280-337.
124. Зоконӣ, У. Рисолаи «Сад панд» [Матн] / У. Зоконӣ // Энсиклопедияи насри тоҷику форс. – Душанбе, 2010. – С. 348-352.
125. Зоконӣ, У. Рисолаи «Таърифот» машҳур ба «Даҳ фасл» [Матн] / У. Зоконӣ // Энсиклопедияи насри тоҷику форс. – Душанбе, 2010. – С. 338-347.
126. Зоконӣ, У. Ришнома [Матн] / У. Зоконӣ // Энсиклопедияи насри тоҷику форс. – Душанбе, 2010. – С. 353-360.
127. Икромӣ, Ҷ. Устоди ман, мактаби ман, худи ман / Ҷ. Икромӣ – Душанбе: Ирфон, 1970. – 119 с.
128. Икромӣ, Ҷ. Он чӣ аз сар гузашт [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе, 2009. – 360 с.
129. Имомов, М. Ҷаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии Садриддин Айнӣ [Матн] / М. Имомов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 119 с.
130. Имомов, М. Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ [Матн] / М. Имомов. – Душанбе: Адиб, 2007. – 427 с.
131. Имомов, М. Хирмани андеша [Матн] / М. Имомов. – Душанбе: Нашриёти ДСРТ, 2009. – 127 с.
132. Колосов, Г. В. Худякова, Э. А. Журналистский творческий процесс (общая модель публицистического творчества) [Матн] / Г. В. Колосов, Э. А. Худякова. – Воронеж: Изд-во Воронеж. ун-та, 1984. – 130 с.
133. Комиссаров, Д. С. Очерки современной персидской прозы / Д. С. Комиссаров. – М.: Восточной литературы, – 1960. – 214 с.
134. Корконосенко, С. Г. Политическая журналистика / С. Г. Корконосенко. – Москва: Издательство Юрайт, 2025. – 373 с.
135. Кӯҳзод, Ӯ. Ҳайҷо [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе: Адиб, 2015. – 416 с.

136. Кӯчаров, А. Тадқиқи текстологии «Одина»-и С. Айнӣ [Матн] / А. Кӯчаров. – Душанбе: Дониш, 1982. – 146 с.
137. Кӯчаров, А. Нақди матн ва масъалаҳои матншиносии насри С. Айнӣ (маҷмуаи мақолаҳо) [Матн] / А. Кӯчаров. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 272 с.
138. Қосим, Н. Аз ҳақиқат, аз ҷасорат, аз маҳорат [Матн] / Н. Қосим. – Душанбе: Дониш, 2022. – 208 с.
139. Қосим, Н. Паёмовари соҳибдавлатӣ / Н. Қосим // Аз ҳақиқат, аз маҳорат, аз ҷасорат. – Душанбе: Дониш, 2022. – С. 9-16.
140. Қутбиддинов, А. Хосияти публитсистика [Матн] / А. Қутбиддинов, Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе, 2018. – 164 с.
141. Қутбиддинов, Б. Бо забон пайкари миллатро месохт [Матн] / Б. Қутбиддинов // Забон ва ҳувияти миллӣ. – Душанбе: Шарқи озод, 2018. – С. 130-132.
142. Лазутина, Г. В. Основы творческой деятельности журналиста: Учеб. для студ. вузов. 2-е изд., перераб. и доп. [Текст] / Г. В. Лазутина.- М.: Аспект Пресс, 2010. – 360 с.
143. Левинас, Э. Избранное. Тотальности и бесконечное [Текст] / Э. Левинас. – М.: СПб., 2000. – 302 с.
144. Логофет, Д. Н. Бухарское ханство под русским протекторатом. Т.1 [Текст] / Д. Н. Логофет. – Санкт-Петербург, 1911. – 340 с.
145. Лоҳутӣ. Дар гирди лоиҳаи алифбои нави тоҷикӣ [Матн] / Лоҳутӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо / мураттибон А. Набавӣ, Н. Одинаев, П. Олимова. – Дуёшанбе: Ирфон, 2007. – С. 146-147.
146. Лоҳутӣ, А. Адабиёти тоҷик [Матн] / А. Лоҳутӣ // Куллиёт. Ҷ. 7. – Душанбе: Дониш, 2019. – 512 с.
147. Масов, Р. История топорного разделения [Текст] / Р. Масов. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 192 с.
148. Маниёзов, А. Публитсистика ва назми устод С. Айнӣ [Матн] / А. Маниёзов. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 152 с.

149. Манофзода, С. Тоҷикон ва алифбои нав [Матн] / С. Манофзода // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо / мураттибон А. Набавӣ, Н. Одинаев, П. Олимова. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 99-104.
150. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ [Матн] / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 1998. – 211 с.
151. Маҳмадаминов, А. Айнишиносӣ ва замони ҳозира [Матн] / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 160 с.
152. Маҳмадаминов, А. Садриддин Айнӣ – олим [Матн] / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Эҷод, 2010. – 64 с.
153. Межелайтис, Э. Лирические этюды [Текст] / Э. Межелайтис. – Москва: Художественная литература, 1969. – 256 с.
154. Мирзозода, Х. Афкори рангин [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе, 1982. – 172 с.
155. Мирзозода, Х. Абдурауф Фитрати Бухороӣ [Матн] / Х. Мирзозода // Чанд мулоҳизаи адабӣ (маҷмуаи илмӣ). – Душанбе: ИДПД ба номи Т. Г. Шевченко, 1974. – С. 3-31.
156. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1 [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе, 1977. – 394 с.
157. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти советии тоҷик: иборат аз шаш ҷилд. Ҷилди 1. [Матн] / Х. Мирзозода, А. Сайфуллоев, А. Абдуманнонов. – Душанбе: Дониш, 1984. – 356 с.
158. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2 [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1989. – 460 с.
159. Мирсаидов, Б. Нигоҳе ба сабки таърихномаи устод Айнӣ [Матн] / Б. Мирсаидов // Армуғони «Ганҷи сухан». Ҷ. 3. – Хуҷанд: Ношир, 2009. — С. 215-224.
160. Муллоҷонова, З. Феҳрасти асарҳои С. Айнӣ ва адабиёти оид ба ӯ [Матн] / З. Муллоҷонова, Н. Файзуллоев. – Душанбе: Дониш, 1978. – 277 с.
161. Муродӣ, М. Асосҳои эҷоди журналистӣ [Матн] / М. Муродӣ. – Душанбе: Ирфон, – 2014. – 256 с.

162. Муродӣ, М. Назаре ба мавқеи ҳаҷв дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ [Матн] / А. Азимов, М. Муродӣ // Назаре ба публитсистикаи устод Айнӣ. – Душанбе, 2018. – С. 79-85.

163. Муродӣ, М. Тафсили фикр дар публитсистикаи С. Айнӣ [Матн] / А. Азимов, М. Муродӣ // Назаре ба публитсистикаи устод Айнӣ. – Душанбе, 2018. – С. 61-64.

164. Муродӣ, М. Як назари иҷмолӣ ба публитсистикаи Садриддин Айнӣ [Матн] / А. Азимов, М. Муродӣ // Назаре ба публитсистикаи устод Айнӣ. – Душанбе, 2018. – С. 42-56.

165. Муродӣ, М. Б. Публитсистикаи тоҷик [Матн] / М. Б. Муродӣ. – Душанбе: Аржанг, 2021. – 576 с.

166. Муродов, М. Баъзе масъалаҳои журналистика ва ҳаҷви публитсистӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2005. – 128 с.

167. Муродов, М. Аз таърихи ташаккул ва инкишофи ҳаҷви публитсистӣ дар матбуоти даврии тоҷик [Матн]/ М. Муродов.– Душанбе: Сино, 2007. – 144 с.

168. Муродов, М. Аз замон то замон [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 248 с.

169. Муродов, М. «Ҷаллодони Бухоро» – асари публитсистӣ [Матн] / М. Муродов // Устод Садриддин Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2011. – С. 24-29.

170. Муродов, М. Айнӣ ва забони китобҳои дарсӣ [Матн] / М. Муродов // Забон ва ҳувияти миллӣ. – Душанбе: Шарқи озод, 2018. – С. 95-98.

171. Муродов, М. Б. Публитсистикаи ҳаҷвӣ [Матн] / М. Б. Муродов. – Душанбе, 2015. – 320 с.

172. Муродов, М. Забон ва фарзонафарзандони миллат [Матн] / М. Муродов // Забон ва ҳувияти миллӣ. – Душанбе: Шарқи озод, 2018. – С. 99-104.

173. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.

174. Муҳиддинов, А. Фикрҳои мо дар бораи забони адабии тоҷикӣ [Матн] / А. Муҳиддинов // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо / мураттибон А. Набавӣ, Н. Одинаев, П. Олимова. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 383-397.
175. Набавӣ, А. Нахустин рӯзномаи тоҷикӣ ва фарҳанги рӯзноманигорӣ («Бухорои Шариф», «Самарқанд», «Ойина») [Матн] / А. Набавӣ. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 64 с.
176. Набавӣ, А. Баҳсҳои илмӣ ва мафкуравӣ оид ба забони тоҷикӣ дар солҳои 20-ум [Матн] / А. Набавӣ // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 9-38.
177. Набавӣ, А. «Бухорои шариф» – сароғози матбуоти миллӣ [Матн] / А. Набавӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. – 182 с.
178. Назриев, Ҷ. Аҳмад Махдуми Дониш ва «Наводиру-л-вақоеъ»-и ӯ [Матн] / Ҷ. Назриев // Наводиру-л-вақоеъ. – Душанбе: Дониш, 2017. – 462 с.
179. Национально-языковые отношения в СССР: состояние и перспективы [Текст]. – М.: Наука. 1989. – 245 с.
180. Низомулмулк. Сиёсатнома [Матн] / Низомулмулк. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2019. – 200 с.
181. Образцов, С. В. О том, что я увидел, узнал и понял во время двух поездок в Лондон Текс / С. В. Образцов. – М.: Советский писатель, 1956. – 216 с.
182. Одинаев, Н. Сабақҳои таърихии таҳаввули забони тоҷикӣ [Матн] / Н. Одинаев // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо / мураттибон А. Набавӣ, Н. Одинаев, П. Олимова. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 39-56.
183. Одинцов, Н. Таймыр студёный [Текст] / Н. А. Одинцов. – Красноярск: ИПЦ «КАСС», 2010. – 792 с.
184. Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик: Иборат аз ду китоб. Қисми 1. [Матн] / Ҳайати таҳририя М. Турсунзода, И. С. Брагинский, С. Ш. Табаров, Ш. Ҳусейнзода, А. С. Эдельман, М. Шукуров. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956. – 312 с.
185. Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик: Иборат аз ду китоб. Қисми 2. [Матн] / Ҳайати таҳририя И.С. Брагинский, М. Шукуров, А.С. Эдельман,

Ш. Ҳусейнзода. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1957. – 522 с.

186. Плеханов, Г. В. Искусство и литература [Текст] / Г.В. Плеханов.- М.:- Гослитиздат. – 1948. – С. 291-308.

187. Поспелов, Г. Н. Проблемы исторического развития литературы [Текст] / Г. Н. Поспелов. – М.: Просвещение, 1972. – 269 с.

188. Прохоров, Е. П. Публицист и действительность [Текст] / Е. П. Прохоров. – М., 1973. – 317 с.

189. Раджабов, З. Садриддин Айни – историк таджикского народа [Текст] / З. Раджабов. – Душанбе: Таджикгосиздать, 1951. – 86 с.

190. Раджабов, З. Из истории общественно-политической мысли таджикского народа во второй половине XIX и в начале XX вв. [Текст] / З. Раджабов. – Сталинабад, 1957. – 460 с.

191. Расулиён, Қ. Тоҷик кист? [Матн] / Қ. Расулиён. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 70 с.

192. Раҳмонзода, А. “Намунаи адабиёти тоҷик”-и устод Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои худшиносии миллӣ [Матн] / А. Раҳмонзода. – Душанбе: Дониш, 2026. – 75 с.

193. Раҳмонзода, Ш. Шеър ва Айнӣ [Матн] / Ш. Раҳмонзода. – Душанбе: Маориф, 1994. – 192 с.

194. Раҳмонов, Ш. Се кори муҳим ва бахайри устод С. Айнӣ [Матн] / Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 65 с.

195. Раҳмон, Э. Забони миллат – ҳастии миллат [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 516 с.

196. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор / Э. Раҳмон. – Душанбе: ЭР-граф, 2023. – 424 с.

197. Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум: Аз Ориён то Сомониён [Матн] / Э. Раҳмонов. – Лондон: FLINT RIVER EDITIONS, 2000. – 240 с.

198. Рубашкин, А. Прямая речь. Очерки о советской писательской публицистике [Текст]/А. Рубашкин. – М.: Советский писатель, 1987. – 362 с.
199. Рустамзода, М. Нахустматбуоти соҳаи маориф [Матн] / М. Рустамзода. – Душанбе: Ирфон, 2016, – 174 с.
200. Рустой. Алифбои лотиниро барои чӣ қабул мекунем? [Матн] / Рустой // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо / мураттибон А. Набавӣ, Н. Одинаев, П. Олимова. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 119-121.
201. Сабақи худшиносӣ (Маҷмуи мақолаҳо) [Матн]. – Душанбе, 2015. – 164 с.
202. Садриддин Айнӣ дар хотираи дӯстон ва шогирдон [Матн] / мураттиб Р. Ҳошим. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 288 с.
203. Садуллоев, А. Горизонты публицистики [Текст] / А. Садуллоев. – Душанбе, 2009. – 308 с.
204. Сайфуллоев А. Мактаби Айнӣ [Матн] / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 352 с.
205. Сайфуллоев, А. Асарҳои мунтахаб: таҳқиқот доир ба рӯзгор ва осори устод Садриддин Айнӣ. Ҷ.1. [Матн] / А.Сайфуллоев. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010.– 438 с.
206. Сайфуллоев, А. Асарҳои мунтахаб: таҳқиқот доир ба рӯзгор ва осори устод Садриддин Айнӣ. Ҷилди 2 [Матн] / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Бухоро, 2013. – 414 с.
207. Салимзода, О. Публитсистикаи Мирзо Ҷалол Юсуфзода [Матн] / О. Салимзода. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 188 с.
208. Салимӣ, Н. Ю. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвоъи наср дар адабиёти классикии форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII) [Матн] / Н. Ю. Салимӣ. – Хуҷанд, 2002. – 400 с.
209. Самад, В. «Мулло Насриддин» ва худшиносии тоҷикон [Матн] / В. Самад // Дарси хештаншиносӣ. Дафтари дуюм. – Душанбе: Ирфон, 1991. – С. 93-108.

210. Сафарзода, Э. Ҳувияти миллӣ дар осори публитсистии Садриддин Айнӣ [Матн] / Э. Сафарзода. – Душанбе: Маориф, 2019. – 228 с.
211. Сафарзода, Э. Роль Садриддина Айни ва становлении национального самоознания таджиков [Матн] / Э. Сафарзода. – Душанбе, 2020. – 40 с.
212. Сафарзода, Э. Назаре ба публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ [Матн] / Э. Сафарзода. – Душанбе, 2023. – 102 с.
213. Сафарзода, Э. Устод Айнӣ, таърих, сиёсат [Матн] / Э. Сафарзода. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2025. – 160 с.
214. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт (Бунёди пайванди каломи бадеъ бо иҷтимоъ) [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2000. – 256 с.
215. Табаров, С. Садриддин Айнӣ – основоположник таджикской советской литературы [Текст] / С. Табаров. – М.: Знание, 1968. – 32 с.
216. Табаров, С. Айнӣ – қофиласолори адабиёти тоҷик [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Дониш, 1977. – 32 с.
217. Табаров, С. Адабиёти муосири советӣ. Қисми 1 [Матн] / Табаров С. Душанбе, 1984. – 80 с.
218. Табаров, С. Масоили ифтихори миллӣ ва байналмилалӣ аз биниши Садриддин Айнӣ [Матн] / С. Табаров // Ҷустуҷӯҳои адабӣ. Китоби 3. – Душанбе: ДДМТ, 1999. – С. 3-22.
219. Табаров, С. Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Матбуот, 2008. – 481 с.
220. Табаров, С. Ҷаҳони андешаҳои Абдурауфи Фитрат [Матн] / С. Табаров . – Душанбе: Дониш, 2008. – 715 с.
221. Тертичный, А. А. Жанры в арсенале современной журналистики [Текст] / Александр Алексеевич Тертичный. – М., 2000. – 77 с.
222. Толстой, Л. Ҷанг ва сулҳ. Асарҳои мунтахаб. Ҷ. 2 [Матн] / Л. Толстой. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 468 с.
223. Толстой, Л. Н. Война и мир. Собр. соч. в 22 томах. Т. 3. [Текст] / Л. Н. Толстой. – Москва: Правда, 1986. – 430 с.

224. Тоҷикон дар қаламрави ориёно [Матн] / мураттиб М. Шукурзода. – Душанбе: Деваштич, 2009. – 478 с.
225. Тулчинский, Г. Постчеловеческая персонология [Текст] / Г. Тулчинский. – СПб., 2002, – 360 с.
226. Улуғзода, С. Аҳмади Дониш [Матн] / С. Улуғзода. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1946. – 88 с.
227. Умарзода, М. Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст… [Матн] / М. Умарзода // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно / – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 201-213.
228. Усмонов, И. Назаре ба ҳаҷвиёти Убайди Зоконӣ [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 1991. – 72 с.
229. Усмонов, И. Назарияи публитсистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 1999. – 100 с.
230. Усмонов, И. Тоҷикон [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Деваштич, 2001. – 312 с.
231. Усмонов, И. Журналистика. Ҷилди 1 [Матн] / И.Усмонов. – Душанбе, 2005. – 480 с.
232. Усмонов, И. Баҳси алифбои тоҷикӣ [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Эр-граф, 2008. – 48 с.
233. Усмонов, И. Журналистика. Ҷилди 3 [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2008. – 400 с.
234. Усмонов, И. Назаре ба публитсистикаи устод С. Айнӣ / И. Усмонов // Журналистика. Ҷ. 3. – Душанбе, 2008. – С. 161-177.
235. Усмонов, И. Таърихи журналистикаи тоҷик [Матн] / И. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе: Маориф, 2008. – 278 с.
236. Усмонов, И. Жанрҳои публитсистика [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 139 с.
237. Усмонов, И. Журналистика. Ҷилди 4 [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2011. – 447 с.
238. Усмонов, И. Сарнавишти «тоҷик» [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе, 2015. – 48 с.

239. Усмонов, И. Тоҷикнома. Китоби 1 [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Матбуот, 2018. – 328 с.
240. Усмонов, И. Тоҷикнома. Китоби 2 [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Матбуот, 2018. – 384 с.
241. Устод Садриддин Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ [Матн] / мураттибон М. Зайниддинов, Қ. Мухторӣ. – Душанбе, 2009. – 136 с.
242. Ученова, В. В. Публицистика и политика. 2-е изд. [Текст] / В. В. Ученова. – М.: Политиздат, 1979. – 271 с.
243. Федотова, В.Г. Коммуникация [Текст] / В. Федотова // Энциклопедия эпистомология и философии наука. Т. 3. – М.: Канон+, 2009. – 430 с.
244. Фитрат. Давраи ҳукмронии Амир Олимхон [Матн] / А. Фитрат; бо муқаддимаи А. Муҳиддинов. – Душанбе: Палатаи давлатии китобҳо, 1991. – 64 с.
245. Фитрат. Масъалаи алифбо [Матн] / Фитрат // Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 111-116.
246. Фиш, Р. Бо амри виҷдон [Матн] / Р. Фиш, Р. Ҳошим. Душанбе: Ирфон, 1979. – 288 с.
247. Хабермас, Ю. Демократия. Разум. Нравственность Тест / Ю. Хабермас. – М., 1995, – 386 с.
248. Хусрав, Н. Сафарнома [Матн]/Н. Хусрав. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 284 с.
249. Ҳаким, М. С. Туҳафи аҳли Бухоро [Матн] / М. С. Ҳаким. – Душанбе: Адиб. – 272 с.
250. Ҳалимов, С. Садриддин Айнӣ ва баъзе масъалаҳои инкишофи забони адабии тоҷик [Матн] / С. Ҳалимов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 163 с.
251. Ҳайдаров, С. Устод Айнӣ дар бораи китоби «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» [Матн] / С. Ҳайдаров // Устод Садриддин Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2018. – С. 62-66.
252. Ҳодизода, Р. Аҳмади Дониш [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 293 с.

253. Ҳотам, М. Тӯли таърихӣ ва арзи ҷуғрофии сайри вожаи «тоҷик» [Матн] / М. Ҳотам // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 433-452.
254. Ҳотамов, Н. Инъикоси Революцияи Халқии Советии Бухоро дар асарҳои Садриддин Айнӣ [Матн] / Н. Ҳотамов. – Душанбе: Дониш, 1980. – 200 с.
255. Ҳоҷиев, С. Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX [Матн] / С. Ҳоҷиев. – Душанбе: Дониш, 1987. – 168 с.
256. Ҳошим, Р. «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва услуби нигориши он [Матн] / Р. Ҳошим // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи IV. – Душанбе: Дониш, 1971. – С. 107-114.
257. Ҳошим, Р. Сухан аз устодон ва дӯстон [Матн] / Р. Ҳошим. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 270 с.
258. Ҳошим, Р. Солҳо ва саҳифаҳо (Мақола ва ёддоштҳо) [Матн] / Р. Ҳошим. – Душанбе: Адиб,1988. – 320 с.
259. Чернышевский, Н. Г. Избранные философские и публицистические произведения Текс / Н. Г. Чернышевский. – М.: Прогресс, 1980. – 496 с.
260. Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷузъи II [Матн]. – Душанбе: АФ РСС Тоҷикистон, 1963. – 254 с.
261. Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷилди III [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1966. – 176 с.
262. Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷилди IV [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1971. – 344 с.
263. Ҷашнвораи устод Айнӣ. Қисми 1 [Матн]. – Душанбе: Сино, 2000. – 40 с.
264. Ҷашни Айнӣ. Ҷилди IX [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2002. – 247 с.
265. Ҷашни Айнӣ. Ҷилди X [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2003. – 152 с.
266. Ҷашномаи Айнӣ: Ҷилди XI [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2010. – 139 с.
267. Ҷонбобоев, С. Сафари Ҳаким Носири Хусрав ба шаҳрҳои адлу адн [Матн] / Ҷонбобоев, С. // Носири Хусрав. Сафарнома. Баргардон, сарсухан ва тавзеҳоти Суннатулло Ҷонбобоев. – Душанбе: Бухоро, 2014. – С. 5-38.
268. Шакурӣ, М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Дониш, 1966. – 245 с.

269. Шакурӣ, М. Хуросон аст ин ҷо! Маънавиёт, забон ва эҳёи миллии тоҷикон [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. – 292 с.
270. Шакурӣ, М. Садриддин Айнӣ равшангари бузурги таърих [Матн] / М. Шакурӣ. – Хуҷанд: Нури Маърифат, 2001. – 106 с.
271. Шакурӣ, М. Сарнавишти форсии тоҷикии Фарорӯд дар садаи бист [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Адиб, 2003. – 340 с.
272. Шакурӣ, М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷики садаи бист [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 456 с.
273. Шакурӣ, М. Равшангари бузург [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 340 с.
274. Шакурӣ, М. Фитнаи инқилоб дар Бухоро. Аббос Алиев [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 140 с.
275. Шакурӣ, М. Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷик / М. Шакурӣ. – Душанбе: Адиб, 2012. – 304 с.
276. Шакурӣ, М. Ҳикояҳои оканда аз ҳаёт. Хотироти шифоҳии академик устод Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ [Матн] / М. Шакурӣ. – Ройзании фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии исломии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2014. – 140 с.
277. Шарифзода, Қ. Дар бораи ду мақолаи ҳамноми Мунзим [Матн] / Қ. Шарифзода // Устод Садриддин Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2009. – С. 33-39.
278. Шарифзода, Қ. Дар ҷустуҷӯи шахсият [Матн] / Қ. Шарифзода – Душанбе: Ирфон, 2017. – 192 с.
279. Шефер, Ш. Муқаддима ба «Сиёсатнома»-и Низомулмулк (Бо ҳавошӣ ва ёддоштҳо ва ишорот ва тасҳеҳи Муҳаммади Қазвинӣ). Чопи дуввум [Матн] / Ш. Шефер. – Теҳрон, 1344. – 295 с.
280. Шишов, А. Таджики (Этнографические и антропологические исследования). К. 1 [Текст] / А. Шишов. – Ташкент, 1910. – 330 с.
281. Шолохов, М. Дони ором. Ҷилди 1 (Ба забони тоҷикӣ) [Матн] / М. Шолохов. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 466 с.

282. Шукуров, М. Пайванди замонҳо ва халқҳо [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.
283. Шукуров, М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 456 с.
284. Шукуров, М. Мактаби одамият [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Адиб, 1991. – 272 с.
285. Шукуров, М. (М. Ш. Бухорой). Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 456 с.
286. Шуҳрати ҷаҳонии Айнӣ [Матн] / мураттибон А. Маниёзов, В. Белан, К. Юсупов – Душанбе: Ирфон, 1978. – 128 с.
287. Эриксон, Э. Идентичность: юность и кризис [Текст] / Э. Эриксон (пер. с англ.; общ. ред. и предисл. А. В. Толстых). – М.: Прогресс, 1996. – 334 с.
288. Ятимов, С. С. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ [Матн] / С. С. Ятимов. – Душанбе, 2019. – 208 с.
289. Яъқубов, Ю. Тоҷикон [Матн] / Ю. Яқубов. – Душанбе, 1994. –100 с.
290. Яъқубов, Ю. Шинохти тоҷикон [Матн] / Ю. Яқубов // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. – Душанбе: Деваштич, 2009. – С. 66-139.

### III. Адабиёт бо забони англисӣ

291. Antonis, S. Politics, Media and Journalism in Greece [Text] / S. Antonis. – Dublin City University, 2006. – 366 p.
292. Benedikt, H. Political Influencers? [Text] / H. Benedikt. – Universität Hamburg, 2021. – 77 p.
293. Berkes, N. The Development of Secularism in Turkey [Text] / N. Berkes. – McGill-Queen's University Press, 1964. – 537 p.
294. Cole, J. Sacred Space and Holy War [Text] / J. Cole. – I.B. Tauris, 2002. – c. 224.
295. Shavrova, A. V. Political Discourse and Russian Publicistic Tradition [Text] / A. V. Shavrova. – Saint Petersburg, 2022. – 150 p.
296. Sebastian, S. Political Communication and Voter Choic [Text] / S. Sebastian. – Hamburg, Februar 2023. – 254 p.

297. Simon, L. Authenticity in Political Communication [Text] / L. Simon. – Berlin, 2022. – 160 p.
298. Van Dijk, T. A. Taal. Tekst. Teken. Contributions to the theory of literature [Text] / Teun A. Van Dijk. – Amsterdam: Atheneum, Polak & van Gennep, 1970. – 214 p.
299. Voronova, L. Gendering in Political Journalism [Text] / L. Voronova. – INEKO, Kallered, 2014. – 286 p.

## IV. Диссертатсия ва авторефератҳо

300. Абдуллаев, М. А. Проблемы национального самосознания в литературоведческих трудах Садриддина Айни: авт. дисс. канд. фил. наук: 10.01.03 [Текст] / М. А. Абдуллаев. – Душанбе, 1996. – 26 с.
301. Абдуллаев, М. А. Проблемы эволюции национальной идентичности в таджикской публицистике: конец XIX – первая половина XX веков: дис. … док. филол. наук : 10.01.10 [Текст] / М. А. Абдуллаев. – Душанбе, 2011. – 343 с.
302. Азимов, А. Х. Таджикская журналистика в период культурной революции (1929-1940 гг.): автореф. дис. док. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / А. Х. Азимов. – Душанбе, 2009. – 45 с.
303. Бокиев, Х. О. Творческий путь и просветительские взгяды Мирзо Сироджа Хакима: автореф. дисс. канд. филол. наук: 10.01.03 [Текст] / Х. О. Бокиев. – Душанбе, 2000. – 26 с.
304. Имомов, М. С. Художественное мышление и поэтика прозы Садриддина Айни: автореф. дисс. доктора фил. наук: 10.01.08 [Текст] / Имомов Махмаисуф Сайдалиевич. – Душанбе, 2002. – 51 с.
305. Муллоев, Ш. Б. Проблемы жанрово-тематических особенностей таджикской публицистики времен Великой Отечественной войны: 1941-1945: дис. док. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / Ш. Б. Муллоев. – Душанбе, 2013. – 313 с.

306. Муродов, М. Б. Публицистическая сатира в таджикской периодической печати (проблемы истории, теории и практики): автореф. дис…док. филол. наук : 10.01.10 [Текст] / М. Б. Муродов. – Душанбе, 2009. – 39 с.
*307.* Павлюк, Л. С. Структурно-семантическая организация дискуссионно-полемического дискурса (по материалам украинской политической публицистики первой пол. XX века).: автореферат дис. ... кандидата филологических наук : 10.01.10 [Текст] */ Л.С. Павлюк*. – Киев, 1996. – 19 с.
308. Салихов, Н. Н. Проблемы формирования общественного сознания в таджикской публицистике периода государственного суверенитета: автореф. дис. док. филол. наук : 10.01.10 [Текст] / Н. Н. Салихов. – Душанбе, 2010. – 47 с.
309. Сенук, З. В. Публицистика как фактор развития политической культуры : диссертация … кандидата философских наук Тест / З. В. Сенук. – Екатеринбур, 1993. – 153 с.

**V. Мақолаҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳо**

310. Абдуллоҳ, М. Устод Айнӣ ва худогоҳии миллӣ [Матн] / М. Абдуллоҳ // Садои Шарқ. – 1996. – №5-8. – С. 82-84.
311. Абдуллоҳ, М. Посух ба мухолифони Садриддин Айнӣ [Матн] / М. Абдуллоҳ // Адаб. – 2014. – №2.– С. 2-6.
312. Абдулҳамидзода. Мулоҳиза дар таъини ҳудуди Тоҷикистон бояд кард [Матн] / Абдулҳамидзода // Овози тоҷик. – 1925. – 25 феврал.
313. Абдулҷабборзода, Т. Макотиби ибтидоии мо бояд ба забони модарӣ шавад [Матн] / Т. Абдулҷабборзода // Овози тоҷик. – 1925. – 25 феврал.
314. Айнӣ, К. Садриддин Айнӣ ва тағйири алифбо [Матн] / К. Айнӣ // Нигоҳ. – 2015. – 7 октябр.
315. Айниддин, С. «Сиёсатнома» – дастури идории давлатдорӣ, сарчашмаи муҳимми таърихӣ ва адабӣ [Матн] / С. Айниддин // Муаррих. – 2020. – №1. – С. 46-54.

316. Ализода, С. Моро ислоҳи мадорис ва макотиб лозим аст [Матн] / С. Ализода // Оина. – 1913. – №3. – С.74-76.
317. Баҳром. Барои тоҷикон китоб ва рисолаҳои мактабӣ лозим аст [Матн] / Баҳром // Овози тоҷик. – 1924. – 5 октябр.
318. Беҳбудӣ, М. Ёд бод [Матн] / М. Беҳбудӣ // Оина. – 1913. – №2. – С. 54-55.
319. Боз дар атрофи масъалаи тоҷикӣ [Матн] // Овози тоҷик. – 1924. – 15 сентябр.
320. Бортулд. Тоҷикон (Тарҷума аз мақолаи профисур Бортулд). Мутарҷим Қ. Дайламӣ [Матн] / Бортулд // Дониш ва омӯзгор. – 1926. – №1. – С. 20-25; №2. – С. 86-90.
321. Бухорои шариф [Матн]. – 11 марти соли 1912 – 2 январи соли 1913.
322. Икром, Ҷ. Назаре ба «Намунаи адабиёти тоҷик» [Матн] / Ҷалолиддин Икром // Раҳбари дониш. – 1929. – №12 – С. 22-24.
323. Исмоилзода. Туркистон [Матн] / Исмоилзода // Овози тоҷик. – 1924. – 28 сентябр.
324. Кошонӣ, А. Макотиби ибтидоии мо бояд ба забони модарӣ шавад [Матн] / Т. Абдулҷабборзода // Овози тоҷик. – 1925. – 25 феврал.
325. Кӯчаров, А. Айнишиносӣ ва нашри куллиёт [Матн] / А. Кӯчаров // Садои Шарқ. – 1998. – №1-6.
326. Лоҳутӣ. Дар гирди лоиҳаи алифбои нави тоҷикӣ [Матн] / А. Лоҳутӣ // Раҳбари дониш. – 1928. – №1-2. – С. 10-11.
327. Маҳмадаминов, А. Масъалаҳои забону адабиёти тоҷик дар «Шуълаи инқилоб» [Матн] / А. Маҳмадаминов // Известия ООН АН Тадж. ССР. – 1982. – №4. – С. 65-71.
328. М. Р. Масъалаи пахтаи Туркистон [Матн] / М. Р. // Бухорои шариф. – 1912. – 28 март.
329. М. Р. Аҳаммияти зироат [Матн] / М. Р. // Бухорои шариф. – 1912. – 4 апрел; – 5 апрел.
330. М. С. (Мирзо Сироҷ). Баъзе фавоиди рӯзнома [Матн] / М. С. // Бухорои шариф. – 1912. – 11 март. – №1. – С. 2.

331. М. С. (Мирзо Сироҷ). Сухани гуфтанӣ [Матн] / М. С. // Бухорои шариф. – 1912. – 1 апрел.
332. М. С. (Мирзо Сироҷ). Филутун дар хусуси забон [Матн] / М. С. // Бухорои шариф. – 1912. – 6 июн.
333. М. С. Мирзо Хурдуф (Мирзо Сироҷ). Қадаре фаъолият лозим аст [Матн] / М. С. Мирзо Хурдуф // Бухорои шариф. – 1912. – 22 март. – №10. – С. 2.
334. Манофзода, С. Тоҷикон ва алифбои нав [Матн] / С. Манофзода // Раҳбари дониш. – 1927. – №2. – С. 3-5.
335. Мирзозода, Х. Устод Айнӣ ва маорифпарварони ибтидои асри XX [Матн] / Х. Мирзозода // Садои Шарқ. – 1980. – №4. – С. 87-90.
336. Мо дод мехоҳем! // Овози тоҷик. – 1924. – 26 декабр.
337. Полвонзода, А. Мурочиатнома [Матн] / А. Полвонзода // Овози тоҷик. – 1924. – 13 декабр.
338. Раҳмон, Э. Суханронӣ дар мулоқот бо зиёиёни кишвар [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон // Омӯзгор. – 2001. – 20 март.
339. Раджабов, З. Ш. По страницам журнала «Оина» [Текст] / З. Раджабов // Известия Академии Наук Таджикской ССР: Отделение общественных наук. – 1984. – №4. – С. 3-12.
340. Синфи тоҷикҳо [Матн] // Овози тоҷик. – 1924. – 30 октябр.
341. Сироҷ, М. Баъзе фавоиди рӯзнома [Матн] / М. Сироҷ // Бухорои шариф. – 1912. – 11 март.
342. Сироҷ, М. Чӣ бояд кард? [Матн] / М. Сироҷ // Бухорои шариф. – 1912. – 14 март.
343. Сироҷ, М. Сухани гуфтанӣ [Матн] / М. Сироҷ // Бухорои шариф. – 1912. – 2 апрел
344. Табаров, С. Сардафтари адабиёти советии тоҷик [Матн] / С. Табаров // Блокноти агитатор. – 1953. – №8. – С. 23-35.
345. Табаров, С. Маълумоти тоза дар бораи Мирзо Сироҷ [Матн] / С. Табаров // Омӯзгор. – 1990. – 14 август.

346. Усмонов, И. Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии нав дар Осиёи Марказӣ [Матн] / И. Усмонов // Адаб. – 2005. – №1. – С. 10-15.
347. Фитрат, А. Истиқбол [Матн] / А. Фитрат // Бухорои шариф. – 1912. – 20 июл.
348. Фитрат. Дар гирди алифбои нав [Матн] / Фитрат // Раҳбари дониш. – 1928. – №10. – С. 8-10.
349. Ҳоҷибоев. Дар бораи тақсими ҳудуди миллатҳои Осиёи Васатӣ [Матн] / Ҳоҷибоев // Овози тоҷик. –1924. – 12 сентябр.
350. Ҳалимзода. Тараққиёти маориф [Матн] / Ҳалимзода // Овози тоҷик. – 1924. – 23 декабр.
351. Ҳасанӣ, М. Тақсими ҳудуди миллатҳоро комилан ба ҷо овардан лозим аст [Матн] / М. Ҳасанӣ // Овози тоҷик. – 1924. – 26 декабр.
352. Ҷ (Ҷалол, М.). Намунаи адабиёт [Матн] / Ҷ (М. Ҷалол) // Бухорои шариф. – 1912. – 14 март. – №3. – С. 2.
353. Ҷ (Ҷалол, М.). Намунаи адаб [Матн] / Ҷ. (М. Ҷалол) // Бухорои шариф. – 1912. – 15 март. – №4. – С. 3.
354. Шукуров, М. Ҳофизаи таърихӣ ва таърихият [Матн] / М. Шукуров // Садои Шарқ. – 1979. – №3. – С. 135-142.
355. Шукуров, М. Садоқат ба идеалҳои олии замон [Матн] / М. Шукуров // Садои Шарқ. – 1980. – №7. – С. 132-144.
356. Юсуфзода, М. Ғояи омол [Матн] / М. Юсуфзода // Бухорои шариф. – 1912. – 11 март.
357. Юсуфзода, М. Мулоҳиза [Матн] / М. Юсуфзода // Бухорои шариф. – 1912. – 20 март.
358. Юсуфзода, М. Назофат [Матн] / М. Юсуфзода // Бухорои шариф. – 1912. – 1 апрел.
359. Юсуфзода, М. То Бодкуба [Матн] / М. Юсуфзода // Бухорои шариф. – 1912. – 18 апрел.

## VI. Мақолаҳо дар сомонаҳои интернетӣ

360. Абдуллоҳ, С. Забоне ба номи «тоҷикӣ» вуҷуд надорад / С. Абдуллоҳ. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: http://parsianjoman.org/cyr/?p=752
361. Гулмуродзода, П. Забони форсӣ: Қолабҳои шӯравӣ ва тафаккури қолабӣ / П. Гулмуродзода. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: http://parsianjoman.org/ cyr/?p=1045.
362. Дӯстхоҳ, Ҷ. Забони форсӣ ё «тоҷикӣ»: Рӯйоварӣ ба ҳамбастагӣ ё гусастагии фарҳангӣ? / Ҷ. Дӯстхоҳ. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: http://pars ianjoman. org/cyr/?p=164.
363. Хабутдинов, А. Садриддин Айни: уцелевший джадид в рамках советской эпохи / А. Хабутдинов. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: http://www.islamsng.com/tjk/faces/1140.
364. Шукурзода, О. Форсӣ ё тоҷикӣ: Қонуни забон ноқис боқӣ мондааст / О. Шукурзода. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: http://parsianjoman.org/cyr/?p=945.

## Б) РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Монографияҳо:


[1-М]. Сафарзода, Э. Назаре ба публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ [Матн] / Э. Сафарзода. – Душанбе, 2023. – 102 с.

[2-М]. Сафарзода, Ҳ. Устод Айнӣ, таърих, сиёсат [Матн] / Э. Сафарзода. – Душанбе: Меҳроҷ-граф, 2025. – 160 с.


### II. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:


[3-М]. Сафарзода, Э. Фаҳмиши ҳувият ва ҳувияти миллӣ дар илми муосир [Матн] / Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №7. – С. 265-277.

[4-М]. Сафарзода, Э. Заминаҳои публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ (дар заминаи маводди маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ва повести «Ҷаллодони Бухоро» [Матн] / Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №8. – С. 226-233.

[5-М]. Сафарзода, Э. Заминаҳои пайдоиши публитсистикаи сиёсӣ дар адабиёти тоҷик (дар мисоли «Сафарнома»-и Носири Хусрав) [Матн] / Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2023. – №4-2 (33). – С. 32-51.

[6-М]. Сафарзода, Э. Нигоҳе ба андешаҳои сиёсии С. Айнӣ [Матн] / Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №2. – С. 153-159.

[7-М]. Сафарзода, Э. Адабиёт, публитсистика ва сиёсат: тафовут, ҳамоҳангӣ, таносуби бадеият ва воқеият [Матн] / Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи

Хоруғ. Бахши илмҳои ҷамъиятӣ, педагогӣ, иқтисодӣ. – Хоруғ, 2024. – №2 (30). – С. 143-151.

[8-М]. Сафарзода, Э. Баррасии масоили сиёсии замон дар «Сиёсатнома» [Матн] / Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи давлати Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2024. – №3 (36). – С. 169-177.

[9-М]. Сафарзода, Э. Ташаккули публитсистикаи сиёсӣ дар осори Убайд Зоконӣ [Матн] / Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №10. – С. 363-370.

[10-М]. Сафарзода, Э. Махсусиятҳои сохторӣ ва жанрии публитсистикаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ дар асари бадеӣ [Матн] / Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи давлати Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. –Кӯлоб, 2025. – №3-1 (40). – С. 248-256.

[11-М]. Сафарзода, Э. Инъикоси масъалаҳои сиёсӣ дар осори Аҳмади Дониш [Матн] / Э. Сафарзода // Паёми Китобхонаи миллӣ. – Душанбе, 2025. – №1 (9). – С. 115-126.

[12-М]. Сафарзода, Э. Баррасии масъалаҳои сиёсии замон дар осори адибону публитсистон [Матн] / Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи давлати Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2025. – №2 (39). – С. 189-198.

[13-М]. Сафарзода, Э. Баррасии махсусиятҳои адабиёт ва публитсистика (дар заминаи омӯзишу таҳлили услубҳои бадеию публитсистӣ ва қолабҳои жанрии онҳо) [Матн] / Э. Сафарзода // Номаи донишгоҳ. Бахши илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2025. – №3 (84). – С. 318-324.

[14-М]. Сафарзода, Э. Ташаккули публитсистикаи сиёсӣ дар осори маорифпарварони тоҷик (дар мисоли осори Мирзо Сироҷ, Мирзо Ҷалол Юсуфзода, Абдурауф Фитрат) [Матн] / Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. – Душанбе, 2025. – №4. – С. 355-364.

[15-М]. Сафарзода, Э. Публитсистикаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ – ифодакунандаи мавқеи муаллиф дар повести “Одина” [Матн] / Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – №6. – С. 281-287.

[16-М]. Сафарзода, Э. Вижагиҳои муаллифи асари публитсистӣ (омӯзиш, таҳлил, муқоиса ва натиҷагирӣ) [Матн] / Э. Сафарзода // Номаи донишгоҳ. Бахши илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2026. – №1 (86). – С. 288-294.

[17-М]. Сафарзода, Э. «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»: омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва натиҷагирӣ [Матн] / Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи давлати Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2026. – №1/1 (143). – С. 158-166.

**III. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[18-М]. Сафарзода, Э. Публитситикаи устод Айнӣ дар шинохти Асадулло Саъдуллоев [Матн] / Э. Сафарзода // Нақши публитсистика дар шароити ҷаҳонишавӣ (маҷмуи мақолаҳо). – Душанбе, 2020. – С. 97-104.

[19-М]. Сафарзода, Э. Нигоҳе ба публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ [Матн] / Э. Сафарзода // Маорифи Тоҷикистон, 2021. – №12. – С. 58-62.

[20-М]. Сафарзода, Э. Истиқлол ва рушди бавусъати маориф ва илми кишвар [Матн] / Э. Сафарзода // Маорифи Тоҷикистон, 2022. – №9. – С. 22-26.

[21-М]. Сафарзода, Э. Дар шинохти миллат ва вожаи «тоҷик» [Матн] / Э. Сафарзода // Пайванд, 2023. – №3 (53). – С. 31-41.

[22-М]. Сафарзода, Э. Роль Садриддина Айни в становлении национального самосознания таджиков [Матн] / Э. Сафарзода // Высшая школа: научные исследования. – Том 1. – Москва: Издательство Инфинити, 2023. – С. 54-70.

[23-М]. Сафарзода, Э. Айнӣ – тоҷикшинос [Матн] / Э. Сафарзода // Маорифи Тоҷикистон, 2024. – №4. – С. 15-18.

[24-М]. Сафарзода, Э. Устод Айнӣ – асосгузори публитсистикаи сиёсии нави тоҷик [Матн] / Э. Сафарзода // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Таъсири интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоиат ба таърихи васоити ахбори омма ва омӯзиш дар замони муосир». – Кӯлоб, 2025. – С. 18-23.

[25-М]. Сафарзода, Э. Взгляд Садриддина Айни на дипломатические мысли Ахмада Дониша [Матн] / Э. Сафарзода // Русский язык и литература в школах Таджикистана, 2025. – №6. – С. 55-60.

[26-М]. Сафарзода, Э. Нақши Садриддин Айнӣ дар муаррифии Абуалӣ ибни Сино [Матн] / Э. Сафарзода // Маҷмуаи маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Нақши Абуалӣ ибни Сино дар ташаккули илм ва фарҳанги башарият». – Душанбе, 2025. – С. 143-150.

[27-М]. Сафарзода, Э. Масъалаҳои миллӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ дар осори бадеӣ ва публитсистии устод Айнӣ [Матн] / Э. Сафарзода // Воситаҳои ахбори омма ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ (Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ). – Душанбе: Меҳроҷ Граф, 2025. – С. 135-150